САЙИД БУРҲОНИДДИНИ БУЗУРГМЕҲР

АҲВОЛ ВА ОСОРИ ҲАЗРАТИ ИМОМИ АЪЗАМ АБӮҲАНИФА (Р)

Ба муносибати аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи ҷашни 17-солагии Истиқлолияти кишвар, аз минбари баланди миллат эълон гардидани «Соли 2009 – Соли байналмилалии бузургдошти Ҳазрати Имоми Аъзам» (ва ба ифтихори бузургдошти 1310-солагии зодрӯзи фақеҳи кабир ва мутафаккири шаҳири Шарқ (фарзанди арҷманди халқи тоҷик) – имоми ҳумом, вориси Паёмбари гиромии Ислом (с) – сироҷи уммат Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа ибни Хоҷа Собит (р)) бахшида мешавад.

Душанбе – 2008
«Мавлавӣ»

www.kitobam.com

ББК 86.30+87.717.7+63.3 (2 тоҷик)
С - 22

Ин сабзбарги исломӣ ва ирфонӣ ҳадяест чун дастагули гулҳои муҳаммадӣ (с) ба рӯҳонияти бобоям Эшони Сайид Маллахоҷаи Валӣ ибни Сайид Эшонхоҷаи Оббурдонӣ ибни Мир Сайид Бобохоҷаи Бухории Оббурдонӣ (р)… ва армуғонест ба рӯҳи пурфутӯҳи бузургҷаддам Ҳазрати Эшони Мавлавӣ Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрии Бухорӣ ибни Сайид Мирзохоҷа ибни Мир Сайид Нуриддин ибни Мир Сайид Шоҳ Убайдуллоҳи Валӣ ибни Мир Сайид Ошиқи Бухорӣ ибни Мир Сайид Муҳаммад Амин ибни Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (разиаллоҳ)...

Аҳвол ва осори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)

Муаллиф: ***Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр (Тӯраев Бурҳониддин Бузургович).***
Муҳаррирони илмӣ: ***Мавлавӣ Ҳоҷ Амир Аббоси Бобоназар*** – мутарҷими Қуръон, муфассир ва муҳаддиси барҷастаи ҳанафӣ.
Ҳоҷӣ Мулло Зайниддини Набот – мудири кафедраи таърих ва фалсафаи ДДИТ (ҳамзамон устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ) – номзаид илми фалсафа, дотсент.
Шайх Мулло Муродалии Яғнобӣ – Имомхатиби масҷиди ҷомеъаи ҷамоати деҳоти Чорбоғи ноҳияи Варзоб – донишманди шинохта ва имоми шоистаи ҳанафӣ.
Ҳазрати Эшони Ҳоҷӣ Сайид Абдуҷалилхоҷаи Муҷтаҳиди Ҳисори Шодмонӣ – Имомхатиби масҷиди ҷомеъи музофоти Сангмелаи ноҳияи Шаҳринав – донишманди шинохтаи илми шариъат ва тариқат.
Муқарриз ва муаллифи сарсухан: Доктор Сайид Абдулҳайи Комилӣ.
Муҳаррири масъули нашр: (ва виростории компютерӣ) – Ҳамидуллоҳи Файзуллоҳ.

Китоб бо маблағи холисона ва беғаразонаи родмарди саховатпеша дӯст ва бародари гиромӣ - мӯҳтарам Мирзосафар Хаёлбеки Ализодаи Яғнобӣ рӯи чоп омад, ки муаллиф аз эшон ба ғояти тамом миннатдор ва сипосгузор аст. Ҳаққи чоп ва нашр маҳфуз ва махсуси ношир мебошад.

Китобе, ки дар дасти мубораки хонандаи азиз ва пешорӯйи дидагони боркибини аҳли назар қарор гирифтааст, дар таърихи

1

андешаҳову нигоштаҳои муҳаққиқи исломшинос - Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр (Тӯраев Бурҳониддин Бузургович) оид ба аҳвол ва осори лозаволи яке аз барҷастатарин шахсиятҳои олами Ислом - муассиси мазҳаби муҳаззаби ҳанафия (маъруф ба мазҳаби Имоми Аъзам) инсони комил ва фақеҳи кабиру имоми шаҳир (аз шумори тобиъин), яъне, «Чароғи уммат» - Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) (699 м. – 767 м). рӯи авроқ навишта шуда...

Ҳамчунин, ба ғайр аз бозшинохти аҳвол ва осори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), дар китоби ҳозир дар бораи таърихи пайдоиши равия, мазҳабҳову фирқаҳо ва тариқаҳову силсилаҳои Ислом ва ба хусус, мазҳаби муҳаззаби ҳанафия, низ маълумоти мукамал дода шудааст.

Китоб ба лутфу табъи мубораки диншиносон (ҳақшиносон), мударрисони мадорис ва донишкадаи исломӣ, устодону донишҷуёни донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвари соҳибистиқлол ва ба ҳамаи он азизоне, ки ба масоили исломшиносӣ, ба хусус, ба омӯзиши фарҳанги тамаддуни исломӣ пажӯҳиш мебаранду барои интишори дини мубини Ислом ва ривоҷу густариши беҳтарин мазҳаби Ислом - мазҳаби муҳаззаби сироҷи умам – мазҳаби Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) (яъне, ҳанафия ки қадимтарин ва беҳтарин мазҳаб буда, аз он бӯи файзи Расулуллоҳ (с) ва асҳоби Расули акрам (с) ба машоми мӯъминон мерасад) дастандаркоранд, пешкаш мегардад.

© Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр – «Нодир» 2000.
© Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр – «Мавлавӣ» 2008.

www.kitobam.com

АССАЛОМ, ЭЙ МАЗҲАБИ МОРО ЧАРОҒИ РАҲНАМО

(Ба ҷои сарсухан)

Ассалом, эҳёгари ойини поки Мустафо!
Ассалом, эй муҷтаҳиду орифу Луқмони мо!
Ассалом, Нӯъмони Собит, шӯҳра бар абби Ҳаниф,
Ассалом, эй мазҳаби моро Чароғи раҳнамо!...

Аз теъдоди анқариб як миллиарди мусалмонони рӯи Замин тақрибан 90 дар 100-ро суннимазҳабон ташкил медиҳанд. Ва дар навбати худ бештар аз 60 дар сади суннимазҳабони кураи арз мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит /р/, яъне, мазҳаби ҳанафияро қоиланд.

Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Хоҷа Собит /р/ /699-767/ муҷтаҳиди роҳи ҳақ ва мутафаккири барҷастаи дини Ислом ва таърихи башар аст, ки афкори пешқадам ва прогрессивиаш ва мактаби дар асоси муборизаҳову бархӯрдҳои ҳаққу ботил созмон додааш 1310 сол, ба ин ҷониб роҳи миллионҳо нафар ҳақҷӯёнро мунаввар кардаву мекунад.

Маҳз хидматҳои содиқонаи ин мутафаккири шаҳиру имоми кабир аст, ки олами Ислом ба амри дилу фурӯғи имон, ба ӯ унвони басо оливу фахрии «Имоми Аъзам» -ро муносиб дидаанд.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ дар роҳи ҳалли масойили ҳаётан мубрами шаръӣ ва интишори дини барҳақ ва мубини Ислом заҳамоти зиёде кашидаанд /рӯҳашон шод бод/. Дар қатори Имом Молик ибни Анас раҳамуллоҳ /732-795/, Аҳмад ибни Ҳанбал /р/ /780-855/ ва Абдуллоҳ ибни Идриси Шофеъӣ /р/ /767-820 Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ асосгузор ва яке аз аввалин танзимдиҳандаи илми фиқҳу улуми илоҳиётшиносии Ислом ба шумор меравад. Донишу заковат ва қобилияти ӯ то ба он дараҷа, буда, ки аз хурдсолӣ, яъне, аз синни 7-12 солагӣ, ба вазъи масойил ва баёну тавзеҳи он оғоз карда будааст. Қобилият ва маҳорату малакаи донишу фаҳмиш ва

масъалагузории Абӯҳанифаи хурдсол диққати яке аз фуқаҳои машҳури замон, илоҳиётшинос ва ҳамасри Ҳазрати Расули Акрам /с/, Ҳаммод ибни Абӯсулаймон /р/-ро ба худ ҷалб мекунад. Ва ба ҳидояти ӯ Абӯҳанифа /р/ зиёда ба илми фиқҳ, ки дӯстдоштатарин илми Расули Акрам/с/ аст ва ҳалли масойили он машғул мешавад.

Ӯ назди Ҳаммоди Фақеҳ /р/ зиёда аз ҳаждаҳ сол илми фиқҳро омӯхта ва ҳамчунин дар назди фуқаҳойи бузурги Кӯфа, Бағдод, Басра ва Мадина усули илми фиқҳ ва ҳикмати аҳодиси Расули акрам /с/-ро пурра аз бар намуд. Ва то ба дараҷае расид, ки рӯзе, дар ҷамъи уламо ва кубаройи Кӯфа, устодаш Ҳаммод /р/ хати иршод ба Абӯҳанифа /р/ дод ва ӯро ба ин роҳ дуо дод. Имом Абӯҳанифа /р/ муқтадои оламиён шуданд. Фақеҳи варзидаи давр Ҳаммод ибни Абӯсулаймон /р/ қабл аз вафоти хеш васияти инкишофу тавсия ва такмили фиқҳро ба Имом Абӯҳанифа /р/ махсус донист.

Дар таърихи дини мубини Ислом, валиаллоҳ ва муҷтаҳид Имом Абӯҳанифа /р/ нахустмуаллифу соҳибкитобест, ки дар масойили динӣ, яъне, илоҳиётшиносӣ /амсоли илми фиқҳ, ҳақиқату тариқати имомат, ҳаққу ботил, тоату ибодат, ҳалолу ҳаром, амри маъруфу наҳйи мункар, тақвову тавҳид ва ғайра асарҳои бузурги илмие ба мисли «Фиқҳ-ал-акбар», «Муснад» /ҷамъи Ҳадис/, «Васиятнома», «Китоб-ал-олим-вал-мутааллим» ва ғайраро рӯи коғаз овардааст. Ва маҳз ба ин хотир аст, ки Имом Шофеъӣ Абдуллоҳ ибни Идрис раҳаммулоҳ, ки худ аз шогирди шогирдони Имоми Аъзам, шогирди Абӯюсуфи Яъқуб ва Муҳаммади Шайбонӣ буд, нисбати Имом Абӯҳанифа /р/ чунин ҳарфҳоро бо ихлос ба забони муборак овардаву гуфта, ки: «Кулли уламойи олам дар фиқҳ, ки аз дӯстдоштатарин илми Пайғамбарамон салъам аст/ аёли Абӯҳанифаанд, яъне, зердасти ваянд,»...

www.kitobam.com

Вале, мутаассифона имрӯз на ҳама мардуми Тоҷикистон ва ҷамоҳири мусалмоннишини собиқ Шӯравӣ, аз шахсияти мутабаррики Ҳазрати Имоми Аъзами сӯфии Кӯфӣ /р/ ба таври бояд иттилоъ доранд. Ва ҳатто афроде ёфт мешаванд, ки худ намедонанд, ки дар кадом мазҳаби дини мубини Ислом қарор доранд.

Донишманд ва олими ҷавон ва рӯзноманигори шинохтаи ҷабҳаи фарҳанг ва улуми адабӣ Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр (Тӯраев Бурҳониддин Бузургович) метавон гуфт, ки яке аз беҳтарин ҷавонони пажӯҳанда ва муҳаққиқи соҳибзавқест, ки ӯ бо сабку нигориши аҷиб, яъне, илмию бадеӣ ва усулу одоби классикиву насри равону ҷо-ҷо мусаҷҷаъ, аввалин шуда, китобе басо арзишманд оиди таърихи дини Ислом, ба хусус бозшинохти ҳаёту фаъолият, мероси оламшумул ва зиндагии басо ибратбахши «Чароғи уммат»-и Ҳазрати Расули акрам /с/ - Имоми Аъзам Ҳаким Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Хоҷа Собит /р/ нигоштааст, ки ҳоло дар дасти мубораки шумост ва қазовати он бар шумост.

Донишманд ва олими ҷавону заковатманд, саҳеҳуннасаб (аз содоти Ҳусайнӣ саломуллоҳ) Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр (Тӯраев Бурҳониддин Бузургович) китоби хешро бо унвонҳои басо ҷолибе ба бахшҳо ҷудо намуда, мазмуни ҳар мавзӯи бахшро хеле хуб ва муфассалан баён намудааст. Шояд аз назари баъзе муддаиён (дар пажӯҳиш оиди таърихи Ислом, таърихи мазҳаби ҳанафия ва перомуни шахсияти Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ раҳамуллоҳ ва ҳаёту фаъолияти ӯ)-и мавзӯъ ва нигориши ин асар, муаллиф ба саҳву хатоҳо роҳ додааст, вале бояд гуф, ки ӯ ҳоло ҷавон асту роҳ дар пеш...

Ӯ, яъне, Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр зодаи кӯҳистон аст ва дар таърихи 18-и апрели соли 1966 дар деҳаи басо зебоманзараи аслан яғнобинишини Качровути кӯҳдомони ноҳияи Ғончӣ (ҷаддӣ ӯ Шайх Мавлавӣ Сайид Маллахоҷаи

Валӣ, тақрибан солҳои 1890-1895, аз деҳаи Оббурдони Масчоҳи Кӯҳӣ, ба ин деҳа омада, ин деҳи аслан яғнобинишин Кафровутро макони зисти худ қарор додаанд ва соли 1905 бобои Ҳаётхоҷа – Эшонтӯра, писари Эшони Маллахоҷа, яъне, қиблагоҳи падари Бурҳониддин, ба дунё омадаанд...). дар оилаи рӯҳонӣ, яъне, сайидзодагони... аслан бухорӣ (бузургҷаддашон... Мавлавӣ Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрӣ ибни Сайид Мирзохоҷа ибни Мир Сайид Нуриддин ибни Мир Сайид Шоҳ Убайдуллоҳи Валӣ ибни Мир Сайид Ошиқи Бухорӣ ибни Мир Сайид Муҳаммадамин ибни Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ... ибни Ҳазрати Имом Ал-Ҳусайн саломуллоҳу ъалайҳ... мулаққаб ба Эшони Гул ва Эшони Танӯрӣ) ба дунё омада... Ва таълимоти ибтидоӣ ва мутавасситаи донишандӯзии худро аз дабистони зодгоҳаш, деҳаи Кафровут ва баъдан аз мактаби мутавасситаи хоҷагии ба номи С.Айнӣ - шаҳраки Гулистони ноҳияи Зафаробод гирифтааст. Соли 1992 баъди хатми Донишгоҳ, яъне, факултаи филология (улуми адабӣ)-и тоҷики Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон пурра ба кори рӯзноманигорӣ ва фаъолияти илмиву эҷодӣ шурӯъ кардааст. Хонандагони рӯзномаву маҷаллаҳо кайҳост, ки бо маҳсулхомаҳо ва андешаҳои бикри Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр, тавассути рӯзномаву ҳафтаномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон», «Ҷумҳурият», «Наврӯзи Ватан», Тоҷикистон», «Сомон», «Адабиёт ва санъат», «Истиқлол», «Ҳафтганҷ», «Ҷунбиш», «Паёми Душанбе» ва маҷаллаҳои «Фарҳанг», «Истиқбол», «Ошно»-и Ҷ.И. Эрон, «Тоҷикистон», «Шоҳроҳи Ваҳдат», «Илм ва ҳаёт», «Паёми Донишгоҳи Миллӣ», маҷмуаҳои илмии ДДМТ, ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ғайра ба хубӣ ошноянд ва садои дилнишини ӯро зиёда тавассути родиёи Тоҷикистон ки солҳои 1995-1997 дар «Идораи адабиёт ва ҳунар», ба ҳайси муҳаррири барномаи «Гулзори сухан» фаъолият намудааст, ошноянду аз ҳикмати

www.kitobam.com

андешаҳои ӯ файзёб. Ва муддате мадид ӯ ба ҳайси ходими илмӣ, дар бахши яғнобшиносии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ (зери сарпарастии устоди фарзона марҳум Профессор Хромов А.Л)-и АУ Тоҷикистон фаъолият кардааст ва ҳамчунин муддате дар идораи Бунёди фарҳанги Тоҷикистон, дар вазифаи коршиноси калон ва мудири бахши Китобхонаи форсии ин даргоҳи адаб фаъолият намудааст.

Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр аспиранти хатмкардаи бахши диншиносӣ ва назарияи озодфикрии Пажӯҳижгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АУ Тоҷикистон низ буда, зери сарпарастии диншиноси маъруф устод Шерзод Абдуллоҳзода, дар мавзӯи «Масойили динӣ-фалсафӣ дар Шоҳнома» тадқиқотҳои илмӣ бурдааст...

Ҳамчунин, ӯ аз соли 1997 ба ин ҷониб узви Конфедератсиюни байналмилалии Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон мебошад...

Ҳоло бошад, донишманди ҷавон Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр (Тӯраев Бурҳониддин Бузургович) устоди кафедраи забони тоҷикии факултаи филологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ буда, ба донишҷӯён аз фанҳои «Таърихи забони тоҷикӣ», «Грамматикаи таърихӣ», «Матни классикӣ» ва дигар фанҳои тахассусӣ дарс мегӯяд. Ҳамчун муҳаққиқи таърихи забон ӯ дар мавзӯи «Таҳлили лингвистии микротопонимияи Яғноб» рисолаи номзадӣ навишта ва ҳам китоби дарсии «Таърихи забони тоҷикӣ»-ро таълиф намудааст, ки яке дар арафаи ҳимоя буда, дигаре дар дасти чоп мебошад.

Ва аз як тараф боиси эътироф ва сазовори таҳсину офарин аст, ки агар ҳар ҷавоне имрӯз, дар таҳқиқу пажӯҳиши соҳаҳои мухталифи илму фарҳанг ва дину мазҳаб чунин заҳмате кашаду ҷуръате пеш орад, ба мисли Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр, эҳтимол дар ояндаи на чандон дур хеле корҳои

муфиди тадқиқотие ба анҷом хоҳанд расид, ки кайҳо боз интизори пажӯҳиши муҳаққиқинанд.

Албатта ҳар кори тадқиқотӣ, орӣ аз камбудиву нуқсон нест, з-ин рӯ тавассути хонандагони закӣ ва мутахассисони орӣ аз хештанпарастӣ умед аст, ки муаллифи ҷавон дар оянда роҳ сӯи ислоҳи саҳву хатоҳо пеш гираду дар нашрҳои минбаъда, тадқиқоти хешро комилтар созад.

Ба ин хотир дар пажӯҳишҳои минбаъдаи муҳаққиқи пуркор ва ҷавонмуҷтаҳид Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр тавфиқу комёбӣ орзу намуда, таманнои онро дорем, ки Бурҳониддини сонӣ (чун мурид шоистаи Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳ- Бурҳониддини Марғелонӣ - бузургфақеҳи тоҷик, муаллифи китоби «Ҳидоя» -маҷмӯъи муҳими қавонин ва аҳкоми шаръӣ, аз рӯи таълимоти мазҳаби ҳанафӣ) дар оянда соҳибэҳтироми мардумон гардад ва мартабаву дараҷае ёбад.

...Ба ҳар ҳол хидмату заҳмати ин ҷавони бедордилу болиғназар Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр, ки дар роҳи дини мубин ва барҳақи Ислом кашидааст, шоистаи қадрдониву қадршиносист. Ва китоби мазкур тӯҳфаи басо арзандаест ба ифтихори 1310-солагии бузургдошти инсони комил ва имоми кабиру мутафаккири шаҳири Шарқ – фарзанди халқи тоҷик Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ки бо иқдоми Президенти ҷумҳурӣ – Ҷаноби Олӣ, Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2009 дар тамоми олам баргузор мегардад. Ахиран, дар поёнбахши фарозмониҳои хеш банда, аз забони Аллома Муҳаммад Иқбол ба ҷавонфайласуф ва мӯъмину муҷтаҳиди роҳи ростин Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр дуъо мекунам ва ҳидояташ мекунам, ки:

«Тарош бо тешаи худ ҷодаи хеш,
Ба роҳи дигарон рафтан азоб аст.
Гар аз дасти ту кори нодир ояд,

www.kitobam.com

Гуноҳе ҳам агар бошад, савоб аст».

Доктор Сайид Абдулҳай
Комилии Шарифзода

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон

БО БАҲОНАИ ПЕШГУФТОР

Туро донишу дин раҳонад дуруст,
Раҳи ростагорӣ бибояд-т ҷуст...
Ба гуфтори Пайғамбарат роҳ ҷӯй,
Дил аз тирагиҳо бад-ин об шӯй... (05-25)

Фирдавсӣ

«Алҳамду лиллоҳи Раббил ъоламин, вал ъоқибату лил-муттақин, вассалоту вассалому ъало хайриҳи халқиҳи Муҳаммадин афзалул анбиёи вал мурсалин ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи ва аҳли тоъатика аҷмаъин».

Ва ба ҳаққи ҳурмати қадру қимат ва мартабаву мақому манзалати аҳли илму адаб ва фаҳму фаросат ва муштоқони гулзори сухан, ки Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло дар Қуръони Маҷид мефармояд, астаъизу биллоҳ: «_Фабашшир ибодил-лазина ястамиъунал-қавла фаяттабиъуна аҳсана улоикал-лазина ҳадяҳумуллоҳу ва улоикаҳум улул-ал-боб... (Яъне:» Пас башорат деҳ ё Муҳаммад салъам, бандагони маро, онон, ки суханро мешунаванд ва беҳтаринашро пайравӣ мекунанд, онон касоне ҳастанд. ки Худо ҳидояташон карда ва хирадмандон ҳам ононанд...».)...

Асъадакаллоҳу фиддорайни, аммо баъд, чуноне, ки аз ҳикмати кутуби муқаддаси илоҳӣ (билхоса «Қуръони маҷид»),

таърихи башарият, гузашти айёму таҷрибаи рӯзгор, яъне, афкору андешаи пешиниён ва аз ҳикмати аҳодиси набавии Расули гиромӣ Ҳазрати Муҳаммади Мустафо /с/, афкору андеша ва рӯзгори чаҳор ёри босафову пиру пешгоҳҳо ва уламои камназир ва осору ҳикмати як ҳазору чаҳорсад муршиди комилу авлиёъи кабир ва ба хусус ҳикмату афкори садри муаззам Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ва кулли аҳли илму адаб ва шуъарову уламойи шаҳир маълум аст, зебу зиннати одам хирад асту адаб асту илм асту ҳунар...

Ва гавҳари ноёби Худошиносиву хештаншиносиву худшиносии миллиро, ки имрӯзҳо ҳама онро чун мӯҷизаи Исову мурғи ҳумову тухми анқову моҳичаи тилло интизорему ҷустуҷӯ дорем, танҳо аз қаъри дарёи пурзиё, яъне, аз ниҳонхонаи баҳри бекаронаи маърифат онро метавон ба даст овард.

Маърифат василаест, ки фардро ва ҷомеъаро аз кулли ҳаводис ва мушкилоту яъсу ноумедиҳо ва бардагӣ наҷот медиҳад. Пас боист, ки мо ҷавонон ва ҳама аҳли ҷомеъа, бомаърифат ва бофарҳанг бошем, зеро фарҳанг беҳтарин аслиҳа, бузургтарин сармояву мағлубнопазиртарин қудратест, ки фардро, миллатро ва ҷомеъаро аз хатар ва бардашавиву бардагӣ /ғуломӣ/ нигоҳ, медорад. Устоди назми порсӣ, одамушшуаро Рӯдакӣ басо хуш ва пурмеҳру самимӣ таъкид ба мо карда, ки:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.42.-71.

Ё худ мегӯяд:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд. 42.-71

...Барои дарки маънӣ, мафҳум ва фалсафаи худшиносӣ, Худошиносӣ ва ё хештаншиносӣ, қабл аз ҳама, моро зарур аст, ки ба умқи дарёи худшиносӣ, ба гузаштаи хеш ва ба таърихи

www.kitobam.com

пурфарози асли худ назар афканем, то бошад, ки бад-ин васила битавонем роҳи имрӯзу фардои хешро бо фонуси пешинаи худ ва низ фарҳанги гаронсанги гузашта ва имрӯзаи пурифтихори башарият, мунаввар созем. Зеро, ки решаи худшиносии миллии ҳар қавмияту миллат устувор асту пойбарҷост дар марзи пуроб ва пурбори фарҳанги гузаштаи ӯ. Пас фарҳанг чист? Фарҳанг - гаронбаҳотарин мероси фитрии миллат аст, ки маҳз нури пурзиёи он роҳи фардро ва ҷомеъаро барои дарки ҳастии хеш ва Худошиносиву хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ мунаввар месозад ва барои фатҳи қуллаҳои баланди ормонҳои олии милливу башарӣ, қудрат ва нерӯ мебахшад...

Вақти он аст, ки мо ҷавонон ва аҳли ҷомеъа худро бишносем, Худоро бишносем, ҷомеъаро бишносем, башарро ва тамаддунҳоро бишносем, гузаштаро бишносем, бузургони худу гузаштагони худ ва таърихи худро бишносем, /яъне, то ба Ислом ва баъди Ислом, то кунун/ миллати худро бишносем ва абармардони оламро бишносем, яъне, аз паи пирони хирад роҳ паймоем ва ҳунар омӯзем, то мабодо, ки боз ба коми аҳриман, яъне, иблиси лаъин наафтем. Басо хуб гуфта Аллома Иқболи Лоҳурӣ:

Зарбате бояд, ки ҷони хуфта бархезад зи хок,
Нола кай бе захма аз тори рубоб ояд бурун.(77).

Ва дар ёд бояд дошт, ки пешвойи мову шумо афзалул анбиёъи вал мурсалин - Ҳазрати Расули гиромӣ /с/ фармудаанд, ки «Аз гаҳвора то ба гӯр дониш биҷӯ»... 92, -3 - 94.

ДАРИЧАЕ РӮ БА МАВЗӮЪ

«Илм болотар аз ибодат аст» /153/. Аз аҳодиси набавии Ҳазрати Расули Акрам /с/: Китоби «Панҷсад ҲАДИС». Москва: Комил, 1991; с. 28 /Аз тарҷумаи форсии китоби «Ал-

Мавоъизул-ъададия»-таҳзиб ва танзими Алии Мушкини Ардабилӣ ва кӯшиши олими эронӣ Мирзо Аҳмади Ҷаннатии Исфаҳонӣ/.

«Наҳамда ва насло ъало Расулиҳил карим ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи зул-фазлил ъазим»- Аммо баъд, таърихи башарият худ гувоҳи барҳақу, далели раднопазир ва бурҳони қотеъест бар ин нукта, ки порсиён /тоҷикон ва ё форсиён, яъне, намояндагони бедормағз ва дарёдилу рӯшанравону Худододаи гӯйишҳои дарӣ, тоҷикӣ ва форсии эронии забони нобу биҳиштии форсӣ/ хидмате арзандаву шоиста ба сомон расонидаанд, дар фурӯзонии машъали ҷовидонии маърифат, дар рӯи Замин. Ва нахустин шуда, аз насли Одаму Ҳаво, эрониён, яъне, нажоди ориёӣ дарк ва эҳсос кардаанд, ки донишу маърифат, ин ҳамон нури пурзиёи эзадист, ки маҳз тавассути он метавон дунёро ва Офаридгорро шинохт. Ва маҳз тавассути он метавон ҷаҳони торику пурғавғо ва пуршӯру шари инсонҳои хокиро мунаввар сохт...

Ва маҳз ин эрониёни ақлбарсару нурбарчашму оташбақалбу дастпурэъҷозу ободкор, нахустин шуда, суханро, яъне, ҳикматро, ки аз ҷонибу Эзиди мутаъол баҳри тармими ҷомеъаи башар ва наҷоти инсоният ва боздошти инсоният аз шаррият ва шӯрият - дурдонавор ба ваҳй мерасид; яъне, пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек рӯйи кағид (лафзи суғдист, яъне, коғаз) овардаанд ва аввалин бор дар таърих ҷамъи он муноҷот ва ҳикматҳоро бо ҳуруфи заррин, ба сурати китоб даровардаанд.

Ва ҳамин ақвоми эронӣ будаанд, ки бо амри дил, баҳри афрӯхтани чароғи маърифати Эзадӣ, ба ақсойи олам, ҳамчун қосидони паёми Эзадӣ баромадаанд ва омӯхтаанд мардумро илму дониш ва тадрис кардаанд башарро ҳунар ва мар ақвоми бадавиро ва тамаддунҳоро, дар даврони қадим усули ибодат ва ойини нигориш. Ва дар паҳлӯи арабҳои мӯъмин ва муслим

www.kitobam.com

порсиён қавмиятеанд, ки бо ҳидояти Худованд Исломро қувват бахшида, ин дини мӯбин ва раббониро ба ақсойи олам интишор додаанд...

...Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ мегӯянд: «Агар аз ман бипурсед, бузургтарин ҳодисаи таърихи Ислом кадом аст, бедаранг хоҳам гуфт: Фатҳи Эрон... тамаддуни исломӣ маҳсули ихтилоти тафаккури ориёӣ ва сомист. Агар аъроб Эронро тасхир накарда буданд, тамаддуни исломӣ ноқис мешуд. Бо фатҳи Эрон, мусалмонон бо ҳамон андоза сероб шудаанд, ки рӯмиён аз фатҳи Юнон...»... Ба қавли устод Шаҳриёр, шоири бузург ва эрондӯсти муосир:

На ном аз дин, на аз дониш нишон буд,
Ки бунгоҳи тамаддун буд Эрон... 28.-28,32.

«Мабдаи фарҳанги хаттии Ховар, ки дар мулки Аҷам /қавми ғайриарабро, яъне, бахусус форсиён, яъне, эрониёнро арабҳо аҷамӣ меномиданд, С. Б. Б./ сурат гирифтааст, минбаъд фарҳанги бадавиёни мурдарегҳои ташналаби Арабро низ шодоб кардааст. Аҳли соҳибтамаддун ва соҳибхати Аҷам, ки ҳамҷавори сокинони бодиярӯзгори мурдареги паҳнои Араб буданд, дар нумӯи фарҳанги китобдории Араб, мақоми бунёдгузорӣ доранд.

Забони арабӣ соли 700 - и мелодӣ, забони давлати хилофати Араб эълон шуд... Ва маҳз инкишофи сарояозу минбаъдаи фарҳанги китобии арабҳо, ба фаъолияти уламои рӯшанфикри аҷамзод сурат гирифтааст, яъне, маҳз аҷамзодагон дар ибтидо, ба китобати осори манқула /фолклор, яъне, эҷодиёти шифоҳӣ/-и қабл аз исломии Араб шуғл варзидаанд, Чаро? Аввал барои ин, ки аҷамиён анъанаи бузурги фарҳанги китобии модарзабонӣ доштанд. Дуюм, ба мақсади амиқ омӯхтани забони арабӣ, ки барояшон бегоназабон буд, қироъатро ба китобат барбастанд (ва Ҳазрати

Абӯҳанифа Имоми Аъзам /р/-и тоҷик, яъне форсиасл, ки ин мондагор, яъне, ин китоб саропо оиди рӯзгори ӯст, аз нахустин шахсест, дар олами Ислом ва таърихи тамаддуни Араб, ки китоби илмӣ ва пажӯҳишӣ нигоштааст, бо номи «Фиққал-акбар» ва ғайра, ки баъдан унвонашонро дар мавзӯъ хоҳед хонд С.Б.Б)... Сеюм, аҷамзодагон илми тарҷумаро андӯхта буданд (дар омади сухан, дар илми забоншиносии Араб низ форсиён пешдаст ва устоди касбанд. Ибни Халил, ки падари забоншиносии Араб аст, шогирди нахустин олими забардасти забони арабӣ-Себӯяи Форсӣ аст, ҳамчунин бузургтарин грамматистҳои забони арабӣ, хаттотони варзидаи матнҳо, яъне, сураву оёти шарифу муқаддаси Қуръони Маҷид ва устодони варзидаи таҷвид ва тартили Қуръони Карим низ маҳз форсиён буданд С.Б.Б). ва осори ниёгони худро тавассути тарҷума дастраси фарҳанги Араб намуданд. Ҳамин тавр, аҳли фазли Аҷам асосгузори фарҳанги китобии Арабҳо гаштанд.

Се роҳи дигари фаъолияти уламои Аҷам фарҳанги китобии Арабро хеле устувор кард: аввалан, тарҷума аз забонҳои юнонӣ, санскрит /ҳиндии қадим/ ва забонҳои ғайриэронӣ», дуюм, иншои асарҳои илмии арабизабон/ ба мисли расойили каломии «Фиққ-ал-акбар», «Муснад»-ҷамъи аҳодиси гирдовардаи Имоми Аъзам /р/. «Фиққ-ал-абсат», «Ал-олим-вал мутаалим», «Рисолаи Абӯҳанифа ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ -Имоми Басра», «Васиятнома» ва ғайра С.Б.Б./-и эшон, сеюм, китобати аҳодиси Пайғамбар /с/ «Саҳиҳ-ал-Бухорӣ» ва асарҳои мухталифи илмӣ. Магар қобили таваҷҷӯҳ нест, ки истилоҳоти фарҳанги китобии Араб ҳам аҷамбунёд аст. Калимаҳои тоҷикии зиёде, мисли « девон», «қоғаз» - аз суғдӣ - «кағид», яъне, «коғаз», «тӯмор»ва ғайра чун истилоҳ вориди забони арабӣ, гашт. Чаро? Зеро мафҳумҳое, ки ин калимот ифода мекарданд, барои аҷамиён кайҳо моддиёт гашта буд.

www.kitobam.com

Девон ҳанӯз дар давраи Сосониён мунташир буд, ки хулафои Аббосӣ онро мунташири дарбори Араб карданд. Қоғази суғдии Самарқанд, тӯморҳо чандин аср пеш аз Ислом дар Аҷам мустаъмал буд». 102.-14,15-16.

Хулафои Аббосӣ /эшон баъди уммавиёни Араб, ки пойтахти хилофаташон ба ҷои Мадина, шаҳри Димишқ, буд, ба сари қудрат омада буданд/, ки табааи форсӣ доштанд, барои вуруди маданият, илму фарҳанг, меъморӣ ва, ҳунарҳои мухталифи халқии эронӣ ва густариши роҳи тиҷорат /ҳамчун пайвастани риштаи муносиботи, фарҳангӣ/-и Арабу Аҷам- «Роҳи бузурги абрешим» заминаи мусоид муҳайё намуданд. Дар замони хулафои номбурда ва пештар аз он ба маркази хилофат шаҳри Бағдод ва дигар шаҳрҳои Ироқи ҳамонвақта гурӯҳ-гурӯҳ эрониён, яъне, тоҷикон ва ё форсиёни аҳли фарҳангу тиҷорат ҷамъ омада буданд, ки дар натиҷа баъзе маҳаллаҳои тоҷикнишин, яъне форснишин ҳам ба вуҷуд омада буданд, мисли маҳалҳо ва гузарҳои кобулиён, балхиён, тирмизиён, бухориён ё худ бохарзиён, нисоиён, марвиён, самарқандиён, ва ғайра мислуҳум.

«Бо заволи Уммавиёни араб зимоми ҳукумат аз дасти аъроб берун омад ва ба дасти тарафдорони бани Аббос /амаки Паёмбар /с/, яъне, давоми дудаи Бани Ҳошим/, яъне, эрониёне афтод ва эҷоди Бағдод («Боғи дод» ва маънои номи Бағдод аз нигоҳи решашиносӣ (этимология) ин тавр аст: аз форсии қадимаи Baga data «Худойи адлу дод», «Шаҳри Худованди адлу дод» мебошад, ки эрониён сохтаанд) низ ин таҳаввулро нишондор кард. Забони кишвар ҳанӯз арабӣ буд, аммо адабиёт ва русуми зиндагонии ҳама таҳту таъсири ин таҳаввул қарор гирифт ва тамаддуни тозае оғоз шуд. Ҷанги Зоб нуқтаи муқобили ҷанги Қодисия буд ва эрониён қудратеро, ки дар он ҷо бохта буданд, дар ин ҷо ба даст оварданд».16; 204.

Аҳди Хулафои Аббосӣ давраи тиллогини фарҳанг ва тамаддуни исломии Араб аст. Зеро, маҳз дар давраи хулафои араби эронитабор илму ҳунар ва маданияти шаҳрсозиву «шаҳрдорӣ, ба авҷи аъло расида буд, ки дар он аз Юнону Руму Византия, кишварҳои Урупои Ғарбӣ, Чину Мочин ва Эрони Кабир уламову ҳакимон, табибон ҳунармандон, тоҷирон, косибон, меъморон, наққошон, шаҳрсозон ва кулли намояндагони илму ҳунар ҷамъ омада буданд, яъне, ба ҳар восита хулафои Аббосӣ аҳли илму ҳунарро ба Бағдод ҷамъ меоварданд ва худи эшон, яъне, хулафои Аббосӣ/ -бахусус Ҳорун-ар-Рашид 789-809/ шавқу ҳаваси беандоза нисбати илму ҳунар ва олами зебоӣ доштанд. Чуноне ки яке аз халифаҳои Аббосӣ, фақат барои он, ки ҳукумати Руми Шарқиро маҷбур намояд, ки як нафар риёзидони машҳурро барои дарсдиҳӣ, ба Бағдод фиристад, ба ин мамлакат ҷанг эълон намуд.

«Аҳли ҳар мазҳабу миллате аз қабили араб, юнонӣ, эронӣ, эронии мовароуннаҳрӣ ва хуросонӣ, яъне, тоҷикон; калдонӣ ва ғайра, дар Бағдод ҷамъ шуда, ин шаҳрро маркази илму фан, ҳунарҳои муфиди мухталифи дунё, тиҷорат ва девону девондорӣ қарор дода буданд. Абулфараҷи Рунӣ менависад, ки суханони дӯстдоштаи Халифа Маъмуни Аббосӣ ин буд, ки мегуфт /раҳмати Худо бар ӯ боду ҷояш ҷаннат, С.Б.Б./. «Олимон аз ҷумлаи бандагони хоси даргоҳи Худованданд, ки барои пешбурди фаҳму идроки волои инсонӣ фиристода шудаанд. Онҳо дар олам ҳамчун машъалҳои фурӯзон ва роҳнамойи инсоният мебошанд. Агар онҳо намешуданд, олами инсонӣ боз ба давраи бардагӣ ва ваҳшигариву ҷоҳилияи аввалаи худ бармегашт» 58,-62-63...

«Ислом дар миёни арабҳо зуҳур кард, аммо дар аблоғи паёму таъмини маорифи он густурдатарин ва умқитарин фаъолиятҳоро эрониён ӯҳдадор» шудаанд. Дар Ҷанубӣ Осиё /маркази шимол ва ғарбу ҷанубӣ шибҳи Қора, Андалӯзӣ ва

www.kitobam.com

ғайра, дар Туркистон ва дигар манотиқи мусулмоннишини Чину Шӯрави, С.Б.Б./ Дар Осиёи Сағир ва навоҳии муҷовири он дар Аврупо, дар Африқои Шарқӣ ва Шимолӣ/ мағриби Ақсо ва... (ва ҳатто дар билоди Араб, дар ҷазоири Уқёнуси Ҳинд ва дар савоҳили Медитарона / Баҳри Миёназамин/ ва каронаҳои Уқёнуси Атлас / бахшҳое аз Андалӯз.../ ҳар ҷо хатаре аз таблиғоти исломӣ ва асаре аз маорифи ин ойини пок буда, мубаллиғон ва донишварони Эрон муассиртарин ҳузурро доштанд ва билонатиҷа, дар касире аз ин сарзаминҳо тамаддун ва фарҳанги исломӣ ҷомаи эронӣ, дар бар кард ва масалан бо ин ки дар худи Эрон китобҳои муҳими илмӣ ва динӣ ғолибан, ба арабӣ нигориш меёфт, дар бисёрӣ, аз нуқоти номбурда форсиро забони дин ва илму маърифат/ ба ҷо овардани ниятҳои намоз.,./ шинохтанд,/ ки ин иқдоми фарзанди халқи тоҷик Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ аст С.Б.Б.,/ ва мероси фарҳангии азиме , ки бар ҷо ниҳодаанд, колбади форсии он, дар канори рӯҳи исломӣ, комилан махсус ва машҳуд аст ва луғоти истилоҳоти динӣ ва ғайридинии зиёде ҳам, ки аз форсӣ, ба забонҳои бумии онон роҳ ёфта ва порае ҳанӯз ҳаст таъйиди дигар аст, ба нақши муштараки эрониён, дар ин маврид».80-8-9.

«Вазирони хилофати Бармакиёни Бағдод, Аслан тоҷикон, яъне форсҳои балхӣ буданд. Бисёре аз уламои маъруфи Араб, ки тахаллуси «Балхӣ» доранд, порсиёни балхие мебошанд, ки муқими Бағдод буданд... «34.-174

«Тоҳириён /821-8737 бошанд, нахустнамоянда ва сарғози сулолаи комилҳуқуқ, ва мусалмони форсзабон /яъне, тоҷик/ буданд... Дар давраи Сомомиён/875-999/- давлати муқтадири тоҷикон, бори нахуст Қуръони Маҷид тарҷума ва тафсир гардид, аз ҷониби Табарӣ»...34.-17х7-178.

Ва дар ин давра ва баъдтар аз он даҳҳо нафар олимони бузурги форснажод, яъне, аслан тоҷик ба мисли Ибни

Муқаффаъ /Рӯзбеҳ/, Ибни Хурдодбеҳ, Табарӣ, Ал-Хоразмӣ, Берунӣ, Башшор Ибни Бурда, Ал Хураймӣ, Саъолибӣ, Наршахӣ, Абӯалии Балъамӣ, Ибни Сино, Форобӣ ва ғайра ба майдони илму маърифат омада, бо эҷоди асарҳои камназир, ба забони арабӣ фарҳанги арабро басо ғанӣ гардониданд.

«Баъзе аз рӯҳониён ҳатто тасдиқ мекунанд, ки дар аҳди қадим паёмбарони ҳомиву сомӣ, ба форсӣ ҳарф мезаданд, яъне, то давраи Ҳазрати Исмоил /писари Ҳазрати Иброҳим /ъ-с/ «Ва низ ин ду паёмбари гиромии Худо форсиро хуб медонистанд. Дар асри XII чунин ақида байни аъроб ҷой дошт, ки Ҳазрати Иброҳим /ъ-с/ таълимоти динӣ ва даъватҳои паёмбарии худро дар дарбори шоҳони Форс, ба форсӣ, ба самъи эшон мерасонд» 34-178.

Ҳазрати Паёмбари гиромии Ислом – муаллими башарият Ҳазрати Муҳаммади Мустафо /с/, аз хидматҳои шоёни дар роҳи интишори дини мубини Ислом, ба сомон расонидаи ақвоми арҷманд ва тамаддуни пешқадами эронӣ, аз самими қалби муборак басо миннатдор буданду рӯҳи пурфутӯҳашон низ розист.

Оре, аҳли Форс /яъне, тоҷикон ва эрониён/ тамаддунеанд, ки нахуст чароғи пурфурӯғ ва ҷовидонсӯзи Исломро, яъне, дини Муҳаммад/с/-ро дар тамоми атрофу акнофи кураи арз интишор доданд ва аҳли башарро даъват бад ин ойини поку ҷовидона кардаанд. Аз қабили ёри Паёмбари гиромӣ /с/-Салмони Форсӣ /р/, Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ «Чароғи уммат»/, Ибни Бобул-Алӣ Абӯҷаъфари Қумӣ, Имом ал-Бухорӣ, Имом ал-Тирмизӣ, Имом Фарғонӣ, Шоҳ Исмоили Сомонӣ, Шайхурраис Бӯалӣ Синои Бухорӣ /соҳиби тафсири «Қуръон»-пири ҳакимони Машриқзамин/, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯнасри Машкон, Абӯисмоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Ансорӣ, Боязид ибни Абдуллоҳи Абӯмутеъи Балхӣ, Абулҳасани Харақонӣ, Абӯмуқотили Самарқандӣ,

www.kitobam.com

Мотаридии Самарқандӣ, Амири Кулол, Баҳовадини Нақшбанд, Шайх Наҷмиддини Кубро, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Имом Аскарӣ, Убайдуллоҳ ибни Масъуди Тафтазонӣ /тоҷушшаръ/, Сайид Ғавсул Аъзам - Шайх Абдулқодири Гелонӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мавлоно Тоҷиддин, Мавлоно Обиддин, Шайх Аттори Валӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Абӯҳафси Фақеҳи Бухорӣ /Абӯҳафси Кабир/, Абӯҳафси Фақеҳи Сағир /писари Абӯҳафси Кабир, падар ва писар ҳарду аз бузургфуқаҳойи аҳди Оли Сомонанд, аз тоҷикони маҳаллаи «Нур»-и Бухоро/ Бурҳониддини Марғиёнӣ, Закариёи Розӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Маъруфи Кархӣ, Ҳазрати Махдуми Аъзам –Хоҷа Аҳмади Косонӣ.

Абӯлайси Самарқандӣ, Мир Сайид Ошиқи Бухорӣ, Шарофиддини Бухорӣ, Мавлоно Шайх Масъуд Ибни Маҳмуди Самарқандӣ, Шайх Муслиҳиддини Хуҷандӣ (Бадеуддини Нурӣ), Шайх Халифа Ҳасани Панҷекатӣ, Сӯфӣ Қаландаршоҳи Валӣ (Мавлавӣ Ҷунунӣ соҳиби «Маъдан-ул-ҳол»), Боязиди Бастомӣ, Аллома Муҳаммад Иқбол, Аллома Сӯҳравардӣ, Оятуллоҳ Биҳиштӣ, Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Оятуллоҳ Хумайнӣ, Алии Шариатӣ, Муртазо Мутаҳҳарӣ, Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавии Ҳанафӣ /Шайхулҳинд/ - муассиси анҷумани «Нӯъмония» -и Ҳайдаробод ва муфассири «Қуръони Маҷид», Имом Раббонӣ Муҷаддад Алфӣ сонӣ, Махдум Садри Зиё, Аҳмади Дониш ва садҳо дигар муҷтаҳидони Ислом ва муршидони роҳи ҳақ, ки бурдаанду мебаранд дилдодагонро бо роҳи сиротал - мустақим.

Оре, яке аз ёрони наздик, ба гуфтаи Ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ/р/ «Ёру дӯсти ҷонӣ ва гиреҳкушо» - и Ҳазрати

Паёмбари гиромӣ Муҳаммади Мустафо/с/, Салмони Форсӣ/р/ буд, ки то охири умр ҳамчун ёри содиқи Паёмбар /р/ ва ҳакими мушкилкушо баҳри интишори дини мубини Ислом хидматҳои арзандаеро ба ҷой овард. Бо васияту роҳхати Паёмбари гиромӣ /с/ ӯ, яъне, пири афзал ва устоди санъат /косибу ҳунари меъморӣ.../ Салмони Форсӣ /р/ нахустин бор дини мубини Ислом ва тухми ҳикмати онро дар марзи пурбори Эрон кошт, ки кошт. Ӯ, яъне, Салмони Форсиро дар Тайсафун-пойтахти Империяи Сосониён, ки аҳли аъроб Мадоин унвон кардаанд, бо фармони дуввумин халифаи рошиддин, Амиралмӯъминин Ҳазрати Умар ибни Хаттоб/р/ яъне, пас аз фатҳи Мадоин, аз ҷониби Ҳазрати Умар/ ҳокими шаҳр, яъне, ба ҳайси устундории шаҳри Мадоин тайин карда шуд, ки ӯ то охири умр пешвои мардум дар он билоди Форс буд... Ва Салмон ./р/ ҳини сакароти мавт сар дар зонуи мубораки Ҳазрати Алӣ /р/ монда буд ва хеле сабук ва осуда аз дунё чашм пӯшид...

«Ҳазрати Паёмбари гиромӣ /с/ дар мавриди Салмони Форсӣ /р/, ки ӯро як узви хонаводаи худ хондаанд, мефармояд: «Салмон дарёе аст, ки ба охир намерасад ва ганҷе аст, ки поён намеёбад. Салмон аз хонадони мост. Ӯст, ки ҳикматро ато мекунад ва бурҳонҳои ҳақро ошкор месозад. Биҳишт ҳар рӯз панҷ бор муштоқи Салмон аст» 17.34.

... Ва рӯзе Паёмбар /с/ нишаста будаанд. Ҳазрати Ҷабраил /ъ-с/ ояти шариферо ба эшон нозил кард, «Астаъизубиллоҳ:- «Ва ин татаваллав ястабдил қавман ғ-айракум сумма лоякуну амсолакум» /Яъне, : «Агар рӯй бартобед, ба ҷои шумо мардуме дигар орад, ки ҳаргиз ҳамсони шумо набошад» / Қуръони Маҷид, сураи Муҳаммад /с/, ояти охир /38/, тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ/. 17-46.

Аз Паёмбари гиромӣ /с/ пурсида шуд: «Эй расули Худо ва пешвои умматон /с/, чӣ касонеанд, ки агар мо эъроз кунем ононро ба ҷои мо бармегузинӣ./яъне, интихоб мекунӣ/?

Паёмбар /с/ дар. ҷавоби эшон даст бар зонуи рости Солмон /с/ заданд ва гуфтанд: «- Ин ёр ва маҳрами ман аст». Ва сипас идома доданд: «Манзурам ин мард ва қавми ӯст». «-Ба Худо савганд, ки агар имон дар ситораи Сурайё бошад, гурӯҳе аз мардони форс онро ба чанг меоваранд) тафсири намуна, зайли ояти охири сураи Муҳаммад/с//. 17-46.

Бале, ин Ҳадиси саҳеҳи Ҳазрати Муҳаммад /с/ асоси дурусте аст, ки метавон дар башорат ба зуҳури «Чароғи Уммат» Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ва дар бораи фазилати эшон ба он эътимод кард ва боварӣ ҳосил кард. Ва шайхулислом, имоми шофеъимазҳаб, Шайх Ҷалолуддини Суютӣ ҳам ҳадиси болоро, ки Паёмбари гиромӣ /с/ баён доштаанд чунин маънидод ва шарҳ додаанд, ки: « Ин ҳадис асоси дурусте аст, ки метавон дар башорат ба Имом Абӯҳанифа /р/ ва дар бораи фазилати вай ба он эътимод кард». 47-29.

Ва бисёре аз уламо ин-ривояти ҳадис /ва гӯиё/ башорат ба Имоми Аъзам -/р/-ро, ки аз тарафи Суютӣ ривоят шудааст, дуруст медонанд: «Зеро Шайх Ҷалолуддини Суютии Шофеъӣ бо ин, ки аз пайравони мазҳаби Имоми Аъзам набуд, тасреҳ намуда, ки ҳадиси мазкур /ки Расули гиромӣ /с/ баён намудаву гуфтаанд нисбати мардуми Форс, С. Б. Б./ мутазаммини „башорат ва пешгӯӣ, ба Абӯҳанифа аст ва низ бархе аз шогирдони Ҷалолуддини Суютӣ ибрози назар карда, ки ақидаи Шайхи мо роҷеъ ба ин, ки мақсад аз Ҳадиси саҳеҳи мазкур Имоми Аъзам /р/ аст, як ҳақиқати ошкоро буда, ки шакку шубҳае дар он нест. Зеро дар асри, вай дар аҳди Расули гиромӣ /с/, С. Б. Б./ ҳеҷ касе аз фарзандони Форс, аз ҳайси савияи илмӣ, ба пояи ӯ, яъне, ба мартабаи Имоми Аъзам /р/ ва ҳатто ба пояи ёрону шогирдони ӯ нарасида буд ва ин Ҳадис

шомили мӯъҷизае барои Паёмбар /с/ аст, зеро аз чизе хабар дода, ки дар ояндаи наздик воқеъ шуданӣ буд ва мурод аз Форс бо васфи ин, ки ҷадди Имом худ мансуб ба Форс буд ва кишвари Форс набуда, балки мардуми Аҷам аст». 47.-29

Дар ин бора «...Имом Бухорӣ ва Имом Муслим аз Абӯҳурайра ва ҳам Абӯнаъим аз Абӯҳурайра ва Имом Шерозӣ ва Табаронӣ аз Қайс ибни Ибода ва Табаронӣ аз Ибни Масъуд ривоят ва истинод овардаанд, ки Ҳазрати Паёмбар /с/ фармуда: «-Агар илм дар Сурайё мебуд, мардуме аз фарзандони Форс онро ба даст меоварданд». Ва он иборати Шерозӣ за Абӯнаъим чунин аст: « Лав кона-ал-ъилма муъаллақан ъиндас-Сурайё латано ва лаҳу раҷола мин абнои Форс». Ва дар иборати Табаронӣ, ки Қайс Ибни Ибода ривоят намуда, чунин омадааст: «Ло тано лаҳу ал-Араб, лано лаҳу раҷола мин абнои Форс». Яъне: «Араб онро ба даст нахоҳад овард, балки мардоне аз фарзандони Форс бад-он даст хоҳанд биёфт». Ва дар ҳадиси Имом Муслим оварда, ба ҷои вожа ё худ калимаи «илм» калимаи «имон» зикр шуда дар омади сухан, шояд ин ҳадиси саҳеҳи Расули гиромӣ /с/, ки имомон онро ба саҳеҳӣ шаҳодат додаанду медиҳанд, сабаб ва асоси дар байни уламои Ислом ва дар олами Ислом интишор ёфтани гӯё ин ҳадиси дигари Паёмбар салавотуллоҳи алайҳ гардида, ки аз рӯи эҳтиром ба мардуми Форс нисбати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ гуфта бошанд, ки: «Фаҳува сироҷу умматӣ», яъне: - Абӯҳанифа « Чароғи уммати ман аст», ки то кунун байни муҳаққиқин сари ин масъала баҳсҳо доир гардидаву мегарданд. Ва иддае билкулл мухолифат мекунанд ба ин ҳадиси дар «Меъроҷ»-и шариф баёндоштаи он Ҳазрат саловатуллоҳи алайҳ ва ба бисёре аз ваҳю каромот ва башороти Паёмбари гиромӣ ва ба пешгӯиҳои эшон, аз ҷумла нисбати пешгӯиву башорати он Ҳазрат нисбати Имом Абӯҳанифа, ки ин сиррест басо ғайбӣ ва пешгӯиву каромот ва

www.kitobam.com

башоратест набавӣ, ки фаҳми аҳли ом ба дарки мазомини ин маъонӣ нарасад...С.Б./

...Ҷалолуддини Суютӣ гуфт: «Аввалин шахсе, ки дар илми фиқҳ (дар партави Қуръон ва Суннат) китоб тасниф намудааст Абӯҳанифаи Кӯфӣ аст».

Ривоёте, ки аз Ҳазрати Расуллоҳ (с) дар амри башорат ба зуҳӯри Абӯҳанифа баён шудаву то ба мо омадааст, шаҳодат бар он медиҳанд, ки Имом Абӯҳанифа яке аз бузургтарин ва басо маъруфтарин шахсияте будааст, ки садри Ислом, ба хусус пири шариати ғуррои ин дини басо мубин Муҳаммади Мустафо (с) нисбат ба ӯ аз баракати ваҳю мӯъҷизоту каромоти набавӣ, башорат додаанд. Ва возеҳтарин ва комилтарин ва саҳеҳтарини ин ривоёт, нақли Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Абӯҳурайра, Имом Шерозӣ, Табаронӣ, аз Қайс ибни Саъд ибни Ибод ибни Масъуд разиаллоҳу анҳум аст, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «Агар чунончӣ илм дар ситораи Сурайё ҳам бошад, қатъан мардоне аз фарзандони Форс ба чанг меоранд».

Яъне, ба таври нисбатан возеҳ омада: «-Ин мардро Абӯҳанифа гуфтаанд». Асҳоби маноқиби Абӯҳанифа боз чанд ҳадиси дигареро дар шаъни ӯ матраҳ намудаанд: (Баъзе ин аҳодиси мазкурро мачҳул гуфтаанд).

1. «-Дар зумраи уммати ман марде меояд, ки ӯро Абӯҳанифа Нӯъмон мегӯянд, ӯ то рӯзи қиёмат чароғи уммати ман аст» .

2. «-Баъд аз ман марде хоҳад омад, ки Нӯъмон ибни Собит гӯянд ва Абӯҳанифа кунияти вай аст».

3. «-Дар ҳар аср уммати манро пештозе аст ва Абӯҳанифа пештози шоистаи уммати ман аст».

4. Сухане аз Ибни Аббос нақл шудааст бадин мазмун, ки: «-Баъд аз Расули Худо (с) бадре дар Хуросон тулӯъ мекунад , ки кунияти ӯ Абӯҳанифа аст».

5. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд: «Ба таҳқиқ Одами Сафиуллоҳ (ъ-м) бо ман фахр мекунад ва ман бо марде аз умматам ифтихор мекунам, ки номи ӯ Нӯъмон аст ва кунияти ӯ Абӯҳанифа мебошад ва ӯ чароғи умматони ман аст».

6. «Ба таҳқиқ ҷумлаи анбиёъ бо ман фахр мекунанд ва ман бо Абӯҳанифа фахр мекунам. Касе ӯро дӯст дорад, манро дӯст доштааст. Касе ӯро душман дорад, манро душман доштааст».

Ин аҳодиси набавӣ (с) аз китобҳои «Ҷомеъ-ур-румуз», «Шарҳи Дуррул-Мухтор», « Таърихи Ҳанафия» ва «Маноқиби Имоми Аъзам (р)» ҷамъ оварда шудаанд.

Расулуллоҳ (с) гуфт: «Дар соли 150 зебу зиннати дунё аз Замин бардошта мешавад». Бале, дар ин сол донотарин ва фақеҳтарин шахсияти рӯи Замин-Имоми Аъзам Абӯҳанифа вафот кардааст...

Бале, мардум имрӯз зиёда ба «каромот»-и уламойи худ бовар доранд, нисбат ва ё назар ба мӯъҷизоту карамоту башороти набавӣ, аз ҷумла ба пешгӯиҳо файласуфи яҳудӣ Нострадамус ва ғайра (аммо башорату мӯъҷизоту каромоти анбиёву авлиёро носаҳеҳ мешуморанду афсона, С.Б.Бузургмеҳр) ва муҳаққиқ Ҷалолуддини Суютии шафеъимазҳаб мегӯянд: «-Ин ҳадис, ба такрор асоси дуруст аст, ки метавон дар башорат ба Имом Абӯҳанифа ва дар бораи фазилати вай ба он эътимод кард ва боварӣ ҳосил кард, монанди ҳадисе, ки дар бораи Имом Молик ибни Анас ворид шуда, ки Паёмбар фармуда: «-Наздик аст, ки мардум уштурсавор мусофиратҳо кунанд ва илмро ва олимро ҷустуҷӯ намоянд, аммо ҳеҷ донишмандеро суроғ натавонанд кард, ки нисбат ба олими Мадина олимтар бошад». Ва ҳадисе, низ дар бораи Имом Шофеъӣ ривоят шуда, ки он Ҳазрат /с/ чунин фармудаанд: «-Мардуми Қурайшро дашном нагӯед, зеро олими он тамоми чаҳонро аз илм пур месозад». Ин ҳадис аз

www.kitobam.com

қисми ҳадиси ҳасан ва доройи тариқ, ва истиноди мутааддид аст». 47. 29-30.

Ва дар зимни гуфтаҳои боло агар гуноҳ набошад ҳаминро метавон илова кард, ки он ҳадиси Расули гиромӣ /с/ танҳо махсуси башорати зуҳури Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ набуда, балки башорате буду ҳаст, ба кулли уламойи баъдинаи форсиасл, ки баъди Имоми Аъзам (мисли Имом Ғаззолӣ, Закариёи Розӣ ва даҳҳо дигар) омадаву меоянд. Таърихи Ислом худ гувоҳи он аст, ки баъди Имоми Аъзам /р/ то кунун уламойи аҳли Форс чӣ хидматҳое дар роҳи Худо, яъне,- интишори дини мубини Ислом накардаанд.

...Азизон, сухан кӯтоҳ, Ҳазрати Имом Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу (699-767) нахустмуҷтаҳиди Ислом, /яъне, соҳибкитоб/ ва «Чароғи уммат», ки номи мубораки эшон дар боло зикр шуд, аз зумраи он шахсиятҳои маъруфи тоҷикзабонон, яъне форсиюласли дини мубини Исломи барҳақ ва шариати ғурройи Муҳаммадия /с/ аст, ки ин китоби кӯчак нақл мекунад саропо оиди рӯзгор ва фаъолияти ибратбахши ин абармарди таърихи башарият ва афзалтарин олими танзимкунандаи илмушшариъат ва сиррул-ҳақиқат ва «Чароғи уммат», ки 1310 сол ин ҷониб номи неку кори неку роҳи неки ӯ раҳматуллоҳи алайҳ, байни мусалмонони олам ва аҳли таҳқиқ вирди забонҳосту шоистаи ибрат.

Пас аз Паёмбари гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад /с/ ва ёрони гиромиашон ҳазрати Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ибни Қайс ибни Моҳ ибни Марзбон ибни Завтӣ ибни Ҳурмуз ибни Сосон ибни Анӯшервони Одил Ал-Форсӣ, Ал-Кобулӣ яке аз шахсиятҳои маъруфест дар олами Ислом, ки таълимоту афкори пешқадам ва прогрессивиаш боиси дар дини мубини Ислом арзи вуҷуд кардани мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат ва давоми фирқаи Паёмбари гиромӣ /с/ мазҳаби ҳанафия гаштааст. Хулоса, шӯҳрати ин абармард ва фақеҳи кабиру

имоми шаҳир ва донойи замон то бад-он расида, ки аҳли Ислом ӯро «Имоми Аъзам» хондаанд, ки то ба рӯзгори ӯ чунин унвони олӣ ба касе мушарраф нагардида буд.

Ва барҳақ Расули акрам /с/ перомуни мартабаву манзалати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ дар шаби «Меъроҷ,» фармудаанд, ки «Фаҳува сироҷу уммати» /Яъне,;. «Вай Имом Абӯҳанифа /р/ чароғи уммати ман аст».

Дар таърихи дини Ислом, Ҳаким Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ нахустин муаллифест, ки перомуни масоили шаръӣ, аҳкоми шаръӣ/ҷамъи фаройиз, яъне, илми ақоид, тариқат-ул-мубтадиин ва ғайра Суннат ва аҳодиси Расули гиромӣ /с/ ва фиққи исломӣ, асари илмие дар заминаи илми калом, такя ба Қуръон ва аҳодиси Расул /с/ бо унвони «Фиқҳ-ал-акбар/-ро, нигоштааст, ҳамчунин ба қалами ӯ асарҳои «Муснад» /Ҷамъи ҳадис/, «Китоб-ал-олим вал мутааллим», «Васиятнома» ва ғайра низ марбутанд.

Мероси боқимондаи Ҳаким Имом Абӯҳанифа /р/ дар шакли мақола, гузориш, аҳком оиди масоили баҳсноки шаръӣ, эрод, масъала ва васият,дар асарҳои шогирдони номдораш, ки шоҳсутунҳои асосии илму ҳикмати дини мубини Ислом ва шариъати ғурройи Муҳаммадия /с/ ба ҳисоб мераванд, яъне, Абӯюсуф Яъқуб ибни Иброҳим ал-Кӯфӣ-ал-Ансорӣ /731-804/ «Китоб-ал-хироҷ» ва нигоштаҳои Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасан аш-Шайбонӣ /749-805/ пир ва устоди Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ/р/, /яъне, асосгузори мазҳаби шофеъия/ «Ал-Мабсут», «Китоб-аз-зиёдат», «Китоб-ал-осор» ва ғайра гирдоварӣ ва ҷамъ карда шудаанд.

Зиндагии Ҳазрати Имом Абӯҳанифа /р/ саропо оинаи ибрат аст барои ҳар мӯъмину мусалмон ва шахси дилогоҳу бедормағз. Зеро, ки зиндагии Имоми Аъзам /р/ саропо

www.kitobam.com

мубориза аст, яъне, муборизаи он Ҳазрат /р/ бо аҳли бидъат ва ҷоҳу ҷалол ва фирқагароёну равиябозон.

Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ шайхи хонақоҳӣ набуд, ки танҳо ба ибодат, баҳри тазкияи ботини хеш машғул бошад, балки ӯ сӯфии шуҷоъ ва муборизе буд , ки ҳамчун муршиди шаҳир ва Имоми кабир, баҳри тақвияти ирода ва тазкияи қалби ҳазорҳо мусалмонон мубориза бурдааст ва мадрасаи аҳли суннат ва ҷамоатро асос гузоштааст. Ва барҳақи ҳадиси дар боло зикр шудаи Ҳазрати Паёмбар /с/ ӯ, яъне, Ҳазрати Имоми Аъзам чароғи худсӯз буд, ки худ ба худ месӯхту роҳи миллионҳо мусалмонон ва муштоқони ҷамолу сифоти ҳақро мунаввар мекард (ва хоҳад кард).

... Дар маноқиби он Ҳазрат разиаллоҳу анҳу овардаанд: «-Ҳазрати Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ раҳматуллоҳи ъалайҳ, мулаққаб ба Абӯҳанифа /р/ рӯзгоре ва ҳаёте дошт басо ибратомӯз, ки аз аҳли тақво буду пуштибон ва ҳомии аҳли бенавову бечора. Ҳазрати Имом /р/ рӯҳан ба тамом ба Ҳақ дода шуда буд ва ба ҳадде, ки дар як шабонарӯз ҳазор ракаъат намоз мегузорид, ба ғайр аз фароизи қоим, ки мегузошт ба вақташ бо хатми «Қуръони Маҷид» ва дар авқоти фориғ гоҳо ба фурӯши матоъ ва зиёда ба хидмати ояндаву равандагон, ки барои ҳар мушкиле ба назди ӯ меомаданд саргарм мешуд. Ва одати эшон ин буд, ки баъди ҳар ҳичрат ва тиҷорат аҳли бенавову бечора ва пирону ниёзмандонро як-як аёдат карда, ба ҳар яке маблағи рӯзгузаронӣ ва матоъи пушиданӣ тақдим мекарданд...

Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ ки дар ҳамсоягиашон як яҳуд мезист, чунин буд, ки наҷосати мазбилааш /ҳоҷатхона/ ба ҳавлии Имоми Аъзам /р/ мегузашт ва эшон /ҷонамон фидояшон/ доим онро бо ташт бароварда мерехтанд, ба ҷое ки мебоист рехта шавад. Рӯзе он яҳудӣ гуфт, ки чи шудааст, ки шумо ин пагоҳӣ ташти наҷосат дар даст доред?

Ҳазрати Имом /р/ гуфтанд: - Маро ҳар бомдоду хуфтан кор чунин аст. Он яҳудӣ гуфт: - Пас ин наҷосат аз куҷост, ки берун меояд?

Ҳазрати Имом /р/ гуфтанд: - Ин аз мазбили /ҳоҷатхона/ -и шумост. Гуфт: - Чанд вақт аст, ки шумо ин корро мекунед?

Ҳазрати Имом /р/ ҷавоб доданд: - Як сол бад-ин ҷониб.

Яҳудӣ гуфт: - Чаро ба ман даъво накардед, /яъне, аз болои ман ба ҳокимон ва қозиёт ва додгустарии яҳудия/ ё ягон сухани сахт нагуфтед? Ҳазрати Имом /р/ посух доданд: - Ба мо Пайғамбарон (с) фармудаанд, ки «Акримуҷ-ҷора ин кона яҳудиян» (Яъне: «-Икром кунед ҳамсояатонро, агарчи яҳудӣ бошад») Ва боз Ҳазрати Имом /р/ рӯ ба сӯи яҳуд, бо чеҳраи гулгун ва лабони пуртабассум гуфтанд, ки: Аз дилозор, Худо безор асту ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар, пас бо кадом ақлу тамиз банда туро, ки ҳамсояи ман ҳастӣ биранҷонам!

Баъди ин суханон дили яҳудӣ чун мурғи нимбисмил битапиду дарҳол ба Ҳазрат /р/ гуфт:

- Дар ҳақиқат дини барҳақ ва роҳи ростин дини шумо будааст ва шумо мардуме будаед, воқеан Худошиносу ба Худо додашуда /яъне, ҳанафӣ С.Б.Б/ Ва илова намуд: - Ай имоми мусалмонон зуд ба банда калима арза намоед, то ман бадон, ба дини Шумо имон биоварам.

Ҳазрати Имом /р/ калима арза карданд ва он яҳудӣ имон оварда ва мусалмон шуд ва доим аз паси Ҳазрати Имом намоз мегузорид ва аз баракати дини мубини Ислом аҳли байти он яҳуд низ мусалмон шуданд ва файзу баракати беандоза бар молу манзили эшон расид. Ин воқеа дар замоне рух дода буд, ки Ислом дар нисфи дунё ҳоким буда ва интишор гардида буд. Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ метавонистанд ба халифаи Ислом ва қозиёт шикоят кунанд ва он яҳудиро ҷазои сазовор ва ҷаримаи калон андозанд. Аммо он кас, ки инсони комил буданд, ин амалро раво надиданд. Ҳазрати Имоми Аъзам /р/

www.kitobam.com

бо он ҳамсояи яҳудии хеш дар шаҳраки Кӯфаи Бағдод - пойтахти хилофати Аббосиёни исломӣ зиндагӣ мекарданд.

Аз баракати ҳамсоядорӣ ва хулқи волойи Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) он яҳудӣ, ба имон мушарраф гардид ва хонааш пурфайз. Барои ҳамин Пайғамбари гиромӣ /с/ дар баъзе Ҳадисҳо фармудаанд, ки: «-Ба пайравони динҳои дигар (ки ба шумо аз онҳо зулме нест) хушмуомила бошед. Агар онон қарз хоҳанд, қарзашон диҳед. Аз хонаву мулкашон (ҳангоми набуданашон) посбонӣ кунед, бемор шуда бошанд хабар гиред, ятне, ба аёдаташон биравед. Агар вафот карданд дар ташйиъи ҷанозаашон (маросими дафнашон) ширкат варзед, зеро онон ҳам мисли шумо (мусулмонон) бандаи - худои ягонаанд».

Оре, ин аст мактаби одамият,ки дини Ислом, мадрасаи аҳли суннат ва ҷамоат ва фирқаи Расули гиромӣ (с) мазҳаби ҳанафия барҳақ таълим медиҳад...

Ба ростӣ, аз овони тифлият, ятне, хурдсолиам маро орзуву ормон (баъди он қиссаву ривоёти марғубе, ки аз падари бузургворам эшони Бузургхоҷа, бобоям эшони Ҳаётхоҷа ибни Шайх Маллахоҷаи Валӣ (ятне, Эшонтӯра), модари фарҳангдӯсту бомаърифатам Хосият Расулзода ва бобои модариам Расули Шукур перомуни Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва маноқиби эшон мешунидам) ин буд, ки ба шахсияти нотакрори «Чароғи уммат»-и Ҳазрати Паёмбар (с) Имоми Аъзам (р) аз наздик тавассути мутолиайи қутуби лозима, ошно биша-вам. Зеро дар қалби банда оташи меҳр ва ихлос нисбати ин абармарди басо нотакрори таърихи Ислом ва таърихи башар, дар аланга буду ҳаст. Омӯхтам кутубе чанд оиди Имоми Аъзам (р) ва нишастам дар сӯҳбати уламову фузало ва ба иборае бигрифтам аз ҳар хирмане донае, ба рӯзи умед...

Ва ниҳоят дар дил нияте падид омад, ки навишта бошам ҳарфе чанд перомуни Ҳазрати Имоми Аъзам (р), яъне, шаммае аз рӯзгору осор ва фаъолияти басо ибратбахши ин марди шариф, пири аҳли калом, яъне, қутбулавлиёи вал фуқаҳо, нахустмуҳаққиқ ва қофиласолори нигориши асарҳои илмии илоҳиётшиносии исломӣ, бахусус дар илми фиқҳ (яъне, дар асос ё худ заминаи пурғановати илми калом) Ҳазрати Имом Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу. Ва бояд иқрор бишавам, ки сабаби дигаре ҳам шуд, ки ба забони дӯсте ва устоде бедордил ва басо фозил яъне, нависандаи маъруфу навгарои тоҷик устод Муҳаммадзамони Солеҳ, раҷолул ғайб луқмае дод, ки бандаро ҳидоят намуд, ба нигоштани чанд ҳарфе шогирдона, оиди зиндагонӣ, рӯзгори пурифтихор ва осори безаволи пири мазҳаби муҳаззаби сироҷи умам, пешвои ҳанафиёни олам, яъне, раҳнамои аҳли суннат ва ҷамоъат-Ҳазрати Имоми Аъзам ибни Собит ибни Завтӣ ибни Марзабон ибни Моҳ ибни Сосон ибни Ҳурмуз ибни Анӯшервон Ал-Форсӣ Ал-Кобулӣ (р), ки аз ҷониби эшон миннатпазирам, баҳри ҳидояташон бад-ин кори савоб, ки дар натиҷа навишта омад, ба миқдоре ба чандин авроқ, ки ҳоло шумо чашми муборак ба он дӯхтаед.

Қаблан бояд тазаккур дод, ки ин китобе, ки ҳоло дар дасти мубораки шумост, рисолаест илмӣ - оммавӣ ва тарҷимаиҳолӣ, ки шуморо бо ҳаёту фаъолият ва зиндагонии басо ибратбахши Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ошно намуда, муфассалан аз таърихи пайдоиши мазҳаби муҳаззаби ӯ раҳматуллоҳ нақл мекунад.

Сухан кӯтоҳ, қабл аз дидаи муборак бурдан ба авроқи баъдинаи ин нигоштаи кӯчак, бандафақир узр ва маъзарат мехоҳам аз доварони сахтгиру муҳаққиқони мӯшикоф ва мунаққидону муаррихони нуктасанҷу нуктафаҳму нуктадон, бузургони дину пирони калом, ки муаллифи ин навишта

www.kitobam.com

ҳанӯз дар ҷодаи нигориши китоб шогирд ва навқалам буда, дар фазои бекаронаи ҳикмати азалии Исломи барҳақ, ки мебарад муштоқонро ба сӯи уфӯқҳои пурнури илму маърифат, ҳанӯз тамоман навпарвоз аст ва бошад, ки бо фотиҳаи неки устодон, ба гуфтаи Аллома Иқбол «дар ҷаҳон болу пари хеш кушодан» омӯзад ва роҳ сӯи ислоҳи саҳву хатоҳоро пеш гирад...

Ва низ аз Худованди мутаъол таманно ва ҳам умеди онро дорам, ки ин хидмати холисона мавриди қабули ҳаммазҳабону ҳаммиллатони азиз ва кулли мусалмонон, яъне, писанди табъу завқи аҳли Қибла қарор гирад ва ба мо (яъне, бандаи фақираш) ҳам тавфиқ иноят фармояд, то дар роҳ ва аҳдофе, ки барои пешбурди фарҳанги ахлоқӣ, яъне, исломии кишвари азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол дорем, моро ёрӣ намояд. Ба ҳаққи: **«Ва ҳува ҳасбӣ ва ниъмал вакил, ниъмал мавло ва ниъманнасир ғуфронака Раббано ва илайкал масир ва саллаллоҳу ъало Сайидино Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам».**

ДУРАХШИ АХТАРИ ТОБОН

Гузаштагони мо тоҷикон (яъне, ориёиҳо) бунёдгузори илму фарҳанг дар тамаддунҳои қадимаи олами инсоният маҳсуб меёбанд ва дар аҳди исломӣ ҳам тоҷикон ин рисолати хешро аз даст надодаанд ва муассиси аввалин ва қадимтарин ва беҳтарин мазҳаб дар дини Ислом – мазҳаби Имоми Аъзам (ҳанафия) низ фарзанди арҷманди тоҷику форс Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мебошад, ки дар асоси Қуръон ва Ҳадис зиёда аз 1300 сол инҷониб олами исломро дар роҳи одаму одамият ба ҳам муттаҳид месозад...

Эмомалӣ Раҳмон

Саҷда бар Маъбуди барҳақ,
Садқа бар «Қуръон»-и ӯ.
Садқаи ҳарфу ҳичову сураву оёти ӯ...
Садқаи дини мубину ҳам Расули акрамаш,
Садқаи номи Муҳаммад, в-он Имоми Аъзамаш...

Шарафи тоҷикон ва кулли форсизабонону миллати арҷманди Афғонистон (ба вижа тоҷикзабонони он) ва ифтихори ҳамаи мусалмонон, пири ҳакимони уммати Расули Худо (с), мутафаккири барҷастаи олами Ислом, фақеҳ ва муҷтаҳиди роҳи ҳақ, илоҳиётшинос, ҳуқуқшинос, яке аз аввалин муҳаққиқ, ва бунёдгузори илми калом Ҳакими Кабиру Имоми шаҳир Ҳазрати Имоми Аъзам - Абӯҳанифа (р), яке аз ахтарони тобони олами Ислом ва посдорандаву давомдиҳандаи суннати Паёмбари гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад (с) аст. Ӯ яке аз нахустин мутакаллим ва асосгузори мазҳаби ҳанафия ва «Чароғи уммат»-и Расули Худост (с), ки ҳикмату афкори беназири динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии ӯ 1310 сол ин ҷониб мусалмонони оламро ва кулли ниёзмандонро бо роҳи рост ҳидоят карда истодааст, бо роҳи «Имоми Аъзам», яъне, бо он роҳе, ки Ҳазрати Расулуллоҳ (с) ва асҳобашон бар он фирқа буданд, фирқаи аҳли биҳишт ва тӯдаи аҳли тавҳид... Эй азиз, ҳама сар ҳуш бошу, ҳама тан гӯш ва саропо чашму бихон ин ҳама сутур, то биёбӣ ва бидонӣ, ки чи туғиёнҳои хуш дорад, насими ғайби Раббонӣ:

«Овардаанд, ки чун меҳтари одам (аз оли «Ёсин» ва Тоҳо», С.Б.Б,) Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с)-ро ба «Меъроҷ» бурданд, шунид он чи шунавонидандаш ва дид он чи намудандаш... Муроҷиат кард, ки: «Илоҳо, Поко Парвардигоро, Аҳадо Самадо, дар умматони пешин, яъне, дар аҳди Довуд марде будааст Луқмони Ҳаким ном, ҳикмате баён мекард ва мардумон аз ӯ манфиат (фоида) гирифтандӣ. Акнун дар уммати ман, ки хоҳад буд?» Хитоби Ҳазрат» (с)-ҳабиби

www.kitobam.com

Худо даррасид, ки: -Ё Муҳаммад (с), дар уммати ту марде хоҳад буд, номи вай Нӯъмон ибни Собит аст, раҳматуллоҳи ва кунияти вай Абӯҳанифа ва мавлуди вай дар Кӯфа бошад.

Вай илм баён кунад ва зиёда тири ҳақ ба сӯи ботил занад ва ҳама аз илми вай баҳра гиранд ва ҳар як масъалае, ки аз илм баён кунад ба ҳазрати мо қадраш беш аз он шавад, ки биёбонҳоро пур аз ҳикмат кунад». Он гоҳ, Расули акрам (с) фармудаанд: «-Фаҳува сирочу уммати». Ҳадиси шариф ба ин маънист, ки Ҳазрати Афзалуланбиёъ (с) фармудаанд, ки Абӯҳанифа (р) - «Чароғи уммати ман аст». Се бор ин лафз бар забони мубораки Расул (с) рафт, ба қавле агар Ҳадиси мазкур чаҳор бор аз забони мубораки Ҳазрати Паёмбар (с) садо медод, кулли илми динӣ ва дунёӣ насиби Абӯҳанифа (р) мебудӣ. Худованди азза ва ҷалла чаҳор донаку ним улум вайро мусаллам гардонид ба ҳамон тариқ, ки ёд кардем.

Чун Расул (с) аз «Меъроҷ» боз омадандӣ. Анас ибни Молик (р) -ро талаб карданду фармудаанд:

«Ё Анас, баъд аз вафоти ман марде хоҳад буд, ки номи ӯ Нӯъмон ибни Собит бошад ва кунияти вай Абӯҳанифа ва мавлуди вай аз Кӯфа. Вай илм баён кунад. Ва ту рӯзгори вайро дарёбӣ, саломи ман ба вай расонӣ ва амонати ман ба вай диҳӣ...».!

Як ривоят он аст, луқмае бигазиданд ва ба Анас (р) доданд ва дигар ривоят он аст, ки хурмое бигазиданд ва ба Анас (р) доданд ва дигар ривоят он аст, ки оби даҳони мубораки худро дар даҳони Анас (р) карданд ва он амонати Расули акрам (с) дар даҳони Анас (р) куррак баста, қарор гирифт, то ба рӯзгори Абӯҳанифа (р).

Анас (р) аз Расул (с) суол кард, ки ё Расулуллоҳ (с) ман он кӯдакро аз куҷо ёбам?

Расул (с) фармуданд ки: «-Ту дар дари хонаи Каъба нишаста бошӣ ва аҳодиси ман баён мекунӣ, ки кӯдаке аз ҳаво пеши ту

фурӯд ояд ва номи вай бипурсӣ, саломи ман бар вай бирасонӣ ва амонати ман бар вай диҳӣ. 63,13-14.

Инак, эй азизе, ки дидагон дар болойи ин сутур дориву дар дил тӯғён, поёни сутур бихон, ки аз Ҳақ таъоло чӣ расид. Яъне, даррасид он рӯзгоре, ки Ҳақ, таъоло мужда дода буд, ба Ҳабибаш Ҳазрати Муҳаммад (с)...

ФУРӮЗОН ГАШТ «ЧАРОҒИ УММАТ»-И ҲАЗРАТИ ПАЁМБАР(С)

(Зиндагонии даврони тифливу навҷавонии Имоми Аъзам ва исму куният ва насаби ӯ ва асли хонадон ва зодгоҳи ӯ (р).

Соли 699-и мелодӣ буд (яъне, соли 80-уми ҳиҷрӣ) дар бомдоди рӯзи одина (ҷумъа) дар як гӯшаи сокити шаҳри Кӯфаи Ироқ, дар кулбаи фақиронаи як марди сарватманди аҳли тақво ва зоҳиди роҳи ростин, форсиюласле – даризабон, яъне, тоҷики ориёӣ ё худ эронинажод, бо номи Хоҷа Собит ибни Завтӣ ибни Қайс ибни Марзбон ибни Моҳ ибни Сосон ибни Ҳурмуз ибни Анӯшервони Одил-ал-Форсӣ (ки аслаш аз Кобул аст 21.2-3) тифле, яъне, ҳурписаре ба дунё омад, ки баъдан нураш тамоми кулбаро мунаввар кард, ки аз ин бахти худодод тӯғён дар дили волидон бархосту ашки шодӣ, аз дидагони эшон қатор ва беихтиёр лабони Хоҷа Собит ибни Марзбон (р) маҳин ба ҳам хӯрду садои ин зикр ҳамроҳи гиряи пурасрори тифлаки маъсум ба фазойи хона танинандоз гашт:

«-Ло илоҳа иллаллоҳу субҳонал ғафурурраҳим» (яъне: -Нест ҳеҷ маъбуде магар Аллоҳ, пок бахшандаи ниҳоят бахшанда), ки баъдан ин нури Илоҳӣ кулли оламро рӯшанӣ падид оварда ва роҳи уммати Расул (с)-ро мунаввар кард, ки ғулғулаҳои шодмонӣ ба дӯстдорону пайравони Ислом оварду таҳлукаҳо дар дили аҳли бидъат, яъне, душманони Ислом ва фирқабозон...

www.kitobam.com

...Ва волидони бедордилу фозил, ба тифлаки хуршедфарр Нӯъмон ном ниҳоданд, ки кунияташ Абӯҳанифа (р) аст. «Хулоса Абӯҳанифа дар оилае тавлид ва камол ёфт, ки ҳама аз тоифаи туҷҷор, яъне, савдогару сарватмандон буда, абрешим савдо мекарданд ва аз аҳли Форс буданд ва дар байни арабҳо обрӯву эътибори хосае доштанд» 49.-11.

Сабаби валодати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)-ро Мавлоно Мавлавӣ шайхи фақеҳу зоҳиди порсо Масъуд ибни Маҳмуд ибни Юсуфи Самарқандӣ (р), бар асоси сарчашмаҳои мутабаррик, дар китоби хеш - «Салоти Масъудӣ» чунин дарҷ карда: «-Валодати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) он буд, ки рӯзе Хоҷа Собит (р) падари Имоми Аъзам (р) ба лаби обе нишаста буд, то таҳорат созад. Ногоҳ об себе овард ва Хоҷаро ба он себ нигоҳе уфтод. Хоҷа он себро гирифт ва порае бигазид ва бихӯрд. Хоҷаро ба хотир омад, намедонӣ, ки ин себ аз куҷост ва аз мулки кист ва аз боғи кист? Ҳамчунин ба фароғи хотир ту мехӯрӣ. Агар ба қиёмат туро аз барои ин газидаи себ савол ояд, чӣ ҷавоб гӯӣ?

Хоҷа Собит (р) таҳорат тамом карда, он себи нимгазидаро бигирифт ва лаб-лаби он об боло мерафт, то ба боғе расид, ки он об, аз боғ берун меомад. Хоҷа Собит (р) ба ин боғ даромад. Мардеро дид, ки мегардад ва аз вай суол кард, ки ин боғ мулки шумост?Гуфт:

- Бале.

Гуфт:

- Ин себи боғи шумост?

Гуфт:

- Бале.

Хоҷа Собит (р) гуфт:

- Ман ин себи боғи ту газида хӯрдаам, онро бифурӯшӣ, то бихарам ё биҳил кун.

Он марди боғбон дид, ки ин мард бузургворест ва симои солеҳон дорад ва марди фард ва ягонаи замона аст, гуфт:

- Нафурӯшам ва биҳил ҳам накунам, аммо шарте дорам, агар он шарт ба ҷо орӣ, ман туро биҳил мекунам.

Хоҷа Собит (р) гуфт: Шарт чист? Боғбон гуфт:

- Духтаре дорам, ҳар ду гӯш кар ва ба ҳар ду чашм нобино ва ба забон гунг ва ба ҳар ду даст шал ва ба ҳар ду пой мафлуҷ (фалаҷ, ногиро С.Б.Б)., агар ин духтари маро ба занӣ қабул кунӣ, ман ин газидаи себро биҳил ба ту кунам ва агар қабул накунӣ, биҳил накунам!

Хоҷа Собит (р) ба худ тааммул кард, ки аз барои газидаи себ ман инчунин духтарро чӣ гуна қабул кунам? Боз тааммул кард ва гуфт (ба худ): Агар чунин духтарро ба ақд орам, беҳтар аз он бошад, ки хасми газидаи себро ба худ ба қиёмат барам. Ночор Хоҷа гуфт:

- Чунин кунам.

Ва гувоҳ оварданд ва ақд карданд. Чун шаб даромад Хоҷа намози хуфтан гузорид... Духтари хубрӯву соҳибҷамоле назди Хоҷа даромад. Хоҷа аз вай дурӣ гирифт. Духтар гуфт:

- Эй Хоҷа, чаро таҳошӣ мекунӣ, ки ман аёли ҳалолу поки туам.

Хоҷа гуфт:

- Падари ту ҳамчунин ба ман нагуфтааст!?

Духтар гуфт:

- Ҳамчунон аст, ки падари ман гуфтааст, аммо сухани вайро таъвил аст. Яъне, бад-ин маънӣ, ки ба ду гӯш карам, то аз модар дар вуҷуд омадаам ҳеҷ нашуниданӣ нашунидаам. Ба ҳар ду чашм кӯрам; то аз модар ба вуҷуд омадаам, ғайр аз шумо ва падару модар ҳеҷ мардеро надидаам. Ва бар забон гунгам, то аз модар ба дунё омадаам, ҳеҷ ногуфтание нагуфтаам. Ва ба ҳар ду даст шалам, ки то аз модар зодаам, ҳеҷ

www.kitobam.com

нагирифтание нагирифтаам. Ба ҳар ду пой мафлӯҷам, ки то аз модар зодаам, беш аз ин аз хона берун нарафтаам...

Ҳарду ба ибодати Ҳақ таъоло машғул шуданд ва дар поёни ибодат ба эҳтироми бегоҳи одина ва хотираи гузаштагон «Фотиҳа» хонданд. Ба охири шаб ҳарду ба сӯҳбат бипардохтанд. Ба сабаби сӯҳбати он ду маҳрам эшонро фарзанди пок ва накӯахтар ба дунё омад - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Хоҷа Собит (р) Пас луқма чунон ҳалол бояд дошт, то фарзанд чун Абӯҳанифа (р) бувад. 63, 14, 15.

...Бояд қайд кард, ки то кунун дар байни аҳли таҳқиқ перомуни зодгоҳи аслии аҳли хонаводаи Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) фикрҳои мухталиф ҷой доранд. Масалан, бино ба хабари Аҳмад ибни Муҳаммад, аз ёрони Имоми Аъзам (р), ки гуфтааст дар ҳадисе ба ӯ Алӣ ибни Умар ва гуфтааст дар ҳадисе ба ӯ Аҳмад ибни Исҳоқ ибни Баҳлул, ки Собит падари Абӯҳанифа (р), бино ба ривоёте аз аҳли Тирмиз ва ба ривояте дигар гӯё ӯ аз Нисо будааст... Ва ... гӯяд дар хабаре Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Имрон ибни Мӯсо Ал-Марзбонӣ, ки гуфта, дар хабаре Муҳаммад ибни Аҳмад - Ал Котиб ва гуфтааст дар хабаре Аҳмад ибни Абӯҳайшамат ва гӯяд шунидааст ӯ аз Муҳаммад ибни Язид, ки гуфтааст :- Абӯҳанифа дар хонадони Бани Таймуллоҳ ибни Саълабат тавлид ёфтааст (Абӯҳанифа арабиасл набуд ва нест. Ӯ аз падари форсзабон, яъне тоҷик ва форсасли кобулии муқими Кӯфа, яъне, аз камари Хоҷа Собит ба дунё омадааст ва ҷадди ӯро, яъне, бобои Имомро, ки ба дасти аъроб асир афтида буд, дар роҳи абрешим яке аз занони давлатманди қабилаи Бани Таймуллоҳ харида буд, аз рӯи ихлос. Шояд бино ба ин ривоят имомро саҳван араб ва аз Бани Таймуллоҳ гуфтаанду мегӯянд, ки ин ғалат аст, С.Б.Б)».21-1-2.

Бино ба гуфтаи Умар ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р) набераи Имом Абӯҳанифа (р) насаби Имоми Аъзам

Абӯҳанифа (р) чунин аст ва зодгоҳаш бад-ин ном: «-...Абӯнӯъмон ибни Собит ибни Завтӣ ва Завтӣ аз Кобул аст, ва ӯ форс аст ва Собит дар давраи Ислом дар аҳди Алӣ ибни Абӯтолиб (ъ-м) ба дунё омадааст зистааст». Пас ин нуқот, ки аз забони набераи Имоми Аъзам (р) - Умар ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р) оварда шудааст, ба ҳақиқати ҳол рост меояд, ба кобулӣ будани ҷадди Собит - падари Абӯҳанифа (р).

Аммо ин нукта муҳим аст, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) воқеъан аз аҳли Форс аст ва хонаводаи падарии ӯ аз тоҷикон, яъне даризабонони маҳаллаи то кунун бо ҳамон ном боқӣ мондаи «Гузари Хоҷагон»-и шимоли шаҳри Кобул буданд,- яъне, ба гуфтаи Ҳазрати Расули гиромӣ (с), аз қавме аст, ки имонро ва маърифати илоҳиро аз Сурайё ба чанги хеш дармеоваранд», ки ҷои муқаддас буда, оромгоҳи бисёре аз азизон мисли Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва ғайра онҷост. Ва «бино ба хабари Абӯҳафс Умар ибни Иброҳими Макрай, ки гуфтааст ба ӯ Мукаррам ибни Аҳмад ва гуфтааст ба ӯ, Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Шозони Марвазӣ ва гуфтааст дар ҳадисе ба ӯ Абӯҷаддӣ ва ба ӯ, ба ҳадисе қотеъ Исмоил писари хурдии Ҳаммод ибни Абӯҳанифа ки асли ӯ, яъне, дудмони Исмоил ибни Ҳаммод ибни Ан-Нӯъмон ибни Собит ибни Ан-Нӯъмон ибни Ал-Марзбон ибни Завтӣ, аз аҳли Форс ва аз сарватмандон, яъне, аз аҳли туҷҷор аст (ки матоъи абрешимиро аз Форс ба Ироқ мебурданд)» 21.1-2.

- Бале, Имом Абӯҳанифа (р) ба исботи сарчашмаҳо, ё худ маводи мӯътамади илмии пешин ва муосир ва бино ба ривоёти ҳамасронаш ва шаҳодати афроди бузургмақом, аслан аз мардуми даризабон, яъне, аз тоҷикони Кобул - пойтахти давлати Исломии Афғонистони имрӯза будааст. Бобояш Марзбони Форсӣ - тоҷири абрешим, дар замони хилофати Ҳазрати Умар (р) исломро қабул карда, пас аз он ба шаҳри Кӯфа омада, дар ин шаҳри обод иқомат кардааст...

www.kitobam.com

«Ва ин аст, ки рӯзе Собит (р) падари Абӯҳанифа (р) ба хидмати Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб (ъ-с) мушарраф гашта буд. Ҳазрати Алӣ (ъ-м) бо дидани Собит (р) хушаш омад ва дар симои ӯ нури маърифатро дарёфт ва ба ӯ гуфт: «Ситораи толеъи туро дурахшон мебинам, ки ту ба иродаи Ҳақ таъоло умри дароз мабинӣ, ризқу рӯзии зиёд ба насиб дорӣ ва фарзанди неке хоҳӣ дид, ки фардо шариъат ва тариқати Пайғамбар (с)-ро ба пеш хоҳад бурд». Ин буд, ки ба баракати лафзи муборак ва дуъои неки он Ҳазрат (ъ-м) баъди чиҳил соли реҳлати Ҳазрати Алӣ (ъалайҳиссалом) (яъне, фавти ёри Пайғамбар (с) Ҳазрати Алӣ (ъ-м) 21 январи соли 661-и мелодӣ аст) дар рӯзи Наврӯз, моҳи мубораки Рамазон, Собит (р) соҳиби писар гашт ва бад-ӯ ном ниҳод Абӯнӯъмон» 21. 1-2.

Ва бояд тазаккур дод, ки перомуни зиндагонӣ, маҳал ва ҷои зист ва исму насаб ва кунияти Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва инчунин асли хонадони ӯ, то кунун маълумот ва ахбору маводи зиёде фароҳам омадааст. Яке аз ин гуна маводи муътамаде, ки оиди зиндагонии Имоми Аъзам (р), ҳаёту фаъолияти илмиву имоматӣ ва ҷабҳаи каломии Ҳаким Абӯҳанифа Имоми Аъзам; номгӯи теъдоди зиёди асарҳои каломии ӯ, асли хонаводагии ӯ ва ному насаб ва ҷои зисташ (ба назари мо) маълумотҳои муфассал ва басо боэътимоде медиҳад, ин асар ё худ рисолаи басо гаронқимат ва бебаҳои муҳаққиқи афғонии муқими шаҳри Қоҳираи Мисри Араб, устоди фозил Иноятуллоҳ Иблоғи Афғонӣ, бо номи «Ал Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ал-Мутакаллим»_ (яъне, «Имоми Аъзам Абӯҳанифа донишманди илми калом» соли таълифаш 1382-1966 мелодӣ аст) мебошад.

Инак, чанд фарозмонӣ, бо дақиқтарин маълумот ва маводи нисбатан боэътимод ба манзури мутолиъаини гиромӣ перомуни Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аз рисолаи мазкур иловатан пешкаш аст. Муҳаққиқи варзидаи ҷабҳаи

каломии Имоми Аъзам (р) устод Иноятуллоҳ Иблоғи Афғонӣ, дар муқаддима ва баъдан дар фасли аввали рисолаи илмии хеш дар бораи зиндагонии Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва исму насаби ӯ, дар асоси маводу мадракот ва далелҳои қотеъ чунин нигоштаву андеша рондаанд: « -Дар қисмати насаби Имоми Аъзам... вай аслан форсиасл ва аз манотиқи Афғонистон ва марбути вилояти Парвон мебошад, ки яке аз вилояти Афғонистон буда ва дар қисмати шимоли пойтахт-шаҳри Кобул (дар шимолии шаҳр, бо номи то ба имрӯз маълуми «Гузари Хоҷагон», ки оромгоҳи бисёре аз хоҷагони бузурги Ислом, аз қабили Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва ғайра ва ҳамчунин то ба имрӯз теъдоди зиёде аз оилаҳои хоҷагони кобулӣ, аз дудмони он хоҷагони порсо, дар он ҷо иқомат доранд, С.Б.Б). қарор дорад. Ман ҳам (яъне, Иноятуллоҳи, Иблоғ С.Б.Б). дар ҳамин вилоят ва сарзамине, ки ҷадди, яъне, бобои Имоми Аъзам (р), яъне, Завтӣ ё Нӯъмон (ин ҷо Завтӣ ном доштани номи бобои Абӯҳанифа маълум аст ва Нӯъмон номи аслии Имом аст, ки падараш Хоҷа Собит ба ӯ дода аст. Ва Нӯъмон ном доштани ҷадди ӯ нест, шояд перомуни ин ном муаллиф ба саҳве роҳ додаанд, С.Б.Б,)-ро дар оғӯши худ парварда ба дунё омадаам ва алоқа дорам, ки роҷеъ ба ин нобиғаи Шарқ ва Ислом, ки қария (деҳа)-и онро дар домони яке аз кӯҳҳои вилояти хеш мешиносам, чизе бинависам...». 47.10-13.

Дар фасли аввали рисолаи номбурда, ки «Зиндагонии Имоми Аъзам ва исму насаби ӯ» унвон дорад, муаллиф устод Иноятуллоҳи Иблоғ менигорад:

«Имоми Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон (р) дар соли 80-уми ҳичрӣ, дар асри хилофати Абдулмулк ибни Марвони Уммавӣ, дар Кӯфа ба дунё омада ва бино ба қавле тавлиди вай дар соли 61-и ҳичри буда, вале ин назария таъйид нашудааст.

www.kitobam.com

Имом дар соли 150-и ҳичрӣ, ба асари шиканҷае, ки аз тарафи Мансури Аббосӣ, ба вай расид ва вафот ёфт. Аз забони наводаҳо (яъне, наберагон)-и Имом, яъне, Умар ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа ва Исмоил ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р), исму насаби Имом ба ду шакл ривоят шуда, аввал Нуъмон ибни Собит ибни Марзбон ва «Марзбон» ба маънии раис, аз фарзандони озоди Форс мебошад. Ҳамчунон Умар ибни Ҳаммод мегӯяд, ки Завтӣ ҳангоми фатҳи Кобул, аз ҷониби аъроб асир афтида (шояд ин ривоят ҳам то андозае дуруст бошад, ки Завтӣ, ҷадди Имом Абӯҳанифа, ки бо аҳли хонаводааш савдогарони матои абрешим, пахтагин ва мӯйина буданд, дар аснои задӯхӯрдҳои мардуми Кобул бо аъроб асир афтода, ба Ироқ бурда мешавад, яъне, ба шаҳри Кӯфа ва ба тасодуф Завтӣ, аз тарафи як тан аз зани сарватманди қабилаи Бани Таймуллоҳ харида ва озод карда мешавад. Баъди озод шудан, аз асирӣ, Завтӣ мисли рӯзгори пешин боз ба тиҷорати матоъ шуғл меварзад ва баъди тиҷорати бардавоми матоъҳои мӯйина, пахтагин ва абрешим, ки аз Кобули Афғонистон ба Ироқ меовард ва аз Ироқ ба Афғонистон мол мебурд, оқибат шаҳри Кӯфаро манзили зисти доимии хонаводагии хеш қарор медиҳад. Ва мавлуди Хоҷа Собит - падари Имом Абдӯҳанифа (р), ҳам шояд, ки шаҳри Кӯфа бошад. Ва сабаби аз асирӣ озод гаштани Завтӣ, аз ҷониби зани сарватманде, аз Бани Таймуллоҳ ҳам шояд ҳамин бошад, ки маҳз кордонӣ корчалонӣ ва тоҷириву бозаргони моҳир будани Завтӣ диққати он занро ба худ ҷалб карда бошад. Зеро, ки сарватмандон ба савдогарони кордон мудом эҳтиёҷ, доштанду доранд. Ва худи Имоми Аъзам раҳматуллоҳ низ аз рӯи касби бобоӣ, нон мехӯрд ва шуғли асосиашон фурӯши матоъи абрешим, пахтагин ва матоъи мӯйина будааст. С.Б.Б). ба ҳайс бурда, яке аз афроди Бани Таймуллоҳ ибни Саълаба қарор гирифта, вале дуюмӣ, яъне, Исмоили Лакаӣ, бардагӣ

(асирӣ, ғуломӣ)-ро аз Имом дур намуда мегӯяд: «-Ба Худо савганд, ки мо ҳаргиз-ғулом набудаем». Ва ҳар ду нафар ба ин нукта иттифоқ доранд, ки Завтӣ ва ё Марзбон аслан афғон (аз тоҷикон) буда, вале дуввумӣ боз мегӯяд, ки ӯ аз билоди Форс, ба манотиқи Араб ҳиҷрат намуда. Аммо ин ки баъзе мӯътақиданд, Имом аслан арабӣ ё бобулӣ буда, комилан дуруст нест ва Собит - падари Имом мусалмон ба дунё омада. Ва бархеро ақида бар ин аст, ки вай аз мардуми анбор (ба фатҳи ҳамза) буда, баъдан ба Нисо (ба фатҳи аввал ва касри алиф) нуқли макон карда ва дар он ҷо Абӯҳанифа тавлид ёфта ва баъзе дигар мӯътақиданд, ки вай аз мардуми Тирмиз буда ва муаллифи «Ал-Хайрот-ал-Ҳисон» дар қисмати татбиқи ин назариёт мегӯяд, ки имкон дорад вай дар манотиқи мазкур сукунат варзида бошад. Ба ҳар ҳол ривоёте, ки Собитро аз мардуми форсизабони Кобул нишон медиҳад, нисбат ба ривоёти дигар қавитар ба назар мерасад.

Аз ҷумлаи далойиле, «ки назарияи охирро таъйид мекунад, ривояте аст, ки аз Абӯисмоил ибни Ҳаммод нақл шуда мегӯяд, ки эшон аз мардуми Аҷам (ғайриараб, яъне, махсусан форсзабонон дар назар аст.С.Б.Б,) буда, ва аз Кобул асир гардидаанд ва ҷадди Имомро як тан аз занони қабилаи Бани Таймуллоҳ харида озод намуд. Ҳамчун ду наводаи Имом, дар бораи ин, ки оё падари Собит Нӯъмон ва ё Завтӣ буда, ва ҷадди ӯ Моҳ ё Марзбон ном дорад, ихтилоф кардаанд.

... Дар бораи исми Имом иттифоқ бар ин аст, ки исми вай, ба дурустӣ Нӯъмон аст. Шайх Шаҳобиддин дар « Ал-хайрот-ал-Ҳисон»-и худ навишта, ки дар ин номи Имом роз ва сирри аҷибе нуҳуфтааст, зеро «нӯъмон» аслан ба маънии «хун», ки қавоми бадан ба он мавқуф аст мебошад ва ба ақидаи бархе ба маънии «рӯҳ» аст. Ва Абӯҳанифа (чун хуни бадан, С.Б.Б). сабаби қавоми фиқҳ буда ва мадорик ва масойили он аз вай нишон карда, ва ё ин ки Нӯъмон гиёҳест сурхранг ва хушбӯй ё

www.kitobam.com

ба маънии арғувон аст (ва чизи дигар ин ,ки «Нӯъмон» яке аз исмҳои шарифи зоти муаззами Худованд аст.С.Б.Б,) ва Имом низ доройи хисоли (ҷамъи хислат ё худ одат ва одоби нек, С.Б.Б) пок ва ҳойизи камоли ниҳойӣ буда, -ҳамчунин тавҷеҳи дигар ин аст ,ки «Нӯъмон» бар вазни фаълон муштақ аз неъмат буда, Абӯҳанифа неъмате ноёб буд, ки Худованд, ба махлуқонаш арзонӣ дошт ва «алиф» ва «лом» маъмулан дар ҳолати накорат ва нидоъ ва ё изофат, дар арабӣ ҳазф мешавад, аммо дар ғайри ин се ҳолат ҳазфи он, ба қудрат сурат мегирад» 47.-14-16.

Бояд гуфт, ки оиди кунияти Имоми Аъзам (р) ва сабаби «Абӯҳанифа» ба худ куният қарор додани Имоми Аъзам (р) низ байни уламои исломӣ ва донишмандони ғайри исломӣ, ибрози ақидаҳо ҷой дорад. Дар ин маврид соҳиби рисолаи «Имоми Аъзам Абӯҳанифа донишманди илми калом»-Иноятуллоҳи Иблоғ чунин ишоратеро бар асоси чанд далел пеш оварда: «...Дар қисмати кунияи Имом, ки ғолибан ҳар куния доройи иллате мебошад, метавон ваҷҳи интихоби ин кунияро дарёфт намуд, ба ин тартиб, ки «ҳанифа» муаннас (шакли занона.С.Б.Б).-и «ҳаниф «, ба маънии «зоҳид» ва ё «муслим» аст, зеро «ҳаниф» муштақ, аз «ҳанаф» ба маънии «майл» аст. Чунончи дар Қуръони Карим омадааст: Бал натабаъ миллат Иброҳима ҳанифо». «Ҳаниф, яъне, мойил будан ба дини ҳақ аст. Ва бархе гуфтаанд, ки сабаби кунияи Имом мулозимат ва алоқаи ҳамешагии ӯ ба давот буда, ки дар лисони арабӣ, яъне, дар гӯйиши Ироқ онро «ҳанифа» меноманд. Вале ин ривоят, ки гӯё Имом духтаре дошта, бо номи Ҳанифа, қобили эътимод нест, зеро таърих ба истиснои Ҳаммод (ки аз рӯи эҳтиром нисбат ба устоди беҳамтояш, дар илми фиқҳ Абӯисмоил Ҳаммоди Абӯсулаймон, номи ӯро ба писараш дод, С.Б.Б). писар ва ё духтареро ба вай нисбат намедиҳад ва он чи Хатиби Бағдодӣ, бо санаде ривоят намуда

ва дар он инқитоъ аст ва машъар бар ин аст, ки Имом Абӯҳанифа гуфта; «-Баъд аз ман ин кунияро ба ҷуз девона, дигар касе интихоб нахоҳад кард». Ва воқеъан баъд аз вай як идда мардуме ин кунияро баргузиданд (интихоб намудаанд С.Б.Б), ки нерӯйи ақлии эшон заиф буд (яъне, ноқисулақл буданд), қобили қабул нест ва қобили эътимод ҳам нест, зеро Хатиби Бағдодӣ касе аст, ки дар таъну бадхоҳӣ ва бадгӯӣ, бар Абӯҳанифа (р) забондарозӣ карда ва муаллифин, донишмандон ва мутарҷимини бузургу шинохта, ривоёти дурӯғин ва ифтироҳойи (ҳарф ё амали нодурустеро нисбат додан, тӯҳмат ва бӯҳтон, С.Б.Б). Хатибро ифшо намудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо Исо ибни Абӯбакри Аюбӣ-яке аз шоҳони Миср аст, ки ифтиройи Хатиби Бағдодиро дар китоби «Ал-саҳм-ал-мусиб фӣ-кабад-ал Хатиб» ифшо, яъне, фош карда, ин китоб ҳовии таҳқиқоти илмӣ аст, ки барои мутолиакунандаи биюгрофӣ (тарҷумаи ҳол яъне, зиндагинома, С.Б.Б,)-и Имом басо муфид мебошад ва найрангҳои Хатиби Бағдодӣ, дар он тавзеҳ гардида. Ҳамчунин Аллома, Шайхи зоҳид Ал-Кавсарӣ, китобе ба номи «Тониб-ал Хатиб фӣ-мо соҳа фӣ-Абӯҳанифа мин ал-козиб» дорад, ки барои тардиди ифтиро роҷеъ ба кунияи Имом Абӯҳанифа (р) кифоят мекунад. Китоби номбурда мутазаккир шуда, ки се тан аз уламойи бузург чун Айқонӣ, Динаварӣ ва амсоли онҳо ҳамин кунияро ба худ интихоб карда буданд, вале савияи ақлии эшон ба маротиб (яъне, аз замин то осмон, С.Б.Б). нисбат ба Хатиби Бағдодӣ ва амсоли вай волотар ва болотар буд ва ҳаст.

Муаррихин (таърихнигорон, воқеъанигорон, яъне, ноқилон, ровиён ва солноманависон. С.Б.Б). мардуми ғайриарабро бо номи «маволӣ», ки мафҳуми аслии он «ғуломи озодшуда» аст, ёд мекунанд, вале ин ном аз мавқуфи илмии ё худ мартабаи илмии Имом Абӯҳанифа (р) намекоҳад. Зеро аксари донишмандони фиқҳ дар асри тобиъин, ки Имом аз эшон

www.kitobam.com

истифода намуда, аз ҷумлаи маволӣ будаанд (дар омади ин баҳси мавзӯъ, саҳобаи фозили Расули гиромӣ (с) Салмони Форсӣ ҳам канизи як яҳудӣ буданд, ки бо иноятиХудо ва мададиРасули гиромӣ салъам ва ёронашон озод карда шуда буд ва Ҳазрати шайхулислом Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ҳам як замон ба тасодуф ба дасти фарангиҳо, яъне, возеҳтар ба дасти франсавиҳо асир афтода, баъд озод шуда будаанд, ки аз ин қурбу манзалат ва мартабаи бузургвор гарде ҳам накоҳида асту нахоҳад кост С.Б.Б) ва дар ҳоле, ки Ислом байни Араб ва Аҷам, ба мусовот (баробарӣ) қойил шуда ва Худованд эълон намуда, ки «Инна акрамакум ъиндаллоҳи атқокум» (яъне, «Гиромитарини шумо назди Парвардигор парҳезгортарини Шумост»). Ва эҳсоси ифтихор ба насабро, ки байни Араб шойеъ буд, як қалам аз байн бурда (яъне, ба маънӣ-дӯсти Худост ва азизи Худост ва бандаи баргузидаи Худост касе, ки ӯ доройи имон асту парҳезгор ва фахри насаб аз одат ва ифтихороти аҳли авом аст ва беҳуда нест, ки мардуми имрӯзаи Араб ҳам масале дар ин боб доранд, ки омада; Магӯ, ки ҷадди ту кист, бигӯ, ки ту худ кистӣ?» Хулоса, тамоми бузургони илму адаби давру замон ва аз ҷумла Шайх Саъдӣ барин азизони Худо ба ин маънӣ гуфтаанд, ки: «Шарафи одамӣ, на ба аслу насаб аст», С.Б.Б,) мулоҳиза менамоем, ки савияи ақлӣ ва илмии бархе аз мардуми ғайриарабӣ, аз қабили Форс (ва Шайх Абӯзаҳра ҳам мегӯяд, ки дар асри тобиъин мардуми Аҷам беш аз Араб ба илму дониш таваҷҷӯҳ ва алоқа доштанд) ва ғайра ба андоза баланд шуда, бинобар мутаяқин мешавем, ки мабодии маънавӣ, бар хилофи ақидаи собиқ арабҳо ба насаб ва ғайра муттакӣ набуда, ба як силсила умури воқеъӣ иттико дорад ва ҳар табақа мардум дорои масъулияти хоси динӣ ва илмӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра мебошанд, ки танҳо ба ёд овардани асомии обо ва аҷдоду тоифи эшон анҷом намеёбад. Ҳазрати Паёмбари гиромӣ (с)

ҳама ашхоси накӯкор ва парҳезгорро оли хеш ва аз хонадони хеш муаррифӣ фармуда, ҳамчунон Худованди мутаъол писари Нуҳ (ъ-м)-ро аз вай нафӣ карда мефармояд, астаъизу биллоҳ: «Инна лайса мин аҳлика, инна ъамали ғайри солиҳ». Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) саҳобаи худ Билоли Ҳабашӣ (нахустмуаззини Ислом С.Б.Б,)-ро ба худ наздик ва Абӯлаҳаби Қурайширо аз худ дур мепиндошт ва Салмони Форсӣ (саҳобаи фозил ва мушовир ва пири аҳли ҳунар, яъне, косибон дуредгарон, сартарошон, меъморон ва ғайра ва донишманди пурзӯҳду тақво, С.Б.Б,)-ро аз аҳли байти хеш ҳисоб мекард. Ба мулоҳизаи ин нукот Имоми Аъзам (р) асос ва зербинои ъизз ва шарафро дарёфта буд ва аз ҳамин лиҳоз вақте як тан аз мардуми Бани Таймуллоҳ ибни Саълаба, ки бардагии ҷадди Имом, ба қабилаи мазкур (ва тавассути эшон озод шудан) нисбат дода мешавад ва нисбат шуда, ба вай гуфт: «Ту ғуломи озодшудаи манӣ!» Имом Абӯҳанифа (р) гуфтаи ӯро тардид намуда фармуд: «-Ба Худо, ки ман нисбат ба ту шарифтарам!»

Имоми Аъзам шахси дунҳиммат ва аз аҳли ғайбат набуд ва интисоби вай ба Форс монеъи расиданаш ба дараҷаи нубӯғу камоли фикрӣ нагардид, тавре, ки интисоби аксари уламои бузурги фалсафа, донишмандони илми Калом ва мутасаввуфин ба сарзаминҳои ғайриарабӣ, аз арзиши илмии онҳо коста намешавад ва коста наметавонад ва муаррихин ва тазкиранависон ҳақ надоранд аз осори илмии Ғазна, Ҳирот, Бадахшон ва Тахористон, Бомиён, Ҷузҷон, Балх, Толиқон, Сиистон ва дигар манотиқи кишвари Афғонистон, ки меҳан (зодгоҳ, ватан)-и обоийӣ (яъне, бобокалон ва гузаштагони падарӣ)-и Имом Аъзам аст, чашм бипӯшанд.

... Абулмуаййади Муваффақи Маккиӣ, дар мавзӯи насаби Имоми Аъзам (Р), ва ин ки камолоти фикрӣ ва рӯҳии вай мунҳасир ва мансуб ба Араб нест, мавқуфи Имомро дар соҳаҳои фикрӣ ва динӣ ва вазоҳат тасвир намуда ва аз гуфтори

www.kitobam.com

вай маълум мешавад, ки дар асри Ҳишом ибни Абдулмулк, дар қисмати фиқҳ (ки аз мушкилтарин бахши илми илоҳиётшиносӣ, яъне, илми Калом аст ва дар заминаи ин илм шакл гирифта аст, С.Б.Б). мардуми ғайриараб (ба хусус тоҷику Форс) дорои фазилати ба дараҷаи аввал буданд ва ҳикоятеро нақл мекунад, ки аз он метавонем фазилати Аҷамро бар Араб, аз нигоҳи фақоҳат тасдиқ намоем. Вай гӯяд: - Атоъ аз падараш ривоят намуда, ки назди Ҳишом ибни Абдулмулк, дар расофа дохил шудам, вай гуфт:

- Эй Абдулатоъ, роҷеъ ба уламои сарзамини исломӣ маълумот дорӣ?!

Гуфтам: - Бале, эй амиралмӯъминин!

Гуфт: - Фақеҳи Мадина кист?

Гуфтам: - Нофеъ - ғуломи озодшудаи ибни Умар.

Гуфт: - Фақеҳи Макка кист?

Гуфтам; - Атоъ ибни Абӯрабоҳ.

Гуфт: - Арабӣ аст ё Аҷамӣ?.

Гуфтам: - Аҷамӣ аст.

Гуфт: - Пас фақеҳи мардуми Яман кист?

Гуфтам: - Товус ибни Кайсон.

Гуфт: - Арабӣ аст ё аҷамӣ?

Гуфтам: - Аҷамӣ аст.

Гуфт: - Фақеҳи мардуми Ямома кадом касе аст?

Гуфтам: - Яҳё ибни Касир.

Гуфт: - Арабӣ аст ё Аҷамӣ?

Гуфтам: - Аҷамӣ аст.

Гуфт: - Пас фақеҳи мардуми Шом кадом шахсе аст?

Гуфтам: - Макҳул.

Гуфт: - Вай Арабӣ аст ё Аҷамӣ?

Гуфтам: - Ӯ Аҷамӣ аст.

Гуфт: - Фақеҳи мардуми Ал-Ҷазира кист?

Гуфтам: - Маймун ибни Маҳон.

Гуфт: - Арабӣ аст ё Аҷамӣ?

Гуфтам: - Аз Аҷам.

Гуфт: - Пас фақеҳи Хуросон кист?

Гуфтам: - Заҳҳок ибни Мазоҳим.

Гуфт; - Арабӣ аст ё Аҷамӣ?

Гуфтам: - Аҷамӣ мебошад.

Гуфт: - Пас фақеҳи мардуми Басра кист?

Гуфтам: - Ду нафаранд эшон - яке Ҳасан ва дигаре ибни Сайрин.

Гуфт: - Арабианд он ду ё Аҷамӣ?

Гуфтам: - Ҳарду ҳам Аҷамӣ ҳастанд, яъне, Форсиасл.

Гуфт: - Пас фақеҳи мардуми Кӯфа кист?!!!

Гуфтам: - Иброҳим Ан –Нахъӣ.

Гуфт: - Ин фақеҳ Арабӣ аст ё Аҷамӣ?!!!

Гуфтам: - Бале Ӯ Арабӣ аст.

Гуфт: - (бо овози хаста ва пурҳаяҷон): - Агар аз як тан Арабӣ ном намебурдӣ наздик буд, ки бимирам!

... Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) бо он, ки насабан аз аҷамӣ буд, аз нигоҳи аҷамӣ будани маҳал эътироз намебошад ва танҳо дар як ноҳияи улуми динӣ ва арабӣ тахассус надошт, балки қабл аз фиқҳ донишманди барҷастаи калом (аз вожаи арабӣ буда, ба маънии «калима» ва «нутқ» аст, ки ба ҳайси ифода ё истилоҳи динии- фалсафӣ ва ё илмӣ истифода мешавад ва возеҳтар «-шохаи илоҳиётшиносии исломӣ ё худ мусалмонист, ки барои асосноккунии таълимоти динӣ, ба далелҳои мантиқи шаклӣ истинод меоварад, С.Б.Б). ва қабл аз нусуф, донишманди бузурги фиқҳ буд ва ин, ки мегӯянд; маълумоти вай дар адаби арабӣ ночиз буда... Ин моҷарои бе асос ва бе мантиқи душманон ва бадхоҳону бадгӯёни ӯст (бале, ба хосу ом маълум аст, ки Ҳазрати Имоми Аъзам (р) донои замон буданд ва нобиғаи ҷаҳон, зеро ки ӯ тамоми илми замони худро аз худ карда буд ва ба ҳама маълум аст, ки

www.kitobam.com

модари ҳамаи илмҳо забон, яъне, фанни улуми адаб аст, забони арабӣ забони Қуръони маҷид аст ва баҳри ҳурмати «Каломуллоҳ» Ҳазрати Имом забони арабиро хеле аъло фаро гирифта буд ва ба қавле аз ҳафтсолагӣ, дар боби илми фиқҳ ва калом бо уламои давр баҳс мекард ва ба забони арабӣ хеле олӣ ҳарф мезад, ки ҳам тарзи баёни ӯ ва ҳам заковати ӯ уламойи давр, аз ҷумла Иброҳими Нахъӣ ва устодаш Ҳаммоди Абӯсулаймонро дар тааҷҷуб андохта буд, ва далели аз ҳама возеҳ ва ба иборае - ба нобино асо ин аст, ки Имоми Аъзам (р) соҳиби теъдоди зиёди асарҳои бузургу оламшумулест, ки дар риштаи мушкилтарин илмҳо, яъне, илми адаб, фиқҳ ва калом бо баландтарин ва гуворотарин сабки нигориши забони арабӣ, навишта ва эҷод шудаанд ва дигар ин, ки Имоми Аъзам (р) аз тобиъин буданд, яъне, ҳамсӯҳбат бо саҳобаи киром (р), С.Б.Б,).

... Ончи гуфтем натиҷаи мутолиоти осори муҳаққиқин, дар бораи ватани аслӣ ва обойии Имоми Аъзам (р) аст ва далолати возеҳ дорад бар ин, ки мақсуди онҳо «Кобул» - Кобули имрӯзӣ, яъне, пойтахти Афғонистон набуда, балки минтақаи аз Кобул, ки муаррихин аз он ёдоварӣ кардаанд, нисбат ба Кобули имрӯзӣ васеътар ва иборат аз минтақае буд, ки дар ҷавор (ҳамсоягӣ, наздикӣ) -и Ғазнаи бостонӣ мавқеият дошт ва манотиқи байни Тахористон ва Ғазна, умуман ба Кобул таъбир мешуд, бинобар ин Кобул он вақт шомили шаш вилояти имрӯзӣ буд, ки Парвон низ шомили он ва дар шимоли Кобули имрӯза, ба фосила тақрибан 64 километр мавқеъият дорад ва Имоми Аъзам Абӯҳанифа ибни Хоҷа Собит Марзбон ибни Завтӣ Ал-Форсӣ Ал-Кобулии Кӯфӣ, ба ҳамин вилоят мансуб буда ва қария (деҳа)-е ки падарони Имом дар он мезистанд, дар қисмати ҷанӯбӣ-ғарбии шаҳри Чораккорон, дар домони кӯҳе воқеъ аст, ба Бомиён-минтақаи торихии дар ҷаҳон беназири Афғонистон (дар омади сухан, он

ҷо осорхонаи кӯҳии азими меъмори ва ҳайкалтарошиест, ки аз ниёгони басо қадимиамон, ба ёдгор мондаанд ва он маъбаду буту санамҳои нодирамеъмориву нобиғакорие, ки зиёда аз панҷ ҳазор сол ба ин ҷониб бегазанд боқӣ монда омадаанду ба онҳо на мақдунӣ осебе расонду на аъробӣ ва на шӯравӣ нест карду на ҳафтоду ду миллат, балки имрӯз аз дасти иддае аз «муҷоҳиддин»-и дар асл ғуломи ғаправу гумроҳи англисиву амрикоӣ... хатари нестшавӣ дора-ду аз таҳдиди нафаси иддае аз «Авлиёъҳои охируззамон» хатари аз байн рафтан дорад... Охир чи ҷои вазнинист, ки бояд меъморихову ёдгориҳои таърихӣ вайрон карда шаванд? Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки дар марзи муқаддаси Арабу Аҷам ва дар тамоми манотиқи ҷаҳон хушбахтона ҳазорҳо намуди ёдгориҳои қудсиву таърихии гузаштагони мо-имрӯзиён боқӣ мондаанд, ба мисли «Каъба»-и шариф, «Байт-ул-муқаддас», «Дидбон»-манораи Афғонистон, «Аҳром»-ҳои Миср, катибаҳои сангин ва меъморихои Эрон ва «Тахти Ҷамшед», театрҳову майдонҳои варзишии Юнону Рум; меъморихои нотакрори кишварҳои Аврупо, Русия ва Ҳинд («Тоҷмаҳал» ва ғайра)-у Чин, Осиёи Марказӣ ва ғайра мислуҳум).

Аз ёдгориҳои буддоии Бомиён ба мо ягон суд ва зиёне нест, вале ба хотири он, ки ёдгории таърихист ҳифз бояд кард. Ҳазорсолаҳо бегазанд пой бар ҷо будаанд, бигзор боқӣ бимонанд. Шармандагист, ки мо бо бензини аҷнабиён ва фатвои онон, гузаштаи худ ва ошёни худро оташ мезанем.

Инкори таърих гуноҳе азим аст. Шикастани бутҳои хонаи «Каъба»-и шариф розе, дигар ва асроре дигар аст, яъне, мо бояд танҳо ба маъбуди барҳақ саҷдаву ибодат кунем, яъне, ба Аллоҳ ва на ба сангу чӯб ва сурату ҳайкали беҷон. Имрӯз, ки анқариб нисф аз зиёди мардуми олам мусулмонанд ва ба Худои воҳид имон доранд, ҳоҷате ба «ихтироъ»-у «навовариҳо» нест. Ҷаҳонро бо илму заковат, роҳнамои

www.kitobam.com

Қуръони Маҷид, суннати Паёмбар (с), ихтироъкориҳои бузург дар илму техника, одаму одамгарӣ, шинохтани асли худ, давлату давлатдорӣ фатҳ бояд кард, на ба асойи чӯпонӣ!

... Аввал маданияту маърифати ҷомеъаро билкулл бояд баланд бардошт; дуввум дар ҷодаи иқтисодиву сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ табаддулоту навовариҳои хуб ба вуҷуд бояд овард ва он гоҳ баъд «фалакро сақф бишкофему» баъд дар он «тарҳи нав дарандозем» ҳам мешавад. Чизи дигар ин аст, ки нахуст бояд дӯстро аз душман фарқ бояд кард ва ҷангандозу фитнаангезонро бояд шинохту дӯсти меҳрубонро, то ки худ ба чоҳи кандаи худ наафтем ва бо умеди «ватанхоҳӣ» ва «ватандориамон» аз Ватани нақд маҳрум нагардем (мисли он, ки имрӯзҳо теша ба решаи авлотарин мазҳаби Ислом – мазҳаби муҳаззаби ҳанафияи Имоми Аъзам (р) зада истодаанд).

Эҳтироми таърих эҳтироми волидон аст. Ба гузашта ба чашми неку ибратбахш бояд нигарист, ки таърих моро намебахшад. Тамоми қавмияту халқияту миллатҳоро аз гузаштаи таъриху фарҳангаш мешиносанд. Ва ба қавли пешвойи мардуми Доғистон ва Қафқоз-нависанда ва адиби оламшумул Расул Ғамзат: «Агар ба гузашта аз таппонча (хурдкамон) тир парронӣ, оянда ба ту аз тӯп тир (гулӯла) хоҳад парронд!» С.Б.Б). мунтаҳӣ мегардад. Бомиён ҳовии осори беназири таърихии чандин қарн қабл аз Ислом аст, ки мавқуфи таърихии сарзамини Афғонро тасбит мекунад ва як силсила осори қадими буддоӣ дар он- вуҷуд дорад». 47.16-27.

ДАР БАЁНИ РАСИДАНИ АМОНАТИ ҲАЗРАТИ РАСУЛУЛЛОҲ /С/

Овардаанд, ки баъд аз вафоти Ҳазрати Расул /с/ дар ҳар соле саҳобаи гиромӣ Анас ибни Молик /р/ ба сафари Қибла мерафтӣ ва бар дари хонаи Каъба биёмадӣ ва нишастӣ ва

аҳодиси Ҳазрати Расул /с/ баён кардӣ. Абӯҳанифа /р/ дар он вақт хурдсол буд. Вақте шуд, ки падари вай ӯро бо худ ба сафари Қибла бурд зеро он сол Ҳаҷҷи Акбар буд. Чун ҳаҷҷи Ислом ба ҷо оварданд, Абӯҳанифа /р/ анбӯҳеро дид, ки бар дари хонаи Каъба. Аз падар пурсид, ки бар дари Каъба чи анбӯҳе аст? Падараш гуфт: Ёрест аз ёрони Расул /с/, умри фаровон ёфтааст ва дар хидмати Рисолатпаноҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам будааст.

Ҳар соле меояд ба дари хонаи Каъба, аҳкоми шаръӣ ва аҳодиси Расул /с/ баён мекунад. Абӯҳанифа /р/ падарашро гуфт:

- Маро ба ҳаво бардор, то рӯи мубораки ӯро бубинам. Падар вайро дар ҳаво кард. Анас ибни Молик /р/-ро, бидид, валекин суханони ӯро намешунид. Падарро гуфт:

- Маро дар маҷмаъа андоз, то пеши ӯ фуруд оям. Падараш вайро дарандохт. Пеши Анас /р/ фурӯд омад. Анас /р/ нигоҳ кард кӯдакеро дид дар пеши худ. Анас /р/ Ҳадиси Ҳазрати Расул (с) ба хотир оварду дарҳол гуфт: Ту кистӣ?

Гуфт:

- Ман як кӯдакам аз мӯъминон.

Гуфт:

- Номи ту чист?

Гуфт:

- Нӯъмон ибни Собит.

Гуфт:

- Кунияти ту чист?

Гуфт:

- Абӯҳанифа.

Гуфт:

- Мавлуди ту аз куҷост?

Гуфт:

- Аз Кӯфа. Пас Анас /р/.

www.kitobam.com

Гуфт:

- Эй мӯъминон бағалҳои маро бигиред ва маро баланд бардоред.

Бағалҳои вайро гирифтанд вайро бархезониданд, гуфт (бо дидагони пурсиришк):

- Эй аҳли арафот ва ҳоҷиён! Шумоён гувоҳ, бошед, ки ман амонат ва саломи Расул /с/-ро бад-ин кӯдак мерасонам. Ва амонат берун кард ва ба ӯ (Абӯҳанифа) дод.

Ва як ривоят ин аст, ки Анас /р/ ба Иброҳими Нахъӣ /р/ дод, Иброҳими Нахъӣ /р/ ба Ҳаммод ибни Абӯсулаймон /р/ дод ва Ҳаммод /р/ нигоҳ дошт, то ба рӯзгори Абӯҳанифа /р/, он гоҳ ба вай таслим кард... 63-15-16.

Имом Ҳаммод /р/, дар болои минбар амонат бар вай дод, Имоми Аъзам /р/ бихӯрд ва дарҳол дарёи илм дар вуҷудаш ба ҷӯш омад. 63,15-16

Ва хуш аст, агар аҳли назар, қиссаи «ба дидори мубораки саҳобаи муаззам Анас ибни Молик/р/» мушарраф гардидани Абӯҳанифаи хурдсолро аз забони орифи шӯрида ва маҷнуни боргоҳи Илоҳӣ пирам Ҳазрати Мавлавӣ Ҷунунӣ - Сайид Мавлавӣ Қаландаршоҳ ибни Шоҳ Соҳиб – Мутав. соли 1216 ҳ.қ., мутобиқ ба соли 1800 мелодӣ, дар қарияи Пушанги вилояти Қандаҳори Давлати Исломии Афғонистон ва мутаваффии соли 1295 ҳ.қ., мутобиқ ба соли 1877 мелодӣ, дар синни 77 солагӣ, дар қарияи Роҳатии ноҳияи Ваҳдати Ҷумҳурии Тоҷикистон, олим ва шоиру орифи машҳури асри XIX-и тоҷик) бихонанд, ки эшон қиссаи пурсӯзу гудоз ва пур зи рамзу рози мазкурро дар девони кабирашон- «Маъданулҳол» (таърихи таълифи китоб соли 1269 ҳ.қ... мутобиқи 1852 мелодӣ аст) басо олӣ, дурдонавор, ба риштаи заррини назм кашидаанд, ки чунин аст:

ВОҚЕАИ ҲАЗРАТИ ИМОМИ АЪЗАМ/Р/

ВА БА ТАВОФИ КАЪБА РАФТАНИ Ӯ

Бигӯям қиссае аз Бӯҳанифа,
Зи қисса ҳиссае хоҳам вазифа.
Ба «Ҳач» Нӯъмону Собит бо зиёрат,
Ба ҳам рафтанд бо соҳиб басорат.
Зиёрат кард ҳарду «Байт»-и Раб-ро,
Бачо овард қонуни адабро.
Ба «Каъба» дид Нӯъмон ҷамъи касрат,
Шуда анбӯҳ аз баҳри зиёрат.
Бидид нуронӣ марде дар миёна,
Ба дидан гарму ширин ошиқона.
Бигуфто «Эй падар, чун аст ин ҷамъ,
Чи шахс аст он каси нурона чун шамъ?!
Бигуфташ: «-Ӯ зи асҳоби Расул/с/ аст,
Анас ном асту аммо зулфузул аст.
Ки ҳар соле ба тавфи Каъба ояд,
Ба мардум аз ҳаводис лаб гушояд.
Халоиқ бар самоъи қавли Аҳмад,
Зи ҳар сӯ ҷамъ меоянд бе ҳад».
Маро, гуфт: «-Эй падар, боло бибардор,
Гузорам, назди он дунёи ахбор!»
Хавоӣ чун варо боло бардошт,
Ба пеши он саҳоба зуд бигзошт.
Бидид Нӯъмони Собитро ба як бор,
Ба ёд омад Ҳадиси шоҳи Аброр.
Анас гуфт: «Эй писар гӯ номи Худро,
Ба ман гӯ маскани ороми Худро?!»
Бигуфто: «-Ибни Собит, ном Нӯъмон,
Ба куният Бӯҳанифа шоҳи сибён.
Ба сайри ломакон, аз аҳли Кӯфа,
Муаллим бар дақиқӣ ҳар ҳурӯфа,»
Анас гуфт: «-Эй, гурӯҳи Байти Аъло,

www.kitobam.com

Маро бар фавқ бардоред боло!»
Анасро ҳам ба фавқ бардошт он ҷамъ,
Баромад бар сари он ҷамъ чун шамъ.
«-Гувоҳ, бошед! Гуфто: эй халоиқ,
Ки ин кӯдак ба мазҳаб ҳаст лоиқ:
Саломи Аҳмади мурсал расондам,
Луобашро ба коми ин чакондам.
Шудам ман фориғ аз ҳифзи амонат,
Биҳамдуллоҳ, нашуд аз ман хиёнат!»
Касеро, ки зи лутфи худ Худо дод,
Насиби ҳар диле ӯро ато дод.
Ба сӯи бандае гар ӯ кунад қаҳр,
Ба комаш шаҳди гетӣ мешавад заҳр!
Ба домони карам дасти талаб зан,
Майи тавҳид басе шиша ба лаб зан!
Худоро ёфтӣ, гул шуд мусаллам,
Ту эй ҷуз ёфтӣ гулро, махӯр ғам!
Шавӣ эй қатра гар побӯси Уммон,
Кунӣ пур гавҳари мақсуд домон!
Ба ҷону дил биҷӯ, зинҳор дарёб,
Биёбӣ гавҳар аз ин ганҷи гирдоб!
Агар ту лаззати ваҳдат биёбӣ,
Аз ин лаззоти фонӣ рух битобӣ!
Зи шарбатҳои Субҳонӣ кунӣ нӯш,
Шавад найранги ин фонӣ фаромӯш!
Биҷӯ ин шаҳдро, кам гӯ зи Кавсар,
Шароби васл зи оби хулд беҳтар!
Ба зиндон бошӣ, эй мурда, шавӣ ҳай,
Миён бандӣ ба доги нола чун най!
Ту эй, олуда сӯи пок биштоб,
Барои покии дил сайқале ёб!
Ба як нӯшаш шавӣ сармасти он Ҷом,

Ки масти Ҳақ раҳад аз қайди ҳар дом! 60. -186. -188.

Ин аст, эй азиз, қиссаи пурҳикмати асрори олами-ғайбӣ. Ба қавле дигар Анас ибни Молик /р/ бо шафоъат ва баракати дуъо ва лафзи мубораки Ҳазрати Муҳаммад /с/ умри тӯлоние дид, рӯзгори Абӯҳанифаро дарёфт ва дар назди хонаи «Каъба», ба амри Илоҳӣ бо Абӯҳанифаи хурдсол ва падари ӯ Хоҷа Собит шинос шуд, ки он ҳарду ба зиёрати хонаи Худо ва адои Ҳаҷ, омада буданд, ки он сол «Ҳаҷҷи Акбар» буд, яъне, рӯзи ҷумъа ва дар шоҳидии ҳоҷиёни арафот Анас ибни Молик/р/ саломи Расул /с/-ро ба Абӯҳанифа расонид ва амонати шарифи он Ҳазрат/с/-ро ба ӯ бахшид...

Сафари «Меъроҷ»-и Паёмбар /с/ ва «Ҷароғи уммати ман» гуфтани Расул /с/ Имом Абӯҳанифа /р/-ро, ки барҳақ аст, Шайх Аттори Нишопурӣ /р/, дар «Хусравнома»-и худ чунин алфози малакутиро перумони ин сафари олами қудсӣ, ба забони муборак овардаву нигошта, ки:

«Ҷаҳонро ҳам Имому ҳам Халифа,
Гиромӣ донӣ, илло Бӯҳанифа.
Ҷаҳони илму дарёи маъонӣ,
Имоми аввалу, Луқмони сонӣ.
Агар аъдои дин бисёр ҷамъанд,
Зи кори Бӯҳанифа сар чу шамъанд.
«Чароғи уммат» омад он сарафроз,
Чароғе, к-ӯ адуро мекунад гоз.
Чу дар дини Муҳаммад доди дин дод,
Муҳаммадро чунин буду чунин дод.
Агар дар фиқҳ сад ҷомеъ кабир аст,
Зи як шогирд-ш он ҷомеъ сағир аст.
Муҷҷарад шав, агар кӯфишиорӣ,
Барафшон чун «алиф» чизе, ки дорӣ.
Раҳи кӯфит мебояд, равон шав,
«Алиф» донӣ, ту боре ҳамчунон шав». 31.-34-36.

www.kitobam.com

www.kitobam.com

ПАРВОЗ БА ҚУЛЛАҲОИ ОРМОН
(Муҳит ва ҳаёти илмии Имоми муаззам раҳамуллоҳ).

Тавлид ва туфулият (кӯдакиву навҷавонӣ)-у умри бобаракати Ҳазрати Абӯҳанифа/р/ дар даврони хилофати Абдулмулк ибни Марвони уммавӣ-хилофати оли уммавиёни араб, дар шаҳри Кӯфаи Ироқ гузашта аст ва дар давраи хилофати бани Аббоси араб ва эронитабор, яъне, Халифа Мансури Аббосӣ...

Гавҳари илҳому дарёи каромоти Худодод, ки дар ниҳоди Абӯҳанифа /р/ Нӯъмон ибни Собит ибни Марзбон ибни Қайс /р/ ҷӯш мезад ва шоҳини ҷавону тезчангро, ки ҷӯёи мурғи маънӣ буд, омодаи парвозҳои дӯродур, ба фарози қуллаҳои аҳдофу ормон мекард...

«Абӯҳанифа нозири як силсила ҳаводиси асри уммавӣ ва аббосӣ буд, зеро нимаи аввали навҷавонии зиндагонии илмиашро дар сояи давлати хонадони уммавӣ ва нимаи дигарро дар асри аббосӣ сипарӣ намуд ва бо пайравони фирқаҳову мазоҳибу ақоиди мухталиф, ки дар сарзамини Ироқ зиндагӣ ва фаъолият доштанд ҳамаср буд. Сарзамине, ки ба тарбияи мардони равишҳои мухталифи динӣ ва сиёсӣ шӯҳрат дошт. Имоми Аъзам дар ин вақт таъсири мутақобилаи маданияти исломӣ ва ачнабиро эҳсос мекард». 47.- 42.

Ироқи онвақта, ки яке аз гӯшаҳои тараққиёфтаи марзи исломӣ буд, ба як маркази тамаддунҳои мухталиф табдил ёфта буд. Имоми Аъзам Абӯҳанифа аз овони хурдсолӣ сар карда, аз фарҳанги тамаддунҳои юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ, яҳудӣ ва эронӣ, яъне, форсӣ, ба хубӣ огоҳӣ ёфт ва аз хирмани файзбори маънавиёти ҳар як аз ин марзи тамаддунҳо (ба хусус аз таърих ва илму адаби фарҳанги форсӣ, ки худ намояндаи он маҳсуб мешуд С.Б). хушае баргирифт.

«...Абӯҳанифа (чуноне, ки гуфта шуд) дар асри Абдулмулк ибни Марвон-халифаи уммавӣ ба дунё омад ва дар асри вилояти Ҳаҷҷоҷи Сақфӣ, ки волии Ироқ буд, ба ҷавонӣ ва рушд расид ва давраи хилофати халифаи одил ва басо фозил Умар ибни Абдулазиз мусодиф бо давраи ҷавонии Имом буд. -Билохира ӯ нозири сарнавиште низ буд, ки уммавиён ба он мувоҷеҳ шуданд.

Имом бо Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб /р/ ва бародараш Иброҳим/р/ муосир буд ва шӯриши онҳо алайҳи ҳукмравойии Абӯҷаъфари Мансур-халифаи аббосӣ, дар ҳамон аср судат гирифт. Иллати шӯриши мазкур ин буд, ки Аббосиён дар ибтидои марҳала мардумро ба пуштибонии худ, ба Ибни Унвон, ки хилофатро барои алавиён (хонадони Ҳазрати Алӣ разиаллоҳ) мехоҳанд, даъват мекарданд ва чун якҷоя уммавиёнро аз саҳнаи сиёсат ва раёсат бубардоштанд, қудратро худ ба даст гирифтанд. Ин ҳаводиси сиёсӣ бо рӯйи кор шудан масойили каломӣ ва ихтилофи фарқаҳои исломӣ, дар он аср аз муҳимтарин авомиле буд, ки таваҷҷӯҳи Имомро ба сӯи худ кашида буд».47.-42.

Бале, Имом Абӯҳанифа дар ибтидо шомил ба фирқаи аҳли калом буд ва умед дошт, ки аз баракати афкори аҳли калом дар ҳалли бисёре аз масойил ба манзиле хоҳад расид. Аммо худ шоҳиди он гашт, ки фирқаи бузурги динӣ - фалсафии бо ном аҳли калом, ки корашон ба ҷуз ишғоли ҳокимияту ҷоҳу ҷалол ва насаббозӣ дигар чизе нест ва ҷудоиандозист ва бори «фирқаи калом»-ашон кач асту ба манзил нарасиданист, зуд аз ин роҳ баргашт ва худ мустақилона ва бо шуҷоати тамом мардона қадам ниҳод ва тавассути шоҳроҳи мурод-илми Калом ба ҷустуҷӯи ҳалли масойили мубрами иҷтимоие, ки барои мардум муфид асту Қуръон ҳидоят менамояд ва шариати ғурройи Муҳаммадия /с/ ҳам ҳамонро тақозо

www.kitobam.com

мекунад, қадам ниҳод. «Ва возеҳ аст, иштиғол ба мавзуоти каломӣ бидуни ин, ки инсон аз улуми динӣ, ба кадри иқтазойи илми Калом баҳрае дошта бошад, имкон надорад ва аз ин рӯ, маълум мешавад, ки Имоми Аъзам доройи истеъдод ва нишоти илмӣ буда, вале қабл аз интиқол ба фиқҳ, ба илми Калом таваҷҷӯҳи бештаре дошт. Устодони Имоми Аъзам (дар Ҳадис) чаҳор ҳазор нафар, аз тобеиъин нишон дода шуда, ки аз он ҷумла Лайс ибни Саъд ва Молик ибни Анас - Имоми Мадина аст...».47.-50.

Ва билкул ғалат аст, андешаи он муҳаққиқоне, ки каломро як роҳе мепиндоранду фиқҳро илме дигар. Илми фиқҳ он риштаи илми ҳукуқ ва илоҳиётшиносист, ки маҳз дар заминаи илми калом сабзида расидааст. Илми фиқҳ тарошае нест, ки аз боми фалак афтода бошад. Бинобар ҳамин Имом Абӯҳанифа (р) ба гуфтаи муҳаққиқи варзидаи ҷабҳаи каломии Имоми Аъзам, устоди фозил Иноятуллоҳи Иблоғ»... ва ӯ равиши хосеро (бо амри имону виҷдон) барои мусалмонон пайрезӣ менамуд ва ҳақро бо чеҳраи воқеиаш, ба мардум муаррифӣ мекард. Аз ҳамин ҷост, ки мулоҳиза мекунем, Имом дар паҳлӯи равиши хоси каломии худ доройи равиши хоси сиёсӣ низ буда».47.-43

Бале, ҳаводиси сиёсӣ ва кашмакашҳои хонадонӣ ва задухӯрдҳои хулафойи Уммавӣ ва Аббосӣ, сабабгори он шуда, ки Имом Абӯҳанифа назариёти сиёсии хешро дар асоси такя ба Қуръон ва Ҳадис, ба мардум ва ҳамчунин ба гурӯҳҳои мухолиф баён созад. Барои амалӣ гаштани ин ниятҳои басо нек ва ҷомеъасоз, Имомро зарур буд, ки аз рӯи Каломуллоҳ, яъне, Қуръони Маҷид ва аҳодиси Расули акрам /с/, равиши осонеро барои мардум муайян созад, ки ҳам ба мардум мақбул бошаду ҳам ба аҳли хос. Бинобар ҳамин Имом Абӯҳанифа /р/ назар ба баёни назариёти хеш, дар ҳикмати калом, бештар ба ҳалли масойили ҷабҳаи фиқҳӣ доштаи он

машғул шуд, то ки ба иборае, як консепсияи роҳнамои ҷомеъасози хоси худро созмон диҳад, ки он битавонад дархӯри тамоми фирқаву мазоҳиб ва гурӯҳҳои сиёсии билоди исломӣ гардад. Ва маҳз ин ниятҳову ормонҳои ҷомеъасоз ва башарбунёду башарободу башардӯстонаи Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ сабабгори он шуда, ки ӯ битавонад дар умри бобаракати худ рисолаҳои бузурги каломии хеш ба монанди «Ал-фиқҳ ал- акбар» («Фиқҳи акбар»), «Ал-фиқҳ-ал-абсат», «Ал-олим-вал-мутааллим», «Рисолаи Абӯҳанифа ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ -Имоми Басра», «Ал- Муснад»-и шариф ва «Ал-васият» (ё худ «Васиятномаи Имом Абӯҳанифа»)-ро рӯи коғаз биоварад, ки тамоми дороиии ӯ сарфи ин корҳои наҷиб гашта буд. Бинобар ҳамин ӯст, яъне, Имом Абӯҳанифа, машҳур дар олами Ислом, бо номи Имоми Аъзам /р/ ва пешвойи муҷтаҳиддин ва сирочи уммати Расулуллоҳ (с).

Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ аз оилаи сарватманд буд ва падари хирадманди ӯ Хоҷа Собит аз рӯи суннат сараввал назди устоди фунуни адаб ва балоғат бурд, ӯ ин улумро аз бар кард. Баъд мутаваҷҷеҳи улуми динӣ, иҷтимоӣ ва мантиқу калом ва ҳикмат гашт ва дар муддати кӯтоҳ кулли илми асри хешро фаро гирифт, яъне, аз қабили илми калом, фиқҳ (фиқҳи ибтидоӣ ва олӣ) тавҳид, сарфу наҳв, луғат, тафсир ва қироъату ҳифзи Қуръони Маҷид, ҳикмати Қуръон ва ҳикмати аҳодиси Паёмбари гиромӣ (с), ҳифзи ҳадис, илми тиб, лисони арабӣ ва ғайра мислуҳум. «Устодаш Шуъубӣ (р) маҳорати Абӯҳанифаро дида ба ӯ гуфт:

-Ман дар вуҷуди ту бедорӣ ва ҳаракати ғайбиро мулоҳиза мекунам, бояд илм ва тафаккурро аз даст надиҳӣ!» 63.-15-16.

«-Бо он, ки Имоми Аъзам бо уламо камтар ихтилоф мекард, вале асари заковат дар симояш машҳуд буд, аз он рӯ Шуъубӣ ӯро ташвиқ кард. Аз моҷаройи ӯ ва Шуъубӣ маълум мешавад, ки Имом дар аввал марҳала ба илми калом дастрас

www.kitobam.com

ва алоқа дошт ва Шуъубӣ хост ӯро бештар роҳнамоӣ кунад, зеро Имом бо вуҷуди ин, ки бо дигар уламо ихтилоф намекард, аз худ равиши хоси фикрӣ ва қудрате дошт, ки метавонист, ки бо табақоти мухолиф ва пайравони мазоҳиби ботила мунозира кунад, то ҷое, ки Шуъубӣ ин истеъдоди ӯро дарк кард» . 47.-50.

Хулоса, ки Имом Абӯҳанифа (р) тамоми улуми ройиҷи асри хешро ба қадри зарурӣ фаро гирифт ва ҳаёти моддӣ ва амалии худро ба тиҷорати матоъ оғоз кард ва бо вуҷуди иштиғол бо ин кор шуғли илмии худро аз даст надод ва «Дил ба ёру даст ба кор» буд. С.Б.Б.,) ва бештар таваҷҷӯҳи вай ба илми калом (ин лафзи арабӣ буда, маъниаш «калима», «сухан» ва «нутқ» аст; илми мазкур илми илоҳиёти назариявии мусалмонист, ки барои асосноккунии таълимоти динӣ, ба далелҳои мантиқи шаклӣ истинод меоварад, ҳамчунин аҳли каломро мутакаллимун ва мунтакаллим низ мегӯянд (С.Б.Б.;) ва таҳлили назариёти фирқаҳо ва асҳоби мухталифе буд, ки дар қарни аввали ҳиҷрӣ, зуҳур намуда буданд». 47.-49.

Ҳазрати Абӯҳанифа аз хурдсолӣ маълумоти кофие оиди улуми иҷтимоӣ пайдо кард, Қуръон ва забони арабиро хуб омӯхт ва аз он болидахотир буд, ки шунидани сӯҳбатҳои пурҳикмат ва қудсиёнаи се тан аз охирин асҳоби Паёмбари гиромӣ(с), яъне, Анас ибни Молик (р) Рофеъ ибни Хадич (р) ва Абдуллоҳ ибни Ҷазия (р) насибаш гашта буд, 49.-11. Дар оилаашон ҳама ба тоҷикӣ-форсӣ такаллум мекарданд. Муҳити зист ва вазъи Ироқи онрӯза (пойтахти хилофати Аббосиён соли 132 ҳиҷрӣ (740м) шаҳри Бағдод интихоб шуд, хулафои суннии уммавӣ бошанд, ба ҷои Мадина шаҳри Димишқро пойтахти хилофати худ қарор дода буданд), ки пешравии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ, дар он ба назар мерасид, аксари аҳолиро низ ва ба хусус

сарватмандонро ҳам, ба шуғли илму дониш ва ҳунармандӣ водор менамуд. Дини Мубини Ислом муҳаррики ба ҳаракатдарорандае буд, барои пешравиҳову пирӯзиҳои пайдарҳамӣ, дар пешравӣ ва дигаргуншавии вазъи иқтисодиву сиёсӣ ва илмиву фарҳангии хилофати исломии уммавия ва абоссӣ. Дар ин давра байни гурӯҳҳо ва фирқаҳову табақоти динии онвақта баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ доир мегардид. Имом Абӯҳанифа (р) - он дарахти пурсамар ва пурбору пуртавозӯъ ҳамеша шоҳиду иштирокчии баҳсу мунозироти доманадори динӣ ва фалсафӣ, байни намояндагони фирқаҳои гуногун буд. Баъдтар барои иштирок дар чунин баҳсҳо (ин кабки сармасти дарӣ) зиёда аз 20 маротиба, аз Кӯфа ба Басра сафар кардааст. Ва дар ҳар сафари худ як сол ва камтар аз он дар Басра мемонд. Бо намояндагони мазоҳибу фирқаҳои каломӣ ва гурӯҳҳову ҷараёнҳои динии замонаш, ба мисли азрақия (фирқаи охири асри VII-дар Ироқ ба вуҷуд омад, бо роҳбарии Нофия ибни Ал-Азрақ). Наҷдия (дар байни 73 фирқа худро биҳиштӣ меҳисобиданд; аз рӯи ҳадиси Паёмбар (с), шиъиён (дар асоси назариёти Ҳазрати Алӣ (р) ба вуҷуд омад, яъне, назариёти фирқаи аҳли байт) сабъиён, кайсония, зайдия, имомия (шиъайи имомия, ки мӯътақид ба ҷонишинии Ҳазрати Алӣ, баъди Паёмбар (с) мебошанд), ҷабрия, мӯътазилия, мурҷиъа ва табақоти хориҷ, аз қабили; абозия, суфрия,(дар охири асри VII- дар Басраи Ироқ ба вуҷуд омад, асосгузораш Зайд бинни Ал-Асфар) ва ғайра баҳсу мунозираҳои шадид мекард ва фатвои эшонро ботил мебароварда. Дар ибтидои ҳаёт Ҳазрати Имом Абӯҳанифа (р) илми каломро хуш пазируфта буд ва гумон дошт, ки тавассути ҳикмати калом метавон ба кулли суолҳои ҷомеъаи инсонӣ ҷавоб ёфт, аммо ин ақида аз ҷониби худи Имом Абӯҳанифа (р) ботил карда шуд. Аз ҷумла худи Имом Абӯҳанифа (р) чунин қайд карда:

www.kitobam.com

Дар он ҷо (яъне, дар ҳавзаи Басра, С.Б.Б). иқомат меварзидам, дар ин муддат бо табақоти хориҷ, аз қабили абозия, суфрия ва ғайра мунозира кардам. Ман дар собиқ илми каломро беҳтарин улум мешуморидам ва мегуфтам, ки ин илм аз асл ва решаи дин баҳс мекунад (ин аст хулосабарории бузурги Ҳазрати Ҳаким Имом Абӯҳанифа (р) С.Б.Б)., вале пас аз он, ки умреро дар ин роҳ сарф кардам, аз мафкураи сардарпечу ба решу бун баргаштам». 97.13., Ҳаким Имом Абӯҳанифа (р) низоъи беасосу ҷоҳилонаи намояндагони мазоҳиби замонашро бад медид, ӯ муваҳҳид ва устоди фақеҳу ягонаи асри худ буд. Вале инро ҳам инкор намекард, ки ҳақиқат зодаи баҳс аст. Ҳикмати мазҳабии ин фақеҳи кабиру Имоми шаҳир ба илми тавҳид -, Қуръони маҷид, Сунна - Ҳадисҳои Ҳазрати Муҳаммад (с) ва иҷмоъ (афкори ҷамъи асҳоби Паёмбар(с) ва афкори фуқаҳо ва уламои ҳанафӣ такя мекунад ва эҳтиром медораду медоранд мӯъминони ин мазҳаби беназир, чаҳор ёр, чаҳор ҳаким ва чаҳор ахтари тобон, чаҳор пири тариқат, яъне, чаҳор хулафойи рошиддин (иршодкунандаи дин ва барҳақ) Ҳазрати Абӯбакр (р), Ҳазрати Умар (р) Ҳазрати Усмон (р) ва Ҳазрати Алии Муртазо (ъ-с)-ро) аз рӯи васияти Ҳазрати Паёмбар (с), ки бо эшон дар «Меъроҷ» аз ҷониби Худованди ягонаву барҳақ амр шуда ва он кас гуфтаанд ба Ҳазрати Алӣ (ъ-с), ки: «Ё Алӣ, фармони Худои таъоло шуд, ки: - Эй Муҳаммад ъалайҳиссалом, баъд аз ту Абӯбакр ва Умар ва Усмон халифа шаванд, хатми хилофат бар Алӣ(ъ-с) шавад, чунон, ки хатми нубувват (паёмбарӣ) бар ту шуд». 9.35-36). Агар касе аз рӯи амри Худованд ҳурмати чаҳор ёри Паёмбар (с) - ро ба ҷой наёварад кофир аст, ба гуфти Расули акрам(с): «-Ихтилоф ва саркашӣ (дар Ислом) овардан кофирист!»

«Дар нимаи аввали асри VIII раёсати Кӯфа бо устоди фарзона ва муҳаддиси варзидаи худ бузургфақеҳ Ҳаммод ибни

Абӯсулаймон ифтихор дошт. Мардум дар ҳосил кардани матолиби фиқҳии худ бо мазҳари ӯ иқдом меовардand. Баъди вафоти Ҳаммоди фақеҳ садрнишини илми фиқҳ писари эшон таъин гардиданд. Ёрону пайравони падараш дар атрофи ӯ ҷамъ меомаданд. Мутаассифона писари Ҳаммод ниёзҳои фиқҳии мардумро посух гуфта натавонист, зеро тавоноии илмии ӯ дар наҳв ва илми калом буд. Он гоҳ ҷойгузини писари Ҳаммод Мӯсо ибни Касир шуд.

Мӯсо ибни Касир бо бузургони илми фиқҳ ҳамнишин буд, аммо ӯ дар фарогирии илми фиқҳ ҳуҷҷати қотеъи замони хеш набуд. Баъди чанде ӯ азми сафари Ҳаҷ намуд. Таваҷҷӯҳи мардум ба сӯи Абӯҳанифа шуд. Ӯ талаби мардумро пазируфта чунин гуфт: «-Намехоҳам, ки илм бимирад». Ба иборае харидорони дӯкони маънавии Имом Абӯҳанифа торафт зиёд мешуданд ва аз ҷоми саҳбои фиқҳу фаросати ӯ мутабаҳҳир мешуданд. Ӯ дар ин муддат -шогирдони зиёдеро ба камол расонид. Имомон Абӯюсуфи Қозӣ, Имом Муҳаммад ибни Ҳасан, Абӯмутеи Балхӣ, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Зуфар ибни Ҳузайл, писараш Ҳаммод ибни Абӯҳанифа, Абдулло Ибни Муборак аз шогирдони хеле машҳури ӯ мебошанд. Имом Абӯҳанифа нисбати шогирдони худ, ҳам сахтгиру серталаб буду ҳам мушфиқу меҳрубон. Падари яке аз шогирдони пешқадамаш, яъне, падари Абӯюсуфи Яъқуб ба ҳузури Абӯҳанифа омад. Ӯ ибрози назар намуд, ки вазъи иқтисодии оилаашон бад аст. Аз ин рӯ, падар Абӯюсуфро аз дарс ҷавоб гирифтан хост. Имоми дилогоҳ Абӯҳанифа 1000 динори ироқӣ, ба падари шогирдаш дода, Абӯюсуфро дар ҳалқаи омӯзиши илм нигоҳ дошт. Ҳамин тавр Абӯҳанифа, дар майдони фиқҳ қадамҳои устувор ба пеш ниҳод, ки дигарон дар анҷоми он оҷиз буданд» (Иқтибоси ин ду ҳошия аз китоби олими ҷавон шодравон Бегиҷон Рустамзода, бо номи «Имоми Аъзам -Абӯҳанифа кист?» саҳ. 8., Душанбе-1999).

www.kitobam.com

Чуноне, ки гуфта шуд ҳаёти Ҳазрати Абӯҳанифа (р) дар даврони ҳокимияти хилофати сунниҳои уммавияи араб ва баъд аббосияи арабу эронитабор гузаштааст. Ӯ ҳамагӣ 70 сол умр дидааст ва ҳамасри се саҳобаи мӯҳтарам: - Анас ибни Молик (р), Рофеъ ибни Хадич (р) ва Абдуллоҳ ибни Ҷазия (р) ва ба қавле ҳамасри 16 – саҳобаи киром (р) буд ва бо эшон дидор ҳам карда буд. Ҳамчунин бисёре аз кубарои замон чун Абӯ-Юсуфи Яъқуб Ал-Қозӣ (р), Муҳаммад Ҳасани Шайбонӣ (р)-ин ҳарду шогирдони Абӯҳанифа (р) буданд; Бишри Ҳофӣ (р), Қозии Ҳофӣ (р), Довуди Тоӣ (р), Нӯҳ ибни Марями Ҷомеъӣ (р); Сайид ибни Умар (р), Яъқуб ибни Аҳфас (р), Зайд ибни Алӣ (р), Ҳасан ибни Зайд (р) ва Имом Зуфар (шогирди Имоми Аъзам (р) ва Имом Молик (р) ва Имом Муҳаммади Боқир (р) ва бо Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб(р) ва бародараш Иброҳим (р), ҳамаср буд, ва бо Имом Ҷаъфар, яъне, Имом Ҷаъфари Содиқ (р) ва Сӯфёни Саврӣ ва Ҳаммод ибни Абӯсулаймон ва Иброҳими Нахъӣ, Иброҳими Адҳам, Ибни Муборак, Ибни Ато, Ибни Мусаъар ва ғайра ва сӯҳбатҳое, ки бо бархе аз эшон дошт, дар ҳаёти илмиву ирфонӣ ва динии хеш (ва бахусус, дар илми калом) баҳраҳои фаровоне бардоштааст ва эшон низ дар навбати худ аз илму дониши Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) баракате ёфтааст.

Ҳазрати Имоми Аъзам дар таълимоти хеш бештар ба Қуръон ва ҳадисҳои саҳеҳи Расули акрам (с) такя мекард ва онҳоро бештар аз нақли саҳобаи киром (р)-у тобиъин ва кубарои замони худ ҷамъ меовард ва истифода мекард. Аз машҳуртарин муҳаддисоне, ки дар замони Имом Абӯҳанифа (р) мезист, дӯст ва устодаш Имом Ҷаъфари Содиқ (р) буд, ки бештар аз ин бузургвор ҳадис меомӯхт. Яке аз муҳаддисон Солеҳ ибни Абул-Асвад гӯяд:

«Аз Имом Ҷаъфар ибни Муҳаммад (Содиқ) шунидам, ки мегуфт: -Пеш аз он, ки маро аз даст диҳед, аз ман зиёда Ҳадис бипурсед, чунки касе баъд аз сари ман ба Шумо мисли ҳадисҳои ман гуфта наметавонад».

Бале, ду имоми машҳури ҷамоаи суннимазҳабон-Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ва Молик ибни Анас, аз шогирдони ӯ (Имом Ҷаъфари Содиқ) буданд. Ва «Аз Абӯҳанифа ривоят кунанд, ки гуфтааст: - Касеро аз Ҷаъфар ибни Муҳҳамад фақеҳтар надидаам».

Ҳамчунин дар кутуби «Тазкиратул-ҳуффоз»-и Аз-Заҳабӣ (Ҷ.1.С.166), «Хазинат-ул-асфиё»-и Ғуломсарвар Соҳиби Лоҳурӣ (ҷ.1.с.43), омада: «Абӯҳанифа бо Имом Ҷаъфари Содиқ сӯҳбат дошт ва файзи том аз он файёзи замон ҳосил кард» (110-31).

Муҳаққиқи дигар Аз-Зириклӣ, дар китоби худ «Ал-ъалом» (ҷ.2с. 121) «Овардааст, ки: «Ду Имоми аҳли суннат ва ҷамоъат аз ӯ (яъне, Имом Ҷаъфарӣ Содиқ, С.Б.Б). илм омӯхтанд: Имом Абӯҳанифа ва Имом Молик ибни Анас».(110-31).

«Баъзе аз муаллифон, дар кутуби хеш зимни баҳс, аз маноқиби Имоми Аъзам, аз устодони ӯ низ ба тафсил сухан рондаанд.

Аз ҷумлаи муаллифини фавқуззикр, муаллифи асари «Ал-Хайрот-Ал-ҳисон» - Аллома ибни Ҳаҷари Байҳақӣ аст, ки аз кутуби маноқиб нақл карда, ва низ ба интиқоди бархе донишмандон ишора намуда, ки дар ҳақиқат ин интиқод муттаваҷҷеҳи тобиъин будани Имоми Аъзамро собит месозад. Муаллифи мазкур аз шонздаҳ тан саҳобае ба ҳайси устодони Имоми Аъзам(р), ки аз эшон ривояти Ҳадис (яъне, аҳодиси саҳеҳи Расули Акрам (б), С.Б.Б). намуда, қарори зайл ном мегирад:

Анас ибни Молик (р), Абдуллоҳ ибни Анас - Ал-Ҷиҳнӣ (р), Абдуллоҳ ибн Ал-Ҳорис ибну-ҷ-Ҷазъ - Аз-Зубайдӣ (р), Ҷобир

www.kitobam.com

ибни Абдуллоҳ (р), Абдуллоҳ ибни Абӯ-Авфӣ, Восилат ибн Ал-Асқаъ (р), Маъқал ибни Ясор(р), Абӯтафил(р), Омир ибни Восила (р), Ойиша бинти Ачрад(р), Саҳл ибни Саъд(р), Соиб ибни Холид ибни Сувайд(р), Соиб ибни Язид ибни Саъид(р), Абдуллоҳ ибни Басра(р), Маҳмуд ибни Ар-Рабеъ(р) Абдуллоҳ ибни Ҷаъфари Абӯамома(р).

Дар ривояти худи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аз бархе саҳобае, ки зикр шуд як идда ихтилофот мавҷуд аст, аммо ривояти вай аз Анас ибни Молик(р) мавриди яқини аксари донишмандон мебошад...».51-52.

Дар овони 29 солагӣ Абӯҳанифа (р) ба фақеҳу илоҳиётшиноси шаҳири давр Абӯисмоили Ҳаммод ибни Абусулаймон (р) дӯстӣ пайдо карда, ба омӯзиш ва пажӯҳиши илми Ҳадис ва илми фиқҳ, яъне, дӯстдоштатарин илми Паёмбар (с) машғул мешавад. Риштаи дӯстии эшон то вафоти Ҳаммод (р)-18 сол давом кард. Дар ин муддати тӯлонӣ Абӯҳанифа(р) аз шогирдӣ то ба дараҷаи ёвару мушовири беҳтарини устоди фарзонаи хеш расид. Қабл аз вафот Ҳаммод(р) васияти инкишофу тавсиъа ва такмили фиқҳро ба Абӯҳанифа (р) махсус донист. Баъд аз даргузаштани устоди хеш, Абӯҳанифа (р) муддати даҳ сол дар Кӯфа буд ва аз маъруфтарин фақеҳони воҳаҳои Кӯфа ва Басра гардид. «Абӯҳанифа (р) баъди дарёфти олитарин шаҳодатнома дар илми калом ва Ҳадис ва фиқҳро омӯхтан, аз Ҳаммод (р) мактаби фиқҳиро (баъди дарёфти номаи иршод) асос гузошт...». Яъне, бо номи «Мактаби фиқҳи ҳанафӣ (Абӯҳанифа)» 49-11. Дар бораи он, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар назди кадомин устодон ва машойихи замон дарси илму адаб гирифтаанд ва ё аз эшон, новобаста аз синну солашон ҳикмате андӯхтаанд, байни муҳақиқон баҳсҳои зиёд мавҷуданд. Аммо такя ба китоби Имомалҳарамайни Шарифайн-Ҳоҷӣ Шаҳобиддин Аҳмад

ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккиӣ (тарҷумаи форсиаш «Маноқиби Имоми Аъзам раҳматуллоҳи алайҳ»), бо номи «Ал-Хайрот ал-ҳисон фӣ маноқиб Ал-Имоми Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон» баён медорем, ки «асотид ва шуюхи Ҳазрати Имом (р) бисёранд, ки ин мухтасар ғунҷоиши зикри ононро надорад». Намояндаи охири асри VIII ва ибтидои асри IX ва шогирди Имом Муҳаммад, донои замон «-Аллома Имом Абӯҳафси Кабир (яке аз бузургтарин фақеҳи аҳди Сомониён, ки аслан аз суғдиёни Бухоро аст, аз деҳи Нур ва писари ӯ ҳам фақеҳи машҳури аҳди Оли Сомонӣ буд бо номи Абӯҳафси Сағир ва ҳарду аз мубаллиғони ҳанафияанд, С.Б.Б). чаҳор ҳазор тан аз асотид (устодон)-и Имоми Аъзам(р)-ро ном бурда аст ва ғайри Абӯҳафси фақеҳи Кабир боз дигар сарчашмаҳо овардаанд, ки:-устодони Имом Абӯҳанифа (р) дорои чаҳор ҳазор шайх аз тобиъин будаанд, пас ту ҳисоб кун, асотиди дигари эшонро, ки чӣ қадар бояд бисёр бошанд.

Аммо аз асотиди маъруфи Ҳазрати Имом(р) метавон исми Лайс ибни Саъд(р), Молик ибни Анас-имоми Дорулҳиҷрат (ҳамчунин бояд илова кард исми асотиди ӯ Иброҳими Нахъӣ, Ҳаммоди Абӯсулаймон, Имом Ҷаъфари Содиқ ва ғайра С.Б.Б.,) -ро ном гирифт, чунонки Дори Қатнӣ ва ҷамъе дигар, ки охирини эшон Абӯмуҳаммади Айнӣ (р) аст гуфтаанд...

Дар бораи шогирдони Имоми Аъзам (р) гуфтаанд, ки шогирдони Имоми Аъзам (р) он қадар зиёданд, ки шуморидани эшон амри муҳол аст ва сабти он имкон надорад. Аз ин ҷиҳат баъзе аз аима (имомон) гуфтаанд, ки: «Барои ҳеҷ як аз аимаи машҳури Ислом, монанди он чи, ки барои Абӯҳанифа(р) аз ёрону шогирдон ба зуҳур расид, ин мунқабат ба ин поя нарасид ва он чунон, ки уламоу оммаи мардум, аз Имоми Аъзам (р) ва ёрони эшон, дар тафсири аҳодиси мушаббаҳу масоили мустанбата ва аҳкоми ҳаводису ақзияи дигар баҳра бурдаанд, аз дигарон ба ин паймона баҳра

www.kitobam.com

набурдаанд, ки Худои ъазза ва ҷалл эшонро подоши хайр диҳад.

Ва яке аз мутааххирини муҳаддисин, дар шарҳи ҳоли Имоми Аъзам (р) ҳудуди ҳаштсад тан аз шогирдони эшонро бо зикри ному насаби эшон муаррифӣ карда аст, ки нақли асомии онҳо ба тӯл меанҷомад (ва шояд малоли хонандаро бедор кунад). 62-51-52.

Аммо бо такрор, маъруфтарин шогирдони Имоми Аъзам(р) инҳо. будаанд: Сӯфёни Саврӣ (р) Имом Молик ибни Анас (р), Иброҳими Адҳам (р), Абдуллоҳ ибни Муборак (р), Имом Абӯюсуфи Яъқуб Қозиюлқузот (р), Имом Муҳаммад (р), Имом Муслим (р), Имом Зуфар ибни Ҳузайл (р), Имом Абӯмуқотили Самарқандӣ (р), Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р), Имом Абӯмутеъи Балхӣ (р), Имом Музаннӣ (р), ва бародарзодааш Имом Таҳовӣ (р), Ибни Мисъар (р) Мотаридии Самарқандӣ ва ғайра мислуҳум.

Бале, сабаби зиёд шогирд доштани Имоми Аъзам (р) ҳам ин буда, ки он Ҳазрат (р) дар кофиаи улуми шаръӣ, аз ҷумлаи тафсиру Ҳадис ва дар кофиаи улуми абзорӣ, аз он ҷумла, сарфу наҳв, адабу мантиқ ва миқёсҳои ҳакамӣ ва улуми зоҳиру ботин, дарёе буд амиқ ва пешвое буд алалтаҳқиқ.

Ва чуноне, ки гуфта шуд, Имом Абӯҳанифа (р) аз хурдсолӣ, ба илми калом майлу рағбати беандозае дошт ва сабаби таваҷҷӯҳи хосаи ӯ нисбат ба илми мазкур, яъне, ба ҳикмати илми калом ин буд, ки ӯ тамоми асарҳои фиққии хешро дар заминаи ин илм рӯи коғаз оварда.

Аммо ба гуфтаи устоди фозил муҳаққиқи ҷабҳаи каломии Имом Абӯҳанифа (р) мӯҳтарам Иноятуллоҳи Иблоғ, истидлоли қиёсии Имом тавре, ки аз бархе назариёти каломии ӯ бармеояд оройи асолат ва афзоиши зотӣ ва аслӣ буда, сабағаи самъӣ ва ривоятӣ надорад, то ба шиносоии устодии Имом эҳсоси зарурат намоем.

Аз далойили қиёсии Имом Абӯҳанифа (р) дар назариёти каломии вай яке он аст, ки дар мавзӯи иртиботи «Имон» бо «амал» ва ин, ки аз имон хориҷ аст чунин зикр намуда аст:

«-Мӯъминон ба иллати ин, ки имон доранд ба намоз, закот, рӯза ва фитри рӯза, ба зикри Худо мепардозанд, бандагӣ ба ҷой меоранд ва шукри Худой ба ҷо меоранд. Зеро имон доранд ва имон муқтазии аъмоли мутазаккира аст ва чунон нест, ки имон ба иллати он бошад, ки Ҳаҷ мекунанд, намоз мегузоранд ва рӯза мегиранд, зеро нахуст имон оварда ва баъдан ба фаройиз амал кардаанд. Бинобар он ибодати онҳо ношӣ аз имон аст, на он, ки имон ношӣ аз ибодат бошад, Ва ин нукта шабеҳи он аст, ки мадюн нахуст ба дин иқрор мекунад, сипас онро таъдия менамояд ва чунон набуда, ки нахуст адо ва баъдан иқрор кунад, яъне, адои дин ношӣ аз иқрор аст, на ин, ки иқрор ношӣ аз адои дин бошад. Ҳамчунон бардагон аз ин, ки ба бандагии хоҷагони хеш мӯътарафанд, эшонро хидмат мекунанд ва чунон нест, ки эътироф ба бандагӣ ношӣ аз хидмат бошад, балки хидмат ношӣ аз эътироф аст, зеро басо мардуманд, ки бо дигарон хидмат мекунанд, аммо ба бандагии онҳо эътироф надоранд ва низ касонеанд, ки ба бандагӣ эътироф доранд, аммо хидмат намекунанд ва накардани хидмат сабаби заволи ин иқрор намешавад». 47-50-51.

Ин буд як хӯшае аз хирмани пурғановати истидлоли Имом Абӯҳанифа (р) дар усули илми қиёс.

...Фиқҳи исломӣ (илми қавонин ва аҳкоми шаръӣ, ақоид ва ҳуқуқи исломӣ), ки ба Қуръон, сунна, иҷмоъ ва қиёс такя менамояд, аслан аз ҷониби чаҳор тан аз бузургону ҳакимони илми фиқҳу илоҳиёти исломӣ; Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ибни Қайс ибни Марзбони Кӯфӣ (р)-асосгузори мазҳаби ҳанафӣ (699-767), Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ (р) (767-819)-асосгузори мазҳабӣ шофеъӣ

www.kitobam.com

(шогирди Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасан аш-Шайбонии Ҳанафӣ, ва Абӯюсуфи Яъқуб Ал-Қозӣ) Молик ибни Анас (р) (715-795)-асосгузори мазҳаби моликия ва Аҳмади Ҳанбал (780-855)-асосгузори мазҳаби ҳанбалия ва шогирдони эшон ташреҳ, танзим ва тартибу мукаммал карда шудааст, ки он на ин ки танҳо аз ҷониби уламои бузурги фиқҳи исломӣ, балки аз ҷониби олимони барҷастаи ҳуқуқшиносии ҷаҳон низ ба ҳадди қойил эътироф карда шудааст. Ва то ба имрӯз ин асарҳоро тамоми олимони соҳаи ҳуқуқ, таърих, фалсафа ва улуми ҷомеъашиносӣ, илоҳиётшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра ба таври васеъ мавриди омӯзиш ва истифодаи худ қарор додаанд ва ҳамчунин оиди дини мубини Ислом ва аҳамияти он ҳамчун оини наҷотбахши башарият, ақидаҳои холисонаву пурҳикмати хешро иброз доштаанд, ки дар фароварди китоби ҳозир, яъне, дар бахши хотимавии рисола, ба марзи ин мавзӯъ ворид хоҳем шуд.

МЕРОСИ ИЛМИИ ИМОМИ АЪЗАМ ВА Ё ФИШӮРДАИ МӮҲТАВОЙИ РАСОЙИЛ (ИЛМИ ФИҚҲ) -И КАЛОМИИ ИМОМ АБӮҲАНИФА (Р)

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) нахустин донишманди бузурги соҳибасари фиқҳ ва яке аз нахустин ҳакимест, ки мактаби илми каломро асос гузошта аст ва баъди худ диққати тамоми муҷтаҳиддину муҳаққиқини Исломро барои таҳким ва тақвияти имон ва барои шинохти ҳақ аз ботил (на барои эҷоди шак ва куфру бидъат) ба илм ҷалб намудааст.

Чуноне ки қаблан ҷо-ҷо ишора намудем, Ҳаким Имоми Аъзам (р) дар оғози фаъолияти илмии хеш, яъне, аз солҳои донишандӯзиаш, ки ҳанӯз ҷавон буд, ба фалсафаи илми калом машғул ва саргарм буд ва худро аҳли калом меҳисобид. Ба ин хотир аст, ки тамоми осори илмии ӯ, ки дар риштаи фиқҳ

арзи вуҷуд кардаанд, ҳама дар заминаи Қуръон ва суннат ва низ ҳикмати илми калом нигошта шудаанд.

Вале дар бораи илми калом байни муҳаққиқин ва уламойи дин, аз он ҷумла аима (имомон)-и Ислом, зиёда аз ҳазору сесаду даҳ сол ин ҷониб баҳс меравад. Яъне, баҳс ба он мазмун, ки гурӯҳи ҷонибдори илми калом буда, аз он ҳамчун асос ва замина ва сарчашма барои таҳким ва тақвияти имон истифода мекунанд. Гурӯҳи дигар бошанд, ба мисли аимаи Ислом-Имом Шофеъӣ, Ибни Ҳанбал ва Молики Анас илми каломро сабабгор ва ба вуҷуд оварандаи ширку гуноҳ шакку гумон ва куфру бидъат дониста, назарияи манъи иштиғол ба илми каломро баён доштаанд. Ва пайравони хешро аз машғул шудан ба ҳикмати илми калом, ба як ҷиддият нигоҳ доштаву фаъолияти онҳоро манъ кардаанд.

Барои рӯшанӣ андохтан, ба матолиби баёншуда, зарур мешуморем, ки ба муҳаққиқин ва мутолиъини гиромӣ (дар асоси андешаҳои пас аз пажӯҳишҳои амиқ, нисбати илми калом баён доштаву нигоштаи устоди фақиду донишманди фозил Иноятуллоҳи Иблоғ) чанд нукоти ҷолиберо дарҷ намоем.

Устод Иноятуллоҳи Иблоғ хеле хуб дарҷ намуда, ки « Имоми Аъзам (р) дар марҳалаи аввал, ба илми калом машғул гардид ва дар масойили он дақиқ шуд ва рисолоте дар он таълиф кард, вале баъдан онро тарк гуфт, аммо на ба сурати куллӣ ва қатъӣ, балки аз мудохила дар қазоёи каломӣ, тавре ки дар фасли аввали китоб ишора кардем, худро бар канор кард ва ба масойили фиқҳӣ машғул шуд. Имом дар ҳоли иштиғол ба илми калом низ мутолиъоти каломии худро идома медод, мунтаҳо ин, ки тадриси ӯ мунҳасир ба ҳалқаи фиқҳ буд ва бо андозаи собиқ ба илми калом дилчаспӣ нишон намедод, зеро ӯ мактаби каломиро асос гузошта буд, ки барои раҳнамоии мардум, бо роҳи рост кофӣ шумурда мешуд ва

www.kitobam.com

акнун вазифа дошт, ки мутаваҷҷеҳи мактаби фиққӣ гардад (зеро ки ин илм дӯстдоштатарин илми Расули акрам (с) буд ва илмест ҷомеъасоз С.Б.Б)., аммо на ба ҳайси тахрибкунандаи асосоти каломӣ, балки ба унвони таъсиси як бинойи мустаҳкам ва басо устувори динӣ, дар паҳлӯи бинойи дигари динӣ ва ё ба таъбири худи Имом таъсиси: «Ҳалқаи фиққи асғар, баъд аз такмили ҳалқаи фиққи акбар».47-114.

Бале, Имом Аъзам Абӯҳанифа (р) бешак дар андешаи он буд, ки дар асоси Қуръони Маҷид ва аҳодиси Расули акрам (с) роҳи миллионҳо умматони Расули гиромӣ (с)-ро ба он тарзу усуле, ки шариъати ғурройи Муҳаммадия (с), аз умматон ва пайравони хеш тақозо мекунад, мунаввар созад. «Имом (р) пас аз иштиғол ба фиқҳ на танҳо дар фиқҳ, балки дар тамоми улуми исломӣ, доройи мавқуфи муҳими динӣ гардид ва мардум аз атрофу акнофи дурдаст, барои касби дониши мукаммал, дар дини Ислом, назди ӯ муроҷиъа мекарданд ва ҳеҷ гоҳ шунида нашуда, ки Имом аз ҷавоб ба саволоти каломӣ, маъзарат хоста бошад, балки барои ҳар кас иҷозат медод, дар мавриди умури динӣ, аз вай савол кунанд ва мегуфт:

«Худовандо! Агар дигарон аз мо тангдил мешаванд дили мо барои онҳо фарох аст» 47-114.

Оре, Ҳаким Абӯҳанифа Имоми Аъзам (р) дар мактаби фалсафии хеш дари назарияи озодандеширо ба рӯи уламойи дин ва ҳикмат фарох кушода буд. «Агар Афлотуни юнонӣ, бар дарвозаи мадрасааш навишта буд; «Касе, ки бо илми ҳандаса ошно нест, дохил нашавад»,Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва файласуфи бузург, ки қазоёи диниро бо диққати хос таъқиб мекард, дар ифодоти худ муқайд ва маҳдуд набуд ва аз вай нақл нашуда, ки ҳалқаи илмӣ ва фалсафии худро ба мавзӯъи хосе тахсис дода бошад, балки ба мардум иҷоза медод, роҷеъ ба умури динии хеш, бо озодӣ ва ҳуввияти комиле аз вай савол кунанд». 47-114.

«Афлотун дар маҷолиси илмии хеш ҷиддӣ буд ва камтар ба интиқод ва мубоҳисот гӯш медод, вале Ҳаким Имоми Аъзам (р) пас аз тааммуқ ва таҳқиқ, дар қазоёи динӣ, аз қабили фиқҳ ва калом мегуфт: ««-Ин як назария аст ва агар касе беҳтар аз онро арза кунад, бо дилу ҷон мепазирем».

Бале, ин вазъ ба ҳавсалаи фарохи Имоми Аъзам (р) далолат дорад, ки ба ҳар гуна савол, аз ҳар гуна масойил, дар ҳар мавзӯъ, гӯш медод». 47-114.

Баъзе аз уламойи бузург, дар бораи илми калом таън гуфтаанд ва худро аз ҳикмати ин илм, ба шиддати том дур гирифтаанд. Чунончӣ гӯянд: «Имом Розӣ дар авойили ҳаёт, ба фалсафа машғул шуд ва китобе дар фалсафа ва илми калом ба риштаи таҳрир овард ва дар авохири зиндагии хеш аз иштиғол ба ин илм худдорӣ кард ва гуфт: «Ман дар тариқи каломӣ ва равишҳои фалсафӣ фикр кардам, вале рафъи ъаташ ва шифойи маразро дар он суроғ натавонистам ва беҳтарин роҳ-роҳи Қуръонро дарёфтам. Дар бораи танзияти Худованд мехонам:

- «Валлоҳул ғанию ва антум ал-фуқароъ». Яъне: - «Ва Худованд бе ниёз аст ва шумо мӯҳтоҷонед». Ва ин ояти шариф? «Лайса-камислиҳи шайъун»: яъне; «Нест монанди Худованд ҳеҷ чиз» Ва: «-Қул ҳуваллоҳу аҳад» «-Бигӯ Худованд яктост». -Ва дар бораи исбот, оёти зайлро тиловат мекунам: - «Арраҳмон ъало ал-ъарш уставо», яъне: «Худованд бар ъарш уставо». Ва фармуда: «-Яхофуна раббаҳум мин фавқуҳум», яъне; «-Аз Парвардигоре, ки болои эшон аст метарсанд». Ва: «-Илайҳи ясъада калимал таййиб»; яъне, « Ба сӯи Худованд баланд мешавад калимаҳои пок». Чунончи аз бархе уламойи илми калом ривоят шуда, ки дар авохири зиндагӣ (яъне, Имом Розӣ) мегуфт: «Аз он чӣ омӯхтам, чизе ба даст овардa натавонистам ҷуз ин ки: - Мумкин ба мураҷҷаҳ мӯҳтоҷ аст ва

www.kitobam.com

эҳтиёҷ як сифати салбӣ аст. Мемирам, вале чизе ёд нагирифтам». 47-115.

«Пас аз мутолиайи мавқуфи аима, дар бораи илми калом, саволе эҷод мешавад, ки пас илми калом дар дин чӣ роле дорад. Ва ин дар ақволи гузаштагон ба се назария ишора шуда:

Назарияи ҳурмати иштиғол ба илми калом, ба сурати мутлақ, ба далели ин, ки саҳоба (разиаллоҳ) бо вуҷуди ошноии том, ба ҳақоиқ ва румузи қазоҳату тартиби алфоз, ки масойили каломӣ, аз он мустанбит шуда битавонад, аз он хомӯш мондаанд. Ва хамӯшӣ барои он аст, ки медонистанд суде дар он дида намешавад ва мавриди истиноди онҳо Ҳадиси набавӣ (с) аст, ки се бор фармуда: «-Ҳалакал мутакаллимуна» Яъне: «-Ҳалок шаванд касоне, ки мубоҳисот ва мунозиротро ба ҳадди охир мерасонанд».

Ва низ бо ин ҳақиқат истидлол намудаанд, ки агар мунозироти каломӣ кори хуб ва марбут ба дин мебуд Паёмбар (с) ба он даст мезад. Ин равишро саҳоба (разиаллоҳ) идома доданд ва зиёдат бар равиши Паёмбар (с) ва асҳоб (разиаллоҳ)-и ӯ кори дуруст нест. 47.-115...

Назарияи дигар ин аст, ки агар аз илми калом истилоҳоти фалсафии юнонӣ, монанди ҷавҳар ва ъараз ва ғайра, ки дар асри Расули акрам (с) ва саҳоба (разиаллоҳ) вуҷуд надошт, мамнӯъ бошад ин кор мушкилие надорад, зеро истилоҳоти ҳар илм ба ғарази тақриб ба фаҳм, ба шакли содда ва басит баргардонида шуда, ва иборати тозае ҷиҳати далолат бар мақсад ба вуҷуд омада, монанди ихтироъи ҳуруф, ба шакли ҷадид, ба ғарази истифодаи ҷойиз. Ва агар илми калом аз нигоҳи мафҳум мамнӯъ бошад дуруст нест, зеро мақсуди мо аз илми калом ба ҷуз истидлол ба ҳудуси олам ва ваҳдонияти Холиқ ва субути сифоти Ӯ ҷалла шонаҳу чизи дигаре нест. Пас маърифати Худованд (ҷалла ҷалолаҳу) аз тариқи далел чигуна

мамнӯъ қарор мегирад ва агар айби илми калом ихтилоф, адоват, бадбинӣ ва ғайра натойиҷӣ-бошад, ки аз муноқишоти каломӣ ба вуҷуд меояд, шаке нест, ки эҳтирози ин умур ҳатмӣ аст. Агар манзур аз фаро гирифтани илми калом, истидлол ва иқома (барпой)-и ҳуҷҷат бошад, кори хубе аст ва Қуръони маҷид бо оёти зайл ба ин кор ишора мекунад: «-Қул ҳо-таво бурҳонакум» (яъне: «Бигӯ, биёваред далели худро») – «Лияҳлака мин ҳалака ъан баййинат ва юҳий мин ҳай ъан баййинат» (яъне: «То ҳалок шавад касе, ки ҳалок мешавад ба далел ва зинда шавад он ки зинда мешавад ба далел»).

Ин оёти боло ва амсоли он далолат дорад бар сиҳати истидлол ва иқомаи ҳуҷҷат ҳамчунон оёти зайл:

«-Қул фалаллаҳал-ҳуҷҷатал-болиғат (яъне: «Бигӯ пас барои Худованд аст ҳуҷҷати комил»). Боз омада:

«-Қолу ё Нӯҳ, қад ҷодалатно фа-аксарат ҷидолано» (яъне: Гуфтанд: «Эй Нӯҳ, бо мо муҷодала кардӣ ва зиёдат кардӣ дар муҷодалаи мо». Ва низ омада: Ва тилка ҳуҷҷатано отайноҳо Иброҳим ъало қавмиҳи» (яъне: «Ва ин аст ҳуҷҷати мо, ки ба Иброҳим дар муқобили қавмаш арзон фармудем»). Ҳамчунин ишора шуда:»-Лав кона фийҳимо олиҳатан иллаллоҳал-фасадато» (яъне, «Агар мебуд дар осмон ва замин ҷуз Худованд худоёни дигаре, ҳар ойина замин ва осмон табоҳ, мешуданд») Ва боз омада: «-Ва ин кунтум фӣ райбим миммо наззално ъало ъибодино фатаво би сурати мин мислиҳи» (яъне: «Ва агар дар ончи бар бандаи мо фурӯ фиристодем шаке доред, пас биёваред сурае аз мисли Қуръон»). Ва ишора шуда: «-Қул юҳйиҳал-лазӣ аншааҳо авваламарра (т)» (яъне: «Бигӯ зинда мегардонад онро касе, ки нахуст офарида») Ва омада: «Ҷодалаҳум биаллатӣ ҳия аҳсана». (яъне: «Ва муҷодала кун бо эшон, ба қисме, ки некӯ бошад»). Хулоса, ин ҳама оёт далолат дорад бар ин, ки истидлол, дар Ислом дорои решаи мустаҳкаме аст. «Илассалому яъламу вало яъло ъалаҳ» - аз ин

www.kitobam.com

нуқта набояд инкор намуд, ки истидлол ва иқомаи ҳуҷҷат дар асри Паёмбар (с) ва саҳоба (разиаллоҳ) ривоҷ дошт (яъне, муборизаи ҳаққу ботил) бо ин фарқ, ки истилоҳоти мантиқӣ ва назариёти Арасту дар ин аср маъруф набуд ва ин амр далолат мекунад, ки истидлол ва тафаккур дар асри саъодат, ба пешрафти зиёде ноил буд. Чунончи нақл шуда, ки Алӣ (разиаллоҳ,) Ибни Аббос (разиаллоҳ)-ро ба муқобили хориҷиён фиристода ва бо онҳо дохили мунозира шуд ва пурсид: ки Дар Имоми хеш чи айбе суроғ мекунед? Гуфтанд:- Ҷанг кард, вале ғанимат ва каниз нагирифт. Ибни Аббос (Р) гуфт: - Ғанимат ва барда (ғулом) гирифтан махсуси ҷанги куффор аст. Ва ба ман бигӯед, агар Ойиша (разиаллоҳ дар рӯзи ҷанг асир мешуд ва ба ҳайси саҳми ғанимат ба дастраси як тан аз Шумо қарор мегирифт оё коре, ки аз як бардаи оддие гирифтанӣ будед, аз вай мегирифтед!? Охир ӯ ба насси ояи шариф: «Ва азвоҷа уммаҳотиҳум» (яъне: «-Ва занони Паёмбар (с) модарони шумоянд»)

- Айнан модари шумо буд. Пас хориҷиён гуфтанд:

- На!

Ва ба нерӯи ин истидлол ду ҳазод хориҷӣ, дар як рӯз аз мазҳаби ғалатроҳи худ баргаштанд (ва Худо кунад, ки фирқабозони ғуломи зархариди англисҳову амрикоиҳо ва дигар хориҷиҳо, ки теша бар решаи исломи муҳаммадия (с) мезананд, ба худ оянду мисли хориҷиён рӯ ба мазҳаби муҳаззаби Имоми Аъзам-Абӯҳанифа (р) оранд ва суннии воқеӣ бишаванд) (аз китоби «Эҳё вал-ъулум»-таълифи Имом Муҳаммади Ғаззолӣ. ҷ., 1., саҳ. 102)

Ҳамчунон Алӣ (р) бо як тан аз пайравони қадария мунозира кард ва Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) бо Язид ибни Умайра дар бораи имон мунозира намуд. Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфт:

- Агар бигӯям мӯъминам, гӯё гуфтаам, биҳиштиам- Язид ибни Умайра гуфт: - Эй ёри Паёмбар (с) ин иштибоҳ аст! Оё имон ҷуз тасдиқи Худо ва фариштагон ва кутуби осмонӣ («Таврот», «Забур», «Инҷил» ва «Қуръон») ва Паёмбарон ва «Ҳашр» ва «Мизон» ва «иқомати намоз ва рӯза» ва «адойи закот» чизи дигаре аст? Мо гуноҳе дорем, ки агар бидонем омӯрзида мешавад, он вақт метавонем ба биҳиштӣ будани худ ҳукм кунем ва аз ҳамин ҷиҳат мегӯем мӯъмин ҳастем ва намегӯем аз аҳли Биҳишт мебошем.-Ибни Масъуд (р) гуфт: -Ба Худо, ки рост гуфтӣ. Ман иштибоҳ кардаам (аз китоби «Эҳё вал-ъулум»-таълифи Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, ҷ.1, саҳ.102). Имоми Аъзам (р) зарурати баҳсро перомуни мавзӯъоти каломӣ исбот намуда ва дар «Фиқҳ-ал-абсат» мегӯяд: «-Бояд донист, ки фақоҳат дар дин (манзури вай аҳкоми асосӣ аст) беҳтар аз фақоҳат дар аҳком аст ва фиқҳ иборат аст аз ошно шудани нафс ба ҳуқуқ ва воҷиботи хеш». Ва дар Ҳадисе, ки Дори Қатнӣ ва Байҳақӣ аз Абӯҳурайра (р) аз Паёмбар (с) ривоят карда, чунин омада: «-Худовand, ба ҳеҷ шакле беҳтар аз фақоҳат, дар дин парастиш нашуда». Ҳамчунон Имоми Аъзам (р) дар рисолаи «Фиқҳи акбар» мегӯяд: «Асли тавҳид ва ончи эътимод бар он дуруст аст ин аст, ки бигӯем «Оманту биллоҳ» яъне, ба Худо имон овардам».

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар тамоми рисолоти хеш, ба мавқуфи динии илми калом ишора мекунад ва аз он маълум мешавад, ки Имоми Аъзам дар ин илм ва дар баҳс перомуни масойили каломӣ, дастраси кофӣ дошта, арзиши динии онро мешиносад ва эътироф мекунад бар ин, ки ваҷойиби аввалии як мусалмон шинохтани масойили «Фиқҳи акбар» (мавзӯъоти эътиқодӣ) қабл аз масойили «Фиқҳи асғар», яъне фиқҳи марбут ба ъибодот ва муъомилот аст. 47. -117.

Пас аз ҷӯйишҳову пӯйишҳои бардавом ва мутолиъоти зиёди илмӣ, дар бораи улуми илоҳиётшиносӣ ва улуми

www.kitobam.com

ҷамъиятӣ ва ғайра мислуҳум, Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар риштаи илми калом бо як шуҷоати мардонагӣ, тариқат ё худ мактаби каломии худро таъсис намуд, ки мислаш дар ислом нест, яъне пас аз Расули акрам (с) ва асҳоби Расул (с) Имоми Аъзам пешвойи ин тариқат аст, ки шамшери Ҳақ бар сари аҳли ботил ва фирқабозон задааст.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ба илми калом ҳамчун илми гиреҳкушои мушкилот ва илми усули дин рӯй оварда буду ба он муроҷиат мекард. Аз ин хотир аст, ки уламойи дин «илми каломро инчунин илми усули дин ё фиққи акбар низ гуфтаанд ва шояд аз ин хотир бошад, ки Имоми Аъзам нахустин асари каломии хеш «-Фиққи акбар»-ро, ки бузургтарин асари фундаменталӣ ва сарчашмавии илми фиқҳ аст, чунин номгузорӣ кардаанд, ки аз номаш пайдост, ки ин нахустин асари фиққии дар заминаи Қуръону ҳадис ва илми калом нигоштаи Имом Абӯҳанифа аст, С.Б.Б). 18.-83.

... Илми калом яке аз улуми исломист. Калом илмест, ки дар бораи ақоиди исломӣ, яъне, ҳар он чи мусалмонон бо он эътиқоду имон доранд, бо истифода аз ақл баҳс мекунад. Одатан тамоми таълимоти Исломро ба се гурӯҳ тақсим кардаанд: 1.Ақоид; 2.Ахлоқ; 3.Аҳком.

Илме, ки гурӯҳи аввалро меомӯзад калом номида шудааст, илме, ки мутасаддии гурӯҳи дуюм аст ахлоқ ва илме, ки мутасаддии омӯхтани гурӯҳи сеюм аст, илми фиқҳ, ном дорад. Калом метавон гуфт, фалсафаи мазҳабии Ислом аст. Дар динҳои дигар низ фалсафаи мазҳабӣ вуҷуд доранд, вале на бо номи калом. Тафовути калом аз фалсафа дар он аст, ки фалсафа дар мавриди ҳастӣ-олам бидуни побандӣ, ба ин ё он ақидаи динӣ, баҳс мекунад ва аммо калом илмест, ки барои ҳифзу пуштибонии асосҳои таълимоти Ислом, аз ҳамалоту интиқодҳои мухолифони он -илҳодгароёну даҳриён ва файласуфон, ба вуҷуд омада, рӯи масойили илоҳиётӣ

(Худошиносӣ) ва дар робита бо он ҳастишиносӣ ва маъод (ҳаёти ондунёвӣ) ва масойили шинохт- маърифат (гносеология)-ӣ ва ғайра, бо истифода аз усулҳои мантиқию (мантиқи шарқӣ) фалсафӣ баҳс мекунад.

Дар мавриди пайдоиши калом низ ақидаҳо зиёд аст.Баъд аз густаришу пешравии Ислом, дар хоки кишварҳо ва миллатҳои гуногун, ки сатҳи фарҳангию илмии баландтаре назар ба аъроб доштанд, вазъият нисбат ба садри Ислом тағйир меёбад. Иртибот бо эрониён, сӯриёиён, рӯмиён, мисриён, ки ошноии том бо фалсафа ва улуми ақлӣ доштанд, бархӯрд бо намояндагони динҳои яҳудӣ, зардуштӣ, насронӣ ва интиқодоти онҳо ва ниҳоят пайдоиши ихтилофот; фирқаҳои бидъатгаро, илҳодӣ, занодиқа ва даҳрия, дар дохил ва хориҷи Ислом мусалмононро маҷбур кард, то ки воситаву роҳҳои ҳимояву ҳифз, аз ақоиди исломиро ҷустуҷӯ кунанд. Ҳамин омилҳо сабаби пайдоиши фалсафаи калом гардидаанд. Илми каломро инчунин илми усули дин ё фиқҳи акбар ҳам гуфтаанд. 18.-82-83.

Илми калом илми назариявӣ ва истидлолиест, ки дар мавриди тавҳид ва сифати Худованди мутаъол, мабдаъ ва маъод, нубувват, қазову қадар ва ғайра мислуҳум баҳс мекунад. Ва «илм-ал-фиқҳ» бошад (аз калимаи «фақаҳаи арабӣ буда, маънии дониш ва фаҳмиши амиқро дорад) илми шариъат, ба танзимдароронда ва муайянкунандаи қавонин ва аҳкоми шаръии илоҳӣ, яъне, илми илоҳиётшиносист, яъне, возеҳтар илми ҳуқуқшиносии исломист, барои дарки аҳкому амрҳои илоҳӣ ва шинохти ҳаққу ботил, дар амвоҷи пурталотум ва пур шӯру шарри ҷомеъаи башарӣ...

Чуконе, ки қаблан ишора шуд Имом Абӯҳанифа (р) яке аз асосгузорони илми калом маҳсуб мешавад. Аммо дар ин ҳукм ҳам байни уламои дин ва фалосифи исломӣ баҳсҳои зиёд аст.

www.kitobam.com

«Зуҳури илми каломро аксарият ибтидои асри 8-ум гуфтаанд, вале баъзе уламои Ислом бар он ақидаанд, ки усули муҳокимаву исботи каломӣ, дар худи Қуръон низ мавҷуд аст. Давраи муқаддимотии каломро бошад, уламо бо таҳияи «Фиқҳи акбар» назди Имом Абӯҳанифа (р) иртибот додаанд. Аммо оғози истидлолоти ақлӣ, дар Ислом бо номи Ҷаъд бинни Дарҳам (қатл.742-743) вобаста аст. Ӯ аввалин шуда, дар масъалаи динӣ, бо ақл эътимод кардан ва оёти ба ақл мухолифат доштаи Қуръонро бо тарзи таъвил баён кардан даъват намудааст. Баъд аз ӯ Ҷаҳм бинни Сафвон (қатл.745) кори ӯро идома додааст». 18.-82-83.

Калом дар луғат ба маънии «сухан ва нутқ» мебошад. Дар «Луғати Деҳхудо» чунин маънӣ дар ин шаън вазъ шудааст: «Илми калом- илме аст, ки дар он аз зоти шарифи латифи чигун ва -бечигуни Худойи Таъоло ва сифоти ӯ ва аҳволи мумкинот, аз мабдаъ ва маъод, мувофиқи қонуни Исломи мубин баҳс шавад». (Аз таърифоти Ҷурҷонӣ).

Муаллифи «Кашфи истилоҳот - ул - фунун» гӯяд: «-Илми калом, ки онро усули дин низ номанд ва Имоми Ҳумом Абӯҳанифа (р) онро «Фиқҳи акбар» хондааст. Дар «Маҷмаъ - уш - шукук», ба «илмун-назар вал истидлол» мавсум шуда, ҳамзамон илми тавҳид ва сифот низ номида шудааст».

Аллома Тафтазонӣ, дар «Шарҳ-ул-ақоид» мегӯяд: «-Илме, ки ба аҳкоми шаръӣ-яъне, амалӣ марбут аст, илми шароиъ ва аҳком мебошад; ва илме, ки ба аҳкоми аслӣ-яъне, эътиқодӣ марбут аст, илми тавҳиду сифот ва илми калом номида мешавад. Ин маънироТафтазонӣ боз ба тариқи зайл баён доштааст: «-Илми калом илме аст, ки бо овардани далел ва дафъи шубҳаҳо, одамӣ қудрат пайдо мекунад, ки ақоиди диниро барои шахси дигар исбот кунад» (ва тири ҳақ бар қалби ботил занад,-С.Б.Б). Ақоид гуфта, ҳамоно ҷамъи ақидаро гӯянд. Муҳаммад Хусайни Ҳавқал менависад, ки «-

Ақида риштаи маънавиест, ки махлуқро ба Холиқ мепайвандад».

Қозии Армавӣ зимни тафсилу ташреҳи мавзӯи ин илм, ба чунин хулосае омадааст, ки «-Мавзӯи асосии илми калом зоти Борӣ Таъоло аст. Дар ин илм, баҳс аз аворизи зотии Худойи Таъоло шавад, яъне сифоти субутӣ ва салбии вай ва баҳс аз афъоли Худойи Таъоло, дар дунё, монанди ҳудуси олам ва ё дар охират, монанди ҳашру нашр ва ё аз аҳкоми Худо, дар дунё ва охират, чун буъси Пайамбарон ъалайҳиссалом».

Ҳуҷаттулислом Имом Муҳаммади Ғаззолӣ (р) мегӯяд: «-Натиҷаи умдаи илми калом ин аст, ки пояи тамоми маориф ва улуми исломиро истеҳком ва устувор месозад. Агар усули ақойди исломӣ собит нагардад, дигар маорифи диниро арзиш ва аҳамияте наемонад». (Аз «Кашфи истилоҳот-ул-фунун»). Пайдоиши илми каломи исломӣ, натиҷаи талоше буд, барои дифоъ, аз усули ақоиди исломӣ, дар баробари ҳамлаҳои пайравони адёни (динҳо) дигар, билхосса масеҳиён, ки бо ҳарбаи мантиқи юнонӣ, бе ақидаи бунёди худро мусаллаҳ карда буданд.

Илми калом, илми назарии истидлолист, ки дар мавриди тавҳид ва ғайра баҳс мекунад. Дар доираи илми калом баъдан, масоили фалсафӣ, ба мисли азалӣ ё офарида будани олам, араз, ҷавҳар, ҳаракат, сукут, хало, заррот ва ғайра низ матраҳ гардиданд.

Нахустин масоиле, ки мутакаллимони насли аввал рӯи он баҳсҳое монанди баҳсҳои фалсафӣ оростаанд, аз инҳо иборат аст:

1. Чигунагии вазъи имонии шахси муртакиби гуноҳи кабира шуда (гуноҳи бузург содир карда).

2 Масъалаи сифот ва зоти Худо.

3. Масъалаи ҷабр ва ихтиёр.

www.kitobam.com

Ибни Халдун бошад, роҷеъ ба калом чунин ақидаронӣ кардааст:

«- Илми Калом, дар баробари омӯзиши ашёи мазкӯраи мотақаддам, ҳамзамон баёнгари имон аст». Мувофиқи ташреҳоти Ибни Халдун, «имон тасдиқ ва эътирофи қалбӣ, нисбат ба чизе, ки ба забон гуфта шудааст», мебошад. Ӯ мегӯяд, ки «имон муштамил бар шаш рукн аст, зеро Расулуллоҳ (с) онҳоро дар Ҳадис таъйин кардааст:

Имон ба Худо, ба фариштагон, ба китобҳои осмонӣ (суҳуфи Иброҳим, Таврот, Забур, Инҷил ва Қуръони Маҷид) ба Расулони ӯ, ба рӯзи Қиёмат ва ба сарнавишт (тақдир) хоҳ хуб бошаду хоҳ бад».

Бад-ин тартиб, калом ба маънии илми шинохти зоти шарифи чигун ва бе чигуни Парвардигори субҳон тавсиф мешавад ва фиқҳ бошад, ба маънии «илми қонун», ё «илми ҳуқуқ» ва «қазо» аст.

Муаллифи китоби «Фалсафаи илми калом» Аҳмади Ором мутазаккир шуда, ки: «Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ -Абӯҳанифа (р) аз маъруфтарин шахсоне аст, ки дар поягузории илми Калом саъйи балиғ дошта ва он илм, аз ҷониби мутааххирин инкишоф ва такмил дода шудааст».

... Имом Абӯҳанифа (р) ду сифоти Худоро баён доштааст. Сифоти зотӣ ва сифоти феълӣ. Сифоти зотии Худо ҳафт аст.

- Имом Абӯҳанифа (р) сифоти зотии Худои мутаъолро ба ин мазмун муайян ва мушаххас кардааст; «-ҳаёт, қудрат, илм, калом, самъ, басар, ирода (инҳо сифоти зотии Худованд мебошанд, ки қадимию азалӣ ва абадулабадӣ дониста шудаанд).

Сифоти зотии Худоро афзалулмуҳтаҳиддин - Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) чунин шарҳу тавзеҳ додаанд:

1. Ҳаёт. Сухани Аллоҳ аст: «Аллоҳу ло илоҳа илло ҳувал-ҳай-юлқайюм». (Тарҷума: «Худо яктост. Ҷуз ӯ маъбуде нест. Зиндаи поянда аст»).

2. Қудрат. Қавли Парвардигор аст: «Валлоҳу ъало кулли шайин қадир» (Тарҷума: «Ва Худо бар ҳар чиз қодир (тавоно аст)».

3. Илм. Яъне, Худованд олиму доно аст-олими сирри вал хафиёт. «Ва аъламу мо тубдуна ва мо кунтум тактумун» (Тарҷума: «Ва медонам он чиро ошкор мекунед ва ончиро, ки пинҳон мекунед»).

4. Калом. Худованд гӯё аст, на ба забон. Қавли Худо аст: «Ва калламаллоҳу Мусо таклимо». (Тарҷума: «Ва калом кард Худованди Таъоло, ба Мӯсо сухан кардане»).

5. Самъ. Худованд шунавост, на ба гӯш. Ӯ таъоло овозҳоро ва савтҳоро бо қуввати самъи қадими хеш мешунавад. Қавли Худованд аст, ки: « Валлоҳу самиъун ъалим» (Тарҷума: « Ва Аллоҳ шунаво ва доно аст». Худованд садои пойи мӯрро дар шаби тор мешунавад.

6. Басар. Худованд бино аст, ба ҳама ашё. Дидани ӯ, яъне, биноии ӯ мисли банда нест. Ӯ бо сифоти қадимӣ ва азалии худ ҳама дуру наздикро мебинад. Қавли Худованд аст: «Инналлоҳа басирун билъибод». (Тарҷума: «Ҳар оина Аллоҳ бинандаи бандагон аст»).

7. Ирода. Қавли Худо аст: « Фаъъолун лимо юрид» (Тарҷума: («-Мекунад ҳар он чӣ ирода кунад»). Сухани Расулуллоҳ (с): « -Мошоаллоҳу кона ва мо лам яшоъ ва лам якун». (Тарҷума: «-Ҳарчи Аллоҳ ирода кунад, мешавад ва ҳарчӣ нахост, намешавад»).

Дар зимни ин, Имом Абӯҳанифа (р) сифоти феълии Худоро ҳам, дар асари маъруфаш «Фиқҳи акбар», мутазаккир шудааст, ки он се сифот аст, яъне; аввалан эҷод, дуввум ибдоъ ва саввум тарзиқ. Эҷод ва ибдоъ ба маънии офаридан аст.

www.kitobam.com

1. Эҳод. Қавли Худованд аст: «Валлоҳу ахраҷакум мин бутуни уммаҳотикум» (яъне: «Ва Аллоҳ пайдо кард шумоёнро аз шикамҳои модарони шумоён»).

2. Ибдоъ (Шурӯъ). Гуфтаи Аллоҳ аст: «Ҳуваллазӣ халақассамовоти вал-арза фӣ-ситтати айём» (Тарҷума: «Ӯ он Худо аст, ки офарид осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз»,)

3. Тарзиқ. Худованд рӯзидиҳандаи мардумон аст. Сухани Аллоҳ дар ин хусус ин аст: «Аллоҳуллазӣ халақакум сумма разақакум» (Тарҷума: «Аллоҳ он зот аст, ки пайдо кард шуморо ва ризқ дод шуморо»). Ва Расули акрам (с) мефармоянд: «-Холиқу куллу шайин ва розиқу куллу ҳайин» (Тарҷума: «-Худованд офарандаи ҳар чиз ва рӯзидиҳандаи ҳар зинда аст»).

Берун аз ин сифоти ёдшуда, Имом Абӯҳанифа (р) мегӯяд: «-Аллоҳ пайдокунандаи олам ва мавҷудоти он, дар азал мебошад». Расулуллоҳ (с) дар ҳадиси қудсӣ мегӯяд: «-Худованд ба ман чунин гуфтааст: «Кунту канзан махфиян фахалақтул-халқа лиуърифа» (Тарҷума: «Хазинаи пӯшида будам, пас офаридам халқро, то дониста шудаам»...).

Ва бояд таъкид намуд, ки нахустин назари Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ҳам, дар робита бо илми калом, ҳамоно масъалаи имон аст, ки оиди ин масъала дар рафти мавзӯъ муфассалан баён хоҳем дошт (махсусан дар он ҷое, ки сухан, бевосита аз расойили каломии Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ меравад, ва на дар ин муқаддимаи мавриди назари мавзӯи баҳс). Имом Абӯҳанифа (р) имонро иқрори ба забон ва тасдиқи ба қалб медонад. Ва ҳам Имом Абӯҳанифа (р) таъкид мекунад, ки Қуръон мӯъҷизаи Ҳазрати Муҳаммад (с) аст.

Имом Абӯҳанифа (р) иқрор намудааст, ки ба сабаби содир намудани гуноҳони кабира, имон аз тани шахси мӯъмин ба тамом ва бе бозгашт хориҷ намешавад, яъне, ӯ ба тамом

кофир намешавад. Бо сабаби гуноҳони кабира, фоъили он дар дунё ва охират азоб карда мешавад.

Умумияти фикри Имом Абӯҳанифа (р) бо аҳли мӯътазила дар он, аст, ки Қуръон каломи Аллоҳ аст. Фарқ миёни эшон дар ин масъала он аст, ки Имом Абӯҳанифа (р) Қуръонро каломи Аллоҳ, сифати азалии ӯ ва ғайри махлуқ медонад. Мӯътазила бошад, танҳо Худоро қадиму азалӣ ва абадӣ медонад. Сифоти ӯро инкор мекунад ва Қуръонро махлуқ мешуморад...

«... Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар мактаби каломии хеш роҳ ва равиши хосеро бидуни инки аз фалсафаи Ғарб ва Форс мутаассир гардад, таъқиб карда ва пас аз мутолиъаи умумии нусус ва пас аз тафаҳҳус ва тааммуқ дар назариёти фирқаҳои муосири хеш, мактаби каломии худро таъсис намуд. Имоми Аъзам (р) ба Маккаи мукаррама сафар кард ва байни масойили каломӣ, ки дар онҷо маъруф буд, бо мавзуоте, ки дар Бағдод, Кӯфа ва Басра рӯйи кор буд муқоиса кард ва бо қазоёи мазоҳиби мухталифи ташайюъ ошно шуд ва роҷеъ ба хориҷ, қадария ва мӯътазила касби кофии маълумот кард (ва худи Имоми Аъзам аз асҳоби раъй буд, ки ҳанафиёнро дар ибтидо чунин ном мебурданд, С.Б.Б.,) Имоми Аъзам (р) дар муддати иқомати хеш дар Макка, ки шаш солро дар бар гирифт, дар паҳлӯи фаъолияти фиққӣ, ба тақвияи фаъолияти каломӣ идома дода, мегӯянд аввалин бор, ки бо Атоъ ибни Рабоҳ, бархӯрд кард, Атоъ гуфт:- Аз куҷоӣ?! (яъне, Ато пурсид аз ӯ).

Гуфт: - Аз Кӯфа.

Гуфт: - Аз мардуме, ки дар дини худ тафриқаҳо эҷод кардаанд?

Гуфт:- Бале.

Гуфт: - Аз пайравони кадом маслак мебошӣ?

www.kitobam.com

Гуфт: - Аз мардуме, ки ба гузаштагон дашном намедиҳанд. Ба қазо ва қадар имон доранд ва касеро ба асари гуноҳ такфир намекунанд.

Гуфт: - Шинохтам (ва пас мулзам шуд).

Аз ин моҷаро маълум мешавад, ки Имоми Аъзам (р) дар мусофиратҳои худ, бо саволҳои каломӣ мувоҷеҳ мешуд ва баъд аз шуғл, дар фиқҳ, ин ҷанбаро тарк гуфта буд ва низ аз он возеҳ мешавад, ки ихтилоф рӯи мавзӯъоти каломӣ, дар сарзамини Ироқ, ба дараҷаи шӯҳрат расида ва ҳамаи мардум медонистанд, ки Ироқ маркази фирқаҳои мухталиф ва мазоҳиби мутабойин аст ва Ироқ ба ҳайси маҳалли фирқаҳои мутафовут, дар назар муҷассам мегардид ва таърих собит намуда, ки Ироқ дорои хусусияти марказият ва ихтилофоти фикрӣ буда аст.

Имоми Аъэам (р) шоҳиди афкори мардуми Ироқ, дар охири асри Уммавиён ва авойили асри Аббосиён буда ва машҳур аст, ки ин аср, асри талбиси ақойид ва падидаҳои тозаи фикрӣ, дар атрофи мавзӯъоти каломӣ, аз қабили қазо ва қадар, иродаи инсон, ҳусн ва қубҳ: ҳикмат ва мукаллифият, адолати Худо ва соири масойили каломӣ буда ва мубоҳисаву мунозира, чиҳати ҳифзи ақоиди поку ноби исломӣ, аз мафосиди душманони дин, аз умури зарурӣ шумурда мешуд... Аз ҷумлаи далойили иддаъойии мо ин аст, ки Юҳаннои Димишқии Масеҳӣ, то асри Ҳишом бинни Абдулмулк, дар хидмати Уммавиён буд ва ба мусалмонон тариқи муҷодаларо, дар умури дин меомӯхт ва мардумро ба роҳи ғалат ҳидоят мекард (мисли Абдуллоҳ ибни Саббоҳи-яҳудӣ, ки аз дини масеҳӣ ба Ислом гаравид ва тафриқаҳо барангехт, ки аз тафриқаҳои ӯ фирқаҳо дар Ислом ба ауҷуд омад, С.Б.Б.,) ва аз фиребкориҳои ӯ яке ин буд, ки мегуфт: - Вақте арабӣ аз ту бипурсад, ки Масеҳ кист? Бигӯ калимаи Худо халимаи Аллоҳ), баъдан масеҳӣ, аз мусалмонон

напурсад, ки Масеҳ ҳар Қуръон ба чи номе ёд шуда? Табъан мусалмон маҷбур аст бигӯяд: - Исм ал-Масеҳ Исо бинни Марям расулуллоҳ (Саломуллоҳиъалайҳ) «калимат -ал-қоҳо ило Марям ва рӯҳ минҳу» ба ҷуз ин нест, ки Масеҳ-Исо писари марям Паёмбари Худо ва калимаи ӯст, ки онро ба Марям афганда ва рӯҳ аст, аз ҷониби Ӯ. Баъдан аз вай бояд пурсид, ки калима ва рӯҳи Худо махлуқ аст, ё ғайри махлуқ? Пас агар гуфт: -Махлуқ аст: Бояд худ илова кунад, ки Худованд буд ва калима ва рӯҳ набуд, зеро агар ту чунин бигӯӣ, арабӣ ба роз пай мебарад, зеро касе, ки ба ин амр мӯътақид аст, дар назари мусалмонон зиндиқ аст.

Юҳаннои таҳрифкор мавзиъи мунозираро ба мусалмонон нишон медод, аммо манзури ӯ ҷуз сафсатаву мағолата чизе набуд, зеро мусалмонон мегӯянд: -Исо. калимат-Аллоҳ, ба ин маънӣ аст, ки Исо офарида шуда (дар батни духти бокира Марям, С.Б.Б.). ва рӯҳ аст аз ҷониби Худо (яъне, рӯҳулқудс, С.Б.Б.,), яъне, рӯҳе аст, ки бо ин калима халқ шуда, на ин ки рӯҳи худи Худо аст (ки чунин андеша рондан хатост, С.Б.Б.)... Ҳамчунон Юҳанно афкори фосиқ ва фосидро дар боби мавзӯъоти каломӣ, дар атрофи талоқу никоҳ, тақдис, ҳаҷар-ул-асвад ва ташбеҳи он ба эҳтироми салиб ва ғайра ақволи фосид талқин мекард, ки аз мулоҳизаи ин шароит аҳамияти мактаби каломӣ, ки Имоми Аъзам (р) бо нерӯи ақлии хеш таъсис намуд, ҳамчунон арзиши равиши Каломие, ки вай ба вуҷуд овард, возеҳ мегардад, зеро мактаби хешро дар сарзамине бунёд гузорид, ки назариёти мутафовут ва афкори мутаноқиз, дар он ҳукмравӣ дошт ва пилони худро дар фазое пеш бурд, ки дар он муҳаббат ва нафрат, комёбӣ ва нокомӣ, ҳаракат ва сукут, ҳақ ва ботил ва даҳҳо умури зид ва нақизи якдигар мавҷуд буд. Ин мактаб, ки ба дасти Имоми Аъзам (р) таъсис гардид, инкишоф ёфт ва дар сарзамини таноқизоти фикрӣ реша гирифт ва аз як лиҳоз бинои тоза ва аз ҷонибе дунболаи

www.kitobam.com

биное шумурда мешуд, ки аз тарафи саҳоба (разиаллоҳ) дар бораи қазоёи каломӣ таъсис ёфта буд... Чунончи макотиби Ашъарӣ, Мотаридӣ ва ғайра, мадориси аҳли суннат ва ҷамоъат, дар ҳақиқат, идомаи мадрасаи камназири каломии Ҳазрати Имоми Аъзам (р) шуморида мешавад, ки байни ҳарду тафовути бисёр ҷузъӣ аст (Имрӯз бояд мо мисли Алӣ саломуллоҳ ва мисли Имоми Аъзам разиаллоҳ ъалайҳи фирқабозони зархариди хориҷии юҳанносифату язидсифати фирқабоз, яъне алафию халафӣ бо далелҳои Қуръону Ҳадис ва афкори иҷмоъи уламои шаҳири ҳанафӣ ва ҷумла уламои аҳли суннату ҷамоъат истодагарӣ кунем, зеро мақсади ин фирқабозон фасод кардани ислом аз решу бун аст).

Бале, қазоёи каломӣ, аз ин Мадраса ба вуҷуд омада ва ба ҳайси мабодии динӣ қарор гирифт, ки қарнҳо аз як забон ба забони дигар интиқол ёфт ва меёбад. Ва як манбаъи асосӣ, барои мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат гардид. Имоми Аъзам (р) бо зӯҳд ва тақвои каммисли хеш, як қисмати умдаи сақофати исломиро тамсил мекард ва мехост барои ин дини мубин ва роҳи ростин хидмати шоистае анҷом диҳад, (ки аъроби фирқабоз дар ин кор оҷизанд, С.Б.Б.,) ва аз тариқи дониш ва илми калом, фиқҳ ва ғайра аз он дифоъ намояд. Таърих собит карда, ки Имоми Аъзам (р) дар тӯли ҳаёти хеш, аз таҳсил ва ҷустуҷӯву пажӯҳиш ва омӯхтани илм боз нанишаст.

Ӯ ба Маккаи мукаррама мусофират мекард ва вақтро ғанимат дониста, аз Атоъ ибни Рабоҳ истифодаи илмӣ менамуд. Ҳамчунон дар Макка, дар пайи фаро гирифтани илми Ибни Аббос (р) кӯшон буд. Тавре, ки илми Ибни Умар (р) ва назариёти ӯро аз Нофеъ ба даст овард, аз улуми Ибни Масъуд ва Алӣ (р) ба василаи шогирдони онҳо, ки дар Кӯфа мезистанд, мустафид гардид. Ва низ аз мутолиаи таърихи зиндагии вай бармеояд, ки бо Зайд ибни Алӣ (р).Муҳаммади

Боқир ибни Муҳаммад Абдуллоҳ ибни-Ал-Ҳусайн (р) ва амсоли эшон (аз ҷумла Имом Ҷаъфари Содиқ раҳматуллоҳи, С.Б.Б.). мулоқот ва аз сӯҳбати онҳо истифодаи илмӣ карда аст. Гарчи машҳур ин аст, ки истифодаи вай аз ин донишмандон хос дар ришгаи фиқҳ буда, вале шахсияти илмии ӯ монеъи ин қазоват аст, зеро имоме, ки дар тамоми бахшҳои динӣ аъм, аз усулу «фурӯъ тааммуқ ва диққат дошт, гарчи ба дараҷае расида буд, ки мардум аз вай истифода мекарданд, ба вай иқтидо мекарданд, ва мушкилоти худро ҳал менамуданд, бо он ҳам аз талаби илм сер нашуда буд (ва шиори ӯ ин ҳадиси Расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам буд, ки омада: «-Аз гаҳвора то ба гӯр дониш биҷӯ», С.Б.Б.). ва низ намехост, ки муноқишоти илмии худро хусуси як ришта гардонад ва аз вай шунида нашуда, ки дар муқобили пурсиши мардум, роҷеъ ба масойили каломӣ гуфта бошад, ки каломро тамоман тарк гуфта ва аз ҷавоб ба эшон маъзарат хоста бошад (ӯ тарк гуфта буд, тӯдаи ҷоҳталабону насабхоҳони соҳибшаҷарараро, ки ғофил аз масали арабии «Магӯй, ки ҷадди ту кист, бигӯй, ки ту худ кистӣ», худро аҳли калом меҳисобиданд, дар баҳсҳо бо мардум оҷиз омада, байни худ аз тафриқаи хеш фирқаҳои ғалатӣ эҷод мекарданд; Имоми Аъзам мактаби каломии ин тӯда «устодон»-и каломро тарк гуфт, аммо ӯ дар асоси илми каломи воқеъӣ, ки муборизаи шадиди ҳаққу ботил аст мактаби каломии хешро асос гузошт ва барои исботи он «Фиқҳи акбар» -ро бинвишт -Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр) зеро муноқишоти динӣ, ба сурати мустақим ва ё ғайримустақим бо тамоми бахшҳои динӣ иртибот дорад. Ва басо қазоёи фиқҳӣ ба мавзӯоти каломӣ марбут аст, монанди масъалаи ҳалф (қасам) ба Қуръон, ки ба мавзӯъи халқи Қуръонро инки Қуръон махлуқ аст ё ғайри махлуқ, ки назарияи аввалиро душманони Имом бар вай тӯҳмат бастаанд, марбут мебошад ва аз расойили Имом ба сароҳат

www.kitobam.com

маълум аст, ки вай тарафдори назарияи дуввумӣ буда аст, ҳамчунон аксари ҷузъиёти фиққӣ», ба масойили каломӣ, бе алоқа намебошад, пас мулоҳизаи нукоти фавқ ба куллӣ нодуруст аст, бигӯем Имом ҷанбаи каломиро як қалам тарк гуфта аст. Эй кош медонистем, ки мақсуд аз ин тарк гуфтан чист? Оё Имом аз ин мутанаффир шуда? Ва ё мӯътариф (иқрор будан) буд, ки мунозироти каломии ӯ бо фирқаҳои мухталиф бечо буда, мухолифонаш ҳақбаҷониб мебошанд ва ё инки ба илми калом аз нигоҳи дин ҳеҷ гуна ниёзмандӣ эҳсос намешавад ва билохира, аз инки Имом қабл аз иштиғол ба фиқҳ, ба илми калом машғул буда, муртакиби иштибоҳи сахту бузурге шуда? Тақозойи мо аз мардуми мунсиф (ба инсоф) ин аст, ки ба ин пурсишҳо (ҳини пажӯҳишҳои хеш перомуни аҳволу осор ва мазҳаби Имоми Аъзам, С.Б.Б.). ҷавоби адолатмандона бигӯянд, то ҳақ ба чеҳраи воқеъиаш намоён шавад. 47,-121.

Бо таъкид метавон гуфт:-Файласуфе, ки ҳаёти худро вақфи хидмати улуми динӣ карда ва теъдоди устодони ӯ аз табақаи тобиъин аз чаҳор ҳазор (ки бо ҳар яки эшон дидор кардаву баҳс карда ва аз эшон ба ғояти тамом дарси ҳикмати диниву ирфонӣ гирифта С.Б.Б.). таҷовуз мекард, (мисли Зайд ибни Алӣ, Муҳаммади Боқир, Имом Ҷаъфари Содиқи мӯҳаддиси бе мисл) ки аз он ҷумла Лайс ибни Саъд, Молик ибни Анас-Имоми дорул Ҳичрат (Мадинаи мунаввара, ки равзаи мубораки Расули муаззам ва мукаррам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва салламро ба оғӯши худ маҳфӯз медорад, С.Б.Б.,) ва ғайра мебошанд ҷоиз нест ба вай чунин тӯҳмати нораво баста шавад, ки аз илми калом эълони безорӣ намуда дар ҳоле, ки муассиси як қисмати умдаи он, яъне, мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат буда ва дар нашр ва ишораи он ранҷҳои фаровонеро дар соҳаи ихтилофоти фикрӣ, мутаҳаммил шуда ва бо далойили қонеъкунандаву бурҳонҳои қотеъона бар

мухолифини риёкору таҳрифгаро (мисли фирқабозони имрӯза, ки бардурӯғ худро ба аҳли салафуссолиҳини замони Расулуллоҳ (с) нисбат медиҳанд) пирӯзӣ ёфта ва далойилро бо дар назардошти авзоъи тарафи муқобил ҷамъ ва тартиб карда ва пас аз тай намудани ин марохил аз илми калом (ба хотири танзими фиқҳи исломӣ, ба нияти дифоъи Ислом ва ҳифзу эҳтироми шариъати ғурройи Муҳаммадия (с) ва роҳнамоии умматони Паёмбари гиромӣ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам, С.Бурҳониддини Бузургмеҳр). мутанаффир шуда аст. 47.-122.

Ҳазрати Имоми Аъзам (р) дар асри тобиъин умр ба сар мебурд ва худ мудом шоҳиди баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ, байни намояндагони фирқаҳои ибтидоии Ислом буд. Ва онҷо, ки аз зиндагии худи Имоми Аъзам (р) равшан мегардад, ӯ бо бисёре аз уламойи давр, баҳри дарёфти ҳақ аз ботил ва саҳеҳ аз носаҳеҳ зиёда баҳсҳо ва ҳатто муҷодалаҳо кардааст.

«Дар Ҷомеъи масонид»-и Имом, таълифи Имом Хоразмӣ тазаккур ёфта, ки аз Абӯҳанифа (р) манқул аст, ки: - Ҳеҷ касеро дар ҳозирҷавобӣ, беҳтар аз Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн (р) наёфтам. Ба вай гуфтам, қазойи илоҳӣ, ба маъосӣ (гуноҳ) тааллуқ мегирад?

Гуфт: -Оё нофармонии Худованд ба иҷбор мешавад! Пас санг бар даҳонам кӯфт.

Ин моҷароро Талҳа ибни Муҳаммад дар «Муснад» («Ҷамъи ҳадис»)-и хеш зикр карда ва аз он бармеояд, ки Имом мунозираро дар Мавзӯъоти каломӣ, балки тарк нагуфта, зеро Имоми Аъзам (р) он шахсияти тавонгару донишвар вазифа дошт, ки дар мунозироти каломӣ иштирок варзад ва дар он амиқу дақиқ фикр кунад ва барои мубориза бо табақоти ғалатрав омодагӣ гирад, яъне, бо фирқаҳое, ки баъзан бо душманони Ислом, ба ғарази эҷоди фасод ва фитнаи динӣ балки мусалмонон (мисли Абдуллоҳ ибни Саббоҳи яҳудӣ, ки

www.kitobam.com

фитнаҳо байни мусалмонон барангехт ва аз фитнаҳои ӯ фирқаҳои ба ҳам зидду мухолиф дар байни мусалмонон пайдо шуд, ки дар ибтидо то омадани Абдуллоҳ ибни Саббоҳ тамоми мусалмонон аҳли суннат ва ҷамоъат буданд ва ҳама аз рӯи фармудаи Қуръону аҳодис, яъне, суннати ҷаноби сарвари олам, яъне, Расули акрам саллаллоҳу алайҳи -ва олиҳи ва саллам амал мекарданд ва ихтилофоте дар байни эшон набуд ва хулоса баъди рӯи кор омадани Абдуллоҳ ибни Саббоҳ ва чун ӯ шайхулнаҷдиён тухми тафриқу таҳриф, риё ва худгароиву худписандӣ ва хусумату кину адоват, дар сабзмарзи пурфайзу футӯҳи Ислом кошта шуд (чун фирқагароёну таҳрирбозон), вале рӯзе меояду ҳақ ба ҳақдор мерасад. Ба қавли шоҳсанами хубрӯёну лоларухон ва андалеби хушбаёни чаманситони Ҳинд шоҳдухтари порсигӯй Зебуннисо:

Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом, ки ояд зи паси он саҳаре ҳаст.

Бале, мо ҳам ба умеди онем, ки ба иродаи Парвардигор тамоми фирқаву мазоҳиби Ислом ба ҳам меоянду баҳри ободӣ ва осоиштагии бани башар ва наҷоти инсон аз рӯи Қуръони карим ва суннати Расули гиромии Худо (с) мекӯшанду амал мекунанд ва роҳеро пеш мегиранд, ки эшонро ба асли худ мепайвандад. Зеро аз, парокандагии мо мусалмонон гавҳари мақсуд ба даст намеояд. Беҳтарин мазҳаб мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аст, ки аз он бӯйи Қуръону бӯйи хуши Расулуллоҳ ва асҳоби киром (р) ба машом мерасад.

Олами башариро бо ҳикмати Қуръон, ки дастуроти илоҳии роҳнамову роҳкушо ва наҷотбахши башарист, обод бояд кард ва ҳам мувофиқи Ҳадис ва на бо яроқу аслиҳа ва фитнаву фасод ва ибодатҳои риёкорона чун фирқабозон, ки ин кор-кори оҷизону заифон аст. Мо, ки дорои дини мубин ҳастем

ва аз умматони солеҳ, ё худ ворисони Расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва ҷамиъи асҳобиҳи аҷмаъин ҳастем, бояд аз суннати расули гиромӣ (с) ва роҳи сайид, яъне, пешвойи худ берун пой нагузорем ва дурдонавор дар сабзҳалқаи Ислом ба ҳам ойем ва ба роҳи сиротал мустақим, ба сӯйи пеш гом биниҳем. Наҷотбахши мо ва муттаҳидсозандаи мову шумо ва тамоми башар танҳо Исломи ҷовидонсабз ва адолатпарвар аст (ва на баҳоиву фирқаӣ, таҳрир ва боз адёни бардурӯғу мазоҳиб ва фирқаҳои «тозазуҳӯр»-и ботила,-СБ.Б). Возеҳтар ин, ки мо бояд чун донаҳо ба сабзҳалқаи ҳаётбахшандаи Ислом ба ҳам ойем ва эҳтироми бани башарро, ки мо ҳама бандаи Худои ягонаем, ба ҷо орем... Абулмаъонӣ Бедил ҳам фармуда, ки:

Бе ришта парокандагии дона аён аст,
Аз сабҳа маҷӯ рабт, чу зуннор намонад.

С.Б.Бузургмеҳр).

ҳамдаст мешуданд ва онро васила барои мақомҳои сиёсии хеш қарор медоданд ва ё баръакс аз ихтилофоти сиёсӣ, барои тафриқаи динӣ бахрабардорӣ мекарданд. Ин буд, ки бо рӯи кор шудани фирқаҳо мусулмонон мутафарриқ, яъне, пароканда шуданд ва мардум ба такфири якдигар шурӯъ карданд». 47-122 (мисли имрӯз, ки аз фитнаи таҳрир ва фирқагароёни халафия фирқаҳо ва фитнаҳо дар олами ислом ба вуҷуд омадааст).

Асре, ки Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар фазойи он умр ба сар мебурд, асри пурталотум буд ва «Имоми Аъзам (р) дар ҳамчу фазо ва дар миёни чунин шароит мактабашро бунён гузошт. Вай аз ҳама бештар тарафдори сулҳу сафо, меҳру муҳаббат бо ҳамсоягон ва хомӯш намудани фитна буд ва муртакиби кабираро гарчи ҳазорон гуноҳ аз вай сар зада бошад, ба куфр маҳкум намекард ва корашро ба даргоҳи барҳақ, яъне, Худованд ҳавола мекард (ва бо ин усули кори худ

www.kitobam.com

бо дӯстон мурувватy бо душманон мадоро мекард, С.Б.Б.), иштибоҳи мухолифонро тавзеҳ ва онҳоро бо далойили илмӣ ва ғайриқобили инкор ба ҳақоиқ раҳнамоӣ мекард. Вазъи Имоми Аъзам (р) дар мактаби каломиаш бадон мемонад, ки гӯё дар иҷтимоъи мураккаб,аз пайравони фирқаҳои мухталиф хитобае эрод мекунад ва бо ҳар табақа қисме музокира мекунад, ки сабаби қаноъат шавад ва онҳоро як ба як тавзеҳ менамояд, ки ба иштибоҳи хеш, яъне, роҷеъ ба саббшайхайн ва иттиҳоди онҳо ба ғасби ҳаққи Алӣ разиаллоҳ мулатафит (мутаваҷҷеҳ) гардонд ва ба аҳли байт бидуни ифрот ва дар дохили чавкоти шаръу дин муҳаббат варзанд, ба қисме, ки ҳар мусалмон ба доштани он маҷбур аст. Баъзе касон, ки ҳақиқати ақволи Имомро дарк накардаанд ӯро, яъне, Имоми Аъзам (р)-ро шиъа хондаанд ва мо дар оянда таҳқиқ хоҳем кард, ки Имом аз аҳли ташайюъ ба мафҳуме, ки маъруф аст набуда, балки бадин маънӣ аст, ки ӯ ба аҳли байти нубувват муҳаббати бе андоза дошт ва ин алоқа аз ҳадди эътидол хориҷ набуд. 47-123.

Имоми Аъзам (р) шахсияти аҷибе будааст ва бо ҳама бо лутфу марҳамати хоса муроҷиат ва гуфтугӯву мусоҳиба мекардааст! Ӯ як инсони бағояти тамом ҳалим ва хоксор будааст. Ҷое омада: «Имом мардуми мӯътазиларо бо лутфи хосе ба таъаммуқ дар оёте мекунад, ки мазҳаби онҳоро тардид менамояд. Мазҳаби эътизол доройи нуқтаи ифротие буда, монанди нафийи сифат аз Худованд ва исботи мартабаи мутавассит байни куфр ва имон ва амсоли он. Ва Имом ба ин тартиб аз эҳсосоти ифротии эшон мекост ва тарафи дигар иштибоҳоти хориҷ ва равофизро ангуштнамо мекард ва «эшонро ба сурати умум мекӯшид табақоти мутафарриқ бо ҳам наздик шаванд ва ҳамагӣ фирқаи муттаҳидеро ба вуҷуд оранд, ба гузаштагон дашном надиҳанд, инсон бошанд ва ба куфри Ҳазрати Алӣ (разиаллоҳ) ё Муъовия (разиаллоҳ) ҳукм

накунанд, гунаҳкорро кофир надонанд (аз барои мақосиди ғаразноку аҳдофи сиёсии худ мардумро ба куфр ҳукм накунанд ва қасамҳои шаръӣ, мисли талоқ, мардумро ба ҳар сӯ даъват нанамоянд, мисли Абдуллоҳи Саббоҳи яҳудӣ, С.Б.Б.,) ва ба рехтонидани хуни якдигар иқдом наварзанд, балки адовату кинаи байни ҳамдигарии худро як сӯ гузошта, дар бандагии Худо, бародари ҳамдигар (ба қавли Расули акрам салъам: «-Ин-намал мӯъмину ихватун» яъне: «Мӯъмин бародари мӯъмин,» С.Б.Б.,) бошанд. Ин ҳама аҳдоф дар мунозироти каломӣ ва фиқҳии Имоми Аъзам (р) ва аз рукнҳои асосии афкору андеша ва дархостҳои Имом дар ду мактаби маъруфи ӯ, яъне, мактаби каломӣ ва мактаби фиқҳии вай, ба сурати возеҳ ҷилва мекунад, зеро забони нарм, дили гарм ва адами хушунат аз одоти барҷастаи вай буд. Чунончӣ аз рисолае, ки ба шогирдаш нахустқазоиюлқуззоти Ислом-Абӯюсуфи Яъқуб ибни Иброҳим ибни Холид-Ал-Кӯфӣ Ал-Ансорӣ навишта возеҳ мешавад. Дар ин рисола пеш аз, он, ки шогирдашро тавсия ба хидмати динӣ, иҷтимоъӣ ва ахлоқии ҷомеъа ташвиқ фармуда мегӯяд: «-Аз ҷангу дуруштӣ бигзар, касе ки ба ту носазо мегӯяд, ба вай носазо магӯ ва ҳақро ба касе, ки ба суханони ту гӯш фаро медиҳад бирасон: -Ба мардум таклифе раво мадор, ки бар ту раво надоранд ва он чиро, ки барои худ ба нияти неку кори хайр мехоҳанд ту ҳам ба он розӣ шав...». 47-123.

Бале, ҳақ ба ҷониби Имоми Аъзам (р) аст, ки шахси толибилм ва умуман ҳар як фарди солимақл ва мусалмон бояд мӯъмин бошад ва бо хулқу атвори ҳамидаи худ соҳибэҳтиром бошад ва бо атрофиёни худ бо мурувват рафтор кунад ва бояд бидонад, ки «Мӯъмин бародари мӯъмин аст». Ва ниҳоят аз ҳама муҳим он аст, ки инсон бояд аз кибру ғурур, риёкорӣ ва худманишӣ орӣ бошад, ки такаббур аз пешаи шайтони лаъин аст. Ҳамеша бояд бикӯшем, ки бо мардум ва

www.kitobam.com

дар байни мардум бошем ва ба доми ҳавову ҳаваси дунёву нафси шайтонӣ гирифтор набошем, зеро бузургон фармуданд, ки: «-Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоъат бош!» Ва ё худ шоҳбайти Шайх Аттори Валиро метавон барои тақвияти ғуфтаҳои боло мисол овард, ки оиди мазаммати кибру ғурӯр хеле хуб фармуда:

Ҳар, ки шуд аз кибр боло гарданаш,
Дӯстон гарданд охир душманаш.

Ҳама он васиятҳо ва садҳо назири он, ки Имоми Аъзам (р) ба шогирдонаш тавсия карда, доройи арзиши хуби илмӣ, дар соҳаи фиқҳ ва калому иҷтимоъ мебошад.

Оре, Имом марде буд сулҳписанд, афифу покдомон ва аз ихтилоф нафрат дошт, чунончи ин эҳсос дар мунозироти каломии вай ва дар васоёи ӯ машҳуд аст ва рӯҳияи он дар муҳовароти иҷтимоӣ маҳфӯз буда, арзиши он аз назари мунсиф (шахси боинсоф) пӯшида нест. Ҳамчунон тавсияи ӯ барои шогирди маъруфаш Имом Абӯюсуфи Яъқуб, ки ба дараҷаи бузурги илмӣ расида ва дар муҳовароти илмӣ, ба хубӣ ёд мешавад ва ҳатто ҳамеша хулафойи давр ва ҳукумравоёни асри худро мудом насиҳат ва раҳнамоӣ мекард, ба таъаққул (яъне, хирадмандиву мутафаккирӣ, С.Б.Б...,)-и Имоми Аъзам (р) далолати возеҳ дорад ва нишон медиҳад, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) беҳтарин хадамотеро барои роҳнамоии мардум ва тарбияи шогирдони донишмандаш анҷом дода аст (ки орзӯи Расули акрам ва мақсади он Ҳазрат (с) ҳам чунин тарзи роҳнамоӣ буд). 11.47-124.

Баҳси мавзӯи ин бахш каме тӯл кашид,(маъзарат, аз мутолиъини борикбин) ва ҳоло сухан, ки ба анъанаи баъзе нигоришот то ба ин ҷо расида, зарур мешуморем, ки зикру нигориши чанд нукоти баённашударо, ки дар сароғози мавзӯи ин бахш, возеҳтар, дар сарлавҳаи ин мавзӯъ оварда будем (оиди номгӯи расоили каломии Имоми Аъзам разиаллоҳу

анҳу ва баёни фишӯрдаи мӯҳтавиёти онҳо), бо чанд ҷумлае ба анҷом бирасонем.

Бояд бигӯем, ки то ба имрӯз перомуни осори илмии мансуб ба Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), байни муҳаққиқини таърихи дину мазоҳиби Ислом ва байни аҳли илму ҳикмат баҳсҳое ҷой доранд. Аммо назди мо равшан ин аст, ки муносиб, ба андозаи насибамон, ки Худованд ба мо арзонӣ дошта, аз осори гаронсангу мероси қудсиёнаву ҷовидонаи бешумори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу, то ба имрӯз (бояд зикр намуд, ки 1300-солагии бузургдошти ин абармарди ҷаҳонӣ, бо қарордоди ЮНЕСКО, КУИ-КОНГРЕССИ УМУМИҶАҲОНИИ ИСЛОМӢ - Мутамар ал-олам ал- исломӣ, ва ЛОИ - ЛИГАИ ОЛИИ ИСЛОМ - Робитат ал-олам ал-исломӣ, соли 2000-и мелодӣ, дар тамоми олам бо тантана ҷашн гирифта шуд), бо гузашти айёму ҳаводиси рӯзгор, аз қаъри ниҳонхонаи дарёи пурталотуми таърих, ба дасти ғаввосони дарёи илму-маънӣ, яъне, муҷтаҳиддин ва саррофони гавҳаршиносу ҷӯяндагони борикбин ва муҳаққиқону муаррихони бостонгуҳар, шаш, гавҳари ноёби дину ҳикмат, яъне, шаш рисолаи динӣ-мазҳабӣ (дар асоси Қуръон ва Ҳадис) (ва ба қавле ҳафт рисола ба ӯ мансуб аст) - Имом Абӯҳанифа (р), яъне, «Фиққал-акбар» («Фиқҳи акбар» низ гӯянд), «Фиққал-абсат» (фиқҳи густурда, яъне, муфассалбаёншуда), «Ал-олим вал-мутааллим», ва «Китоб-ал-Осор», «Рисолаи Абӯҳанифа, ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ» Имоми Басра» ва «Ал-васият», ки дар ришгаи фиқҳ ва илми калом нигошта шудаанд, ошкор гардидаву ба даст омадаанд, ки маҳз бо кӯмаки Ҳаммод (р)-писари Имоми Аъзам (р) ва шогирдони содиқаш Абӯюсуфи Яъқуб ибни Иброҳим ибни Холид ибни Муҳаммади Қозӣ, Имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Имом Зуфар ибни Ҳузайл, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Имом Абӯмутеъи Балхӣ ва

www.kitobam.com

набераш Имом Исмоил ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р) ва дигарон, баъди даргузашти Имоми Аъзам (р) гирдоварӣ шудаанд. Зеро, ки аксари таълимот ва суханрониҳову аҳодиси овардаи Ҳаким Имом Абӯҳанифа (р), дар фиқҳ ва дигар улуми динӣ, ба тарзи шифоҳӣ будааст.

Як нуктаи дигареро бояд қайд намуд, ки баъзе аз сарчашмаҳои энсиклопедии илмии муосир (аз ҷумла «Ислом-маълумотномаи мухтасар», Душанбе «Ирфон»-1990, саҳ.,30-31) дар асоси такя ба дигар маводи илмӣ «Муснад». («Ҷамъи ҳадис») ном асарро низ ба Имом Аъзам (р) нисбат додаанд, ки он ҳам бошад гӯё аз тарафи шогирдонаш ҷамъоварӣ карда шудааст. Вале як чиро бояд қайд намуд, ки воқеъан Имом Аҳмади Ҳанбал низ «Ал-Муснад» ном асари машҳур дорад, ки то ба рӯзгори мо омада расидааст. Аммо ба «Муснад» ном асаре, ки таалуқ ба Имоми Аъзам (р) дошта бошад то ба имрӯз дар даст надорем. Вале ҳеҷ ҷои тааҷҷубе ҳам нест, ба он ки Имоми Аъзам (р) воқеан чунин асаре (китоби «Хайрот ал-ҳисон...». ҳам шаҳодат медиҳад, ки Имоми Аъзам соҳибмуснад аст) дошта бошад, зеро Ҳаким Имом Абӯҳанифа, машҳур ба Имоми Аъзам (р) барин шахсияти бузурги илму маънӣ, ки дар ҳар нафаси худ ҳадисе пурҳикмат аз Расули акрам салъам, ба шогирдону пайравонаш баён медошту мегуфт, метавонист, ки даҳҳо чунин асаре дошта бошад, ва ё ҳикматномае нигошта бошад ва ё ба шогирдони худ, барои китобат баён дошта бошад. Зеро аз зиндагии ӯ маълум мешавад, ки ӯ ҳамчун пайрави Қуръону Ҳадис тамоми аҳодиси аз устодон азбаркардаи худ ва аҳодиси аз асҳоби киром (р) ва тобиъин ҷамъовардаи худро китобат мекардааст. Муҳимтарин манбаъе ки савияи каломии Имоми Аъзам (р)-ро муаррифӣ мекунад ва намоён медорад, ин таълимоти каломии ӯст, ки пас аз таҳқиқи асноди он ва итминон ба ин, ки нисбати он ба Имоми Аъзам (р) дуруст аст, дар паҳлӯи назариёте, ки аз тариқи

дигар аз Имом ба мо расида, бо як силсилаи назариёти каломии ӯ, аз хилол (миён)-и таълифот ошно мешавем. Дар бораи таълифоти Имоми Аъзам (р) маъонуддин (ситезакор, хасм, яъне, бадхоҳ ва душман)-и вай изҳори шак намуда ва хостаанд собит кунанд, ки ин рисоили каломӣ, дар воқеъ аз Имом нест, ҳамчунин пайравони фирқаҳои мухталиф кӯшидаанд, аз тариқи тавлиди шак, дар мавриди расойили мазкур афкор ва назариёти аҳли суннат ва ҷамоъатро (ки беҳтарин далойилу назариёт ва афкору андешаҳои роҳнамоест, ки дар асоси ду сарчашмаи муқаддас Қуръони маҷид ва аҳодиси Расули гиромӣ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам, ки аз ҷониби Имоми Аъзам разиаллоҳ ва низ шогирдони ӯ, барои мунавварсозии роҳи умматони Паёмбар саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва амалӣ намудани суннат ва ормонҳои неки ҷаноби сарвари олам Ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин, яъне, эҳтиром ва ҳифзи шаръу дин, танзиму тартиб ва эҷод шудаву нигошта шудааст, бо унвони мактаб ва ё мазҳаби ҳанафия, С.Б.Б...,) мухтал (яъне, халалёфта ва сусту табоҳ созанд.С.Б.Б.,) гардонанд.

Имом Ҳорисӣ (р) дар «Ал-кашф ал-кабир» мегӯяд: «-Ибни Муборак (р) роҷеъ ба фазойили Имоми Аъзам (р) ривоёти зиёде зикр карда, зеро вай ба сурати мустақим ва ё ба василаи дигарон аз вай шунида мегӯяд: - Имоми Аъзам (р) доройи таълифоти зиёд дар риштаи калом мебошад». 47.-125.

Имом Абулмузаффари Исфароинӣ (мутаваффии соли 471 ҳичрӣ) рисолаҳои «Ал-олим вал мутааллим», «Ал-фиқх, ал-акбар» ва «Ал-васият»~ро ба сароҳат ба Имоми Аъзам (р) мансуб намуда ва дар китоби хеш «Ат-табсир фид-дин» (саҳ.,113) мегӯянд «-Агар касе хоста бошад собит кунад, ки байни ду гурӯҳ, (мақсади Исфароинӣ ду гурӯҳи мавриди баҳс аст) ихтилоф вуҷуд надорад, лозим аст то китоби «Ал-олим

www.kitobam.com

вал-мутааллим»-таълифи Имом Абӯҳанифа (р)-ро таҳти мутолиъа қарор диҳад, дар ин китоб далолилу бурҳони зиёдеро дар муқобили илҳод (аз дин баргаштагӣ) ва бидъат (гӯё чизи нав, вале бе бунёду бе собиқа ва бурҳони пойдарҳаво, С.Б.Б.,) мулоҳиза мекунад ва роҷеъ ба ақоиди мутакаллимин (аҳл ал-калом) ва раддия бар мухолифин, шарҳе дар он нигошта шуда, ҳамчунин дар китоби «Ал-фиқҳ ал-акбар», ки аз тариқи қобили итминон ва ба асноди саҳеҳ аз Насир ибни Яҳё (р) ривоят шуда, ки ӯ аз Абӯмутеъи Балхӣ (шогирди Имом Аъзам) ва вай аз Абӯҳанифа (р) ривоят карда ва низ китоби «Ал-васият», ки Абӯҳанифа (р) онро бз Умар ибни Усмон Ал-Баттӣ (Имоми Басра) навишта ва дар он бар афкори аҳли бидъат хати батлон кашида шуда аст». 47. - 125.

Душманон ва мухолифони Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ба ҳадди ифротӣ ба муқобили ӯ бархоста, расойили каломии ба Имоми Аъзам (р) мансубият доштаро инкор намуда, устодӣ ва пешвоии ӯро дар илми калом дидаву дониста рад кардаанд. Онҷо чунин аст, ки омада: «Баъзе муаллифин маноқиби Имоми Аъзам (р)-ро тасреҳ кардаанд, ки мӯътазила иддао мекунанд, ки Имоми Азам (р) дар илми калом таълифе надорад». Онҳо ба ин тартиб мехоҳанд бигӯянд, ки «Ал-фиқҳ ал-акбар» ва «Ал-олим вал мутааллим» аз таълифоти Имоми Аъзам (р) нест. Ба далели ин, ки кутуби мазкур ҳовии аксари мабодии аҳли суннат ва ҷамоъат аст, дар ҳоле, ки Имом пайрави мазҳаби мӯътазила мебошад (Ҳошо (!) ҳаргиз) ва ин ду китоб аз таълифоти Абӯҳанифаи Бухорӣ аст. Вале, ин иддао ба тамом ва комилан ғалат аст, зеро дар ин кутуб назариёте ба мулоҳиза мерасад, ки бо равиши каломии Имом, ки аз тариқи дигар дастраси мост, мутобиқ ва мувофиқ мебошад ва дар он далеле барои ин, ки ду китоби мазкур таълифи Имом нест, ба назар намерасад». 47. -126.

Ва ҷое дигар омада: «Мавлоно шамсулмиллат вад-дин Баротақинии Имодӣ меғӯяд: - Ин ду китоб аз таълифи Абӯҳанифа (р) аст, ва теъдоди зиёде аз донишмандон бо ин назария ҳамнаво мебошанд. Боре як шахс ки дар асри Маъмун кутуби Имом Абӯҳанифа (р)-ро ба об шуста буд, аз тарафи Маъмун барои чунин рафтораш шадидан муҷозот гардид». 47. - 126. Пас метавон ҳукм кард, ки иддае аз мӯътазилиён, ки ақидаашонро нисбати Имоми Аъзам (р) ва асарҳои таълифнамудаи ӯ баён доштаанд ботил буда, як адоват ва душманиест, нисбати Имом Абӯҳанифа(р) ва нодидагиест, нисбати истидлоли худододи оиди илми калом ва фиқҳ доштаи Имом Абӯҳанифа (р). Зеро агар Имом Абӯҳанифа (р) асари таълифнамудае намедошт, шогирдонаш Мавлоно Имодӣ ва даҳҳо дигарон ба муаллифи асарҳои каломӣ ва фиқҳӣ будани Имоми Аъзам (р) шаҳодат намедоданд ва он шахс барои дар об андохтани кутуби Имом ҳамчун шахси ҷоҳилу нодон, яъне, авомунноси кӯрдил, аз ҷониби халифа Маъмун сахт ба итоб гирифта намешуд. Вале, чи метавон гуфт, ки зиндагӣ худ зарбаи пай дар пай аст ва майдони муборизаи ҳаққу ботил аст (мисли имрӯза афроди халафӣ, ки муборизаҳои айёрона ва инглисонаву ғарбиёна ва саббоҳиёнаи худро бо мазҳаби муҳаззаби ҳанафия шурӯъ кардаанд). Хасмони Имоми Аъзам (р) мисли абрҳои сиёҳ бо он қалбҳои пуркин ва басо тору афкори ботилашон, ҳама ноумед рафтанд, ки рафтанд. Аммо «Чароғи уммат»- Имоми Аъзам (р) ҳамчу шамъ худсӯзиҳо кард ва ҳаёти худро вақфи роҳи ҳақ кард, ва тавассути афкору андешаҳои волояш осмони олами Исломро мунаввар ва роҳи миллионҳо умматони Расули акрам (с)-ро дар роҳи Қуръон ва мувофиқи суннат ва аҳодиси набавии он Ҳазрат (с) дурахшон намуд ва ҳарчи қудрате, ки дар вуҷуди муборакаш дошт тавонист, ки зиёда тири ҳақ ба сӯи ботил занад. Ин аст, ки 1310 сол ин ҷониб ҳама умматони

www.kitobam.com

солеҳи Расули акрам (с), яъне, фирқаи аҳли суннат ва ҷамоъат ва тӯдаҳои рӯшанфикр ва дилогоҳу бедормағзи ҷомеъаи башарӣ ӯро, яъне, Имом Абӯҳанифа (р) -ро ҳамчун пешво, яъне, Имоми Аъзам ва фақеҳи кабиру имоми шаҳир мешиносанд. Яъне, Имоми Аъзам (р) он шахсияти камназир ва нобиғаву инсони комил аст, ки дар ҳақи ӯ метавон чунин ҳукм ва ба тарзи холисона ва бидуни ғараз баҳодиҳӣ кард, ки ӯ воқеъан Абӯҳанифа аст ва ҳам Абулъадл асту вал-инсоф, яъне, намунаи барҷастаи инсони воқеъӣ ва ормонӣ, возҳетар бандаи солеҳи худотарсу худошинос, яъне, мӯъмину мусалмон ва ахиран уммати шоистаи Расули акрам (с).„

«Имом Абӯмансури Мотаридии Самарқандӣ бошад, далойили хешро дар атрофи мавзӯъоти каломӣ, ба рисолоти Имом (Абӯҳанифа) иттикоъ бахшида ва аз он маълум мешавад, ки дар бораи ин таълимот таҳқиқ намуда ва интихоби он, ба Имом (Абӯҳанифа) дар назари вай собит буда, чунончи аз таълифоти ӯ низ маълум мегардад. Ҳамчунин Имоми Муҷтаҳид Абӯҷаъфари Таҳовӣ, дар китоби хеш бо номи «Баён эътиқод аҳл-ал-суннат вал-ҷамоъат ъало мазҳаби фуқаҳо ал-миллат Абӯҳанифа, Абӯюсуф ва Муҳаммад ибн Ал-Ҳасан», ки ба «Ақоиди Таҳовӣ» маъруф аст, аз ҳамин равиш истифода карда аст...». 47.-126.

Ва ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи варзидаи ҷабҳаи фаъолияти каломии Имоми Аъзам (р), устод Иноятуллоҳи Иблоғ аст, ки пас аз муқоисаи нусхаҳои гуногуни рисолаҳои матбӯъ ва хаттии мансуб ба Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ба хулосае омадаву гуфтаанд, ки: «Вақте назариёти каломии Имом (Абӯҳанифа)-ро, ки аз хилоли расойили матбӯъ ва хаттии ӯ намудор аст, бо назариёти вай, ки аз тариқи дигаре ба дастраси мо қарор гирифта муқоиса мекунем, байни онҳо тавофут ба назар намерасад ва он гоҳ ҳеҷ касе (аз муҳаққиқон ва муддаъиён, С.Б.Б.,) мункир шуда наметавонад, ки рисолаи

мазкур аз таълифоти Имом Абӯҳанифа Ал-Кӯфӣ) намебошад, ҳамчунон асноде, ки дар он мулоҳиза мешавад ва силсилаи он мураккаб аз риҷоли барҷаста ва қабили итминон буда, далели қавӣ аст барои он, ки ин кутуби илмӣ аз таълифоти Имом (Имоми Аъзам Абӯҳанифа) аст на аз Абӯҳанифаи Бухорӣ ва ғайра» 47. -126;

Ба қавли устоди мӯшикоф ва борикбину басо фозил Иноятуллоҳи Иблоғ «инак дар бораи рисолаҳои мансуб ба Имом (Абӯҳанифаи тоҷикзабони Кобулии -Кӯфӣ)-и Аъзам (р) як андоза рӯшанӣ меандозем.

АЛ-ФИҚҲАЛ-АКБАР

Нахустин асари илмии дар риштаи илми фиқҳ баёндоштаву таълифнамуда ва аз худ боқигузоштаи Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) «Ал-фиқҳ ал-акбар» («Фиқҳи Акбар») мебошад, иҷмоъи уламойи гузашта низ ин рисоларо ба қалами ӯ ва ба заковати ӯ нисбат додаанд. Рисолаи мазкур аз бузургтарин таълифоти Имом Абӯҳанифа Ал-Кӯфӣ (р) аст, ки дар байни уламойи исломӣ ва ҷаҳон ҳамчун, яке аз нахустин асар ё худ рисолаи давраи муқаддимотии илми калом маъруфият дорад.

«Ин рисола (яъне, «Фиқҳи Акбар») усули қазоёи каломиро ба ибороти мӯъҷаз ва муфиде шарҳ намуда, ки чунин оғоз мешавад:

- Асли тавҳид ва ончи эътиқод ба он дуруст аст, мусалмонро лозим аст, ки бигӯяд: Ба Худо ва фариштагон ва ба кутуби осмонӣ ва паёмбарон ва зинда шудани баъд аз марг ва инки некӣ ва бадӣ аз Худо аст, имони комил дорам...». 47.-126

Чуноне, ки қаблан ишора шуд, теъдоди зиёде аз уламои пешин ва низ муосир рисолаи «-Ал-фиқҳал-акбар»-ро бо далойили раднопазир, ба Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мансуб донистаанд. «Аз ҷумлаи ин донишмандон Имом

www.kitobam.com

Абдулқодири Бағдодии Шофеъӣ мебошад, ки дар китоби хеш «Усули-д-дин» (саҳ.308) чунин тасреҳ намуда: -Аввалин донишмандон, дар зумраи фуқаҳо ва арбоби мазҳаб Абӯҳанифа (Имоми Аъзам) ва Шофеъӣ (Имом Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ) мебошанд... Абӯҳанифа дар мавзӯи рад бар қадария китобе дорад, ки онро «Ал-фиққал-акбар» ном гузошта ва низ рисолае барои таъйиди аҳли суннат ва ҷамоъат дар бораи ин, ки иститоъат мақорин бо феъл аст имлоъ ва иншо фармуда ва дар он илова карда : «Ки иститоъат салоҳияти зиддайнро дорад»...». 47. -127.

Мавзӯъи асосие, ки бештар дар рисолаи «Фиққи акбар», аз ҷониби Имом Абӯҳанифа (р) рӯи он андешаронӣ шуда аст, ин тавҳиди зоти бе мисли Ҳақ таъоло аст. «Имом (Абӯҳанифа) рисолаи «Фиққал-акбар»-ро бо баёни асли тавҳид ва ончи эътиқод ба он саҳеҳ аст, оғоз карда ва як идда масойили каломиро бидуни далойили муфассали он зикр карда, ва равиши ӯ дар ин рисола мухолифи кутуби дигари ӯ аст, зеро дар ин кутуб барои баъзе мавзӯъоти каломӣ, далоиле низ иқома карда вале дар «Фиққи акбар» танҳо дар мавзӯъ ироаи далел намудааст.

Аввал мавзӯи халқи Қуръон, ки тарзи иборати ӯ дар ин баҳс моро ба далойил роҳнамоӣ мекунад, зеро (Имом) мазҳаби худро дар он бора чунин таъйид карда: «Қуръон каломи Худованд аст, ки дар масоҳиф навишта шуда ва дар дилҳо ҳифз ва дар забон қироат ва бар Паёмбар (с) нозил шуда ва талаффузи мо ба Қуръон ва навиштан ва қироати он ҳама махлуқ аст, вале Қуръон махлуқ нест ва ончи Худованд дар бораи ҳикоят аз Мӯсо (ъ-м) ва дигар анбиёъ ва дар бораи Фиръавн, Иблис ва ғайра зикр фармуда, ҳама он каломи Худованд аст, ки аз онҳо қикоят фармуда ва каломи ӯ таъоло ғайри махлуқ аст. Аммо каломи Мӯсо (ъ-м) ва дигар махлуқот махлуқ аст ва Қуръон чун Каломи Худованд аст пас қадим аст

ва каломи онҳо қадим нест. Мӯсо (ъ-м) каломи Худоро шунида, тавре, ки мефармоянд:

- Ва Худованд ба Мӯсо (ъ-м) гуфт.

Худованд қабл аз он, ки ба Мӯсо (ъ-м) сухан гӯяд, мутакаллим буд ва ҳаст. Худованд дар азал холиқ буда ва ҳеҷ кас ба Ӯ монанд нест ва Ӯ таъоло шунаво ва бино аст ва аз раги гардан дида, ба мо наздик аст ва Худованд ба Мӯсо (ъ-м), ба каломи азалӣ, ки сифати азалии Ӯст, сухан гуфт ва сифоти Худованд мухолифи сифоти махлуқ, аст. Илми-Худованд монанди илми мо ва қудрати ӯ монанди қудрати мо ва равият, самъ ва каломи Худованд монанди равият ва самъу каломи мо нест, сухани мо ба василаи олоти гуфтугӯй, яъне, забон ва ҳуруф ва сухани Худованд бидуни олот ва бидуни ҳуруф аст ва ҳуруф махлуқ (офаридашуда ва эъҷозу, эҷод)-и Худо аст ва каломи Худо махлуқ нест...». 47. -131-132.

Матолибе, ки дар боло зикр шуд, дар оғози рисолаи «Ал-фиқҳ, ал-акбар» зикр шуда ва Имоми Аъзам (р) пас аз таҳқиқи мазҳаби хеш, дар бораи Қуръон як силсила масойили каломиро зикр карда ва боз ба мавзӯи Қуръон тамос гирифта аст...

«Дуввум: - Мавзӯи даст ва рӯй ва нафси Худованд аст, ки дар Қуръон зикр шуда, ки ҳама сифоти билокайфи Худованд мебошад ва дуруст, нест, ки бигӯем ки дасти Худо иборат аз қудрат ва ё неъмати Ӯ аст, зеро (даст) Худо ва ғазабу ризойи Худо, аз сифоти билокайфи Ӯ аст». 47-132.

Агар мо инҷо муфассалан мӯҳтавиёти рисолаи «Фиқҳи акбар»-ро рӯи коғаз биоварем сухан ба дарозо рафта, мумкин аст, ки барои иддае аз мутолиъини иззатманд боиси пургӯй ва малоли хотир гардад. Мо мавзӯи баҳсро ба сӯҳбати дигар - ҳавола намуда, ба сурати иҷмолӣ, ба мӯҳтавиёти рисолаи мазкур бори дигар назар меандозем. Ва ба қавли фармудаи устод Иноятудлоҳи Иблоғ-муҳаққиқи шоистаи ҷабҳаи

www.kitobam.com

назариёти каломии Имоми Абӯҳанифа (р): «... Ба мӯҳтавиёти рисолаи Имом ба сурати иҷмолӣ ва мӯъҷаз назарандозӣ мекунем, ки мубоҳиси рисолаи «Фиқҳи акбар» ба қарори зайл хулоса мешавад:

Асли тавҳид, имон, қазо ва қадар, ваҳдати Худо на аз тариқи адад, сифоти зотию феълии Худо, Худованд бо махлуқ шабеҳ нест, иттисофи Худо ба сифот, дар азал, эҷоди махлуқот аз ъадам, Худованд махлуқи худро маҷбур намегардонад. Ӯ раҳмонирраҳим, яъне бахшояндаи меҳрубон аст, афъоли ъибод, нубувват ва ъисмати анбиёъ, тартиби хулафойи рошиддин (яъне, хулафойи барҳақ ва иршоддиҳандагону интишор-диҳандагони Ислом-чаҳор пири тариқат Абӯбакри Сиддиқу Умар Ал-Форуқ ва Ҳазрати Усмону Ҳайдар, яъне, Ҳазрати Алӣ разиаллоҳу анҳум, С.Б.Б.,) дар фазилат, хаворик (афъол ва хасоил, ки хилофи одати дигар мардумон бошад ва маҷозан каромоти авлиёъ, С.Б.Б.,)-и одати анбиёъ, ва каромоти авлиёъ равийяти Худованд, дин чи маънӣ дорад, дин як исми ҷомеъ, барои ҳама шаройиъ (шариъат, яъне, ба ҳукми шаръӣ, возеҳтар фарз, воҷиб, суннат мустаҳаб, нафл, фарзи қоим-намоз, фарзи доим-зикри номи Худо, яъне, ба ҷои ғайбату ҳарфчинӣ ва суханони рибоъиву риёии дунёӣ; гуноҳ, савоб, амри маъруф, наҳйи мункар, рӯза, закот, хайру садақа, тавофи Каъбаи шариф, ҷавоби атсаву ҷавоби салом ва одоби салом, хулқу одоби нек, «Иннамал мӯъмину ихватун». яъне: «Мӯъмин бародари мӯъмин», никоҳ, талоқ, қарз ва адои қарз, парҳез аз куфр, тарки одати бад, хатна, фитри рӯза, фидяи савм ва салот ва кулли воҷибот, парҳез аз исроф, кӯшиш ба сарфа, сиға (никоҳи муваққатӣ), зиноъ ва дӯрӣ аз он, манъи рибоъхӯрӣ, манъи ришва ва манъи порахӯрӣ дар хешутаборӣ, ба мисли қалин, ширбаҳо ва ҳама он муомилоти тарафайнӣ, хулоса Имон ба Худову Расул (с) ва ба фариштагон ва расулону кутуби осмонӣ, зинда гардонидани баъд аз

миронидан, қазову қадар, тақдири бадиву некӣ, эҳтироми гузашта ва гузаштагон (аҳли салаф), сахӣ будан, эҳтироми шариъат ва ғайра мислуҳум, С.Бурҳониддини Бузургмеҳр,) аст, шафоъат вазни аъмол, ҷаннат ва дӯзах, авлоди Паёмбар (с), «Меъроҷ», хурӯҷи рақолулғайб ва Даҷҷоли Масеҳу яъҷуҷу маъҷӯҷ, тулӯъи хуршед аз Мағриб ва нузӯли Ҳазрати Исо (ъ-с)» 47.-133. Дар боби ваҳдати вуҷуд Имоми Аъзам (р) мегӯяд: Худо воҳид аст, яъне, шарик надорад. Дар эътиқодиёт манбаъи ваҳдат «Сураи Ихлос» аст 47-206.

Имом Абӯҳанифа (р), яъне, сироҷи умам (р) мегӯяд: « «Худо воҳид аст, на аз тариқи адад». Матни фармӯдаи Имоми Аъзам дар «Фиқҳал-акбар» чунин аст: «Худо воҳид аст, на аз тариқи адад, балки аз ин лиҳоз, ки шарик надорад, яъне: «Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим: Қул ҳуваллоҳу аҳад (1) Аллоҳу-с-самад (2) Лам ялид, Ва лам юлад (3) Ва лам якуллаҳу, куфуван аҳад (4)». (Яъне: «Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон (1) Бигӯ (ё Муҳаммад): Ӯ Худои ягона,(2) Худои бениёз,(3)назода ва зоида нашуда, (4) ва нест Ӯро ҳамто аҳаде!) 47. -206.

Мавзӯи имон низ яке аз масойил ва мавзӯоти-муҳим ва фарзист, ки Имоми Аъзам (р) перомуни он, дар рисолаи «Ал фиқҳал-акбар» муфассалан андешаронӣ кардааст ва аҳкоми ойиди имонро бо матолибе зиёд таҳқиқу ташреҳ ва арзёбӣ намудааст. «Имоми Аъзам (р) мавзӯи имон ва мутааллиқоти онро дар чанд ҷо ба сурати пароканда зикр карда ва ҳамаро дар як биёварда, ки шояд барои ин равиш назди худ далеле дошта, чунончи дар оғоз гӯяд: «- Бар мӯъмин лозим аст, ки бигӯяд: Имон овардам ба Худо...». Ва пас аз зикри чанд масъалаи каломӣ, боз ҳам ба мутааллиқоти имон ишора намуда мегӯяд:

Худованд махлуқро орӣ аз куфр ва имон офарида, баъдан хитоб ва амр ва наҳӣ (бозгашт аз гуноҳ ва куфр ва ширк)-ро бо

www.kitobam.com

эшон мутаваҷҷеҳ гардонида, ки баъзе мардум ба асари ъадами тавфиқи Худо бо феъли худ ва инкор аз Ҳақ, куфрро ихтиёр карда ва баъзе ба тавфиқи Илоҳӣ, бо феъли худ ва бо амри дили огоҳашон ва иқрору тасдиқи худ имонро ихтиёр намудаанд.

-Худованд авлоди Одамро аз сулб, (устухонҳои пушт)-и ӯ ба сурати мурчаҳои кӯчак халқ фармуд ва ба эшон ақл бахшид, сипас амр ва наҳӣ ва хитоби худро мутаваҷҷеҳи онҳо гардонид ва ҳамагӣ ба Худогии ӯ Таъоло эътироф карданд ва ин эътироф айни имон аст ва онҳо бо ҳамин имони фитрӣ ба вуҷуд меоянд ва касе, ки баъд аз он кофир мешавад, гӯё фитрати худро тағйир медиҳад ва он, ки имон меорад, ҳамин фитратро давом ва субот мебахшад. Худованд ҳеҷ касеро ба куфр ва имон маҷбӯр нагардонида ва онҳоро кофир ва ё мӯъмин наёфарида, балки танҳо шахси онҳоро халқ фармуда ва имону куфр кори худи бандагон аст. Офаридгор ақл ва тафаккур дод то, ки нотиқ бошанд инсонҳо ва гумроҳ набошанд ва имонро аз куфр ва савобро аз гуноҳ худашон бояд фарқ кунанд. Худованд куфри кофирро дар ҳалли куфри вай медонад ва чун имон оварда илми Худо ба имони вай тааллуқ мегирад ва ӯро бидуни ин, ки дар илм ва сифати Ӯ-Таъоло тағйир рух диҳад дӯст медорад». 47. -133.

Ҳамчунин дар «Фиқҳи акбар» Имоми Аъзам (р) оиди имон боз чунин тасреҳотро ба қалам дода: «-Имон иборат аз иқрор ва тасдиқ аст», (бояд таъкид намуд, ки дар «Фиқҳи акбар» танҳо матолиб вуҷуд дорад ва далойил ба назар намерасад, И.Иблоғ). 47. -173.

Дар рисолаи «Ал-васият»~и Имом Аъзам Абӯҳанифа (р) бошад, оиди масъалаи имон чунин тарзи тасреҳот ба назар мерасад, ки омада: «-Имон аз иқрор ба забон ва тасдиқ ба қалб аст ва танҳо иқрори забонӣ имон шумурда намешавад, зеро агар инсон маҳз ба иқрор мӯъмин пиндошта шавад, бояд

ҳамаи мунофиқон (ки гоҳо бардурӯғ ба забон иқрори имон мекунанд) мӯъмин шумурда шаванд. Ҳамчунон, танҳо маърифат имон нест, зеро дар ин сурат ҳама аҳли китобро мӯъмин метавон гуфт, дар ҳоле, ки Худованд дар бораи мунофиқон фармуда: «Валлоҳу яшҳо иннал мунофиқина-л-козибун «(яъне: Худованд шоҳид аст, ки мунофиқон дурӯғгӯёнанд»). Ва дар бораи аҳли китоб мефармояд:

«Аллазина отайно ҳумул китоб, яърифуна камо юъаррифуна абноиҳум». (Яъне: «-Касоне, ки ба эшон китоб додаем (Ӯ)-ро мешиносанд, монанди онки фарзандони худро мешиносанд») 47-173.

Ба қавли устод Иноятуллоҳи Иблоғ: «Дар ин баҳс ба овардани ду матлаб, аз ду рисолаи мутазаккира иктифо менамоем, ки далолат дорад бар таркиби имон, аз ду ҷузъ, яъне, иқрор ва тасдиқ ва дар рисолаи «Ал-олим вал-мутаъаллим» бошад, ба маърифати яқин, Ислом, иқрор ва тасдиқ ишора шуда» 47. - 173., ки дар бораи он дар оянда сӯҳбате муфассал хоҳем кард.

Ва ниҳоят, хулосаи поёнбахши нисбатан фишӯрдаи мавзӯи мавриди назар қароргирифта ин, аст, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар баробари баёни мазҳаби хеш дар рисолаи «Ал-фиқҳал-акбар», зиёда перомуни тавҳиди зоти ягона ва бе мислу монанди Худо ва сари мавзӯи имон ва халқи Қуръони маҷид андеша рондаву тасреҳоти зиёде оиди ин масойил баён доштааст ва ҳамчунин мулоҳизот ва матолиби зиёдеро муфассалан рӯи коғаз овардааст.

АЛ-ФИҚҲ-АЛ-АБСАТ

Дуввумин рисола (ё худ нусхаи китоб)-и илмие, ки ба қудрати халлоқӣ (Худодод).афкору андешаи воло ва сабки баёни ҳикмати гуворойи аз бузургтарин аимаи мазоҳиби

www.kitobam.com

чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоъат ва дар қатори эшон ҳойизи мартабаи аввал, «Чароғи уммат»-Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), ки бо далойили қотеъ мансуб аст, ин китоби «Ал-фиқҳал-абсат (рисолаи фиқҳие, ки масойилу матолиби он ба сурати ташреҳӣ баён шудааст) мебошад.

«Ин китоб иборат аз «Фиқҳи-акбар» аст, ки Абӯмутеъи Балхӣ -шогирди Имом Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳум, аз устоди худ (дар варианти дигар) ривоят намуда аст, ки ба «Ал-Фиқҳал-абсат» («Фиқҳи густурда» ва ё муфассал) маъруф аст, то аз «Фиқҳи акбар»-и Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р), ки аз падараш Имоми Аъзам (р) ривоят намуда, фарқ карда шавад. Ровии ин китоб Абӯмутеъ Ҳакам ибни Абдуллоҳи Балхӣ (р) аст, ки бо Абӯҳанифа (р) мусоҳибат дошта. Аз Ибни Авн ва Ҳишом ибни Ҳисон ривояти ҳадис намуда ва аз вай Аҳмад ибни Манеъ ва Холид ибни Солими Саффор ва ҷамоъате донишмандони фиқҳ, ки мардум аз онҳо файз бурдаанд, ривоят намудаанд. Яке аз уламои шаҳири давр Заҳабӣ гӯяд:

- Абӯмутеъ соҳиби ройи соиб, Аллома ва доройи шӯҳрати бӯзург буд, дар қисмати забти масойил (Ҳазрати Имоми Аъзам дар мактаби хеш ва дар маҷлисҳои уламо ба тариқи шифоҳӣ дарс мегуфт, сӯҳбат мекард ва ҳикмати илми илоҳиётшиносиро баён мекард, С.Б.Б.,)-аз Ҳазрати Имоми Аъзам, суст ба назар мерасид. Ибни Муборак вайро ба ҷиҳати донишу дини ӯ ҳурмат мекард... Аксари мардум ӯ (Абӯмутеъ)-ро ба пайравӣ, аз мазҳаби мурҷиъа ва соири фирқаҳое, ки мухолифи суннат ва ҷамоъат амал мекарданд, муттаҳам намудаанд. Чунончӣ аз қавли Кавсарӣ-дар таҳқиқе, ки роҷеъ ба расойили Абӯҳанифа (р) ба амал оварда аст, маълум мешавад.

Абӯлайси Самарқандӣ низ рисолаи «Фиқҳи акбар»-ро ки ба «Фиқҳал-абсат» маъруф аст, шарҳ намуда аст.

Абӯлайс дар соли 373 ҳичрӣ вафод ёфта, ин шарҳ иштибоҳан ба Абӯмансури Мотаридии Самарқандӣ мансуб гардида, дар ҳоле, ки аксари мӯҳтавиёти он аз касоне нақл мекунад, ки баъд аз вай мезистанд ва Мотаридӣ ба ривояти Қутбиддин Ҳофизи Ҳалабӣ дар соли 333 ҳичрӣ вафот ёфта ва аз он ба сароҳат маълум мешавад, ки нисбати ин шарҳ ба Мотаридӣ-саҳеҳ нест. Як идда нусухи хаттии шарҳи мазкур ба номи Абӯлайси Самарқандӣ, дар «Дорал-кутуб Ал-Мисрия», дар қайд мебошад, ба маҷмӯаҳои нумерии 195, - 349 ва 393, дар илми калом муроҷиат шавад». 47.-135.

Дар санадҳои аниқу дақиқ ва силсилаи ривоёте, ки оиди китоб (ки мо дар ин бахш ба яке иктифо кардем)-и «Ал-Фиққал-абсат» ё худ «Ал-фиқҳ ал-акбар», то ба рӯзгори мо маҳфӯзмонда, силсилаи ривоёте омада, ки бештари он аз ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва манотиқи ӯ нақл мекунад. Аз ҷумла омада:

«Имом Абӯбакр Муҳаммади Кошонӣ-муаллифи «Бадоеъ» аз Абӯбакр Алоуддин Муҳаммад ибни Аҳмади Самарқандӣ-муаллифи «Тӯҳфат-ул-Фуқаҳо» мегӯяд: - Ба мо ривоят намуда Абулмуайяд Маймун ибни Муҳаммад Ал-Макҳул Ан-Насафӣ-муаллифи «Табсират ал-адл», аз Абӯабдуллоҳ Ал-Ҳасан ибни Алӣ Ал-Кошғарӣ, мулаққаб ба Ал-Фазл (ки дорои беш аз яксаду бист таълифот дар мавзӯоти мухталлиф аст) аз Абӯмолик Насрон ибни Наср Ал-Хуталӣ, аз Алӣ ибни Ал-Ҳасан ибни Муҳаммад Ал-Ғаззолӣ, аз Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад Ал-Форсӣ, ки Наср ибни Яҳё Ал-фақеҳ гуфт:- Аз Абӯмутеъ Ҳакам Ал-Балхӣ (дар соли 199 ҳичрӣ ба синни 84 солагӣ вафот ёфта ва аз вай Муҳаммад ибни Мақотил ва Мӯсо ибни Наср, бино ба қавли Ибни Ҳачар ривоят карда) шунидам, ки мегуфт:-Аз Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит роҷеъ ба «Фиқҳи акбар» пурсидам, гуфт:

www.kitobam.com

-Ба ҳеҷ як аз аҳли Қибла ба асари иртикоб (муртакиб, сабаби содири гуноҳ ва маъсият, ҷиноят дуздӣ ва ғайра)-и гуноҳ, ҳукми куфр макун...!

Ба ин шакл дар нусхаи марбути «Дорал-кутуб Ал-Мисрия», таҳти нумери-64 ва 15 ва ҳамчунон дар китобхонаи «Азҳар» зери унвони «Маҷмӯаи расойил дар васоёйи Имоми Аъзам», таҳти нумери-34279 мулоҳиза мешавад...». 47.-136.

Хулосаи мӯҳтавиёти рисолаи мазкури Имом Абӯҳанифа (р)-ро метавон чунин арзёбӣ ва шарҳ дод, яъне:

«Равиши ин рисола бо «Фиқҳи акбар» тафовут дорад, зеро ҳама масойили он ҷавоби пурсишҳои шогирди Имом Аъзам (р), яъне, Абӯмутеъи Балхӣ буда ва қисман ҳовии далойили тафсилии бархе масойили каломӣ аст. Имом ба посухи аввалин саволи шогирдаш роҷеъ ба «Фиқҳи акбар» чунин оғоз карда:

«Ҳеҷ як аз аҳли Қибларо такфир макун, имонро аз ҳеҷ кас нафӣ (дур) макун, ба маъруфи амр ва аз мункар наҳӣ кун ва бидон, ки ончи ба ту расиданӣ аст, хато намешавад ва ончи хато шуданӣ аст, намерасад. Аз ҳеҷ як аз ёрони Паёмбар (с) ва асҳоби Ӯ (с) изҳори безорӣ макун ва бо ҳеҷ як аз онҳо чунон дӯстӣ макун, ки бо дигарӣ надорӣ (ҳамаро ба як чашм нигоҳ кун) ва кори Усмон (р) ва Алӣ (р)-ро ба Худованд биспор...».

Баъд мегӯяд:

«Фиқҳ ва дониш дар дин, беҳтар аз дониш дар аҳком аст. Ва агар инсон бидонад, ки Парвардигорашро чигуна ибодат кунад, беҳтар аст аз ин, ки некиҳои зиёде ба вай даст диҳад».47.-136.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) «пас аз ин ҳама ба тафсили илмии имон мепардозад ва далойиле роҷеъ ба мазҳаби хеш, дар бораи имон иқома менамояд ва тариқи эроди далойил барои исботи қазоёйи каломӣ, дар рисолаи «Ал-фиқҳ-ал-абсат», бо равиши вай дар «Ал-Фиққал-акбар» мутафовут аст.

Зеро дар ин рисола ба пурсишҳои Абӯмутеъи Балхӣ ҷавоб медиҳад ва бинобар истизоҳи ӯ, ба тавзеҳи комили матолиб мепардозад. Аз ҳамин ҷост, ки дар бораи аксари масойили каломӣ, ба ҳадди кофӣ дар ин китоб, ба ҷавоби суолҳои шогирдаш рӯшанӣ андохта аст. Имоми Аъзам (р) пас аз баёни имон, ба мӯҷиботи куфр тамос гирифта, мегӯяд:

«Агар касе аз офаридани чизе, аз махлуқоти Худо мункир шавад мисли он, ки бигӯяд:~Намедонам, ки офаринандаи он кист? Ба ин қавли Худо («Холиқи кулли шайин») кофир мешавад! Зеро сухани ӯ чунин маънӣ медиҳад, ки холиқи он каси дигаре аст. Ҳамчунон агар бигӯяд:- Намедонам, ки Худованд бар ман рӯза, закот ва намозро фарз карда бошад, кофир мешавад. Назар ба ин ояти шариф: «Ва ақимуссалота ва отуззакота» Яъне: «Ва барпо доред намозро ва адо кунед закотро» Ва ин ояти шариф ҳам аз амрҳои Худованд аст, ки мефармояд: «Кутиба алайкумуссиём» (яъне: «Фарз гардида бар шумо рӯза,») Ва Худованд мефармояд: «Пас Худоро ба покӣ ёд кунед. Ҳангоми шом ва вақти субҳ ва барои Ӯ ситоиш аст дар осмонҳо ва замин ва дар вақти ъишо (намози хуфтан) ва вақти зӯҳр» (тарҷума/ Пас агар бигӯяд: «Ба ин оёт имон дорам, аммо тафсири онро намедонам, кофир намешавад, зеро ба оят имон оварда, аммо дар тафсири он ба хато рафтааст».

Абӯмутеъ боз ҳам пурсид:

«-Агар як шахс дар сарзамини ширк ба тамоми он чи лозим аст иқрор кунад, вале аз фаройиз ва аҳком иттилоъе надошта ва на ба китоб ва на ба аҳком, имон оварад танҳо ба Худо ва имони муқирр (иқроркарда ва иқроршуда) бошад, оё мӯъмин пиндошта мешавад?

Имом дар ҷавоби ӯ чунин мегӯяд:

www.kitobam.com

«-Бале ӯ, ки ба Худованд (ҷалла ҷалолаҳу) ва яккаву ягонагии ӯ (ҷалла ҷалолаҳу) ба иқрор имон овардааст мӯъмин аст».

Ва ин ҳукм, аз лиҳози мавқуфи амал аст, ки ба ақидаи Имом:

-Ҷузъ ва муҳими имон нест».

Абӯмутеъ мепурсад:

-Агар шахсе ба тамоми он чи гуфта иқрор кунад (мақсуд аз он нукоте аст, ки Имом пеш аз он зикр карда, ки имон иборат аз ин аст, ки мӯъмин ба ваҳдонияти Худо ва вуҷуди малоика, китобҳо, паёмбарон ъалайҳимуссалом, ҷаннат, дӯзах, қиёмат, хайр ва шарр, рӯзи ҷазо иқрор кунад ва низ мӯътақид бошад, ки аъмол ба ҳеҷ касе тафвиз, яъне, вогузор нагардида ва мардум ба коре, ки ба ҷиҳати он халқ шудаанд ва ба ончи таҳти ҳукми қазо омада роҷеъшуданӣ мебошад ва ба он ҳам бигӯяд: -Корам ба иродаи худам марбут аст, агар хоста бошам имон меоварам, ва агар хоста бошам куфр меварзам, зеро Худованд мегӯяд:

«Фаман шоа фал-юъмину, ва ман шоа фал-якфир» (яъне:Касе, ки хоста бошад имон оварад ва касе, ки хоста бошад куфр варзад»).

«-Имом гуфт:

«•Дурӯғ мегӯяд! Намебинӣ, ки Худованд фармуда:

«Калло иннаҳо тазкиратан фа-ман шоа зикра ва мо язкуруна илло иншоаллоҳ». (яъне: «Дуруст аст, ки оёти Қуръонӣ панд аст, касе ки бихоҳад аз он панд мегирад ва панд нахоҳанд гирифт магар дар сурате, ки Худованд бихоҳад). Ва дар ояти дигар фармуда: «Ва мо ташоуна илло ан яшоаллоҳ» (яъне: «Иродаи шумо намешавад, магар инки Худованд ирода фармояд»). 47.-138.

Бале инсон, ки офаридашуда (махлуқ) ва баргузидашуда, аз ҷониби Худованд ва бандаи Ӯ таъолост, дар кулли хоҳиш ва

иродоти хайру шарри худ ва бахусус дар аъмоли куфру ширк худмухтор нест ва нахоҳад буд. Инсон набояд аз амру фармонҳои Худованд саркашӣ кунад... (С.Б.Б).

«Мақсади Имоми Аъзам (р) аз тафсири ояи боло дар ин аст, ки ҳикмати Худованди ҳаким ва-хабир эҷоб мекунад, ки бандаро мухтор ва дар афъоли таклифиаш соҳибирода офаринад ва ин, ки афъоли банда таҳти машият(ирода)-и азалии Худованд (ҷалла ҷалолаҳу) қарор мегирад (ба маврид аст, ки агар дар ин бахш ё худ ҳошияи ин таҳқиқ, мисрае барои мисол ва боз ҳам возеҳии масъалаи мавриди назар, аз Хоҷа Ҳофиз дарҷ намоем, ки дар асоси мазомини волои ҳикмати Куръони карим гуфтааст; «Ки нест маъсияту зӯҳд бе машияти Ӯ», С.Б.Б.,) манофие бо ихтиёрӣ будани он нест. Имоми Аъзам (р) дар таҳқиқи хеш мегӯяд ин ояти шарифро, ки:

«Фаман шоа фал-юъмину ва ман шоа фал-якфир»,-Дар ҳақиқат ваъид аст ва барои тарҳиб (тарсонидан) гуфта шуда ва касе, ки мафҳуми зоҳирии онро ирода мекунад кофир нест, зеро оятро рад накарда, балки дар таъвили он (тафсири ҳамово) дучори иштибоҳ шуда. Сипас таҳқиқ мекунад, ки ояти:

«Мо асобака мин ҳасанат фаминаллоҳи ва мо асобака мин саййиат фаман нафсак». Яъне: «Ончи ба ту аз некӣ мерасад, аз ҷониби Худованд (ҷалла ҷалолаҳу) ва ончӣ бадӣ мерасад, аз нафси ту аст». Ва ин ояти шарифро боз барои рӯшании масъала баён медорад, ки омада: «Ва мо асабокум мин мусийбат фабимо касбат айдиякум»,(Яъне: «Ва ончи ба шумо мерасад, аз мусибат, пас ба сабаби касби дасти худи шумо аст».

«-Далолат мекунад бар ин, ки агар касе бигӯяд: -Мусибати ман аз фалонист, кофир намешавад»

www.kitobam.com

Ва Имоми Аъзам (р) ин тавзеҳро дар ҷавоби саволи шогирдаш Абӯмутеъ арза мекунад, ки аз вай мепурсад: -Агар инсон дар ҷавоби ин пурсиш, ки: Оё мусибат аз ҷониби Худо аст ва ё аз асари амали ту, бигӯяд аз ҷониби Худо нест, чи ҳукм дорад? 47.-138.

Хулоса, баъд аз ин тафсил, Имоми Аъзам (р) ба ташреҳи мафҳуми иститоат (қудрат, тавоноӣ), ба қисме мепардозад, ки ҷавобро аз банда нафӣ мекунад.

Сипас дар мавзӯи қазо ва қадар ва машият, ба тафсил сӯҳбат мекунад ва рисолаашро ба таҳқиқи дигаре, дар мавзӯи имон хотима медиҳад. Пас собит мекунад, ки марказ ва маъдани имон қалб аст». 47.-138.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ба ниҳояти тамом ҳалим ва меҳрубон будааст ва ҳангоми сӯҳбатҳои хеш бо шогирдон ва ҷамъи уламо, ба иззати нафси аҳли ҳуззор намерасида ва ба суолҳои аҳли маҷлис вақт ҷудо мекунад ва низ ба суолдиҳандагону мусоҳибони хеш барои суол додан ва ё матлабашонро баён намудан озодии комил медодааст.

«Гӯё дар баъзе рисолоти каломии хеш, ки ба посӯхи суолкунандагон мепардозад, дар таҳқиқоти илмӣ, ҳоли пурсандагонро мадди назар мегирад ва то вақте боису омиле мавҷуд нашавад, намехоҳад дар атрофи масойили каломӣ изҳори назар кунад. Ба иборати дигар:

Дар баъзе таълифоти хеш, то аз тарафи дигарон саволе мутаваҷҷеҳи Ӯ нашуда, ба тафсири масойили каломӣ наперадозад...

Ва аз ҳамин ҷо аст, ки роҷеъ ба имон, дар чунин мавзӯъ, назар ба саволи пурсандагон тавзеҳот дода ва ҳар бор нисбат ба собиқ дар мавзӯъи мавриди сӯҳбат ва ё баҳс қарор гирифта, рӯшании бештар андохта аст. 47.-139

Ва ниҳоят, яке аз хусусиятҳои муҳим(оиди имон)-и мактаби «Чароғи уммат»-и Расули акрам(р), яъне, Имоми Аъзам(р) ин

аст, ки омада «Қабл аз вуруди самъ, маърифат ба тақозойи ақл воҷиб аст, зеро ақл метавонад хайрро аз шарр тамиз кунад ва ба маърифати моваройттабиъа бирасад ва инсонро лозим аст, ки дар сурати ъадами ваҳӣ (падидае, ки зимни он ҳақоиқи пинҳон ба тариқе фавқуттабиӣ, ба инсон ворид мешавад, С.Б.Б...,)-и Илоҳӣ, ба раҳнамоии ақл (ки Худованд ба ӯ додааст, С.Б.Б...,) амал кунад...». 47.-162.

АЛ-ОЛИМ ВАЛ-МУТААЛЛИМ

Саввумин рисолаи илмие, ки дар ҳақиқат ба афкору андешаи пиру пешво ва яке аз асосгузорони илм ал-калом Ҳаким Абӯҳанифа ибни Хоҷа Собит (р) - маъруф ба Имоми Аъзам (р) мансуб аст, китоби «Ал-олим вал-мутааллим» мебошад.

Дар ин рисолаи каломӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ба саволҳои шогирди худ Абӯмуқотил Ҳафс Ибни Салм Ас-Самарқандии Ҳанафӣ ҷавоб мегӯяд.

«Абӯяъло, маъруф ба Халилӣ, дар «Ал-иршод» нигошта, ки: -Абӯмуқотил ба ростгӯй шӯҳрат ва дар фиқҳ мақоми қобили мулоҳизае дошт.

- Халф ибни Яҳёи Қозӣ, ба ҷамъоварии аҳодиси ӯ мекӯшид. Имом Кавсарӣ мегӯяд:

- Баъзе аҳли фитна, ҳамон тавре, ки Абӯҳанифа (р) ва ёронашро ба пайравӣ, аз мазҳаби мухолифи аҳли суннат ва ҷамоъат муттаҳам менамуданд, дар бораи Абӯмуқотил (фақеҳи ҳанафӣ) низ айбҳо метарошиданд ва ӯро гоҳе ба номи мурҷиа ва замоне ба унвони пайравӣ аз маслаки дигаре таън мегуфтанд. Абӯмуқотил аз умри дароз бархӯрдор гардид ва дар соли 208 ҳичрӣ вафот ёфт ва инки дар «Ал-Лисон» соли вафоташ 258 гуфта шуда, ки иштибоҳ ва саҳви қалам аст, ки сифрро 5 навишта». 47-139.

www.kitobam.com

Санад ва силсилаи ривоёт, оиди китоби «Ал-олим вал-мутааллим»-и Имоми Аъзами Абӯҳанифа (р) чунин аст, ки омада: «Санади рисолаи мазкур, ки зимни кутуби хаттии «Дорул-кутуб ал-Мисрия» маҳфӯз аст, бо рисолае ки дар китобхонаи «Ал-Азҳар» таҳти нумераи 34197 ва нусхаи чопие, ки дар «Дорул-кутуб ал Мисрия» таҳти нумераи 24305 маҳфӯз аст, мувофиқ мебошад ва байни онҳо як тафовути ҷузъӣ мавҷуд аст, ки иштибоҳи қаламӣ пиндошта мешавад. Санади ин рисола ба тартиби зайл аст: Абӯлҳасан Алӣ ибни Халил Ад-Димишқӣ, маъруф ба Абӯқозӣ Ал-Аскар мегӯяд:

- Хабар дода ба Абӯлҳасан Бурҳониддин Алӣ ибни Ал-Ҳасан Ал-Балхӣ, аз Ибни Ал-Ҳусайни Маймун ибни Муҳаммад Ал-Макҳӯл Ан-Насафӣ, аз падараш, аз Абдулкарим ибни Мӯсо Ал-Яздуӣ, аз Абӯмансур-Ал-Мотаридӣ, аз Абӯбакр Аҳмад ибни Абҳақ Ал-Ҷузҷонӣ ва Муҳаммад ибни Муқотил Ал-Розӣ ва ҳарду аз Абӯмутеъ Ҳакам ибни Абдуллоҳ Ал-Балхӣ ва Исём Юсуф Ал-Балхӣ ва ҳарду аз Абӯмуқотил Ҳафс ибни Салм Ас-Самарқандӣ, аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р). 47-140.

Хулосаи мӯҳтавиёти рисолаи номбурда аз он иборат аст, ки «Ин рисола («Ал-олим вал мутааллим») бо сойири расойили Имом Абӯҳанифа (р) тафовут дорад, зеро дар он аз мавзӯи имон ва умӯри марбут ба он оғоз накарда, балки нахуст ишора намуда, ки: «Ҳамон тавр, ки аъзо тобеъи чашм аст, амал низ тобеъи илм аст ва илм бо амал андак беҳтар аст, нисбат ба ҷаҳл бо-амал, зиёд тавре, ки дар биёбон тӯшаи андак бо ошноӣ; ба роҳ беҳтар аст, аз тӯшаи зиёд дар ҳоли бехабарӣ, аз роҳ ва аз ҳамин ҷо аст, ки Худованд фармуда: «Қул ҳал яставӣ ал-лазина яъламуна вал-лазина ло-яъламун». (Яъне,; «Оё касоне, ки илм доранд, бо касоне, ки илм надоранд, баробаранд».

Ва: «-Иннамо ятазаккир улул ал-боб» (Яъне: «Ҷуз ин нест, ки танҳо арбоби дониш панд мепазиранд»).

Сипас Имом дар ҷавоби саволи шогирдаш, ки мепурсад: - Баъзе мардум дида мешаванд, ки мегӯяд, дар мавзӯоти Каломӣ мудохила накунед, зеро ёрони Паёмбар (с), ба ин кор даст назадаанд. Эшон ба шахсе мемонанд, ки дар наҳри бузурге қарор доранд ва наздик ба ғарқ шудан ва аз роҳи наҷот бехабар бошад ва шахсе ба вай бигӯяд: - Дар ҷои худ собитқадам бош ва дар ҷустуҷӯи роҳи наҷот машав, пас чи бояд гуфт?

Имоми Аъзам (р) мегӯяд:.

Фикр мекунам, ки ба қисмате аз уюби эшон мултафит шудаӣ ва метавонӣ дар муқобили онҳо иқомаи хуҷҷат намоӣ вале, агар бигӯянд:

- Оё наметавонӣ монанди ёрони Паёмбар (с) бошӣ?! Бигӯ (!), дуруст аст, машрут (шартшуда) ба ин, ки шароити муҳити ман ва онҳо шабеҳ бошад. Дар ҳоле, ки мо бо касоне мувоҷеҳ мебошем, ки бар мо таън мегӯянд, ва хуни моро ҳалол мешуморанд. Пас мо ҳақ надорем, бо ҳақ ва ботил ошноӣ надошта бошем ва аз худ ва обрӯи худ дифоъ накунем.

Вазъи асҳоб (разиаллоҳум) шабеҳи мардуме аст, ки душман дар муқобили эшон қарор надорад, лизо ба доштани аслиҳа мукаллифияте надоранд, вале мо бо душмане муқобил мебошем, ки аз таън ва рехтонидани хуни мо дареғ намекунад». 47,140.

Аз тарафи дигар, агар инсон забони худро аз мудохила, дар илми калом контрул битавонад, қалби худро таҳти идора оварда наметавонад, зеро дили вай маҷбӯр аст, яке ва ё ҳарду фирқаи мутахолифро ба назари бад бингарад, зеро ҳардуро пазируфта наметавонад ва чун дили инсон ба назарияи ботиле мутамоил шуд, ба аҳли он низ алоқаманд мешавад ва дар натиҷа аз зумраи эшон ба шумор меравад. Агар қалбан ба ҳақ

www.kitobam.com

тамоил ёбад, аҳли онро низ дӯст медорад ва аз қатори эшон маҳсуб мегардад, зеро таҳқиқи аъмол ва калом танҳо аз тариқи илм сурат гирифта ва аз ҳамин ҷост, ки касе, ки ба забон мӯъмин буда, аммо қалбан имон надошта башад, назди Худованд мӯъмин шумурда намешавад (аз рӯи мазҳаби ҳанафӣ) ва онки қаблан мӯъмин буда, аммо ба забон иқрор накарда, мӯъмин аст... 47-141.

«Аз хусусиёти ин рисола ин аст, ки Имом дар чандин ҷо дар бораи масойили каломӣ, ба қиёс истидлол намуд, аз он ҷумла масоилотест, ки:

Аввал: «- Имон ғайри амал аст, зеро мӯъминон аз нигоҳи имон, ба Худо намоз мегузоранд закот медиҳанд, «Ҳаҷ» мекунанд ва ба зикри Худо мепардозанд ва чунон нест, ки аз нигоҳи намоз, закот, рӯза ва ҳаҷ ба Худо имон оваранд. Онҳо нахуст имон меоварданд ва баъдан амал мекунанд.

Пас амали онҳо ба фаройиз ношӣ, аз имон ба Худо буда ва имон ба Худо ношӣ, аз амал, ба фаройиз нест...».

Дуввум: «-Имони мо монанди имони малоика аст, зеро имон бо амал мағойир (мухолиф) аст. Пас имони онҳо бо имони мо фарқе надорад, Зеро мо ҳам ба тамоми ончи малоика бадон имон овардаанд, аз қабили ваҳдонияти Парвардигор ва қудрати Ӯ (ҷ) ва амсоли он имон овардаем».

Имоми Аъзам (р) бештар ба пурсишҳои шогирди худ Абӯмуқотил, ба баёни, мавзӯот шурӯъ кардааст. Аз ҷумла мегӯяд Абӯмуқотил:

«Ба ончи гуфтед пай бурдам, бисёр накӯ гуфтед. Вале мехоҳам дар шарҳу тавзеҳи яқин ва хавфу ҷуръати мо ва фаришгагон, аз тариқи қиёс рӯшанӣ афганед, зеро шахси бедониш, ки алоқаманд аст, оқибат кореро бадон, агар аз роҳи шарҳу тавҳези Шумо ба матлаб пай набарад, аз тариқи қиёс ҳатман ба он пай мебарад?

«Имоми Аъзам (р) дар ҷавоби шогирдаш мегӯяд: «-Дар бораи қиёс бисёр хуб фикр кардӣ ва бояд касе, ки мехоҳад аз нигоҳ ё худ аз тариқи музокира ба донистани розе муваффақ шавад, дар сурате, ки музокираи муфид воқеъ нашавад, даст ба домони қиёс бизанад. Бояд донист, ки қиёс назарияи ҳақро барои толиби ҳақ исбот мекунад ва қиёс назири шоҳидони одил аст, ки соҳиби ҳақ ба ғарази исботи ҳақ иқома менамояд. Агар ҷоҳилон аз ҳақ мункир намешуданд, донишмандон ба қиёс ва муқоиса маҷбурият надоштанд (Ва агар тиҳимағзони мазоҳибу равия ва фирқаҳои дигар ба маънои ин ҳарфҳои Ҳазрати Имоми Аъзам (р) сарфаҳм мерафтанд ба ӯ ҳеҷ гоҳ тӯҳмати хушк намекарданд ва «Имоми Аъзам доим ба қиёс амал мекунад» намегуфтанд. С.Б.Б).

Мисли ин, ки мепурсӣ: «-Чаро бо вуҷуди мусовату адами тафовут байни яқини мо ва яқини фариштагон ва хавфи онҳо нисбат ба хавфи мо бештар аст? - Посухи ин савол аз тариқи қиёс чунин аст, ки имкон дорад, ду нафаре фанни оббозиро хуб баладанд ва дар ин фанну ҳунар бо ҳам баробар бошанд, вале чун ба назди як дарёи хурӯшоне мерасанд, ҷуръати яке нисбати дигарӣ камтар бошад. Ва ё ду нафар аз як навъи мараз (беморӣ) шикоят доранд ва ба ҳарду як навъ давои талх тавсия мешавад, вале дар нӯшидани он талхдору ҷуръати яке нисбат ба дигарӣ бештар мебошад».

Манзури Ҳазрати Имом (р) аз ин қиёсҳо ин аст, ки эроди қиёс дар масойили каломӣ сабаби тафҳим (фаҳмонидан)-и комил шуда метавонад, зеро мутазаммин (дар бар доранда)-и ташбеҳи маъкул ба маҳсус (ошкоро) ба ғарази тавзеҳи маҳсус (дар инҷо ба маънии маъкул, ва ё ба ҳис дарёфташуда) аст ва исботи мавзӯи каломӣ, ба василаи қиёс бо исботи он ба Қуръон ва Ҳадис мунофот (хилофи ҳам будан) надорад ва ақл ба тавзеҳи матолиби назарӣ ва такриби он ба фаҳм қудрат дорад.

www.kitobam.com

Саввум: Шогирди Имоми Аъзам (р) зимни баҳс, роҷеъ ба умеди омӯрзиш (мағфират, яъне, бахшойиши Худованди Карим дар мавриди гуноҳи бандагон, алалхусус пас аз марг, С.Б.Б).-и ҳаргуна гуноҳ, ба истиснои ширк мепурсад, ки оё фикр мешавад, ки Худованд қотилеро биёмӯрзад, вале касеро, ки як мартаба ба номаҳрам ба назари шаҳват нигариста, азоб кунад?

Имоми Аъзам дар ҷавоб гуфт:

«-Агар Худованд қотилеро биёмӯрзад, назаркунанда (ба номаҳрам) сазовортар барои ин омӯрзиш аст. Ва агар назаркунандаро азоб намояд, қотил сазовортар барои ин азоб аст, зеро Худованд мефармояд»:

«Инна акрамакум ъиндаллоҳи атқокум» (Яъне: Ба дурустӣ гиромитари шумо назди Худованд парҳезгортари шумо аст») Ва назаркунанда, ки муртакиби қатл нашуда бошад, нисбат ба қотил парҳезгортар аст ва ончи дар бораи умедвории онҳо гуфтаниӣ, ба ақидаи ман (Имом Абӯҳанифа разиаллоҳ) ин умед дар ҳарду нафар яксон нест. Зеро умеди соҳиби гуноҳи кӯчак нисбат ба умеди муртакиби гуноҳи кабира бузург ва қавитар аст... 47-144. Чаҳорум:

«Дар ин қисмат шогирд аз Имоми Аъзам (р) мепурсад, ки байни пайравони мазҳаби ҳақ, дар қисмати қазоват, роҷеъ ба аҳли Қибла, аз нигоҳи фазилат фарқ ҳаст ё хайр? Имоми Аъзам (р) посух медиҳад, ки:

«- Албатта, назариёти аҳли Ҳақ дар бораи эҳтиромии авомир ва навоҳии Худованд муттаҳид аст, вале аз нигоҳи илм ва истидлол, дар ин таъзим ва таҳаммули мушкилот ва шиддати эҳтимом, ба салоҳи мардум ва баҳс, аз таъзими арзишҳои эшон ва дифоъ аз он, байни онҳо фарқ мавҷуд аст.

Монанди як теъдод аскар, ки дар муқобили душман қарор медошта бошанд ва ҳадафашон ва мавқуфи эшон яке буда, аммо дар байни эшон, аз нигоҳи дониш ва ошноӣ, ба

таҷрибаи ҷангӣ ва истеъмоли силоҳ ва мол ва ташвиқи мардум, ба ҷанг фарқ ва тафовут мебошад...».

Панҷум: «Имоми Аъзам (р) дар бораи ин, ки: Мӯъмин душмани Худо шумурда намешавад, гарчи муртакиби ҳаргуна гуноҳ бошад, машрут (шартшуда) ба ин, ки ақидаи тавҳидро тарк нагӯяд, чунин истидлол меварзад «Душман аз душмани хеш нафрат медошта бошад ва мекӯшад ба вай зиёне бирасонад, аммо мӯъмин бо вуҷуди иртикоби гуноҳони бузург, бо Худованд, нисбат ба ҳама чиз муҳаббати бештар дошта ва ҳатто агар ба вай гуфта шавад, ки ба Худованд қалбан дурӯғ бибандад, ва ё худро ба оташ бисӯзонад, дуввумиро ихтиёр хоҳад кард». 47-145.

Шашум: Шогирди Имоми Аъзам (р) мепурсад:

Оё инсон ба коре, ки аз он метарсад иқдом мекунад?

Имоми Аъзам (р) дар ҷавоб мегӯяд:

«- Мумкин аст инсон ба коре, ки сабаби зарар мешавад иқдом кунад, чун хӯрдани ғизо, нӯшидани музарр (нӯшиданиҳои зарароварр), даст задан ба ҷанг, мусофират бо киштӣ ва амсоли он ва агар дар ҷанг ва мусофират ӯ умеди наҷот надошта, ҳаргиз ба он иқдом нахоҳад кард». 47-145.

Ҳафтум. Имоми Аъзам (р) роҷеъ ба фарқи байни куфр ва гуноҳ мегӯяд:

«-Куфр аз худ исм ва тафсир дорад. Мафҳуми куфр инкор ва дурӯғ пиндоштан аст, зеро «куфр» дар арабӣ ба маънии инкор аст ва Қуръон ҳам ба лисони арабӣ нозил шуда аст. Барои тавзеҳи ин матлаб метавон мисол овард, ки: Шахсе бар зимаи дигаре дин дорад ва аз вай тақозои таъдия мекунад, мадюн ба дин эътироф менамояд, аммо ба таъдияи он тан намедиҳад, ин вазъи ӯ инкор гуфта намешавад, балки итлоқи таъхир бар он мешавад ва агар аслан аз дини вай мункир шуд итлоқи инкор дуруст ва аз таъхир бечо аст. Ҳамчунон, мусалмон вақте фарзро тарк мекунад, аммо аз он мункир

www.kitobam.com

намешавад гунаҳгор аст ва агар аз он инкор варзад кофир ва мункир аз фаройизи Худованд шинохта мешавад». 47-146.

Имоми Аъзам (р) дар ҷои дигар ба мавзӯи инкор ва куфр тамос мегирад ва пас аз он, ки як андоза ба ақоиди яҳӯдӣ ва насорӣ рӯшанӣ меандозад, мегӯяд:

«Агар шахсе гӯяд: -Медонам, ки Худованд ҳақ аст, вале ақида надорам, ки инсон махлуқи Ӯ(ҷ) аст, мо ӯро дурӯғгӯ мешиносем, зеро агар воқеан ба вуҷуди Худо олим бошад, бояд ба ин ақида низ мӯътақид бошад, ҳар чизи мосавоӣ (ба ғайр; мавҷудот ва махлуқот)-и Ӯ (ҷ) махлуқи Ӯ (ҷ) аст, Ва ин мавзӯъ бад он мемонад, ки инсон оташи бузургеро, ки дар пешоруйи дидагонаш афрӯхта шуда набинад вале, чароғи кӯчакеро дида битавонад ва агар касе чунин иддаъо мекунад дурӯғгӯ аст, зеро агар воқеъан чароғро дида метавонад, барои дидани оташи фурӯзон кудрати бештар хоҳад дошт». 47-146.

Ҳаштум: Дар ин қисмат Имоми Аъзам (р) ирҷоъ (ятне, ҳамовойӣ) -ро чунин тафсир мекунад: «Ирҷоъ нахуст аз тарафи фариштагон ба миён омада, зеро вақте Худованд ҳама ашёъро ба эшон арза кард ва фармуд:- «Аз ин чизҳо ном баред!»

Фариштагон тарсиданд, ки мабодо шитибоҳ кунанд, лизо тавфиқ намуда; гуфтанд: «Субҳонака ло илма лано илло мо илматно» (Яъне: «Покӣ аст мар туро, илм надорем ҷуз ба ончӣ ба мо омӯхтаӣ!) Ва монанди аҳли бидъат нашуданд, ки вақте аз эшон роҷеъ ба коре намедонанд, пурсида мешавад, бебокона сухан мегӯянд ва ҳарфи онҳо агар дуруст набошад табъан хатокоранд ва агар дуруст бошад, боз ҳам вазъи онҳо қобили ситойиш нест, зеро қазовати эшон муттакӣ ба илм намебошад ва аз ҳамин ҷо аст, ки Худованд фармуда: «Вало тақаф мо лайса лака би ъилми!». (Яъне: Ва дар пайи чизе мабош, ки онро намедонӣ»!). Ва пас аз тафсири ин ояти шариф мегӯяд:

«-Тафсири ирҷоъ (дар охири ин вожа на «ъ»-айн, балки ҳамза аст,» ба маънии ҳамово, С.Б.Б.,) ин аст, ки мисли ду гурӯҳ, ки ба кори нек машғуланд ва пас аз муддате ба ду дастаи мутафарриқ ва бо ҳам дохили ҷангу мубориза шуда ва ҳатто аз қатли якдигар дареғ накарданд, вале баъд аз чанде боз ҳам тафриқаро яксӯ гузошта, ба ҳамон вазъи собиқ бармегаштанд. Ин фирқа дар ҳоли ихтилоф як теъдод аз ҳамдигарро ба қатл расониданд ва чун аз эшон пурсида шавад, ҳар фирқа худро мазлум нишон дода, бори гуноҳро ба дӯши муқобил андозад ва ҳеҷ як аз ин ду фирқа шоҳид ва гувоҳе надошта бошанд ва шаҳодати эшон бар якдигар низ қобили қабул нест, зеро душмани якдигаранд ва низ возеҳ аст, ки ҳарду ҷонибро наметавон ҳақ ба ҷониб шумурд, зеро ба қатли якдигар иқдом кардаанд. Пас бояд ҳарду ҷониб ва ё яке, ба сурати ҳатмӣ гунаҳгор шумурда шавад». 47.-147.

Нуҳум: «Шогирд аз Имоми Аъзам (р) мепурсад:- Агар инсон аз чизе метарсад ва ё ба манфиати он умедвор мебошад, оё ин хавф ва рақоъ мӯҷиби куфри вай мегардад?

Имоми Аъзам (р) дар ҷавоби вай мегӯяд:

«-Хавф ва рақоъ, ба ду навъ аст, яке инки инсон аз чизе метарсад ва ё ба он умед дошта бошад, аммо онро бидуни амру иродаи Худованд ба сурати мустаъқил масдари нафъ ё зарар пиндорад, ин навъи хавф ва рақоъ куфр аст ва агар инсон фоъили аслии нафъу зарари Худовандро медонад ва шаъйи мавриди назарро сирф ба ҳайси васила ва сабаб мешиносад, ин ақида куфр нест. Чунончи, падар аз фарзанд умедвори кӯмак ва дифоъ аст. Ва инсон аз чаҳорпо таваққуъи бардоштани борро мекунад ва ҳамсоя аз ҳамсоя умеди некӣ менамояд ва ё аз аскар, умеди ҳимоя ва дифоъ, аз Ватан мешавад ва инсон ба ҳамчунин умедвориҳо кофир намешавад. Зеро аслан умеди ӯ мутаваҷҷеҳи Худованд аст. Инсон маблағ барои даво сарф мекунад, ба умеди инки Худованд онро

www.kitobam.com

сабаби шифо гардонад, пас наметавон бар вай ҳукми куфр кард ва ё масалан аз шарр мегурезад, то Худо аз зарари он маҳфузаш дорад, ки ин пиндор куфр нест». 47-147.

«Ҳамчунон Имоми Аъзам (р) барои исботи матолиби хеш далойили возеҳу оммафаҳмро интихоб намуда ва аз далойили печида ва ғомиз (душворфаҳм) сарфи назар карда, зеро вай дар садад буд то масойили ғомизи каломиро осон гардонад ва ин кор ҷуз бо равише, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) пеш гирифта, имкон надошт. Ва аз тарзи сӯҳбати вай маълум мешавад, ки тарафи сӯҳбати ӯ мардуме аст, ки ақойиди муташобеҳ доранд ва ба савияи донишу фаҳмиши онҳо сӯҳбат мекунад ва аз тарзи истидлоли ӯ ҳувайдо аст, ки дар масойили мавриди баҳс тавре дастрас дошта, ки ҳатто мардуме, ки дорои фаҳм ва идроки ҷузъӣ буданд низ аз ифодаҳои ӯ истифода карда метавонистанд». 47-148.

Бале, чунин тарзи гуфтор ва сабке, ки тавассути баёни матолиби Имоми Аъзам (р) ба назар мерасад, шаҳодат бар ин аст, ки ӯ воқеан ҳаким ва доиратулмаорифи асри хеш буда аст, ки аз тамоми илмҳои пешрафтаи замони хеш, аз ҷумла Қуръон, Ҳадис, илм-алкалом, мантиқ, фалсафа, ҳандаса, табиият, тиб, забони арабӣ ва забони аждодиаш тоҷикӣ-форсӣ, илми фиқҳ, ситорашиносӣ, ойини суханварӣ, равоншиносӣ, тиб, мантиқ ва ғайра ба хубӣ огоҳ будааст. Масойили мушкилро бо тамоми паҳлӯҳояш, бо ифодаҳои соддаву оммафаҳм ва басо саҳеҳ баён намудан ин худ як устодист, дар ойини суханварӣ ва усули равоншиносӣ ва воизӣ.

Сабаби асосии чунин сабку усули таълимотро пеш гирифтани Имоми Аъзам (р) ҳам аз он иборат аст, ки ӯ намехост, ки халқ гумроҳ-шаванд ва дар оқибати кор ба тӯдаҳои мухталиф пош хӯранд (мисли имрӯза фирқаҳои толибон, халафию таҳрир ва ғайра, ки ҳама аҳли риёанд ва бе

бунёд) ва ба ҷои фоида, зарар ба дини Исломи мубин оранд, ва ғарқи гуноҳ шаванд. Ҳазрати Имоми Аъзам (р) бо таълимоти прогрессивӣ, демократӣ ва башардӯстонаи хеш мактаберо дар роҳи илми калом асос гузошт, ки миллионҳо қавму қабила ва халқияту миллиатҳои гуногуни ақсойи оламро ба ҳам муттаҳид сохт. Ва барҳақи башорати Расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам («Ӯ чароғи уммати ман аст») Ҳазрати Имоми Аъзам (р) бо таълимоти пурфурӯғ ва ҷовидонсабзи хеш дар партави Қуръон ва Ҳадис 1310 сол ба ин ҷониб роҳи миллионҳо мусалмонони рӯи оламро мунаввар кардаву мекунад. Зиҳӣ, эй марди форсиасл, зиҳӣ эй роздони Ҳаққу ҳам як бандаи солеҳ, зиҳӣ, эй фахри Пайғамбар (с), зиҳӣ, эй қозии Он қозиюлқуззоти рӯзи «Ҳашр» зиҳӣ -Эй Бӯҳанифа Ҳазрати Нӯъмон (р).

РИСОЛАИ АБӮҲАНИФА БА АБӮМУСЛИМ АЛ-БАТТӢ-ИМОМИ БАСРА

Чаҳорумин рисолае, ки ба афкори фақеҳи кабир ва Имоми шаҳир Ҳазрати Имоми Аъзам (р) мансуб аст, «Рисолаи Абӯҳанифа, ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ Имоми Басра» мебошад, ки мисли расойили дигари ӯ, дар илми усули дин ва илми калом нигошта шуда аст.

«Ибни Қутайба, дар «Ал-маориф» менависад:-Усмон Ал-Баттӣ («ба фатҳи» бо «ва ташдиди то») иборат аз Усмон ибни Сулаймон ибни Ҷирмӯз аст ва дар Кӯфа мезист, баъдан ба Басра нуқли макон карда. Вай барда (ғулом) -и озодшудаи Бани Заҳра буд ва фурӯши ҷомаҳои дурушт, ки дар арабӣ онро «бат» гӯянд шуғл меварзид ва бадон мансуб гардид». 47-148.

«Заҳабӣ дар «Ал-Мийзон» нигошта: - Усмон Ал-Баттии Фақеҳ иборат аз Абӯмуслим аст, ки пешвои аҳли дониш ва мавриди эътимод буд. Номи падараш Аслам ва ба қавле

www.kitobam.com

Сулаймон аст». 47-148. Ва дар «Ал-Муштабеҳ» чунин омада: «Фақеҳи Басра буд (Имом Ал-Баттӣ) ва дар асри Абӯҳанифа (р) мезист. Ҳафт сол пештар аз Абӯҳанифа (р), дар Басра вафот ёфта ва байни ин ду донишманд мукотиботе низ сурат гирифта, ки аз он ҷумла ба ҷуз ҳамин рисола «Рисолаи Абӯҳанифа ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ -Имоми Басра») дар таърих чизе намонда». 47-148.

Ва Таҳовӣ дар «Ихтилофот Ал-уламо», Абӯбакр Ар-Розӣ дар «Мухтасар»- и хеш ва Ибни Ал-Манзар дар «Ал-ашроф» тасреҳ, кардаанд, ки вай дар фиқҳ дорои назариёти хосе буд... 47-148.

Санад ва силсилаи ривоёти рисолаи мазкур чунин аст, ки омада:

Имом Ҳисомуддин Ҳусайн Ибни Алӣ Ибни Ал-Ҳаҷҷоҷи Исфаноқӣ ривоят намуда, аз Ҳофизуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Наср Ал-Бухорӣ Ал-Форсӣ, аз Шамсулаима Муҳаммад ибни Абдуссатор Ал-Кардарӣ, аз Бурҳониддин Абӯлҳасан Алӣ ибни Абӯбакр ибни Абдулҷалил Ал-Марғиёнӣ Ал-Форсӣ, аз Зиёуддин Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад Ал-Самарқандӣ Ал-Форсӣ, аз Ибн Ал-Муъин Маймун ибни Муҳаммад Ал-Макҳул Ан-Насафӣ Ал-Форсӣ, аз Абӯзикриё Яҳё ибни Матраф Ал-Балхӣ Ал-Форсӣ, аз Абӯсолеҳ ибн Ал-Ҳусайн Ал-Самарқандӣ Ал-Форсӣ, аз Абӯсаъид Муҳаммад ибни Абӯбакр Ал-Бастӣ, аз Абӯлҳасан Алӣ ибни Аҳмад Ал-Форсӣ, аз Наср ибни Яҳё Ал-Фақеҳ Ал-Форсӣ аз Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Самоъа Ал-Тамимӣ, аз Имом Абӯюсуфи Яъқуб ибни Иброҳим Ал-Ансорӣ, аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа (разиаллоҳу анҳу), ки фармуда: «-Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим. Аз Абӯҳанифа ба Усмон Ал-Баттӣ, салом бар ту! Аммо баъд...». 47-148. «Ал-Баттӣ касе аст, ки Имоми Аъзам (р) дар борааш гуфта:

«-Агар Ал-Баттӣ маро дармеёфт бисёр ҳарфҳои маро мепазируфт».

Баъдан «Ал-Баттӣ» ба шакли «Ал-набӣ» таҳриф гардид ва байни ҳама ошкор шуд ва душманону бадхоҳони Имоми Аъзам (р) аз он баҳрабардорӣ карданд ва «Ал-набӣ»-ро ҳам ба «Расулаллоҳ» табдил карданд ва ба Имом (р) тӯҳмат бастанд, ки гуфта» - Агар Расули Худо маро дармеёфт, ба бисёр ҳарфҳои ман амал мекард. Ва Хатиби Бағдодӣ, дар «Таърихи Бағдод» (386-400) мегӯяд:

«-Ба мо хабар дод Аҳмад ибни Ҷаъфар ибни Сол, аз Аҳмад ибни Алӣ Ал-Илбор, аз Иброҳим ибни Саъид, аз Маҳҷӯб ибни Мӯсо, ки гуфт аз Юсуф ибни Исбот шунидам, ки Абӯҳанифа гуфта:

«Агар Расули Худо (с) маро дармеёфт, ё ман ӯро дармеёфтам, Ӯ бисёр ҳарфҳои маро мепазируфт». Ва аз Абӯисҳоқ шунидаанд, ки мегуфт: - Ба Абӯҳанифа аз Паёмбар (с) мерасид ва намепазируфт ва бар хилофи он амал мекард.

Аллома Кавсарӣ, аз ҳошияи асли китоби Хатиби Бағдодӣ «Таърихи Бағдод», ки дар «Дор-Ул-кутуб ал-Мисрия», таҳти нумраи 60 маҳфӯз ва ба хати Аллома-Фақеҳ Муҳаммад ибни Маҳмуд Ал-Ҷазоирӣ-Муфтии Искандария навишта шуда, нақл намуда, ки:- Ин ривоят таҳрифи маҳз аст ва ривояти аслӣ чунин аст: -Лав адракнӣ Ал-Баттӣ... сипас калимаи «Ал-Баттӣ», аз ҷониби бадхоҳони Имоми Аъзам (р) ба «Ан-н-набӣ» ва баъдан ба «Расулаллоҳ» табдил шуд ва назири чунин таҳрифот дар кутуби бисёр дида мешавад.

Масалан, дар ҳадисе, ки аслан чунин аст «Аниллоҳи азза ва ҷалл», чунин таҳриф ба амал омада: - Аниллоҳи ан-рачул.

Хатиби Бағдодӣ изҳори тааҷҷуб намуда мегӯяд:

- Ин мард, ки Худо аз вай ривоят фармуда кист?

Назири чунин таҳрифот бисёр зиёд ба мулоҳиза мерасад. Имкон дорад асли иборати Имоми Аъзам (р) чунин бошад: -

www.kitobam.com

Лав адракнӣ Ан-набӣ ал-ахазнӣ бикасира мин қавлӣ. Яъне: - Агар маро Паёмбар (с) дармеёфт, ба бисёр гуфтаҳоям маро мавохаза мекард. Ва аз иборати мазкур мафъул, яъне, (нӣ) ҳазф гардида, гӯё Абӯҳанифа бо ин ҷумла хоста эътироф намояд, ки тамоми назариёти ӯ савоб набуда, балки мумкин аст дар миёни он афкоре мавҷуд бошад, ки агар ба Паёмбар (с) мерасид, онро намепазируфт ва ин эътироф ва нишонаи вараъ (тақво ва парҳезгорӣ) ва парҳезгории Имом аст. Аммо тавҷеҳи аввал қавитар ба назар мерасад, зеро дар ҷои дигар аз Имом нақл шуда, ки фармуда: «-Лав адракнӣ Ал-Баттӣ ав-адрактал-ахаз бикасира мин қавлӣ. «Яъне:-Агар Ал-Баттӣ маро дармеёфт ва ё ман бо ӯ мулоқот мекардам, аксари гуфтаҳои маро амалӣ мекард». Ва баъд аз он мегӯяд:

«-Ҷуз назарияи нек, ҳеҷ чиз қобили пайравӣ нест». Хатиби Бағдодӣ ин ривоятро дар «Таърихи Бағдод» (ҷилди 13, саҳ 399) чунин нақл карда: - Лав адракнӣ Ал-набӣ (бо алифу лом ва ташдиди нун) ав-адрактал-ахаз бикасири мин қавлӣ ва ҳал ал-лазина иллал ройи ал-аҳсан-Яъне: Ба ҷои «Ал-Баттӣ», Ал-Набӣ («Ан-Набӣ) ва ба ҷои «ал-ройи», «ал-дин» «сад-дин») нақл шуда ва мумкин аст ин таҳриф қасдӣ набуда, балки ба ҳамин шакл ба мулоҳизаи Хатиби Бағдодӣ расида ва ё хатойии котиб, дар китобат шуда, зеро «Ал-Баттӣ» ба осонӣ ба «Ал-Набӣ» («Ан-Набӣ») таҳриф шуда метавонад ва низ калимаи «ал-дин» («ад-дин») метавонад шакли таҳрифшудаи «ал-ройи» («ар-ройи») бошад. зеро «р» агар каме кач ва серранг навишта шавад, шакли «д»-и арабиро ба худ мегирад ва «ё» бо «йн» шабоҳати наздик дорад, махсусан расмулхати қадим, ки ғолибан бидуни нуқта навишта мешавад, ба ҳамин асос лафзи «ал-рой» ба «ал-дин» (саҳеҳтари онҳо «ар-рой» ва «ад-дин») таҳриф ва асли иборат чунин аст: Ва ҳал ар-ройи иллар-р-ройи ал-аҳсан (ё худ «илларойил аҳсан»). Чунончи аз ҳикояте, ки Юсуф Ибни Холиди Самитӣ нақл намуда

бармеояд, ки мегӯяд: -Назди олими Басра, яъне, Усмон ибни Муслим Ал-Баттӣ ва назди Абӯҳанифа (р) рафтуомад доштам, ки мегуфт:

«-Лав адракнӣ Ал-Баттӣ латарка касиран мин қавлиҳи». Яъне: -Агар Ал-Баттӣ маро дармеёфт, аксари назариёти худро тарк мекард».

«Албатта Имоме, ки андозаи зӯҳду тақво ва побандии ӯро ба шариъат маълумот дорем, мумкин нест, ки ба чизе забон кушояд, ки ба ҷуз зиндиқ аз забони дигаре наметавон шунид. Дар ҳоле, ки худи Имоми Аъзам (р) фармуда:

«-Лаънати Худо бод бар касе, ки аз Паёмбар (с) мухолифат мекунад, ки Худованд моро ба василаи Ӯ (с) каромат бахшида ва аз бадбахтӣ наҷот дода» («Таъниб Ал-Хатиб»-талифи Аллома Кавсарӣ саҳифаи 86 ва «Маноқиби Абӯҳанифа»-таълифи Маккиӣ, ҷилди 2, саҳифаи (102) 47-150.

Хулосаи мӯҳтавиёти рисола, ё худ китоби «Рисолаи Абӯҳанифа ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ-Имоми Басра» ба сурати зайл аст, ки ба шарофати таҳқиқотҳои бардавом ва басо собитқадамонаи устоди фозил Иноятуллоҳи Иблоғ-яке аз уламойи донишманди илм ал-калом, дастраси мо гардида.

«Аз равиши ибороти китоб маълум мешавад, ки Имоми Аъзам (р) дар ин рисолаи хеш хоста худро аз ақидаи мурҷиъа (як фирқаи ғулоти шиъа) табраъа (мунзаҳ кардан) намояд ва ба Ал-Баттӣ-Имоми Басра бинависад, ки: «-Агар дар бораи нисбати ин ақида ба вай чизе шунида бошад ба асос аст...».

Имоми Аъзам (р) китоби худро ба баҳси рисолати Паёмбар (с) оғоз мекунад ва мутазаккир мешавад, ки: «-Мардум қабл аз дини мубин ва .... ростини Ислом ва қабл аз буъсат (ангезиш)-и Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) мушрик буданд. Паёмбари бузургвор (с) онҳоро ба Ислом даъват кард, баъдан касоне, ки Исломро пазируфтанд, ба таъмили фаройиз мукаллаф (таклиф) гардиданд». Сипас мавқуфи амалро дар мавриди

www.kitobam.com

Ислом бо аҳамият тасдиқу ташреҳ намуда, мехоҳад барои ин ақида, ки:

«Тарки аъмол, сабаби тарки имон намегардад» - Муқаддимае бар он баён кунад, зеро Имон, тасдиқ аз иқрор ва мӯъмини гунаҳгор, ки амали некро тарк намуда ва ба амали бад даст зада, то вақте, ки иқрор ва тасдифо аз даст надода, кофир шуморида намешавад ва кори мӯъмини ғалатрафта ва гунаҳкорро ба Худованд вогузор медонад, ки агар ирода фармояд, ӯро меомӯрзад ва агар хоста бошад азоб мекунад ва дар ин назарияи хеш Имоми Аъзам (р) ба оёти зайл истидлол меварзад:

«Ва ман юъмину биллоҳи ва яъмала солиҳан». (Яъне: «Ва касе, ки ба Худо имон меоварад ва амали нек анҷом медиҳад...».). Ва: «-Иннал-лазина оману ва ъамилус-солиҳот». (Яъне: «-Ба дурустӣ, касоне, ки имон оварда ва амали некӯ анҷом додаанд»).

Оёти мутазаккира имонро аз амал ҷудо пиндошта, бинобар он касе, ки амалро тарк карда, торики тасдиқ нест ва низ чунин «истидлол мекунад:-Оё ин таъбирот дуруст нест, ки: «-Мӯъмини золим, мӯъмини ливотабоз, мӯъмини гунаҳгор, мӯъмини риёкор, мӯъмини зиноъкор, мӯъмини рибоъхор, мӯъмини хатокор, мӯъмини осӣ, мӯъмини ситамкор ва амсоли он?! Ва илова мекунад ки: «-Гумроҳӣ бо имон манофӣ нест» Ва ба ин ояти шариф истидлол мекунад, ки: «Худованд аз қавли Мӯсо (ъалайҳиссалом) ҳикоят фармуда; «-Фаъалатҳо изо ва ано миназ-золлийн». Яъне, «-Ин корро дар ҳоле кардам, ки, аз гумроҳон будам»). Ва писарони Яъқуб (ъалайҳиссалом) ба падари хеш гуфтанд: «-Иннака лафӣ залоликал-қадим». (Яъне: Ба дурустӣ, ту дар гумроҳии қадими худ мебошӣ!»

Ҳамчунон Алӣ (разиаллоҳ ва Умар (разиаллоҳ) ба номи Амиралмӯъминин мулаққаб гардиданд, дар ҳоле, ки мурод аз мӯъмин танҳо мутеъин нест ва низ Алӣ (р) бо мардуми Шом

ҷангида, бо он ҳам эшонро мӯъмин номида ва саҳоба (р) бо ҳам ҷанг мекарданд, дар ҳоле, ки ҳарду ҷонибро наметавон ҳақ ба ҷониб шумурд, пас кадом якеро боғӣ метавон гуфт?

Ва дар ҳоле, ки ҳеҷ гуноҳе бузургтар аз қатл ва он ҳам қатли ёрони Паёмбар (с) нест. Пас бар ин ду гурӯҳ чи унвоне метавон гузошт? Табъан ҳарду ҷониб тарафдори ҳақ набуда ва ҳардуро ҳақ ҷониб шумурдан ё ҳардуро гумроҳ пиндоштан дуруст нест. Ва агар як тараф ҳақ ба ҷониб шумурда -шавад, тарафи муқобил чигуна хоҳад буд? Ва кори хуб он аст (мегӯяд Имоми Аъзам разиаллоҳ), ки қазовати ҳарду ҷонибро ба Худованд биспорем. Имоми Аъзам (р) боз илова мекунад:

«-Бояд донист, ки ба ақидаи ман ҳамаи аҳли Қибла мӯъминонанд ва бо тарки фаройиз, аз имон хориҷ намешаванд ва касе, ки бо вуҷуди имон мукаллифиятҳои амалии худро низ анҷом медиҳад, ба ақидаи мо аз, аҳли Биҳишт ва касе, ки ҳардуро тарк мекунад маҳрум аз Биҳишт ва аҳли Дӯзах аст. Ва онки бо доштани имон гӯшае аз фаройизи амалро тарк мекунад, мӯъмини гунаҳгор ва кори ӯ ба Худованд марбут аст, ҳар тавр иродааш буд мекунад ё ӯро меомӯрзад ва ё муҷозот менамояд. Агар ӯро азоб кард, дар муқобили гуноҳи ӯ аст ва агар омӯрзид гуноҳеро бахшида аст. Ва дар бораи ихтилофоте, ки байни ёрони Паёмбар (с) рӯх дода, ақидаи ман ин аст, ки оқибати онро Худо медонад». 47-152.

Бале, ҳақ, ба ҷониби Ҳазрати Имоми Аъзам (р) аст. Ҳар он кори нангин ва басо сангине, ки аз ҷониби ашхоси мӯъмину мусалмон рӯх медиҳад ва ҳар он қатлу ғорат ва куштору хунрезиҳои ноҳақе, ки аз ҷониби тӯдаҳои ба ҳам мухолифи мусалмонони бо ном мӯъмин (ҳол он, ки Паёбари Худо (с) фармуда, ки «Мӯъмин бародари муъмин аст») сар задаву мезанад, сахттарин ва вазнинтарин ҳукм барояшон он аст, ки ононро ба Худо биспорем. Худованд ҳоким аст ва олиму

www.kitobam.com

донойи сирри вал хафиёт ва ҳакам аст ва ҷаббор аст ва саттор аст ва қаҳҳор аст ва одил аст ва раҳмон асту раҳим... Ва ҳар он амре, ки ба иродаи Парвардигор вобаста аст, ҷуз Ӯ (ҷалла ҷалолаҳу) касе аз махлуқот намедонад ва ба иборае-онҷо, ки асрору ҳукму муқаддасоти илоҳист, на фатвойи башар ба кор мераваду на фатвои малак. Онҷо, ки лисонулғайб Хоҷа Ҳофиз-андалеби ин ҷаҳону охират мегӯяд:

Ҳаллоҷ бар сари дор, ин нукта хуш сароид,
Аз Шофеъӣ, напурсанд, амсоли ин масоил.

Дар ҷои дигар Имоми Аъзам (р) хитоб ба Ал-Баттӣ мегӯяд: «Ончӣ дар бораи номи мурҷиъа ёдоварӣ кардаӣ, бояд гуфт касоне, ки сухани одилона гуфтаанд, гуноҳе надоранд ва аҳли бидъат эшонро ба ин ном мусаммо (номидашуда) кардаанд, дар ҳоле, ки аҳли адл ва суннат мебошанд ва номи «мурҷиъа»-ро мардуми ғалатрафта ва мухолиф бар эшон гузошта». 47.-152.

Аз ин ҷумалот ба вазоҳат маълум мешавад, ки Имоми Аъзам (р) тӯҳмати хушку бебунёди ирҷоъро аз худ дур месозад (ва ба ин кор ҳақ дошт, чунки аҳли бидъат бо тӯҳматҳои хушку нобаҳангоми хеш гирди Имоми Аъзамро тортанаквор тор метаниданд ва шахсияти ӯро чашми дидан надоштанд (мисли имрӯза фирқаҳои ҷудоиандоз ва риёкор, ки теша ба решаи миллат ва мазҳаби муҳаззаби Имоми Аъзам-ҳанафия зада истодаанд), аммо «Чароғи уммат» баҳри дифоъ аз ному нанг, чун суннати анбиёву авлиёъ, ба ҷиҳоди равонӣ ва лисонӣ бархост ва аҳли бидъат ва ботилро бо афкору андешаи чун шамшер тезу барҳақаш мағлуб сохт ва нагузошт, ки дигар душманони кӯрдили бо ном мусалмону ботинан кофирпеша, ба шахсияти ӯ ба таълимоти ӯ, ба шогирдони ӯ ва ба пайравони ӯ тӯҳмат зананд. С.Бурҳониддини Бузургмеҳр) ва мазҳаби муҳаззаби каломиашро ба номи ирҷоъ ном намегузорад ва ин

номгузориро аз тарафи мардуми мухолиф медонад. Ногуфта намонад, ки Аллома Абдулҳайи Лакҳнавӣ, дар китоби хеш бо номи «Ал-рафъ вал-такмил фил-ҷараҳ вал-таъ-дил» иборати «Ал-тамҳид» таълифи Абдулшакур Ал-Соламиро, ки манқул аз Рисолаи Абӯҳанифа ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ-Имоми Басра» Мебошад, қисмате нақл карда, ки аз он маълум мешавад, Имом (р) ба пайравӣ, аз ақидаи мурҷиъа мӯътараф ва рисолаи мутаззакира муштаммил бар тафсили мазҳаби мурҷиъа ва эътирофи Имом (р) ба ин ақида мебошад (аз «Муқаддимаи» Кӯшкакӣ, бар «Сирати Ан-Нӯъмон»-таълифи Шиблии Нӯъмонӣ (чопи Кобул саҳифаи 19). Вай мегӯяд: - Ривоят аст, Усмон ба Абӯҳанифа (р) навишт, ки Шумо аз пайравони мурҷиъа мебошед. Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар ҷавоб нигошт, ки мурҷиъа ду табақа аст: Мурҷиъаи малъуна ва мурҷиъаи марҳума, ки ман аз табақаи аввалӣ безорам ва дар қатори гурӯҳи дуввумӣ мебошам». 47.-152.

Устод Иноятуллоҳи Иблоғ, ки сари ин масъала муддати тӯлонӣ таҳқиқот бурдаанд, баъд аз назар гузаронидани нусхаҳои гуногуни рисолаи мутазаккира ба хулосае омадаанд, ки ба ақидаи мо ба ҳақиқати ҳол хеле наздик аст. Муҳаққиқи варзидаи ҳаёту фаъолият (биография) ва ҷабҳаи афкору андешаи каломии Имоми Аъзам (р), устод Иноятуллоҳи Иблоғ, дар таҳқиқоти хеш оварда:

«-Ман ба ҳамаи нусхаҳои матбӯъ ва хаттии китоб мурочиат кардам, аммо ин иборатро дар он наёфтам ва имкон надорад иборати мазкур дар нусхаҳои аслӣ буда, вале аз тарафи ноқил ҳазф шуда бошад, зеро сабки каломи Имоми Аъзам(р) аз аввал то охир нишон медиҳад, ки Имом мехоҳад ин тӯҳматро аз худ дур созад. Донишмандон зимни таҳқиқи рисола гуфтаанд: «-Рисолае, ки Абӯҳанифа (р) ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ навишта, рисолае аст дар бораи бароати ӯ аз тӯҳмати ирҷоъ, яъне, мурҷиъа». Ва агар аз ин назариёт ва таъвилот

www.kitobam.com

сарфи назар кунем ва асли рисоларо таҳти диққат ва баррасӣ қарор диҳем, ба мақсади Имом, (р) ки дар таълифи он мадди назар дошта пай мебарем, гӯё Имом (р) аз нисбати тӯҳмати ирҷоъ, ки ба вай шуда, мутаассир гардида ва дар мавзӯъ, ба сурати илмӣ таҳқиқ намуда аст.

Пас аз ончи гуфтем, метавон ибрози назар кард, ки назария Соламӣ, бо вуҷуди маълумоти кофӣ, ки дар биографии донишмандон дошта, дар даст нест ва мумкин аст, ки вай ба навиштаи мухолифини Имоми Аъзам (р), монанди Хатиби Бағдодӣ иттико намуда ва вай ба асли рисолаи Имом (р) муроҷиъа накарда, балки сирф ба нақлу ривоёти хасмони Имом (р) иктифо варзида ва мо дар собиқ ишора намудем, ки баъзе мардум дар муқобили Имом забондарозиҳо карда ва ба ӯ нисбатҳо ихтироъ ва эҷод кардаанд, ки сазоворашон вай нест, чун ончи ӯро ба номи мубтадеъ (навовар, саркарда ихтироъкор; ба таъбири термин ё худ ифодаи аввали асри ХХ-ҷадид; ҳамчунон аҳли бидъат, касе, ки андешаи нави зиддидинӣ ё қонунӣ ба вуҷуд меовард: муслиҳиддин, еретик, С.Б.Б.,) ва амсоли он ёд кардаанд ва низ мумкин аст, ки Абдулшакур Ал-Соламӣ бо вуҷуди донишу лаёқати кофӣ, ба ақволи муаллифин иктифо намуда ва натавониста, ки ба асли рисола иттилоъ ёбад ва ин равиш аз Соламӣ ва амсоли вай баъид нест, зеро ғолибан ба назариёти Ӯ дигарон иктифо мекунанд ва замина барои муроҷиъа ба асли кутуб ба эшон мусоидат намешавад. Аз ҷумлаи муаллифине, ки танҳо ба нақли мардум иктифо кардаанд, яке ҳам Аллома Шиблии Нӯъмонӣ (1856-1914, арабшинос, форсишинос, яке аз шуаро ва уламойи намоёни ҳавзаи Ҳинд, ки аз худ теъдоди зиёди асарҳои манзуму мансур ва таърихиву фалсафӣ, илмиву таълимӣ ва филологӣ боқӣ гузошта аст. Шиблӣ худро дар шеър пайрави Бобо Соиби Исфаҳонӣ медонад ва дар ҷое мегӯяд:

«-Ҳамон кард, дар сухан, дар Ҳинд Шиблӣ,
Ки Соиб дар - саводи Исфаҳон кард». С.Б.Бузургмеҳр.

Вай рисолае ба номи «Сират Ан-Нӯъмон» таълиф намуда ва Бурҳониддини Кӯшкакӣ онро ба дарӣ тарҷума карда, ки дар Кобул ба табъ расида. Дар ин китоб назариёти Имоми Аъзам (р) аз забони дигарон бидуни имтиёзи саҳеҳу сақим накл шуда ва муаллиф эътироф мекунад, ки ба асли расойили Имоми Аъзам (р) фурсати мурочиъа наёфта. Вай пас аз он, ки аз як теъдод манобеъ ном мебарад, ки дар навиштани зиндагӣ ва назариёти Имоми Аъзам (р) мавриди истиноди вай буда, мегӯяд: «-Ин манобеъ дар асри мо дастёб шуда наметавонад ва танҳо «Ал-хайрот Ал-ҳисон», «Уқуд-ал-ҷимон ва қоид-ал-ъақён» дар дастраси ман мавҷуд аст. (Муқаддимаи Кӯшкакӣ бар «Сират Ан-Нӯъмон» таълифи Шиблии Нӯъмонӣ, чопи Кобул саҳифаи 19).

Ва ин ҳам мумкин аст, ки Шиблӣ дар таълифи хеш ба аҳволи баъзе муаллифин монанди Хатиби Бағдодӣ ва амсоли вай, ки дар нақши назариёти Имоми Аъзам (р) ҳеҷ гоҳ тарафи эътимод буда наметавонанд ва дурӯғи эшон ифшо шуда, эътимод намуда, чунончи ин ифтароҳо (ҳарф ё амали нодурустеро ба касе нисбат додан; тӯҳмат, бӯҳтон, С.Б.Б.,)-ро «Миръот-ал-замон» таълифи Ибни Ҷавзо ва «Ал-саҳм-ал-мӯъиб фӣ-кабад Ал-Хатиб» таълифи Исо ибни Абӯбакр Ал-Аюбӣ ва «Таъниб ал-Хатиб»-таълифи Аллома Кавсарӣ ифшо намуда аст.

Шаблӣ (дар китоби хеш «Сират Ан-Нӯъмон тарҷумаи Кӯшкакӣ, чопи Кобул саҳ 128-131) зимни ёдоварии таълифоти Имоми Аъзам (р) менависад: «-Байни мардум машҳур аст, ки «Фиққи акбар» ва «Ал-олим вал-мутаалим» мансуб ба Имоми Аъзам (р) буда ва илова мекунад, ки рисолаи дуввумиро дастёб натавониста. Ва дар ҷои дигар мегӯяд: Мо яқин дорем, ки нисбати ин рисолот ба Имоми Аъзам (р) дуруст нест, зеро

www.kitobam.com

асри Имом (р) асри таълифу тартиб ба қисме, ки дар ин рисолот машрӯҳ аст набуда ва афкори фалсафӣ, дар асри ӯ ба арабӣ нақл нашуда буд (Дар ҳоле, ки «Фиққи акбар» шомили истилоҳоте монанди ҷавҳар, ҳаюло, ъараз ва ғайра мебошад, И.Иблоғ).

Дар каломи Шиблӣ изтироб ва таноқиз ба назар мерасад, зеро нахуст эътироф мекунад, ки рисолаи «Ал-олим вал-мутааллим»-ро дастёб натавониста, баъдан мегӯяд, ки ба мулоҳизаи тартибу равиши хоси он, ки чунин равиш дар асри Имом Аъзам (р) маълум набуда, нисбати расойили мазкур ба вай дуруст нест (Во аҷабо, ин чи баҳоест ба тамаддуни асри Имоми Аъзам, ки асри Имоми Аъзам давраи эҳёи улуми динӣ ва фалсафаи калом буд ва дар асри Паёмбар саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва рӯзгори саҳобаву тобиъин ва табаатобиъин низ илму ҳикмат дар марзи Араб нумӯъ дошт ва ҳакимони юнониву эронӣ ва уламойи яҳудиву насронӣ, дар байни мардум мусофиратҳо карда, ба эшон ҳикмати дин ва ё таълимоти хешро баён медоштанд, яъне, ба тарзи шифоҳӣ ва ҳикмату аҳодиси уламойи ҷамъи асҳобу тобиъин ва табаъатобиин ҳам одатан шифоҳӣ буд ва ҳикмати эшон ва афкори онро наинки дар авроқ, балки дар зеҳнҳо сабт меёфт. Зуҳӯри илми калом ибтидои асри XIII-и мелодӣ аст. Оғози истидлолоти ақлӣ, дар Ислом бо номи Ҷаъд ибни Дирҳам қатлаш соли 742-43 ва Ҷаҳм ибни Сафвон қатлаш соли 745 вобаста аст. Ҳикмату аҳодис ва таълимоти Имоми Аъзам раҳамуллоҳ ҳам, ки зиёда ба тарзи шифоҳӣ сурат мегирифт, шогирдон онро менавиштанд, баъди вафоти ӯ аз ҷониби писараш Ҳаммод ва шогирдонаш назариёти ӯ ба шакли китоб дароварда шуд. Агар асри аимаи Ислом, бахусус даврони Ҳаммод ибни Абӯсулаймон, Зайд ибни Алӣ, Имоми Аъзам, Иброҳими Адҳам ва Имом Молик, Иброҳими Нахъӣ, Сӯфёни Саврӣ, Абдуллоҳи Муборак, Имом Ҷаъфари Содиқ ва ғайра

давраи инкишофи улуми илоҳиёшиносӣ, ба мисли Қуръон, Ҳадис, тафсир, сарфу наҳв, фиқҳ, калом, шеъру адаб, ҳикмат ва ғайра намебуд, пас Имом Абӯҳанифа аз куҷо ва дар назди кӣ илм омӯхта, ба чунин мартаба мерасид, масалан танҳо як устодаш-Ҳаммод ибни Абӯсулаймонро мисол меорем, ки яке бузургтарин фақеҳ ва олим, дар таърихи Ислом буд, ки Имом Абӯҳанифа дар овони навҷавонии хеш назди ӯ 18-сол, танҳо илми фиқҳро омӯхт ва азхуд кард ва албатта Ҳаммоди Абӯсулаймон ҳам бе устод набуд. Ва низ Ҳакими муҳаддис Ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ разиаллоҳу анҳумро метавон мисол овард, ки шахсияти шарифаш дар олами Ислом басо машҳур буда, ҳоҷат ба муаррифи нест ва ӯ ҳам ба Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ ҳаққи устодӣ дошт, ба вожжа дар илми ҳадис...

Дар усули таълими асри мо бошад, барои дарёфти маълумоти, ба иборае кофӣ 15 сол, яъне, даҳ сол давраи таҳсили маълумоти мутавассита ва панҷ соли таҳсил, барои дарёфти маълумоти олӣ ва ғайра муқаррар шуда аст С.Б.Бузургмеҳр).

Акнун аз эшон (чун Шиблии Нӯъмонӣ, Хатиби Бағдодӣ, Абдулшакури Соламӣ ва дигар муддаиён) бипурсем, ки чигуна ба мулоҳизаи назму тартиби китоб қазоват мефармоед, ки нисбати он ба Имом (р) сиҳат надорад, дар ҳоле ки худ (мардона эътироф меварзед, ки онро аз наздик мулоҳиза накардаед? (Мулоҳиза аз мутолиаи зиёд арзи вуҷуд мекунад. Худи эшон бар ин қоиланд, ки ба дурустӣ аз наздик ошно нестанд, ба расойили Имоми Аъзам. Охир, ки ошно нестед, пас чи гуна метавонед, ки сари масъалаи ноошно мулоҳиза намоед?! С.Б.Бузургмеҳр) Ва низ Шаблӣ дар бораи асри Имоми Аъзам (р), ки ҳаракати таълиф дар он оғоз гардида, мутолиъа накарда ва онро аз назар андохта ва танҳо асареро, ки таълиф ба дараҷае ба авҷи худ расида буд, мадди назар

www.kitobam.com

қарор дода, ки иборат аз қарни чаҳоруми ҳичрӣ мебошад. Дар ҳоле, ки таълиф, дар асри Имом (р) мавҷуд буда, аммо шакли ибтидоӣ дошта ва аз хусусиёти ҳалқаи дарсии Имоми Аъзам (р) ин буд, ки шогирдон (тавре, ки Шиблӣ низ мӯътараф аст) назариёти фиқҳӣ ва каломии Имомро менавиштанд ва дар мавзеъи истилоҳоти фалсафӣ, қаблан як ба як рӯшанӣ андохтаем, ки такрори он лозим шумурда намешавад.

Шиблӣ, дар таҳқиқи худ роҷеъ ба зиндагии Имоми Аъзам (р), ба гуфтаи дигарон бидуни фарқ байни саҳеҳ ва ғалат иктифо намуда ва ин кор шоистаи як муҳаққиқ нест, ки дар садади мутолиъа роҷеъ ба биюгрофии Имоме мебошад, ки кулли мусалмонон ва мусташриқин ӯро мешиносанд ва ҳеҷ донишманду муҳаққиқе нест, ки бо шахсияти илмӣ ва фикрии ӯ ошноие надошта бошад» 47-154.

АЛ-ВАСИЯТ

Панҷумин рисолаи илмие, ки ба афкори пешқадам ва ҳикмати роҳнамову роҳкушо ва басо бунёдгарову ҷовидонаи сирочи умам-Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мансубият дорад, ин рисолаи хурдҳаҷми «Ал-васият» мебошад, ки мисли расойили дигари Имом, дар ришгаи илми калом баён ва навишта шуда аст.

«Ин рисола ҳовийи чанд сатр буда, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) бархе масойили каломиро дар он ғунҷонида ва дар оғози он назарияи худро дар бораи имон иброз намуда ва онро мураккаб аз иқрор ва тасдиқ шумурда, баъдан ба як теъдод масойили каломӣ ишора намуда ва дар нусхаҳои ин рисолаи аъамм (умумӣ) (матбӯъу хаттии асли санади он, ба мулоҳиза намерасад» 47.-155.

Дар рисола баъд аз ҳамду санои Худованд ва дуруду салавот ба Расули акрам (с) ба бархе масойили каломӣ ва эътиқодӣ тамос ба амал омада ва ин тавр шурӯъ мешавад:

«Алҳамду лиллоҳи Раббил ъоламин вассалавоту вас-салому ъало сайидал-мурсалин Муҳаммад ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин. Ин аст рисолаи «Васият»-и Имоми Аъзам (р)-пешвойи пешвоён, роҳнамойи уммат, рӯшаноибахши торикиҳо, яктойи замон ва ягонаи аср, возеҳкунандаи тариқат, ва рӯшанкунандаи ҳақиқат, ҳомии шариат, ҳакими ламязал, муҷтаҳид ва муҷоҳиди воқеъӣ Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит разиаллоҳу анҳу, Худованд ӯро (ки дар роҳи интишори дини мубини Ислом ва суннати Расул (с) аз душманон ҷабру ҷафоҳо кашид ва дар роҳи илми Худо ва тарғиби шариат суннати Паёмбар – Ҳазрати Муҳаммад (с) машаққатҳо кашид ва даме наосӯд ва чун шамъ ҳамесӯхт то роҳи ҳазорон ростравонро мунаввар кунад.С.Б.Б,) хушнуд гардонад». Рисола дар бораи эътиқодоти ӯ ва аҳли суннат ва ҷамоъат нигошта шуда. Чун Имом ва пешвойи мусалмонон мариз (бемор) шуд ва маразаш (беморӣ) шиддат ёфт (баъди аз тарафи ҷаллодони Халифа Мансури Давониқӣ лату кӯб ва шиканҷа додан, дар зиндони сарду тор. С.Б.Б.,) ёрон ва шогирдон аз вай хоҳиш намуданд, ки онҳоро ба тариқи аҳли суннат ва ҷамоъат (ки беҳтарин тариқати Расули Акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам аст.С.Б.Б.,) васият кунад. Пас, Ҳазрати Имоми Аъзами муаззам (р) эшонро даври худ ҷамъ намуд ва ба ходим (хидматгузор, коргузор) такя карда гуфт:

«-Ёрон ва бародарон: - Худо ба шумо тавфиқ диҳад! Бидонед, ки мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат дувоздаҳ хусусият дорад. Касе, ки ин хавос (хосиятҳо ва хислат) дар вай мавҷуд аст, аҳли бидъат ва ҳаво ва халафкор нест. Ёрони ман! Шумо ин мумаййизотро аз даст надиҳед, то сазовори шафоъати Паёмбар (с) дар рӯзи охират гардед.

Аввал: Имон, ки иборат аз иқрор ва тасдиқ аст ва танҳо иқрор имон шумурда намешавад...». 47.-155.

www.kitobam.com

«Имом дар ин рисола ба як силсила масойили каломӣ тамос гирифта ва ҳар масъаларо ба калимаи «нақар» яъне, «иқрор мекунем» оғоз карда, масойили мутазаккира қарори зайл аст: -Тақдири хайру шарр, тақсими аъмол ба фариза, фазилат ва маъсият, мафҳуми уставойи Худованд бар Арш, Қуръон каломи Худо аст ва махлуқ нест, пас аз Паёмбар(с) фазилат барои Абӯбакри Сиддиқ (р) сипас барои Умар Алфоруқ (р) ва баъд аз вай барои Усмони Зиннурайн (р) ва дар мартабаи чорум барои Мавло Алии Муртазо (разиаллоҳу анҳум-Хотами Хулафойи рошиддин ва валиаллоҳ) аст, банда ба ҳама ақволу аъмоли худ махлуқ аст.

Ҳамчунин дар рисолаи мазкур зикр шуда, ки инсонҳо ба се дастаанд: -Мӯъмин, кофир ва мунофиқ. Иститоъат мақорин бо феъл аст, на қабл аз он ва на баъд аз он ва ақида ба масҳи хафайн воҷиб аст ва Худованд ба қалам амр карда, ки ҳамаи умуреро, ки то рӯзи растохез (ҳашр, қиёмат) ба вуҷуд меояд бинависад ва азоби қабр ва саволи мункар ва накир ҳақ аст, ва дар ин бора ба ояти Қуръонӣ истидлол намуда ва низ дар бораи инки беҳтарин занон кист: Ибрози ақида карда, аз мумаййизот (тамиздиҳанда)-и рисола ин аст, ки ҳар мавзӯъ бо калимаи «нақар» оғоз шуда, гӯё Имом дар ин тартиб мехоҳад ба зарурати иқрор, дар мавриди ин масойили каломӣ ишора намояд ва инки мӯъминон мукаллафанд, пас аз иқрор ба асли имон, ба сурати иҷмолӣ шомили ин хусусият аст, қисми тафсилӣ низ, ба он иқрор намояд ва шояд иллати ихтисоси ин масойил, ихтилофе бошад, ки дар асри Имом роҷеъ ба имон ва дигар масойил, мутазаккира мавҷуд буда ва сабаби ба вуҷуд омадани афкоре шуд, ки тақрибан мутазаммини инкор аз масойили мутазаккира буда, аз ҳамин ҷо аст, ки Имоми Аъзам (р) васияти худро ба масойили дувоздаҳгона мунҳасир намуда ва аз он ба дувоздаҳ хислат таъбир фармуда ва хоста хотирнишон кунад, ки ҳақ ҳамон аст, ки вай ба он расида ва ба

оёти шариф ва аҳодиси набавӣ иктифо дорад, то баъд аз вай мардум гумроҳ ва мунҳариф (ба роҳи кач рафтан) нашаванд ва ба асари навойи мухолифин ақоиди саҳеҳи худро аз даст надиҳанд ва пайрави тӯдаҳои риёкор ва хасакӣ ва алафию халафӣ нашаванд...». 47.-156.

Яке аз хусусиятҳои назарраси Имоми Аъзам (р) дар таълифи расойили каломӣ ин аст, ки ӯ дар тамоми расойили хеш бештар перомуни мавзӯи имон, ки аз рукн ё худ мавзӯъҳои асосии дини мубини Ислом, яъне, шариъати ғурройи Муҳаммадия (с) аст, андеша рондааст. Аз ҷумла оиди имон Имоми Аъзам (р) дар рисолаи хеш «Ал-васият» оварда:

«-Имон зиёд ва кам намешавад, зеро зиёдатии имон бидуни нуқсони куфр ва нуқсони он бидуни зиёдати куфр дуруст нест ва чигуна мумкин аст, ки як шахс дар як ҳолат ҳам мӯъмин ва ҳам кофир бошад?! 47.-189.

Дар рисолаи «Ал-фиқҳал-акбар», Ҳазрати Имоми Аъзам (р) айнан оиди ҳамин нукта, яъне, дар бораи мавзӯъи зиёдат ва нуқсони имон мегӯяд:

«-Имони аҳли осмонҳо ва замин зиёдат ва нуқсон намепазирад». 47.-189.

Ҳазрати Имоми Аъзам (р) он шахсияти нотакрор ва нобиғаи замону инсони ба ҳақ расида, яъне, комил, ки роҳи уммати Расули акрам (с)-ро дар партави Қуръон ва Ҳадис басо мунаввар кардааст, бо афкори пешқадам, демократӣ ва бунёдгарои худ ва бо ҳаёти басо ибратбахши саршори зӯҳду тақвояш, дар қатори бузургтарин мардони хиради олам баъди асҳоби киром (р) қарор гирифтааст. Маҳз ӯ ва афкори роҳнамову роҳкушойи ӯ буд ва ҳаст, ки миллионҳо бандагони мӯъмину мусалмон ва умматону пайравони воқеии Расулуллоҳ (с) ба роҳи росту ояндадор ҳидоят шудаанд. Зеро худи Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ (р) ба пайравони худ ҳикмат баён карда, ки:

www.kitobam.com

«- Ёрони ман, аҳли Қибларо озор мадиҳед ва ба кофир ҳукмаш макунед. Чуноне, ки Расули акрам (с) мефармояд: «- Мӯъмин бародари мӯъмин аст».

Бидонед, ки пешвои умматон Ҳазрати Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

- «Аз гаҳвора то ба гӯр дониш бичӯ». Ва хоҳиши ман ин аст, ки аз фаъолияти пурсамари хеш бознамонед ва назди ботил оҷиз набошед ва тири ҳақ ба сӯи ботил занед, ба ҳаққи: Аъузу биллоҳим-минаш-шайтонир-раҷим. Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим. Ва қул ҷо ал-ҳаққу ва заҳақал ботилу иннал ботила кона заҳуқо!» (Яъне: Паноҳ металабам, ман ба сӯи Аллоҳ, аз шарри шайтон ва сифати шайтон ин аст, ки раҷим аст, яъне, ронда шудааст аз даргоҳи Илоҳӣ. Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Ва бигӯ омад дини Ҳақ ва нобуд шуданд, дини ботил, ҳар ойина ботил аст нобудшаванда.)

Ва Имоми Аъзам (р) илова ба гуфтаҳои боло ба ояти зер истидлол намуда, васойити худро давом дода гуфт:

- Бале, мушрикон мегӯянд, ки: -Ба ойини мо бигравед! Аммо Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд: «Ва қолу куну яҳудан ав насоро таҳтад (у). Қул бал миллата Иброҳима ҳанифан ва мо кона минал мушкирин». -(Яъне: Гуфтанд. Яҳудӣ ё насронӣ шавед, то ба роҳи рост афтед. Бигӯ(!) Мо кеши яктопарастии Иброҳимро баргузидем ва ӯ мушрик набуд». -Сураи Бақара, 135-ум ояи шариф. Тарҷумаи: Абдулмуҳаммад Оятӣ).

Ва боз бо ояти зайл ба ёрони худ таъкид карда, ки: - Худованди азза ва ҷалл мефармояд, ки: Астаъизу биллоҳ «...Фасаякфикаҳумуллоҳу ва ҳува -с-самиъ- ул ъалим». Яъне: «... Ва дар баробари онҳо Худованд туро кофӣ аст, ки ӯ шунаво ва доност» -Сураи Бақара, 137 - ум ояи шариф. Тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ)...

Ва ниҳоят бо дидагони ашкбор, боз ба фарзандаш Ҳаммод ва ёрони дар атрофи худ нишаста як-як назар карду пас ангушти ишорат боло карду ин ояти шарифро (ҳамчун ба василаи васияти охирини хеш) ба забон оварду гуфт: - Ай азизону ёрони ман Худованди карим амр карда, ки Астаъизу билоҳ:

«...Ва илоҳукум илоҳун воҳидун. Ло илоҳа илло ҳува-р-раҳмону-р-раҳим». (Яъне: «...Худои шумо худое аст якто. Худое ҷуз ӯ нест бахшояндаи меҳрубон. -Сураи Бақара, 163-ум Ояи шариф. Тарҷумаи:Абдулмуҳаммад Оятӣ).

Ва вақте, ки ёрон аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) оиди «Қиёмат», яъне, рӯзи Ҳашр ё худ Растохез суол карданд, ӯ ба саволи эшон хеле муфассалан рӯшанӣ андохт ва баъд ба аҳли ҳуззор рӯй оварду ин амри Худованди азза ва ҷалларо бар эшон, ба забон овард, ки мефармояд, Астаъизу биллоҳ:

«Инналлоҳа яърифу илму-с-соъа» (Яъне: «Рӯзи қиёматро танҳо Парвардигор медонаду бас»).

... Ва ниҳоят дар поёнбахши васойоти хеш Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу (яъне, қабл аз он, ки ёронаш барои рафъи хастагиаш ӯро каме орому танҳо гузоранд) ба ёрону шогирдон ва муридону пайравони мазҳаби хеш рӯй оварду ояти зайлро аз Қуръони Маҷид ба забони муборак оварду гуфт: «-Бидонед, ки Худованд амр карда, ки астаъизу биллоҳ: «Ло икроҳа фи-д-дини Қад табайяна-р-рушду минал ғаййи». (Яъне: «Дар дин ҳеҷ иҷборе нест. Ҳидоят аз гумроҳии мушаххас шудааст»- Сураи Бақара, 256-ум ояти шариф. Тарҷумаи: Абдулмуҳаммад Оятӣ).

... .Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аз нигоҳи мавқеи сиёсӣ, низ соҳибмақом буд. Ҳарчанд ӯ сиёсатмадори соҳибкурсӣ набуд, аммо дар рӯзгори худ, яъне дар асре, ки мезист, дар байни мардум аз нигоҳи мавқуфи сиёсӣ низ обрӯву эътибори хосае дошт. Ӯ пешвойи сиёсатмадорон буд ва барои ба низом

www.kitobam.com

даровардани сохтори давлат ва кори давлату давлатдорӣ ва бунёди ҷомеъаи обод, эҳтирому посдории шариъат ва ғайра, назарияҳои илман асосёфтаи худро пешниҳод мекард. Вале, худ дар ягон вазифаи давлатӣ набуд ва дар умри бобаракати худ ягон маротиба барои мансаб ва ё унвон ҷаҳд накард. Чаро? Барои он, ки Имом Абӯҳанифа (р) аз дурӯғгӯён набуд ва рибову ришваро бад медид ва ҳеҷ гоҳ намехост, ки тани ӯ ғуломи нафс бошад. Ӯ доройи баландтарин хислати неки инсонӣ, яъне, сӯфии пурзӯҳду тақво буд ва басо беозор ва ҳалиму мехрубон ва пуртавозӯъ, яъне, инсони комил ва ҳакиме буд, доно ва дар ҳадди боло муваҳҳид ва басо роздону шуҷоатманд, ки дар умри худ ҳеҷ гоҳ дар сари ҳалли масойили шаръӣ, назди аҳли ботил оҷиз наёмада ва сар фуруд наёварда ва мудом тири ҳақ, ба сӯйи ботил задааст. Бале, ӯ Имоми Аъзами муаззам (р)-асту «Чароғи уммат» ва шахсиятест, ки ба қавли Расули акрам (с): «Сар додаву сирр надода» аст...

«Дар авойили ҷавонӣ Имом Абӯҳанифа (р) ба татаббуъоти хеш, дар илми калом идома дод ва чун дар ин ришта ҳойизи мақоми муҳиме гардид ва мардум ба савияи илмию фикрии вай пай бурданд. Ӯ бар бархе иштибоҳоти табақаи ҳокима, дар умури якка, ки мӯҷиби парокандагии мусалмонон мешуд, ангушти интиқол гузошт ва дар ин кор доройи сароҳат буд ва аз ҳеҷ чиз хавф надошт ва сирф манзури ӯ раҳнамоии табақаи ҳокима ба нукоте буд, ки халифаи вақт, ба пайравӣ аз он мукаллаф шумурда мешуд.

Имом дар он мавқеъ танҳо ба ибрози назар пардохта ва мухолифати худро ба сурати илмӣ, бо ҳушравоён ошкор накард, балки ҳар вақт бо халифа мувоҷеҳ мешуд, ба вай тавсияи динӣ ва адабӣ мекард, то коре кунад, ки як ҳукмравои мусалмонро месазад. Ӯ ёрон ва руфақойи илмии худро тавсия менамуд, ки дар избору исботи ҳақ сароҳат дошта бошанд ва

чун Ибни Абӯҳубайра, ки волии Кӯфа аз ҷониби Уммавиён буд, аз вай хост, ки ба ҳайси мӯҳрбардори намояндаи хос ва раиси хазонаи ӯ иҷрои вазифа кунад, аз қабули он имтиноъ (худдорӣ) варзид ва дарёфт, ки пешниҳод аслан, ба манзури тавтиа ва хомӯш сохтани ӯ, аз изҳори ҳақ аст ва гуфт (Абӯҳанифа Имоми Аъзам):

«-Ба Худо, ки агар ба ман амр кунад то танзими абвоби (мадхал, воридот ва ё даромаду дарёфтҳои соҳиби ҷамъ) масҷиди «Восит»-ро ба ӯҳда гирам, напезирам чи расад ба инки ба куштани шахсе амр кунад ва ба ман бигӯяд, ки онро мӯҳр кунам».

... Чун ҳукумат аз дасти Уммавиён (авлоди Муъовия) ба дасти Аббосиён расид, Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) умедвор буд, то авзоъ беҳбудӣ ҳосил кунад ва ба ҳамин манзур ба эшон байъат (аҳду паймон) кард ва чун баъзе корҳоеро, ки бо умури дин созиш надошт, аз эшон мулоҳиза мекард, онҳоро ба иштибоҳоти эшон мултафит мегардонид, вале ҳамин, ки аз ислоҳи онҳо маъюс гардид ва аз тарафи дигар аз шӯриши Зайд (Имом Зайд ибни Алӣ ибни Абӯтолиб разиаллоҳ, яъне, асосгузори мазҳаб, яъне, фирқаи маъруфи шиъа, бо номи «Зайдия», ки пайравонаш ба имоматии ӯ, дар хилофат қоил буданду ҳастанд. Ӯ бародари имоми панҷуми шиъа-Имом Муҳаммади Боқир разиаллоҳ буд ва бо бародараш роҷеъ ба масъалаи озодии ирода мухолифат дошт. Зайд ибни Алӣ разиаллоҳ бо фаъолияти шахсиаш, дар байни аҳолии Кӯфа ва баҳусус назди Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ нуфӯзу эътибори эиёд пайдо карда, зидди халифаи Уммавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик қиём кард. Баъди дах, моҳи воқеъа Уммавиён шӯришро ваҳшиёна фурӯ нишонданд, ки соли 740-уми мелодӣ буд ва ҷасади Зайд ибни Алиро, ки қатлаш намуда буданд, дар Кӯфа ба салиб кашиданд ва сарашро ба Димишқ, яъне, ба пойтахти хилофати худ, ба Халифа

www.kitobam.com

Абдулмалики Уммавӣ фиристоданд. Баъди ӯ писараш Яҳё ибни Зайд имом ва пешвои фирқаи Зайдия интихоб шуд ва тарафдорони зиёде пайдо кард. Вале ӯ низ дар замони хилофати ғаддору ҷоҳили Валид ибни Язид Абдулмалики Уммавӣ, аз дасти ҳокими Хуросон ва намояндаи расмии Уммавиён, дар ин вилоят-Наср ибни Сайёр дар, Ҷурҷон, ба қатл расид, (С.Б.Бузургмеҳр) иттилоъ ёфт, ёронашро тавсия кард, то ба сурати фикрӣ ва моддӣ, аз вай пуштибонӣ кунанд ва чун бо Зайд мулоқот кард, яқин хосил кард, ки хурӯҷи ӯ ба ғарази ирзо (хушнӯдӣ, ризоият)-и шаҳват ва ҳубб (ишқу муҳаббат)-и раёсат ва салтанат нест, балки барои таъйиди ҳақ мебошад, бо вай ҳамдаст шуд ва барои комёбии ӯ, ба кӯмаки моддӣ пардохт, зеро Имом Абӯҳанифа (р) аз сарватмандони асри худ буд (ӯ одатан матоъу газворҳои пахтагину абрешим ва гоҳ-гоҳ мӯина низ мефурӯхт ва дар сафарҳои хеш, ба тиҷорати матоъ машғул мешуд, С.Б.Б.,) ва чун ин хабар ба Халифаи давр Абӯҷаъфар Мансури Давонақӣ расид, хост ҳилае барои ҳабси Имоми Аъзами шуҷоъу саркаш суроғ кунад, зеро намехост бидуни мӯҷиби зоҳирӣ, ба шиканҷаи ӯ бипардозад ва аз мавқуфи илмии ӯ, ки дар назари мардум дошт метарсид, пас ба вай пешниҳоди вазифаи қузо (қозӣ, қозиюлқуззот-сарвари қозиён, додгустар ва ҳомии шаръу дин)-ро кард, вале Имом гуфт:

«-Ман шоистаи ин мансаб нестам». Ва як силсила далойиле иқома кард. Абӯъҷаъфар сухани ӯро тардид намуда гуфт:

Дурӯғ мегӯӣ, ту сазовори мансаби қузо мебошӣ, аммо имтиноъ меварзӣ!

Имом Абӯҳанифа (р) гуфт:

Агар узри маро тасдиқ мекунӣ ҳамон аст, ки гуфтам, яъне, шоистаи қузо нестам ва агар онро дурӯғ мепиндорӣ, боз ҳам салоҳияти Қузоро надорам, зеро як дурӯғгӯ набояд Қозӣ бошад».

Касе, ки дар ин моҷаро амиқ фикр мекунад медонад, ки маҳз барои баҳонаҷӯӣ, ҷиҳати ҳабси Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) сурат гирифта ва Халифа мехост барои ин кор далеле дошта бошад, то мардум роҷеъ ба зулми сареҳи ӯ табсира накунанд ва дар муқобили эътирози онҳо гуфта битавонад, ки: «Кори Қузо ва хидмати мусалмононро ба вай пешниҳод кардам, чун хидмати ҷомеъаи исломиро напазируфт ӯро маҳбус намудам». Ва мо медонем, ки имтиноъи шахсияте назири Имоми Аъзам (р), Қузо сабаби ин ташаддуд (тундӣ, тезӣ, дуруштӣ ва золимӣ кардан) шуда наметавонад, гарчи таърих ҳикоят намуда, ки баъзе аз уламо дар асари истинкоф (сарпечӣ, саркашӣ ва якравӣ) аз қабули Қузо, аз тарафи ҳукмравоёни вақт шиканҷа шудаанд, вале шаке нест, ки шиканҷаву таклифи онҳо ба андозаи Имоми Аъзам (р) набуда, зеро вай ҳар рӯз дар зиндон шаллоқ (лату кӯб ва зарбу озори ваҳшиёна) зада мешуд ба қабули Қузо тан диҳад ва дастбӯси ҳукамо бошад ва низ шиканҷаи уламои диёр дар ҳамчун мавқеъ, сирф шакли таҳдид дошт, то замина барои қабули вазифаи Қузо мусоидат гардад ва онҳо далеле барои пазируфтани ин масъулият, назди худ дошта бошанд, зеро намехостанд ба ризойи худ довталаби ин вазифа гарданд. Зеро таҳаммул (тоқат овардан, сабр кардан)-и вазифаи Қузо, назар ба ин ҳадиси Расули гиромӣ (с): «Касе, ки мансаби Қузо ба вай супурда мешавад, бидуни корд забҳшуда аст» сабаби ҳалок ва ин шиканҷаву таҳдид мӯҷиби тасаллии эшон мешавад, ки гӯё ин корро ба ризойи худ напазируфтанд, балки аз тарафи аввалиёни умур маҷбӯр гардонида шудаанд, ба ҳамин иллат аксари уламо мавриди таҳдид қарор гирифтаанд. Баъзе ба қабули Қузо тан доданд ва баъзе дигар имтиноъ варзиданд, бо он ҳам бидуни тавҳин (иҳонат кардан, хорӣ, таҳқир кардан) аз ҳабс озод гардиданд, аммо тавҳин ва шиканҷае, ки дар мавриди Имоми Аъзам (р) иҷро шуд, ба

www.kitobam.com

вазоҳат нишон медиҳад, ки Халифа мехост ӯро зоҳиран ба баҳонаи имтиноъ, аз вазифаи Қӯзо ва дар ҳақиқат ба ҷурми пуштибонӣ, аз Алавиён (хонадони Ҳазрати Алӣ саломуллоҳ-писарамак ва домоду ёри босафои Расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам С.Б.Б.,) шиканҷа намояд.

Ончи ривоят шуда, ки Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) чун вафот ёфт ва либосашро яке аз фуқаҳо, ба қавле Ҳасан ибни Аммор-Қозии Бағдод (шояд он фақеҳи дидапурсиришк писараш Имом Ҳаммод буд ва шояд Имом Абӯюсуфи Яъқуб ё Имом Абӯмутеъи Балхӣ ё Имом Зуфар ибни Ҳузайл ё Имом Муҳаммад ибни Ҳасан Аш- Шайбонӣ ва ё Имом Абӯмуқотили Самарқандӣ буд зеро, ки то вопасин лаҳазоти умри Имоми Аъзам Абӯҳанифа, яъне, он «Чароғи уммат» разиаллоҳу анҳу, маҳз эшон буданд, ки рӯзу шаб парвонавор гирди ӯ мечархиданду афсӯс мехӯранд, ки яке аз бузургтарин аимаи Ислом ва муҷтаҳиду ҳомии воқеӣ ва вориси беваситаи Расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва интишордиҳандаи дини мубину фақеҳи кабир ва Имоми шаҳир, аз дасти афроде тиҳимағз, пас аз азияту шиканҷа, онон ва ҳазорҳо ҳанафиёнро бе бозгашт тарк мекунад (Бурҳониддини Бузургмеҳр)), аз танаш берун кард, осори зарбу лати ваҳшиёнаро дар ҷасадаш мулоҳиза намуд, пас бигрист ва гуфт (яъне, Ҳасан ибни Аммора-қозии Бағдод):

«-Худо бар ту раҳм кунад, баъд аз ин монанди ту дида нахоҳад шуд».

Бале, ин ривоят ва амсоли он, бузургтарин далел аст бар ин, ки Имоми Аъзам (р), дар паҳлӯи мактаби каломӣ ва фиқҳии хеш як мактаби хомӯши сиёсӣ низ таъсис намуда буд, ки донишмандонро ба сароҳат, дар қавлу феъл раҳнамоӣ мекард ва ба мардум талқин менамуд, ки ба кори ҳукмравоён мутаваҷҷеҳ бошанд ва бидонанд, ки султа (қудрат, салтанат нуфӯз ва подшоҳӣ)-и зоҳирии онҳо сабаб намешавад, ки дар

ҳар кор ҳақ ҷониб бошанд, балки бар раъият аст, то эшонро ба ҳақ ва ҳукумати одилонаи мутобиқи шариати ғурро ва дини мубину суннати Муҳаммад (с)-ия раҳнамоӣ кунад. Як ҳукмраво агар дар иҷрооти худ одил набошад, бар мардум лозим ва воҷиб аст, ки ӯро аз роҳи нодуруст тавсияи забонӣ ва дар сурати аҷз (нотавонӣ, сустӣ, оҷиз мондан ва дармондагӣ) аз он ба забони ҳол раҳнамоӣ кунанд ва аз лату кӯб, шиканҷаву ҳабсу зиндон боке надошта, монанди Имоми Аъзам (р) онро бо ифтихори баланд мутаҳаммил (таҳаммулкунанда, бурдбору пуртоқат) гарданд.

Афкори каломии Имоми Аъзам (р) ва далолати ҳоли вай дар сиёсат мавқуфи ё худ мақоми ӯро дар бораи ташайюъ (пайравӣ)-и динӣ ва ташаюъи сиёсӣ низ таъйин (касеро ба коре баргуморидан) мекунад. Дар қисмати ташаюъи сиёсӣ тавре, ки қаблан ишора рафт, Имоми Аъзам (р), ба аҳли байти Расули гиромӣ (с) алоқа ва муҳаббати бе андоза дошт ва Зайд ибни Алӣ разиаллоҳ ва ҳамроҳонашро пас аз онки аз аҳдофи воқеъии эшон мутталаъ (яъне, иттилот, огоҳӣ ёфта, пай бурдан) гардид ва ба яқин донист, ки манзури эшон ба ҷуз ислоҳи дурусти ҳоли мусалмонон чизи дигаре нест (ононро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ кард, С.Б.Б.,) пуштибонӣ кард, вале ин равиш сабаб намешавад, ки ба ташайюъ (пайравӣ ба равияи аҳли шиъа, С.Б.Б.)-и ӯ ҳукм кунем (бале, Имоми Аъзам баъзе аз ақойиди пешқадам ва ба иборае демократӣ ва бунёдкору ҷомеасози Зайд ибни Алӣ ибни Имом Ҳусайнро ба назари эътибор гирифта, ӯро пуштибонӣ кард, С.Б.Б). зеро, ки ташайюъ ба маънии муҳаббати Аҳли Байт, ки ба дараҷаи ифрот нарасад (чунончи ин ифрот аз гурӯҳи ғулоти шиъа мисли имомия, алавиён, алиилоҳиён ва ғайра мулоҳиза мешавад, С.Б.Б.) дар ҳама мусалмонон умумият дорад. Мо ҳамагӣ Ҳазрати Алӣ (р), Фотимаи Заҳро (р) ва авлоди шарафманди эшонро бо ҷон дӯст дорем ва ба ин

www.kitobam.com

маънӣ, аз аҳли ташайюъ мебошем, вале, аз нигоҳи афкор ва назариёти каломиву фиқҳии Имоми Аъзам (р) зарурате нест, ки онро бо тафсил зикр кунем, то аз хилол (дар миён)- и он мавқуфи Имоми Аъзам (р), дар бораи ташайюъ (пайравӣ аз мазҳаби шиъа, шиъа шудан)-и динӣ маълум шавад. Зеро касе, ки дар фиқҳи шиъа ва назариёти каломӣ ва эътиқодии эшон маълумот дорад, эътироф мекунад, ки Имоми Аъзам (р) дорои назариёти махсуси фиқҳию каломӣ аст, ки бо назариёти онҳо мувофиқ намебошад ва ба ин асос Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), аз аҳли ташайюъ, ба маънии маъруфи он мебошад» 47.-234

Бояд таъкид намуд, ки китоби «Ал-Васият-ал-Имом-ал-Аъзам Абӯҳанифа (р)», бо номи «Китоби усули ақоид» низ маъруфият дорад, зеро дар ин асари камназир, асосан Имоми Аъзам (р) оиди усули ақоиди мазҳаби хеш баҳс кардаанд ва дар зимни он, ба шогирдон (ва пайравони роҳи хеш) васиятҳо кардаанд. Ҳамчунин дар ин асар Имоми Аъзам (р) роҷеъ ба Қуръон баҳс оростаанд.

Мавлавӣ Мулло Ҳусайн ибни Искандари Ҳанафӣ, шарҳе мукаммал ва муфассал оиди китоби «Ал-Васият»-и Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) навиштааст (Ҳайдаробод, соли 1321 ҳ.ш)...

Чуноне, ки гуфтем дар «Ал-Васият», Имоми Аъзам (р) роҷеъ ба Қуръон ишороте дорад, ки мегӯяд:

«-Қуръон каломи Худо, ғайри махлуқ ва сифати воқеии Худо аст». Ва боз мегӯяд: «-Қуръон мӯъҷизаи Муҳаммад (с) аст».

Инҷо оиди нуктаи аввалӣ перомуни Қуръон ишора намудаи Имоми Аъзам (р) суоле ба миён меояд, ки Абӯҳанифа-Имоми Аъзам (р) кадом Қуръонро дар назар дорад? Қуръони пеш аз ваҳйро, ки аз ҳуруф ва калимот таркиб нашуда аст ё Қуръоне, ки баъд аз ваҳй, ба Замин, тавассути

Ҷибриил (ъ-м) фурӯд оварда шудааст? Ин китоб-Қуръони Маҷид аст, ки аз ҳуруф ва калимот таркиб ёфта аст. Посух ба ин суолро метавон дар чанд ҷумлае аз «Ал-Васият» пайдо кард.

Нахустин, дар бораи Қуръони ҳамчун Каломи Худо ва ғайри махлуқ Имоми Аъзам (р) мегӯяд: «-Дар мусҳаф навишта ва бо забонҳо тиловат ва бо синаҳо ҳифз мешавад ва бо вуҷуди ин, дар онҳо ҷойгузин намешавад. Мураккаб (сиёҳӣ барои навиштан) ва коғаз ва навиштан офарида (махлуқанд) зеро онҳо сохтаи инсонанд)»

Дар инҷо ошкор мешавад, ки мақсуди Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), аз «Қуръон», ки ҳамчун Каломи Худо, ғайри махлуқ аст, «Қуръон» ки пеш аз ваҳй аст, дар муқобили он Қуръони офарида, ки мақсуди вай «Қуръон»-и пас аз ваҳй, ки навишта, хонда ва ба ёд супурда мешавад...

АЛ-МУСНАД-АЛ-ИМОМ-АЛ-АЪЗАМ (Р)

Шашумин асаре, ки онро ба Ҳазрати қутбулавлиё ва сироҷи умам Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) нисбат медиҳанд, китоби «Муснад» (яъне, «Ҷамъи Ҳадис»)-и шариф мебошад. «Муснади шариф» китобест, ки дар он аҳодиси шарифи Расулулло (с) ба тартиби асмои саҳобаи киром разиаллоҳу анҳум, ба эътибори ҳуруфи ҳиҷо ва ё савобиқи дар Ислом ва ғайра мазкур мебошад.

Бино ба шаҳодати Имом Муҳаммад (р), Имом Муслим (р), Имом Абӯ-Юсуфи Яъқуб (р), Имом Абӯмуқотили Самарқандӣ (р), Имом Абӯмутеъи Балхӣ (р), Имом Зуфар ибни Ҳузайл, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (писари Имоми Аъзам разиаллоҳу анҳу) Абдуллоҳи Муборак (р), баъдан Имом Тирмизӣ, Имом Муслим, Имом Бухорӣ ва ғайра ва уламои баъдина-Бурҳониддини Марғелонӣ (р) ва даҳҳо дигарон, Ҳазрати афзалулмуҳтаҳиддин ва тобеъин Имоми

www.kitobam.com

Аъзам Абӯҳанифа (р), воқеъан китоби арзишманде бо номи «Муснад» (ҷамъи ҳадисҳои Расулуллоҳ (с), ба ривояти Имоми Хасфакӣ ва шарҳи Мулло Қорӣ доштаву онро ба пайравони солеҳу содиқи мазҳабаш боқӣ гузоштааст. То кунун 12 нусхаи дастии мӯътамади дорои ташреҳи «Ал-Муснад-ал-Имом-ал-Аъзам Абӯҳанифа (р)» мавҷуд ва маҳфуз аст.

КИТОБ АЛ-ОСОР

Ҳафтумин асари басо арзишманду ахлоқӣ ва ниҳояти тамом роҳнамойи аҳли суннат ва ҷамоат (дар партави Қуръон ва Ҳадис), ки ба тафаккури худодод ва усули устодонаи истифодаи аҳодиси набавӣ (с) яъне, далоили нақлӣ, аз ҷониби Имоми Аъэам (р) ва истифодаи усули қиёс (далоили ақлӣ, ташреҳ ва иҷмоъ) аз ҷониби эшон мансуб аст, китоби «Осор» мебошад, бар ривояти шогирди афзалтарин ва беҳтарини Имоми Аъзам (р), дар масойили шаръӣ-Ҳазрати Имом Муҳаммад ибни Ҳасан аш-Шайбонӣ, ки яке аз арзишмантарин сарчашмаи аҳли суннат ва ҷамоъат мебошад (дар боби фиқҳи ҳанафӣ).

ТАНБЕҲ

... Ахиран, дар поёнбахши ин мавзӯъе, ки мавриди назари мубораку мӯшикофи Шумо азизон-қарор гирифт, бори дигар таъкидан, баҳри мутаассибину халафиён ва муддаиёни аҳволу осор ва шахсияти нотакрори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), иқтибосе аз китоби «Ал-Хайрот ал-Ҳисон фӣ-Маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон»-и Аллома -Муфтӣ Ал-Ҳиҷоз Шайх Шаҳобиддин Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккии шофеимазҳаб овардаем, то эшон бори дигар бидонанду огоҳ бошанд, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)-и инсони комил чи гуна шахсияте буд ва барои

аҳли Қибла ва ҷумлаи муҳаққиқини исломшиноси олам чи меросе аз худ боқӣ гузошта аст.

Дар китоби «Ал-Хайрот ал-Ҳисон фӣ-Маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон» (ки тарҷумаи ҷадиди форсии ин асар, бо номи «Маноқиби Имоми Аъзам раҳамуллоҳ», дар таҳқиқи Шайх Халил-Мудири Ал-Азҳар ва тарҷумаи муҳаққиқ ва мутарҷими шоиста-устод Абдурраufи Мухлис, мавриди мутолиа ва истифодаи мо буд)-и Имоми Аллома, маввоҷи илм ва ирфон Шайх Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар Шаҳобуддин Абулаббос Ҳайтамӣ Саъдии Ансории Маккиӣ, оиди таснифоти Имом Абӯҳанифа (р)омада:

Китобҳое. ки ба Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ нисбат медиҳанд иборат аст аз «Фиққи акбар», «Ал-Олим вал-мутаал-лим» ва «Муснад-Ал- Имом Абӯҳанифа».

1. «Фиққи акбар» рисолаест мухтасар дар ақоид, ки Мулло Алӣ Қории Ҳиравӣ бар он шарҳе шофӣ нигошта аст, ва ин китоб дар миёни аҳноф (ҳанафимазҳабон) аз муҳимтарин кутуби ақоид, ба шумор меравад ва дар ҳама билоди Ислом, дар дасраси умум қарор дорад (ва китоби раҳнамову рӯимизии фуқаҳо ва муҳассилину мубтадиин мебошад.С.Б.Б)... Ғайр аз Мулло Алӣ Қории Ҳиравӣ касоне дигар чун Муҳиддин Муҳаммад Баҳоуддин, Мавлавӣ Илёс ибни Иброҳим Ал-Санӯсӣ, Ҳаким Исҳоқ, Шайх Акмалуддин ва теъдоде дигар низ бар он шуруҳе нигоштаанд.

2. «Ал-олим вал-мутааллим» рисолаест, ки ба тариқи суолу ҷавоб нигошта шуда аст.

3.Ва «Муснад ал-Имом Абӯҳанифа» дорои нусхаҳои мутааддиде аст, ки Абулмуайяд Муҳаммад ибни Маҳмуди Хоразмӣ Ал-Форсӣ ҳамаи онҳоро якҷо намуда ва дар муқаддимаи он менависад:

www.kitobam.com

«Дар билоди Шом аз як идда ҷоҳилон шунидам, ки мегуфтанд:-Абӯҳанифа дар фанни Ҳадис чандон дастрасе надошта ва аз ин рӯ, дар ин илм, яъне, илми Ҳадис китобе нанигошта. Пас (мегӯяд Абулмуйяди Хоразмӣ) аз шунидани ин илқоот (талқин), ҳамийят (мурувват, ғайрату мардонагӣ ва рашк) -и мазҳабии ман ба ҷӯшиш дар-омад ва бар он шудам, то барои овардани бурҳони қотеъ, ба тӯдаи ҷоҳилону авомон, тамоми он масонид (муснадҳо), яъне, ҷамъи ҳадисҳоеро, ки уламо аз аҳодиси баёндоштаи Абӯҳанифа раҳамуллоҳ мураттаб намудаанд, якҷо ҷамъ намоем» (дар инҷо ба нақл аз китоби «Ҳаёти Имоми Аъзам», таълифи Аллома Шиблии Нӯъмонӣ асомии ин масонидро нақл менамоем, ки нусхаҳои «Муснад»-и Имоми Аъзам (р) мебошанд: 1.«Муснад»-и Ҳофиз Абӯмуҳаммади Бухорӣ, 2.«Муснад»-и Абулқосим Талҳа ибни Муҳаммад, 3.«Муснад»-и Ҳофиз Абулҳасан, 4.«Муснад»-и Ҳофиз Абӯнаъими Исфаҳонӣ, 5.«Муснад»-и Шайх Абӯбакр Муҳаммад ибни Абдулбоқӣ, 6.«Муснад»-и Имом Абӯаҳмади Ҷурҷонӣ, 7.«Муснад»-иҲофиз Умари Ашнонӣ, 8.«Муснад»-и Абӯаҳмади Калоӣ, 9.«Муснад»-и Қозӣ Абӯюсуф (р), 10.«Муснад»-и Имом Муҳаммад (р), 11.«Муснад»-и Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р), 12.«Муснад»-и Имом Абулқосими Иддиӣ-Мутарҷим: Абдуррауфи Мухлис).

Гарчи муҳаққиқон дар интисоби ин кутуб, ба Имоми Аъзам (р) шак кардаву далоиле пойдарҳаво низ бар ин амр иброз доштаанд, ки инҷо маҷоли тарҳу шарҳи онҳо нест (зеро ҳама ҷуз хӯрдагирӣ чизи дигаре нест).

Воқеият ин аст, ки инсоф (дар муслимин.-С.Б.Б.,) нест, мо аз шахсияте басо бузургу мутабаррик-чун Имоми Аъзам (р), ки тамоми умри пурбаракати иҷтиҳодии хешро машғӯли истинботи аҳкоми шаръӣ (ва посдориву эҳёи шариъати ғуррои Муҳаммадия саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва интишори Суннати он Ҳазрати Расолатпаноҳ саллаллоҳу

ъалайҳи ва олиҳи ва саллам.С.Б.Б.). буда ва яке аз бузургтарин мазоҳиби исломиро дар партави Қуръон ва Суннат бунёнгузорӣ намудаанд, таваққўъ (умед, ёрӣ, дӯстӣ ва муҳаббат доштан)-и таснифу таълифи кутуб ва давовин (девон)-и фиқҳиро дошта бошем, чи коре, эшон кардаанд, бисёр бузургтар аз инҳост (бале Имоми Аъзам раҳамуллоҳ, дар таърихи Ислом, яъне, пас аз Расулуллоҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва асҳоби киром разиаллоҳу анҳум, ба хусус, баъди Мавло Алӣ ва дар баробари Имом Ҷаъфари Содиқ разиаллоҳ нахустин муҷтаҳид ва нахустин олими воқеӣ-Имоми посдори шариат ва- ҳакими соҳибҳикмату соҳибдевони фиқҳӣ ва соҳибрасоиласт, ки илми шаъриати ғуррои Муҳаммадия (с) ва Суннати он Ҳазрат (с)-ро ба низоми аслӣ ва воқеъӣ даровард, ва ба иборае дигар, нахустин бор ӯ зербинои басо мустаҳками мармарине барои бинои бегазанди шаъриати ғурройи дини мубини Ислом ва Суннати Расулуллоҳ (с)-ро тармим намуд ва теъдоди анқариб ҳафт асари илмиро перомуни ин мавзуъот, ба мо мерос гузошт, -С.Б.Бузургмеҳр) ба ҳамин далел мулоҳиза мекунем, ки ин кор аз шогирдон ва ёрони онҳо низ сохта буда, чунончӣ Ҳазрати Имом Муҳаммад ва Имом Абӯюсуф (раҳамуллоҳ) ки тадвинкунандаи бузуртарин кутуби фиқи ҳанафӣ мебошанд, ба тавре, мероси илмие бар ҷой монда аз ин ду шахсияти бузургвор, ки бар тамоми арсаи фарҳанги фақоҳати Ислом партав густурдааст». 62-157-158.

ШАХСИЯТИ ИМОМИ АЪЗАМ АБӮҲАНИФА (Р)

(-Ва хӯшаҳо аз хирмани файзбахшу файзосо ва пурзӯҳду тақвойи манақиби « Чароғи уммат» - Ҳазрати Имоми Аъзам разиаллоҳу анҳу).

«Лав лам ябъасуллоҳи линноси расулан, лавоҷиб ъалайҳим маърифата биъақулаҳум». Яъне: («Агар Худованд паёмбаре

www.kitobam.com

ҳам намефиристод, ақли мардум Худошиносиро бар эшон воҷиб мекунад». Аз ҳикматҳои лозаволи Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) 47,3).

Ҳазрати қутбул авлиёъ, фақеҳи кабир, ҳуҷҷатулислом ва имоми шаҳиру инсони комил ва пири аҳли калом ва пешвои муҷтаҳиддин ва пиру пешвойи мазҳаб «Чароғи уммат» - Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ разиаллоҳу анҳу яке аз фидоиён ва сарсупурдагон ва дилбохтагони тобиъини шариъату тариқати Ҳазрати Муҳамади Мустафо /с/ буд, ки ҳатто дар зиндагиаш оини ибодат, румӯзи бехудӣ, зиндагидорӣ ва равиши пири шариъати ғурро-Паёмбари гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад /с/-ро сармашқи ҳаёти худ карда буду мудом бад-он бо ихлоси комил тақлид мекард, ки мекард ва бо роҳи пурнуру зиёе ба пеш устуворона қадам мениҳод, ки ӯро ба баландқуллаи ормонҳову муроди дилаш мерасонд...

Равиши Ҳазрати Муҳаммад /с/ бад-ин гуна буд, ки омада: Асосе, ки Ҳазрати Муҳаммад /с/ барои тамаддуни Ислом устувор сохт, дар гуфторе, ки Ҳазрати Алӣ ъалайҳиссалом ибни Абӣ Толиб аз ӯ нақл мекунад, ба хубӣ ошкор аст. Ҳазрати Алӣ ъалайҳиссалом боре, аз равиши Ӯ, яъне, Расул (с) пурсид. Ҷавоб дод Ҳазрати Расули гиромӣ /с/: «-Маърифат сармояи ман аст, ақл асоси дини ман аст, муҳаббат асоси кори ман аст, шавқ, маркаби ман, ёди Худо аниси ман, эътимод ганҷинаи ман, ғам рафиқи ман, илм ҳарбаи ман, сабр ридои ман, ризоят ғанимати ман, фақр ифтихори ман, зӯҳд ҳирфаи ман, тақво мадору нерӯи ман, яқин қудрати ман, ростӣ шофеъи ман, ибодат мояи кифояти ман, кӯшиш фитрати ман аст ва хушнӯдии ман дар намоз аст».

Оре, барҳақ намоз кайфиятест, ки рӯҳи инсонро нерӯву мадорасту қудрат. Ва намоз авқоти хуш асту лаҳазоти басо ва басо гуворо ва пурнишотест, ки инсон бо Худованди худ роз мегӯяду аз Ӯ (ҷалла ҷалолаҳу) имдод металабад.

Яъне, ба Офаридгори худ сачда мекунад ва бандагӣ бачо меорад. Ва Худованди раҳмонирраҳим маҳз дар авқоти хамсат (вақти фарзи қоим намоз, яъне, ибодат-фароиз, бо ҷумлаи суннатҳо, намози нафл ва салоти витри воҷиб) ва намози таҳаҷҷуд, нофила ва таровиҳ ва ъидайн ба диққате том таваҷҷӯҳ, ба бандагони худ, яъне, ба мо мекунад...

Перомуни шахсият ва мақому мартабаву қурбу манзалати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ муҳаққиқини таърихи Ислом ва таърихи мазоҳиб ва фирқаву ҷараёнҳои мухталифи Исломӣ, низ ибрози ақида намудаанд ва дар замми он андешаҳои худро бо самимияти ҳис, нисбати мартабаи «Чароғи уммат» иброз доштаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи таърихи исломӣ, устод Доктор Муҳаммади Ғаллоб, дар муққадимаи хеш, ба китоби устоди фозил Иноятуллоҳ Иблоғи Афғонӣ «-Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа мутакаллим» /яъне, «Имоми Аъзам Абӯҳанифа донишманди илми калом»/, ки тарҷумаи форсии мутарҷим Ф.М. Фазлӣ» бо унвони «Имоми Аъзам Абӯҳанифа ва афкори ӯ аст» хеле самимона нисбати шахсияти Имоми Аъзам (р) ҳарфҳо ба қалам додаанд, ки ба назари банда, хеле ва хеле ҷолиб аст, ки дар ин бахши нигоштаҳо, онҳоро ба таври интихобӣ, ба сифати иқтибос меорем, ки овардаанд.

Аммо баъд! Мақоми Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон /р/ дар тӯдаҳои исломӣ, бар ҳеҷ донишманд ва касе, ки машғули мутолиъайи мабодии ҷовидонаи исломӣ аст, пӯшида намебошад. Вале шӯҳрати бештари ӯ дар илм, заковат, зӯҳду тақво, малака ва маҳорати беандоза, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва илмии ҷомеъаи исломӣ, ки дар ҳама офоқ пахш гардида, дар чавкоти фиқҳ махсус шинохта мешавад, ба иллати ин, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) бузургтарин ва донишмандтарин аимаи /яъне, имомон/-и чоргонаи суннат ва ҷамоати Ислом ва дар қатори онҳо ҳойизи мартабаи аввал мебошад ва аз нигоҳи устозӣ, дар фанни қиёс /муқоиса, яъне,

www.kitobam.com

андозагирии-ҳукме барои амр, С.Б.Б./, ки басо мушкилоти динӣ, иҷтмоӣ, фардӣ ва фомилию тӯдаиро осон гардонида, бар руфақояш бартарӣ дошт ва ҳакими комил буд ва ҳамчунин имтиёзи дигари вай ин буд, ки дар асоси гузоштани тамоми ҷанбаҳои мазҳаби хеш бо диққати комил ба оёти шарифи Қуръонӣ ва Аҳодиси саҳеҳи набавӣ-Расули акрам /с/ истинод мекард ва аҳодисро, ки ҷузъитарин шак ва иштибоҳ дар бораи сиҳати он мавҷуд буд тарк менамуд (ва таҳрифи оёти шариф ва ҳадисҳои набавиро гуноҳи азим меҳисобид С.Б.Б). Ин эҳтиёт ва диққатро бештар аз равиши маъқули вай, ки дар ривояти аҳодиси фиқҳии хеш вазъ кардааст, метавон ба хубӣ дарк кард. Вай дар ин ришта танҳо ба аҳодисе истинод меварзад, ки аз яке аз се нафари зайл;

Абдуллоҳ ибни Умар, Абдуллоҳ ибни Аббос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд, ки ба номи «Ибодуллаҳи сегона» ва ё «Абдуллаҳи сегона» маъруфанду ёд мешаванд, ривоят шуда бошад. Имоми Аъзам (р) то охирин дараҷа мекӯшид, ки дар умури афрод ва тӯдаҳо, аз қабили ъибодот ва муъомилот ва аҳволи шахсии эшон осонӣ ва соддагӣ, ба вуҷуд орад ва дар таъқиби ин ҳадаф танҳо ба масойили худ иктифо накард, балки ду шогирди арҷманди худаш, яъне, Имом Абӯюсуфи Яъқуб ва Имом Муҳаммади Шайбониро низ ба татбиқи равише, ки вазъ карда буд, роҳнамоӣ фармуд ва эшон хати роҳи мустақими устоди худро таъқиб карданд ва ба амалӣ намудани он аз диққат ва таври амиқ кор мегирифтанд ба қисме, ки агар ба адами ҷавози корӣ ҳукм мекарданд, вале баъдтар мутаваҷҷеҳ мешуданд, ки ин ҳукм мӯҷиби таколифи мардум мешавад, аз назарияи ҳурмати он, ба назарияи ҷавоз ва абоҳат бармегаштанд.

...Он чи гуфтем байни ҳамаи тӯдаҳои динӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ маъруф ва машҳур аст, вале қисмате аз хусусияти ин Имоми ҷалилулқадр ки то ҳадде маҷҳул боқӣ монда, иборат

аст аз ҷанбаи каломӣ ва ақлии вай, ки дар зоти худ мавқуф, барҷаста ва мумтозӣ дорад. Ва аз ҳамин ҷо арзиши рисолае, ки устози фозил Иноятуллоҳ Иблоғи Афғонӣ, дар мавзӯи «Имоми Аъзам донишманди илми калом» таълиф намуда, возеҳ мегардад, ки мо онро ҳамин акнун, ба ҳайси як рисолаи ҷомеъ ва сазовори тақдир ва эҳтиром, ба хонандагон тақдим медорем...». 47.-1-9 Ва бузургии Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)-ро дар интихоб ва омӯзишу тадқиқ ва ҳалли масоили мушкилтарин илм ва дӯстдоштатарин илми Расули акрам - Ҳазрати Муҳаммад (с), яъне, илми фиқҳ низ метавон дарёфт, ва дарк кард, ки дар яке аз китобҳои маъруфи аҳли суннат ва ҷамоъат «-Салоти Масъудӣ»-и Мавлавӣ Шайх Масъуд ибни Маҳмуди Самарқандӣ омада: «Иттифоқи уламо бад-ин афтод, ки илм омӯзем ки имрӯз чизе биомӯзем ки дирӯз омӯхта набошем, пас имрӯзи мо беҳ аз дирӯз бувад».

Нақл аст, ки Имоми Аъзамро савол карданд, чӣ маънист, ки ҳамаи умри худро дар фиқҳ сарф кардӣ, дар омӯхтан ва истихроҷи масоили вай муболиға намудӣ, на дар илмҳои дигар.

Гуфт: (Имоми Аъзам (р) Расул (с) фиқҳро дӯст доштӣ ва ман бад-он сабаб дар илмҳои дигар шуғл накардам... дар ҳамаи илмҳое, ки шурӯъ кардам, чун тааммул кардам, дар ҳар яке офате дидам.

Аввал илми тибб шурӯъ кардам (мегӯяд Имоми Аъзам) ки дар вай таносоӣ ва манфиати дунёст, чун тааммул кардам, гуфтам, ки агар беморе бувад, ки вайро қазои аҷал расида бошад, ҳарчанд, ки ман вайро дору диҳам ҳеҷ манфиат накунад. Пас ман умр ва моли худро зоеъ карда бошам ва дигар он ки тиб ҳирфаи тарсоён аст. Ва дар касби дунёӣ шурӯъ кардам, ки касб кардан ҳам суннати анбиёст.

Ман ҷаҳди бисёр кардам ва касб ҳосил кардам, то аз гурӯҳи танпарварону аҳли ғофил (...мисли «доноча»-ҳо халафиҳо ва

www.kitobam.com

«ҳазрат»-ҳои имрӯза С.Б.Б) набошам. Чизи дунё дар даст доштам, валекин дил бар вай наниҳодам, ки дӯст доштани дунё (моли дунё-С.Б) сари ҳама хатоҳост.

Расули акрам /с/ фармудааст, ки: «Дӯст доштани дунё сари ҳамаи хатоҳост ва тарки дунё сари ҳамаи ибодатҳо аст». Ва дигар, дар илми усул муболиға накардам, ки дар вай лағжидан аст. Пурсидам, ки коре саъб аст, роҳи борик ва эътирози вочиб. «Ва дигар, дар илми мунозира муболиға накардам, ки дар вай пирозорист ва хато бувад пиронро озурдан» 63-21-22.

Ҳазрати Имоми Аъзам (р) иллати дар илми мунозара муболиғат накардани хешро бо овардани ин ривояти саҳеҳ баён медорад, ки: «Овардаанд, ки рӯзе Амиралмӯъминин Алӣ /р/ назди Расул /с/ барои суоле омад: Чун ба назди Расул /с/ даромад суолро фаромӯш кард. Расул /с/ пурсид: -Ё Алӣ, бо чӣ коре омадӣ? Алӣ гуфт: -Барои посух гирифтан ба суоле омадаам, аммо он суол бар ман якбора пӯшида шуд. Расул (с) гуфт: -Дар роҳ, аз ту чӣ ба вуҷуд омад? Алӣ гуфт: -Дар роҳ ҷуҳуди (яҳудӣ) пире мерафт. Ман аз вай башитоб пеш гузаштам. Расул /с/ гуфт: -Ай Алӣ, ту беадабӣ кардӣ ва пиреро озурдӣ. Бирав аз он пир бахшиш ва узр бипурс. Ҳазрати Алӣ бирафт ва аз он пир бахшишу узр бипурсид. Он ҷуҳуд гуфт: -Туро ба шарте мебахшам, ки манро назди Расул (с) бубарӣ. Алӣ (р) чунин кард. Он пирамарди ҷуҳуд, аз Расул /с/ хоҳиш намуд, ки: -Бар ман Ислом арза дор, зеро аз барои мани гумроҳ Алии бузургворро биҳилпурсӣ равон кардӣ ва илова кард, ки дини ту (Ислом) ҳақ аст ва ту Расули барҳақӣ...». Озори пирамарди ҷуҳуд, барои мусулмон раво нест (ба ғайр аз ҳолати ҷангӣ, ки чун аскар ё афсар ё роҳнамо ё сарлашкар дар сафи урдуи душман қарор гирифта бошад). Пас озор додани пирамардони мусалмон хато ва гуноҳи бузург аст. Ҳар толибилм, ки одати озори пирон ва маъюбон ва нотавононро

дорад, аз илму умри хеш ҳеҷ гоҳ манфиат (баракат) ёфта наметавонад». Ин аст дидаи бедор, андешаи мӯшикофона ва афкори дурандешшонаи фақеҳи кабир, валиюллоҳ Ҳаким Имом Абӯҳанифа /р/. Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ асосан умри мубораки хешро чуноне, ки дидем, дар илми фиқҳ, вақф ва сарф кардаанд, бинобар ин, дар ҷаҳони Ислом 1310 сол, ба ин ҷониб эшонро ҳамчун «Имоми Аъзам» ва яке аз аввалин муаллифи соҳибкитоб ва яке аз нахустин асосгузорони мактаби фиқҳи исломӣ, яъне, чун фақеҳи кабир ва имоми шаҳир мешиносанд, ва иншоаллоҳ боз ҳазорсолаҳои дигар /наслҳои оянда/ ва то ба рӯзи Ҳашр /явмулқиёмат/ хоҳанд шинохт, ӯро ҳамчун пешво ва Имоми хеш, ки шафоатхоҳи рӯзи ҷазост ва қозии рӯзи Маҳшар /пас аз ҳазрати Муҳаммад /с/-баҳри уммаҳои Паёмбар, дар назди ҷамолу ҷалоли Парвардигори субҳон, ба ҳайси муқтадо.

Ва Ҳазрати Абӯҳанифа /р/ дар бораи интихоби ин илми пурзаҳмат чунин ишорате ҳам карда: «-Пас ҳама умр дар ҳамин илм /яъне илми фиқҳ-С.Б.Б/ шурӯъ кардам, ки аз хатоии вай як савоб аст ва аз савоби вай даҳ савоб аст. Расул /с/ фармудаанд «-Мар ҳар чизеро офатест ва офати дин боз мондан аз намоз аст». 63.22.

Аллома ва Муфтии Ҳиҷоз ва Имом Ал-Ҳарамайни шарифайн Мавлавӣ Шайх Шаҳобуддин Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккиӣ, ки худ шофеъимазҳаб /яке аз чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат/ буд, китобе оиди маноқиби Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ бо унвони «Ал-Хайротал-ҳисон фӣ-маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон» навишта /соли 973-909 ҳичр, қамарӣ/, ки дар он перомуни шахсияти нотакрори Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/, дар асоси иқтибос аз «Эҳё ал-улум»-и Имом Муҳаммади Ғаззолӣ (р), омада: «-Акнун, ки сухан аз китоби «Эҳё-ал-улум»-и Имом Ғаззолӣ (р) рафт ва ситоиши Ғаззолӣ, аз Имом Абӯҳанифа /р/

www.kitobam.com

дар он, бе муносибат нест, агар хулосаи аз суханони вай, дар «Эҳё ал-улум»-ро ба ин иртибот, аз китоби «Айн-ул-илм»-мухтасари «Эҳё ал-улум» дар ин ҷо нақл намоем, то бароати муаллифи он, ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ, аз он чи ба вай дар ин робита нисбат додаанд мубарҳан гардад: Ғаззолӣ мегӯяд: «Беҳтар ин аст, ки аз миёни аимаи чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоъат касеро интихоб намоем, ки ба занн ғолибу афзал ва аълами эшон аст, зеро чунин интихобе, ба инқиёди нафс, дар баробари суханони он Имом ва таслим, дар баробари раъйи он ва дар натиҷаи мубодират, ба имтисолу амал ба орои он мумду ангезабахш аст.

Аз ин ки бигзарем, ҳар як аз Абӯҳанифа ва Молик ва Шофеъӣ (ва Имом Аҳмади Ҳанбал-С.Б.Б) раҳматуллоҳу ъалайҳим, дар иқлиме ва билоде қабули ом ёфтанд, ки ҷуз утабоъи онон, дар он иқлим, аз мазҳаби дигар, суроғе нест, ё агар ҳам ҳаст, андак аст.

Монанди иқлими Ҳиҷозу Яман ва Мисру Шом ва Ҳалабу Ироқу Арабу Аҷам, нисбат ба Имом Шофеӣ (р) ва Мағриби Арабӣ бо тамоми фарохии худ, нисбат ба Имом Молик /р/ ва Руму Ҳинд ва Мовароуннаҳр (ва Хуросони Бузург ва тамоми билоди Афғонистон ва Покистон, Индонезия, Тоҷикистон, Бошқирдистон, Доғистон ва Шимоли Эрон, Чин ва қисмате аз Қафқоз ва ғайра-С.Б.Б) нисбат ба Абӯҳанифа /р/ аст.

Аммо дар бораи Абӯҳанифа /р/ ва маноқиби вай мегӯем: (мегӯяд Ғаззолӣ) - Фазлу камоли вай (р) ва шӯхрати вай, дар ибодат ва фурӯъу зӯҳд ва сахову диққати назар ва ҳаддати фикр, моро бениёз аз он месозад, ки дар фазилати вай, ба ривояте истидлол кунем, ки муҳаддисон ҷумлагӣ бар сохтагӣ будани он иттифоқи назар доранд, ҳамчун ҳадиси сохтагии: «-Абӯҳанифа сирочу умматӣ».

Касе аз бузургон дар ҷавоб шунид, ки Борӣ Таъоло мефармояд астаъизу биллоҳ: «Ано ъинда ъилма Абӯҳанифа-

Ман дар назди илми Абӯҳанифа ҳастам»... Яъне, ба ҳифз ва қабулу ризо ва илми вай бахраандӯз мешаванд. Ва мухолифон ба пеши касвати Абӯҳанифа /р/, дар фиқҳ таслиманд. Аз ин ҷиҳат Имом Шофеъӣ /р/ гуфтааст: «-Ҳар кас мехоҳад фиқҳро бишиносад, пас Абӯҳанифа /р/ ва ёронашро мулозимат кунад».

Ва ҳам ӯ /Шофеъӣ Абдуллоҳ ибни Идрис/ гуфтааст: -Барои Молик /р/ гуфтам, Абӯҳанифаро чӣ гуна ёфтӣ? Гуфт: -Мардеро дидам, ки агар битавонад бигӯяд, ки ин сутунро тилло мегардонам, ҳар ойина ҳуҷҷаташро иқома менамояд. Ва чун Имом Шофеъӣ /р/, ба Бағдод омад, ба зиёрати марқадаш шитофт ва дар он равзаи муборак ду ракаъат намоз гузорид ва дар ин ду ракаъат дастонашро дар ҳангоми такбир баланд накард /зеро ин амал хилофи суннат ва оийни ибодат, яъне, хилофи мазҳаби муҳаззаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу аст-С.Б.Б/. Ва дар ривояте дигар, ин ду ракаъат, намози субҳ буд, яъне, фаҷр ва дар он дуойи «Қуннут»-и шарифро бар хилофи шеваи мазҳабаш нахонд, пас чун аз вай суол карданд, ки чаро аз рӯи мазҳабатон қунутро нахондед? Гуфт: «-Ба ҷиҳати риояти адаб, бо ин Имоми бузургвор, маро ҳаё омад, ки дар ҳузураш мухолифат бо вайро зоҳир гардонам».

Фузайл ибни Аёз, ки ҷалолати мақоми он туро басанда аст, мегӯяд: -Абӯҳанифа дар фақоҳат маъруф ва дар фурӯъу тақво машҳур буд, ва аз нишонаҳои азамати зӯҳди вай ин ривояти Абдуллоҳ ибни Муборак (р) аст, ки барои вай: -Имом Абӯҳанифа раҳматуллоҳи алайҳ иродаи харидани канизеро дошт, пас бист соли тамом диранг кард /интизор шуд/ ва дар ин муддат касби огоҳию машварат менамуд, ки аз кадомин асирон харидорӣ намояд, то дар рақияти он шубҳа набошад.

Ва Назр ибни Шамил гӯяд: /Мардум аз илми фиқҳ дар хоб буданд то он ки Абӯҳанифа /р/омад ва эшонро бедор кард.

www.kitobam.com

Рӯзе Абӯҳанифа /р/ бар амиралмӯъминин Мансур даромад, дар ҳоле, ки як тан аз ибод ва зуҳҳоди маъруф бо номи Исо ибни Мӯсо, дар назди вай буд, пас Исо ба Мансур гуфт: «-Ин мард олими дунё аст».

Халифа Мансур, аз Имоми Аъзам пурсид, ки донишро аз кай фаро гирифтӣ? Фармуд: -Аз ёрони Умар (р), аз Умар ва аз ёрони Алӣ (р) аз Алӣ (р) ва аз ёрони Ибни Масъуд /р/ аз Ибни Масъуд /р/. Гуфт: -Ҳаққо, ки санаде мавсуқ ироа кардӣ ва бароствӣ, ки аз суқотӣ. Аммо бо ин вуҷуд Мансур дар вақойеъе, ки рӯнамо гардид, ва баъдан дар ин китоб баён хоҳем кард, иродаи ҳалоки вай кард ва он имоми ҳумомро ҷоҳилона ба шаҳодат расонд (ва бо ин амал худро ба ғазаби Парвадигор гирифтор кард-С.Б.Б). Ва чунон буд, ки чун Ҳадисе аз Расули Худо /с/ барои вай ривоят мешуд. мегуфт: «-Бар сару чашм!» Ё агар сухане аз ёрони Паёмбар /с/ ба миён меомад, мегуфт: «-Аз миёни ороашон якеро бармегирем ва ҳаргиз, аз доираи орои эшон берун намеравем» Ё агар раъйе аз тобиъин меомад, мегуфт: «-Бо эшон вориди майдон мешавем».

Дар оғоз, ними шабро зиндадор буд,(яъне, Имоми Аъзам) то он ки рӯзе аз роҳ мегузашт, ки марде ба сӯи вай ишорае кард ва гуфт: «-Ин ҳамон касе аст, ки тамоми шабро зиндадор аст». Аз он пас тамоми шабро зиндадор буд. Ва андар ин боб гуфт /Имом Абӯҳанифа/: «-Ман аз Худои ъазза ва ҷалла ҷалолаҳу ҳаё мекунам, ки ба ибодате мавсуф гардам, ки дар ман мавҷуд набошад».

Ва яке аз солеҳон гуфта аст: - Аз Абӯҳанифа касеро дар Макка собиртар, бар тавофу намоз ва фатво надидаам, ҳаққо, ки ӯ тамоми шаб ва рӯз дар талаби охират буд.

Дар хоб, аз ҳотифе дар Каъба шунид, ки мегуфт: «-Эй Абӯҳанифа! Ба ман хидмате холисона кардӣ ва маро нек шинохтӣ, пас ба таҳқиқ, ки бар ту омӯрзидам. Яъне, аз он ҷое, ки бо эҳёи тамоми шаб ва рӯзадории бештар, аз субҳи содиқ

то намози шом, бештар аёми даҳр ва базл, кӯшиш дар нашри илм, хидмате холисона бароям кардӣ ва бо итқон, дар улуми зоҳир ва ботин ва тарки дунёву эътирози куллӣ, аз он ва иқбол бар охират ва базлу тавон, дар таҳсили асбоби он, маро ба некӯтарин ваҷҳ шинохтӣ ва ба авҷнои маърифатам васл гардидӣ, пас бо ихрози чунин сифоту камолоте ба умедвории мағфирати ман наздиктарӣ, бар ваҷҳе, ки зарраи тақсир, барои ту боқӣ намонад ва пайравонат низ, аз баракати ихлосу эҳсоси ту, то қиёмат бархӯрдор, аз ин иноятанд».

Ва ин худ башорате аст бузург, барои Абӯҳанифа /р/ ва пайравонаш, ки ононро ва умед дорад, то тамоми тавонашонро дар мутобиъату иқтидои имомашон дар абъоди ахлоқи мутаъолӣ ва сифоти покизаи вай, ки дар камтар касе ҷуз орифони вораста ва имомони муҷтаҳид ҷамъ тавонад шуд, ба харҷ диҳанд.

Ва бузургоне чанд, аз машоиху аимаи муҷтаҳид ва уламои росих барои вай /яъне, Абӯҳанифа/ шогирдӣ кардаанд, чун Имоми ҷалил Абдуллоҳ ибни Муборак /р/, Иброҳими Адҳам (р), ки бар ҷалолат ва бароату пешкасватӣ, дилогоҳиву сахопешагӣ ва зӯҳдашон ҳамагон иттифоқи назар доранд ва чун Имом Лайс ибни Саъд, Имом Молик ибни Анас, Имом Мусаъар ибни Кудом, Имом Зуфар ибни Ҳузайл, Имом Муҳаммад, Имом Абӯюсуфи Қозиёлқуззот, Имом Абӯмутеъи Балхӣ, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа /р/, Имом Абӯмуқотили Самарқандӣ, Мотаридии Самарқандӣ ва ғайри эшон ва ҳаминҳо худ туро басанд (ки ҳар яке аз эшон, дарёи илму маъониянд-С.Б.Б).

Ва барои ӯҳдадории мансаби Қузо /қозиюлқуззот/ ва хазоини байтулмол мутаҳаммили шиканҷаву озорҳои шадиде гардид, он гоҳ, ки аз қабули ин вазоиф сарбоз шуд ва азоби дунёро бар азоби охират баргузид.

www.kitobam.com

Аз ин ҷиҳат чун касе аз вай назди Абдӯллоҳ ибни Муборак /р/ ба бадӣ ном бурд, гуфт: Оё мардеро ба накӯҳиш ёд мекунем, ки дунё бо ҳамаи созу барги хеш бар ӯ арза гардид, аммо ӯ аз он ба тамом гурехт. Ва ҳаргиз бо ситамгорон, дар ҳам наёмехт. Бо он, ки ҳуккоми золим аз ӯ онро мехостанд. Ва сахт бар вай илҳоҳ варзидаву таҳдидаш менамуданд?

- Ва ҳаргиз силаву ҳадяи ғажу ҳарчанд ночизро аз онон намепазируфт?! Ва аз ин ҷиҳат чун Абӯҷаъфари Мансур, ба василаи омилаш Ҳасан ибни Қаҳтаба даҳ ҳазор дирҳами ироқӣ, ба сӯи вай /Абӯҳанифа/ фиристод ва ӯ тавони радди онро надошт, писари азизаш Имом Ҳаммодро васият кард, ки чун вафот меёбад ва мадфун мешавад, он маблағро вопас ба Ҳасан ибни Қаҳтаба баргардонад. Имом Ҳаммод тибқи васияти вай яъне, падараш Имоми Аъзам чунин кард, пас Ҳасан барояш гуфт: «-Раҳмати Худованд бар падарат, ҳаққо, ки бар дини хеш бисёр ҳарис буд».

Ва ҳаргиз ба даъвати мардум, ба сӯи мазҳаби хеш машғул нашуд, магар ба ишораи набавӣ /с/ дар хоб, ба сӯи вай, ки бояд мардумро ба сӯи мазҳаби муҳаззабаш фаро хонад, баъд аз он ки аз сари тавозӯъ ва кӯчакшумории хеш, аз диди мардум пинҳон мегардид, ки мабодо аз вай коре нек ба чашми онҳо ояд, ки истиҳқоқи вайро дар фарохонии мардум, ба сӯи иқтидо ба ӯ намоён созад ва аз ӯ шӯҳрате дар ин маҷол фароҳам орад. Аммо чун изн, аз боргоҳи касе расид, ки тақсими ганҷҳои Аллоҳ таъоло /ҷалла ҷалолаҳу/ барои мустаҳқиқи он ба вай муфавваз гардида, донист, ки ин амре ҳатмӣ аст, ки ӯро аз он гурезе натавонад буд, дар ин ҳангом буд, ки мардумро ба сӯи мазҳаби хеш фаро хонд, то он ки мазҳаби вай зуҳур ёфт ва мунташир гардид ва пайравони вай бисёр гардидаву ҳусоди (ҳосидон, бахилон – мисли фирқаҳои ҳазормазҳабаи ғарбғуломи имрӯза) вай хор шуданд ва Худои ъазза ва ҷалл Шарқу Ғарб ва Арабу Аҷамро ба

василаи вай, аз сарчашмаи аҳкому маориф (Қуръону Ҳадис) баҳраманд гардонид ва худ низ дар пайравонаш баҳрае вофир ёфт, ба таври якка онон усул ва фурӯъи мазҳабашро таҳрир ва тадвин намуда ва дар манқул ва маъқули он, ба амъони назар пардохтанд. То он, ки саранҷом зербинову қавоиди мазҳаби вай (дар партави Қуръон ва Суннат С.Б.Б) устувору мустаҳкам гардид.

Чуноне, ки ҳикояти баъзе аз тазкиранигорон ва маноқибнависон муайяди ин амр аст, ки гуфтаанд: -Хоҷа Собит /р/ падари Абӯҳанифа /р/ ӯро дар кӯдакӣ назди Мавло Алӣ карамаллоҳу вачҳа бурд, пас Алии Муртазо /саломуллоҳу алайҳ/ барои вай ва зуррияаш дуои баракат кард. Ва файзҳое, ки насиби Абӯҳанифа /р/ гардид, аз баракати ҳамин дуои неки писараму ва домоду ёри босафои Паёмбари гиромӣ /с/ буд.

Ва ҳаргиз дар сояи девори мадюн (қарздорони) он гоҳ ки ба тақозои вомаш мерафт, наёсӯд. Ба ангезаи худдорию парҳез аз он ки чизе аз осори ҳадяи мадюн ҳамроҳи вай шавад ва барои эъломи ин нуқта, ки ӯ тамоиле ба ҳеҷ навъ лутфу ирфоқе аз сӯи мадюн надорад.

Ӯ, ки раҳмати Ҳақ бар вай бод -дар парҳез, аз боби шубаҳот ҳиззе вофир дошт. Аз ин ҷиҳат тамоми молеро, ки вакилаш барояш овард, садақа кард, он гоҳ, ки баҳои ҷомаи маъюбе, ки айби он дар ҳоли фурӯш, бар фурӯшандааш пинҳон боқӣ монда буд, бо он мол махлут гардид ва ӯ агар чанд, ки гуноҳи ноогоҳии фурӯшандаро бар зимма намекашид, лекин чун дар он навъе шубҳа буд, аз он парҳез кард. Ва далели ин ки баҳои он ҷомаро ба харидораш боз нагардонид, ин буд, ки ӯ муштариро намешинохт ва аз касби ҳаргуна иттилоъе дар бораи вай низ маъюс гардида буд, лизо он молро ҷумла тасаддуқ кард ва гуфтаанд, ки он мол се ҳазор дирҳам ё динор буд ва намунаҳое аз ин боб барои вай ба такрор воқеъ гардида чунонки дар китобҳои маноқиб омада аст...

www.kitobam.com

Ва он чи, ки аз маноқиби ин Имоми ҳумом /Абӯҳанифа/ гуфтем, ҳаргиз ба маънии ҳасри ин манoқиб, дар ин калимот набуда, балки ин қатрае аст, аз дарёе, ки ҳеҷ соҳили он пайдо нест.

Ва аз шарафу фазилати камназири он яке ин буд, ки чиҳил соли тамом намози бомдодро бо вузӯи ъишоъ /намози поси шаб-хуфтан/ иқома кард, пас аз вай пурсиданд: -Чӣ чиз Шуморо бар ин ҳама риёзат тавону нерӯ мебахшад? Гуфт: «-Ман Худои ъазза ва ҷаллро ба асмои ҳуснои он, бар асоси ҳурӯфи мӯъҷам ёд кардам ва ин асмои шариф, дар ҳар як аз ояи зайл ҷамъ шудааст:

Аввал: /Муҳаммад расулуллоҳ/ - то охири Сураи «Фатҳ».

Дуввум: /Сумма унзила ъалайкум мин баъдил ғамма амонатан нуъосо /ал ояи шариф, дар Сураи «Оли Имрон».

Ӯ /яъне, Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу/ дар моҳи мубораки Рамазон шаст бор хатми «Қуръон»-и шариф мекард, хатме дар шаб ва хатме дар рӯз. Ва ғайри ин дар манoқиби дигаре омада, ки баршумурдани ҳамаи онҳо душвор аст.

Пас раҳмати бепоёни Худо бар вай бод ва ризои Ӯ (ҷалла ҷалолаҳу) шомили ҳоли вай бод ва ҷаннатул фирдавс ҷойгоҳу иқоматгоҳи абадии вай бод, ки имоме барҳақ аст».

Ин буд суханони Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, яке аз саромадони илми калом, дар «Мухтасари-Эҳёи улум» ва бо ин суханон бароати Имом Ғаззолӣ /р/ ҳуҷҷатулислом аз он чи, ки ба вай аз таассуб нисбат додаанд мусаллам мегардад. Ва ҳошо, ки вай дар мақоми ин итҳом қарор гирад»62., 13-22.

Бале, онҷо ки ҳақиқати ҳол аст ҷои шаку шубҳа нахоҳад буд. Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ назди хосу оми уммати Расули акрам /с/ обрӯву эътибори худодод дошт, дорад ва хоҳад дошт. Дар китоби «Манoқиби Имоми Аъзам /«тарҷумаи форсии «Ал Хайрот ал-ҳисон фӣ манoқиб Ал-Имом Ал-Аъзам

Абӯҳанифа Ан-Нӯъ-мон» таълифи Имомал ҳарамайни шарифайн Шайх Шаҳобуддин Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккиӣ /саҳ.32-33/ дар боби ривояте, ки аз Набии акрам /с/ дар амри башорат /пайғоми некӯ, хушхабар/ ба зуҳӯри Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ омадааст:

«-Бидон, ки бузургтарин, возеҳтарин ва комилтарини ин ривояти Имом Бухорӣ ва Муслим аст, аз Абӯҳурайрат р/ ва Имом Шерозӣ ва Табаронӣ, аз Қайс ибни Саъд ибни Ибода ва Ибни Масъуд разиаллоҳу анҳум, ки Расули Худо /с/ фармудаанд:

«Агар чунончи илм дар ситораи Сурайё ҳам бошад, қатъан мардоне аз фарзандони Форс онро ба чанг меоваранд» ва дар лафзи Имом Муслим омадааст: «-Агар имон дар назди Сурайё бошад, ҳар ойина мардоне аз фарзандони Форс онро ба даст меоваранд».

Ҳофизу муҳаққиқ Ҷалолуддини Суютӣ (аз ду яке аз муаллифони «Тафсири Ҷалолайн») гуфтааст: -Ин мабоние аст саҳеҳ, ки метавон, дар башорат, ба Абӯҳанифа /р/ ва фазилати томаи вай, бар он такя кард. Ва дар бораи Молик /р/ низ ҳадиси ҳаммонанде аст ва он ин фармудаи Расули акрам /с/ аст:

«-Наздик аст, ки мардум дар ҷустуҷӯи илм бар шутурон барнишинанд ва сафари ҷаҳон кунанд, аммо донотар аз олими Мадина касеро наёбанд». Ва низ ҳадисе, ки дар бораи Шофеъӣ» /р/ аст:

«-Қурайшро дашном надиҳед, зеро ки олими он заминро пур аз дониш мекунад». Ва ин ҳадиси /ҳасана/ аст, ки онро тариқи бисёре аст, ки баъзе онро сохтаӣ, яъне, маҷҳӯл пиндоштаанд.

Уламо гуфтаанд: - Олими Мадина-дар ҳадиси аввал Молик /р/ аст ва олими Қурайш, дар ҳадиси дуввум Шофеъӣ /р/ аст. Яке аз шогирдони Ҷалолуддини Суютӣ гуфта аст: -Ин амр, ки

www.kitobam.com

мурод аз Ӯ ҳадиси шарифи «Сурайё» -Имом Абӯҳанифа /р/ аст, ҳақиқате том аст, ки Шайхи мо бар он яқин ҷозим дошт ва онро ошкор кард ва ғайри қобили шак мепиндошт, зеро, ки ҳеҷ як аз фарзандони-Форс, дар он замон ба пояи вай ва асҳобаш дар илм нарасидаанд ва дар ин Ҳадиси саҳеҳ мӯъҷизаи рӯшане аст барои Расули акрам /с/, чӣ эшон аз амре хабар, додаанд, ки баъдан рӯнамо гардид ва мурод ба форс, кишваре маъруф ба Форс набуда, балки нажоде аз Аҷам аст, ки нажоди Форс мебошад».

Бале он башорати, Расули акрам /с/ мансуб ба Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ аст, ки аз нажоди Форс буда, яъне, бино ба ривоёт, насабномаи ӯ чунин аст: Абӯҳанифа ибни Собит (р) ибни Завтӣ, ибни Моин ибни Марзбон пури Товус пури Ҳурмуз пури Анӯшервон аст, ки аз шоҳзодагони шоҳи Форс мебошанд, яъне, аз фарзандони Сосон аз тоҷикони гузари Хоҷагони шаҳри Кобул (ҷадду гузаштагонаш аз тоҷикони Афғонистон буданд, ки ҳама ба лафзи дарии тоҷикӣ, ки яке аз гӯйиши ғарбиэронии интишорёфтаи забони форсист, ҳарф мезаданд ва ӯ аз нажоди афғонҳои даштӣ, яъне, пашту нест, балки аз селаи кабкони дарист, ки бо амри тақдиру насиби Илоҳӣ соли 80-уми ҳичрӣ /699-и мелодӣ/ дар шаҳри Кӯфаи Ироқ ба дунё омада, зиёда дар Бағдод зиста ва соли 767 мелодӣ, дар Бағдод, аз олам рахти сафар карда аст ва оромгоҳи мубораки ӯ, дар наздики масҷиди ҷомеъу бостонии «Козимайн»-и Бағдод воқеъ аст, ки зиёратгоҳи кулли муслимини ҳақшиносу дилогоҳ аст-С.Б.Б).

Далели барҳақи аз селаи кабкони хушхирому хушсират ва хушсурати дарӣ-тоҷикӣ будани Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ин ривояти шогирдаш Абӯюсуфи Қозӣ /р/ аст, ки дар шамоили эшон гуфта:

«-Имоми Аъзам разиаллоҳу анҳу, ба қомат миёнаболо ва аз зеботарин мардум буд, гандумгун ва нӯронӣ ва дар нутқу баён

расотарин ва балеғтарин ва дар оҳанги садо, хушовозтарин ва дар ҳуҷҷату истидлол бар иродаи мақсуд ва нотиқтарину равшанбаёнтарин мардум /яъне, воизи машҳур ва қории мураттаб ва басо комили Қуръони карим-С.Б.Б/ буд. 62,13-45.

Ва фарзанди вай Ҳаммод дар зикри шамойили эшон гуфтааст: «-Падарам раҳамаллоҳ, болобаланду гандумгун, зеборухсору хушманзару хушсимо, мӯқир ва соҳибҳайбат ва пурсалавот буд, ки ҷуз ҷавоби савол сухан намегуфт, дар суханони беҳудаи дунёӣ фурӯ намерафт ва ба молояънӣ намепардохт». 62.13.45.

Албатта дар васфи эшон ба «миёна» ва «болобаланд» ҳеҷ мунофоте нест, зеро мешавад, ки қади Имом /р/ дар айни миёна будан, моил ба болобаландӣ буда бошад, чунонки дар шарҳи шамоили Тирмизӣ ҳам омада. Ва Абдуллоҳ ибни Муборак гуфта аст: «-Имом /р/ хушқиёфа ва хушпӯш буд» 62, 13-45.

Ҳазрати Имом Абӯҳанифа /р/ дар рӯзгору зиндагидорӣ ва фаъолияти илмиву кори имоматии хеш доим ба «Қуръони маҷид», Ҳадисҳои набавӣ, яъне, суннатҳои беназир ва малакутии Ҳазрати Муҳаммад /с/ амал мекард ва дар асоси ин роҳи ростин /сирот-ал-мустақим/ Абӯҳанифа /р/ дар равияи суннии дини Ислом, дар партави Қуръон ва Суннат ҷовидонамазҳаб ва бузургмазҳаб-мазҳаби муҳаззаби ҳанафияро, ки мазҳаби тавҳидгароён, яъне,-маваҳҳидон ва низ дӯстдорони Расул /с/-у ҷумла ёрони ӯ /с/ аст асос гузошт. Ҳазрати бузургвор Имоми Аъзами сӯфии Кӯфӣ /р/ бо ақлу хирад ва андешаи Худодаи худ, ба хубӣ дарк ва эҳсос карда буд, ки ягона роҳ-роҳи Расули Худост, ки роҳи комёбиҳост. Ба қавли Шайх Саъдӣ:

Хилофи Паёмбар касе раҳ гузид,
Ки ҳаргиз ба манзил нахоҳад расид.
Мапиндор, Саъдӣ, ки роҳи сафо,

www.kitobam.com

Тавон рафт ҷуз дар паи Мустафо.
ШайхСаъдӣ 95., 11.

Имом Абӯҳанифа (р) орифе шуҷоъу басо муваҳҳид аст ва бе муболиғае барҳаққи гуфтаи Ҳазрати Расул /с/ - «Чароғи уммат»-и Ҳазрати Муҳаммад /с/ буду ҳаст. Нукоти зер далолат бар ин мекунад, ки Ҳазрати Имом Абӯҳанифа /р/ инсони комил, пири аҳли калом ва марди ҳақ аст. Дар «Салоти Масъудӣ» ишорати худи Имоми муттақин Ҳазрати Абӯҳанифа /р/ ҳаст, ки омада:

«-Ва дигар дар илми қироат муболиға накардаам, ки ҳарчанд муболиға кунам, Қуръон хононданд маро. Ва дигар, дар илми одоб муболиға накардаам. Ҳарчанд муболиға кунам, адиб хонанд маро. Ва дигар ин ки сӯҳбат бо кӯдакон накардем, зеро ки Расул /с/ фармудаанд, ки: Чанд чиз дилро табоҳ ва торик кунад ва ақлро коста; сӯҳбати кӯдакон, сӯҳбати занон, сӯҳбати тавонгарон /аҳли такаббур-боёни камхирад/, сӯҳбати аҳмақон ва ҷавоби аҳмақонро боз гуфтан». 63,22.,23.

Ҳазрати Имом Абӯҳанифа /р/ бе ҳеҷ, муболиға /чуноне, ки баъзеҳо мепиндоранд/ зоҳидест анбиёъсифат ва аз зӯҳди вай он бувад, ки чун ба сафари Қибла рафт ва Ҳаҷи Ислом биёварда он гоҳ калиди хонаро /хонаи Каъба С.Б.Б/ аз муҷовирон дархост кард, то ӯ шабе дар Каъба намоз гузорад. Муҷовирон гуфтанд:

- Эй Имоми Аъзам ва пешвои ҳақиқии мусалмонон, то калиди ин хонаи муборакро ба касе надодаем, аммо ҳаққи Шумо бузург аст. Калиди хона ба вай доданд. Дари хонаи Каъбаро кушодан, ҷумлаи хонаро ба маҳосини мубораки худ бируфт ва пок кард. Он гоҳ дар миёни ду сутун биистод ва ба ду ракаъат намоз шурӯъ кард. Дар ракаъати аввал пойи чапро бар пойи рост ниҳод ва як нимаи Қуръонро хонд ва дар ракаъати дуввум пои ростро бар пойи чап ниҳод ва-Қуръонро

хатм кард. Чун намоз тамом кард, субҳ дамид. Он гоҳ гирист ва муноҷот кард:

«-Илоҳо, Парвардигоро, Абӯҳанифа туро ба сазое парастиданӣ натавонист парастидан валекин ба сазое шинохтанӣ шинохтам»«. Ҳотифе аз ғайб овоз дод, аз ҷониби Каъба, ки: «-Ҳам ба сазо бишнохтӣ ва ҳам ба сазо парастидӣ, туро омӯрзидам ва то қиёмат ҳар ки бар мазҳаби ту равад, вайро низ омӯрзидам» 63-23.

Ҳазрати Расулуллоҳ /с/ фармудаанд: «-Тафтарақ, ҳозиҳил уммати ъало сулоса ва сабъин фирқат, куллуҳум фин-нори ило фирқата воҳидат». Қолу-ва мо тилкал фирқат? Қола Расулаллоҳ /с/: «Мо ано алайҳи /ал/явм/ ва асҳоби». Яъне: «-Ин уммат ба ҳафтоду се фирқа тақсим хоҳанд шуд, ки ҳамаи онҳо дар оташанд, ба ҷуз як фирқа». Гуфтанд: -Ва он кадом фирқа аст? /ё Расулуллоҳ /с//? Гуфт: «-Он, ки имрӯз ман ва асҳобам бар онем» 65.,110-122.

Аз он ҷо, ки Имоми Аъзам /р/ барҳақ «Чароғи уммат»-анд ва мазҳаби Ҳанафӣ, ормони Расулуллоҳ /с/ аст/ ва ба башорати ҳотифи Каъба /бе шакку шубҳа ва бе ягон муболиға мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р./ ҳамон фирқаест, ки Расулуллоҳ /с/ ва асҳобашон бар он буданд. Яъне, фирқаи Имоми Аъзам Нӯъмон ибни Собит /р/ давоми фирқаи Расулуллоҳ /с/ аст.

Муассиси мазҳаби муҳаззаби бузургтарину башардӯсттарин прогрессивӣ ва беназирмазҳаб-мазҳаби Ҳанафия, ки аксари мусалмонони одил ва бедордили ҷаҳон бар ин мазҳабанд (зиёда аз 60 фиссади мусалмонони олам дар мазҳаби Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мебошанд), бо номи «Мазҳаби Имоми Аъзам» шӯҳрат дорад. /Ҳазрати Имом Абӯҳанифа /р/ шахсе буд соҳибъилм, соҳибҳилм, соҳибтақво, ҳаким, олиҳиммат, ростгӯ шуҷоъу нотарс дар роҳи ҳақ, адлпеша, саховатманд, фақирпарвар, инсондӯст, инсони комил, пешво ва пири аҳли калом ва дар ҳадди боло муваҳҳид,

www.kitobam.com

чароғу хуршеди партавафшони уммати Ҳазрати Муҳаммад /с/ ва дӯстдори чаҳор ёри босафову ҷумла азизу авлиёъ, зоҳидтарин ва обидтарини тобиъин ва тамаддуни асри худ, ки ин олитарин нишонаи зӯҳду вараъ, хоксорӣ ва тавозӯъ, асту бандагии Худойро ба ҷой овардан...

...Ҳуҷҷатулислом ва қутбулавлиёъ Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу, аз намунаҳои барҷастатарин ва басо камназиру дар ҳадди боло шоистатарини фурӯтанӣ ва имтиноъ аз мақому маснад, дар таърихи Шарқи исломӣ маҳсуб буда, ҳамчун яке аз инсонҳои комил эътироф гардидааст.

Имоми аҳли суннат ва ҷамоат Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ авлиёъи комил ва фозил буд ва инсоне басо комил ва дар ҳадди боло муваҳҳид яъне, тавҳидгаро, ки ба зоти ягона ва бе мисли Офаридгор имони комил дошт. Ӯ мудом аз аҳли суннат ва ҷамоъат, яъне, аз умматони Ҳазрати Расули акрам /салъам/ хоҳиш менамуд ва таъкид мекард, ки ба зоти ягона ва бе мислу монанди Холиқи мутлақ, яъне, Худованди карим, бо имони комил ва тоъати ботин ва сидқи беандоза саҷда ба ҷой оранд, ки худи Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло, дар сураи мубораки «Юнус», ояти 106 мефармояд, астаъизу биллоҳ:-Ибодат макун ғайри Аллоҳ таъоло чизеро, ки барои ту суд ва зиён наорад. Пас агар чунин намоӣ /яъне, ғайри Аллоҳ таъолоро ибодат кардӣ/ пас бешак ту аз ҷумлаи золимон ва кофирон /мушрикон, яъне, ширковарандагон/ хоҳӣ буд», Сураи 10, ояти 106.

Хулоса, ки Ҳазрати Ҳаким Абӯҳанифа /Имоми Аъзам /р/ ба зоти бе мисли Худованди бахшояндаи меҳрубон имони қавӣ дошт ва аз воситаи ғайраш талаб карданро гуноҳе азим меҳисобид. Соҳиби китоби аҳли суннат ва ҷамоъат «Аддурруламухтор» бар тақвияти гуфтаҳои боло, дар боби тавассуле /восита, васила/, ки мамнӯъ аст, аз Имоми Аъзам мисол оварда, ки чунин аст: Ҳазрати Имоми Аъзам дар боби

тавассуле, ки мамнӯъ аст фармуд: - Бад мебинам, ки талаб намоям, аз Аллоҳ таъоло ба воситаи ғайраш. /Яъне, чизеро восита ва тавассул намоям/.

Бале, банда чи талабу дархост ва чи муроду мақсаде, ки дорад, бояд, бе восита, аз Худованд, яъне, аз Офаридгори худ, ки ягона бахшандаи меҳрубон аст, талаб намояд.

«Саҳобае Расули акрам /с/-ро хоҳиш намуд, ки маро ҳамроҳи худ бар ҷаннатулҷовидон бубар, пас Расулуллоҳ, /с/ гуфт: «-Маро бо саҷдаи бисёр кӯмак намо. (Яъне, аз Худованд талаб намову намози бисёр бихон ва ба тамом парҳезгор бош, ки амали солеҳи ту васила ва воситае шавад то ки бо ҳамроҳии ман дар Ҷаннат бошӣ) 86-56-59.

Оре дар таърихи Ислом, баъди Ҳазрати Паёмбар (с) ва хулафойи «Рошиддин» (р), ва асҳоби гиромӣ (Р), Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ (р) намунаи олии инсони комил ва яке аз шахсиятҳои барҷаста, яъне, имоми барҳақҳу шаҳир, фақеҳи кабиру камназир ва чароғи уммат аст, ки 1310 сол ба ин ҷониб роҳи ҳазорон ва миллионҳо нафар равандагони роҳи ҳақро мунаввар кардаву мекунад. Аз ин ҷост, ки бисёре аз уламо ва машойихи барҷастаи олами Ислом, ба мазҳаби ҳанафия (ҳамчунин ба мазҳабҳои моликия, ҳанбалӣ ва шофеъӣ) ва ба шахсияти камназири Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ал-Форсӣ (р), аз рӯи хирад ва амру фармони дил баҳои холисона додаанд. Аз ҷумла инсони комил ва авлиёи бузург Шайх Фаридуддини Аттор (р) дар «Хусравнома»-и хеш перомуни шахсият ва фазилати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва низ оиди Имом Шофеъӣ (р) хеле хуб чунин гуфтаву нигошта:

Ҷаҳонро ҳам Имому ҳам Халифа,
- Гиромӣ донӣ илло Бӯҳанифа.
Ҷаҳони илму дарёи маъонӣ,
Имоми аввалу Луқмони сонӣ.

www.kitobam.com

Агар аъдои дин бисёр ҷамъанд,
Зи кори Бӯҳанифа сар чу шамъанд,
«Чароғи уммат» - омад он сарафроз,
Чароғе, к-ӯ адӯро мениҳад гоз.
Қузо карданд, бар вай арза ногоҳ,
Бинапзируфт, яъне, ҷон огоҳ,
Қазорову қадарро мӯътабар ёфт,
Валекин ин қазо андар қадар ёфт,
Чу Нӯъмон сурхрӯй, ҳақ чу лола-аст,
Қузо чӣ к-над, ба шогирдаш ҳавола-ст.
Қузо дар чанги ӯ омад фурӯтар,
Ки аз Юсуф ҳама чизе накӯтар.
Чу ту Юсуф қузоро ин замон бас,
Маро қозии акбар ҷовидон бас.
Чу дар дини Муҳаммад доди дин дод,
Муҳаммадро чунин буду чунин дод.
Чу ӯ устоди дин омад дар асрор,
Чу ту бигзаштӣ аз Қуръону ахбор.
Агар дар фиқҳ сад ҷомеъ кабир аст,
Зи як шогирд- ш он ҷомеъ сагир аст.
31...34-35.
Муҷаррад шав , агар кӯфишиорӣ,
Барафшон чун « алиф» чизе, ки дорӣ.
Раҳи Кӯфит мебояд, равон шав,
« Алиф донӣ, ту боре ҳамчунон шав . 31, 34.-35.

Ва дар зимни ин гуфтор Ҳазрати Шайх Фаридуддин Аттори Валии Нишопурӣ раҳамуллоҳ, дар маснавии «Хусравнома» дар фазилати «Чароғи уммат»-Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва фазилати ибни амми Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с), яъне перомуни шахсияти Ҳазрати Идрис ибни Абдуллоҳи Шофеъӣ, яъне, шогирди ду устод ва фуқаҳои барҷастаи Ҳанафӣ-Имом Муҳаммади Шайбонӣ ва Имом

Юсуф ибни Яъқуб (яъне, ин ду имоми ҳумом шогирдони барӯманду фозили Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ будаанд) чунин гуфтааст,

…Набӣ бинҳод ганҷе ҷумла раҳмат,
Ба ҳисса Бӯҳанифа кард қисмат.
Даромад Шофеъӣ он ганҷи олӣ,
Чу дид алҳақ, бар-ӯ афшонд холӣ.
Гарат аз меҳри кӯфӣ ҳосиле нест,
Чу бувфат ҷуз харобӣ манзиле нест.
Чу дорӣ, Шофеъиву Бӯҳанифа,
Тӯӣ ҳам молики дин, ҳам халифа.
В-агар ин дорӣ, аммо он надорӣ .
Диле дорӣ, валекин ҷон надорӣ.
Чу эшонанд ҳар ду чашм динро ,
Бинеҳ сар ин ду чашми роҳбинро ,
Агар ин ҳар-дуро бо ҳам надорӣ,
Ту як олам, зи ду олам надорӣ.
Чӣ мегӯӣ, ки ҳар ду дар муқобил,
Якеанду ду мебинӣ ту, аҳвал.
Агар з-эшон ту дар дил хашм дорӣ,
Ду чашмат кӯр бин, гар чашм дорӣ. 31-35-36.

* (Сайфуллоҳ ва султонулорифин Ҳазрати Шамсулҳақи Табрезӣ, яъне маъруф ба Шамси Табрезӣ (пири Ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ) гӯяд: «-Дар мазҳаби муҳаззаби сироҷи уммат Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) чизе ёфтам, кори ман бад-он пеш меравад ва хеле накӯст, агар қабул накунам, лаҷоҷ бошад» (аз китоби «Мақолоти Шамси Табрезӣ, Теҳрон, 1369).

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), ки 1310 сол ин ҷониб, бо номи мубораки Имоми Аъзам разиаллоҳу анҳум маъруфият дорад, дар умури илмӣ ва ҳалқаҳои дарсӣ, эҳтимоми, шадид дошт ва шогирдони хешро, яъне мактаби фиқҳиёни Кӯфа ва

www.kitobam.com

Басра, ки имрӯз бо номи мактаби Абӯҳанифа маъруфият дорад, ҳамвора мавриди тафаққуд қарор медод, то ки дар хадамоти диннии хеш пойдор бимонанд (мисли муллочаҳо, халафиҳо ва «доноча»-ҳои имрӯза ҳар сол як мазҳаби дигар қабул накунанд ва имону мазҳаб ба пулу мол нафурӯшанд-С.Б.Б). Ҳамчунин Абӯҳанифа (р) ҳурмати устодро баланд медонист ва низ қимат ва қадру манзалаи « Қуръони шариф»-ро на кам аз асҳоби киром (р) медонист.

«Вақте, ки Ҳаммод фарзанди Имоми Аъзам (р) сураи « Фотиҳа»-ро хатм кард, Имоми Аъзам (р) понсад дирҳам ва ба қавле ҳазор дирҳам, ба муаллими фарзандаш ҷоизаи хидмат дод, муаллим хидмати худро шойистаи ин ҷоизаи бузург нашумурд. Имом гуфт: «-Он чиро ба фарзандам таълим намудай, ночиз напиндор, ба Худо савганд, назди мо агар бештар аз ин мебуд, ба поси эҳтироми Қуръон ба ту мепардохтам». 14-17. Имоми Аъзам (р) бо ин фалсафаи динӣ ва иҷтимоии хеш, барои таълими Қуръон ва эҳтироми муаллим асос гузошт» 97-7-8.

Ривоят мекунанд, ки Имом Абӯҳанифа /р/ фарде буд доиратулмаориф, (яъне, энсиклопедист) ва донову фарзонаи асри хеш ва илме набуд, ки ӯ онро аз худ ва дар амал татбиқ накарда бошад, ба ин хотир фавҷ-фавҷ мардум, ба назди ӯ омада, дар ҳар боб, аз ӯ маслиҳат мегирифтанд ва бо дили шод аз назди ӯ берун мерафтанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ӯ шахсияти бузургу афиф ва покдомону пуртавозӯъ ва хоксор буд ва ба шоҳу гадо, ба иборае ба як чашм нигоҳ мекард. Дар назди ӯ баландтарин мақом (дар одамӣ) ин мақому манзалати шахси донову Худошинос, пири комил, шахси мӯъмину хоксор ва устоди касбу ҳунар ва илму дониш буд. Ва мудом ба шогирдони хеш таъкид мекард, ки ба қадри илм ва ба қадри заҳмати устод бирасанд, зеро ки устод шамъи фурӯзон асту ин ҷаҳон шаби тор.

Худи Имоми Аъзам /р/ то охири умри устоди фарзонаи хеш Абӯисмоил Ҳаммоди Абӯсулаймон, ба ҳайси хидматгузор ва мизбони хонаи ӯ, хидмат ба ҷо меовардand ва кафши бузургон ва ояндаву равандагонро пеш мегузоштанд, ки ин худ нишонаи олии хоксорӣ аст.

Қадру манзалат, обрӯ ва мартабаи Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ назди хосу оми уммати Расуллуллоҳ /с/ хеле калон аст ва низ буда. Дар китоби «Салоти Масъудӣ»-и Шайх Масъуди Самарқандӣ /р/ дар боби маноқиби Имоми Аъзам /р/ омада: «-Мар вай аст, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ шаб ба дасти рост биёсудӣ, чанд масъала вазъ кардӣ, чун ба дасти чап гаштӣ, ҳамаро ҷавобҳо гуфтӣ. Бомдод ба масҷиди Одинаи Кӯфа омадӣ, асҳоби тафосир бар дасти рости вай будандӣ, нишаста ва асҳоби ахбор бар дасти чапи вай будандӣ нишаста. Имоми Аъзам /р/ масъала оғоз кардӣ ва соҳибтафсирон, ба тафсир боз гаштандӣ ва асҳоби ахбор, ба ахбор бозгаштандӣ ва кубарои ҷамъи вай, ба иҷтиҳоди худ бозгаштандӣ ва он чи, ки вай гуфта будӣ, ҳам ба оят ҳам ба ҳадис ва ҳам ба ахбор ва ҳам ба ҷамъи уммат рост омадӣ 63-12.

Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ аз шодии он такбир гуфтӣ, яъне, «Аллоҳу Акбар» ва кубарои ҷамъи вай, бар мувофиқи вай такбир гуфтандӣ ва овози такбиру санои эшон, ба аҳли Кӯфа расидӣ. Аҳли Кӯфаро маълум шудӣ, ки Имоми Аъзам /р/ масъала вазъ кардааст, ки ҳам ба оят ва ҳам ва ахбор ва ҳам ба ҷамъи уммат рост омадааст. 63., 12-13.

Эшонон (аҳолии Кӯфа-С.Б.Б) бар мувофиқати эшон, низ такбир гуфтандӣ ва аз он ҷост, ки Имом Шофеъӣ раҳамуллоҳ-шогирди фақеҳи бузурги ҳанафӣ-Имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, яъне, шогирди шогирди Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ С.Б.Б/ гуфтааст, ки «-Ҷумлаи олимон дар фиқҳ аёли Абӯҳанифаанд», яъне, ҳама зердастони ваянд. Ибни Шареҳ /р/ гуфтааст, ки рӯзе як шофеъимазҳабе

www.kitobam.com

хост, то дар ҳаққи Имоми Аъзам /р/ ба дурӯғ таъна кунад. Шофеъимазҳаби дигаре вайро манъ кард ва гуфт: -Шарм надорӣ /аз Худо/ ки дар ҳаққи касе таъна мекунӣ, ки Расули гиромӣ /с/ Фармудааст /дар «Мероҷ» гӯфта, пас аз навиди тозаи Ҳақ таъоло/: «-Фаҳува сирочу уммати». /Яъне, бад-ин маънист, ки Ҳазрати Расул /с/ гуфта, ки: «-Яъне, ҳамон Абӯҳанифа Чароғи уммати ман аст».163,.13.

Имом Шофеъӣ /р/, ки ба Имоми Аъзам /р/ эҳтироми хосае дошт, дар ҷое мегӯяд: «Олиме, ки аз мактаби ҳанафия нагузаштааст ва аз асарҳои фақеҳи барҳақ Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ баҳравар нагардидааст, ӯро фақеҳ гуфтан нашояд» 21., 81.

Овардаанд, ки рӯзе дар ҷамъи Имоми Аъзам /р/ донишманде буд. Аз ҷой бархост ва гуфт: -Ай Имоми мусалмонон, Шумо ҳаргиз масъалае фармудаед, ки гуфтан аз он шуморо пушаймонӣ афтода бошад?

Имоми Аъзам /р/ гуфт:

«-Бале, гуфтаам... вақте ки наздики ман фатво оварданд, ки зани ҳомилае вафот ёфтааст ва фарзанд миёни батни вай мечунбад, чӣ кунем? Ман ҷавоби он навиштам зуд, ки паҳлӯи чапи вайро бишкофед ва он фарзандро зуд бигиред. Ман намедонам он фарзанд бақо ёфт ё на. Ман боре фармудаам, ки то зарараре бад-он майита /зани фавтида/ расонидаанд. Аз ин вачҳ, аз ҷавоб додани он масъала /дар қиёмат/ дар ранҷам».

Ҳамон донишманд гуфт: -Ай Имоми мусалмонон, ҳаргиз дар ранҷ набошед, ки он фарзанд /яъне, дар шиками майита буда С.Б.Б./ ман будам, ки ба баракати лафзи мубораки Шумо Худованди Азза ва Ҷалл маро бад-ин мансаб расонид».

Имоми Аъзами муаззам /р/ кони илму маънӣ буд, ҳарчанд кӯдаку ҷавон буд /дар ибтидои ҳаёт/ бисёр фатвои бағдодиёнро хато мегирифт ва ба эшон ҷавоби қотеъ ва саршори савобу қобили қабули уламо ва оммаро медод. «Рӯзе

фатвое пеши Имом Ҳаммод /р/ устоди Имоми Аъзам /р/ оварданд, вале эшон дар гуфтани ҷавоб оҷиз монданд. Ва фармуданд, ки он кӯдаки донишманд Абӯҳанифаро даъват кунед, иншоаллоҳ ҷавоби Шуморо хоҳад гуфт. Ҳазрати Абӯҳанифаро талаб карданд. Ва он фатворо ба Абӯҳанифа пеш оварданд, ки чун буд: Имон махлуқ ё ғайримахлуқ? Имоми Аъзам гуфт: «Аз он рӯй, ки тавфиқ ва таъсири Худованд аст, он номахлуқ аст ва аз он рӯй, ки тасдиқ ва иқрори мост, махлуқ аст». Ҳама ин ҷавобро маъқул шумориданд ва бар ӯ офарин хонданд. Имом Ҳаммод дар ҳоли ӯ, /ки то ин вақт ӯро шунида буду аммо намешинохт/ назар кард ва дуо кард. Имоми Аъзам /р/ муқтадои оламиён шуданд». 63., 16.

Бале, мақому манзалати Ҳазрати Ҳаким Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Хоҷа Собит /р/ дар ҷаҳони ислом ва олами башарӣ, ба ғоят калон аст. Яъне, ӯст, ки олами Ислом «Имоми Аъзам»-у «Луқмони сонӣ» ва Расули акрам /салъам/ «Чароғи уммат»-аш хондаанд. Ӯ фақеҳи кабир асту имоми шаҳир ва муфассиру муҳаддиси бузург асту ҳуҷҷат-ул-Ислом вал-ъадл ва муассиси мазҳаби муҳаззаби ҳанафия, ки аксари мутлақи аҳли суннат ва ҷамоъат, дар ҷаҳони имрӯзаи Ислом, бар ин мазҳабанд.

«Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ аз намунаҳои барҷаста ва камназири зӯҳду вараъ, фурӯтанӣ ва имтиноъ, аз мақому маснад, дар таърихи Шарқи исломӣ маҳсуб буда, чун яке аз инсонҳои комил эътироф гардидааст». 78-179.

Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ шахси фозил ва ба ғояти тамом ҳозирҷавоб будаанд ва ҳар суоле, ки ба ҷаноби эшон /р/ дода мешудааст, ба як нафас ҷавоб мегуфтаанд ва алалхусус, дар боби «имон», ки он Ҳазрат /р/ дар осори худ, аз ҳама бештар ба ин масъала диққат додаанд, ки ба гуфти эшон сари ҳама ибодат, имони комил доштан, ба зоти ягона ва ба ададӣ

www.kitobam.com

Худост. Дар китоби аҳли суннат ва ҷамоъат «Дақоиқ-ул-ахбор» /нашри 1318 ҳ.қ. саҳ. 24-25/ омада:

«...Ва суол карда шуд аз Имом Абӯҳанифа /р/, ки кадом гуноҳ тарсонандатар аст, ба салб /се қисмат, сегона/ кардани имон?

Гуфт: «-Тарк кардани шукр бар имон ва тарк кардани хавфи хотима ва зулм кардан бар бандагон. Ва гуфт Абӯҳанифа /р/, ки: -Ба таҳқиқ касе, ки бошад, дар вай ин хислатҳои сегона, пас ғолибтар ин аст, ки берун шавад аз дунё, кофири мулҳиқ. Паноҳ мегирем, ба Худои таъоло аз он магар касе, ки сахттарин ҳол бар майит /шахси аз дунё даргузашта/ назди назъи ҷон, ташнагӣ ва сӯхтани ҷигар аст. Пас дар он вақт меёбад шайтон бар вай фурсат, аз салб кардани /се пора кардан/ имон, бар бандаи Худо ва уммати Ҳазрати Расули гиромӣ /с/, яъне, шахси мӯъмину мусалмон /шахси кофирпешаро ҳоҷат ба заҳмати шайтон нест, зеро ӯ худ пайрави шайтон, яъне, шайтон-ул-инс аст ва ториксалот. Ва Худо карда бошаду дар вуҷуди ӯ, бӯе аз имон бошад, пас аз ин имтиҳони вақти назъи ҷон, яъне, сакароти мавт, баҳрае мебарад... С.Б.Б).

Зеро ташна мешавад ва об мехоҳад. Дар он вақт пас меояд шайтони лаъин назди сари ӯ (дар вопасин лаҳзаҳои умр, яъне, ҳини тарк гуфтани рӯҳ, яъне, ҷон, ва ё нафс, колбади инсони мирандаро бо косае аз оби ях баҳри рабудани имон, бо решу бунаш, аз ин мӯъмин ва ба забони майит талқин кардани алфози ширк куфру бидъат ва пурлаъни инкори амру фармони Холиқи мутлақ ва мислуҳум (С.Б.Б).

Аз замони Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ то ба имрӯз анқариб як ҳазору сесаду даҳ сол сипарӣ гашта , ва дар тӯли ин сездаҳ аср, адабиёти зиёде перомуни ҳаёт ва фаъолияти ин Имоми Ҳумом, яъне, оиди мероси бойи динӣ, илмӣ-фалсафӣ, иҷтимоӣ ва каломиву фиқҳии Имом Абӯҳанифа /р/ ва

алалхусус оиди маноқиби ин нобиғаи нотакрори дин, илму адаб ва ахлоқи ҳамидаи башарӣ, дарҷ ёфтаву дарҷ мегардад.

Аз ҷумлаи ин кутуби илмӣ-тадқиқотӣ, асари донишманди даризабони муқими шаҳри Қоҳира /Миср/, муҳаққиқи ҷабҳаи каломии Имом Абӯҳанифа (р) устоди фозил Иноятуллоҳи Иблоғ, бо номи тарҷумаи форсиаш, аз тарафи М.Ф.Фазлӣ, бо муқаддимаи доктор Муҳаммад Ғалоб, бо унвони «Имоми Аъзам Абӯҳанифа ва афкори ӯ» соли 1966, дар Қоҳира ба табъ расида/-ро метавон ба мисол овард, ки дар он, дар бораи тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти илмиву имоматии Имом Абӯҳанифа /р/ маълумот дода шудааст.

Ва як нуктаи ҷолиби диққат ин аст, ки дар асари мазкур, оиди маноқиби Имом Абӯҳанифа /р/ бештар он нақлу ривоёте оварда шудаанд, ки заминаи илмӣ дошта, барои дарки шахсияти пири аҳли калом ва пешвойи аҳли фиқҳ-Ҳаким Имом Абӯҳанифа /р/ маълумотҳои дақиқи воқеъибунёд фароҳам оварда шудааст. Инак хӯшае чанд, аз хирмани маноқиб ва донаҳои ҳикмати файзбахшу файзосойи Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ аз асари номбурда :

«…Ибни Муборак мегӯяд: «-Абӯҳанифа дар маҷлиси Имом Молик дохил шуд, Молик ӯро эҳтиром намуд ва чун маҷлисро тарк гуфт, Молик аз ёронаш пурсид: «- Ин мардро мешиносед?».

Гуфтанд: - На.

Гуфт: «Ин Абӯҳанифа аст Имоми Аъзам, ки Худованд, дар фиқҳ, ба вай тавфиқ бахшида, дар ҳеҷ масъалае ба мушкилии бузург рӯбарӯ намешавад». 47- 32.

Дар ҷои дигар Имом Шофъеӣ мегӯяд:»- Касе, ки мехоҳад, дар илми фиқҳ донишманди мӯътабар шавад, мадюни Абӯҳанифа хоҳад буд ва ба дурустӣ, вай аз касоне аст, ки дар фиқҳ тавфиқ ёфтаанд». 47-32.

www.kitobam.com

«Ибни Буд - ба ривояти Ҳармала ва ривояти Рабеъ чунин аст: «Мардум мадюни Абӯҳанифаанд, ҳеҷ касро фақеҳтар, аз вай намешиносем ва низ аз вай ривоят шуда: Касе, ки кутуби Абӯҳанифаро мутолиъа накардааст, дар илми фиқҳ донишманди бузург ва комил шуданаш амри муҳол аст».

Ҳамчунин аз Имом Шофеъӣ ривоят шуда, ки дар мавзеъе, ки наздики мақбараи Имоми Аъзам /р/ намози фаҷр /бомдод/-ро адо намуд, ба эҳтироми Имом Абӯҳанифа, яъне, Имоми Аъзам /чун суннати мазҳаби хеш/ дуойи «Қуннути Шариф»-ро нахонд (ки дар мазҳаби Имоми Аъзам ба ғайри дар салоти «Витри воҷиб» хондани дуойи «Қуннути шариф», мамнӯъ аст-С.Б.Б) ва бар ривояти дигар, пас аз рукӯъ дастҳоро боло накард». 46-32.

Ва бисёре аз бузургоне, ки дар аҳди Имом Абӯҳанифа /р/ зистаанд, зиёда, аз мартабаву мақом ва қурбу манзалати Имоми ҷалолатмаъоб Ҳаким Абӯҳанифа /р/ бо эҳтиром сухан кардаанд:

Ибни Айния мегӯяд: «-Чашми ман монанди ӯ-Абӯҳанифаро надида ва гӯши ман, чун ӯ ҳакимеро нашунида». Ва низ аз вай ривоят шуда: «Касе ки мехоҳад илми фиқҳ биёмӯзад, пас мақсуди хешро бояд аз Кӯфа, аз ёрону шогирдони Абӯҳанифа ба даст орад».

Ва Ибни Муборак мегӯяд: «-Абӯҳанифа фақеҳтарин мардумони давр буд... ман ҳеҷ касеро фақеҳтар аз вай надидаам...». (Агар Имом Абӯҳанифа дар воқеъ, ба гуфтаи Ибни Муборак ва шаҳодати шогирдон ва кубаройи аҳдаш, фақеҳтарин шахс бошад, пас ӯ бузургтарин муфассир ва муҳаддис ҳам будааст-С.Б.Б).

Ва дар баҳсе бо уламои замони хеш Абдуллоҳ Ибни Муборак гуфт: «-Эй мардуми гумроҳ, чи қадар беадаб ва аз ҳоли пешвоёни худ бехабаред ва чи қадар аз илм ва олимон ноошно мебошед. -Ҳеҷ кас ба иқтидои мардум сазовортар аз

Имоми Аъзам Абӯҳанифа нест, зеро вай Имоми парҳезгор, олими воқеӣ ва фақеҳи шинохта буд, ки илмро ба басират ва фаҳму заковати хеш тавре кашф кард, ҳеҷ касе бад-он поя нарасидааст. Сипас қаҳрона савганд намуд, ки муддати як моҳ, аз дарси Ҳадис, ба эшон худдорӣ мекунад». 47-32-33.

«...Аз Сӯфёни Саврӣ ривоят шуда, ки вай ба шахсе, ки аз назди Абӯҳанифа омада буд гуфт: «-Ту аз назди фақеҳтарин мардуми рӯи Замин омадӣ». Ва низ мегӯяд: «Касе бо Имоми Аъзам Абӯҳанифа мухолифат меварзад, бояд нисбат ба вай, аз илм бохабар бошад ва ба ҳадде болотар аз ӯ донише дошта бошад ва бисёр дурасту муҳол, ки чунин шахс суроғ шуда битавонад». 47- 33.

Абӯюсуфи Яъқуб нахустин қозиюлқуззоти Ислом ва шогирди Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ мегӯяд, ҷое: «Сӯфёни Саврӣ, аз Абӯҳанифа нисбат ба ман бештар пайравӣ карда... вай рӯзе Абӯҳанифаро ба ибн Ал-Муборак чунин тавсиф кард: «Вай Абӯҳанифа аз илм аслиҳае месохт, ки нисбати найза тезтар, нисбат ба теғ буррандатар буд. Ба Худо савганд, ки вай бисёр дақиқ ва мӯшикоф, ба илм дифокунанда, аз умури шаръӣ ва муқтадойи мардуми сарзамини худ буд, фақат чизеро ки аз Расули Акрам /с/ басиҳат нақл шуда буд, ҷоиз мешумурд, ба посух ва мансухи ҳадис маълумоти кофӣ дошт (чаро? Барои он, ки Имоми Аъзам раҳамуллоҳ, худ аз тобеъин буд ва зиёда ҳадис медонист ва аз Имом Ҷаъфари Содиқ /р/ барин бузургон илми ҳадис омӯхта буд-С.Б.Б) ва муҳаддиси бузург буд ва аҳодиси саҳеҳ ва мӯътамадро ҷустуҷӯ мекард ва мекӯшид аз феъли Расули акрам (с) пайравӣ кунад ва равиши уламои Кӯфа ва Басраро, ки дар пайравӣ, аз ҳақ мушоҳида карда буд, таъқиб менамуд ва онро дастӯрамали кори худ қарор медод «. 47.-33.

Пешвойи мазҳаби ҳанбалия, яке аз тариқати баъди ҳанафия, моликия ва шофеъия интишорёфтаи фирқаи аҳли

www.kitobam.com

суннат ва ҷамоъат Аҳмад ибни Ҳанбал, дар бораи Имоми Аъзам Абӯҳанифа гуфта:

«-Абӯҳанифа аз аҳли тақво, зӯҳду тарҷеҳи охират, бар дунё буд (яъне, пири аҳли тасаввуф-С.Б.Б), ба ҳадде, ки касе ба пояи он расида наметавонад, вай дар асри Мансур шаллоқзада (яъне, азобу шиканҷаи вазнину ваҳшиёна-С.Б.Б) шуд, то мансаби қузоро яъне, мансаби қозиюлқузотӣ, ё худ сарварии қозиёти (исломӣ-С.Б.Б)-ро бипазирад (ки ҷуз баҳона, дигар чизе набуд-С.Б.Б), аммо чунин накард, бо азобе басо сангин, тарки дунёи пурмаъсият кард-С.Б.Б) раҳмат ва ризойи Худо насиби ӯ бод» 47-33.

Ва ҷое дигар омада: «...Язид ибни Ҳорун, дар ҷавоби ин савол, ки мутолиаи кутуби Имоми Аъзам чигуна буда, гуфт: «-Кутуби ӯро мутолиа кунед, зеро ман ҳеҷ як аз фуқаҳоро надидаам, ки ҳарфи ӯро напазиранд» 47-34.

Бале, бузургии шахсияти нотакрори Имоми Аъзам /р/ ин аст, ки ӯ дар тӯли умри на он қадар зиёди хеш, бештар баҳри умматони Расули карим /с/, яъне, баҳри дифоъ аз ҳуқуқи миллионҳо инсонияти рӯи замин, ки ба Худованд имон доранду зиндагӣ ба сар мебаранд ва хоҳанд бурд, заҳматҳои зиёде кашидааст. Маҳз Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ барин инсонҳои комил ва фуқаҳойи одил будаанд ва амсоли ин ашхоси кабир, ба мисоли Абӯисмоил Ҳаммоди Абӯсулаймон, Имом Шофеъӣ /р/, Имом Ҳанбал /р/, Имом Молик /р/, Имом Абӯюсуфи Яъқуб /с/, Имом Муҳаммади Шайбонӣ /р/, Имом Зуфар /р/, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа /р/, Имом Муҳаммади Боқир /р/, Имом Ҷаъфари Содиқ /р/, Имом Муслим /р/, Имом Бухорӣ /р/, Имом Тирмизӣ /р/, Валиюллоҳи Деҳлавӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ (р), Имом Розӣ, Ҳазрати Сайид Аҳмади Косонӣ – мулаққаб ва машҳур бо Хоҷа Маҳдуми Аъзами Даҳбедӣ Имом Раббонӣ ва ғайра, ки фиққи Ислом, аз рӯи Қӯръон ва аҳодиси саҳеҳи Расули акрам

/с/ тартиб дода шуда, ба низом ва қолаби аслии шариати ғурройи Муҳаммадия /с/ дароварда шуд /ин ҷо бахусус дар назар аст мазҳаби ҳанафия/ «Аз баъзе пешвоёни зӯҳду тақво чун Ибни Муборак, Имом Муслим, Абӯюсуфи Яъқуб, Сӯфёни Саврӣ, Ибни Мусаъар, Имоми Шерозӣ, Имом Ҳанбал, Имом Молик, Имом Муҳаммад, Имом Бухорӣ, Имом Ғаззолӣ, Имом Тирмизӣ, Язид ибни Ҳорун, Имом Розӣ ва даҳҳо дигарон шунида шуда, ки гуфтаанд: «-Бар тамоми мусулмонон лозим аст, ки дар намозҳои худ ба Имоми Аъзам Абӯҳанифа Разиаллоҳ (ва ёрони вай-С.Б.Б) дуои нек қунанд. Зеро вай суннат ва ҷамоат ва фиқҳи шариати ғуррои Муҳаммадияро барои эшон муҳофизат карда аст...» 47-34.

Таърихи башарӣ, худ гувоҳ аст, ки дар байни инсоният чӣ гуна табақоте мавҷуд аст, яъне, мисли инсонҳои хуб, яъне комил ва боз гурӯҳе инсонҳои бадниҳод ва бадгавҳар ва бадзот, яъне шайтонулинс, ки корашон фитнагариву фитнаандозӣ ва бадгӯиву бадхоҳӣ, нисбати ба мардумон аст.

Ҳазрати Имоми Аъзам /р/-ро бо ин қадар бузургиашон хасмонашон, яъне, бадхоҳону бадгӯёну душманонашон низ кам набудаанд, ба мисли Халифа Мансури Давониқӣ ва дарбориёни ӯ ва ғайра, ки мудом ба Имом таъна мезадаанд. «Гӯянд, марде дар маҷлиси Ибн Ал-Муборак /р/ дар бораи Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ таъна гуфт ва бисёр забондарозӣ кард. Ибн Ал- Муборак /р/ гуфт: «-Вой бар ту, оё дар ҳақи касе бадгӯӣ мекунӣ, ки муддати чиҳилу панҷ сол намозҳои хамса, яъне, панҷгонаро ба як вӯзӯъ /таҳорат/ адо намуда ва Қуръони каримро дар як ракаъат хатм мекард?!». 47-35.

Дар бораи иллати шаббедорхобиҳои Имом-ал-муттақин Абӯҳанифа /р/ гуфтаанд, ки «Боре аз марде шунидам, ки мегуфт: «Ин аст Абӯҳанифа /р/, ки шаб хоб надорад». Имоми Аъзам /р/ боре ба шогирди худ Абӯюсуфи Яъқуб-қозиюлқуззоти муслимин гуфт: «-Субҳоналлоҳ, намебинӣ, ки

www.kitobam.com

Худованд ин номи некро дар ҳаққи мо ишоъа намуда оё бад нест, ки дар воқеъ ва дар илми Ӯ таъоло чунин набошем? -Ба Худо қасам, ки баъд аз ин мардум кореро, ба ман нисбат нахоҳанд дод, ки онро накарда бошам, пас аз ин мо чаро шабро бо намозу тавбаву тазаррӯъ ва тахашшӯъ рӯз накунем.

Ва ин буд, ки Имом Абӯҳанифа (р) шабҳо хоб надошт. Иловатан Абӯюсуф мегӯяд: «-Имом (Абӯҳанифа разиаллоҳ) ҳар шаб Қуръонро хатм мекард ва дар моҳи шарифи Рамазон ва рӯзи ид панҷоҳу ду маротиба Қуръонро хатм мекард, бо ихлоси комил...».

Ва Ибни Мусаъар ҳикоят мекунад: «-Рӯзе Имом /Абӯҳанифа/-ро дидам, ки намози субҳро адо намуд, баъд ба ҳалқаи тадрис /таълими шогирдон-С.Б.Б/ нишаст ва то намози зӯҳр, ба таълими мардум пардохт ва баъд аз намози зӯҳр, боз ҳам ба тадрис машғул буд, ҳамчунон пас аз намози асру шом то намози ишоъ дарси ӯ инқитоъ (қатъ) наёфт. -Бо худ гуфтам, барои аёдат чӣ вақт фориғ хоҳад шуд? Ҳатман аз вай муроқибат хоҳам кард. Чун мардум ба хоб рафтанд, ба масҷид берун шуд ва дар ҳоле, ки беҳтарин ва поктарин либос ба бар карда буд, то бомдод ба намоз машғул гардид. Баъдан ба манзил баргашта, либоси худро табдил дод ва барои адои намози бомдод, ба масҷиди Одинаи Кӯфа рафт ва боз ҳам равиши дирӯзиро такрор кард. Ман бо худ гуфтам, ин мард ҳатман аз тарафи шаб истироҳат мекунад, шаби оянда авзои ӯро муроқибат хоҳам кард. Чун мардум ба хоб рафтанд Имом /Абӯҳанифа разиаллоҳ/ монанди шабу рӯзи гузашта амал кард. Чун шоми рӯзи дуввум фаро расид, гуфтам, ин шахс бидуни шак, дар шаби мазкур истироҳат ва таҷдиди нишот нанамуда. Ман боз ба сурати шаҳидтаре ӯро таҳти муроқибати худ қарор медиҳам, гӯён мушоҳидаи худро идома додам. Вале, дар рӯзу шаби дигар айни вузӯъ вайро мушоҳида

кардам, пас бо худ азм намудам, то вақти марги худ ва ё марги ӯ, вайро тарк нагӯям».

Ва Ибни Мусаъар илова, мекунад, ки: «-Баъдан ӯро ҳеҷ гоҳ надидам, ки рӯз чизе бихӯрад ва ё шаб бихобад, ӯ бешак мӯъзиҷае буд». 47, 40.

Албатта Мақсуди Мусаъар аз ҳикояти фавқ ин набуда, ки Имом Абӯҳанифа аслан рӯзона ғизо намехӯрад ва шабҳо намехобад, балки мехост мегӯяд, ки Имом Абӯҳанифа бо муҷоҳидоти хоси хеш, ҳамеша ба ибодат /яъне, адои фарзи қоим-намоз ва адои фарзи доим, яъне, зикри номи Парвардигор ва салавот ба Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фиристодану ба забон овардан-С.Б.Б/ ва тадриси шогирдону ҳаводорон машғул дида мешуд ва ғайри ӯ вақти маҳдудеро дар бар мегирифт/ на ин, ки мисли мо соатҳо сари дастурхон менишаст-С.Б.Б/.

Ва низ ривоят шуда ки: «Имоми Аъзам қабл аз шурӯъи намоз зиёда мегирист ва дуъо мекард ва рӯзу шаб одати ӯ чунин буд. Шабе ин ояти шарифро «Бал ассоат мавъидаҳум вассоат адҳи ва амр», ба тасбеҳ такрор кард ва гиряаш шунида мешуд. Ҳамчунон шабе чун ба сураи «Ал-ҳоку муттакосур» /яъне, «Такосур», С.Б.Б/ расид, то субҳ онро такрор кард. Ва Язид ибни Ҳорун, аз қавли Ибни Лайс ҳикоят мекунад, ки Имом /Абӯҳанифа/ аз паси шахсе, дар намоз иқтидо кард, он шахс сураи «Изо-зулзилат»-ро қироат намуд, Абӯҳанифа пас аз фароғат, аз намоз гиряву зорӣ намуда мегуфт: -Эй касе, ки дар муқобили заррае некӣ, подоши нек ва дар муқобили заррае бадӣ, сазои бад муқаррар фармудаӣ, Нӯъмон /яъне, Абӯҳанифа/-ро аз оташи дӯзах наҷот бахш!/». 47., 40.

Аз хусусиятҳои Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Хоҷа Собит /р/ ин буд, ки «...Вақте ба масъалаи мушкиле мавоҷеҳ мешуд ба ёронаш мегуфт: -Ин кор ба ҷуз натиҷаи гуноҳе, ки аз ман сар зада /яъне, Имоми Аъзам бо ҳама

www.kitobam.com

бузургӣ ва азизкардаи Худо будан, боз худро назди ҷамоли Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ниҳоят пургуноҳ ҳис мекард-С.Б.Б/-нист» Пас аз Худованд омӯрзиш мехост ва аксар авқот /ҷамъи вақт/ бархоста вузӯъ мекард ва ду ракаъат намози ҳоҷот мегузорид ва аз Худованд омӯрзиш мехост ва авфи гуноҳ металабид, то онки роҳи ҳалле барои мушкили хеш суроғ мекард ва он гоҳ мегуфт: «-Бисёр хушҳолам ва умед дорам, ки тавбаам пазируфта шуда бошад, зеро ҳалли мавзӯъро, ба дурустӣ дарёфтам». Ва чун ин моҷаро ба Фазл расид, ба шиддат гирист ва гуфт: «-Худо бар Абӯҳанифа раҳм кунад».

Ин равиши ӯ аз он буд, ки гуноҳҳои вай ночиз буд, вале дигарон ба ин роз сарфаҳм намерафтанд ва намераванд ва ҳам пай намебаранд, зеро ҳама ба дарёи гуноҳони худ ғарқ мебошанд ва иддае дар чоҳҳои кандаи пурзалолати худ сарозеранду дасту пой мезананд». 47-40.

«Дар маноқиби Имоми Аъзам /р/ ин ҳам тазаккур ёфта, вай забонро аз сухани беҳуда ва зишт, ба қадри имкон ҷилавгирӣ мекард. Боре шахсе, ки бо вай дохили мунозира буд гуфт:

- Эй зиндиқ!..

Имоми Аъзам гуфт: «-Худо туро биёмӯрзад, Худо медонад, ки ман хилофи онам, ки ту мегӯӣ ва ман аз вақте Худоро ба яккаву ягонагиаш шинохтаам, ҳеҷ касе бо ӯ баробар напиндоштаам, ба ҷуз авфи гуноҳ, дигар умеде надорам ва ба ҷуз азоби ӯ, аз чизе ва аз касе наметарсам».

Сипас аз ёдоварии калимаи ъиқоб гирист ва ба замин афтод ва пас аз лаҳзае ба ҳуш омад, аз ҷой бархост. Он гоҳ марди ҷониби муқобили ӯ гуфт: -Маро бубахш, ай Имоми муаззам.

Имоми Аъзам гуфт: -Касе ба нодонӣ, роҷеъ ба ман чизе гуфта, ӯро бахшидам, зеро бахшанда ва меҳрубон будан, аз сифатҳои Ҳақ субҳонаҳу ва таъолост ва агар марди доно ва аз чизе воқифу огоҳе ба ман айберо нисбат намуда, ки ман аз он

барӣ мебошам, ӯро ҳеҷ авф намекунам, зеро бадгӯии уламо чизе аст, ки таъсири онҳо баъд аз онҳо боқӣ мемонад». 47. 40-41.

Имоми Аъзам /р/ одат дошт ва вақте шахсе дар маҷлиси ӯ роҷеъ ба мардум ҳарф мезад, ҳарфи ӯро қатъ карда, мегуфт: «-Бикӯшед, то дар бораи мардум, дар ғайби мардум чизе нагӯед, ки дӯст надорад Худо касонеро, ки дар бораи мо чизе гӯфтаанд, авф кунад...».

Аммо хуш надошт дар маҳзари ӯ, аз касе ғайбат шавад. Ибни Муборак /р/ боре ба Сӯфёни Саврӣ гуфт: -Абӯҳанифа фарсахҳо аз марзи палиди ғайбат дур буд: -Ман аз вай ҳеҷ гоҳ нашунидаам, ки аз душмани худ ғайбат кунад ва ё шикоят кунад, вай /яъне, Ибни Муборак/ илова мекунад боз: -Абӯҳанифа /р/ марди оқил ва басо фозиле буд ва намехост коре кунад, ки ҳасаноти ӯро маҳв намояд. 47, 41.

Ибни Муборак /р/ мегӯяд: «-Ба Кӯфа омадам ва роҷеъ ба зоҳидтарин ва пуртоқаттарин ва парҳезгортарин мардуми он ҷо пурсидам. Гуфтанд:-Абӯҳанифа /р/ зоҳидтарини инҳо аст. Вай мехост боре канизе харидорӣ кунад, даҳ сол ва ба ривояте бист сол мунтазир монд, дар ин муддат фикр мекард, то канизи мавриди назарро аз табақае, ки холӣ аз шубҳа ва гумон бошад, харидорӣ кунад. Ман (мегӯяд Ибни Муборак) ҳеҷ касеро парҳезгортар аз вай надидаам» 47-41.

Бале, ба ибораи устод Иноятуллоҳи Иблоғ: «Он чи гуфтам, як гӯшаи ҷузъие, аз баҳри бекаронаи маноқиботи ин марди бузург аст, ки ашхоси мӯътамад онро ривоят кардаанд, зеро ҳадафи асосии мо таблиғи мазҳаби худ ва танҳо мутолиаи маноқиби Имоми Аъзам нест ва нахоҳад буд ва сирф ба ҳамон андоза, дар он баҳс намудем, ки ба ҷиҳати маърифати Имом ва арзиши динӣ, рӯҳӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ, илмӣ-фалсафӣ, фиққӣ, фиққӣ-тасаввуфӣ ва иҷтимоии ӯ бад-он эҳсос зарурат мекунем...». 47. 41.

www.kitobam.com

Перомуни шахсият ва мақому мартаба ва манзалати Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ва рӯзгори ӯ, яъне, оиди маноқиби ӯ метавон хеле зиёд ҳарф дарҷ кард ва нукоту ишороти зиёде, аз маводи мутаъаддид, ба мисол овард, ки барои ин кор, бе муболиға авроқ камӣ мекунад. Вале, бисёр хуш аст, ки мо бори дигар ба нигоштаҳои зарринҳуруфу қудс-ул-алфози бузургшайхи аҳли суннат ва ҷамоъат-Шайх Фаридуддин Аттори Валии Нишопурии Ҳанафӣ, дида бидӯзем, ки перомуни шахсият ва маноқиби Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ дар китоби «Тазкират-ул-авлиё»-и хеш оварда, ки ҳусни хотимаест ба поёнбахши ин маввӯъ:

«Он чароғи шамъу миллат, он шамъи дину давлат, он нӯъмони ҳақоиқ, он амони ҷавоҳири маъонӣ ва дақоиқ, он орифи олами сӯфӣ Имоми ҷаҳон Абӯҳанифаи Кӯфӣ /р/ сифати касе, ки ба ҳамзабонҳо сутуда бошаду ба ҳама миллатҳо мақбул, ки тавонад гуфт, риёзату муҷоҳидаи ӯ ва хилвату мушоҳидаи ӯ ниҳоят ва дар усули тариқат ва фурӯғи шариъат, дараҷаи рафиъ ва назаре нофиз дошт ва дар фаросату сиёсат ва қиёсат ягона буд ва дар мурувватu футувват аъҷубае /беназир ва бемисл/ буд, ҳам карими ҷаҳон буд, ҳам ҷаводи замон, ҳам афзали аҳд ва ҳам аълами вақт. Ва... Анас ибни Молик /р/ ривоят кард, аз Расул /с/, ки: «Марде бошад дар уммати ман, яқола лаҳу Нӯъмон ибни Собит ва куният Абӯҳанифа. Ҳува сироҷу уммати» яъне, «Ӯ чароғи уммати ман аст»-С.Б.Б/. Сифати Абӯҳанифа, дар таврият буд, Абӯюсуфи Яъқуб гуфт: «Нуздаҳ сол дар хидмати вай будам, дар ин нуздаҳ сол намози бомдод, ба таҳорати намози хуфтан гузорид». Молики Анас гуфт: «-Абӯҳанифаро чунон дидам, агар даъвӣ кардӣ, ки ин сутун заррин аст, ҳар оина далел тавонистӣ гуфт». Имом Шофеъӣ /р/ гуфт: «-Ҷумлаи уламойи олам аёли Абӯҳанифаанд, дар фиқҳ».

...Ва вай чанд кас аз саҳоба дарёфта буд: Абдуллоҳ ибни Ҷузъуз-Зубайдӣ /р/ ва Анас ибни Молик /р/ ва Ҷобир ибни Абдуллоҳ /р/ ва Абдуллоҳ ибни Абӯавфӣ /р/ ва Восилат ибни Ал-Асқаъ ва Ойиша /р/ бинти Аҷрад пас вай мотақаддим аст бад-ин далойил, ки ёд кардем ва бисёр машоихро дида буд ва бо Содиқ /Имом Ҷаъфари Содиқ-С.Б.Б/ /р/ сӯҳбат дошта буд ва Иброҳими Адҳам ва Бишри Ҳофӣ ва Довуди Тоӣ ва Абдуллоҳ ибни Муборакро ҳамаср буд. Он гоҳ, ки ба сари равзаи сайидалмурсалин /Ҳазрати Муҳаммад /с/, С.Б.Б./ расид ва салавотуллоҳи алайҳи ва гуфт: «-Ассалому алайк, ё Сайидалмурсалин». Ҷавоб омад, ки: «Алайкассалом ё имомал -муслимин» ва дар аввали кор, азимат ъузлат кард.

Нақл аст, ки таваққӯҳ, ба қиблаи ҳақиқӣ дошт, вай рӯй аз халқ бигардонид, муддате ва суф пӯшид, то шабе ба хоб дид, ки устухонҳои мубораки Пайғамбар ъалайҳиссалом, аз лаҳад гирд мекард ва баъзеро, аз баъзе ихтиёр мекард. Аз ҳайбати он бедор шуд ва якеро аз асҳоб Ибни Сайрин /ҳакими таъбирот-С.Б.Б/ пурсид. Гуфт: «-Ту дар илми Пайғамбар ъалайҳиссалом ва ҳифзи суннати ӯ, ба дараҷаи бузург расӣ, ки дар он мутасарруф шавӣ, саҳеҳ аз сақим ҷудо кунӣ». Ва як бори дигар Пайғамбар /с/ -ро ба хоб дид, ки гуфт: «Ё Абӯҳанифа, туро ба сабаби зинда гардонидани суннати ман гардонидаанд, қасди ъузлат макун».

Имом Абӯҳанифа зиёда ба ибодат машғул буд ва ба ҳадде, ки зонӯҳои мубораки ӯ хеле озурда шуда буданд, аммо ӯ мегиристу пайваста ибодат мекард, то ки Худовандро бандагӣ, ба ҷой оварда бошад. Ва ихлоси ӯ ба ҳадде буд, ки барои ҳалли масоили мушкил чиҳил бор Қуръон хатм мекардӣ ва он масоил ба тамом ҳал мекардӣ.

Нақл аст, ки Довуди Тоӣ гуфт: «-Бист сол пеши Имом Абӯҳанифа будам ва дар ин муддат ӯро нигоҳ доштем, дар ҳаловату малоъ сари бараҳна нанишаст (мисли халафиҳои

www.kitobam.com

имрӯза) ва аз барои истироҳат пой боре дароз накард, ӯро гуфтам. -Эй Имоми дин ва роҳнамои мӯъминин, дар ҳоли хилват, агар пой дароз кунӣ чӣ бошад? Гуфт: «-Бо Худой адаб гӯш доштан, дар хилват авлотар аст».

Нақл аст, ки рӯзе мегузашт /Имом Абӯҳанифа/ кӯдакеро дид, ки дар гил монда буд. Гуфт: «-Гӯш дор, ки наяфтӣ». Кӯдак гуфт: -Афтодани ман саҳл /ҳеҷ асту осон/ аст, агар биафтам, танҳо бошам, аммо ту гӯш дор, ки агар пойи ту билағжад ҳама мусалмонон, ки аз паси ту дароянд, билағжанд ва бархостани ҳама душвор бувад. Имомро аз ҳазоқати он кӯдак аҷаб омад ва дар ҳол бигирист ва ба асҳоби худ гуфт: «-Зинҳор агар шуморо дар масъала, агар чизе зоҳир шаваду далеле рӯшантар намояд, дар он мутобиъати ман макунед». Ва ин нишони камоли инсоф аст, ки то лоҷарам Абӯюсуф ва Муҳаммад /р/ басе ақвол доранд, дар масоили мухталиф бо он, ки чунин гуфтаанд, ки тири иҷтиҳоди ӯ бар нишон чунон рост омад, ки майл накард ва иҷтиҳоди дигарон бар гирди нишона буд, на бар ҳадаф.

Нақл аст, ки дар аҳди Имом Абӯҳанифа марде молдор буд ва амиралмӯъминин Усмон /р/-ро душман доштӣ, то ҳадде, ки ӯро ҷуҳуд хондӣ. Ин сухан ба Абӯҳанифа расид, ӯро бихонду гуфт: «-Духтари ту ба фалон ҷуҳуд хоҳам дод!».

Ӯ гуфт: -Ту Имоми мусалмонон бошӣ, раво дорӣ, ки духтари мусалмонро ба ҷуҳуд диҳӣ ва ман худ ҳаргиз надиҳам. Абӯҳанифа гуфт: -Субҳоналлоҳ, чун раво намедорӣ, ки духтари худро ба ҷуҳуде диҳӣ, чун раво бошад, ки Муҳаммади Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ду духтари худ, ба ҷуҳуде диҳад?! Он марди гумроҳ дарҳол бидонист, ки сухан аз куҷост, аз он эътиқод баргашт ва тавба кард, аз баракоти ҳозирҷавобии Имом Абӯҳанифа /р/...

Абӯалӣ ибни Усмон Ал-Ҷило гӯяд, ки: -Ба Шом будам, бар сари хоки Билоли Муаззин /р/ хуфта будам. «Дар хоб, худро дар Макка дидам, ки Пайғамбар /с/ аз боби Бани Шайба, дар

омадӣ ва пиреро дар бар гирифта, чунон ки атфол /кӯдак/-ро дар бар гиранд. Ба шафқате тамом ман, пеши ӯ давидам ва бари пояш бӯса додам ва дар таъаҷҷуби он будам, ки ин пир кист?!

Ҳазрати Пайғамбар /с/ ба ҳукми мӯъҷиза бар ботини ман мушарраф шуд ва гуфт: «-Ин Имоми аҳли диёри ту аст, Абӯҳанифа раҳматуллоҳи алайҳ»: Нақл аст, ки Нӯфал ибни Ҳаён гуфт: «-Чун Абӯҳанифа /р/ вафот кард, қиёмат ба хоб дидам, ки ҷумлаи халоиқ дар ҳисобгоҳ истода буданд ва Пайғамбар ъалайҳиссаломро дидам, бар лаби ҳавз истода бар ҷониби ӯ, аз рост ва чап машойих дидам истода ва пире дидам некӯрӯй ва сару рӯйи вай сафедрӯй ва рӯй бар рӯи Пайғамбар /с/ ниҳода ва Имом Абӯҳанифаро дидам, баробари Пайғамбар /с/ истода.

Салом кардам, гуфтам маро об деҳ: Гуфт: -То Пайғамбар /с/ иҷозат диҳад, пас Пайғамбар /с/ фармуданд, ки «-Ӯро об деҳ». Ҷоме об, ба ман дод, ман ва асҳоб аз он ҷом об хӯрдем, ки ҳеҷ кам намешуд. Ба Абӯҳанифа гуфтам: Ба рости Пайғамбар /с/, он пир кист? Гуфт: -Иброҳими Халилуллоҳ /ъ-м/ ва бар чап Абӯбакри Сиддиқ /р/. Ҳамчунин пурсидам ва бо ангушт ъуқд мегирифтам, то ҳафтдаҳ кас пурсидам чун бедор шудам ҳафдаҳ ъуқд гирифта будам.

... Бале, маноқиби ӯ бисёр асту маҳомади ӯ бешумор. Хулосатул каломи ин бахш ин аст, ки ӯ «Чароғи уммат аст». 47. 185-191.

Ҳаким Имом Абӯҳанифа /р/ солҳои 747-748 бо нияти халосӣ аз таҳдид ва таъқиботи волии уммавиён, дар Ироқ-Ибни Ҳубайра, ба Макка сафар намуд. Дар доираи уламои Макка дониши худро боз ҳам такмил дод ва илми ҳадисро пурра аз бар намуд. Ба Кӯфа, Абӯҳанифа /р/ дар давраи халифаи Аббосӣ-Абӯҷаъфар Мансури Давониқӣ баргашт. Фақеҳи кабир ба Кӯфиёне, ки ба хилофати уммавиёи кину хусумат

www.kitobam.com

меварзиданд, ҳамрайъ буд ва хилофати Аббосиёнро хуш пазируфт... 57. 6.

...Сарсулола ва нахустхалифаи Аббосиёни араб ва эронитабор-Абулаббос аст, ки хурӯчро барои соҳибии тахти хилофат, аз Хуросон, бар зидди уммавиён оғоз карда буданд, ки лақабаш Абулаббос /амаки Паёмбар ъалайҳиссалом аст/-и Саффоҳ /ҷангҷӯву шуҷоъ ва хунрезу хуношом/ мебошад. Онон ҳам, ба аҳли суннат мансуб буданд ва зери пардаи дин ва шиори - «номуси аҳли байт ва ғурӯри хонаводагӣ», бо раҳнамоии Муҳаммад ибни Алӣ, ба минбари имомат ва тахти хилофат соҳиб шуданд. Аббосиён бераҳмона алайҳи Уммавиёни- ҳаммазҳаби худ, яъне, аҳли тасаннӯъ /Банӣ Умайя, ки нахустхалифааш Абӯ-Муъовйя аст ва Усмон ибни Аффон /р/ намояндаи ин сулола, яъне, сулолаи хулафо буд/ мубориза бурда, ононро /ки ба ҷои Мадина, шаҳри Димишқ пойтахташон буд/ шикаст дода, пойтахти хилофати хеш, шаҳри Бағдодро қарор доданд.

Аббосиён на ба туфайли васияти Абӯҳишом /писари Муҳаммад ибни Ҳанафӣ ъалайҳиссалом-писари Алӣ, аз зани канизакаш/ балки аз рӯи русуми авлодӣ, ба минбари имомат ва курсии хилофат омаданд, ки ҷадди онон Абулаббос амаки Паёмбар /с/ аст. Ва онон ҳуқуқи зиёде ба ҳокимият ва имомат доранд, нисбати Уммавиёни бе насаб /аз қабилаи Маккаии «Қурайшӣ» яъне, ва аз ҷониби дигар, аз қабилаи Ҳошимӣ ки мансуби авлоди Расули акрам /с/ аст. Ин ақидаи эшон алайҳи уммавиён, боиси тавлиди ҷараёни иртиҷоии «Аббосия» гардид /асосгузори ин ақида ва таълимот-Абӯҳурайри Ровандӣ аст. Аббосияро дар таърихи Ислом, ба номи «Ровандия» низ мешиносанд.

«...Бо заволи Уммавиёни суннӣ, зимоми ҳукумат аз дасти аъроб берун омад ва ба дасти тарафдорони Банӣ Аббос /арабҳои эронитабор/, яъне, эрониёни суннимазҳаб афтод ва

эҷоди Бағдод низ ин таҳаввулро нишондор кард. Забони кишвар ҳанӯз арабӣ буд, аммо адабиёт ва русуми зиндагонии ҳама, таҳтуттаъсири ин таҳаввул (яъне, таҳти таъсири тамаддуни пешрафта ва фарзонаи ориёӣ, яъне, эронӣ буд, С.Б.Б) қарор гирифт ва тамаддуни тозае оғоз шуд, «Ҷанги Зоб»-нуқтаи муқобили «Ҷанги Қодисия» буд ва эрониён қудратеро, ки дар он ҷо бохта буданд, дар ин ҷо ба даст оварданд» 27-204.

ИМОМОН ВА БУЗУРГОНИ ИСЛОМ ДАР ВАСФУ СИТОИШИ ИМОМИ АЪЗАМ (Р) ВА ШАММАЕ АЗ СИФОТИ ҲАМИДА ВА НЕКӮИ ЭШОН

Васфу ситоиши сирату сурат ва шахсияту мақому манзалати Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ разиаллоҳу анҳу ҳадду канор надорад. Асрҳо ба ин ҷониб уламои давру замон, дар бораи Имоми Аъзам Аъбӯҳанифа (р) ва афкору андешаи ӯ суханҳои некӯ гуфтаанду мегӯянд ва ёддоштҳову рӯйдодҳоро оиди ҳаёт ва фаъолият ва маноқиби эшон навиштаанду менигоранд ва чандин муҳаққиқон кутуби маноқиби Имоми Аъзам раҳматуллоҳро ҳам низ тартиб додаанд. Вале, ба ҷуз Абдуллоҳ ибни Муборак (р) касе зиёдтар ва басо самимонатар сухан аз шахсияти Имоми Аъзам (р) ва маноқиби ӯ нагуфтаасту ӯро чун Ибни Муборак (р) касе нашинохтааст.

Ҳоло азизон, дар ин бахши навиштор диққати Шуморо ба ситоишҳои аима (имомон) аз Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ҷалб менамоем, ки гуфтаанд: «Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст»: «...Аз Абдуллоҳ ибни Идриси Шофеъӣ (р) нақле шудааст, ки гуфт»: «Ҳар кас дар кутуби Абӯҳанифа (р) нанигарад, на дар илм тавоно тавонад шудан ва на фақеҳ хоҳад шудан».

www.kitobam.com

Аз Имом Молик (р), ки ҳамаср ва дар айни ҳол шогирди Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) буд, дар бораи ҷамъе суол карданд, ва ӯ назарашро дар бораи онон баён кард, пас чун навбат ба Абӯҳанифа (р) расид, гуфт:

«-Субҳоналлоҳ! Ҳаргиз монанди вай надидам (яъне, на дар сират ва на дар сурат), савганд ба Худои азза ва ҷалл, ки агар мегуфт ин сутун аз тилло аст, ҳар оина далели мӯътамади қиёсиро ба сиҳати қавлаш иқома мекард».

Ибни Уяйна (р) мегӯяд: «-Чашмаш монанди вайро надидааст... Касе, ки фиқҳро мехоҳад, пас ба Кӯфа бишитобад ва дар он ҷо ёрони Абӯҳанифа (р)-ро мулозим гардад».

Шогирд ва мурид басо ихлосманди Имоми Аъзам (р), ки сифаташ дар олами Ислом ҳадду канор надорад, яъне, Ҳоҷии барҳақ ва пешвои аҳли сахо, Абдуллоҳ ибни Муборак (р) гуфтааст:

«Имоми Аъзам (Абӯҳанифа раҳматуллоҳи) фақеҳтарини мардум буд ва фақеҳтар аз вай кас надидаам ва низ гуфт:-Ӯ як оят буд, пас касе пурсид:-Оят буд, дар хайр ё дар шарр. Ибни, Муборак (р) бар вай бархурӯшиду гуфт:-Сокит бош эй мард! Мегӯянд-«Ғоят фи-шарр ва оят фил-хайр», яъне, вақте касе мегӯяд:-фалон оят буд, дигар савол аз ин ки дар хайр буд ё дар шарр бе маврид аст чун оят дар хайр ба кор бурда мешавад ва ғоят дар шарр».

Низ Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) гуфта, ки «-Агар ба раъйи иҷтиҳодӣ ниёзе пайдо шавад пас, руҷӯъ кунед ба раъйи Имом Молик (р) ва Сӯфён (р) ва Абӯҳанифа (р). Ва Абӯҳанифа (р) фақеҳтарини эшон, накӯтарини эшон, дақиқтарини эшон, дар фатонату заковат ва жарфпаймотарини эшон, дар ғаввосии дарёи фиқҳ аст. Ва низ аз суханони Абдуллоҳ ибни Муборак (р) аст, ки: «-Ҳар гоҳ ривояте аз Расули гиромии Худо (с) наёбем, сухани Абӯҳанифа (р), дар назди мо, ҳамчун ривояти Расулуллоҳ (с) аст».

Низ Ибни Муборак (р), барои мардум ҳадис мегуфт, пас дар аснои суханаш гуфт: «-Ҳаддасно Ан-Нӯъмон ибни Собит».- дар ин асно касе пурсид:- Муроди ту аз Нӯъмон ибни Собит кист? Фармуд:

«Манзурам Абӯҳанифа (р)-мехи илм аст». Дар ин ҳангом баъзе аз ҳуззор, аз ин ки ривояти вай аз Имом Абӯҳанифа (р)-ро бинависанд, даст нигоҳ доштанд, пас Ибни Муборак лаҳзаи кӯтоҳе диранг кард ва он гоҳ гуфт»:

Айюҳаннос! (Эй одамон!) Чӣ қадар дар баробари аимаи мубталои савъи адаб ояд, чӣ қадар аз шинохти аимаи ҷоҳил ояд, чӣ қадар огоҳии Шумо аз илму аҳли илм кам аст?

Савганд ба Зулҷалол, ки касе сазовортар аз Абӯҳанифа (р), ба иқтидо нест, зеро, ки ӯ Имоме буд пок, парҳезгор, Худотарс, инсони комил ва ормонӣ, аҳли вараъ, зӯҳду тақво, олиму фақеҳ уммати солеҳу посдорандаи суннат ва эҳёкунандаи ҷамоаи аҳли суннат ва ҷамоат, ӯ илмро бо байинаш ва фаҳму фатонату тақво, ончунон кашф кард, аҳаде, ҳамчун вай онро кашф карда натавонист». Он гоҳ Абдуллоҳ Ибни Муборак (р), ки аз ин кор, аз баъзе аз шогирдонаш сахт ранҷида буд, савганд ёд кард, ки як моҳ барои эшон Ҳадис нагӯяд.

Ва Саврӣ (р) дар посухи марде, ки барояш гуфт:-Оё аз назди Абӯҳанифа омадаӣ? Гуфт: «-Бале! Ба таҳқиқ, ки аз назди фақеҳтарин кас аз аҳли Замин омадаам!»

Низ Саврӣ (р) гуфт: «-Ҳар кас бо Абӯҳанифа (р) мухолифат мекунад, мӯҳтоҷи он аст, ки аз вай қадру манзалате бартару илме вофиртар дошта бошад ва баъид медонам, ки чунин кас ёфт шавад. Ва чун Саврӣ (р) ва Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) бо якдигар озими сафари Ҳаҷ гардиданд, Саврӣ (р) эшонро ҷилав меандохт ва пушти сари эшон ҳаракат менамуд ва низ агар он ду дар масъалаи мавриди суол қарор мегирифтанд, ӯ

www.kitobam.com

сукут мекард, ва мунтазир мемонд, то Имом Абӯҳанифа (р) ҷавобдиҳандаи он суол бошанд.

Ва рӯзе бар болои сари вай китоби раҳн (васиқа) аз Имом Абӯҳанифа (р)-ро диданд, пас ба вай гуфтанд: - Оё кутуби Абӯҳанифаро мутолиа мекунӣ?!

Гуфт: «-Дӯст доштам, маҷмӯаи кутуби вай ҳама як ҷо дар назди ман мебуд, то дар онҳо бингарам, Абӯҳанифа (р) дар шарҳи илм дигар майдонеро барои паймудан боқӣ нагзошта ва корро ба поён овардааст ва лекин мо дар бораи вай мунсифона (аз рӯи адлу инсоф) қазоват намекунем». Ва Абӯюсуф раҳамуллоҳ гуфт: «Саврӣ аз ман дида, дар мутобиъати Абӯҳанифа (р) пешравтар ва дар ин арса тундравтар аст».

Рӯзе Саврӣ (р) Имом (Абӯҳанифа)-ро барои Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) тавсиф мекард, пас гуфт: «-Ба таҳқиқ, ки ӯ дар ин илм бар яке аз сарнайзаҳо савор мешавад, ба Валлоҳ, ки ӯ олиме ҷомеъ, мудофиъи арзишҳо ва хидматгузори аҳолии шаҳраш-Кӯфа буд ва ӯ ҳаргиз раво намедонист, ки ҷуз бар он чи, ки аз Расули гиромии Худо (с) ба сиҳҳат расида аст, тамассуқ ҷӯяд, ба Валлоҳ, ки ӯ аз носуху мансухи Ҳадис шинохте тому тамом дошт, ӯ доиман ҷӯёи аҳодиси ровиёне буд, ки дар нақли ҳадис сақаву мӯътамад буданд, ӯ ҳамчунон бар феъли Расули гиромии Худо (с) низ тамассук меҷуст ва ончи, ки уламои Кӯфа, дар пайравии ҳақ, ба он расидаанд, ӯ низ бар он тамассук ҷуст ва ҳамонро дини хеш қарор дод, аҷабо, ки қавме забони зиштӣ, бар вай дароз кардаанд, аммо мо дар баробари эшон сукутро тарҷеҳ медиҳем, ки Худои ъазза ва ҷаллро аз онҳо истиғфор металабем».

Ва Авзоӣ (р) ҳанӯз Имом (р)-ро надида буд, ки балки фақат овозаи эшонро шунида буд, пас рӯзе барои Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) гуфт:-Кист ин бидъатгузоре, ки дар Кӯфа зуҳӯр намуда ва кунияи вай Абӯҳанифа аст? Абдуллоҳ Ибни

Муборак (р) дар оғози посухи вай ҳеҷ нагуфт ва дар иваз чанд масъалаи душвор аз масоили Имоми Аъзам (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ)-ро ба вай нишон дод, пас чун Авзоӣ мулоҳиза кард, ки ин масоил мансуб ба Нӯъмон ибни Собит (р) аст, пурсид:-Ин Нӯъмон ибни Собит кист?

Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) мегӯяд: «Гуфтам, устозе аст, ки бо вай дар Ироқ мулоқот кардам». Пас Авзоӣ бедиранг гуфт: «-Ин устозе аст бузургу шариф, бирав ва аз вай бештар биёмӯз. Дар ин ҷо буд, ки гуфтам:-Ин ҳамон Абӯҳанифа аст, ки Шумо қаблан бар вай тохтед. Баъд аз он, он гоҳ, ки Авзоӣ, дар Макка бо Абӯҳанифа (р) мулоқот кард, он масоилро бо вай дар миён гузошт, пас Имоми Аъзам (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) он масоилро бештар аз он чи, ки Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) ба нақл, аз эшон навишта буд, назди вай шарҳу тавсиъа доданд ва дар ин майдон уфуқҳои навинеро гушоданд ва маҷлис ба дарозо кашид. Баъд аз он мулоқоти худ, Авзоъӣ ба Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) гуфт:

«-Бар вай ғабта (ҳасад ва бахилӣ) хӯрдам, ба касрати илму вуфур (фаровонӣ ва бисёрӣ)-и ақлаш ва аз Худои таъоло бар он чи, ки дар бораи вай гуфтам-омӯрзиш металабам. Ба ҳақиқат, ки ман дар иштибоҳе ошкор будам, пас домани ин мардро маҳкам гир, зеро ӯ бар хилофи он чизе аст, ки ба ман расонидаанд».

Ва чун донишу вараъ (парҳезгорӣ)-и азими Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) ба Ибни Ҷареҳ расид, гуфт: - Гумон мекунам, ки вайро дар илм шаъне аҷиб рӯй медиҳад. Ва рӯзе касе дар назди вай ғайбати Имом Абӯҳанифа (р)-ро кард, пас гуфт:-Сокит бошед! Ба ҳақ, ки ӯ фақеҳ аст, ба ҳақ ки ӯ фақеҳ аст, ба ҳақ ки ӯ фақеҳ аст!

Ва Имом Аҳмад ибни Ҳанбал (муассиси мазҳаби ҳанбалия, С.Б.Б). раҳамуллоҳ дар бораи шахсияти Имом Абӯҳанифа (р) мегӯяд: «-Ӯ дар вараъ (тақво, парҳезгорӣ, порсоӣ-С.Б.Б) ва

www.kitobam.com

зӯҳду гузиниш (интихоб)-и охират бар дунё, дар ҷойгоҳе қарор дорад, ки касе ба вай намерасад ва ҳар оина ҷабру тозиёнаи Халифа Мансурро барои радди мансаби Қазоват ба ҷон харид, аммо тан ба ин кор надод, пас раҳмату ризвони Худои ъазза ва ҷалл бар вай бод!»

Ва чун аз Язид ибни Ҳорун (р) дар бораи мутолиаи кутуби Имом Абӯҳанифа (р) пурсиданд, гуфт: «-Дар кутуби вай бингаред, зеро ман ҳеҷ фуқаҳоеро надидаам, ки аз нигаристан дар қавли вай кароҳият дошта бошад».

Ва Саврӣ (р) ба ҳадде муштоқи кутуби Имом Абӯҳанифа (р) буд, ки ба ҳила китоби раҳн (васиқа, гарав)-и эшонро аз касе гирифт, то аз он нусхабардорӣ кунад. Ва низ чун ба вай гуфтанд, ки: раъйи Моликро аз раъйи Абӯҳанифа (р)-дӯсттар дорӣ? Гуфт:

«-Ҳадиси Молик (р)-ро бинависед зеро ӯ раҷоли ҳадисро ба диққат бармегузинад (ӯ ҷамъкунандаи ҳадис аст), аммо фиқҳ санъати Абӯҳанифа (р) ва ёрони ӯ аст, гӯё ки онон барои фиқҳ аз ҷониби Худо офарида шудаанд».

Хатиби Бағдодӣ (р) аз яке аз аима (имом)-и зӯҳд ривоят мекунад, ки гуфт: «-Бар аҳли Ислом воҷиб аст, то дар намозҳои хеш бар ҳаққи Абӯҳанифа Имоми Аъзам (р) дуои хайр кунанд, зеро ҳам ӯ буд, ки суннат ва фиқҳро барои эшон ҳифз кард».

Ва гуфт: «-Баландешони тиҳамағзи вай ду дастаанд, яке ҳосидон ва дигаре нодонон, ки шахсияти табарруки вайро ба дурустӣ нашинохтаанд. Ва назди ман ин дастаи дуввум маъзуртаранд».

Ва гуфт: «-Ҳар кас мехоҳад аз хорӣ, ҷаҳлу кӯрӣ, берун ояд ва ҳаловати фиқҳро дарёбад, пас дар кутуби Абӯҳанифа Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ раҳамуллоҳ бингарад».

Ва Маккиӣ ибни Иброҳим (р) гуфт: «-Абӯҳанифа (р) аълами аҳли замони хеш буд».

Ва Яҳё ибни Саъди Қаттон (р) гуфт; «-Накӯтар аз ройи Абӯҳанифа (р) нашнидаам». Ва аз ин ҷиҳат ӯ дар фатвои хеш доим қавли Абӯҳанифа (р)-ро тарҷеҳ медод.

Ва Назр ибни Шамил (р) мегӯяд: «-Мардум аз фиқҳ дар хоб буданд, то он, ки Абӯҳанифа (р) бо талошҳои барҳақаш, ки дар арсаи истихроҷ (кашфу таҳлил), табйин (рӯшангарӣ, баёни матлабе ба возеҳӣ ва равшанӣ)-у талхиси фиқҳ анҷом дод, эшонро бедор кард (то ҳақро аз ботил фарқ карда тавонанд,-С.Б.Б).

Ва Мусаъар ибни Кудом (р) мегӯяд: «-Ҳар кас Абӯҳанифа (р)-ро дар миёни худ ва Худо қарор диҳад, умедворам, ки тарсе бар вай набошад ва дар эҳтиёт дар ҳақи худ кӯтоҳӣ накарда бошад».

Аз Ибни Мусаъар (р) пурсиданд, ки: «-Чаро раъйи ёрони Имом Абӯҳанифаро фурӯ гузоштаву ба раъйи вай мутамассик гардидӣ?» Гуфт: «Ба далели сиҳҳатии раъйи вай ва агар ҷуз ин аст; саҳеҳтар аз онро наздам биёваред, то ҳамонро баргирам».

Ибни Муборак (р) мегӯяд: «-Ибни Мусаъарро дар ҳалқаи дарси Абӯҳанифа дидам, ки аз вай масъала мепурсид ва аз маҳзараш истифода мебурд ва ҳам ӯ гуфт: «-Фақеҳтар аз Имом Абӯҳанифа (р) касеро надидаам».

Исо ибни Юнус (р) мегӯяд: «-Касеро, ки дар ҳақи Абӯҳанифа (р) забон, ба бадгӯӣ дароз мекунад, тасдиқ накунед, зеро ки ба Худо савганд, ман беҳтару фақеҳтар аз вай касеро надидаам».

Муаммар (р) мегӯяд: «-Ман шахсеро битавонад ба оростагӣ, дар фиқҳ, сухан бигӯяд ва битавонад ба некӯӣ қиёс кунад ва ба некӯӣ Ҳадиси набавӣ (с)-ро олимона шарҳ диҳад ва дар ин арса, дар авҷи пойгоҳи маърифат бошад, чун Имом Абӯҳанифа надидаам».

Фазл (р) мегӯяд: «-Имом Абӯҳанифа (р) фақеҳе буд саромад (асосгузор) бар фиқҳ, машҳур дар вараъу зӯҳд, мутамкин дар

www.kitobam.com

мол, сабур, бар омӯзиши илм, дар шаб ва рӯз, камҳарф (камгапу ором) то ба он ҳад, ки ҳеҷ масъаларо дар ҳалолу ҳаром эрод намекард, магар бар мабонии ҳақ ва низ гурезанда аз султон буд».

Абӯюсуфи Яъқуб (р) мегӯяд: «-Ман, қабл аз падару модари худам, дар ҳақи вай (яъне, Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳу) дуо мекунам. Дар ҳоле, ки аз вай шунидам, ки мегуфт: «-Ман барои устозам Ҳаммоди Абӯсулаймони фақеҳ, ҳамроҳ бо падару модарам дуо мекунам».

Ва низ гӯяд, Абӯюсуфи Яъқуб, ки: «-Худои мутаъол Абӯҳанифа (р)-ро ба фиқҳу амал ва саховату базл ва ахлоқи Қуръоние, ки дар вай буд, зиннат дода буд».

Ва низ Абӯюсуфи Яъқуби Қозиюлқуззот гуфт: «-Ба ҳақ, ки халиф (халифа, солеҳ шоиста)-ус-сидқ (содиқ ва бовафову садоқатманд)-и гузаштагони дин буд ва ба Худо савганд, ки дар тамоми рӯи Замин ҷонишине ҳамчун ӯ, барои бузургони дин падид наёмад». (Бале, кулли аимаву уламо ва фуқаҳову бузургони дин ва илму маърифат, ки баъди Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳум, то ба имрӯз зуҳур кардаанду мекунанд ва хоҳанд кард, ҳама ба ҷумлагӣ мурид ва резахӯрони дастурхони пурфайзу эҳсони илму ҳикмати ӯ буданд, ҳастанд ва хоҳанд монд, зеро ки ӯ меъмори шоистаи бузургкохи бегазанди илми фиқҳ, дар шариати ғуррои Муҳаммадия (с) буду ҳаст ва хоҳад монд, то ба ҷовидонаҳо, ки Худованд, пас аз Расули акрам (с), чаҳор ёрони гиромии он Ҳазрат (с) ва саҳобаи киромии эшон (с) маҳз-Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳро нахуст-кашшофи илми фиқҳ ва мушкилкушои илмушшариат ва «Чароғи уммат»-и Расули гиромиаш (с) қарор додааст ва гавҳари поки илму маърифатро зиёда ба ӯ арзонӣ доштааст.-Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳҳр).

Аъмашро аз масъалае пурсиданд гуфт: «Ҷавоби ин масъаларо фақат Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит медонад ва гумон мекунам, ки барои вай, дар амалаш баракат ниҳодаанд».

Ва Яҳё ибни Одам (р) гуфт: «Қазовати Шумо дар бораи ин гурӯҳе, ки забон ба айбҷӯии Имом Абӯҳанифа (р) олоянд, чист? Назари ман ин аст, ки: - Ӯ барои эшон аз илм (дарёеро оварда, ки бар баъзе аз амвоҷи он савор шуда метавонанд ва бар баъзе дигар наметавонанд) баъзеро дарк карда метавонанд ва баъзеро дарк карда наметавонанд, ҳам аз ин рӯ, бар вай ҳасад варзидаанд».

Вақиъ гуфт: «-Фақеҳтар аз Абӯҳанифа касеро надидаам ва на касеро некӯтар аз вай дар намоз хондан».

Ва Имом Ҳофизи Ноқид Яҳё ибни Маъин (р) гуфт: «Фуқаҳо чаҳор тананд: - Абӯҳанифа ва Сӯфён ва Молик ва Авзоӣ».

Ва низ аз вай нақл шудааст, ки гуфт: «-Қироат дар назди ман, қироати Ҳамза аст ва фиқҳ-фиқҳи Имом Абӯҳанифа. Ва аҳли тахассусу маърифатро бар ин доварӣ дарёфтаам».

Ва аз вай савол кардаанд, ки оё Сӯфён, аз Абӯҳанифа ҳадис ҳам ривоят карда? Гуфт: «-Бале! Абӯҳанифа дар фиқҳ сақа (боэътимод) ва судуқ (рострав) буд ва дар ҳадис амонатдор, бар дини Худо».

Ва Ибни Муборак (р) гуфт: «-Ҳасан ибни Амораро дидам, ки рикоби Абӯҳанифаро гирифта буд, дар ҳоле, ки мегуфт: «Ба Худо савганд, аҳадеро надидам, ки балеғтар, собиртару ҳозирҷавобтар, аз ту, дар асри ту, дар фиқҳ сухан бигӯяд, бешак, ки ту сарвари ҳамаи ононе ҳастӣ, ки дар асри ту, дар фиқҳ сухан гуфтаанд ва инро на аз боби дифоъ, аз ту мегӯям, балки ҳақеро, ки бояд -эълом кард, изҳор медорам ва сухан намегӯянд алайҳи ту, магар ба ангезаи ҳасад».

Шаъаба (р) мегӯяд: Ба Худо савганд, ки ӯ дар ҳадис накӯфаҳму ҳафизе мумтоз буд, савганд ба Худо, ки дар он чизе

www.kitobam.com

бар вай хӯрда мегиранд, ки ӯ аз эшон дар он донотар буд, онон дар назди Худои аъзза ва ҷалл посухгӯй хоҳанд буд, Худое, ки бар вай чи бисёр меҳрубон буд».

Яҳё ибни Маъинро аз вай пурсиданд, гуфт: «-Имоме аст, сақа ва нашнидам, ки касе ӯро заиф пиндорад, бингаред, ин шӯъба аст, ки барои вай иҷозанома менависанд, то Ҳадис бигӯяд ва ба вай дар ин маврид дастӯр ҳам медиҳад, аммо ӯ, аз шӯъба ҳам сабқат гирифта аст».

Ва Абӯаюби Сахтиёнӣ, низ Имом Абӯҳанифа (р)-ро ба салоҳу табаҳҳур (тааммуқ дар баҳри маърифат, маҳорат, устодӣ), дар фиқҳ тавсиф кард.

Дар назди Ибни Авн, бар Имом Абӯҳанифа (р) хӯрда гирифтаанд, ки ӯ имрӯз сухане мегӯяд ва сипас фардо аз он рӯҷӯъ мекунад, дар посухашон гуфт: «-Ин худ далели вараъу зӯҳди вай аст, зеро ӯ аз хато ба сӯи савоб рӯҷӯъ мекунад ва агар вараъи вай набуд, ҳар оина аз хатояш дифоъ мекард ва бар мавқуфаш исрор меварзид».

Ва Ҳаммод ибни Язид (р) гуфт: «-Мо дар маҷлиси дарси «Ҳадиси»-и Умар ва Ибни Динор меомадем, пас чун Абӯҳанифа ба мулоқоти вай меомад, ба сӯи ӯ рӯ меовард ва моро во медошт, то суолотамонро аз ӯ бипурсем, пас мо мепурсидем ва ӯ барои мо Ҳадис мегуфт».

Ҳофиз ибни Абдулазиз ибни Абӯравод (р) мегӯяд: «-Ҳар кас дӯстдори Абӯҳанифа аст, пас ӯ суннӣ аст ва ҳар кас Абӯҳанифаро душман медорад, пас ӯ ба таҳқиқ бидъатӣ аст ва уммати Пайғамбар (с) нахоҳад буд!» Ва дар ривояте дигар аз вай омадааст: «-Миёни мо ва миёни мардум малок (аз асли ҳар чиз, инҷо асли масъала ва меъёру андоза аст) амри Абӯҳанифа аст, пас ҳарки дӯстдори Абӯҳанифа ва аҳли вилояти фақеҳии вай аст, медонем, ки ӯ аз аҳли Суннат ва ҷамоъат аст ва ҳарки Абӯҳанифаро душман бидорад, медонем, ки ӯ аз аҳли бидъат аст».

Ва Хорича ибни Мусаъар (р) гуфт: «-Абӯҳанифа (р) дар миёни фуқаҳо ҳаммонанди сутунаи оҳании маркази санги осиё аст ва ҳаммонанди наққод (пули сараро аз носара ҷудокунанда)-е аст, ки тиллоро аз ғаш ҷудо месозад».

Ва Ҳофиз Муҳаммад ибни Маймун (р) гуфт: «-Дар замони Абӯҳанифа (р) касе донотар, парҳезгортар, зоҳидтар ва фақеҳтар аз вай набуд, ба Худо савганд, ки агар ӯ сад ҳазор динори сурх ба ман медод, он чунон хуш надоштам, ки аз вай Ҳадисе бишнавам ва аз маҳзараш баҳра барам».

Иброҳим ибни Муовият Аз-Зарир (р) мегӯяд: «-Дӯст доштани Абӯҳанифа мутаммим (комилкунанда, тамомкунанда)-и суннат аст. Ӯ буд, ки адолатро васф мекард ва худ низ дар қавлу амал муттасиф (дорандаи сифате) ба он буд ва ӯ буд, ки барои мардум шоҳроҳи илмро табйин намуда ва мушкилоти онро барояшон возеҳ сохт».

Ва Асад ибни Ҳаким (р) гуфт: «-Забон бар мазаммати вай (Абӯҳанифа) намеолояд, магар ҷоҳил ё бидъатгузоре». Ва Абӯсулаймон гуфт: «-Абӯҳанифа аз аъҷӯба ҳам аҷибтар буд, пас аз сухани вай касе рӯй бармегардонад, ки бар дарки он тавоно набошад».

Ва Абӯосим (р) гуфт: «-Ба Худо, ки ӯ (Абӯҳанифа) наздам фақеҳтар аз Ибни Ҷареҳ (р) аст, чашмонам марде тавонотар аз вайро дар арсаи фиқҳ надида аст».

Ва дар маҷлиси Довуди Тоӣ, зикри вай (Абӯҳанифа) рафт, пас гуфт: «-Ӯ ситорае аст, ки аз вай роҳёб тавон шуд ва илме аст, ки дилҳои муъминононро мепазирад».

Ва Шарики Қозӣ (р) гуфт: «-Абӯҳанифа (р) сукӯте тӯлонӣ, тафаккуре бисёр ва диққати назаре аҷиб, дар фиқҳ дошт, беруноварандаи масоили пинҳонию зариф, дар майдони илму амал ва муноқиша буд, агар шогирдаш фақир (камбағал) мебуд, ӯро дар моли дунё низ тавонгар масохт ва

www.kitobam.com

чун аз фарогирии илм фароғат меёфт, ба вай мегуфт: «-Инак ба шинохти ҳалолу ҳаром, ба ғанойи акбар расидӣ!»

Ва Халиф ибни Аюӯб гуфт: «-Илм, аз Худои таъоло, ба Муҳаммад (с) расид ва сипас, аз эшон ба ёронашон (р) ва сипас, аз онон ба тобиъин (р) аз ҷумла ба Абӯҳанифа (р) ва сипас ба ёрони Абӯҳанифа ва пайравонаш мунтаҳӣ гардид, пас ҳар ки мехоҳад, хуш бошад, ва ҳар ки мехоҳад, нохуш бошад». (Яъне, ба имони фардӣ, вобаста аст, ки ӯ ҳақро, яъне, роҳи Имоми Аъзам Абӯҳанифаро интихоб карда ва ё ботилро, яъне, роҳи шайтонро-С.Б.Б).

Барои яке аз аима гуфтанд: «Чаро вақте номи Абӯҳанифа бурда мешавад, ӯро ситоиш мегӯӣ, аммо аз дигарон, ки бурда мешавад, чизе дар мадҳашон намегӯӣ?» Гуфт; «- Зеро, ки манзалати Имом Абӯҳанифа (р) дар баҳраҳое, ки мардум аз илми вай гирифтаанд, чун манзалати дигарон паст нест. Пас аз ин ҷиҳат махсусан ӯро ёд мекунам, то мардум ба дуои нек, дар ҳақи вай мутамоил гарданд». 62-63-73. Хатиби Бағдодӣ, аз Ибни Муборак (р) ривоят мекунад, ки гуфт: «-Оқилтар аз Имом (Абӯҳанифа) касеро дар аҳди худ надидаам».

Ва аз Алӣ ибни Осим (р) ривоят шудааст, ки гуфт: «-Агар ақли Абӯҳанифаро бо ақли нисфи аҳли Замин вазн мекарданд, қатъан ақли вай бар ақли онон бартарӣ меёфт». Ва аз Маҳаммад ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (р) ривоят шудааст, ки гуфт: «-Ақлу хиради Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ дар гуфтор, кирдор, рафтор, пиндор ва дар омадан ва берун омаданаш намоён буд». (Яъне, ба ҳамон маънӣ, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ нишонаи барҷастаи инсони комил ва ормонӣ, дар рӯи Замин будаанд-С.Б.Б).

Ва аз Хорича (р) ривоят шудааст, ки гуфт: «-Бо ҳазор тан, аз уламо мулоқот кардам, пас аз миёни онон се ё чаҳор танро дар ақли комил ёфтам. Ва Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ)-ро дар саввумин ё чаҳорумин нафари онон ёд кард».

Ва Абӯюсуфи Яъқуб мегӯяд: «-Касеро оқилтар, ҷавонмардтар, баландҳимматтар ва бомуруваттар, аз Имом Абӯҳанифа (р) надидаам». Ва ривоят шудааст, ки рӯзе дар маҳзари Халифа Ҳорун Ар-Рашид (р) зикри маноқиби Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) рафт, пас Ҳорунро бар эшон дил сӯхт ва гуфт: «-Ӯ бо чашми хирадӣ хеш умуреро медид, ки дигарон бо чашми сари хеш онро намедиданд».

Ҳаммод, фарзанди Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) ҳикоят мекунад, ки: «-Падарам дар масҷид нишаста буду худро бо ҷомааш дар печида, дар ин ҳангом аз сақфи масҷид море бузург дар гардани вай афтод, аммо ба Худо савганд, ки ӯ на ваҳшатзада шуд ва на аз ҷояш бархост, балки гуфт: (-Лан юсибано илло мо катабаллоҳу лано-Ҳаргиз намерасад ба мо магар ончи, ки Худо ба мо муқаддар намуда аст,) пас ба дасти чапи хеш морро гирифт ва онро аз хеш дур афганд». Ва дар китоби «Салоти Масъӯдӣ» омада, ки: «-Имоми Аъзам (р) он морро ба наълайни муборакашон, ба як зарбае, ки ба сараш заданд, ҷон ба ҳақ таслим кард, ки вазнаш ба чанд санги тарозу буд.

Ва Имом Абдуллоҳ ибни Идриси Шофеъӣ (р) мефармоянд: «-Занон аз тавлиди марде, оқилтар аз Абӯҳанифа, ба по нахестаанд». Ва Бакр ибни Ҳубайш (р) мегӯяд: «-Агар ақли вай (яъне, Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) ва ақли аҳли замонашро ҳама якҷо кунанд, бе гумон ақли вай бар ақли ҳамагишон бартарии том меёбад». 62-92-93.

Асҳоби маноқиб, дар караму саховати Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) иттифоқи назар доранд. Зеро ба дурустӣ нақл гардида, ки он Имом (Абӯҳанифа) раҳамуллоҳ сахитарин, ҷавонмардтарин кас, бо ҳамнавъону ҳамсоягон ва алалхусус бо ёрону ҳамнишинони хеш буд. То бад он ҷо, ки эшон касеро, ки мӯҳтоҷи никоҳ мебуд, зан медоданд ва тамоми махорич (харҷ) онро мепардохтанд ва пайваста барои ҳар як, аз ёрони

www.kitobam.com

хеш, ба қадри манзалату ҷойгоҳи он ҳадя ва тӯҳфа мефиристоданд.

Ва бар тани яке аз ҳамнишинони хеш ҷомаи кӯҳнаву фарсуда диданд, пас ба вай гуфтанд: «-Маро ба ту ҳоҷате аст, дарин ҷо биншин то мардум мутафарриқ (пароканда) шаванд». Пас чун аҳли маҷлис бархостанд, Имоми Аъзам (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) барояш гуфт: «-Он чиро, ки дар зери он ҷойнамоз аст, бигир ва ба он ҷомаи ороста муҳайё кун ва сару сомон бигир, ки Ислом иффат ва озодагиро мехоҳад». Мард маблағеро, ки дар зери ҷойнамоз буд, бардошт ва бо камоли тааҷуб дид, ки он маблағ, як ҳазор дирҳам аст.

Абӯюсуфи Яъқуб (р) мегӯяд: «-Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ), дар ҳеҷ ҳоҷате ба ёрӣ фарохонда намебуд, магар ин ки он ҳоҷатро раво месохт ва он гоҳ, ки Ҳаммод, ягона фарзандаш сураи «Фотиҳа» (Алҳамд)-ро хатм кард, ба муаллими вай понсад дирҳам ва ба қавле нӯҳсад дирҳам ва ба қавле ҳазор дирҳам ҳадя, ба сифати ҳаққузаҳми ӯ фиристод, муаллим гуфт: «-Охир ман чӣ кор кардам, ки ин маблағи бузург бароям фиристода мешавад? Пас Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) вайро фарохонда ва аз вай узрхоҳӣ намуд ва фармуд: «-Ончиро, ки ба фарзандам омухтай, ҳақир машмор! Ба Худо савганд, ки агар ба мо бештар аз ин ҳам мебуд, барои таъзими Қуръони Карим онро ба Шумо эҳдо мекардем».

Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) одат дошт, ки фоидаи молут-тиҷораро, ки аз Кӯфа, ба Бағдод мефиристоданд, сол ба сол ҷамъоварӣ мекард ва бо он ҳавоиҷи асотиди муҳаддис аз қабили хӯроку пӯшок ва ғайраро харидорӣ менамуданд ва сипас боқимондаи он пулро низ ба он шуюх (шайхҳо ва устодони бузурги илму маърифат, муфассирон, муҳаддисон ва мубаллиғону муҷтаҳиддини гиромӣ-С.Б.Б)-и гиромӣ (р) эҳдо мекарданд ва мефармуданд (Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳ): «-Ин маблағро дар ҳоваиҷ (ҳоҷат)-и

хеш ба масраф расонед ва ҷуз Худои мутаъол, касе дигарро ситоиш нагӯед, зеро, ки ман аз моли худам ба Шумо надодаам, балки ин самараи фазли Илоҳӣ аст, ки онро бар дасти ман ҷорӣ мегардонад».

Ва Вақиъ (р) мегӯяд: - Абӯҳанифа (р) бароям гуфт: «-Чиҳил сол аст, ки маблаҳе беш аз чаҳор дирҳамро молик (ятне, соҳибӣ) нагардидаам, магар инки онро дар роҳи Худо (ҷалла ҷалолаҳу) инфоқ (нафақа) кардам».

Далел инки агар Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) маблағи чаҳор ҳазор дирҳамро назди худ нигоҳ медоштанд, ин сухани Алӣ карамаллоҳу вачҳа буд, ки фармуд: «Чаҳор ҳазор дирҳам нафақаи шахс аст». Ба ҳамин ҷиҳат Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) фармуд: «-Ва агар наметарсидам, ки ба ин гурӯҳ... (манзури эшон ҳокимони ҷоҳил ва инсонҳои уммушайтон буд) мӯҳтоҷ мегардам, ки ҳатто як дирҳамро назди худ нигоҳ намедоштам».

Ва Фазил (р), ки яке аз аимаи дигари аҳли зӯҳду ирфон аст, мегӯяд: «-Абӯҳанифа раҳамуллоҳ, ба бисёрии фазлу карам, қиллати калом ва таҷлилу эҳтироми илму аҳли илм басо маъруф буд».

Ва уламову аимаи (имомон) дин, дар тавсифи Имом (Абӯҳанифа) раҳамуллоҳ мегуфтанд: «-Ӯ зиннати Худои мутаъол аст, бо илму амал ва сахову базли худ ва ахлоқи «Қуръонӣ»-и хеш».

Мусаъар (р) мегӯяд: «-Ҳаргиз барои худ (Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) ва аҳли байташ ҷома ё мева ё чизи дигаре намехарид, магар ин ки қабл аз он, барои асотиду уламо, монанди онро харидорӣ ва баъд нафақаи аҳли хонаи худро мепардохт».

Ва Абӯюсуфи Қозӣ (р) мегӯяд: «-Аз ин ки дар баробари ҳадоёи (ҳадяҳо) вай сипосгузорӣ шавад, ғамгин мешуд ва мегуфт: «-Сипос Ҳақ таъолоро бинамоед, зеро он чи аз дасти

www.kitobam.com

ман дарёфт кардед, ризқе буд, ки Худои таъоло ба сӯи Шумо фиристод». Ва ҳам Абӯюсуф, (р) мегӯяд: «-Бист сол, тамоми махориҷи ман (Имом Абӯюсуфи Яъқуб шогирди Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ буд-С.Б.Б) ва афроди таҳти такаффул (ӯхдадории умури марбут ба касе, ки аз назари қонунӣ эҳтиёҷ ба кафил дорад, ҷамъи кафил-С.Б.Б)-и манро мепардохт ва чун ба вай мегуфтам: - Ҷаводтар (ҷавонмардӣ, бахшишу карам) аз Шумо касеро надидаам!

Мегуфт: «-Чӣ гуна аст, агар ҷуд (бахшиш, саховатмандӣ)-у сахои устодам Ҳаммод ибни Абӯсулаймони фақеҳро бубинӣ, ки ҷомеътар аз вай раҳамуллоҳ, дар хислатҳои писандида, ҳеҷ касеро надидаам? 62-84-87.

Ҳорунаррашид, ки аз баёни хасоили басо некӯи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) сахт дар тааҷҷуб ва тааммул фурӯ рафта буд, сар бардошт ва гуфт: «-Бешак, ки ин ахлоқ ахлоқи некону солеҳон аст». 62-127.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), чуноне, ки қаблан зикр шуд, аз ҷумлаи тобиъини гиромӣ ҳастанд ва эшон «Ҷамоате аз саҳоба ризвоналлоҳу алайҳимро дидаанд ва ин имтиёзе аст бузург, чӣ дар Ҳадиси саҳеҳ, аз чандин тариқ ривоят шуда аст, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

«-Хушо ба ҳоли он кас, ки маро дид. Ва хушо ба ҳоли он кас, ки дид он касро, ки маро дида аст ва хушо ба ҳоли он кас, ки дид онкасро, ки дида аст онкасро, ки маро дидааст».

Ва аз ҷумлаи ин сифат, яке ин аст, ки Имоми Аъзам (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) дар қарни Расулуллоҳ (с) мутаваллид гардидаанд ва ин низ имтиёзе аст бузург, чӣ аз тариқи бисёрӣ, аз он Ҳазрат (с) ривоят шуда аст, ки фармудаанд: «-Беҳтарин мардум, мардуми қарни мананд, сипас ононе, ки ба дунболи эшон меоянд, баъд аз он ононе, ки ба дунбол-дунболи эшон меоянд».

Ва дар ривояте дигар аз Имом Муслим (р) омада аст, ки он Ҳазрат (с) фармудаанд: «-Беҳтарин мардум, мардуми қарнеанд, ки ман дар онам, сипас қарни дуввум, сипас қарни саввум». 62-61-62.

Ва аз ҷумлаи ин сифат, яке ин аст, ки Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) дар асри тобиъин иҷтиҳод намуд ва фатвои илми ҳақ дод, балки он гоҳ, ки Аъмаш (р) озими «Ҳаҷ» буд, ба сӯи вай кас фиристод, то маносики (усул ва одоби ибодат ва зиёрати ҳаҷро барояш бинависад ва мегуфт (Аъмаш раҳамуллоҳ): «-Маносик (ибодатҳо; аъмоле, ки дар ҳангоми ҳаҷ анҷом медиҳанд монанди эҳром бастан тавофи Каъба; давидан байни Савофу Марва, иқомат дар Арафот, санг ба шайтон задан, қурбонӣ, зиёрати равзаи мубораки Расули акрам саломуллоҳу алайҳ ва ғайра-С.Б.Б)-ро ба таври саҳеҳ, аз Абӯҳанифа бинависед, зеро ман касеро аз вай донотар, ба фарзу нафл ва воҷиботи маносик ва мустаҳабот намедонам».

Пас бингаред, ба ҳамчун шаҳодате барои вай аз Имоме фозил ба пояи Аъмаш Раҳамуллоҳу алайҳ.

Ва аз ҷумлаи ин хусусиёти мазкур, ривояти бузургон ва асотиди он Имом (Абӯҳанифа) раҳамуллоҳ ва ғайри эшон, аз пешиниён ва пешкасватон мусаллам, арсаи илму ирфон, аз эшон аст, ҳамчун Умар ва Ибни Динор (Молик, Аъмаш, Иброҳими Адҳам, Иброҳими Нахъӣ, Мусаъар (ё Мисъар), Довуди Тоӣ, Ҳаммоди Фақеҳ Ибни Абӯсулаймон, Ибни Муборак, Сӯфёни Саврӣ, Фазил, Имом Ҷаъфари Содиқ разиаллоҳ, ва ғайра) ва чӣ фазле бузургтар аз ин аст, ки устод (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ басо хоксорона), барои шогирдаш, шогирдӣ намояд.

Ва аз ҷумлаи ин хусусиёт, бисёрии ёрони эшон аст, ки ин хусусият насиби касе баъд аз эшон нашуда аст, чунон ки гузашт. Марде назди Вақиъ (р) гуфт:

- Абӯҳанифа хато кардааст.

www.kitobam.com

Пас Вақиъ (р) бар вай бонг зад ва гуфт:

«-Сокит! Ки гӯяндаи чунин суханон монанди чаҳорпоён аст, балки ӯ аз чаҳорпоён ҳам гумроҳтар мебошад, чӣ гуна Абӯҳанифа (р) хато мекунад ва дар назди вай аимаи бузург чун Имом Молик (р), Абӯюсуф ва Имом Муҳаммад (р) дар фиқҳ, Абдуллоҳ ибни Муборак (р), Сӯфиёни Саврӣ (р) ва ғайра ... (аз онон ба ном ёд кард) дар Ҳадис ва аимае чун Иброҳими Адҳам (р), Аъмаш (р) ва фалону фалон... (аз онон ба ном ёд бурд) дар забон ва адабиёти Араб ва аимаи зӯҳду вараъ, чун боз Абдуллоҳ ибни Муборак (р), Фазил (р), Довуди Тоӣ, Имом Ҷаъфари Содиқ (р) ва боз Аъмаш, Иброҳими Адҳам ва ғайра вуҷуд дорад, ва ҳар кас ёроне ҳамчун ин гурӯҳ дошта бошад, мумкин нест, ки хато кунад, зеро агар ӯ ба хато равад (уммати паёмбар салъам, ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешуд), онон вайро ба ҳақ мегардонанд.

Ва аз ҷумлаи ин хусусиёт он аст, ки Имом Абӯҳанифа (р) аввалин касе буд, ки илми фиқҳро тадвин ва онро ба абвобу кутуб ва фусулу бахшҳо тартиб кард ва муназзам сохт ва такмил дод, бар ин наҳве, ки мо имрӯз мулоҳиза мекунем, ба таври як ба як Имом Молик раҳамуллоҳ, дар «Муатто»-и хеш, аз вай табъият кард, дар хеле, ки аимаи қабл аз Имом (Абӯҳанифа) раҳамуллоҳ фақат бар ҳофизаи хеш, ба таври шифоҳӣ муттакӣ буданд.

Ва низ Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) аввалин касе аст, ки дар таърихи Ислом китоби фароиз, китоби ақоид ва китоби шурут (аз шарт; яъне, қарор, паймон, аҳд, амр ва қавле лозима-С.Б.Б)-ро вазъ кард.

Ва аз ҷумлаи ин хусусиёт, интишор (паҳн гардидан, нашр кардан, густариш)-и мазҳаби Имоми Ҳумом Абӯҳанифа (р) аст, дар қаламравҳое, ки ҷуз мазҳаби ҳанафӣ (мазҳаби Имоми Аъзам разиаллоҳ), дигар мазҳабе дар онҳо нест, чун қаламравҳои Ҳинду Синд, Чин, Рум, Афғонистон, Покистон,

Мовароуннаҳр (ҳамчунин ҷамоҳири кунунии тоторзабон ва туркигӯи кишвари Русияи бузург).

Ва аз ҷумлаи ин хусусиёт, ки инфоқ (нафақа додан)-и Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ буд, бар худ ва бар уламои дигар, аз маҳсули дастранҷи хеш ва инки ӯ ҳеҷ ҳадя ва ҷойиза ва мукофотро напазируфт.

Ва аз ҷумлаи ин хусусиёт, марги мазлумона (бале, Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳ чун Исои Масеҳ саломуллоҳ, ва чун Ҳазрати Усмон (р), Ҳазрати Алӣ (ъ-с), Ҳазрати Имом Ҳасан ва Ҳазрати Имом Ҳусайн (ъ-с), 76-тан шаҳидони поки дашти Карбало, Шайх Мансури Ҳаллоҷ (р), ва дигар инсонҳои комил мавриди озмоиши Ҳақ таъоло қарор гирифта буд, ки басо шуҷоатмандона ва басо маҷнуну шайдо ва масту махмур, аз ҷамоли Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло дунёи пурфитнаи инсониро тарк гуфт ва бо амри Худованди ҷалла ҷалолаҳу рӯҳи муборакаш ӯ сӯи биҳишти анбарсиришт ба аъло ъилиййин парвоз пуравҷ кард. (Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр) Имом Абӯҳанифа (р) буд, ки аз ҷавру ситам ва азобу шиканҷаҳо ва зарби дарраҳои хуношоми Халифа Мансури ҷоҳил, дар зиндони Бағдод-маркази хилофати Аббосиён, ба шаҳодат расид, басо мардона!

Албатта ин сифот ва хусусиёт, мазид (афзӯнӣ, зиёдӣ) бар ҳамаи авсофи мумтози дигаре чун: касрат (бисёрӣ, фаровонӣ)-и ибодат, касрати Ҳаҷу умра, зӯҳду вараъ, хориқуллоддаи эшон аст, ки ба тавотур (пай дар пай), ба исбот расидааст... 62-61-63.

...Ва Фазил (р) гуфт: «-Имом Абӯҳанифа (р) шахсияте бо ҳайбат (салавотбаланд) ва муваққар (матин) дошт, ҷуз дар ҷавоби суоли дигарон сухан намегуфт ва дар онҷи, ки муфид ва фоида набуд фурӯравӣ намекард ва на ҳам ба суханони беҳуда гӯш фаро медод» (бале, фурӯтанӣ, меҳрубонӣ, пуртавозӯъ будан ва порсоӣ хоси мардуми ориёист ва Имом

www.kitobam.com

Абӯҳанифа (р), ки форсист, яъне, аз тоҷикзабонони Кобул буданд, пуртақвову хомӯш буданд ва ҳар нафаси мубораки худро ғанимат дониста, бештар, ба зӯҳду вараъ машғулият доштанд ва беҳтарин авқоти эшон кашфи масоили шаръӣ ва адову ичрои фарзи қоим ва фарзи доим будааст-С.Б.Б).

Касе аз Имом Абӯҳанифа (р) пурсид, ки кадом як аз ин ду Имом беҳтаранд, Алқама (р) ё Асвад (р)? Фармуд: «-Ба Худо мартабатам беш аз ин нест, ки эшонро ҷуз ба дуо ва талаби омӯрзишу бузургӣ ёд кунам, пас чӣ гуна метавонам якеро бар дигаре бартарӣ диҳам?»

Ва Ибни Муборак (р) барои Сӯфёни Саврӣ (р) гуфт: «-Чӣ қадар Абӯҳанифа аз ғайбат дур аст, ҳаргиз надидаам, ки ғайбати душмани худро бикунад!»

Абӯсӯфёни Саврӣ (р) дар посухи вай гуфт: «-Ба Худо, ки ӯ оқилтар аз он аст, ки бар савобҳо ва ҳасаноти хеш чизеро мусаллат созад, ки онро пок аз миён бардорад, ӯ чи сон бо ғайбати дигарон савобҳояшро барбод медиҳад?»

Шарик (р) мегӯяд: «Абӯҳанифа (р) сукуте сангин ва тӯлонӣ ва хираду фақоҳате бисёр васеъ дошт, бо мардум ӯ бисёр кам ба муҷодала мепардохт ва бо онон бисёр кам сухан мегуфт». (Бале, ба истиснои он лаҳазоте, ки бояд тири ҳақ ба сӯи ботил задан воҷиб бошад-С.Б.Б).

Ва шахсе бар Имом Абӯҳанифа (р) гуфт:-Бадхоҳонат дар пушти сарат суханатро мегӯянд, аммо ту дар бораи аҳаде лаб ба сухан тар намекунӣ? Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Ин фазли Илоҳӣ аст, ки бар ҳар кас бихоҳад, мебахшояд».

Ва Бакир ибни Маъруф гуфт: «-Ҳеҷ мардеро дар уммати Ҳазрати Муҳаммад (с), некӯсираттар ва пурзӯҳду тақводортар ва фозилу хирадмандтар, аз Абӯҳанифа надидам, ки надидам».

Ва Маккиӣ ибни Иброҳим (р) мегӯяд: «-Бо аҳолии Кӯфа муҷоласат ва муонасат кардам, аммо дар миёни онон касеро парҳезгортар, аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа надидам».

Саҳл ибни Мазоҳим мегӯяд: «-Андар манзили Имом Абӯҳанифа, ба маҳзари вай меомадем, аммо дар он ҷуз бурёфарш дигаре намедидем».

Ҳасан ибни Солеҳ (р) мегӯяд: «-Имом Абӯҳанифа (р) дар вараъу тақво сахт пешрав буд, аз ҳаром ва олӯда шудан, ба он сахт тарсон буд, бисёрӣ, аз ҳалолҳоро аз тарси шубҳанок будани онҳо фурӯъ мегузошт, фақаҳеро худотарсу нигаҳбонтар, аз вай дар посдорӣ, аз нафс ва илмаш надидаам, ба Ҳақ, ки ҷиҳоду пайкори вай, ҳама барои ободонии охирататаш буд».

Ва Язид ибни Ҳорун (р) мегӯяд: «-Аз ҳазор шайх (устод) таҳсили илм карда ва матлабу ривоят ва Ҳадис навиштаам, аммо дар миёни ин ҳазор тан шайх, парҳезгортару забоннигоҳдортар ва муҳаддистар аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа надидаам». 62-82-91.

Устод Абулқосим Қушайрӣ, дар рисолаи маъруфи худ, ки бузургтарин китоби сарварони мо аҳли тасаввуф қаддасаллоҳ арвоҳуҳум ҳаст, дар боби «тақво» мегӯяд: «-Абӯҳанифа (р) дар сояи дарахти қарздораш наменишаст ва мегуфт: «-Ҳар қарзе, ки мунқатеъро ба сӯи худ ҷалб кунад, пас он қарз рибоъ аст».

Ва изофа мекард: «-Аммо ман, ин амали худро бар мардум воҷиб намедонам, лекин олим бояд барои худаш, аз амалаш, бештар аз ҳадде, ки халқро ба сӯи он даъват мекунад, баргирад».62-82-91.

Вақиъ (р) мегӯяд: «-Абӯҳанифа амонатдори бузург буд». Абӯнаъим ва Фазил (р) низ гуфтаанд: «-Абӯҳанифа (р) накӯдиёнат буд ва басо азимуламонат». 62-82-91.

... Ва аз фаросату тезбинии Имом Абӯҳанифа (р) гуфтаанд, ки: - Ӯ зиёда пешгӯӣ, аз воқеоте мекард, баъдан он воқеот ба

www.kitobam.com

ростии қавли Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) амалӣ мешуданд, яъне ӯ саропо валии соҳибкаромот буд.

Аз ҷумлаи осори ин фаросот, пешгӯиҳои Имом Абӯҳанифа (р) дар ҳаққи ҷамъе аз ёронашон буд, ки ҳама чунон, ки гуфта буданд, рӯнамо гардид. Ва Имом Зуфар ибни Ҳузайл ва Довуди Тоӣ, аз он ҷамъ буданд. Зеро Имом Абӯҳанифа (р), барои Довуди Тоӣ гуфт: « -Ту худро барои ибодати Ҳақ вақф мекунӣ». Ва чунон шуд, ки ӯ аз аимаи сӯфиёни замон гардид.

Ва аз он ҷумла буд Абӯюсуфи Яъқуб (р), ки Имом Абӯҳанифа (р) ба вай гуфт: «-Ту ба дунё гароиш меёбӣ!» Ва чунон шуд, ки Имом (р) фармуда буд... 62-82-91.

Имоми Аъзам (р) басо заковатманд ва ҳозирҷавоб будаанд. Аз ин боб аст, суоли марде аз бадхоҳони Имом Абӯҳанифа (р), аз эшон, ки гуфт: - Чӣ мегӯи дар бораи шахсе, ки орзу надорад биҳиштро ва наметарсад аз оташи дӯзах ва наметарсад аз Худои таъоло ва хӯрад гӯшти худмурдаро ва намоз мехонад, бидуни рукӯъу саҷда ва гувоҳӣ медиҳад ба он чи, ки онро надидааст ва аз ҳақ нафрат дорад ва фитнаро дӯст медорад ва аз раҳмат мегурезад ва яҳуду насориро тасдиқ мекунад?

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Оё ту аз шахси муайяне мепурсӣ, ки бар аҳволи он огоҳӣ дорӣ?»

Он мард гуфт: - Хайр! Фарди хосе мавриди назарам нест, лекин аз чунин кас навъе дар олам бадтар наёфтам, лоҷарам туро аз он пурсидам.

Имом Абӯҳанифа (р) ба ёронаш рӯ кард ва гуфт: «-Дар бораи чунин шахсе чӣ мегӯед?»

Ёрон гуфтанд: - Ин чунин шахсе - бадтарин фарди олам аст, зеро ин сифат, сифоти куффор мебошад.

Пас Имом Абӯҳанифа (р) табассум намудаву хитобан ба он мард фармуд:

«-Ин шахсе, ки ту бо ин авсоф (сифат) аз он ёд кардӣ, аз авлиёи барҳақи Худои таъоло аст». Сипас илова намуд:

«-Агар бар оят собит кунам, ки шахси мавриди назари ту валии Худои таъоло аст, оё забонатро аз бадгӯиям нигаҳ медорӣ ва киромалкотибинро аз ин дар заҳмати он чизе намеандозӣ, ки саранҷом зиёну вуболи он саранҷом мар турост?!

Мард гуфт: - Оре!

Пас Имоми Ҳумом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Он шахс орзӯи Биҳиштро надорад, аз он рӯ, ки орзӯи Парвардигори субҳон Биҳиштро дорад; аз Дӯзах наметарсад, чун аз Парвардигори яктову қодир дӯзах метарсад ва аз Худои мутаъол наметарсад, ки дар адолату салтанати мутлақаи хеш бар вай ситам намояд, яъне, аз ситами Худои таъоло наметарсад ва гӯшти моҳии худмурдаро мехӯрад, чунки ҳалол аст ва тайиб (покиза, тоҳир) ва намозро бидуни рукӯъу саҷда мехонад, он гоҳ, ки намози ҷанозаро мехонад, ё мурод ба салот, дуруди шариф аст, ки бар Паёмбари гиромӣ (с) дуруд ва салавот мефиристад.

Ва маънии ин ки гувоҳӣ медиҳад, ба он чи ки намебинад, низ рӯшан аст, зеро ӯ ба вуҷуд ва ягонагии Худо ва рисолати Ҳазрати Муҳаммад (с) гувоҳӣ медиҳад, дар ҳоле, ки ҳеҷ як аз онҳоро надидааст. Ва аз ҳақ нафрат дорад, бале! Аз марг, ки ҳақ аст, нафрат дорад, то итоати Худои мутаъолро бинамояд. Ва фитнаро дӯст медорад, ки мол ва фарзанд, аст ва аз раҳмат мегурезад, ки борон аст, то ӯро хис (тар) накунад ва яҳуду насрониро тасдиқ мекунад, дар ин гуфтаи эшон (худи онҳо), ки: «-Лайсат-ан-яҳуд ъало шайин» (яъне, яҳуд бар чизе нестанд) ва насороро тасдиқ мекунад, дар ин гуфтаи эшон, ки: «-Лайсат-ал-насоро, ъало шайин» (яъне: «Насоро бар чизе нестанд». «Дар ин ҷо буд, ки мард аз посухҳои сокиткунанда ва дандоншикани валиюллоҳ Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мабҳут монд ва гуфт: «-Ман ба дурустӣ гувоҳӣ медиҳам, ки ту (Абӯҳанифа) бар ҷодаи Ҳақ ва ҳақиқат равонӣ, маро маъзур дор... /62-82-91.

www.kitobam.com

... Зане назди Имом Абӯҳанифа (р) омад ва гуфт: «-Бародарам ба раҳмати Ҳақ пайваст ва шашсад динор аз худаш ба ҷо гузошт, аммо аз ҳамаи ин маблағ, фақат як динор ба ман расид».

Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Ирсия (мерос, моли тарака, ки таракааш фарз аст)-и шуморо чӣ касе тақсим кард?! Зан гуфт: «-Довуди Тоӣ».

Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Ҳамчунон аст, ки ӯ тақсим кардааст! Оё магар аз бародарат, модаре ва ду духтару як ҳамсару дувоздаҳ бародару як хоҳар, намондааст?». Зан гуфт: «-Оре! Чунин аст». Пас Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Хуб! Тақсими ирсияи (мерос) Шумо ҳамчунон аст, ки Довуди Тоӣ тақсим кардааст». 62-104.

... Паррандаи Товусеро аз ҳамсояи Имом Абӯҳанифа (р) дуздида буданд, ҳамсоя назди эшон аз ин воқеа шикоят бурд. Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Алъон ором бигир, то ман чора биандешам. Пас чун бомдод мардум ба масҷид гирд омаданд, Имом Абӯҳанифа (р) хитоб ба онон фармуд: - Оё ҳаё намекунад, он кас, ки товуси ҳамсояашро медуздад ва боз ба намоз меояд, дар ҳоле, ки асари пари он товус дар сараш ҳувайдо аст?! Дар ин асно дузди товус саросема даст бар сар кашид, ки ин ҳолати нангинро ҳама диданд ва бад-ин гуна он дузд худашро ба заковати Имоми Аъзам (р) намоён сохт. Пас Имом Абӯҳанифа ба ӯ гуфт: «-Оқои азиз! Бирав ва товуси он мардро ба ӯ деҳ!» Пас он мард ниҳоят хиҷил ва шармсор шуд ва аз кардаи худ сад пушаймон гардид ва паррандаро ба соҳиби он баргардонд. 62-115.

... Аъмаш раҳамуллоҳ марде дилгир буд, аз он рӯ, ки табъе тунд дошт. Пас яке аз каҷхулқиҳои вай сахт барояш мушкилсоз шуд, зеро бар талоқи занаш савганд ёд кард, агар чунон чӣ ӯро занаш аз тамом шудани орд хабар диҳад, ё ин амрро ба ӯ таи навиштае баён кунад ё биогоҳонад, ё пайке бад

ин пайғом барояш бифиристад, ё ин амрро ба касе дигар ба миён гузорад, то ӯ онро ба гӯши вай бирасонад, ё ҳатто ин амрро бо ишора матраҳ созад (яъне, ҷамъ, бо хат, бо лафз ва ишорате, ки ба ӯ занаш ё касе рӯ ба рӯ бифаҳмонад-С.Б.Б). Биноан бечора зани Аъмаш (р), дар ин амри шавҳари густохи худ мутаҳайир монд, ки чӣ кунад? Пас касе ба вай машварат дод, ки чораи ин мушкилот назди Абӯҳанифа (р) аст. Ӯ ба назди Имом Абӯҳанифа (р) омад ва моҷароро ба эшон бозгуфт.

Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Чун киса (халта)-и орд тамом шуд, онро дар ҳангоме, ки Аъмаш ба хоб андар аст, бо ҷомааш маҳкам гиреҳ зан, пас чун бедор шавад, онро мебинад ва аз тамом шудани орд, дар хона иттилоъ меёбад».

Зани Аъмаш чунин кард, ки Имоми Аъзам (р) фармуда буд. Аъмаш, ки бедор шуд ва ин гуна худро ғофилгир дид, дод зад ва гуфт:

- Ба Худо, ки ин аз ҳилаҳои Абӯҳанифа аст. Чӣ гуна мо комёб мешавем, то ӯ зинда бошад?! Ӯ моро дар миёни занонамон расво мекунад, зеро нотавонӣ ва гумроҳии моро ва бадҷаҳливу беандешагӣ ва соддагии моро ба эшон менамоёнад!! (Ин буд, ки Аъмаш (р) дигар дар зиндагии хеш сари ин масъалаҳо барнагашт, аз баракати заковати Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ-С.Б.Б).

... Марде дар замони Имом Абӯҳанифа (р) даъвии паёмбарӣ кард ва ба мардум гуфт: - Муддате ба ман мӯҳлат диҳед, то нишоне биёварам. Имом Абӯҳанифа (р) фармуд:

«Ҳар кас аз вай талаби нишона намояд, кофир мешавад, зеро дар ҳолате аз вай талаби нишона намудааст, ки такзибкунандаи ин фармудаи Расули барҳақи Худо (с) аст: «Ло набийя баъдӣ» (яъне: - Баъд аз ман паёмбаре нест»!) (Дар зимни ин ҳадиси шарифи набавӣ салъам, як чиро ёдрас намудан зарур ва фарз аст, дарҷ намоем, ки худро бардурӯғ

www.kitobam.com

«паямбар» хондани Баҳоуллоҳ, яъне, Мирзо Ҳусайн Алии Нӯрӣ (1817-1892) ва маслаки таъсиснамудааш-«Баҳоия»-ро, ойини баҳоия эълон доштанаш ҳам, назди мо афсонае беш нест. Баҳоия афкори фалсафии дуздидашудаест, аз уламо ва ҳакимони пешин, ки орзӯи адолатхоҳӣ доштанд. Агар баҳоиён, бо дидаи бедор: ба Исломи мубин назар намоянд, ба дурустӣ хоҳанд дарк кард, ки пешвояшон, барояшон ягон чизи наве нагуфтааст ва ҳар муроде, ки доранд, аз Ислом онро метавон дарёфт, ки Ислом ойини одамият ва башардӯстист. Пас ҳеҷ зарурате ба гумроҳсозии мардум нест. Баҳоия маҳсули «мағзи айёрона»-и ҷосӯсони пешини инглисист, барои мутафарриқ сохтани мусалмонони олам-С.Б.Б).

... Ва дар Мадина бо Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ разиаллоҳу анҳум мулоқот намуд (Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ). Муҳаммад ибни Ҳасан (р) ба Имом фармуд:

«-Оё шумоед, ки бо амал ба қиёс (далели ақлӣ), бо аҳодиси ҷаддам Расулуллоҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам мухолифат меварзед?!» Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: - Паноҳ металабам ба Худои ъазза ва ҷалл, аз чунин амре. Биншин, ки туро ҳурмате аст бузург, ҳам монанди ҳурмати Ҷаддат (с), ки бартарин дурудҳову саломҳо бар вай (с) бод»! Пас Муҳаммад ибн-Ал-Ҳасан (р) нишаст ва Абӯҳанифа (р) дар пеши рӯяш ба адаб зону зад.

Ва он гоҳ аз Муҳаммад ибн-Ал-Ҳасан (р) пурсид: - Бифармоед, ки мард заифтар аст, ё зан? Муҳаммад разиаллоҳу анҳум гуфт: - Зан заифтар аст. Сипас пурсид: - Саҳми зан аз мерос чи қадар аст? Муҳаммад (р) гуфт: - Нисфи саҳми мард. Пас Имом Абӯҳанифа (р) гуфт: - Агар меъёр назди ман қиёс (далели ақлӣ) мебуд, бояд ҳукмро мунқалиб (ки аз сурат ва ҳоле ба сурат ва ҳоле дигар дар-омада ва дигаргун шуда) месохтам ва мегуфтам, ки саҳми зан ду баробари саҳми мард

аст. Он гоҳ аз Муҳаммад ибн-Ал-Ҳасан (р) пурсид: - Намоз фазли бештаре дорад, ё рӯза?

Муҳаммад ибн-Ал Ҳасан (р) гуфт: - Намоз. Пас Имом Абӯҳанифа (р) гуфт: Агар қиёс меъёри ҳукми ман мебуд, бояд зани ҳойиз (бе намоз, зани узрдида)-ро ба қазо овардани намоз дастур медодам, на ба қазо овардани рӯза. Сипас аз Муҳаммад ибн-Ал-Ҳасан (р) пурсид: - Оё бавл наҷас аст, ё манӣ? Муҳаммад ибн-Ал-Ҳасан (р) гуфт:- Бавл.

Абӯҳанифа (р) гуфт: - Агар қиёс меъёри ҳукми ман мебуд, бояд ғуслро аз бавл воҷиб медонистам, на аз оби манӣ. Маозаллоҳ, аз ин ки ҳукм ба Ҳадиси Расули Худо (с)-ро фурӯ гузорам, балки ман ходими аҳодиси Расули Худо (с) ва камтарин ғуломи ин боргоҳам. Пас он гоҳ Муҳаммад ибн-Ал-Ҳасан (р) бархост ва рухсори Абӯҳанифа (р)-ро бӯсид... 62-118.

Чун сухан ин ҷо аз боби чи гуна ба аҳодиси Набавӣ (с) пайравӣ ва амал кардани Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) рафт, зарур мешуморем, ки чанд ҳарфе, дар санади эшон (яъне, Имом Абӯҳанифа (р), дар илми ҳадис ва амали он аз ҷониби эшон гуфта бошем, ки шоир гуфтааст: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» (С.Б.Б).

Чуноне, ки гуфтем, Имом Абӯҳанифа (р) аз маҳзари чаҳор ҳазор (!) шайх, аз аима (имомон)-и тобиъин (саҳобаи киромро дарёфта) ва ғайри эшон ахаз (зиёд истифода кардан)-и Ҳадис намудаанд.

Ва ба ҳамин далел, Заҳабӣ (р) ва ғайри он Имом Абӯҳанифа (р)-ро дар табақоти ҳиффоз (муроқиб, нигоҳбон, маҳфӯз-доранда)-и муҳаддисин баршумурда намудаанд. 62-139.

Ва бояд гуфт, ки дар илми қироати Қуръони карим, низ эшон (Имом Абӯҳанифа (р) устодӣ доштаанд ва аз хурдсолӣ, сабки қироат ва тағвиду тартили Каломуллоҳро хуб омӯхтаанд ва овози хуше доштаанд ва ҳам Қуръони Маҷидро пурра ҳифз намудаанд, ки дар Ислом чунин фардони

www.kitobam.com

бедордил ва бедормағзу покниҳод ва муваҳҳидро қории мураттаб мегӯянд, ки Қуръон дар қалби ӯ асту ҳикмати волои Илоҳӣ, дар сари муборак (С.Б.Б).

Ривояти ворида, аз тариқи мутааддид ҳокӣ аст, ки Имом Абӯҳанифа (р) илми қироатро аз Осим, ки яке аз қарро (хушхон қорӣ, ки Қуръонро некӯ мехонад)-и сабъа (ҳафтгона) аст, омӯхтаанд. 62-138.

Ва ҳар кас пиндоштааст, ки Имом Абӯҳанифа (р), ба Ҳадис камеътибор будаанд, ё дар таҳқиқ перомуни ин амр саҳлангор буда ва ё, ки ҳасад бар ҷони вай рахна афканда, зеро бо иноят, ба ин ки Имом Абӯҳанифа (р) аввалин касе будаанд, ки бо риояти тамом усул ва завобит, аз далоили шаръӣ, истинботи аҳком намудаанд (ки то ба Абӯҳанифа (р) ягон муҷтаҳиди сарсупурдае набуд, ки бо ин тарзу усул аз аҳкоми Илоҳӣ, аҳодиси набавӣ салъам ва аз далоили шаръӣ истифода кунад ва бе муболиға эшон асосгузори воқеӣ ва муҳаддиси мӯшикофеанд, дар таърихи Испом ва таърихи баёни илму аҳкоми шаръӣ, ки бинои фиқҳро, яъне, Кохи ҷовидонии адолати Илоҳиро бар асоси Оёти шарифу аҳодиси Набавӣ салъам, тармим ва устувор сохтаанд, ки тамоми фуқаҳову аимаи баъди ӯ раҳамуллоҳ муҳассилини мактаби Абӯҳанифа раҳамуллоҳ, яъне, ниёзмандони ин Кохи адли Илоҳианд, ки муассисаш ҳамоно Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аст ва дигарон ҳама резахӯри хони Абӯҳанифаи ориёии «Имонро», ба гуфтаи Расули акрам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам: «аз Сурайё ба чанг ованда» мебошанд. Агар ба ҳақиқати ҳол қоил бишавем возеҳтар ин аст, ки муассисини мазоҳиби дигар, ҳама ба ҷумлагӣ, шогирди шигирдони басо фозили Имом Абӯҳанифаанд ва ин мазоҳиб шаклҳои табдил ва тағйирдодашудаи мазҳаби Сироҷи умам - Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мебошанд. Мазҳаби Имоми Аъзам (р) беназир мазҳабест, ки дар он одоби пурраи тоату ибодат, яъне, аҳкоми

Илоҳӣ ва Суннати пири шариат ва пешвову Мавлои уммат - Ҳазрати Муҳаммад (с) фарзу воҷиб аст ва ҳар сухани бевазне, ки нисбати Имом Абӯҳанифа (р) ва мазҳаби ӯ гуфта мешавад, ҳама аз рӯи ҳасад ва ҳамоно нажодпарастӣ ва кӯрдилӣ аст, ки ин тарзи рафтору кирдор ва муносибат бо пешвоёни дин, хеле хандаовар аст ва Исломи мубин, ки Паёмбараш - ҳабиби Худо Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам аст, тафриқаандозонро дӯст надорад, бояд, ки «Мӯъмин, бародари мӯъмин» бошанд, зеро ки роҳи ҳамаи мо ба сӯи Аллоҳ аст-С.Б.Б), ки ин ҳақиқат дар кутуби ёронашон (р) маъруфу машҳуд аст - пас чӣ гуна аз фақеҳе ин чунин, истинботи аҳкому масоили -бешумори шаръӣ, мутасаввури мақдур будааст?!

Ва бояд гуфт, ки ба ҷиҳати иштиғоли Имом Абӯҳанифа (р), ба ин амри авлову аҳамм (сазовору аҳамиятнок), аҳодиси Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), дар хориҷ зоҳир нагардида аст, чунонки Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқу Умар Ал-Форуқ разиаллоҳу анҳумо ба далели иштиғол, ба мусолиҳи оммаи муслимин, ба андозаи дигар асҳоб маҷоли ривояти Аҳодисро наёфтаанд, ба тавре, ки мулоҳиза мекунем, ҳатто саҳобаи ба маротиб поинтар аз Эшон ризвонуллоҳу ъалайҳим, аз онон, дар ривояти Ҳадиси шариф сабақ гирифтаанд. Ҳамин гуна Молик (р) ва Шофеъӣ (р), низ дар ривояти Ҳадис ҳамон майдонеро паймуда натавонистаанд, ки мутафарриғон, дар амри ривоят, хамчун Абӯзаръа (р) ва Ибни Муъин (р) паймудаанд, биноан Аҳодиси зиёде аз Молик (р) ва Шофеъӣ (р) ҳам ривоят нашуда аст, ба таври мушаххас, чи онон ҷумлагӣ, машғули амри муҳимтаре будаанд, ки ҳамоно истинбот (истихроҷ ва дарёфти маънӣ ва мафҳум)-и аҳком буда аст».

Биноан аимае чун Абӯҳанифа (р), Молик (р) ва Шофеъӣ (р), аз сиқот (мӯътамадон)-и аимаи Ҳадис ба шумор мераванд,

www.kitobam.com

лекин фарқашон бо аимаи ҳиффозу дигар дар ин аст, ки инон Аҳодисро дар коргоҳи истинботу корхонаи иҷтиҳод афкандаву аз онҳо ҳазорон ҳукму масъалаи шаръиро истинбот кардаанд, ки имрӯз мадори амали шаръии муслимин аст, дар ҳоле, ки аимаи Ҳадис, фақат Аҳодисро ҷамъ ва тадвин (ва таблиғу интишор) намудаанд, ки гарчи ин низ дар ҷойгоҳи худ муҳим аст, лекин зикри ин нукта холӣ, «аз фоида нест, ки кисрат (фаровонӣ)-и ривояте бидуни дароят (дарёфт, огоҳӣ, доноӣ) аз назари бархе аз аимаи бузург, дархӯри ситоиш намебошад, балки ҳатто Ибни Абдулбарр бобероро дар замми он мунъақид намуда ва сипас гуфтааст: «-Фуқаҳои ҷамоати муслимин бар онанд ки ифрот дар ривояти Аҳодис, бидуни тафаққӯҳ (илми фиқҳ хондан, фақеҳ шудан ва дарёфти маънӣ) тадаббур (жарфбинӣ, мӯшикофӣ) дар онҳо мустадъии (дархосткунанда)-и мазаммату муставҷиби маломат аст». 62-139-140.

Ва ҳам Аз ин рӯ, аст, ки Ибни Шибирма (р) мегӯяд: «-Кам ривоят кун, то фақеҳ шавӣ!» 62-140.

Ва Абдуллоҳ Ибни Муборак (р) мегӯяд: «-Такияи ту дар аҳком бояд бар Қуръон ва Ҳадис бошад ва аз раъй ҳамон миқдор баргир, ки Ҳадисро барои ту тафсир намояд».

Яке аз маъозири (маъзур) Абӯҳанифа (р), дар кам гуфтану ривоят намудани Ҳадис, аз ин сухани вай истинбот мешавад, ки фармуд:

«- Барои шахс сазовор нест, то ҷуз он аҳодисеро, ривоят намояд, ки дар ҳангоми шунидан ҳифз намуда ва то ҳангоми ривояти он ҳамчунон ҷузъи маҳфӯзоти вай буда аст». 62-140.

Биноан аз назари Имом Абӯҳанифа (р) ривояти Ҳадис, ҷуз барои ҳифзи он (чун дигар аима-С.Б.Б)., барои касе дигар ҷоиз нест.

Ва Хатиби Бағдодӣ, аз Исроил ибни Юнус ривоят мекунад, ки гуфт: «-Некӯшахсияте аст Нӯъмон (Имоми Аъзам), Алҳақ,

ки ҳофизтар аз вай, дар ҳар Ҳадисе, ки дар маънии фиқҳӣ мавҷуд аст, надидаам, ба ростӣ, ӯ дар пажӯҳишу таҳқиқи маонӣ (ки дар аимаи аҳди Абӯҳанифа раҳамуллоҳ ва ҳатто қабл аз ӯ ва баъди ӯ, мутаассифона пажӯҳишу таҳқиқи тафаққӯҳӣ, дар дарёфти маъонии фиқҳӣ набуд, ки набуд-С.Б.Б)-и фиқҳии Аҳодис, ба гунаи эъҷоб (шигифтӣ, аъҷӯба) - ангез, моҳиру забардаст ва басо доно буд!» 62-140.

Ва аз Абӯюсуфи Яъқуб (р) ривоят шуда аст, ки гуфт: «-Касеро донотар, ба тафсири Ҳадису мавзеъи нукоти фиқҳии он, аз Абӯҳанифа раҳамуллоҳ надидаам».

Ва ҳам ӯ (Абӯюсуф) мегӯяд: «-Ҳаргиз, дар ҳеҷ масъала, бо Абӯҳанифа раҳамуллоҳ мухолифат нанамудам магар, ин ки чун дар он нек тадаббур кардам, мазҳаби вайро дар он масъала наҷотдиҳандатар, дар охират ёфтам, ва чунон буд, ки вақте ба сӯи Ҳадис гароиш меёфтам, мулоҳиза мекардам, ки ӯ дар шинохти Ҳадиси саҳеҳ низ, аз ман бинотар ва басо - доно аст». 62-141.

Абӯюсуфи Яъқуб (р) изофа мекунад: «-Ва чун Имом Абӯҳанифа (р) бар раъйе мусаммим (аз тасмим, ба ӯҳда гирифтани коре, тасмим гирифтан-С.Б.Б) мешуд, бар машоихи «Ҳадис»-и Кӯфа мурур (гузар кардан) мекардем, ки бубинам, оё бар тақвияти қавли вай Ҳадис ё асареро хоҳам ёфт? Бас басо мешуд, ки ду ҳадис ва се ҳадис, дар тақвияти он қавл меёфтам ва аз шодӣ такбир («Аллоҳу акбар!») мегуфтам ва онро, яъне, ҳадисро назди Имом Абӯҳанифа (р) меовардам, аммо ӯ бо шинохти ҳамаҷонибае, ки аз Аҳодис дошт, дар бораи баъзе аз он аҳодис мегуфт: - Ин ҳадис саҳеҳ нест. Ё: - Ин ҳадиси машҳур нест.

Пас аз ин амр мутааҷҷуб мегардидам ва мегуфтам: Устоди азиз! Аз куҷо медонед, ки ин ҳадис саҳеҳ нест, ё маъруф нест, дар ҳолеки ин ҳадис мувофиқ бо раъйи Шумо аст? Дар посухи

www.kitobam.com

суоли ман мегуфт: «-Ман ба дониши аҳли Кӯфа доноям». 62-141.

Рӯзе Имом Абӯҳанифа (р), дар мачлиси Аъмаш (р) буд, ки Аъмаш аз чанд масъала, мавриди суол қарор гирифт, аммо қабл оз он ки ҷавоб бигӯяд, ба ҳар як суол, рӯ ба Имоми Абӯҳанифа (р) кард ва аз рӯи эҳтиром гуфт: - Раъйи Шумо дар бораи ин масоил чист? Имом Абӯҳанифа (р) ҷавоби он масоилро доданд. Аъмаш гуфт: - Ин ҷавобҳоро аз кучо овардед? Имом Абӯҳанифа фармуд: «- Аз аҳодисе, ки аз Шумо ахаз кардаам».

Ва он гоҳ шумори зиёде аз он аҳодисро ҳамроҳ бо туруқ (тариқ)-у асониди он қироат намуд. Аъмаш, ки ҳайратзада шуда буд, гуфт: «-Бас аст! - Алъон донистам, ки ончиро дар сад рӯз бар ту ривоят кардаам, дар як соат ҳамаро, ба ман боз хоҳӣ гуфт! Ман намедонистам, ки ту ба ин Аҳодис амал мекунӣ, эй ҷамоати фуқаҳо! - Шумо утабо (табиб)-ед ва мо дорухонаҳо. - Ва аммо ту эй мард! (Абӯҳанифа) - Ҳарду буъдро гирифтаӣ! - Ту ҳам табибию ҳам дорухона!» 62-141-142. Бале, Имом Абӯҳанифа (р), аз пешкасватони фанни Ҳадис будаанд.

Чунонки ҳиффози илми Ҳадиси шарифу басо муборак, аз аҳодиси он Имом (Абӯҳанифа раҳамуллоҳ)-ҳи ҳумом масонид (аз санад; асосу далел, чизе ки ба он истинод мешавад)-и бисёреро ҷамъоварӣ ва тадвин кардаанд, ки бисёре аз он масонид ба мо расида ва дар муснадҳои машоихи мо зикр шуда аст. 62-142.

Ва ногуфта намонад, ки Имом Абӯҳанифа (р) дар илми Ҳадис, асари махсусе дорад, бо номи «Муснад Ал-Имом Абӯҳанифа», ки дорои нусхаҳои зиёди мутааддид (бе шумор, гуногун)-е аст, ки Абулмуайяд Муҳаммад ибни Маҳмуди Хоразмӣ онро гирдоварӣ намуда ва бо муқаддимаи хеш нашр намуда аст.

Ва дар ҳилми эшон (Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) овардаанд, ки: Язид ибни Ҳорун разиаллоҳу анҳум мегӯяд: «-Касеро бурдбортар аз Абӯҳанифа (р) надидаам... Ӯ фазле азиму диёнате матин дошт, забонашро нигаҳбон буд ва аз беҳудагиҳо рӯйгардон».

Гӯянд, ки марде забон ба дашноми он Имоми ҳумом Абӯҳанифа (р) гушуд, ва дидадароиро то бадон ҷо расонид, ки гуфт: - Эй зиндиқ! Имом Абӯҳанифа (р) дар баробари ҳамаи ин ҷасоратҳо фақат як ҷумла гуфт ва он ин буд, ки: «-Ғафараллоҳу лака ҳува яъламу миннӣ халафа мо тақул!» («-Худо бар ту биёмӯрзад, Ӯ аз ман хилофи ончиро медонад, ту ба ман нисбат медиҳӣ»).

Рӯзе касе ба Имом Абӯҳанифа (р) хабар дод, ки як тан аз ёронашон аз бом афтода аст, Имом Абӯҳанифа (р) чунон фарёде кашид, ки аҳли масҷид ҷумлагӣ онро шуниданд, сипас саросема бо пойи урён ба роҳ зад, то ба болини он ёраш расид ва он гоҳ дар Ҳоле, ки мегирист гуфт: «-Эй кош мумкин буд, ки тамоми дарду марази ин азизро ман бармедоштам». Ва аз он рӯз, ҳар субҳу шом ба болини вай меомад, то он гоҳ, ки он ёраш шифо ёфт, Имом Абӯҳанифа (р) табибе доно буд ва он ёри худро бо муруввату эҳтироми фарзандпадарӣ табобат намуд, то он замон, ки он заҳматрасида ба зудӣ шифо ёфт...

Ибни Муборак (р) мегӯяд: «-Аз маҷлиси Абӯҳанифа (р), маҷлиси сангинтар ва бо уббуҳат (азамат ва шукӯҳу ҷалол)-тар надидаам. Ӯ сукуте некӯ, ҷомае некӯ ва рухсоре некӯ дошт».

Ва Имом Зуфар ибни Ҳузайл (р), шогирди Имом Абӯҳанифа (р) мегӯяд: «-Имом Абӯҳанифа (р), сахт бурдбор ва сабур буд. Рӯзе Сӯфён ибни Уяйна бар вай гузар кард ва дар ҳоле, ки садои Имом Абӯҳанифа (р) ва ёронаш дар масҷид печида буд, гуфт: - Эй Абӯҳанифа ! Ин масҷид аст ва садо дар он набояд баланд шавад, Имом Абӯҳанифа (р) дар посух гуфт: «-Чӣ кунам, инон ҷуз ба ин шева масоилро намефаҳманд».

www.kitobam.com

Ва Халифа Ҳорун-Ар-рашиди Аббосӣ, ба Абӯюсуфи Яъқуб (р) гуфт: - Ахлоқи Абӯҳанифа (р)-ро бароям тавсиф кун. Абӯюсуфи Яъқуби Қозӣ гуфт: - Эй амиралмӯъминин, Худои ъазза ва ҷалл мегӯяд: «-Мо ялфизу мин қавлин илло ладайҳи рақиб-ба ъатид» («Инсон ҳеҷ суханеро аз даҳон берун намеафганад, магар ин, ки дар назди он нозир ва рақибе баргумошта аст»). Биноан, ончи дар бораи вай ҳам акнун мегӯям, дақиқ ва бе газофа аст:

- Имом Абӯҳанифа (р) дар ҳадди зиёди илми ман, мудофеъи сарсахти муқаддасоти Илоҳӣ ва сахт парҳезгор буд, ӯ дар дини Худои ъазза ва ҷалл бе пушвонаи илм сухан намегуфт, дӯстдори он буд, ки тоати Илоҳӣ, дар ҳама ҷо густариш ёбад ва нофармонии вай аз соҳоти рӯзгор рахт барбандад, аз дунёталабони тиҳимағзи замонаш бар канор буд, на дар касбу иззати дунё бо ҳамгинон (ҳампешагон), ба рақобат мепардохт ва на дар касби рифоҳу роҳат вориди ин ошӯфтабозор мегардид, сукуте тӯлонӣ дошт ва дар айни ҳоле, ки бар кӯҳе баланд, аз улуми маориф такя зада буд, ҳамеша ба тафаккур андар буд (ки бо ин хислати зотӣ ӯ, яъне, Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ, аз дигар аимаи Ислом бартарияти томе дорад, ки умри худро то вопасин нафаси муборак, вақфу сарфи иҷрои аҳкоми Илоҳӣ ва Суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин намудааст-С.Б.Б) ва пурсухану ҳазёнгӯй набуд, агар чунончи аз масъалаи мавриди пурсиш қарор мегирифт ва дар он масъала, маълумоте медошт, ба посухи он забон мегушуд ва ба расогию пӯхтагии тамом ҳам ҷавоб мегуфт ва дар ғайри он ҳақро меъёри хеш қарор дода ва аз сухани ҳақ пайравӣ мекард ва нусбул-айн (манзури назар, муқобили чашм)-и вай дар ҳар ду ҳолат ин буд, ки нафсу динашро нигаҳбон бошад.

Имом Абӯҳанифа (р) дар нисору исори илм ва сарвати хеш низ, бисёр ҷаводу бахшанда буд, нафсе пурғано дошт ва аз

тамоми мардум эҳсоси бениёзӣ мекард ва ҳаргиз, ба тамаъ моил набуд, аз ҳисоби заҳмати хеш рӯз мегузаронид (Яъне: «Доми тазвир»-у риё намекард «Чун дагарон Қуръонро» - **дагар*-парранда*и гӯштхӯр, боша, шоҳин С.Б.Б) ва ба фурӯши матоъҳои гуногун машғул буд, ӯ ҳамчунин аз ғайбати дигарон дар ҳазар буд ва лаб ба ғайбати дигарон намегушуд ва ғайбат ҳаром аст, мегуфт ва касеро ҷуз ба хайру хубӣ ёд намекард».

Ҳорун Ар-Рашид, ки аз баёни хасоили Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) сахт дар тааммул фурӯ рафта буд, сар бардошт ва гуфт: «-Бешак, ки ин ахлоқ ахлоқи некону солеҳон аст».62-122-127.

Бояд гуфт, ки Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) на ин, ки валиюллоҳу муваҳҳид ва тақводору парҳезгор ва дорои вараъу аҳли футувват будаанду дар байни мардум машҳуру муқадои оламиён будаанд, яъне, ба сират, балки бо сурати зебо ва одоби либоспӯшиву озодагиаш низ гули маҷлису шамъи маҳфил будаанд ва ҳар гоҳ ба масҷид медаромадаанд, ҳамоно бӯи мушку анбар ва атрҳои хушбӯй атрофро муаттар мекард, ки мекард...

Ҳаммод, фарзанди Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мегӯяд: «-Падарам зоҳире ороста дошт ва атру хушбӯиҳои фаровон истифода мебурд, то бадон ҷо, ки бо бӯи хуши хеш шинохта мешуд, қабл аз он, ки дида шавад».

Ва Абӯюсуф (р) мегӯяд: «-Имом Абӯҳанифа (р) ҳамеша банди кафши худро ороста нигоҳ медошт, то бадон ҷо, ки касе ӯро бо банди кафши пора ва фарсуда надидааст».

Ва нақли саҳеҳ аст, ки гуфтаанд: «-Имом Абӯҳанифа (р) кулоҳе баланду сиёҳ мепӯшид».

Назр (р) мегӯяд: «-Рӯзе дар ҳоле, ки Имом Абӯҳанифа (р) иродаи савор шудан бар маркаби хешро дошт, ба ман гуфт: -Абоятро ба ман бидеҳ ва абоямро бигир. Чунон кардам, ки хоста буд. Пас чун бозгашт бароям гуфт: «-Маро бо дурушти и

www.kitobam.com

абоят хичил сохтӣ! Ин дар ҳоле аст, ки қимати абоям панҷ динор буд, ки пули каме нест. Сипас бар тани вай абое дидам, ки қимати онро сӣ динор баробар кардам ва қимати пироҳану радои вай чаҳорсад дирҳам буд».

Ва нақли дигар аст, ки: «Имом Абӯҳанифа (р)-он марди порсо, чандин пӯстину абои фохир дошт, ба чандин хелу гуна, ки аз пӯсти санҷоб ва пӯстҳои гаронқимати дигар ҳайвонот сохтаву дӯхта шуда буд, ва радое дошт бисёр, зебо ва дурнамо ва ҳафт кулоҳ дошт, ки яке аз онҳо сиёҳ буд». 62-130.

Бале, Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ҳам ба сират ва ҳам ба сурат зебо ва ороставу пироста будаанд. Эшон, ки ба гуфти Ҳазрати Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ - «Чун дагарон Қуръон-ро доми тазвир накардаанд» (мисли баъзе «муллоҳо»-ву «ҳазратҳо» ва «фуқаҳои доно»-и имрӯзи олами Ислом, ки бо ном қории «Қуръон»-анду, аз мантиқу аҳкоми оёт бехабар ва бо ном ҳофизони аҳодисанду аз маъонии қудсии онҳо бехабар, ки аксарият, маҳалгароёнанду аҳли ҷоҳу ҷалол ва тӯдаҳои мутафарриқанду «бузургон»-и ба якдигар бе меҳр, мутакаббир ва бо як ҷуръа шароби илм маст, мисли халафиҳо ва басо-басо «арабидон»-у «доно») Имоми барҳақ буданду ҳастанд ва давлати Худодод доштанд, ки ба сабаби меҳнати пурмашаққати худашон, ба даст оварда будаанд, ки ҳаштод фиссади он, дар роҳи Худо сарф мешуд...

Ва осори манқул аз аима (имомҳо) раҳматуллоҳ ва осору ривоёти манқули бузургони дин ва шогирдони Имоми Аъзам (р) дар сифот ва хасойили неки эшон (р) бисёр аст, ки дар ин мухтасар намеғунҷад ва ончи гуфтем ва дарҷ кардем, барои қаноат варзидани ашхоси мунсаф (одилу бо инсоф, ки аз рӯи инсоф амал кардан)-и ҳақшинос, ки ҳақи аҳли ҳақро мешиносанд кофӣ аст ва аз ин ҷиҳат Ҳофиз Абӯумар Юсуф ибни Абдулбарр (р) мегӯяд:

«-Аҳли фиқҳ ба касоне, ки ба Имом (Абӯҳанифа раҳматуллоҳ) таън ворид кардаанд, илтифоте намекунанд ва чизе аз уюберо, ки бидъатиён, зиндиқиён, хориҷиён, мурҷиъиён ва халафиёну мутаассибон (ва баъзе имрӯзиёни садмазҳаб, яъне халафиёни ғарбитинат ва ғарбиғулом) ба Имом (Абӯҳанифа раҳлатуллоҳ) нисбат додаанд, тасдиқ наменамоянд». 62-73.

(Ба иборае, ки гуфтаанд: «-Аккоси сагон кам накунад, ризқи гадоро» ва ё худ: «-Саг меҷакаду корвон меравад...». Чашмаи пурфайзу футӯҳи илму ҳикмати Имоми Аъзам (р) анқариб як ҳазору сесаду дах сол, ба ин ҷониб ҷористу ташнагони илму маъонӣ асрҳо ба ин сӯ, аз он нӯш мекунанд ва хоҳанд кард, аммо тӯҳматҳои бебунёди аҳли бидъат мисли худшон чун коҳи пӯсида, ба боди фано рафтаву хоҳанд рафт-С.Б.Б).

ДАР ШИДДАТИ САХТКӮШИИ ИМОМИ АЪЗАМ (Р) ДАР ИБОДАТ ВА САБАБИ ШАБЗИНДАДОРИҲОИ ЭШОН

Ҳазрати қутбулавлиё ва Имоми Ҳумом Абӯҳанифа разиаллоҳ, яке аз парҳезгортарин, пурзӯду тақводортарин, Худотарстарин ва обидтарин инсони аҳди хеш будаанд, ки нисфи зиёди умри хешро дар роҳи ибодат ва шабзиндадорӣ, яъне, бандагии Худоро ба ҷой овардан, сарф ва вақф намудаанд,

«Заҳабӣ (р) мегӯяд: Қиёми шаб таҳаҷҷӯду таъаббуд (бандагӣ, парастиш ва ибодат)-и Имом Абӯҳанифа (р) мутавотир ва забонзади хосу ом буд, аз ин ҷиҳат ӯро мехи маҳкаму устувор, дар қиёми шаб меноманд».

Ба тавотир, қотеъ нақл шуда аст, ки Имоми Аъзам (Абӯҳанифа) раҳматуллоҳ чиҳил сол намози субҳро бо вузӯ (таҳорат)-и ъишо (хуфтан) хондаанд ва дар ҳар шаб кулли Қуръонро дар ду ракаъат тиловат мекардаанд, то бадонҷо, ки ҳамсоягони эшонро бар эшон дил месӯхт.

www.kitobam.com

Ва низ ба субут расида аст, ки эшон дар ҳамон ҷое, ки дар он ҷо вафот ёфтанд, ҳафт ҳазор бор Қуръонро хатм намуда буданд (ки ба дурустии ин чаҳор ҳазор тан аз шогирдони Имом Абӯҳанифа (р) шаҳодат додаанд, аз ҷумла фарзандашон Имом Ҳаммод (р); шогирдонашон Имом Абӯюсуф (р), Имом Муҳаммад (р), Абуллоҳ ибни Муборак (р), Абӯмутеъи Балхӣ ва дигарон-С.Б.Б)...

Марде назди Ибни Муборак (р) забон ба бадгӯии эшон гушуд, пас Ибни Муборак (р) гуфт: «-Вой бар ту! Оё забон ба бӯҳтони марде мегушоӣ, ки чиҳилу панҷ соли тамом, панҷ вақт намозро бар як вузӯъ мехонд ва Қуръонро дар як ракаъат хатм мекард ва ончи аз фиқҳ, ки назди ман аст, аз вай омӯхтаам?!»

Ва Абӯмутеъи Балхӣ (шогирди ихлосманди Имоми Аъзам раҳматуллоҳ) мегӯяд: «-Дар ҳеҷ соате аз шаб, ба тавофи Каъба дохил нашудам, магар инки Абӯҳанифа (р) ва Сӯфён (р)-ро дар тавофҷо дидам».

Ва он гоҳ, ки Ҳасан Ибни Амора (р) пайкари шарифи вай (Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳматуллоҳ)-ро ғусл медод, чунин гуфт: «Худо туро раҳмат кунад ва бар ту биёмӯрзад, си сол аст, ки ҳаргиз рӯзро ифтор накардӣ ва пайваста рӯзадор будӣ, бешак ояндагонро аз расидан ба мақоми хеш дармонда кардӣ ва қориёнро расво сохтӣ». 62-73-74.

Ва сабаби шабзиндадории эшон он буд, ки рӯзе, аз марде шуниданд (Имоми Аъзам раҳатуллоҳ), ки барои дигаре мегуфт: - Ин ҳамон Абӯҳанифа аст, ки ҳаргиз хоб намешавад. Пас Имом Абӯҳанифа (р) ба Абӯюсуфи Яъқуб, ки ҳамроҳи эшон буд, фармуданд:

«-Субҳоналлоҳ! Оё намебинӣ, ки Худои таъоло ситоиши моро бар ин кор бар сари забонҳо андохт, пас оё зишт нест, ки Ӯ таъоло (ҷалла ҷалолаҳу) хилофи ин ситоишро аз мо

бубинад? Ба Худо савганд, ки мардум маро ба чизе, ки дар ман набошад, ситоиш нахоҳанд кард!» 62-74.

Ва ҳам аз он ҳангом буд, ки тамоми шабро бо намозу тавбаву тазарруъ ва дуо зинда медошт. Абӯюсуф (р) мегӯяд: «-Имом Абӯҳанифа (р) дар ҳар шабонарӯзӣ, як хатми Қуръон мекард, аммо дар Рамазон ва рӯзи Ид, маҷмӯан шасту ду хатми пурраи Қуръон мекард. Имом Абӯҳанифа (р) саховатманду ҷавод ва бар фарогирии илму маърифат сабуру ҳавсаламанд буд, дар баробари айбҷӯиҳое, ки аз вай мекарданд, бисёр мутаҳаммил (тааммулкунанда) ва бурдбор ва аз хашму ғазаб бар канор буд, бист соли тамом шогирд будам, ки ӯ намози субҳро бо вузӯи аввали шаб мехонд ва касоне, ки қабл аз мо мусоҳиб (ҳамсӯҳбат)-и вай буданд, ҳикоят мекарданд, ки чиҳил сол аст, ки бар ин сифат аст».

Мусаъар (р) мегӯяд: «-Ӯро дидам, ки намози субҳ (Фаҷр)-ро мехонад, сипас, ба маҷлиси тадриси илм барменишинад, то инки намози Зӯҳр (пешин)-ро мехонад, сипас ба маҷлиси илм барменишинад ва чун намози Асрро мехонад, боз то наздики шом (Мағриб), ба маҷлиси тадрис менишинад ва боз чун намози Мағрибро мехонад, то намози Ъишо ба маҷлиси илм менишинад, пас бо худ мегуфтам, ин мард чи вақт барои ибодат фориғ мешавад?

Лизо тасмим гирифтам, то ӯро бипоям ва мавозибати вай намоям, ҳамон буд, ки чун мардум ором гирифтанд ва ба хоб андар шуданд, дидам, ки ба масҷид бар омад, поку муаттар ва саршори бӯи мушку анбар, гӯё инки арӯсе аст зебо, пас чун мехе маҳкам ва устувор, то бомдод дар намоз истода буд ва чун бомдод тулӯъ кард, ба хона бар омад ва ҷомаашро пӯшид ва барои адои намози субҳ берун шуд ва пас аз намоз, дар маҷлиси дарс барнишаст, ва боз чун рӯзи қабл, тамоми рӯзро то посе аз шаб, дар маҷлиси тадрис нишаста буд, пас бо худ гуфтам: - Имшаб, дигар ҳатман ин мард ором мегирад ва

www.kitobam.com

истироҳат мекунад, ба Худо, то ӯро напоям ва мавозибати вай нанамоям! Пас чун мардум ором гирифтанд аз хона баромад ва ҳамон кард, ки шаби қабл карда буд ва чун бомдод шуд, ҳамон кард, ки дар ду рӯзи қабл карда буд, то инки чун намози ъишоро хонд, гуфтам: - Имшаби дигар ин мард хастагии ду шаби қаблро аз тан берун хоҳад кард ва ором хоҳад гирифт, ба Худо то ӯро напоям, ки бубинам чи мекунад! Пас ҳамон кард, ки дар шабҳои қабл карда буд, дар ин ҳангом бо худ гуфтам: - То бимирам, ё ӯ қабл аз ман бимирад, мулозими вай мегардам! Ҳамон буд, ки дигар мулозиму ҳалқабагӯши остони мубораки вай гардидам, пас на ӯро дар рӯз ифторкунанда ёфтам ва на дар шаб хоб шаванда ва фақат қабл аз Зӯҳр чурт (хоби сабук, ғанаб рафтан, пинакӣ рафтан)-е мезад ва лаҳазоте андак, ба хоби сабуке мерафт...».

Ва Мусаъар (р) ҳам, ки аз авлиёи муслими Ҳақ буд, дар ҳоли суҷуд, дар маҷлиси ҷомеъи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) даргузашт,

Ва Шарик (р) мегӯяд: «-Бо Имом Абӯҳанифа (р) як сол ҳамроҳ ва мулозим будам, пас надидам, ки паҳлӯяшро бар болин ниҳода бошад».

Ва аз Хорича (р) ривоят шуда аст, ки гуфт: «-Чаҳор тан Қуръони каримро дар дохили Каъба, дар як ракаъат хатм намудаанд, ки Имом Абӯҳанифа (р) яке аз онон аст».

Ва аз Фазл ибни Дакин (р) ривоят шуда аст, ки гуфт: «-Ҷамоате аз тобиъин ва ғайри эшон, аз асҳоби зӯҳд ва ибодатро дидаам, аммо ҳеҷ қасро накӯнамозтар, аз Абӯҳанифа надидаам, ва чунон буд, ки қабл аз дохил шудан дар намоз мегирист, ва дуо мекард ва ҳар касе, ки вайро дар ин ҳолат медид, бе ихтиёр мегуфт: - Ба Худо ӯ худотарс аст! Ва ман чун ӯро медидам, гӯё инки мушкии кӯҳнаеро медидам, аз бас, ки дар ибодат риёзат мекашид ва бар нафс мубориза мебурд».

Ва як шаби тамом, дар қироати хеш ояи шарифи: «Балис-соату мавъидуҳум вас-соату адҳо ва амарра» (Яъне: - Балки мавъидашон Қиёмат аст ва қиёмат басо сахттару талхтар аст)-ро такрор мекард ва шӯридаҳолу ошуфта аз ҳавли қиёмат, дар ин ояи муборака боқӣ монд ва тавонист, аз он бигзарад».

«Ва шабе, дигар, дар намози хеш Қуръон мехонду мехонд то, ки ба ояи муборакаи: «Фаманналлоҳу ъалайно ва вақийно ъазобас-сумум» (Яъне: - Пас Худо бар мо миннат ниҳод ва моро аз азоби гарм-маргбор ҳифз кард) - расид, пас пайваста онро то азони субҳ такрор мекард.

Ва хидматгузори вай гуфт: «-Аз ҳамон вақте, ки Имом Абӯҳанифа (р)-ро шинохтам, як шаб ҳам надидам, ки бар рӯи болин дароз бикашад. Балки хобаш дар тобистон, дар миёни Зӯҳр ва Аср ва бар зимистон, дар аввали шаб ва дар ҳучраи хоси масҷидаш буд»

Ибни Абӯраввод мегӯяд: «-Дар Маккаи мукаррама бар тавофу намоз ва фатво собиртар аз вай касе надидаам, ӯ дар тамоми тӯли шабу рӯз, дар талаби охират ва наҷоти хеш буд ва даҳ шабу рӯз, ба тамом мушоҳидаи вай мекардам, пас надидам, ки дар шаб бихобад, ё соате аз рӯзро ором гирад, балки пайваста машғули тавофу намоз ва таълими илм буд».

Баъзе аз тазкиранигорон ҳикоят мекунанд, ки чун Имом Абӯҳанифа (р) ба «Ҳаққатулвадоъ»-и хеш рафт, нисфи молашро ба пардадорони Каъба дод, то ба вай иҷозат диҳанд, ки дар дохили хонаи Каъбаи мушаррафа намоз бигзорад, пас нисфи Қуръонро истода, бар як пояш хонд, ва сипас нисфи дигарро истода, бар пои дигараш ва он гоҳ бо Парвардигори хеш муноҷот намуда гуфт:

«- Ё Раб ъарафатака ҳаққа маърифатака ва мо абдатика ҳаққа ибодатика, фа-ҳабли нуқсонал хадаматал-камолал маърифата». Яъне: «-Эй Парвардигорам! Туро шинохтам он чунон, ки бояд мешинохтам, аммо ибодаи Туро накардам он

www.kitobam.com

тавр, ки сазовори ибодати Ту аст, пас нуқсони хидматро, ба ҷиҳати камолоти маърифат бар ман бубахш»). Ин буд, ки аз зовияи Каъба нидо расид, ки («-Ъарафата фа-аҳсанат ва ахласат ал-хадамат ғафарано лака ва-ламан кона ъало мазҳабика ило қиёмассоати». Яъне: «-Шинохтӣ ва некӯ шинохтӣ ва хидмате холисона кардӣ, бар ту ва бар ононе, ки то рӯзи Қиёмат бар мазҳабат ҳастанд, омӯрзидам»).

ТАНБЕҲ

Ончи, ки аз Имом Абӯҳанифа (р), дар бораи шинохти Парвардигор ба ривояти: («-Ъарафатака ҳаққа маърифатака») нақл шуда аст, агар чунонки ин ривоят саҳеҳ бошад, манофӣ бо ончи, ки аз ғайри эшон, аз авлиёи ҳақ, ба иборате дигар чун: («-Субҳонака мо ъарафнока ҳаққа маърифатака». Яъне: «-Покӣ аст Туро, Туро, чунонки бояд нашинохтаем»). Нақл шуда аст, нест, зеро муроди Имом Абӯҳанифа (р) ин буда аст, ки «-Шинохтам Туро ончунон, ки бояд мешинохтам». Ба шинохте, ки сазовори Ҳақ аст ва аҳаде наметавонад, ба кунҳ (поёни чизе; зот, яъне, ҳақиқат ва воқеияти зоти ҳақ, он тавр, ки ҳаст)-и вуҷуди шарифи он даст ёбад.

Ва ҳақиқат низ ҳамин аст, ки Сайидалмурсалин ва сардори аввалину охирин (с) мегӯянд: («-Ло уҳсию саноан ъалайка анта камо аснайта ъало нафсик. Яъне: «-Наметавонам он чунон ки худ бар хештан сано гуфтаӣ, санои туро баршуморам»).

Ва дар Ҳадис шафоати азиме омада аст: Бар Расули Худо (с) дар вақти дуояшон маорифу маҳомаде илҳом мешуд, ки қаблан ба ишон илҳом нагардида буд, маорифе нав ба нав мутаҷаддид, ки бар эшон файзон мегардид.

Агар касе гуфт, ки истодан бар як по дар намоз, дар назди ғайри Эшон, аз аима (имонон) макрӯҳ аст, зеро Ҳадиси наҳӣ, аз чунин Намозе, Ҳадиси саҳеҳе аст, пас фарзро бар он қарор медиҳем, ки ин кор дар назди эшон низ макрӯҳ буда аст, дар

ин сурат чаро эшон Муртакиби ин амали макрӯҳ гардидаанд? Дар посух бояд гуфт, ки истодани Имом Абӯҳанифа (р) бар як пояшон, дар намоз, ба нияти муҷоҳида бо нафс буд, ва баъид нест, ки нияти муҷоҳида ба нафс, дар мисл чунин ҳолоте, ки хушӯъ (фурӯтанӣ, товазӯъ) дар он мухтал (халал ёфта) намешавад, монеъи кароҳият бошад.

Ва хатми Қуръони Карим, дар як ракаъат мунофӣ, бо Ҳадисе нест, ки мегӯяд: «-Ҳар кас Қуръонро дар камтар, аз се рӯз хатм кунад, мафоҳими онро дар наёфта аст». Зеро ин Ҳадиси шариф «нозир бар ононе аст, ки дар ҳифзу суҳулат (осони)-и қироат ва фарох шудани замон, хориқи одат (хилофи одат-аз мӯъҷизоти анбиёву каромоти авлиё) барои эшон рӯнамо намешавад, дар ҳоле, ки Имом Абӯҳанифа (р) аз аҳли хориқулодат ва соҳиби илҳомоту каромот ва кашф будаанд.

Ба ҳамин далел ривоят шуда аст, ки бисёр аз саҳобаи киром ва тобиъин раҳматуллоҳ Қуръонро дар як ракаъат хатм мекардаанд, балки баъзе аз онон Қуръонро чаҳор бор дар миёни Мағриб ва Ъишо (шом ва хуфтан) хатм кардаанд ва ҳамаи онҳо аз боби каромот аст, (ки Худованд на ба ҳар кас ин амалро насибу рӯзи мегардонад-С.Б.Б), ки касеро бар он эътирозе натавонад буд! 62-77-78.

ДАР ХАВФ ВА МУРОҚИБАТИ ИМОМИ АЪЗАМ (Р) АЗ ПАРВАРДИГОРИ СУБҲОН ВА БАЪЗЕ АЗ ХОБҲОИ НЕКӮЕ, КИ БА ЭШОН МАРБУТ АСТ

Вақиъ (р) мегӯяд: «-Ба Валлоҳ, ки Абӯҳанифа (р) ҳомили амонате азим буд, ва Худои мутаъол, дар қалбаш ҷалолу ҷабарруте тамом дошт. Ӯ ризои Рабби таборакро бар ҳамаи дунёву мо фиҳо тарҷеҳ медод ва агар дар роҳи Аллоҳ (ҷалла ҷалолаҳу) шамшерҳо вайро дар ҳисори худ мегирифтанд, ҳар оина зарбати шамшерҳоро таҳаммул мекард, пас раҳмати Ҳақ

www.kitobam.com

таъоло ва ризои Ӯ (ҷалла ҷалолаҳу) шомили ҳоли вай бод, ризое, ки хосаи аброр аст, чи Абӯҳанифа (р) ба ҳақ аз аброр буд».

Ва Яҳё ибни Қатон (р) мегӯяд: «-Ман чун ба сӯи Абӯҳанифа (р) менигаристам, аз симои вай ба ин ҳақиқат пай мебурдам, ки ӯ аз Худои ъазза ва ҷалл, ба ҳадди тамом метарсад, ва ӯ дар шабе аз шабҳояш «Қуръон»-ро то ба сураи шарифи «Ал-Ҳоқу муттакосур» расид, пас ин ояро то субҳдам такрор мекард, ки мекард ва аз хавфи Ҳақ мӯя менамуд ва зор-зор мегирист».

Язид ибни Лайс раҳматуллоҳ, ки аз ахёри авлиёи ҳақ аст, мегӯяд: «-Пешнамоз, дар ҷамъоати намози «Ъишо» сураи «Изо зӯлзилатил арз»-иро мехонд, ва Абӯҳанифа аз муқтадиёнаш (иқтидокунандагон) буд, пас чун намоз тамом шуд, ба сӯи вай нигаристам, дидам, ки ғарқи баҳри тафаккур аст ва аз синаи пуранвораш оҳу нолаи ҷигарсӯз бармехезад, пас бархостам, то қалби мубораки вай машғул ба ман нашавад ва чароғро ҳамчунон гузаштам, дар ҳоле, ки рӯғани чароғ рӯ ба итмом (тамомшавӣ) буд, сипас дар ҳоле, ки Бомдод тулӯъ карда буд, ба масҷид дар-омадам ва ӯ (Абӯҳанифа раҳматуллоҳ) истодаву маҳосини муборакашро дар даст гирифта, бо як олам ниёз чунин илтимос мекард: («-Эй он зоти зулҷалоле, ки дар баробари мисқоли заррае аз хайр, ҷазои хайр медиҳӣ ва дар баробари заррае аз шарр, ҷазои шарр медиҳӣ?! Нӯъмон (Абӯҳанифа)-ро аз оташ ва ҳар ончи, ки мӯҷиби наздикӣ ба он аст, дар паноҳи худ нигоҳ дор! Ва ӯро дар фарохнои раҳмати хеш ҷой деҳ!»).

Ровӣ (Язид ибни Лайс раҳматуллоҳ) боз мегӯяд: «-Вақте ба масҷид даромадам, дидам; ки чароғ ҳамоно рӯшан аст ва Абӯҳанифа раҳматуллоҳ ба ниёз истода, пас чун маро дид, ба ман гуфт:

«-Мехоҳӣ чароғро бигирӣ? Яъне, инки ӯ (Абӯҳанифа) баҳадде мустағрақ (ғӯтавар)-и зикри Ҳақ ва муноҷоти Вай

(ҷалла ҷалолоҳу) буд, ки гузашти як шаби тамомро бар худ эҳсосе накард (масту махмӯри ҷамолу висоли Ҳақ буду шефтаи сӯҳбат ва розе пурасрор-С.Б.Б)-а буд. Гуфтам: Охир азони «Бомдод»-ро доданд!

(«-Бале, замон бо ҳамаи шитоби хеш, дар эҳсоси Имом Абӯҳанифа раҳматуллоҳ истода буд, ва Имом (Абӯҳанифа) дар дунёи рӯҳонии хеш мустағрақ ва дар сайри анфусӣ (нафс)-и хеш, маҳви тамошои анвори маърифат буд. Оре!»)

- Ва чароғе, ки рӯғани он шомгоҳон рӯ ба итмом буд, то «Бомдод» медурахшид (ин аз каромоти Имоми Аъзам раҳамуллоҳ буд, ки Худованд ба ӯ дода, С.Б.Б). ва шабе ба дарозои он шаб гузашта буд, аммо ӯ (Абӯҳанифа раҳматуллоҳ) гузашти замону вақтро эҳсос накарда буд, пас чун суханони маро шуниду таҳайюрам (ҳайрат, тааҷҷуб)-ро нигарист, фармуд: «-Ибни Лайс, ончиро, ки дидӣ, пинҳон биндор! «-Он гоҳ ду ракаъат суннати «Бомдод»-ро гузорид ва нишаст, то ки намози ҷамоат иқома шавад ва бо вузӯи аввали шаб, бо мо намози «Бомдод»-ро хонд.

Абӯлаҳвас (р) мёгӯяд: «-Агар барои Имом (Абӯҳанифа) раҳматуллоҳ гуфта мешуд, ки шумо то се рӯзи дигар мемиред, дар авқот (вақт)-и ибодату амали Имом (р) вақти изофие мавҷуд набуд, то бар он амале, ки ба таври оддӣ анҷом медоданд, чизеро биафзояд».

Ва дар назди Исо ибни Юнус (р) зикри Имом (Абӯҳанифа раҳматуллоҳ) рафт, пас барои эшон дуои хайр кард ва гуфт: «-Ваҷҳаи ҳиммату арсаи муҷоҳидати вай, ҳама сирф он буд, ки муртакиби маъсияти Худои мутаъол нашавад ва арзишҳои Илоҳӣ ва муқаддасоти вайро бузург дорад».

Ва мегуфт (Имом Абӯҳанифа раҳматуллоҳ): «-Агар душвории таҳайюри мардумро дар ҷаҳолат мулоҳиза намекардам, ҳаргиз фатво намедодам, зеро сахттарин чизе, ки

www.kitobam.com

маро аз дар афтодан, ба дӯзах, дар хавфу ҳарос медорад, ҳамин фатвоҳо аст».

Ва мегуфт: (Имом Абӯҳанифа раҳматуллоҳ): «-Аз он гоҳ, ки худро шинохтам, ҳеҷ гоҳ дар баробари Худои мутаъол ҷасорат накардаам ва карда ҳам наметавонам».

Рӯзе аз канизаш шунид Абӯҳанифа (р), ки аз Худои ъазза ва ҷалл Биҳиштро металабад, пас гирист ва ончунон гирист, ки шақиқаҳо ва шонаҳояш ба ларзаву ҷунбиш дар омад, пас дастур дод, то дӯконашро бибанданд ва дар ҳоле, ки сарашро баста буд, шитобон, бархост ва сипас (Абӯҳанифа) гуфт: «-Чӣ қадар бар Худои ъазза ва ҷалл ҷуръат ёфтаем, яке аз мо мегӯяд: «-Аз Худои ъазза ва ҷалл Биҳиштро металабам». Ва аммо ӯ ин суолро бад-ин ҷиҳат мекунад, ки аз худаш розӣ аст, охир амсоли моён аз куҷо мотавонад, то аз Худои ъазза ва ҷалл толиби афву гузашт бошад?»

Рӯзе пешнамоз, дар намози Бомдод ояи мубораки: «Вало таҳсабанналлоҳа ғофилан ъаммо яъмалу-з-золимун» (Яъне: «Ва Ҳаргиз Худоро аз ончи ситамгарон мекунанд, ғофил мапиндор»)-ро хонд, пас Имом Абӯҳанифа (р) ба ларза дарафтод, то бад он ҷо, ки ҳама муқтадиён мутаваҷҷеҳи ин амр гардиданд.

Ва чун ҳалли масъалае бар вай (Абӯҳанифа) душвор ва печида мешуд, рӯ ба ёронаш мекард ва мегуфт: «-Ин нест магар ба хотири гуноҳе, ки муртакиби он шудаем, пас аз Худои ъазза ва ҷалл омӯрзиш металабам!»

Ва чӣ басо бармехост ва вузӯ мекард ва он гоҳ ду ракаъат намоз мегузорид ва истиғфор металабид, то инки ҳалли он масъала бар вай шикофта мешуд, он гоҳ мефармуд: «-Акнун шодмонам, башоратам бод! Зеро умедворам, ки тавбаам пазируфта шуда бошад, чун ҳалли масъалаи мушкилро дарёфтам».

... Пас ин хабар ба Фазил (р) расид, сахт гирист ва сипас гуфт. «-Худо раҳмат кунад Абӯҳанифаро, ин фарач (кушоиш дар кор) бар вай аз он рӯнамо мешуд, ки гуноҳони вай кам буд. Ва аммо ғайри он ба ин нукта мутанаббеҳ (бедоршаванда, ҳушёру огоҳ) намешаванд, зеро, ки гуноҳони он, эшонро дар худ мустағрақ (ғарқшуда) сохтаанд».

Рӯзе Имом Абӯҳанифа (р) ғафлато пойи тифлеро лағат кард, пас он тифл гуфт: - Эй Шайх! Оё аз қасоси рӯзи Қиёмат наметарсӣ?!

Имом Абӯҳанифа (р) бо шунидани ин суханони он тифл, аз ҳуш рафт ва бар замин афтод, ки пас чун ба ҳуш омад, касе ба, вай гуфт: - Чӣ қадар суханони ин писарбача дар қалбат асар кард? Имом Абӯҳанифа (р) фармуд: «-Аз он метарсам, ки ин сухан, ба вай талқин шуда бошад. Яъне, малак бар забонаш ниҳода бошад».

Рӯзе Имом Абӯҳанифа (р) ва Ибн Ал-Мӯътамар (р)-ро диданд, ки бо ҳам дар масҷид роз мегӯянд, ва зор-зор мегиранд, пас чун аз масҷид берун омад, касе аз вай пурсид: - Шуморо чӣ шуда буд, ки зор-зор мегиристед? Фармуд: «-Замонаро ба ёд овардем ва ғалабаи аҳли ботилро бар аҳди хайр, пас аз ин ҷиҳат гиряи мо бисёр шуд».

Ва дар ҳангоме, ки ба намози шаб меистод, (Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ), садои афтодани қатароти гуҳарбори ашки вай бар рӯи ҳасир (фарш, аз баргу пояҳои нозуки най ва ё аз барги хурмо бофташуда) шунида мешуд, гӯё инки борон меборад ва асари гиря дар чашмон ва ҳарду гунаи рухсори мубораки вай машҳуд буд ва бештар ба муроқибат (ибодати Ҳақ, аз рӯи хавф ва эҳтироми бандагӣ)-и Парвардигори субҳон машғул буд, ки раҳмату ризвони Ҳақ бар вай бод». 62-78-82.

«Ривояти саҳеҳ аст, ки Имом Абӯҳанифа (р) ҷамоли Худои таборак ва таъолоро наваду нӯҳ бор дар хоб дид, (яъне, ҳақиқати куллро дарёфт-С.Б.Б), пас бо худ гуфт, агар бори

www.kitobam.com

садум ӯ таъолоро дар хоб бинам, аз ӯ хоҳам пурсид, ки бо чи чиз халоиқро аз азоби хеш наҷот медиҳад. Ҳамон буд, ки барои садумин бор ӯ таъолоро дар хоб дид ва он суолро аз ӯ таъоло кард ва ҷавобаш хешро низ дарёфт».

Боре дар хоб дид, ки гӯё қабри Расули карим (с)-ро набш (кандан, шикофтан) менамояд ва яке аз ёронашон низ эшонро чунин хобе дид ва низ дар ҳамон хоб дид, ки эшон аз хоки қабри он Ҳазрат (с) миқдоре зиёд бармегиранд ва аз чаҳор ҷиҳат, дар ҳаво меафшонанд ва мардум ҳам ба сӯи эшон нигоҳ мекунанд ва касе бар ин корашон айб намегирад. Ин хоб он ёри Имом Абӯҳанифа (р)-ро сахт ваҳшатзада сохт, пас онро бар пири илми таъбир ва кашфу каромот Имом Ибни Сайрини тобиъӣ (р), ба таври сарбаста ҳикоят кард. Пас Имом Сайрин (р) гуфт: «-Вой бар ту! Ин касе, ки ту барои вай ин хобро дидай, марде аст бузург ва олиқадр, агар чунончи фақеҳ ё олим бошад». Он ёри Имом Абӯҳанифа (р) мегӯяд, гуфтам: -Ӯ фақеҳ аст. Гуфт: «-Ба Худо, ки ин мард аз илми Расули Худо (с) он қадар мунташир хоҳад сохт, ки тамоми мардуми рӯи Замин ба андозаи вай наметавонанд нашр кунанд ва исми ин мард дар Шарқу Ғарби олам тамоми ҷиҳоте, ки ӯ ин хокро афшонидааст хоҳад рафт».

Худ Имом Абӯҳанифа (р) низ ин хобро бар Ибни Сайрин ва яке аз шогирдонаш ҳикоят кард ва айнан ҳамин таъбирро шунид. Ривояте ҳаст мегӯянд, ки Имом Абӯҳанифа (р) баъд аз ин хоб гоми қавӣ, дар майдони фатво ниҳод ва дар арасоти фиққу аҳкоми шаръӣ сухан гуфт,» 62-148.

(Бале, ҳақ аст ва ба ростӣ назди мо ривояти боло беш аз ҳақиқати ҳол аст, ки Ҳазрати қутбулавлиё ва ибрати инсони комил ва олими фозил ва фақеҳи комил ва имоми барҳақ ва муассиси мазҳаби муҳаззаби ҳанафия Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифаи сӯфии Кӯфӣ раҳматуллоҳу алайҳ олимтарини уммат ва вориси шоистаи Ҳазрати Расули акрам-Муҳаммади

Мустафо (с)-анд, ки суннат ва илму ҳикмати шариати ғуррои Муҳаммадия (с)-ро бо иродаи Парвардигори субҳон, ба хубиву шоистагӣ ва сарбаландӣ интишор доданд ва ба дурустии башорати Расулуллоҳ (с) илмро нав ба нав баён намуданд ва биёбонҳоро пур аз ҳикмати илоҳӣ карданд. Ва ҳам ба дурустӣ, ба эшон мушарраф гардида, ки ба ивази тоату ибодати ботиниашон ва сидқи беандозаашон ва муҳаббати бепоёнашон, ба Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам, сад маротиба, ба дидори чигун ва бе чигуни он Ҳақтаъоло, дар хоби нозашон, дастёб шаванд.

... Маълуми аҳли хос аст, ки ба ривояти Абӯҳурайра (р), ба Расулуллоҳ (с) ҳини дар масҷид, ба зикри Аллоҳ таъоло саргарм буданашон Ҳазрати Ҷибриили Амин алайҳиссалом паём дардодаанд ва салому таҳсину офаринҳои Парвардигори субҳон ва дуруди малоикро, бар Эшон (с) расонидаанд ва аз боргоҳи Илоҳӣ армуғоне, ба Паёмбар (с) овардаанд, ки он дуои бузурги «Кимиёи саодат» аст, ки яке аз сарчашмаҳои ҳама хушбахтиҳои умматони солеҳи Расули акрам (с) ва наҷоти эшон, аз шарру шӯриҳои олам аст, ки панҷоҳ хосият дорад. Ва он дуойи бузург, аз панҷоҳ калимоти басо қудсиёна ва муаззам иборат аст, ки хосиятҳои азим ва асрори зиёдеро дар худ доранд ва ҳамчунин боз агар даричаи ҳикмати ҳар як калимоти муаззами ин дуойи шарифро, дар алоҳидагӣ, вазифаи худ намоед, бисёр асрори ғайбиро кафш хоҳед кард. Ва ҳақиқатро хоҳед дарёфт, ки мурод аз дидани ҷамоли Ҳак ҳамин аст.

Ва ягона зоти шарифе, ки аз асрори комили ин дуои «Кимиёи саодат», ба пуррагӣ ва ба таври ба инсоният басанда воқиф гардидаанд, Ҳазрати Расули акрам (с) мебошанд. Ва баъди Расулуллоҳ (с) бар уммати эшон (с), яъне, ба он фардони басо содиқу солеҳ, суннат шуда, ки аз чаҳор ёри босафо (р) ва саҳобаи киром (р)-у тобиъин (р)-и гуромӣ сар

www.kitobam.com

карда, то ба ин дам, дуои номбурдаро вазифаи худ қарор бидиҳанд, то бошад, ки барои расидан ба ҳақиқати кулл роҳи эшонро мунаввар сохта бошад.

Аз таърихи Фарҳангу маърифати Исломи мубин, ба мо маълум аст, ки чи қадар ашхоси мӯътабар, роҳи пурфарози ин тариқатро тай намудаву аз худ номи нек, дар ҷомеаи башарӣ, боқӣ гузоштаанд (аз ҷумлаи эшон Ҳазрати Имом Муҳаммади Ғаззолӣ мебошанд, ки аз баракати ин дуъои бузург ба кашфу каромотҳо расида, номи асари лозаволи хешро «Кимиёи саъодат» гузоштаанд).

Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), аз зумраи он авлиёи барҳақ ва имоми ҳумоми аҳли суннат ва ҷамоатанд, ки дар роҳи интишори илму ҳикмат ва маърифати дини мубини Ислом ва бандагии Худойро ба ҷой овардан, басо ҷонбозиҳо карда, шабу руз алайҳи андешаи ботил муборизаи бе амон бурдаву дирафши партавафшони ҷовидонсабзи Исломро баланд бардоштаанд ва дар роҳи расидан ба ҳақиқати кулл зиёда тири ҳақ ба сӯи ботил задаанд...

Ва ба муаллифи ин фарозмониҳо, дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои муридона ва шогирдона, каме ҳам бошад, ошкор гардид, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), он роҳнамову «Чароғи уммат»-и Расулуллоҳ (с), тавассути чигуна зикри шариф, бештар дилбастаи ҷамоли Ҳақ таъоло мешудаанд? Ва дар аснои ҷустуҷӯ, дар кӯчаҳои пур аз дару деворҳо ва равзаҳои шаҳри мақосид, ба ҳамон манзили таваққуф расидам, ва каме маълумам гардид, ки мисли дигар авлиёву кубаро, Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар баробари тоату ибодат ва бандагӣ, ба Худованд ва зикри шарифу дуруди бепоёнашон, ба Расулуллоҳ салъам, ки шабу рӯз, дар ҳар нафаси муборакашон, аз ҷаноби эшон (р) ичро мегардиду амалӣ мешуд, зиёда ин зикри шарифро ба забони мубораку ҳалқаи тасбеҳи табаррук мегардонидаанд, ки яке аз калимоти

муаззами дуойи бузурги «Кимиёи саодат» буда, роҳ, васила ва воситаест, ки инсони комил метавонад, ба ҷамоли Ҳақ, яъне, ба ҳақиқати кулли Ӯ таъоло ҷалла ҷалолаҳу то андозае мушарраф гардад.

Он ҷо, ки худи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мефармоянд: «-Агар ҳар каси солеҳ бихоҳад, ки ба ҷамоли Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло мушарраф гардад, аз рӯзи нӯҳуми моҳ сар карда, бисту як рӯз, пас аз намози Ъишо, яъне, хуфтан, бо таҳорати том, ҷомаи поку ҷои пок, хонақоҳи хешро хушбӯй ва муаттар карда, ҳар шаб ҳафтоду як борӣ, калимаи муаззами зеринро бо сидқи том тиловат бикунад. Ва бо фармони Худованди мутаъол, ба дидору ҷамоли пурфурӯғаш мушарраф гардонад. Агар мушарраф нагардад, фардо рӯзи «Қиёмат», пас аз Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит даъвогар шавад, яъне, ҳар солеҳе, ки ин сулукро ихтиёр мекунад. Ва он калимаи муаззам ва мукаррам ин аст, аз он дуойи «Кимиёи саодат»: «Аллоҳумма Анта-л-Ғафуру ва ана-л-музнибу, фа-ман ядъу-л-музниба илла-л-Ғафуру ё Раббӣ...». Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр).

Ва Азҳар ибни Кайсон (р) мегӯяд: Расули Худо (с)-ро ба хоб дидам, дар ҳоле, ки Абӯбакри Сиддиқ ва Умар Ал-Форуқ разиаллоҳу анҳумо пушти сари Эшон (с) буданд, пас ба он ду гуфтам: - Мехоҳам аз Расули Худо (с) роҷеъ ба амре суол кунам. Гуфтанд: - Суол кун, аммо садоятро баланд накун!

Пас, аз Расули Худо (с), роҷеъ ба илми Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳматуллоҳ суол кардам. Он Ҳазрат (с) фармуданд: «-Ин илме аст, ки аз чашмасори илми Хизр файзон карда аст». Ва дар хоб дидам, ки мегӯяд Азҳар ибни Кайсон (р), се ситораи бузург ба тартиб аз осмон суқут кард аввали он Абӯҳанифа буд, сипас Мусаъар ва баъд аз он Сӯфёни Саврӣ разиаллоҳу анҳумо, пас ин хобро барои Муҳаммад ибни Муқотил ҳикоят кардам, гирист ва гуфт: -

www.kitobam.com

Уламо ситорагони зиннатбахши заминанд ва ин хобат нишонаи реҳлати онҳо аст...».

Ва низ Имом Абӯҳанифа (р), боре Расули Худо (с)-ро ба хоб дид, ки дар Маҳшаргоҳ, бар сари ҳавзи («Оби ҳавзи Кавсар») хеш истодаанд ва дар ҷониби рости эшон (с) Иброҳими халилуллоҳ алайҳиссалом аст, ки рухсорашро бар синаи мубораки он Ҳазрат (с) ниҳода ва боз баъд аз эшон Абӯбакри Сиддиқ (р) ба ҳамин ҳайат қарор дорад, то ҳафдаҳ тан аз бузургони дин, ки якояк онҳоро баршумурд. Ва яке аз ҳамсоягони хешро дар баробари ҳавз дид, ки дар пешорӯйи вай зарфе аст, пас аз он ҳамсояи хеш хост, ки он зарфро ба вай диҳаду то биёшомад, ӯ гуфт: «-То аз Расули Худо (с) иҷоза нагирам».

Пас, аз Расули Худо (с) иҷоза хост, эшон (с) иҷоза доданд ва ӯ зарфе аз оби Кавсар ба Имом Абӯҳанифа (р) дод, ва эшон аз он ошомиданд ва тамоми ёрони хешро низ аз он нӯшониданд. Аммо ба андозаи сарангуште аз он об кам нашуд ва ин обе буд сафедтар аз шир ва сардтар аз барф ва ширинтар аз асал. Ва яке аз абдол (инсони шарифу солеҳ) Муҳаммад ибн Ал-Ҳасан (р)-ро ба хоб дид ва аз вай пурсид: - Худои таъоло бо ту чӣ муомила кард?

Гуфт: - Худои таъоло ба ман фармуд: « Ман синаи туро зарфи илм қарор надодам, то туро азоб намоям». Пас аз вай пурсидам: - Бо Абӯюсуф чӣ гуна муомила кард?

Гуфт: - Бартар аз ман.

Гуфтам: - Бо Абӯҳанифа (р) чӣ гуна муомила кард?

Гуфт: «-Ӯ дар «Аъло-ъилиййин» (болотарин баландиҳо, болотарин мақоми Биҳишти анбарсиришт) аст... Ва дар ривояте омада аст, ки гуфт: - Ӯ чандин дараҷа бартар аз Абӯюсуфи Яъқуб (р) аст».

Ва яке аз солеҳонро баъд аз вафоташ, дар хоб диданд ва аз вай пурсиданд, ки Худои таъоло ба ту чӣ кард?

Гуфт: - Маро омӯрзид ва ба ман ва ба Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон ибни Собит, дар ҷамъи малоика мубоҳот (тафохур ва нозиш, фахридан) кард ва ману ӯ бо ҳамдигар дар «Аъло ъилиййин» ҳастем.

Шахсе, аз шогирдони Муқотил ибни Сулаймон, дар ҳалқаи дарси вай истод ва гуфт: - Дар хоб дидам, ки гӯё марде бо ҷомаи сапед аз осмон фуруд омад ва бар баландтарин манораи Бағдод истод ва нидо кард:

- Мардум чӣ чизро гум кардаанд?

Муқотил ибни Сулаймон гуфт: - Агар дар хобат ростгӯ бошӣ, мо ба зудӣ олимтарин фарди оламро аз даст хоҳем дод, ҳамон буд, ки Ҳазрати Имом Абӯҳанифа (р) реҳлат намуд, пас Муқотил истирҷоъ гуфт (яъне: «Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун» - Мо аз они Худоем ва ба дурустӣ, ки ба сӯи ӯ бармегардем) ва он гоҳ изофа кард: «-Имрӯз касе вафот ёфт, ки аз уммати Муҳаммад саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам бори ранҷи мушкилотро бармедошт ва равзанае ба сӯи нур бар рӯи ин уммат мекушуд».

Ва Абӯмуъофӣ Фазл ибни Холид мегӯяд: «-Расули Худо (с)-ро дар хоб дидам, пас ба эшон гуфтам: - Ё Расулуллоҳ (с)! - Назари Шумо дар бораи илми Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) чист?

Фармуданд: «-Илми ӯ илме аст, ки мардум ба он ниёзманданд». Ва аз Мусаддад ибни Абдурраҳмони Басрӣ, ривоят шуда аст, ки ӯ қабл аз Бомдод, дар Маккаи Мукаррама, миёни рукн (сутун)-у мақоми Иброҳим ъалайҳиссалом хоб шуд ва Расули Худо (с)-ро ба хоб дид, пас ба эшон гуфт: - Ё Расулуллоҳ (с) назари Шумо дар бораи ин марде, ки дар Кӯфа аст, бо номи Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит чист? - Оё аз илми вай (яъне, Абӯҳанифа) баргирем?

www.kitobam.com

Ҳазрати Расулуллоҳ, яъне, он муборакбаён (с) фармуданд: «-Аз илми вай баргир ва ба амали вай амал кун, зеро, ки ӯ Имоми шоиста ва некмарде аст».

Ровӣ (яъне, Мусаддади Басрӣ) мегӯяд: «-Пас аз хоб бархестам ва дар ҳоле, ки он лаҳза бадхоҳтарини мардум барои Нӯъмон (Абӯҳанифа раҳматуллоҳ) будам, аз Худои ъазза ва ҷалл бар ин амр омӯрзиш талабидам».

Яке аз аимаи мазҳаби ҳанбалӣ, Расули Худо (с)-ро ба хоб дид, пас ба эшон гуфт: - Ё Расулуллоҳ (с)! Ба ман аз мазоҳиб сухан бигӯед? Пас, он Ҳазрат (с) фармуданд: «-Мазоҳиб се аст».

Пас, дар хотирам чунин афтод, ки алъон Он Ҳазрат (с) мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифаро аз қатори мазоҳиб хориҷ месозад, аз ҷиҳати тамассук (даст задан)-и вай ба раъй.

Аммо Эшон (с) фармуданд: «-Абӯҳанифа ва Шофеъӣ ва Аҳмад». Сипас изофа карданд Он Ҳазрат (с): «-Ва Молик чаҳорум, чаҳорум». Пас, суол кардам: - Кадом як аз онҳо беҳтар аст? Гумони ғолиби ман ин аст, ки Эшон (с) фармуданд: «-Мазҳаби Аҳмад». 62-148-151.

«ДИГАР ДОНОЙИ РОЗ - ОЯД, КИ Н-ОЯД»

Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинфа шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

Хоҷа Ҳофиз

Овардаанд, ки дар аҳди Имоми Аъзам (р) Абӯҷаъфари Давонақии Аббосӣ (ки мӯътазилгаро буд) халифаи замон буд, яъне, ҳамон Абӯҷаъфар ки Имом Абӯҳанифа (р)-ро душман медошт. Аз баҳри он, ки Абӯҳанифа (р)-ро ҳар коре, ки Абӯҷаъфар Фармудӣ, накардӣ. Бинобар он буд, ки он вақт вай ҳанӯз халифаи хилофат набудӣ, баъд аз он ки ӯ халифа шуд ва Абӯҷаъфар мар Абӯҳанифаро гуфт:

- Қузоро бигир (яъне, мансаби қозиюлқуззотӣ) Имоми Аъзам (р) қузоро намегирифт ба ҳукми ҳадиси Расул (с): «-

Ман азҳа қузоан фақад забҳ би ғайри сакин». (Яъне: «Ҳар, ки қузоро гирифт худро кушт (бе корд). Ва дигар Расул (с) мефармоянд: «-Дар дӯзах осиёсангҳоест оташин, ки дар вай ба ғайр аз сарҳои қозиён ос накунанд». Мурод аз он қозиёнанд, ки дар дунё майл карда бошанд ва мӯҷиби шаръ напурсида ва ҳақро пӯшида ва аз ҳақ таъоло натарсида бошанд.

Оре, Худованди Карим уламоро баробари пайғамбарон ҳисобидааст. Он уламое, ки каломи Ҳақ-Қуръони шарифро хонанд, маъно бидонанд ва авоммунносро баён намоянд, ва ба Суннати Расулуллоҳ (с) амал намоянд.

Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) мефармоянд, ки: «-Уламоу умматикал-анбиёи бани Исроил». (Яъне: «Уламои уммати ман мисли пайғамбарони бани Исроиланд» ва ҳурмати илми худ нигоҳ, доранд, ба дунё ҷамъ кардан машғул набошанд ва агар ба дунё олӯда гарданд нек набошанд ва аз чунин уламо дур бояд будан). Инчунин фармудаанд он Ҳазрат (с): «-Бадтарини уламо, ба пеши подшоҳон равад ва беҳтарин подшоҳон он аст, ки ба зиёрати уламо равад (Хушо ба номи Раиси ҷумҳурӣ – мӯҳтарам Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон, ки беҳтарин подшоҳанд ва эҳтироми уламоро ба ҷо меоранд ва ба ҳурмати поси дини Расули акрам ва эҳтироми Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) бо шуҷоати том ва ихлосу сипос дар рӯзи ҷаласаи пуршукӯҳу ботантанаи ҷашни 17-солагии Истиқлолияти кишвар аз минбари баланд бо забони муборак эълон намуданд, ки соли 2009-соли бузургдошти Ҳазрати Имоми Аъзам (1310-солагӣ) эълон карда шавад). Агар уламо ба пеши умаро равад аз барои иззати дунё лоҷарам мустаҳқиқи маломат ва мазаммати ин дунё ва охират шаванд,»

Расули Акрам (с) гуфтаанд: « Ба пеши олим равед ва бинишинед, то Шуморо аз чаҳор чиз далолати хайр бикунад, аввал аз шакки яқин далолат кунад ва шубҳаро аз дили Шумо

www.kitobam.com

барорад, дуввум аз такаббуру тавозӯъ самъ (гӯшзад) намояд; саввум аз адовати мусалмонон парҳезонад ва ба насиҳати мусалмонон кашад, чаҳорум одамонро манъ кунад, аз дунё ва онон ба дунё рағбат накунанд».

Ҳазрати Расул алайҳиссалом гуфтаанд: «Хоб кардани олим беҳтар аст, аз намоз хондани ҷоҳил. Як кори олим бар шайтон нохубтар аст, аз ҳазор кори обид. Як соат дар пеши олиме бе тамаъ нишастан, беҳтар аст, дар назди Аллоҳ таъоло, аз ибодати ҳазорсола, ки дар ӯ маъсият набошад. Соате бо олиме нишинад чунон бошад, ки бо пайғамбарон нишаста бошад. Ҳар ки бо пайғамбар нишинад, аз азоби қиёмат дар амон бошад».

Дар, рӯзи қиёмат се гурӯҳро шафоат бошад. Аввал набиро, дуввум уламоро, сеюм шаҳидонро, ки холисанлиллоҳ, мурда бошанд. Аммо назди Аллоҳ таъоло хеҷ кас азизтар аз олими омил, ки ӯ донандаи Каломи ҳақ ва посдорандаи Суннати Расулуллоҳ (с) бувад нест. Ҳар киро, ки Худои таъоло илм дод ӯро азиз доред, ки азизкардаи Худой аст. Ашрофи аҳли биҳишт уламойи уммати Муҳаммаданд (с). Худи Расули Акрам (с) фармудаанд: «Чунончи ситорагон зиннати осмонанд, уламо зиннати умматони содиқи мананд». 91-20-22.

Хулоса, Имоми Аъзам (р) ба ҳукми ин аҳодиси Расул (с) мансаби қозӣ будан ва ашғоли қозиётро бар ӯҳда намегирифт ва Абӯҷаъфар бар вай бад-ин сабаб шадид шуда буд, то мушовирони тиҳимағзу дарбориёни аз одамият дӯри ӯ, мар Давонақиро гуфтанд, ки рӯзе ҷамъ шавем ва Абӯҳанифаро биталабем то ту ӯро андаке кор фармоӣ ва ӯ бикунад ва ту аз вай дилхуш шавӣ. Рӯзе ҷамъ шуданд ва Имоми Аъзам (р)-ро талаб карданд. Чун Абӯҳанифа (р) биёмад, Мансури Давонақӣ корд ва қалам пеши Абӯҳанифа (р) ниҳод. Имом он кордро бигирифт ва қалам битарошид ва ба дасти вай бидод. Давонақӣ чун он қаламро бигирифт ва ба дунболаи чашм ба

аъма нигоҳ кард, яъне, Имом маъмӯри амри ман шуд ва кори ман кард ва гуфт: - Ё Абӯҳанифа некӯ тарошидӣ. Абӯҳанифа (р) гуфт: «-Бидеҳ, то беҳтар аз ин тарошам».

Даст дароз кард ва қаламро бигирифт ва бар замин зад ва бишкаст ва гуфт: «-Қалам тарошидам ва маъмӯри амри ту шудам, аммо раво надоштам, ки то ба қалами тарошидаи ман зулм кунӣ мардумро». Пас Абӯҷаъфар Мансури Давонақӣ шадидтар шуд ва Абӯҳанифа (р)-ро боздошт ва ҷаллодеро, ки номи вай Меҳравонӣ буд, ӯро фармуд, ки мар Абӯҳанифаро чӯб зан. Вай чӯб назад ва Абӯҳанифа (р) рӯзе гуфт, ки: «-Маро муғон ва чуҳудон ва тарсоён чӯб назананд». Рӯзе дигар гуфт, ки «-Ъавоне (ки на пир ва на ҷавон-С.Б.Б), ки тавба карда буд, хатар дорад, ки кофир шавад ва ӯ маро чӯб занад». Ба забони Мубораки Имоми Аъзам (р) ин сухан рафта буд, бинобар он Давонақӣ гуфт, ёфтам ва аввалан тарсоёнро талаб кард ва гуфт: -Бояд, Абӯҳанифаро чӯб занед. Эшон гуфтанд ҳазор динор бидиҳем, аммо Абӯҳанифаро чӯбе назанем. Ва чуҳудонро талаб кард. Онон низ ҳамчунон гуфтанд. Ва муғон низ ҳамчунон гуфтанд.

Баъд аз ин ъавони тавбаркардаро оварданд. Давонақӣ фармуд: - Мебояд, ки Абӯҳанифаро чӯб занед. Ӯ даромад ва Абӯҳанифа (р)-ро чандон чӯб зад, ки он ҳазрат аз худ бехуд шуданд. Он вақт он лаъин берун омад, мар Абӯҷаъфарро замин бӯса кард ва чунин меоранд, ки он ҳазратро то ду ҳафта бизаданд он худоношиносону куффори мулҳиқ. Чун ҳафтаи саввум шуд Абӯҳанифа (р)-ро аз маҳбас берун оварданд ва халифа мехост боз ӯро чӯб занад.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) рӯ сӯи Меҳравонӣ кард ва гуфт: - Эй Меҳравонӣ, охир чӣ чиноят дорам, чандон бимонӣ, ки ҷароҳат некӯ шавад. Он вақт бизан!» Ҷаллод Меҳравонӣ раҳме бар дилаш омад ва дигар чӯбе назад ва он

www.kitobam.com

ҳазратро ба хона даровард. Хабар ба Абӯҷаъфар расониданд, ки Меҳравонӣ ӯро чӯб намезанад.

Абӯҷаъфар чун Меҳравониро талаб кард ва гуфт: - Чаро тарки амри ман кардӣ ва Абӯҳанифаро чӯб назадӣ, Акнун мебояд, ки аз пеши тахти ман дур шавӣ. Меҳрзавонӣ гуфт:

- Аз пеши тахти ту дур шавам, беҳтар аст, ки аз раҳмати Худои таъоло дур шавам. Баъд аз он Абӯҳанифа (р)-ро назди худ хонд (аз рӯи хусумати мазҳабӣ) ва қадаҳро, ки пур аз заҳр карда буд, бад-ӯ дод, то бинӯшад. Ҳазрати Абӯҳанифа (р)-ро маълум шуд ва аз баракати илми каромот донист, ки дар қадаҳи халифаи пастфитрат ва язидсифат чист, бархос ва ба сӯи дар равон шуд. -Абӯҷаъфар гуфт, ки ё Абӯҳанифа куҷо меравӣ? Гуфт: - Он ҷо, ки ту фиристодӣ меравам, аммо ту боре чаҳд кунӣ маро бознаёбӣ». Оре, ҳақ бар ҷониби Ҳаким Фирдавсӣ аст, ки гуфта:

Ба шаҳре, ки бедод шуд подшо,
Надорад хирадманд будан раво. (С.Б.Б.)

Чун ба хона боз даромад (Имоми Аъзам раҳамуллоҳ) Ҳаммод-фарзандашро гуфт: «-Эй писар, нури чашмону қуввати падар, чун гузашта шавам маро дар хона бинеҳ чандоне, ки гуфтугӯи ин аҳли дӯзах фурӯ шинад». Чун Ҳазрати Абӯҳанифа (р) вафот ёфт, Ҳаммод ҳамчунон кард; дар хона биниҳод он ҷасади муборакро ва ташбеҳе кард, ки то сари хок мерафт ва боз мегашт. Пас он муддаиёне, ки буданд гуфтанд, ки Абӯҷаъфар набояд, ки аз ин кор пушаймонӣ оварад ва бар мо шадид шавад. Пас тадбир карданд он аҳлил-лаъин, ки меравем ва хоки (қабр)-и Абӯҳанифаро биканем ва ӯро бикашем ва ҷойи ҷасади ӯ дар қабр, сагро биниҳем ва гӯем, ки Абӯҳанифа дар қабр саг шудааст.Чун бирафтанд, хоки Абӯҳанифа (р), биковиданд, аммо он ҷо ҷасади мубораки Абӯҳанифа (р)-ро наёфтанд ва лошаи саги мурдаро андар он хок биниҳоданд ва бозгаштанд. Чун дигар рӯз шуд Абӯҷаъфар

аз он коре, ки кард пушаймон шуд. Эшон гуфтанд: - Чаро пушаймон мешавӣ, аз барои касе, ки вай дар хок саг шудааст. Ӯро аҷаб омад ва устувор надошт. Эшон гуфтанд, агар устувор надорӣ, касе бо мо бифирист, то равад ва бо чашмони худ бубинад. Чун бирафтанд ва биковиданд, диданд саге андаруни хок ёфтанд. Давонақиро аз он воқеъа хабардор карданд. Давонақӣ, Ҳаммод-фарзанди Абӯҳанифа (р)-ро талаб кард ва пурсид, ки падари ту чӣ хислат дошт, ки дар хок саг шудааст?

Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р) дарҳол аз мантиқи насиҳати падар пай бурд ва гуфт: «-Маъозаллоҳ касе, ки бар як таҳорат чиҳил сол намози хуфтан ва намози бомдод гузорад ва бар паҳлӯи рост хуспад, ҳазор масъала вазъ кунад ва бар паҳлӯи чап хуспад, ҳазор масъаларо ҷавоб гӯяд. Инчунин кас дар хок чӣ гуна саг мешудааст ?

Ҳаммод писари Абӯҳанифа (р) халифа Абӯҷаъфарро гуфт: «-Падари маро шумо ҳам дида будед?» Ҷумла гуфтанд, ки дида будем. Ҳаммод гуфт: «-Агар акнун бинед, мешиносед?» Абӯҷаъфар гуфт: - Оре.

Ҳаммод дасти Абӯҷаъфарро гирифт ва ба хона бурд ва дар хонаи торик даровард ва чодаршабе, ки дар рӯи ҷасади мубораки Абӯҳанифа (р) буд бардошт. Хонаи торик ҳамчунон равшан шуд, ки гӯё офтоб, дар хона афтод. Абӯҷаъфар дид, бишнохт, бигристу афсӯс ва надомат хӯрд, валекин фоида надошт... 63, 16, 17, 18.

Вале бояд қайд намуд, ки дар бораи сабаби асосии вафоти Ҳазрати Имоми Абӯҳанифа (р), дар байни муҳаққиқону муаррихони таърихи Ислом, низ фикрҳои мухталиф ҷой доранд.

Яъне, аксари муҳаққиқон сабаби вафоти Эшонро ҳамоно қабул накардану напазируфтани мансаби «Қузо» гуфтаанд, ки гӯё ба иллати саркашӣ намудани Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), аз ин вазифа, аз ҷониби Халифа Мансури Аббосӣ мавриди

www.kitobam.com

азобу шиканҷаи сахт қарор гирифта ва дар оқибат аз зарби дарраҳои ҷаллодони халифа, ба таври басо ҳузнангезу фоҷиавӣ, аз олами пурфитнаву пуршӯру шари инсонӣ, даргузаштаанд, ки ин ба ҳақиқат онқадар наздик нест. Зеро Халифа Мансур, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) барин шахсияти бузург ва фидоии илми шариъат, муҷтаҳид ва посдорандаву эҳёкунандаи суннати сайиди коинот Ҳазрати Расулуллоҳ (с) (дар партави Қуръон) ва поягузори илми фиқҳро ба як баҳонаи қабул накардани мансаби «Қозиюлқуззот», «дар дорулхилофаи Бағдод, ки маркази хилофати исломӣ буд, бо чунин. азобе сангин, ба қатл расонад. Пас, сабаби асосии хашми тезу тунди Халифа, нисбати Имом Абӯҳанифа (р) дар чист?

Агар мо ба сари ин масъала дуруст мулоҳиза намоем, ба яқин хоҳем дарёфт, ки сабаби асосии ин воқеаи нангини таърихӣ дар чист? Ба гумону андешаи мо, сабаби асосии вафоти Имом Абӯҳанифа (р) ин ҳамоно баҳонаҳои сиёсии дигар ва боз ҳамон тӯҳматҳои бардурӯғу фитнаангези атрофиёни Халифа Мансур, яъне, бадхоҳони Имоми Аъзам (р) буда, ки оқибат Имоми Аъзам (р) қурбони ин дасисаҳо гардидаанд. Ба ҳама маълум аст, ки дар ҳама давру замон гирди ҳокимонро чӣ гуна шахсон ташкил ва иҳота мекунанд. Халифа Мансур, ки саргарми андешаи салтанат ва ҳавову ҳаваси рӯзгор буд, дар ғафлат монда буд, ки ҳукумати ӯро чи гуна «олимон», «сиёсатмадорон» ва «мушовирон» ташкил намудаанд, ки ба ҷуз хобу хаёл, молу аёл ва ҷангандозиву ҷудоиандозӣ ва хабаркашиву одамкушӣ, дигар чизе нест, яъне, возеҳтар бигӯем, кори эшон мисли шайтон, фитна барангехтан, байни одамон ва аланга додани хашми ҳокимон, бар ходимону мазлумон асту бас. Бинобар ҳамин қабул накардану ба ӯҳда нагирифтани мансаби «Қузо», аз ҷониби Имоми Аъзам (р), аз он ҳазор тӯҳмати хушк, танҳо якест.

Сухан кӯтоҳ, оиди ин масъалаи баҳснок мо ҷонибдори далелҳову нукоти зер ҳастем, ки онро Аллома-Муфтӣ Ал-Ҳиҷоз Шайх Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккиӣ, дар китоби худ «Маноқиби Имоми Аъзам» (тарҷумаи форсии «Хайрот ал-Ҳисон фӣ-маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон»-и Шайх Шаҳобиддин Ҳайтамии Маккиӣ) дар асоси ривоёту маъхазҳо, ба таври муфассал дақиқан баён доштаанд. Яъне, эшон-соҳиби китоби зикришуда, дар сабаби азоби сангин кашидан ва вафоти Имоми Аъзам Абӯҳанифаи Кӯфӣ (р) овардаанд:

«-Гуфтем, ки Мансур он Имоми Аъзам (р)-ро барои ӯҳдадор гардидани мансаби «Қузо», ба «Дорулхилофа» эҳзор (ҳозир кардан) кард ва аз эшон хост то мансаби «Қузо»-ро, яъне, «Қозиюлқуззот»-ро дар «Дорулхилофа» бипазиранд, ва қузоти билоди Ислом, таҳти назару амри эшон бошанд. Аммо Имом Абӯҳанифа (р) ин мансабро напазируфтанд, зеро эшонро Худованд барои корҳои аз ин ҳам болотару волотар, яъне эҳёи шариъати муҳаммадия (с) дар роҳи Қуръон ва суннати Расулуллоҳ (с) маъмур гардонида буд. Пас Халифа Мансур савганде ба ҷидду (ба исрор) муғаллаз (сахт, яъне, қасаму савганди сахт) ёд кард, ки агар Имом Абӯҳанифа (р) ин мансабро напазиранд, эшонро ба зиндон меафканад ва чунин ҳам кард ва дар асное, ки Имом Абӯҳанифа (р) дар ҳабс буданд, ӯ касони хешро назди эшон мефиристод, бад ин пайғом, ки: - Агар ба фикри халосии хешӣ, пас ин ӯҳдаро бипазир! Аммо аз вай исрор буду аз Имом Абӯҳанифа (р) инкор. Ва чун Имом Абӯҳанифа (р) бар имтиноъи хеш пофишорӣ намуд, Мансур амр кард, то Имом Абӯҳанифа (р)-ро ҳар рӯз, аз зиндон берун оварда, ва даҳ шаллоқи сахт бизананд ва мунодӣ (ҷорчӣ), дар бозорҳои шаҳри Бағдод ин амрро эълон кунад, пас эшонро аз зиндони тангу тор ва намноку пуртаф берун оварда ва ба таври дардноке шаллоқ

www.kitobam.com

заданд, ки заданд. То, бадончӯ, ки аз ҳар ду пойи муборак хун ҷорӣ шуд ва дар ҳоле, ки мунодии Мансур ин рӯйдоди вақеҳ (бе шарму ҳаё)-ро эълон мекард, маъмӯрони Халифа Мансур Эшонро, яъне, Имом (р)-ро бо тану бадане фигору рӯҳе фигортар аз он, дар бозорҳо мечархониданд (яъне, ҳокимони кӯрдил ва кофирпешаву басо ҷоҳили Ироқи ҳамонвақта, яъне, маркази Хилофат-Бағдод, дар кубарову авлиёкушӣ, аз раҳибони худ Уммавиён кам набуданд ва мисли яҳудиёни худоношиносу ҷоҳил, ки Исои Масеҳ алайҳиссалом-Пайғамбари фиристодаи Худоро бо азоби сангин ба салиб кашиданд, уммавиёни-гумроҳ, хуни набераи Расулуллоҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам, яъне, Ҳазрати Имом Ҳусайн ъалайҳиссалом ва аҳли байти эшонрову ёрони онкасро ки ҷамъ 76 нафар буданд ваҳшиёна бирехтанд, яъне, бо дасти халифа Язиди лаъин рӯзи 10-октябри соли 680, дар дашти Карбало... Намояндаи хонадони Аббосӣ, халифа Мансури Давониқӣ бошад, чун яҳудиёни ҳамсабақи худ ва чун Язиди лаъин ҷисми хуншору абгоргаштаи Ҳазрати Имоми Аъзам разиаллоҳро дар кӯчаву бозорҳои шаҳри Бағдод намоиш медод, ки медод... Бале, ҳокимони Ироқи пешин, дар ҷоҳилӣ ва тиҳимағзӣ ҳамто надоштаанд, онҳо баъдан хуни намояндаи барҷастаи аҳли тасаввуф-инсони комил ва рамзи ҳақиқати кулл - Шайх Мансури Ҳаллочро ҳам, ба ноҳақ рехтанд ва хуни чанд авлиёи дигарро низ-С.Б.Б) то, ки муҷаддадан ба зиндон баргардонданд ва дар зиндон низ бар эшон (р) бисёр сахт гирифтанд, ва ҳатто дар хӯрду нӯши эшон (р). Сипас, дар рӯзи дуввуму саввуму чаҳорум, то рӯзи даҳум равиши кор бо эшон (р) ҳамин буд. Берун карданд, аз зиндон бо ғӯлу занҷир, заданд басо бераҳмонаву хунин карданд тани муборак, чархониданд, дар бозорҳову хиёбонҳо, ҳамроҳ бо савти анкар (зишттарин садоҳо)-и мунодии халифа... Ва танг карданд золимон, ҳама маҷорӣ (маҷро)-и танаффус (нафас кашидан, зиндагиву

истироҳат) ва ҳаёт бар эшон (р)... Даҳ рӯз бо ҳама сангинӣ ва бераҳмии хеш... Пас дар ин ҳангом Имом Абӯҳанифа (р), сахт ва хамӯшу бесадо гирист ва дар пешгоҳи Парвардигори хеш, ба зорӣ дуъову муноҷот кард, то ки рӯзи понздаҳум эшон, яъне, Абӯҳанифа(р)-ро аз ин меҳнатсаро ва дунёи пурфитнаву шӯр, ба «Ҷаннатулмаъво»-и хеш, яъне, ба «Биҳшит»-и анбарсиришт, фаро хонд, ва рӯҳи баландашон ба «Аълоъилиййин» (баландтарин баландиҳо, яъне, баландтарин мақому дараҷоти Биҳишти анбарсиришт-С.Б.Б) пайваст.

Ва ҷамоате дигар ривоят кардаанд, ки дар зиндон ҷоме ба заҳр олӯдаро ба эшон пешкаш карданд, то онро бинӯшад. Аммо Имом Абӯҳанифа (р) имтиноъ кард ва гуфт: «-Ман медонам, ки дар ин ҷом чист?! Ва бар худкушии худ бо шумо ҳамдаст намешавам!». Аммо маъмӯрони халифа Имом Абӯҳанифа (р)-ро ба зӯрии ваҳшиёна, бар пушт афканда ва сипас ҷоми захрогинро ба иҷбор, бар даҳони мубораки эшон (ки як нафас, аз зикри Парвардигори субҳон ва салавоти Расулуллоҳ (с) боз наемонд-С.Б.Б) рехтанд, ки аз асари он заҳри ҳалоҳил Имом Абӯҳанифа (р) ҷон ба ҷонофарин пайваст ва ба шаҳодат расид. Ва баъзе нақл мекунанд, ки ин кор дар ҳузури Халифа Мансур анҷом гирифт. Ва ин ривоят, ки Имом Абӯҳанифа (р) чун маргашро эҳсос намуд, саҷда кард ва нафаси мубораки вай, дар ҳоли саҷда, аз тани муборакаш берун шуд, ривояте басо саҳеҳ аст.

Баъзе аз ривоёт изофа кардаанд, ки: Имтиноъи Имом Абӯҳанифа (р), аз қабули мансаби Қузо, ба худии худ Мансурро ончунон бар сар қаҳру ғайз (хашму ғазаб) намедошт, ки эшонро бадин шеваи золимона, ба шаҳодат расонд. Лизо сабаби ҳақиқии қатли Имом Абӯҳанифа (р) ин буд, ки баъзе аз душманони эшон назди Мансури Аббосӣ шайтанат кардаву гуфтанд: - Ин Абӯҳанифа аст, ки Иброҳим ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Ҳусайн ибни Алӣ

www.kitobam.com

разиаллоҳу анҳумро алайҳи ту баршӯронида ва ӯро бо моле бисёр тақвият намуда аст.

Ва Иброҳим ибни Абдуллоҳ (р) дар Басра алайҳи Мансур қиём карда буд. Пас Мансур шадидан аз ин хабари фитнаангез саросема шуд ва чунон дар ҳарос шуду ба таҳлука афтод, мисли Язид, ки даме орому қарор надошт ва лизо бе даранг ба дунболи Имом Абӯҳанифа (р) кас фиристода ва эшонро ба Бағдод ҳозир кард. Ва аз онҷое, ки ӯ ҷуръат намекард, то бе ҳеҷ баҳонае муртакиби ҷасорати қатли эшон гардад, пас ба эшон мансаби Қузоиро пешкаш кард, бо алам ба инки эшон ин мансабро намепазиранд, то бадин васила барои ба шаҳодат расонидани эшон баҳонае ба даст оварад. 62-142-143.

Дар торихи вафоти Имом Абӯҳанифа (р) муаррихон иттифоқи назар доранд бар ин, ки Имом Абӯҳанифа (р) дар соли 150 ҳичрии қамарӣ (767 мелодӣ), ба умри ҳафтодсолагӣ, дори фониро видоъ гуфт.

Ва ривояте, ки мегӯяд: - Вафоти эшон дар соли 151 ҳичрии қамарӣ буд, ривояте бе появу асос аст, чунонки муаррихон бе асос будани онро бо далойилу шавоҳиди мустанад, ба исбот расонидаанд.

Ва бисёре гуфтаанд, ки: - Вафоти эшон дар моҳи «Раҷаб» иттифоқ афтод. Аммо баъзе бар онанд, ки ин воқеъа дар моҳи «Шаъбон» буд, ва бархе дигар бар онанд, ки вафоти эшон дар ними моҳи «Шаввол» рӯнамо гардид. Ва аз Имом Абӯҳанифа (р) фақат як писар ба ном Ҳаммод (ки аз рӯи эҳтиром нисбат ба устодаш Ҳаммод ибни Абӯсулаймони Фақеҳ раҳамуллоҳ, Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳу ъалайҳ, номи ӯро ба писари худ, дода буд-С.Б.Б) 62-144.

Аллома-Муфтӣ Ал-Ҳичоз Шайх Шаҳобиддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳаҷар Абӯлаббос Ҳайтамӣ Саъдии Ансории Маккий, дар китоби худ «Ал-Хайрот ал-Ҳисон фӣ-Маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа

Ан-Нӯъмон» (ки тарҷумаи форсии ин китоб, бо номи «Маноқиби Имоми Аъзам раҳамуллоҳу ъалайҳ» дар тарҷумаи Абдуррауфи Мухлис ва тақдиму таҳқиқи Шайх Халил Ал-Майс-Мудири Ал-Азҳари Миср мавриди мутолиъа ва пажӯҳишу истифодаи мо буду ҳаст) перомуни таҷҳизу тадфини Имом Абӯҳанифа (р) овардаанд: «-Чун Имом Абӯҳанифа (р), ба раҳмати эзадӣ пайвастанд, аз зиндон, ба василаи панҷ тан аз зиндонбонон берун оварда шуда ва ба маҳалли ғуслашон мунтақал гардиданд. Пас Ҳасан ибни Аммора-Қозии Бағдод пайкари мутаҳҳараашонро ғусл дод, дар ҳоле, ки Абӯрақоъ Абдуллоҳ ибни Воҳиди Ҳиравӣ, бар эшон (р) об мерехт. Ва чун Ҳасан ибни Аммора, аз ғусл додани эшон (р) фориғ гардид, ба ҳасрат ва дидагони пурнам гуфт: «-Худо бар ту раҳмат ва мағфират кунад, аз сӣ сол бадин сӯ доимуссавм (пайваста машғули ибодат) будаӣ ва аз чиҳил сол бадин сӯ паҳлӯи муборакат шабҳангом, бар болин ором нагирифта аст.

Ту фақеҳтарини мо, обидтарини мо, зоҳидтарини мо ва ҷомеътарини мо, дар хислатҳои хуб будаӣ, ва акнун дар ҳоле ба сӯи манзилгоҳи абадии хеш меравӣ, ки бар Суннати сайиди коинот ва пешвойи шариъати ғурро Ҳазрати Набии Акрам (с) ва бар хайру ҳидояти нек реҳлат кардаӣ, ба ростӣ ононеро, ки баъд аз ту қарор доранд, аз инки битавонанд ба мақому манзалат даст ёбанд, хаста ва дармонда гардонидӣ!»

Ва овардаанд, ки ҳанӯз аз ғусли эшон (Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳу ъалайҳ) фориғ нагардида буданд, ки анбӯҳи халқе бе шумор, аз аҳолии Бағдод, ки ҷуз Худои мутаъол шумори ононро надонад, бар ҷанозаи эшон (Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳу ъалайҳ) гирд омаданд, гӯё инки малоика нидои реҳлати эшон (р)-ро бар офоқ густаронида бошанд, ки баъзе шумори намозгузорон, бар эшон (р)-ро ба панҷоҳ ҳазор тан ва баъзе бештар тахмин задаанд. 62,,,145.

www.kitobam.com

Ва иқомаи намози ҷаноза бар эшон (Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳу ъалайҳ) то шаш бор такрор гардид, ки охирин иқомакунанда Имом Ҳаммод, фарзанди ягонаи эшон (р) буд. Издиҳоми халоиқ бар сари ҷанозаи эшон (Имом Аъзам разиаллоҳу ъанҳум) то бадонҷо буд, ки то баъд аз намози «Аср», қодир ба тадфини эшон (р) нагардиданд ва мардуми дидапурсиришк, пас аз дафнашон низ пайваста бар қабри пурнури эшон намози маййит (яъне, ду ракаъат намози осонии ҳавли гӯр бар маййит-С.Б.Б) мехонданд, ки ин амр то бист рӯз идома дошт. 62, 145.

Ва Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) васият намуд, то ҷасади муборакашонро дар зилъ (канор, ҷониб)-и шарқии гӯристони «Хизрон» дафн кунанд, зеро, ки замини он пок ва аз шубҳаи ғасб холӣ аст. Ва чун ин хабар ба Мансури Давониқӣ расид гуфт: «-Бо ту душвор аст, дар зиндагӣ ва маргат».

Ва чун хабари реҳлати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), ба Ибни Ҷариҷ-фақеҳи Маккаи мукаррама, яъне, ба устоди-устоди Имом Шофеъӣ (р) расид, ояи истирҷоъро тиловат кард ва гуфт: «-Вой! Чи илме аз миёна бирафт!» Ва чун ин хабари ҷонкоҳ ба Шаъаба (р) расид, истирҷоъ кард ва гуфт: «-Нури илм аз Кӯфа фусурд ва бидон, ки Кӯфиён ҳаргиз монанди вай нахоҳанд дид».

Ва баъд аз муддате тӯлонӣ, Малик Абӯсаъд Муставфии Хоразмӣ (р) бар сари мазори эшон қуббаи бузурге ниҳод ва дар ҷанб (паҳлӯ)-и он ҳам мадрасаи азиме (яъне, дар шафати масҷиди «Козимайн»-С.Б.Б). 62, 145.

Бадон, ки мазори Имоми Аъзам (р) марҷаъи уламоу урафо ва ихлоскешони роҳи шариъат будаву мебошад ва бисёре аз ҳоҷатмандон аз ин равзаи муборак (ба сифати васила, дар муроҷиат ва муноҷоташон бо Ҳақтаъоло-С.Б.Б) ба файз расидаанд.

Аз он ҷумла, Имом Шофеъӣ (р) буд, ки чун ба Бағдод мезист, мегуфт: «-Ман ба Абӯҳанифа раҳамуллоҳ табаррук меҷӯям ва ҳамеша қабри вайро зиёрат мекунам ва чун ҳоҷате бароям рӯнамо гардад, ду ракъат намоз мегузорам ва бар сари қабри эшон (Имоми Аъзам раҳамуплоҳ) меоям ва аз Худои ъазза ва ҷалл он ҳоҷати хешро металабам, пас ҳоҷатам ба зудӣ (ба шарофати рӯҳи пурфайзи Имоми Аъзам раҳамуллоҳ-С.Б.Б). раво мегардад (кош афроди бо ном «муллоҳои ислоҳотчӣ»-и имрӯзаи ҳазормазҳаб чун Имом Шофеъӣ разиаллоҳ рафтор ва адаб мекарданд). 62., 146 -147.

Дар «Шарҳи Минҳоҷ»-и Набавӣ омада аст, ки рӯзе Имом Шофеъӣ (р) дар мазори Имом Абӯҳанифа (р) намози Бомдодро мегузорид, пас дар намоз дуойи «Қуннут»-ро нахонд ва вақте аз вай иллати тарки «Қуннут»-ро пурсиданд, гуфт: «-Ба ҷиҳати риояти адаб, бо соҳиби ин қабр». 62., 147.

Ва шаке нест, ки Имом Шофеъӣ (р), аз ҷумлаи он аима аст, ки ҳар гуна амали вай муставҷиби таъсию иқтидоъ мебошад, пас дар ҳоле, ки Имом Шофеъӣ (р), аз анҷоми феълии иҷтиҳодӣ, ки хилофи раъйи Имом Абӯҳанифа (р) аст, баъд аз марги эшон ҳаё мекунад ва адабро бо эшон (р), баъд аз фавташон муроъот менамояд, таклифи сойири муслимин, дар қибол (баробар; муқобил)-и ин Имоми ҳумом (р) чи хоҳад буд? 62... 147.

Ва чун Абдуллоҳ Ибни Муборак (р), бар сари қабри Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) истод, гуфт: «-Худо туро раҳмат кунад, Иброҳими Нахъӣ (р) ва Ҳаммод ибни Абӯсулаймон (р) рафтанд ва баъд аз худ чун ту ҷонишинеро бачо гузоштанд, аммо ту зуд рафтӣ ва баъд аз ту ҳеҷ касе бар рӯи Замин сазовори шаъни ҷонишиниат нест!». Ин гуфт ва сипас ба зорӣ гирист, ки гирист. 62., 147.

Ва Ҳасан ибни Аммора (р) бар сари қабри Имоми Аъзам (р) гуфт: «-Ту аз барои мо ҷонишине ростин (ва имоме

www.kitobam.com

муттақин) барои гузаштагон будӣ, аммо баъд аз худ ҷонишине боқӣ нагузоштӣ, ва агар дар илме, ки ба эшон омӯхтӣ, ҷонишини ту бошанд, ҷонишинии эшон барои ту дар зӯҳду тақво мумкин нест, магар бо тавфиқу иноятӣ хоссае аз боргоҳи Ҳақ». 62., 147.

Бале, ба ҳақ дуруст гуфтааст пири тариқат ки: «-Ёрони Худо, Худо набошанд, лекин зи Худо ҷудо набошанд. Ҳазрати Имоми Аъзам (р) ба дурустии том марди ҳақ, яъне, инсони комил ва басо фозил будаанд, ки дар шаънашон, бузургони ҳама давру замон, як ҳазору се саду даҳ сол, ба ин ҷониб, суханони басо нек гуфтаанду мегӯянд ва хоҳанд гуфт то ба рӯзи «Ҳашр».

Вале, чӣ метавон гуфт, ки санги маломату кина ва ҳасади инсонҳои бадниҳоду бе имон ва тиҳимағзу уммушшаётин мудом ба сӯи азизони Худо равона будааст, ки буда.

Бадхоҳони камсавод ва умуман хоммағзу бе мағзе, ки кинаву адоват ба қутбулавлиёъ - Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) меварзиданд, мудом кӯшиш ба он медоданд, ки бо ҳар баҳонае эшонро ба тӯҳматҳои хушку холӣ ва «аҳком»-и «куфр»-у «гуноҳ»-и худбофтаву худсохтаашон ба гунаҳкорӣ муттаҳам созанд. Душманон ва бадхоҳони Имоми Аъзам (р) чун ғундаҳои заҳрнок доим дар камингоҳ будаанд ва омадаи он будаанд, ки бо ҳар баҳонае он марди ҳакро ба тору чанголҳои заҳрогини худ дароваранд. Бо ин нияту андешаи бадашон бадхоҳони Имоми Аъзам (р) шабу рӯз ва соату дақиқаҳо гирди Имоми Ҳумом (р) ғундавор торҳои заҳролуди хешро метанидаанд, ки метанидаанд ва оқибат ҷисми мубораки Ҳазрати Имоми Аъзам (р) тӯъмаи ин зумра инсонғундаҳо ва инсонсагони дарранда гардид, аммо бадхоҳон бо ин кори худ натавонистаанд, ки рӯҳи басо муборак ва пурфутӯҳу мутаҳҳараи мунавварааи Имоми Аъзам (р)-ро халалдор созанду нобуд кунанд. Рӯҳи Имоми Ҳумом

Абӯҳанифа (р) абадзиндаасту иншоаллоҳ макон дар «Аъло ъилиййин»-и Ҷанат-ул-Фирдавс дорад ва то рӯзи «Ҳашр» мунтазири дидор бо дӯстону душманон аст...

Ҳофиз ибни Абдулбарр (р) дар ин маврид сухане дорад, ки ҳосилаш ин аст: «-Баъзе аз асҳоби Ҳадис, дар мазаммати Абӯҳанифа раҳмауллоҳ ифрот кардаву бо эроди ин итҳом (тӯҳмат), ба эшон (р) ки гӯё қиёсро бар Ҳадис муқаддам (болову авло) мегардонанд, дар воқеъ аз ҳадди хеш таҷовуз кардаанд.

«-Дар ҳоле, ки Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ ва аксари аҳли илм бар онанд, ки чун ҳадисе саҳеҳ, дар ҳукме аз аҳком вуҷуд дошт, раъй ва қиёс дар он ҳукм фоқиди эътибор аст. Лекин ончиро, ки Имом Абӯҳанифа разияллоҳ рад кардаанд, баъзе аз хабарҳои воҳиде аст, ки таъвили онҳо дорои маҳмил (маънии калимот ва ҷумла ва матлаб)-ҳои мухталифе аст. Ва дар ин роҳ фақат Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ набудаанд, ки чунин кардаанд, балки дигар пешкасватон, аз аҳли илми Кӯфа, ҳамчун Иброҳими Нахъӣ (р) ва асҳоби Ибни Масъуд низ ҳамин корро кардаанд».

- Ва Лайс ибни Саъд (р) мегӯяд: «-Ҳафтод масъаларо аз Имом Молик (р) баршумурдам, ки дар ҳамаи онҳо ӯ (яъне, Имом Молик раҳамуллоҳ) ба раъйи хеш ҳукм карда буд ва ҳамаи онҳо мухолифи Суннати пешвоямон Расулуллоҳ (с) буд. Ва чун бо ин воқеъияти такондиҳанда рӯ ба рӯ шудам, ба ӯ номае навишта ва ӯро дар он нома насиҳат намудам...

- Аммо ин нукта қобили зикр аст, ки ҳеҷ як аз аима (имонон)-и мазҳаб ва уламои умматро намеёбем, ки «Ҳадисе саҳеҳ» аз Ҳазрати Расулуллоҳ (с), дар назди вай ба субут расида бошад, сипас онро рад кунад ва напазирад, магар бо ҳуҷҷате, чун иддаои нусахи он ҳадис бо ҳадисе монанди он, ё нусахи он ба иҷмоъ. Чӣ агар касе Ҳадиси саҳеҳи Расули Худо (с)-ро бидуни кадом ҳуҷҷате радд кунад, бе тардид адолати он

www.kitobam.com

соқит мешавад, чи расад ба имомати он, ва дар ин сурат номи фисқу бидъат мулозиму ҳамроҳи вай магардад, ки Худои ъазза ва ҷалла шонаҳу аима (яъне, имонон)-и моро (ки посдорандагони аҳкоми Илоҳиву барподорандагони ҷамоаи аҳли суннат ва ҷамоат будаанду аз эшон ба имрӯзиён мерос монда (С.Б.Бузургмеҳр) аз ин офат, ъофият бахшида аст.

- Ва бояд гуфт, ки иҷтиҳод, дар раъю қиёс намудан бар усул, мухтас (вижа, хоса)-и аимаи мазоҳиб набуда, балки ин амр аз саҳобаи киром (р) низ нақл гардидааст, ки зикр намудани намунаҳои он дар инҷо ба тӯл меанҷомад. Чунонки тобиъин низ бар ин наҳв (роҳ) амал намудаанд, ки Лайс ибни Саъд (р) халқе бисёр аз ононро баршумурдааст. 2-151-152.

Ин буд, суханони Ибни Абдулбарр (р), ки дар он ҷавобе шофӣ ва кофӣ аст, бар ин таънҳои беасос.

Ҳосили сухан ин ки ин танҳо Имом Абӯҳанифа (р) набудаанд, ки ба ҳуҷҷияти қиёс қоил гардидаанд, балки шеваи амали тамоми фуқаҳои билоди Ислом, бар ин мабно буда аст, чунонки Ибни Абдулбарр (р), ба тафсил, дар радди иддаои воҳӣ (суст, заиф, бе бунёд, пуч ва беасос)-и ононе, ки ҳуҷҷият (далел, бурҳон)-и қиёсро айб шумурдаанд, доди сухан дода аст». 62-152.

Бале, вафоти нобаҳангоми Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) шикасте сахт ва сукуте бе ҷавоб буд, баҳри муслимин, яъне, умматони солеҳи Расулуллоҳ Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ва мотаме азим, ки ҳам инсонҳоро селоби сиришки сӯзон, аз дидаҳо ҷорӣ кунонду ҳам олами арвоҳу малак ва мавҷудоти ғайбии арзу саморо бе қарор. Сиддиқии Мағобирӣ (р) шахсе буд мӯҷибуддаъва, вай мегӯяд: - Чун Абӯҳанифа Имоми Аъзам раҳамуллоҳ вафот ёфт, ман се шаб паёпай овозеро мешунидам, ки мегуфт (шеър):

Заҳаба ал-фиққ, фало фиққа лакум,

Фаттақуллоҳа ва кунну хулафо.
Мота Нӯъмон, фаман ҳозал-лазӣ,
Юҳйил-лайли изо мо саҷафо!

Яъне:

Фиқҳ аз миёни мо рафт ва дигар шуморо фиқҳе нест,
Пас, аз Худо парво кунед ва ҷонишини хубе бошед.
Нӯъмон реҳлат кард, пас кист он кас,
Ки шабро-он гоҳ, ки ба нима расад-зинда бидорад?!

Баъзе мегӯянд: - Ҷинниёт дар шаби вафоти он Имоми ҳумом Абӯҳанифа (р), бар эшон (яъне, Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу ъанҳум) мегиристанд, дар ҳоле, ки ду байти фавқро мехонданд, пас садо шунида мешуд, дар ҳоле, ки ҳеҷ кас дида намешуд». 62.-146.

Овардаанд, ки баъди ин воқеъа яъне, баъди даргузашти Имом Абӯҳанифа разиаллоҳ) Халифа Мансури Аббосӣ азобу шиканҷаи зиёди рӯҳӣ ва ҷисмонӣ дид ва аз гуноҳҳои дар тӯли умри хеш кардааш хеле ва хеле дар ҳарос буд. Ва умри зиёде ҳам надид, гоҳе танҳо дар мавқеи хутба, бар минбар гиря мекард ва аз Худованд авфи гуноҳ металабид.

Мансур пас аз тақрибан 22 соли хилофати пурҳаводиси худ (хунрезиҳои беамон) дар соли 148 ҳичрӣ, бар асари дарди заъфи меъда ва мушкилии ҳазм (захми саратонӣ)-и хӯрок, ки муддатҳо бад-он мубтало буд, ба шасту панҷсолагӣ, дар мавзеи Баири Маймун, дар наздики Маккаи мукаррама, дар сафари Ҳаҷ (дар нимароҳ) мурд ва дар қабристони Муъалло, дар Макка дафн шуд. 27.-213.

... Халифаи камхираду ғаправ ва ғаддору тундхӯву хунрез-Абӯҷаъфар Мансури Давониқии Аббосӣ, бузургфақеҳ Ҳазрати Имоми Аъзами муаззамро чашми дидан надошт ва доим ҳасад мебурду дар ғайби Ҳазрати Имом (р) эшонро ғайбат мегуфт. Вале халифаву ёрони авомаш намедонистанд, ки ғайбати касе кардан, дар ғайби ӯ, дар дини

www.kitobam.com

фитрати Ислом қатъиян манъ асту ҳаром. Ба гуфтаи шоири иқболбаёни тоҷик равоншод Сармади Панҷекатӣ: «-Соя бигрезад ҳамоно, аз фурӯғи офтоб», халифаи давр, ақли расо надошт, ки маънии ҳикмати динии Ҳазрати Имоми Аъзам (р) ва роҳи хуршедвор мунаввари мазҳаби ӯро дарк кунад ва ё аққалан шахсияти он қутбулавлиёъ ва «Чароғи уммат»-ро бишиносад (ва чун Язиди лаъин пеши чашмонашро ва ақлу ҳушашро нафси шайтонии ҷоҳу мансаб гирифта буд), бинобар ин соявор аз симои саршори нури илоҳиву афкори пешқадами Ҳазрати Имоми Аъзам (р), дар гурез буду аз рӯи кина ва хусумат, ҳар гоҳе ақрабвор неш бар эшон мезад, ки оқибат неши заҳрогини ин халифаи хунхору заҳҳокӯ ва лаъин ба ҷисми Ҳазрати Имоми Аъзам (р) кора кард, ва ба қавли Ҳаким Фирдавсӣ «-Ҳунар хор гашту ҷодуйӣ арҷманд...».

Халифа Мансури Давониқӣ хост бо пулу мол ва мансаби дунёӣ ва фитнаҳои шайтонӣ Имом Абӯҳанифа (р)-ро бихарад. Аммо Имом Абӯҳанифа (р), ки сарватманд ва тоҷире номдор (эшон барои кори илмии хеш ва баҳри кӯмак ба бенавоён ва фақирон гоҳ-гоҳ ҳиҷрат ва тиҷорат мекарданд ва бешак матоъи абрешим савдо мекарданд 97-38) буданд ва аз аҳли ҷоҳу ҷалол набуданд, кулли пешниҳодоти дунёгароёна, (ки як баҳонаи қасосгирии халифа аз эшон буд)-и Мансури Аббосиро рад карданд. Бо ин баҳона, бо амри халифа Мансури Давониқии Аббосӣ, Ҳазрати Абӯҳанифа (р)-ро зиндонӣ карданд ва азобу шиканҷаи зиёд доданд, ба ҳадде, ки Имоми Аъзам (р), ба бемории тӯлонӣ гирифтор шуданд ва бино ба ривоёти дигар, оқибат дар кулбаи сӯфиёнаи хеш, дар ҳузури фарзанди дилбандаш Ҳаммод (ки аз рӯи эҳтиром ба устоди фиқираш Ҳаммод ибни Абӯсулаймон, номи ӯро ба писараш дода буд. аҳли байт ва муридону шогирдонаш Абӯюсуфи Яъқуб, Муҳаммадӣ Шайбонӣ, Имом Зуфар, Абдуллоҳи Муборак ва дигарон, аз дунёи ғурбатсаро рахти

сафар бастанд, яъне, соли 767 донойи роз - Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), аз олам даргузаштанд, бале ҷисман, на ин ки рӯҳан. Номи поки Ҳазрати Имоми Аъзам (р) 1310 сол ба ин ҷониб, бо некӣ вирди забонҳосту, номи Мансури Давониқӣ бошад, ба ҷоҳилӣ. Афкори пешқадами динӣ, ҳуқуқи барҳаққи шаръӣ ва мазҳаби аршии «Чароғи уммат»-и Ҳазрати Муҳаммад (с) бошад, то имрӯз роҳи миллионҳо мусалмонони оламро мунаввар кардаву мекунад.

Шахсияти Ҳазрати Имоми Аъзам (р) ба мартабае бузург аст, ки мадрасаи аҳли суннат ва ҷамоъатро асос гузошт, дар роҳи мунозира бо аҳли бидъат заҳматҳои зиёд кашид (раҳмати Худо ба номи ӯ бод). Аммо иддае аз ифротиёни беимон, ба хусус Халифаи худонотарс Мансур ва атрофиёнаш ӯро нашинохтанд вақте, ки пироҳан аз тани мубораки Имом Абӯҳанифа (р) (барои ғусл кунондани қабл аз дафн) баргирифтанд, дар бадани мубораки Ҳазрати Имоми Аъзам (р) осори зарбу лати даҳшатовар намудор буд...

Лаҳзае, ки ҷасади мубораки Имом Абӯҳанифа (р)-ро ба хок супориданд, рӯҳи қудсии базургвор, гӯё ба дашти Карбало шуду сӯи Ҳиҷоз бирафт, то тавофи Каъба кунаду ба Мадина зиёрати равзаи мубораки Ҳазрати Расулуллоҳ (с) ва сӯи Карбало шуд ва баъд парвоз сӯи олами улвӣ... Фариштае нидо ба дашти Аъроб ва тамоми олам дод, ки Худованд рӯҳи поки Имоми муаззам Абӯҳанифа (р)-ро, ки зиёрати Ҳаҷ ва намози Каъба кард ва Равзаи мубораки Набӣ (с)-ро зиёрат кард ва Ҳаққи Ислом, бо тамоми шоистагӣ, ба ҷо овард, ба Биҳишт мехонад, ки Биҳишт бо эҳтироме, бесаброна, мунтазири ӯст ва ҳашт дари Ҷаннат кушода ба рӯйи ӯ, ки онҷо, дар Аълоъилиййин, курсии заррине мунтазири ӯст.

Ҳине, ки дуо ва муноҷоти рӯҳи қудсии Ҳазрати Имоми Аъзами муаззам Абӯҳанифа (р) мақбули Илоҳӣ шуд, ба шодмонӣ, парвози пуравҷ, сӯи Биҳишт кард, дар само ин

www.kitobam.com

алфози малакутӣ, аз забони фариштае дар танин буд, ки бо сабке аҷиб мегуфт:

«Аз арш садои Раббано меояд,
Овойи хуши «Худо», «Худо» меояд.
Фарёд, ки дарҳои Биҳишт боз кунед,
Меҳмони Худо, зи Карбало меояд».

... Аҳли байт, фарзанди дилбанди ӯ Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р) наберагонаш - Имом Умар ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа ва Имом Исмоил ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа ва шогирдону муридон (ба хусус Имом Абӯюсуф ибни Яъқуб, Имом Муҳаммади Шойбонӣ, Абдуллоҳи Муборак Имом Зуфар ибни Ҳузайл ва дигарон лаънат бар золимон мефиристоданду борони сиришки дидагонашон мерехт, ки мерехт ва шукри Худо мекарданд, ки «Чароғи уммат» Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) бо номи нек ҳамчун пешвойи умматони солеҳи Ҳазрати Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с), эҳёкунанда ва посдорандаи шариати ғуррову давомдиҳандаи суннати анбиёъи мотақаддам, ба хусус Ҳазрати Муқаммад (с) аз ҷаҳон рафт, ки миллионҳо нафар пайравони роҳи худ, яъне, роҳи «Имоми Аъзам»-ро дорад... Оре, месазад соатҳо ва ҳар субҳу шом гирист, баҳри фарде, ки воқеан банда ва дӯсту дӯстдори ҳақиқии Худованд ва Расули гиромии Ӯ-Ҳазрати Муҳаммад (с) буду «Чароғи уммат». Ва тарғиботчии дини мубини Ислому интишордиҳандаи «Каломи Шариф»-у риоякунандаи суннати Ҳазрати Паёмбар (с) яъне, амалкунанда ба аҳодиси набавӣ ва эътирофкунандаву дӯстдорандаи чаҳор ёри босафову азизу авлиёъ, анбиёъи мотақадим ва пуштибони фақирону аҳли бенаво, дӯстдорандаи инсонҳои ҳақиқиву бунёдгаро, на инки найрангбозу бидъаткор ва риёкору рибоъхӯр ва динфурӯшу мазҳабфурӯш...

Баъди гузашти солҳо он донаҳои пурмағзу мардумгиёҳҳои ҷовидонсабзи ҳикмат ва фитрате, ки ҳазрати қутбулфуқаҳо

Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ (р) дар мазраи бекаронаву сабздирафши дини Муҳаммадия (с) кошта буд, ҳар ҷо сар зад, яъне, бируст ва дар нашъу нумӯъ аст, ки басо самарҳо бахшидаву мебахшад, к-аз шаҳди меваҳои шаккарини ҳикмату маърифати ҳар дарахташ, коми аҳли дил мудом ширин аст. Яъне, он заҳамоте, ки Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) дар роҳи дини мубини Ислом кашида буданд, бар ройгон нарафт. Маҳз таълимоти мактаби ҳанафия, яъне, роҳи имомиаъзамия буду нури пурзиёи он шамъи тобон «Чароғи уммат», ки даҳҳо ва садҳо парвонаҳойи ошиқӯ шайдо ва басо дилдодаро ба мисли Имом Молик, қозиюлқуззоти Ислом фақеҳи ҳанафӣ Абӯюсуфи Яъқуб ибни Иброҳим Ал-Кӯфӣ ал-Ансорӣ, Иброҳими Адҳам, Абдуллоҳи Муборак (р), Имом Муҳаммади Шайбонӣ, Имом Зуфар, Имом Исмоил ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р), асосгузори мазҳаби шофеъия Абдуллоҳ ибни Идриси Шофеъӣ (ӯ гуфта: «-Кулли уламои олам дар фиқҳ аёли Абӯҳанифаанд», яъне ба дараҷаи Абӯҳанифа (р) нестанд) Абӯҳафси Кабири фақеҳи Бухорӣ (аҳди Сомониён), Абӯҳафси Сағир Шайх Алии Ҳаҷвирӣ (Доноганҷбахш) муаллифи «Кашф-ул-маҳҷуб», Муҳаммад ибни Исмоили Тирмизӣ (Имом-ал-Тирмизӣ), Бурҳониддини Марғиёнии фақеҳ, Шайх Абулқосими Гургонӣ, Абдулқодири Ғиждувонӣ, Абӯисҳоқ ибни Имом Муҳаммади Бухорӣ (Хоҷаи Ҷуйбор), Шайх Низомулмулк, Имом Муҳаммад Ғаззолии Шофеъӣ (ба ин маънӣ, ки Ғаззолӣ, шефтаи афкори Абӯҳанифа буд), Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Амири Кулол, Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанд, Наср ибни Муҳаммади Хатлонии фақеҳ, Бадеуддини Нурӣ мулаққаб бо Шайх Муслиҳиддини Хуҷандӣ, Имом Аскарӣ, Амир Сайид ибни Халифа Ҳасани Бухории Яғнобӣ (Ҳазрати Мулло), Шайх Саъдӣ (пири ахлоқ), Хоҷа Ҳофиз (пири ошиқони шайдо), Абдулмаъонӣ Бедил, Мавлавии Балхии Румӣ (пири тариқаи

www.kitobam.com

мавлавия), Шамсулҳақи Табрезӣ, Ҳазрати Шайх Аттори Валӣ, Хоҷа Камол, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Хоҷа Исҳоқи Валӣ, Мавлоно Тоҷиддин ва Мавлоно Обиддин, Бобо Соиб, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Мавлоно Аҳмади Ҷомӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Сайид Ашрафи Ҷаҳонгир, Аллома Сулаймон ибни Хоҷа Калони Ҳанафии Қундузии Балхӣ, Сайид Яҳё Амири Девонаи Кирмонӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Мавлоно Юсуфи Чархӣ, Эшони Халифа Ҳасани Панҷекатӣ, Мавлоно Масъуд ибни Маҳмуди Самарқандӣ, Мавлавӣ Ҷунӯнӣ Сӯфӣ Қаландаршоҳи Валӣ, Мавлавӣ Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрии (Ошиқи Танӯрӣ)-и Бухорӣ, Аҳмад Маҳдуми Дониш, Ҳазрати Маҳдуми Аъзам - Хоҷа Аҳмади Косонӣ Ад-Даҳбедӣ (р), Муҳаммад Иқбол, Шарифҷон Маҳдуми Садри Зиё, Мавлавӣ Шайх Мулло Абдуррасули Питепӣ (Яғнобӣ), Ҳазрати Шайх Қозихон, Аллоҳёр ибни Аллоҳқул, Мавлавӣ Халифакӯчаки Яғнобӣ, Шарофиддини Бухорӣ, Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавии Ҳанафӣ (Шайхулҳинд-муассиси анҷумани «Нӯъмония»-и Ҳайдаробод ва муфассири Қуръон), Мулло Ҳусайн ибни Искандари Ҳанафӣ, Мавлавӣ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Мавлавӣ Шайх Сайид Маллахоҷаи Валӣ, Мавлавӣ Сӯфӣ Абдулкарими Пичефӣ (Даштишӯрӣ), Имом Раббонӣ (р), Мир Сайид Ошиқи Бухорӣ (р) Қорӣ Муҳаммадҷони Қуқандӣ – мулаққаб ва маъруф бо Ҳазрати Алломаи Ҳиндустонӣ (р) ва садҳо зумраи эшонро ба сӯи худ, ба роҳи Худову Расули Худо (с) ва ёрону асҳобашон кашиду роҳи ҳақиқати Қуръон, яъне, шариати ғурройи исломӣ, суннати Муҳаммадӣ (с) ва мазҳаби ҳанафия, яъне, фирқаи Расули гиромӣ (с), асҳоб ва ёронашро бар эшон мунаввар сохт (Ва боиси қайд аст ки дар Тоҷикистон, метавон гуфт наваду нӯҳ фиссади мардуми мусалмон, аҳли суннат ва ҷамоъат буда,

ҳанафимазҳабанд). Таи солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми садаи равон (асри ХХ) бошад, пас аз ҳафтод соли хомӯшӣ, тавассути заҳамоти чандинсола ва кӯшишҳои пурсамари уламову фуқаҳойи барҷастаи миллат (алалхусус бо заҳамоти собиқ Қозиюлқуззоти мусалмонони Тоҷикистон мӯҳтарам Аллома Мавлавӣ Доктор Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода) ва аз ҷониби баъзе аз масъулони донишманду бедормағзи Ҳукумати Тоҷикистон, ба хусус Ҷаноби олӣ Раисиҷумҳур ва амиалмӯъминин мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мадорису (донишкадаи давлатии Исломии Тоҷикистон) масоҷиди аҳли суннат ва ҷамоъат барпо ва ҳамчунин идораи қозиёт (ҳоло муфтиёт) эҳё ва пойдор гардид (баҳри ҳифзи ҳуқуқи мусалмонон).

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ МАЗОҲИБ ДАР ИСЛОМ

Шояд хонандаи азизро суоле пеш омада, ки пас маънии вожа /калима/-и «мазҳаб» чист ва сабабу илали пайдоиши мазоҳиб, дар дини мубин ва басо ростини Ислом дар чист?

Хуб аст, агар хонандаи гиромӣ, пеш аз назари болиҷу мубораки хеш бурдан, ба сутури мавзӯъи ин бахш нахуст, ба маънии лафзии калимаи «мазҳаб», ба таври бояду шояд иттилоъе дошта бошед.

Вожа, ё худ калимаи «мазҳаб», лафзи арабӣ буда, аввалан, ба маънии роҳ, равиш, секта ва тариқат аст ва дуввум ин ки ба маънии шӯъба ва шохае аз дин ё худ таълимот ва равишу маслаки диниеро гӯянд, ки аз ҷониби пешвоён ва уламойи бузурги илоҳиётшиносу фуқаҳову ҳакимони барҷастаи Ислом дар оғози Ислом ва дар замони охирин асҳоби Киром ва тобиъин (р) ба вуҷуд омадаву таъсис гардидааст. Шакли ҷамъи калимаи «мазҳаб», ҳамоно «мазоҳиб» аст.

«Вожа» ё худ истилоҳӣ ва ё термини «мазҳаб», ва «мазоҳиб», бештар дар байни уламойи илоҳиётшинос,

www.kitobam.com

муфассирони «Қуръон» муҳаддисон ва ҳакимону фақеҳон, яъне, ҳуқуқшиносони исломӣ ва сӯфиёни тариқат истифода мешавад. Ва маънии нисбатан устувор ва асосии «мазҳаб» - тариқат, мактаб, равиш, секта ва роҳи илоҳиётшиносиву фаққҳист, ки аз ҷониби пешвоёни дини Ислом таъсис дода шудааст. Дар оғози дини Ислом «мазҳаб», гуфта мактабҳои гуногун ва равияҳои мухталифи фиққҳӣ, яъне, ҳуқуқшиносиро меномиданд, масалан, мазҳаби Сӯфён-ас-Саврӣ, мазҳаби Авзоӣ ва ғайра. 28, 152.

Баъди қонунан исбот намудан, муайян сохтан ва танзим намудани таълимоти мактаби худ, аҳли суннат ва ҷамоъат нахуст роҳ ё худ равиши пешгирифтаи мактаби худро минбаъд на бо унвони тариқат ва ё маслак, балки бо номи «мазҳаб» ба забон мегирифтагӣ шуданд. Ва вожаи «мазҳаб» минбаъд ҳамчун калима ва истилоҳи (термини) ивазкунандаи мафҳуми «роҳ», «равиш», ва «маслак»-у «тариқат», ба ҳукми анъана ва расмият даромада, бештар маъмул гардид.

Ҳоло таълимоти чаҳор мактаби бузурги илоҳиётшиносиву фаққҳии дини мубини Ислом; ҳанафия, моликия, шофеъия ва ҳанбалияро ҳамчун мазҳаб ном мегиранд, ки ин равияҳои динӣ, то ба имрӯз бештар таҳти ҳамин мафҳум, яъне, термини «мазҳаб» фаъолият намудаву амал карда истодаанд.

Сабабҳои пурасрори фурӯғи абадият ва пайдоиши мазоҳиби ҳақ ҳам ин буда, ки бо иродаи Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҷалла ҷалолаҳу дар авохири даҳаи аввали садаи ҳафтуми мелодӣ, тибқи муқаддароти азалӣ ва фазлу раҳмати илоҳияш, инсонияти дар залолат афтида ва дар дарёи разолат ғарқшударо, ба дароз кардани ресмони канданашавандаи шариъати ғурроёи Муҳаммадия /с/ яъне, дини мубини Ислом, мадад кард ва раҳоӣ бахшид. Касе, ки ба он чанг зада, бо тамоми кучу қуввати хеш онро маҳкам гирифт, аз чоҳи тангу торики ҷаҳолат ва залолат, ба арсаи пурнуру беинтиҳои

ҳидоят баромад ва нафси хешро аз ҳалокати абадӣ ва барбодии ҳамешагӣ наҷот дод.

Ба мадади парвардигор, яъне, Аллоҳ таъоло ҷалла ҷалолаҳу нур бар залолат, хирад бар ҳамоқат, ҳақ бар ботил пирӯз гашт ва комёб гардид. Дар он рӯзгор мардумони наҷотёфта, ҳамагӣ мисли як шахси воҳид тобеъи бечунучарои дастӯроти Худованд ва ҳидоёти Расули гиромӣ /с/, ки аз ҷинси онон буда, дар байнашон ҳаёт бар сар мебурд ва рисолати хешро анҷом медод, пайравӣ мекарданд. Ба баракати ҷаҳду ҷиҳод ва ҷадали эшон майдон /басо сабзу ҷовидонӣ-С.Б.Б/-и тасаллут ва ҳокимияти дини мубини Ислом рӯз ба рӯз васеътар ва фарохтар мегардид. Кор ба ҷое расида буд, ки решаи куфру залолат мутазалзил ва заъиф шуда, аз хавфу хатари нобудии хеш доду фарёд мекард ва навҳа мекашид. Чунин ҳолат дар замони ҳаёти Расулуллоҳ Ҳазрати Муҳаммади Мустафо /с/ ва чанд соли дигар, баъди реҳлаташон, ба ҷавори Парвардигор ҳоким буд. Аммо пасон муқаддароти илоҳӣ чунин буда, ки дар солҳои баъдина /замони ҳокимияти ду халифаи рошиддин Ҳазрати Усмони Зиннурайн разиаллоҳ ва Ҳазрати Имом Алии Муртазо алайҳиссалом ва рӯзгори саҳобаву тобиъин ва табаъа тобиъин-С.Б.Б/ ин уммати якпорча ва муттаҳид ба парокандагиҳо рӯ ба рӯ шуд ва ба кашмакашиҳои дохилӣ даст ба гиребон гардид. Худованд, ба ҳақиқати ҳол донотар аст, аммо то ҷое, ки аз таърихи Ислом зоҳир мешавад, яке аз сабабҳои асосии ин бадбахтиҳо, ҷой гирифтани муҳаббати дунё /сарвату савлати дунё, такаббур, рибоъу риё, нафси шайтонӣ ва ғайра мислуҳум-С.Б.Б/ дар қалбҳои пок ва равшани мусалмонон ва дигараш зарбаҳои дохилии мунофиқин /яъне, тиҳимағзони шайтонулинс ва ториксалот-С.Б.Б/ инчунин дасисаҳои яҳуд, насоро ва дигар душманони худоношиносу кӯрдили Ислом мебошанд. Ин ихтилофоти дохилӣ, нақшу асари бади худро дар тарзи тафаккур ва

www.kitobam.com

андешаҳои иддае аз мардумон гузошт. Чуноне, ки маълум аст, ҳатто баъзе уламо Қуръони Маҷид ва Ҳадисро яксӯ гузошта, ба тадрис ва интишори илми ҳикмат, яъне, фалсафаи сохта ва бофта ва бебунёди юнониҳои ҳазорхудо /наъузубиллоҳ/ пардохтанд. Дар натиҷаи чунин нобасомониҳо ва ғалатравиҳо ақойиди фосид, монанди махлуқ гуфтани Қуръон, инкор кардани дидору ҷамоли Парвардигор, дар фардои қиёмат, инкори азоби қабр, саволи накиру мункар ва ғайра ба вуҷуд омад ва аҳодиси маҷҳӯлу мавзӯъӣ, яъне, дурӯғини бешумор, аз номи нури олам - Ҳазрати Расулуллоҳ /с/ дар ҷомеъа /пурталотум ва пуршӯру шар-С.Б.Б/-и инсонӣ интишор ёфт/ ва мардуми мусалмони як замон муттаҳидро паҳну парешон кард ва боиси ба вуҷуд омадани гурӯҳҳо ва фирқаҳои мухталифи динию сиёсӣ гардид-С.Б.Б/.

Уламои воқеъӣ /ки Худованд ба Эшон сӯхтанҳову сохтанҳо иноят фармуда-С.Б.Б/ дар он замон хатари бузургеро эҳсос намуданд ва ба хотири поксозии сафҳои мусалмонон, аз фирқаҳо ва гурӯҳҳои гумроҳ, ба майдони муборизаи ақидавӣ баромаданд. Ба хотири дуруст фаҳмидани маънои оёти Илоҳӣ ва аҳодиси набавӣ /с/, қоида ва усули муайян ва мушаххас вазъ карданд, ки дар асоси ин усул муҳаддисин, ба тадвини аҳодис ва ихроҷи он, фуқаҳо ба иҷтиҳоди масоил, аз оёти шариф ва аҳодиси набавӣ машғул гардиданд. Яке аз чунин муборизони майдони набард, бар муқобили фирқаҳои залол ва ҷудоиандозу тамаддункуш, Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Хоҷа Собит разиаллоҳу анҳу /аслан форсиасл, яъне, аз тоҷикони Кобули Афғонистон, ки соли 80-ҳиҷрӣ-қамарӣ, мутобиқ ба 699 мелодӣ, дар шаҳри Кӯфаи Ироқ ба дунё омада ва соли 150 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 767 мелодӣ, дар шаҳри Бағдод фавтидаанд-С.Б.Б/ мебошанд. Номбурда дар ин амр усули худро вазъ кардааст, ки пайравони усули

вазъкардаи ӯро ҳанафӣ ё аҳноф мегӯянд, ки дар роҳи ҳақ басо содиқанд. 79-5-6.

Дар оғози Ислом, ба хусус дар садаи аввал ва дуввум он чунин усулҳо зиёд буданд, вале чаҳортои бузуртарин ва пурҳақоиқи он, мақбули оммаи мусалмонон гардид, ки онҳо ба чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат ёд мешаванд. Ин чаҳор мазҳаб, дар масоили ҷузъӣ, агар чанде баъзе ихтилофро доранд, вале дар масоили аслӣ муттафиқанд ва ба манзали як ҷисми воҳид мебошанд. Ва касе хилофи роҳи эшон ва хилофи ақидаи эшонро дошта бошад, бадроҳ ва гумроҳ аст. 79-6.

Аз ақидаи дуруст ва ҳақ пайравӣ кардани мо имрӯз, аввалан фазл ва раҳмати Худост, ки ба моён арзонӣ дошта ва сониян хидмат ва заҳматҳои кашидаи чунин имомҳои бузург, монанди Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/, Имом Молик Ал-Асбаҳӣ /р/, Имом Идрис ибни Абдуллоҳи Шофеъӣ /р/, Имом Аҳмад ибни Ҳанбал /р/; шогирдони Имоми Аъзам-Имом Абӯюсуфи Яъқуб /нахустқозиюлқуззот/ Ал-Ансорӣ /р/, Абдуллоҳ ибни Муборак, Имом Муҳаммади Шайбонӣ /р/, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа /р/, Имом Иброҳим ибни Ҳаммод /р/ Имом Зуфар ибни Ҳузайл /р/, Имом Абӯмуқотили Самарқандӣ /р/, Имом Абӯмутеъи Балхӣ, Имом Бухорӣ Имом Муслим, Махдуми Аъзами Даҳбедӣ ва баъдан Имом Бурҳониддини Марғелонӣ - муаллифи «Ҳидоя» /р/, Шайх Масъуд ибни Маҳмуди Самарқандӣ раҳамуллоҳ /муаллифи китоби «Салоти Масъудӣ»/, Валиюллоҳи Деҳлавӣ (Шайхул-Ҳинд), Мулло Ҳусайн ибни Искандари Ҳанафӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Ғаззолӣ, Имом Розӣ, Имом Раббонӣ ва садҳо муҷтаҳидони дигари ин мазоҳиби ҳақ мебошад. Бале, «Иҷтиҳоди воқеии эшон фаҳмидани дину оинро бароямон осон, ақидаҳои ботилро ошкор ва аз пайравӣ, ба он ҳазар кунонидааст». Ҳазрати Расулуллоҳ /с/ дар ҳадиси саҳеҳ

www.kitobam.com

фармудаанд: «Касе шукронаи мардумро накард, Худоро шукргузорӣ накардааст».

Шакке нест, ки соҳиби дини Ислом ва ҳофиз /муҳофизаткунанда/-и он Аллоҳ таъолост. Ва инчунии шакке нест, ки Ӯ таъоло барои ҳифзи динаш бандаҳои хосе офарида, ки ҳамеша ба хотири пирӯзӣ ва интишори он, дар саъю талошанд. Ва табиист, ки чунин бандагон назди Худованди мутаъол, аз мақоми хосе бархӯрдор мебошанд. Биноан зарур аст, ки мо низ мақому манзалати эшонро бишиносем, ба қадри сӯхтанҳову заҳматҳояшон бирасем ва сипосгӯяшон бошем /ва аз роҳи нишондодаи эшон, ки мувофиқ ва дар асоси Қуръон ва Ҳадис аст, берун пой нагузорем, ки шариъат нозу нузи кас набардорад, яъне, инсони пок бояд буд ва худошиносу худотарс-С.Б.Б./ вагарна оқибат аз гузаштагони солеҳи худ, ки нисбат ба мову шумо бештар, аз илму дониш ва зӯҳду тақво бархӯрдор будаанд, канда шуда, наъузу биллоҳ, ба чоҳи залолат фурӯ хоҳем рафт /ва пасон дар нори дӯзах фурӯ хоҳем рафт-С.Б.Б/.

Сарчашмаҳо ва ё манобеъи фиқҳи исломӣ, ки дар асоси нишондодҳои он ҳукме содир мешавад /ва бояд гуфт, ки мазоҳиби фиқҳии Ислом, чӣ аҳли суннат ва ташайюъ ва ба хусус мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоъат, маҳз дар асоси ин чаҳор манобеъи зерин, ки ҳоло дидаи муборак худ бар он медӯзед, таъсис гардидаанд/ инҳоянд:

1. Китоби маҷмӯъи аҳкоми раҳнамои Худованд, яъне, «Қуръон»-и Маҷид /дар истилоҳи фуқаҳо он мухтасаран «Китоб» номида мешавад/.

2. Суннат-Аҳодиси набавӣ, яъне, гуфтору кирдор, одату равиш ва қарорҳои Расулуллоҳ-Ҳазрати Муҳаммади Мустафо /с/.

3. Иҷмоъ, ҳамраъйӣ, ҳамоҳангиву ҳамдигарфаҳмӣ ва созишу мувофиқати уламои Ислом ё ашхоси барӯманду фозил ва фақеҳ, дар ҳалли як масъала.

4. Қиёс - /ё ақл дар шиъа/ - муҳокима, дар асоси муқоисаи мавриди ҳукм, бо масъалаи монанд ба он ҳукм шуда. Қиёс кардан аз усул /методҳо/-и ақлонӣ /ратсионалӣ/-и истинботӣ, нормаҳо ва меъёри ҳуқуқӣ мебошад. Аз рӯи муносибат ба усули ақлонӣ, фуқаҳо ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим шудаанд:

1. Асҳоби Ҳадис-онҳое, ки танҳо ба Ҳадис такя доранд ва Қуръонро низ ба воситаи ҳадис тафсир мекунанд.

2. Асҳоби Раъй, ки ба истифода аз фикри мустаъқил ва муҳокима ва таҳқиқи ақлонӣ (дар баробари ва баъди истифода аз оят ва ҳадис-С.Б.Б) пайравӣ мекунанд. Густаришу пешрафти ин усул ба эътирофи иҷтиҳод /аз калимаи арабӣ, ба маънии ҷаҳду кӯшиш ва саъю талоши зиёд, дар сари муҳокимаву ҳалли масъалаи мавриди баҳс бар насси оят ва ҳадис/ оварда, ки он як навъи фаъолияти ҳукмбарории фақеҳ аст, ки дар асоси истифода аз ақл ва усулу далелҳо оят ва ҳадис ва дониши худ устувор аст.

Асҳоби Раъй усулҳои мухталифи берун овардани нормаҳо ва аҳкоми шаръӣ ва ҳуқуқро дар баробари қиёс чун ал-истеҳсон /муҳокима ба ҳусни ният/, ал-истислоҳ /муҳокимаи мустаъқил, барои манфиати кор/ ва ҳамчунин аз-зараъи /муҳокимаи иҷозат додан ё надодан/, ал-истидлол /муҳокимаи хулосаи истидлолӣ дедуктивӣ/ ва ниҳоят ал-истиҳсоб /категорияи «презумсияи тағйирнаёбандагии ҳолат»/-ро кор кардаанд. Ин ҳама категорияҳои раъй мебошанд, дониши онҳо ва истифода кардани онҳо барои муҷтаҳиду фақеҳ зарур ва ҳатмист. 18-73-74.

Фиқҳи исломӣ /ҳадди аққал/ ба ҳафт мазҳаби асосии фиқҳӣ; чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат ва се мазҳаби аҳли ташайюъ /шиъа/ тақсим мешавад. Аммо пеш аз баёни

www.kitobam.com

бевоситаи ин мазҳабҳо бояд гуфт, ки сабаби пайдоиши онҳо ихтилофҳо рӯи мавзӯи истифода кардан ё накардан, дар ҳукм аз суннат, иҷмоъ ва авф /ё қиёс/ будааст.-18.74.

Пас аз вафоти муаллими башарият Ҳазрати Муҳаммад /с/ Пайғамбари Ислом асҳоби Ӯ, дар ҳалли масоилу осонии мушкилоти худ, пеш аз ҳама ба Қуръон ва агар дар он пайдо накардаанд, ба Ҳадис - суннат ва қавлу феъл ва рафтори Пайғамбари гиромӣ /с/ муроҷиат мекарданд, вақте, ки дар он низ баёни равшане пайдо накардаанд, рӯ ба раъю иҷтиҳод овардаанд, яъне, кӯшидаанд, наздиктарин роҳи ҳал, ки ба Қуръон ва Суннат мутобиқ бошад, пайдо кунанд. Масалан, агар дар мавриди ягон хӯрок ё меваи мадҳушкунанда, ё гиёҳи нашъа ва амсоли тарёкиҳои сархушкунандаву мадҳушкунанда /мусаккар/ ҳукм баровардан лозим бошад, вале ҳукми равшане дар бораи ҳаром ё ҳалол будани он дар Қуръону Ҳадис набошад, он гоҳ ба раъйи худ, онро қиёс бо хамр мекарданд. Чун хамр мусаккар - масткунанда аст, пас ҳаром аст /тарки тамоку, яъне, нос бошад, дар мазҳаби Имоми Аъзам воҷиб аст ва бино ба қавли ҳашт тан аз фуқаҳои бузурги ҳанафӣ, нос чизи макрӯҳ аст ва ифлоскунандаи даҳон ва ифлоскунандаи манзилу макон ва гулгашту хиёбон; бояд шахси носкаш бидонад, ки бо он забону лабон ва дандонҳову даҳоне, ки нос ба он меолад, лафзи ҳалол ва номи Худоро гирифтан мутлақо ҷоиз нест; даҳон барои луқмаи ҳалол, нӯшокии ҳалол ва алфози ҳалол, яънё калимоти илоҳиву гуфтори бо адаб аст ва ниҳоят даҳон халта ё сатили порӯандозӣ нест, ки ба он ҳар чизи ҳаром ва макрӯҳро ворид кунем, ки ба саломатии мо ва насли мо зарар оварад; касе, ки уммати солеҳ аст, касе, ки пайрави солеҳи Расулуллоҳ ва муриди воқеии Имоми Аъзам аст, бояд ба зоҳиру ботин пок бошад-С.Б.Б/, пас ҳар чизе, ки мусаккар аст, ба ҳаром ҳукм мешуд. Хулоса, ихтилоф дар усули истинбот баровардани

ҳукми шаръию қонунӣ, сабаби пайдоиши мазҳабҳои фиқҳӣ гардид, ки асоситарини онҳо инҳоянд: 18.,74.

1. Ҳанафия /бо номи Мазҳаби Имоми Аъзам низ маъруфият дорад/, ки пайравони Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ибни Қайс ибни Завтӣ ибни Марзбон Ал-Форсӣ, Ал-Кобулӣ, Ал-Кӯфӣ /699/ 80 ҳ.қ,767 /150 ҳ.қ7 мебошанд. Ин мазҳаби муҳаззаби сироҷи уммати Расулуллоҳ дар Арабу Аҷам, ба вижа дар Мовароуннаҳру Хуросон, қисмати шимолии Эрон, Афғонистон, Ҳинд, Покистон, Руссия (Тоҷикистон, Бошқиристон), Индонезия, Малайзия, Чин, Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Шимолу Шарқии Африқо ва ғайра паҳн гардидааст ва 60 фиссади олами Ислом бар ин мазҳабанд.

2. Моликия; ки пайравони Имом Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анас ибни Абиомир ал-Асбаҳӣ /715-795/ буда, дар нимҷазираи Арабистон, ба вуҷуд омада, баъдан дар Миср, Африқои Шимолӣ ва Андалусу дигар манотиқи исломӣ интишор меёбад. Дар фиқҳ сарчашмаи асосии онҳо Китобу Суннат буда, дар якҷоягӣ «Насс» номида мешавад.

Дар таърихи Ислом, Имом Молик ибни Анас ибни Абиомир /р/ бо номи «Имоми Мадина» маъруф аст. Ӯ муаллифи асарҳои зиёде ба монанди «Ал- Муваттаъ» /ҷамъи бонуфузтарин аҳодису ривоёт/, «Рисолаи ваъз», «Китоб-ул-масоил» ва «Тафсири ғариби Қуръон» мебошад. Ӯ, яъне, Имом Молик ибни Анас /р/ ба қавле набераи саҳобаи мӯҳтарам Анас ибни Молик /р/ аст ва аслан Яманист, ки баъд ба Мадина омад ва муқими ин шаҳри муқаддас шуд. Таълимоти ӯ зидди таъбири зеҳнии Қуръон аст. Ва баъзе ӯро Марвазӣ (Марвӣ) ҳам гуфтаанд.

Ҳамчунин таълимоти моликия бо тааммулнопазирии динӣ, эътирофи қатъии ҳадис ва ба эътибор нагирифтани

www.kitobam.com

раъй фарқ мекунад. Онҳо қиёсро бар хилофи ҳанафиён камтар истифода мекунанд. Моликия алҳол дар Андалус /Испания/, Тунис, Ал-Ҷазоир, Марокаш, Африқои Ғарбӣ. Миср, Судон, Мадина, Ҳиҷоз ва дигар манотиқи исломӣ пайравони худро дорад.

3. Шофеъия, пайравони Имом Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ /767-820/ мебошанд, ки дар фиқҳ тибқи Китоб, Суннат, иҷмоъ, гуфтаҳо /ақвол/-и саҳоба ва қиёс амал мекунанд. Истеҳсонро қабул надоранд. Китобу Суннатро дар як радиф-мусовӣ медонанд.

Иҷмоъи асҳоб ва уламои дин низ, дар сурати бо санад будан, дар асоси далелҳои мӯътабар назди онҳо ҳуҷҷат аст. Ва аммо иҷмоъе, ки мухолифи китоб ва суннат бошад мақбул нест. Назди онҳо иҷтиҳод ба маънии қиёс аст.

Имом Шофеъӣ, аслан Қурайшӣ буда, дар Ғазза ба дунё омадааст. Ӯ ба хонадони Ҳошимиён мансуб аст ва модари ӯ, аз авлоди алавиён буд. Ва нақл аст, ки модари ӯ ба Имом Абӯҳанифа /р/, ки донои-замон ва Имоми Аъзам буд, ихлосу эҳтироми мумина дошт ва ҳине, ки тобути Имоми Аъзам /р/-ро мебурданд, Имом Шофеъӣ /р/ ба дунё омадаанд.

Шофеъияро муҳаққиқон мазҳаби расмии хилофати намояндагони баъдинаи Аббосиён мешуморанд. Ба Имом Шофеъӣ асарҳои зиёдеро нисбат додаанд, ки «Ар-Рисола» яке аз онҳост. Ӯ шогирди Имом Абӯюсуфи Яъқуби Ҳанафӣ, Имом Муҳаммади Шайбонии Ҳанафӣ, Имом Муслими Занҷӣ /фақеҳи Маккиӣ/ ва Имом Молик ибни Анас мебошад.

Шофеъиён мӯътақиданд, ки имон зиёду кам мешавад /ин ақидаву ҳукми эшон хилофи таълимоти ҳанафӣ аст-С.Б.Б/, мӯминон аҳли биҳиштанд ва имон аз се шарт-иқрор ба забон, тасдиқ ба қалб ва амал бо аркон иборат бошад. Фақеҳони машҳури шофеъия Абулҳасани Мовардӣ /974-1058/, Абулҳасани Ашъарӣ-асосгузори таълимот ва равияи динӣ-

фалсафии «Ашъария» /873-941/, Ҷувайнӣ /ваф. 1085/, Абӯшуҷоъи Исфаҳонӣ /ваф.1106/, Муҳаммади Ғаззолӣ /1058-1111/, Ҷалолуддин Суютӣ /ваф, 1505/ ва дигарон мебошанд.

Дар ҳақиқат мазҳаби фиқҳии шофеъӣ, ҳадди мобайнӣ ва талфифи /электикӣ/-е аз тариқаи аҳли қиёс ва аҳли ҳадис аст, ки онҳоро қабул кардааст. Дар амал он мазҳаби соддашудаи усулҳои мазҳаби ҳанафию моликӣ мебошад, Аз ин рӯ, хеле зуд дар Сурия, Ироқ ва Миср ин ду мазҳаби аввалиро танг карда, хеле интишор ёфт. Дар ҳоли ҳозир вай дар Сурия, Лубнон, Мисру Баҳрайн, Фаластин ва Урдун мазҳаби асосӣ буда, дар Ироқ, Арабистони Ҷанӯбӣ, Покистон, Ҳиндустон, Малайзия, Эрон, Яман, Африқои Шимолӣ ва дигар манотиқи исломӣ пайравони худро дорад. 18-77.

4. Ҳанбалия, ки пайравони Имом Аҳмад ибни Ҳанбали Марвазӣ /780-855/ мебошад. Ин мазҳаб дар асри IX аввал ҳамчун ҳаракати дини-сиёсӣ, ба вуҷуд омада, баъдан ба мазҳаби фиқҳиву ақидавӣ ташаккул ёфтааст. Ҳанбалия дар шароити бӯҳрони амиқи маънавӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ, дар даврае, ки мухолифати ғоявии мӯътазила /ақлгароён/ ва мухолифони он, ба қуллаи баланди худ расида буд ва бар акси Аврупо дар олами Ислом, замони хилофати Халифа Маъмуна ин, ки намояндагони Исломи расмӣ, балки пайравону тарафдорони фирқаи ақлгароӣ ва озодандешӣ-мӯътазила, даст ба ташкили девони тафтиши ақоид /меҳнат/ зада буданд, хеле шӯҳрат ёфт.

Аҳмад ибни Ҳанбал /дақиқан моҳи ноябри соли 780, дар Бағдод тавлид ёфтааст/ аз он муқаллидони сунатгарои аҳли ҳадис буд, ки бо вуҷуди таъқибу шиканҷа, аз ақидаи ҳақи худ нагашт. Сарчашмаҳо Аҳмад ибни Ҳанбалро муаллифи чандин асар мешуморанд.

Аз ӯ китобе бо номи «Ал-Муснад ал-Имом-ал-Аҳмад» боқӣ монда, ки ҷамъи Ҳадис буда, дар он қариб 30-ҳазор ҳадис гирд

www.kitobam.com

оварда шуда аст. Ҳанбалиён дар дин хеле тундрав буда, мутаассибтарин мусалмонон, ба ҳисоб мераванд. Онҳо ҳамагуна кӯшиши тафсири озоди Қуръону Ҳадисро рад мекунанд. Дар масъалаи имомат, ҳанбалия ақидаи шиъаро ки мегӯянд-имомат меросист /яъне, ба имомат авлодони Алии Муртазо бояд бошанд, на ин, ки берун аз аҳли байт/ қатъан рад намуда, итоат ба имомро то муддате раво медонист, ки адолати воқеӣ, дар мамлакат барқарор бошад. Ҳанбалиён хилофи озодандешианд, масалан дар асри XIV Ибни Таймия-яке аз фуқаҳои бузурги ин мазҳаб, расман ҳамагуна «навигарӣ» ва ислоҳот, дар динро бидъат ва «куфр» эълон намуд.

Ҳанбалиён дар фиқҳ, аз рӯи Қуръон /китоб/, суннат, фатвои асҳоби Расулуллоҳ /с/, қиёс, истеҳсоб ва зароеъ ҳукм мекунанд. Онҳо матни Ҳадисро аз фатвои саҳобагон афзалтар ва муқаддам медонанд (ҳанафиён низ чунинанд, зеро ҳанафия дар асри Расулуллоҳ (с) ба вуҷуд омада буд-С.Б.Б), дар сурати набудани матни ҳадис, баъд ба фатвои саҳобагон (р) мурочиат менамоянд. Дар сурати набудани фатвои асҳоб (р), ба ҳадисҳои заъиф рӯ меоранд, агар ин охирин ҳам набошад, баъд аз тариқи қиёс /далоили ақлӣ/, иҷмоъ, масолеҳ ва истеҳсоб ҳукм мекунанд. Истеҳсоб-ҳукмест, ки дар замони дуввум мисли замони аввал собит аст.

Ҳарчанд ҳанбалия ҳамчун мазҳаби фиқҳӣ, дар асри X ташаккул ёфт, адабиёту осори ҳанбалӣ баъдтар, дар асри XI ба вуҷуд омаданд. Маъруфтарини он «Китобул-умда-фи-аҳком-ал-фиқҳ»-и Муваффақ ад-Дин ибни Қудомӣ /1146-1223/ ва «Сиёсат уш-шаръия»-ву «Минҳоҷ-ус-сунна»-и Алломаи машҳури асри XIII-и Ҳанбалӣ-Ибни Таймия /вф.1328/ мебошад. Яке аз бузургтарин намояндаи ин мазҳаб (ҳанбалӣ) Ҳазрати Сайид Ғавсул Аъзам Абдулқодири Гелонӣ (р)

мебошанд (султонулавлиё ва пири тариқаи «қодирия» - асри XII).

Мазҳаби Ҳанбалия байни табақоти поёнӣ ва миёнаи Ироқ, Хуросон, Сурия ва Ҳиҷоз, таърихан таъсири зиёда доштааст ва ҳоло он мазҳаби расмӣ ва фиққӣ-қонунгузории Арабистони Саудӣ аст. Мазоҳиб ва фирқаҳои аҳли суннат ва ҷамоъат муътақиданд, ки маҳз онҳо суннати Пайғамбар /с/-ро бар хилофи таърифи аҳли шиъа нигоҳ медоранд. Инҳоянд чаҳор мазҳаби бонуфӯз ва интишорёфтаи арбаъаи аҳли суннат ва ҷамоъат, ки маҳз ба хотири дуруст фаҳмидани маъонии оёти шарифи илоҳӣ ва аҳодиси набавӣ (с) ва бо роҳи рост ҳидоят намудани мусалмонон, онҳоро ҳар яке аз аимаи бузарги Ислом ва шогирдони эшон, ба иноятӣ ҳидояти Парвардигори субҳон вазъ кардаанд, яъне, аз рӯи Қуръон ва Ҳадис.

Хулосаи матолиби бахши мавзӯи мазоҳиби арбаъа /чаҳоргона/- и ҳақ ба чунин тарз аст, ки:

1. «Вуҷуди мазоҳиби чаҳоргона» (ҳанафия, моликия, шофеъия ва ҳанбалия)-и ҳақ мисли обу ҳаво, барои мусалмонони олам зарур ва ҳатмист.

2. Дур шудани мардум, аз яке аз ин чаҳор мазҳаби ҳақ, ҳазорон равия ва гурӯҳҳои мухталиф ва мухолифи ҳамро ба вуҷуд меоварад ва майдони нифоқу ишқокро (муноқиша, хушунат) гармтар хоҳад кард, чуноне, ки имрӯз инро ба чашми сар мебинем (агар ин ҳолат давом ёбад, мардум, ба тамом ҷоҳил ҳазормазҳаб ва ваҳшӣ мегарданд-С.Б.Б).

3.Аима, яъне, имомони мазоҳиби арбаъа, ҳама аз аҳли салафи солеҳ (салафассолиҳин гуфта, Ҷаноби Расулуллоҳ (с), чаҳор ёри ъизом, саҳобаи киром (р), тобиъин ва табаъатобиъин (р), имомзодагони аҳли байт (саломуллоҳ), пирони мазоҳиб ва ҷамиъи азизу авлиёҳо, ки шумораашон зиёда аз 1400-то мебошанд, дар назар дошта мешавад ва «салафиҳо»-и имрӯза ба хоки қудуми аҳли салафассолиҳин

www.kitobam.com

баробар нестанд, яъне бузургони пешин ҳамагӣ пирони шариъатанду пирони тариқат ва инсонҳои комил ва муаллимони башарият, аммо маъатаассуф «фирқаҳои имрӯза», ба вижа «салафиҳо» пурғуруранду аҳли риё ва худнамо ва аз илми шариъату тариқат заррае баҳра набурда, корашон фитна асту нифоқу ҷудоиандозӣ ва фирқабозӣ ва худманишӣ, яъне табиати рафторашон ва гуфторашон басо ғарбиёнаву инглисона, яъне гӯё танҳо онҳо босаводанду дигар ҳама миллат бесавод. Вале як чизро бояд фаромӯш накард, ки касе, ки тарки мазҳаб кард, дер зуд барои доллар шуда, динашро ҳам мефурӯшад) буда ва муҷтаҳидони шаръ мебошанд, ки иктифо ба иҷтиҳоди эшон, амри муҳим ва бидуни зарурат ба иҷтиҳод даст задан, хатари дар хато рафтан аст. Зеро барои муҷтаҳиди барҳақ будан, илми фарогири Қуръон ва Ҳадис, тақво аз ширкиёт ва бидъатҳо ва луқмаи бешаку шубҳа ва дигар умури лозима ва заруриву воҷибии тақво ва тақводорӣ, яъне, парҳезгорӣ, басо муҳиманд, ки ин авсоф, дар ин замонаи пуршӯру фитна ва рибоҷу риё, дар баъзе ашхосе дилогоҳ аҳён-аҳён насиб мешавад /ки он ҳам бошад, ба ҷидду ҷаҳди суботкоронаи марди обиду зоҳид ва тақводор ва ё зани поку парҳезгор вобаста аст-С.Б.Б/. Касе, ки даъвои лаёқатиро ба ин амр намояд, худписанд ва худхоҳ аст ва аз аҳли такаббур, мисли баъзе аз «ҳазратҳо» фирқабозони садмазҳаби имрӯза...

Дигар ин, ки боз шудани дарвозаи иҷтиҳод, ба ҳар касу нокас, хатари бузурге буда, оқибати ногувореро ба бор хоҳад овард, ки ба ҷуз Аллоҳ таъоло, касе то чи андоза мусибатовар будани онро надонад. Чуноне, ки мебинем яке аз сабабҳои пайдоиши мазоҳиби золла ва равияҳои куфру ғулот ҳам маҳз аз он иборат аст, ки иҷтиҳоди эшон иҷтиҳоди гумроҳонаву басо хатокоронае аст, ки ҳосилаш ба ҷуз меваҳои ҷудоиандозӣ, дигар чизе нест ва он мунҳарифӣ, ки то ба имрӯз, дар байни

мусалмонон ҳаст, маҳз аз иҷтиҳоди хатои душманони дини Ислом аст, ки ба зоҳир мусалмонанду ба ботин шайтон, яъне, шайтонулинс» 79-17.

Ҳамчунин аҳли суннат ва ҷамоъатро фирқаву ҷараёнҳо, силсилаву тариқатҳои тасаввуфӣ ва ҷамъияту ташкилотҳо ва гурӯҳҳои динӣ, низ мавҷуданд, ки маҳз аз дохили чаҳор мазҳаби фиқҳии дар боло зикришудаи аҳли суннат ва ҷамоъат сабзида расидаанд, ба монанди: **Ашъария** асосгузораш фақеҳи шофеъӣ Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ /873-941/; **Асҳоби раъй-**сарчашмаҳо Имом Абӯҳанифа (р) ва шогирдонаш-Муҳаммади Шайбонӣ, Абӯюсуфи Қозӣ, Зуфар ибни Ҳузайл, Ҳасан ибни Зайди Лӯълӯъи, Абӯмутеъи Балхӣ, Бишри Марисӣ, Абдуллоҳ ибни Муборак, Мотиридии Самарқандӣ, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа ва дигаронро асосгузорони ин гурӯҳи фиқҳии мазҳабӣ медонанд, ки дар масоили илоҳиёт ва фиқҳ, дар баробари оят ва Ҳадис, қиёс /далелҳои ақлӣ/-ро истифода мекарданд ва низ истифода мешавад то кунун, аз ҷониби пайравони эшон, яъне, мусалмонони ҳанафимазҳаб; **Асҳоби Ҳадис**-яке аз ду гурӯҳи фақеҳони сунниро номанд, ки дар фиқҳ танҳо Ҳадисро истифода мебаранд ва мувофиқи таълимоти аҳли суннат ва ҷамоъат ҳадис ё худ ахбор се навъ - мутавотир /пай дар пай/, фардӣ /гувоҳии шоҳиди ҳақгӯй/ ва мустафиз /ҷанбаи назарию амалии байни аҳодиси мутавотир ва фардӣ аст/ мешавад ва пайравони асҳоби ҳадис мутакаллимони Ҳиҷоз-тарафдорони Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), Молик ибни Анас, Идриси Шофеъӣ, Сӯфёни Саврӣ, Аҳмад ибни Ҳанбал, Довуд ибни Алии Исфаҳонӣ ва дигарон мебошанд ва бино ба маълумоти сарчашмаҳо Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ гуфтааст: «-Мазҳаби маро бубин, агар хабаре мухолифи он бошад, мазҳаби ман он бувад, ки дар хабар гуфта шудааст». Дар ин хусус, қабл аз ҳама

www.kitobam.com

Имоми Аъзам (р) гуфтаанд: «-Ман аввалан ба китоби Худо, яъне, Қуръони маҷид амал мекунам ва баъд аз он ба Аҳодиси шарифи Паёмбараш (с)...».

Асҳоби Ҳадис истифодаи қиёсро рад кардаанд, вале аз миёни эшон Имом Абӯҳанифа /р/ дар ҷавоби эшон гуфтааст: «Илми мо раъй аст ва раъй аҳсани умури мақдури мост» (баъд аз Ҳадис-С.ББ) 53-54.

Ваҳҳобия - як фирқаи тундрав, номуросо ва мутаассибу худхоҳи аҳли суннии ҳанбалӣ, ки муассисаш Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб /1703-1787/ мебошад ва асарҳои асосии» онҳо «Тавзеҳу-т-Тавҳид-ахлоқ-фӣ ҷавоб-ил-аҳлил-Ироқ», «Тазкират-ул-увло», «Ал-боб фӣ тариқи Шайх Абдулваҳҳоб» мебошад ва чуноне, ки гуфта шуд ваҳҳобия, аз аҳли суннат ва ҷамоъат буда, таълимоти худро ва ғояи асосии худро аз ақидаҳои Ибни Таймия гирифтаанд, яъне, ҳамчун сарчашма, аз ақидаҳои ӯ истифода кардаанд, ки чор аср қабл аз онон, нуқтаҳои асосии таълимоти ҳанбалияро дар «Минҳоҷ-ус-сунна» инкишоф дода буд ва танҳо дар асри XVIII, дар шахси Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб тарафдори ҳақиқии худро пайдо кард. Таълимоти ваҳҳобия ба Исломи аслию ибтидоии замони Муҳаммади Мустафо /с/ бозгаштанро тарғиб мекунад, яъне, риояи қатъии тавҳид, даст кашидан аз авлиёпарастиву парастиши мазорҳо ва ҷойҳои муқаддас ва бидъат, дур будан аз ҳама дабдаба, дар маишат, либос ва оин. Идеологияи ваҳҳобияро авлоди Саудиҳо, ки барои зери ҳокимияти хеш мутаҳҳид кардани тамоми Арабистон мубориза мебурданд, дастгирӣ намуданд. Ҳоло ваҳҳобия дар Арабистони Саудӣ, Уммон, Африқои Шимолӣ, Ҳиндустон, Индонезия ва баъзе манотиқи исломӣ, ҳамчун таълимоти динию сиёсӣ, барои аз бардагӣ растан, амалӣ мекунад. Вале як нуқтаро бояд таъкид намуд, ки асосгузорони «ибтидоӣ»-и ваҳҳобия, ҳамоно ҷосӯсони инглисӣ буданд. Ва «Толибони афғон» ҳам маҳсули

«мағзи» ҷосӯсони урупоӣ ва амрикоиянд ва фирқаҳои занбурӯғвор пайдошудаи имрӯзаи мо низ...-С.Б.Б.

Дини илоҳӣ - равияи дини исломро гӯянд, ки дар аҳди Темуриён дар Ҳиндустон Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар /ҳукмрониаш 1556-1605/ ҷорӣ карда буд. Вазифаи ин таълимот оштӣ додани мусалмонон бо ҳиндуён буд ва он соли 1582 ҷорӣ шуд, аммо баъди вафоти Акбар аз байн рафт ва Аллома Иқбол шефтаи ин тариқат буд;

Мавлавия – силсилаи ҳанафимазҳаби суннии тасаввуф, ки асосгузораш Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ /1207-1273/-И ҳанафимазҳаб аст, ки марказаш шаҳри Кунияи Туркия аст ва ҳоло асосан дар Эрон, Афғонистон, Покистон ва Ҳинд амал мекунад;

Нақшбандия - силсилаи шарифи тасаввуфии ҳанафии аҳли суннат ва /дар қатори 12 силсилаи ихвония/ ҷамоъат аст, ки дар байни ҳанафиёни Осиёи Миёна ба вуҷуд омадааст ва зикри шарифу таъбири маъруфи «Дил ба ёру даст ба кор»-аз шиори махсуси шайхони ин силсилаи шариф аст ва асосгузораш Ҳазрати Баҳоуддин Нақшбанди Бухорӣ /1314-1398/-фарзанди арҷманди миллати тоҷик буда, аз тоҷикони асил аст. Силсилаи мазкур намояндагони барҷастаи худро дорад, монанди Мавлоно Яъқуби Чархӣ (р), Хоҷа Алоуддини Аттор; Шоҳи Хомӯш-Мавлоно Низомиддини Хомӯш, Мавлоно Халифа Ҳасани Раштии Панҷекатӣ, Мавлоно Тоҷиддин (асри XIV), Мавлоно Обиддин (асри XIV), Ҳазрати эшони Сӯфӣ-Шайх Абдурраҳимхоҷа (Худгифӣ), Шайх Абдулҳайи Балогардон, Имом Раббонӣ-Муҷаддад Ал-фӣ Фонӣ, Сайид Бурҳониддини Қилич; Бобо Машраб (р), Мавлоно Ҷомӣ /1414-1492/, Навоӣ /1441-1501/, Ҳазрати Махдуми Аъзам-Хоҷа Аҳмади Косонӣ Ад-Даҳбедӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мирзо Улуғбек, Хоҷа Туғрали Аҳрорӣ, Мавлавӣ Ҷунунӣ-Сӯфӣ Сайид Қаландаршоҳи Валӣ ва ғайра. Пирони

www.kitobam.com

силсилаи нақшбандия, бино ба таърихи гузаштаи ин силсила ва аз рӯи эътирофи эшон Ҳазрати Расулуллоҳ /с/, Абӯбакри Сиддиқ /р/, Салмони Форсӣ (р), Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, Абдулхолиқи Ғиждвонӣ /аз тоҷикони Ғиждивонӣ/, Хоҷа Азизи Ромитанӣ, яъне Ҳазрати Азизон, Сайид Амири Кулол, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Бобои Пири Самосӣ, Хоҷа Муҳаммади Порсо, Усмони Чархӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Юсуфи Чархӣ, Қутбулаброр Ҳазрати Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мавлавӣ Ҷунунӣ ва дигаронанд. Муҳаққиқони шинохтаи ин аҳли тариқат, дар мо устодон К.Олимов, А.Муҳаммадхоҷаев, М.Ҳазратқулов, А.Афсаҳзод ва Ҳоҷӣ Мулло Зайнуддини Набот мебошанд ва чанде дигар аз устодон, ки дар риштаи тасаввуф таҳқиқот бурдаанду мебаранд.

Аз шайхон ва уламои маъруфи ин тариқати шариф, метавон номи чанде аз кубароро ба мисли Шайх Мулло Шарифи Ҳисорӣ (падари собиқ Муфтии мусалмонони Тоҷикистон- Ҳоҷӣ Мулло Фатҳуллоҳи Шарифзодаи Шаҳиди Ҳанафӣ), Ҳазрати Бузургвор - Мавлавӣ Шайх Абдурраҳими Элокии Валӣ (1881-1947-муаллифи 12-асари илмӣ, дар тасаввуф), Ҳазрати Эшони Шайх Сайид Абдурраҳмонҷони Валӣ (вф.1991) ибни Эшони Порсохоҷаи Валӣ (р), Ҳазрати Хоҷа Хайруллоҳи Валӣ (оромгоҳашон дар деҳи Арақчин), Ҳазрати Эшони Ҷандапӯш-Сайидхоҷаи Ремонии Анзобӣ, Эшони Мулло Абдурасули Питепии Яғнобӣ; Ҳазрати Эшони Сайид Нақшбандхони Валии Шингличӣ (асри XIX-XX), Ҳазрати Эшони Мулло Эшонҷони Фақеҳи Ҳанафии Раштӣ (Ғармӣ-ъалайҳирраҳма-вафоташон тобистони соли 2008)-и Нақшбандӣ; Ҳазрати Эшони Сайид Неъматуллохоҷаи Даҳбедии Ҳисори Шодмонӣ (р), Ҳазрати Эшони Шайх Пирмуҳаммади Валии Хатлонӣ (яъне маъруф бо номи Ҳазрати Маҳдуми Сангикулӯлаӣ (р) – аз деҳи Санги Кулӯла-оромгоҳашон дар даромадгоҳи чаҳорроҳаи ноҳияи Восеъ);

пешвойи тариқат ва пири соликони сулуки нақшбандӣ – Ҳазрати Аллома-Мавлавӣ Эшони Маҳдуми Зубайдуллоҳҷон ибни Ҳазрати Бузургвор – Мавлоно Шайх Абдураҳими Элокии Валӣ; Муфтии мусалмонони Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҳазрати Шайх Ҳоҷӣ-Қорӣ Амонуллоҳхон Неъматзода, Ҳазрати Мавлавӣ Эшони Мулло Маъруфҷон ибни Ҳазрати Эшони Аллома Маҳдуми Зубайдуллоҳҷони Валии Элокӣ; Ҳазрати Мавлавӣ Сайид Мулло Эшонҷон-мулаққаб бо Эшони Алломаи Регарӣ; Ҳазрати Эшони Сайид Темурхоҷаи Валии Сангмелаии Шаҳринавӣ; Ҳазрати Эшони Сайид Абдухон ибни Сайид Нақшбандхони Валӣ, Ҳазрати Эшони Сайид Мулло Абдулқуддус ибни Эшони Сайид Абдурраҳмонҷони Валӣ, Ҳазрати Эшони Мавлавӣ – Сайид Абдулвоҷид ибни Ҳазрати Эшони Сайид Абдурраҳмонҷони Валӣ; Ҳазрати Эшони Ҳоҷӣ Сайид Исмоилҷон ибни Ҳазрати Эшони Сайид Пирмуҳаммад Маҳдуми Сангикулӯлаии Хатлонӣ; Ҳазрати Мавлавӣ Эшони Ҳоҷӣ Сайид Абдуҷалилхоҷаи Даҳбедии Ҳисори Шодмонӣ ибни Ҳазрати Эшони Сайид Неъматуллоҳхоҷаи Даҳбедии Ҳисори Шодмонӣ (аз наводагони Ҳазрати Сайид Маҳдуми Аъзам-Хоҷа Аҳмади Косонӣ) Ҳазрати Эшони Ҳоҷӣ Абдухалилхоҷа ибни Эшони Неъматуллохоҷа, Ҳазрати Мавлавӣ Мулло Ҳикматуллоҳи Фақеҳи Ғармӣ, Ҳазрати Эшони Калонҷони Ҳисорӣ (Зин-Охӯрӣ), Сайид Абдуллоҳӣ Нурӣ (р)... ва ғайраро зикр кард.

Санӯсиён - аъзоёни ихвонияи мусалмонии санӯсия, ки соли 1837 муробити алҷазоирӣ Муҳаммад ибни Алии Санӯсӣ /1787-1859/ дар Макка таъсис намудааст ва даъвои онҳо мисли ваҳҳобиён-баргаштан ба «Исломи софи ибтидоӣ» аст;

Саъдия - силсилаи тасаввуфиест, ки бо номи Саъдуддини Ҷибовӣ /вф.ибт. асри VIII/ маъруф аст; Ихвонал муслимин яъне, «Бародарони мусалмон»-аъзоёни ташкилоти динию

www.kitobam.com

сиёсии ҷамъияти бародарони мусалмон, ки Шайх Ҳасани Банно соли 1928 дар Исмоилия /Миср/ таъсис намудааст;

Чиштия – тариқати ҳанафии сӯфия, ки дар вилояти Ҳирот /Афғонистони Шимолӣ/ дар асри XII таъсис ёфт, пас фаъолияти тариқат тавассути Муинуддини Чиштӣ /вф.1236-Аҷмири Ҳиндустон/ ба Ҳиндустон манқул гардид. Тариқат ба анъанаҳои демократӣ маъруф буд. Таъбири фақр /ар.бенавоӣ/ тавассути шуюхи чиштия ҳамчун қашшоқии моддӣ, дар маҳкуми сарват, дар тарғиби /нестяжательства/ эълони таҳрими қабули вазоифу мансаб ва дигар ҳадяҳо, аз ҳокимияти доро мушоҳида мешуд. Шайх Фарид /1175-1266/ хатиби маъруфи тариқат манзили худ «Ҷамоатхона»-ро дар Аҷудхон /Пакпаттани муосир, дар Покистон/ бунёд кард. Таркиби иҷтимоии пайравони тариқат ҳеҷ вақт якҷинса набуд; байни тарафдорон Шайх Низомуддини Авлиё ва шоири маъруф Амир Хусрави Деҳлавӣ ва муаррих Зиёуддини Боронӣ /а.XI ҳ/ низ буданд. Дар нимаи дуюми асри XIV тадриҷан феодалшавии пешвоёни тариқати чиштия ба амал меояд, ки онҳо ба заминдорони хусусӣ мубаддал мегарданд; ҷудоӣ, бо доираи демократӣ, мушоҳида мешавад. Ҳоло пайравони чиштия дар Афғонистон, ва Ҳиндустон мавҷуданд;

Қодирия - як тариқати басо маъруфу машҳури аҳли суннат, яъне, ихвонияи сӯфия, ки онро дар асри XII дар Ироқ, Шайх Мавлоно Абдулқодири Гелонӣ /дар арабӣ Ҷелонӣ/ мулаққаб бо Сайид Ғавсулаъзам таъсис намуда. Шайх Абдулқодири Гелонӣ асосан мубаллиғи таълимоти мазҳаби ҳанбалия мебошад ва дар байни пайравони ҳанафия /Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва ғайра/ низ интишор ёфтаву муридон ва ихлосмандону пайравони бедордилу худоогоҳи худро дорад. Ӯ аз аҳли Форс буда, Форсизабон аст (аслан насаби падарии ӯ аз Имом Ҳасан (р) ва насаби модариашон аз Ҳазрати Имом Ҳусайн мебошад, ки дар Гелони Эрон таваллид

ёфтаанд ва Ҳазрати Сайид Ғавсулаъзам Муҳиддин Абдулқодири Гелонӣ ё дар араби Ҷелонӣ Султони авлиёҳо мебошанд).

Муҳиддин Абдулқодир ибни Абӯсолеҳ Ҷангидӯсти Гелонӣ-Сайид Ғавсул- Аъзам, ки аз авлоди Ҳазрати Мавло Алӣ алайҳиссалом аст, дар синни 18-солагӣ (бо дуои модарашон Бибӣ Фотимаи мӯъмина) ба Бағдод меояд ва дар дарсҳои бисёре аз уламои мубаллиғи мазҳаби фиққии суннии ҳанбалӣ ва шофеъӣ иштирок мекунад, аз ҷумла дуруси фуқаҳойи ҳанбалӣ, назири Абулвафо Ибни Оқил /вф.1119/ ва Қозӣ Абӯсаид Ал-Муборак Ал-Муҳарримӣ, ки бори охир соли 1100 ба ӯ хирқаи муборакро ҳадя намуд, ки то ин дам ба ягон силсилаи шариф нагаравида буд ва ҳатто дар дарсҳои мадрасаи Низомия иштирок карданро рад карда буд, ки он ҷо Аҳмади Ғаззолӣ /вф. 1126-муаллифи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» дарс мегуфт. Аммо баъдтар ӯ ба дарсҳои таълимоти Абулхайр Ад-Даббос /вф.132/ иштирок мекардагӣ шуд, вале бо шогирдони ӯ доим дар муноқиша ва баҳс буд. Пас аз зиёрати Каъба, яъне, адои Ҳаҷ ва зиёрати равзаи муборак, яъне, оромгоҳи мубораки Ҳазрати Расулуллоҳ /с/ муддати 25 сол, дар биёбонҳои бе каси Ҷанубӣ Ироқ ҳамегашт, барои муҷодала бо нафс ва тақвияти ирода ва ба зӯҳду вараъ ва тақводорӣ, рӯҳи худро парвариш медод, ки медод ва дарвешона сайри биёбон мекард ва аз мардум дурӣ меҷуст ва мисли аскетҳо бо касе сӯҳбат кардан намехост. (Чаро? Барои он, ки ҳамсӯҳбати шоистае надошт-С.Б.Б) ва дар синни 50-солагӣ, дар Бағдод пайдо мешавад ва (ҳамчун воиз ва мубаллиғи аҳодиси навабӣ (с) ва донандаи илмуттавҳид ва кашшофи асрори илм-ул-ғайб-С.Б.Б) дар байни мардум, ба баёни ҳикмати илоҳӣ оғоз, мекунад ва дар як муддати кӯтоҳ, ҳамчун шахсияти табаррук ва инсони комил, обрӯ пайдо мекунад. (Ӯ дар воизӣ ва ойини суханварӣ яктои замони

www.kitobam.com

хеш,буд ва суханони пурҳикматаш чун оҳанрабо қалбҳои муштоқони каломи ҳақро ва равандагони роҳи ҳақро ба сӯи худ мерабуд, ки мерабуд. Ва ин боиси он гардид, ки ӯ шогирдони зиёде пайдо намуд ва аз тамоми, гӯшаву канори олам мусалмонон назди ӯ барои омӯхтани таълимоташ меомаданд-С.Б.Б). Шайх Абдулқодири Гелонӣ баъди шаш сол, ба ҳайси роҳбари мактаби устодаш Ал-Муҳарримӣ, ба фаъолият шурӯъ мекунад ва ӯ, ки ниҳоят сахтгир буд ва пурхашм, аз салобаташ ҳама меҳаросиданд (яъне, салавоте азим дошту каромоте аҷиб-С.Б.Б). Шогирдону пайравон барои ӯ ва аҳли оилааш, ки 42 фарзанд дошт, работе бо бинои нави мадраса сохта доданд, ки ӯ он ҷо ба ҳайси муфтӣ ва муфассири Қуръон фаъолият мекард ва аввалҳо ба шогирдон бидуни истифодаи истилоҳоти тасаввуфӣ, илми ҳадис ва илми фиқҳ меомӯхт ва шогирдонро бо таълимоти мазҳаби фиққии ҳанбалӣ ошно мекард (ва ба таври қатъӣ ва бечуну чаро, ба суннати Расули акрам Муҳаммади Мустафо /с/ риоя мекард, аммо дар гуфтори ӯ бӯи тасаввуф ҳам, ба машоми муштоқон мерасид, ки мерасид ва ҳидояташон мекард мардумро ба сӯи роҳи шариъат ва роҳи тариқат ва роҳи ҳақиқат, яъне ъирфон-С.Б.Б). 49-65-66.

Аз Шайх Абдулқодири Гелонӣ, асарҳои зерин боқӣ мондаанд; «Ал-фатҳ-ур-Раббонӣ»; «Ҳизби башоир-ул-хайрот», «Явоқит-ул-хайр», «Фуюзот-ур-раббонӣ», «Девони ғазалиёт, рубоиёт ва қасоиди Шариф» (бо тахаллуси шарифи Муҳӣ), «Ал-Ғуния ли толиб-тариқал ҳаққ», ки таълимоти Шайх оиди масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, дар асоси мазҳаби ҳанбалист, ҳамчунин маълумотҳои мӯътамад оварда шудааст, дар ин асар дар бораи 73 фирқаи исломӣ ва баъзе аз макотиби динии асрҳои XII-XIII; дигарӣ «Футӯҳул ғайб»-кашфи асрори олами ғайбӣ; ду асари дигари маҷмӯи таълимоти ӯро писараш ҷамъ оварда, ки мутаассифона номи онҳо дар адабиётҳо зикр

наёфта; «Қасидат ал-ғавсия» /ин асарро ба ӯ нисбат намедиҳанд, шояд аз осори намояндаи бузурги ин тариқат муриди Абдулқодири Гелонӣ-Муҳаммад Ғавс бошад-С.Б.Б/ ва ашъори назмӣ, ба забони форсӣ, ки бештар ғазалиёт, рубоӣ ва қасидаҳои динӣ - ирфониро дар бар гирифтааст. Тахаллуси шоириаш «Муҳӣ» аст.

Шайх Абдулқодири Гелонӣ /1077-1166/ дар таърихи Ислом ва дар байни мусалмонон ҳамчун яке аз шахсиятҳои басо маъруф, инсони комил, кашшофи асрори ғайбӣ, кашшофул қулуб, дар ҳадди боло муваҳҳид ва пири қасида машҳур аст. Тариқати қодарияро тариқати сайидон (авлодони Пайғамбар /с/ яъне, аз авлодони Мавло Алӣ /р/ ва возеҳтар, тариқати сайидзодагоне, ки аз авлоди Имом Ҳасан)ъ-с) ва Имом Ҳусайни Шаҳид /р/ ҳастанд ва сарочозои силсила ҳамоно Ҳазрати Расулуллоҳ /с/, Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ, Ҳазрати Умар, Ҳазрати Усмон ва Ҳазрати Алӣ ҳастанд) низ мегӯянд.

Сайид Ғавсулаъзам Шайх Абдулқодири Гелонӣ /р/ зодаи деҳаи Найфаи Гелон /Эрон/ аст ва оромгоҳи муборакаи ин бузургвор /ки дар замони дар қайди ҳаёт буданаш дар асри XII, ба ривоёти шуюхи ин тариқат ва далели муҳаққиқон, касе агар бе таҳорат номи ӯро мегирифт ҷазои сахт дода мешуд/ дар Бағдод аст. Тариқати мазкур дар асри XIII эътибор ва густариш ёфт. Дар тасаввуроти пайравони қодирия муассиси он Сайид Ғавсулаъзам мақоми баланд дорад ва узвияти ӯ дар ихвония доимӣ буда, ба пайравонаш тавассути миёнаравон роҳбарӣ мекунад, ақидае вуҷуд дорад, ки ӯро /пинҳонӣ/ ба дараҷаи илоҳӣ-қудсият, яъне, руҳулқудс баровардаанд.

Аммо ба ақидаи муаллифи ин навиштаҳо /С.Б.Б, ки пайрави фақири ин тариқати шариф ҳастам/ пирам Ҳазрати Сайид Ғавсулаъзам Шайх Абдулқодири Гелонӣ як бандаи Худо, аз умматони солеҳу шоистаи Расулуллоҳ /с/ ва яке аз бузургтарин нишонаву эъҷоз ва исботи вуҷуди ҳақ ва зуҳӯри

www.kitobam.com

илми ҳақ, дар сурати инсон, дар Замин аст, яъне, қутб ва инсони муваҳҳиду басо комилу ба ҳақ расида аст, ки асрори илми ғайбро /дар асоси Қуръон ва Ҳадис/ бо иродаи Парвардигори субҳон, ба он ҳадде, ки ба фаҳму фаросати хосу оми пайравон ва кулли мусалмонони бедордил мувофиқи фаҳм аст, ошкор карду рафт, ки рӯҳи пурфутӯҳаш роҳнамои мову шумост ва иншоаллоҳ шафоатхоҳу шафоаткунандаи пайравон, дар арасот хоҳад буд, дар назди ҳузури рӯҳи пурфутӯҳи Расулуллоҳ /с/ ва дар ҳузури ҷамолу дидори чигун ва бе чигуни Парвардигори субҳон (ҷалла ҷалолаҳу).

Тариқати қадирия, дар қатори дувоздаҳ силсилаи бародарони аҳли тасаввуф яке аз қадимтарин ва интишорёфтатарин таълимоти динист, ки афкори ғулоти шиъа ва таълимоту ақидаҳои равияҳои каҷраву ба иборае озодандеши исмоилия ва ғайраи аҳли ташайюъро комилан рад мекунад. Мувофиқи таълимоти қодирия инсон махлуқи Худо аст ва дониши инсон нисфӣ аст. Ва ҳар он ҳукму хулосае, ки инсон дар асоси ақидаҳову фаҳмиши худ баён мекунад, дар назди ҳақиқати (қадим ва лоадрӣ ва ҷовидонӣ) кулл ва бе поён, нисфӣ аст. Худованд, худ дар дини инсоният, давра ба давра, тавассути расулони худ ва тавассути кутуби илоҳӣ, ислоҳ дароварда аст. Ва ахиран Қуръони Маҷидро (ба номи Ҳабибаш Муҳаммади Мустафо салъам) фиристода аст, ки инсонҳои «доно» ва «озодандеш» ва «ислоҳотчиву навгаро» бидонанд, ки ҳақиқати кулл чист ва Раббашон кист ва ҳақиқати ҳол чист?

Қодириён мегӯянд: - Инсон, ки барои ислоҳи ҷомеъаи худ, аз шарру шӯр оҷиз аст ва дар фаҳмиши илми кулл ва ҳақиқӣ оҷиз аст, пас чи гуна метавонад, ки махлуқе ночиз ислоҳи илми Ҳақ, яъне, ислоҳи дин кунад? Худоё агар ба мо ақл намедодиву заррае илми худро ошкор намекардӣ, мо ки будем? Ҳайвон!

... Бисёр муаллифони сарчашмаҳои илмӣ, қодирияро қадимтрин силсилаи тариқат меноманд. Шайх Абдулқодири Гелонӣ намояндаи аҳли суннат ва ҷамоъат буда, пайрави мазҳаби ҳанбалия буд, ки дар қатори чаҳор мазҳаби бонуфӯзи фиққии аҳли суннат ва ҷамоъат, ҷавонтарин мазҳаб аст. Асоси таълимоти қодирияро риёзати қалбӣ ташкил медиҳад. Бисёре аз нуктаҳои таълимоти қодирия ба ақидаҳои мазҳабҳои ҳанафия, моликия шофеъия ва ҳанбалия монанд аст. Тариқаҳои кубравия ва нақшбандия давоми бевоситаи қодирия мебошанд…

«Қодирия дар Эрон густариш ёфта бошад ҳам, баъди интишори исноашария /шиъиёне, ки дувоздаҳ имомони аҳли байтро имомони барҳақ ва ворисони бевоситаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам медонанд, С.Б.Б./ва зулму истибдоди Сафавиён, пайравони ин силсилаи тариқати тасаввуфии аҳли суннат, ба дигар марзҳои мусалмонӣ, аз ҷумла ба Бағдод, яъне, он ҷое, ки мақбараи пири тариқаташон Сайид Ғавсулаъзам - Шайх Абдулқодири Гелонӣ онҷост, ҳиҷрат намуданд». 82.88.

Шайх Абдулқодири Гелонӣ, аввал улуми ақлӣ ва фиқҳиро азбар намуда, баъд ба таълими илмҳои зоҳирию ботинӣ пардохт ва дар илми тасхир низ риёзат кашид, то ба ҳадде, ки худ бузургтарин донанда ва ҳамчун кашшофи илмулғайб ва пири қасидаи ирфонӣ, шӯҳрат ёфт. Байни сӯфиён, бо номи «Шайхи Машриқ», «Қутби Аъзам», «Султон», «Шоҳи шоҳон», «Муҳиддин», «Маҷидуддин», «Сайид Ғавс-ул-Аъзам» ва ғайра маъруфият дорад. Ӯ дар санъати суханварӣ ва воъизӣ маҳорати фавқулодда ва ғайбие дошт ва суханони намакину пурҳикмат ва амри маъруфи ӯ /барои наҳӣ мункар/ ба рӯҳу равони сомиъин зуд кора мекард ва аз ин хотир аст, ки Шайх Абдулқодири Гелонӣ, дар байни пайравони худ ва дар байни аҳли суннат соҳиби иззату эҳтиром гардидааст. Зиндагии ин

www.kitobam.com

марди хирад ва андеша, бо риёзат гузаштааст, дар зӯҳду вараъ ва дар ибодат ӯ муқаллиди Расулуллоҳ (с) ва дӯстдори равиши Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ буд. Дар байни аҳли илму адаб ва шеъру шоирӣ ва ба хусус дар байни шуаройи аҳли тасаввуф, Шайх Абдулқодири Гелонӣ, бо тахаллуси шоирии «Муҳӣ», соҳиби иззату эҳтиром аст. Ва китоби ашъори назмии ӯ, ба форсӣ аст, ки баъди вафоташ шогирдон ва фарзандонаш ҷамъоварӣ кардаанд. Дар маъхазҳо омада, ки ӯ 42 фарзанд дошта, ки ёздаҳ нафари онҳо тариқати падарашонро пазируфтаанд. Дирафш ва ё парчами ин силсилаи тариқати тасаввуфии аҳли суннат ва ҷамоъат ранги сабз аст, яъне, рамзи Ислом: ва ба ин хотир аст, ки дар туғи болои мақбараи Шайх Абдулқодири Гелонӣ, дар Бағдод асрҳо ба ин ҷониб дирафш, яъне, байрақи сабз партавашон аст, ки рамзи дини мубини Ислом аст. Шайхони ин силсилаи тасаввуфӣ, доим амома ва либоси сабз мепӯшанд, ки ин ҳам аз суннати пешвойи эшон-Сайид Ғавсулаъзам Шайх Абдуқодири Гелонӣ буд.

... Қодирия дар Эрон васеъ густариш ёфта буд, вале дар асри XVI баробари ба тахти салтанат омадани Сафавиёни шиъа оҳиста-оҳиста аз байн рафт /вале дар байни тӯдаҳои аҳли суннати Эрон ҷо-ҷо таълимоти ин тариқат роҳнамои мусалмонон аст/, зеро силсилаи мазкур зидди равияи шиъа буд. Дар мобайни асри XX қодириёни Африқои Шимолӣ, бар зидди мустамликадорони Фаронса фаъолона мубориза бурданд. Сардори шӯриши Ал-Ҷазоир-Имом ғозӣ Абдулқодир ба авлоди шайхони қодирия мансуб буд. Чунин мавқеи ватанхоҳӣ ва ватанпарварии қодирия, ба бештар интишор ёфтани нуфӯзи ихвония, дар Африқои Шимолӣ мусоидат намуд.

Қодириён мувофиқи таълимоти ососгузори худ Ҳазрати Сайид Ғавсул-Аъзам Шайх Абдулқодири Гелонӣ ва аз рӯи таълимоти муршид ва пирони худ одатан ба зикри ҷаҳрия-

хондани зикри баланд ва ҳувайдо, яъне ҷаҳрия ва ё зарби Шариф ва пасон зикри «Авроди шариф» /дар ду вақт-субҳи барвақт яъне, қабл аз намози суннат ва фарзи бомдод ва пас аз намози ишоъ ва витри воҷиб ва ё қабл аз витр машғўланд. /Дар зикри фардӣ, ором ва ё хуфияи хеш бошад қодириён ба тарзи ором ва хамўш, рў ба Қибла, тавре менишинанд, ки нақши калимаи «Аллоҳ»-ро мемонад, яъне, чаҳор зонуву нарангуштони пой ва нохуни он сўи Қибла ва чашмони пўшидаву дастон бо ангуштон росткардашуда ва каме аз ҳам кушода рўи зонуҳо. Ва машғул мешаванд, ба санои Парвардигору дурўду саловати Расулуллоҳ /с/ ва наҳти ў /с/-у ёрону асҳоб ва пирони силсилаи дувоздаҳгонаи ихвонияи сўфия ва боз ба тариқи ҷаҳр (садои баланди ирфонии хушнаво) зикри «Авроди Шариф», ё худ «Авроди фатҳия» (зикри «Авроди фатҳия» бошад, одатан пас аз адои ду ракъат фарзи бомдод, яъне фаҷр дар ҳалқаи шариф хонда мешавад ва асосгузори он пири тариқаи Кубравия Шайх Наҷмуддини Кубroии Хоразмӣ – аз тоҷикони хоразмӣ ва такмилдиҳандаи он сайидуссодот Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад)...

Зикри махсуси муъаккада ва таъиншудаи тариқати қодирия ба чунин зайл аст: «-Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим /1 бор ба сидқи комил/; Афзалу зикрука Ло илоҳа иллаллоҳ /1 бор/; Ло илоҳа иллаллоҳ, /33 бор/; Ҳасбӣ Раббӣ ҷаллаллоҳ, мо фӣ қалби ғайруллоҳ нури Муҳаммад саллаллоҳ, Ло илоҳа иллаллоҳ, /33 бор/; Ло илоҳа иллаллоҳ /33 бор/; Иллаллоҳ/33 бор/; Ҳу, ҳу, ҳу Аллоҳ /33 бор/; Аллоҳ-ҳу, Аллоҳ-ҳу /33-бор/; Аввал-ҳу, охир-ҳу /33 бор/; Зоҳир-ҳу, ботин-ҳу/33 бор/; Ҳозир-ҳу, қодир-ҳу, нозир-ҳу /33 бор/; /Ло маъбуд-Иллаллоҳ /33 бор/; Ло мавҷуд Иллаллоҳ /33 бор/; Ло мақсуд Иллаллоҳ /33 бор/; Анталҳодӣ-антал Ҳақ, лайсал ҳодӣ-иллоҳу /33 бор/; Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳ, субҳоналлоҳил-ъазими ва биҳамдиҳ» Астағфируллоҳ /33 бор/.

www.kitobam.com

Астағфир - истиғфор, мо бад кардем аз кирдор, ҳам тавба ҳам тақсир, ҳам раҳмат, ҳам дидор, банда осӣ гунаҳгор, гунаҳҳоро даргузар, ё Қодири зулҷалол, ё Донои кулли ҳол /33 бор/: Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадуррасулуллоҳ /33 бор/».

Ва баъди зикри шарифи ҷаҳрия. Хондани намози бомдод ва пасон хондани «Авроди фатҳия» / «Авроди шариф» - муноҷоти як ҳазору чаҳорсад қутб ва авлиён комил/ барои машоихи қодирия ва пайравону муридон, яъне, соликони эшон суннати расмӣ аст («Авроди Фатҳия» - алфози қудсии ҳазору чаҳорсад авлиёи кабир аст, ки нахуст аз ҷониби Ҳазрати Шайх Наҷмуддини Кубро ба суннат даромада ва сипас аз ҷониби Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ эҷод ва мукаммал карда шудааст, ки ин зикри Шариф вирди забони пирони тариқат, ҳомиёни шариат ва ҷумла соликони роҳи ҳақиқат мебошад).

Машойихи бузург ва нисбатан шинохтаи силсилаи тариқати тасаввуфии ихвонияи қодирия яъне, муридону пайравони Ҳазрати Сайидғавсулаъзам Шайх Абдулқодир инҳоянд; Муҳаммад Ғавс /охири асри XV Ҳиндустон/, Исмоили Румӣ /вф.1631 ё 1643/, Шайх Абдулқодири Ал-Ҷазоирӣ, Алӣ ибни Ҳаддод, Муҳаммад Батоиҳӣ, Муҳаммад Абдуссамад, Сайид Яҳё Ҳазрати Амири Девонаи Кирмонӣ (мулаққаб бо Ҳазрати Амири Девона, яке аз шайхони машҳур, ки аз ҷониби модарӣ, аз авлоди Шоҳ Шуҷои Кирмонӣ ва аз тарафи падарӣ, қурайшӣ, яъне, сайидзода буда, аз дудаи шарафманди Мавло Алӣ ъалайҳиссалом мебошанд ва яке аз шуаройи маъруфи асри XIV-анд, яъне, ҳамзамон ва ҳамасри андалеби боргоҳи Ҳақ-Шамсуддин Муҳамммад Ҳофизи Шерозӣ, ки ба ривояте саҳеҳ, Ҳазрати Амири Девонаи Киромӣ муддате бо Хоҷа Ҳофиз, дар мадрасаи Шероз шарикдарс будаанд ва замоне ҳам чанд муддат дар як ҳуҷра мезистаанд, ки баъдан Амири Девона, дар дарбори Шоҳ

Шуҷоъи Кирмонӣ, эътибори баланд пайдо мекунад ва бо тақозои замон ва ҳаводиси рӯзгор ҷилойи ватан намуда, ба мулки Тоҷикистони имрӯза меоянд ва оромгоҳи эшон, ки аз алавиёнанд, дар музофоти боло аз Норак, дар баландии кӯҳ-мобайни ду садд, яъне, байни Норак ва Кангурт ва сарҳади Вахё воқеъ аст. Аз ҳаводиси рӯзгор ва турктозиҳои туркони тиҳимағз Ҳазрати Амири Девона, аз балоҳо ҳазар гӯён ҷилои ватан намуда, ки осори он мақбараи эшон аст, ки болотар аз Норак воқеъ буда, зиёратгоҳи мардумон аст. Шаҷара, яъне насабномаи Ҳазрати Амири Девона, дар дасти яке аз наберагонаш, ки аз авлоди эшон аст, боқӣ монда, ки исми эшон Ҳоҷӣ Сайид Муҳаммадумар аст ва синни ӯ ба панҷоҳ аст ва аз шахсони бомаърифат ва соҳибэҳтироми музофоти Файзободу Норак ва Кофарниҳон мебошанд), Шайх Муслиҳиддин Бадеуддини Нурии Хуҷандӣ, Мир Сайид Ошиқи Бухории Танурӣ, Мир Сайид Шоҳ Убайдуллоҳи Валӣ, Мир Сайид Нуриддини Валӣ, Сайид Ҳасанхоҷаи Хоразмӣ, Мир Сайид Ҳусайни Хоразмӣ, Сайид Мирзохоҷаи Бухорӣ (падари Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танурӣ), қутби тариқат ва бурҳони ҳақиқат ва гулханвуруди масти гулшани роз, яъне баҳри ҳақиқат андаруни гулхан нишаста, гашта рухсораҳо гулгун ва дар ишқи Худо ва ҳабибаш Расулуллоҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам ва ба эҳтироми Имоми Аъзам (р) ва Сайид Ғавсулаъзам ва Ҳазрати Баҳоваддини Нақшбандӣ ва пирон дар хилват басо бигриставу дидагон пурхун ва мубаллиғи шариъати ғуррои Муҳаммадия (с) ва тариқати волойи қодирия, яъне, Ҳазрати Мавлавӣ Эшони Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрии Бухорӣ-мулаққаб бо «Эшони Валӣ», «Эшони Танӯрӣ», «Ошиқи Танӯрии Бухороӣ» /эшон яке аз нахустмуршид ва мубаллиғи шариати ғурройи Муҳаммадия (с), мазҳаби муҳаззаби сироҷи умам-Имоми Аъзам-ҳанафия ва ҷорикунандаву интишордиҳандаи

www.kitobam.com

таълимоти тариқати қодирия, кубравия ва нақшбандия дар Болооби Зарафшон, яъне, ба хусус Кӯҳистони Масчоҳ ва Яғноб буда, аслан аз сайидзодагони бухории қурайшианд, яъне, аз ҳамон дудаи шарафманди алавӣ, ки мувофиқи шаҷараи дорои мӯҳрҳои зиёди тасдиқӣ буда, эшон аз авлоди Ҳазрати Мавло Алӣ ибни Абӯтолиб ва Ҳазрати Имом Ҳусайни шаҳиди аъло ибни Алӣ ибни Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу ъалайҳӣ ва олиҳи ва салламанд ва оромгоҳашон воқеъ, дар маҳаллаи Шербудани шаҳри Бухоро. Ҳазрати Эшони Мавлавӣ Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрӣ аз содоти Ҳусайнӣ (саломуллоҳ)-анд. Ва авлоди ин ҳазрат аслан аз Маккаи мукаррама ба Ҳамадони Эрон ва аз он ҷо ба Хоразм ва пас аз муддате тӯлонӣ ба Бухорои Шариф меоянд. Эшони Танӯрии Бухорӣ дар Бухоро тавлид ёфта ва дар ин шаҳр ба камол расидаанд ва дар шаҳрҳои Хоразм ва Бухоро такмили илм кардаанд. Ва аз ҷумла дар насабномаи Эшони Танӯрӣ, ки аз ҷониби хаттотони хушхати бухорӣ бо хати настаълиқ хеле мунаққаш ва бо санъати зарҳалкорӣ ва рангу бори аҷиб навишта шудааст, мехонем (яъне, омада): «Насабномаи Эшони Сайид Мирзобаҳодурхоҷа (р) – Эшони Сайид Мирзобаҳодурхоҷа валади Сайид Мирзохоҷаанд. Силсилаи Ҳазрати Эшони марҳумӣ Сайид Мирзобаҳодурхоҷа сулси рубъ аст ва ъалаттахассис силсилаи кубравия ва Ҷунайдияи Маъруфи Кархияи Ҳамадонияи муассиси Мустафавия қаддасаллоҳ арвоҳуҳумо ва атбоъуҳумо. Султонулмуҳаддисин, бурҳоналтаҳқиқийн, ҳуҷҷатал ъорифийн, махдумийналъоламин писари ҳумомалъазизи Ҳазрати амирайн ва кабирайн ва шайхайн ва Ҳазрати махдуминанд он Қутби ягонаи содиқ ва он зубдаи халоиқ Мир Сайид Ошиқ – мифтоҳи қулуби соликон, ки Ҳазрати Шоҳ Убайдуллоҳхоҷа писарашонанд, ин ду азиз ба се восита ҷадди (бобои)

бузургвори Ҳазрати Эшони Мирзобаҳодурхоҷа мебошанд. Ҳоло дар поён таҳрир хоҳад ёфт ғафараллоҳу аҷмаъин ҳама:

Донӣ, аҷаб қофиласолоронанд,
Мебаранд хубу ҳувайдо ба ҳарам қофиларо.
Нақшбандия аҷаб қофиласолоронанд,
Мебаранд аз раҳи пинҳон ба ҳарам қофиларо.

Ҳазрати Мир Сайид Муҳаммад Ошиқи Танӯрии Бухорӣ ибни Амир Сайид Муҳаммад Амин ибни Амир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз рӯи насаб (шаҷараи авлодӣ) сайидҳусайнӣ мешаванд, аз рӯи иродат назари тартиб аз эшони Ҳасанхоҷа (р) ёфтаанд ва касби камолот кардаанд. Аммо ҳазрат рухсати иршод аз Амир Сайид Ҳусайни Хоразмӣ ёфтаанд ва ҷояшон дар Бухоро дар қарияи Шербудан мебошад ва аз эшон чаҳор писар будааст, як писари эшон Мир Сайид Шоҳ Убайдуллоҳи Валӣ мебошанд. Писари Хоҷа Шоҳ Убайдуллоҳи Валӣ – Шоҳ Амир Сайид Нуриддинанд ва аз Эшони Хоҷа Шоҳ Нуриддин се писар мондааст, яке писари он Ҳазрат Эшони Амир Сайид Мирзохоҷаанд. Аз Эшони Шоҳ Сайид Мирзохоҷа Эшони Сайид Мирзобаҳодурхоҷа мутваллид шудаанд. Ва низ Эшони Мирзобаҳодурхоҷа ба иршоди халоиқ маъмур гаштаанд ва ҷамъи азим аз эшон баҳра бардоштаанд, дар сулуки қодирия, кубравия ва нақшбандия қаддасаллоҳу таъоло ъалайҳим аҷмаъин ва овозаи эшон (Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрӣ) аз Машриқ то ба Мағриб рафтааст, Ҳазрати Эшони Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрӣ низ дар Шербудан осудаанд...

Ва аз Ҳазрати Эшони Сайид Мирзобаҳодурхоҷа (р) се писар мондааст ва яке писари Эшон Сайид Аҳмадхоҷа ва Сайид Аҳмадхоҷаро ду писар будааст, ки яке писари калони он ҳазрат Эшони Сайид Неъматуллоҳхоҷаанд ва аз Эшони Неъматуллоҳхоҷа ъалайҳирраҳма се писар мондааст ва писари калони он ҳазрат Сайид Аҳмадхоҷаанд ва низ Сайид Аҳмадхоҷаи сониро чаҳор писар боқӣ мондааст ва яке аз

www.kitobam.com

писарони эшон Сайид Бобохоҷаи Валӣ (р) мебошанд, ки аз Бухоро ба вилояти Масчоҳ (деҳи Оббурдон) афтода, мутаваттин шудаанд ва аз Эшони Бобохоҷаи Валии Танӯрӣ ду писар мондааст, писари калони эшон – Эшони Мир Сайид Эшонхоҷа (р) ва писари хурди он ҳазрат Эшони Мир Сайид Аҳмадхоҷа (р); Ҳазрати Эшони Мир Сайид Эшонхоҷаро панҷ писар будааст ва яке аз писарони эшон – Ҳазрати Эшони Сайид Маллахоҷаи Валӣ (1861-1949) мебошанд ва Эшони Маллахоҷаро се писар будааст: Эшони Ҳаётхоҷа (мулаққаб бо Эшони Тӯра – 1905-1992), Эшони Бобохоҷа (Эшонбобо) ва Эшони Тӯрахон. Аз Эшони Тӯра (Ҳаётхоҷа) се писар аст: Эшони Бузургхоҷа, Эшони Тӯрахон (р) ва Эшони Мирзохоҷа ва аз Эшони Бузургхоҷа даҳ писар ва се духтар аст...

Эшони Мир Сайид Бобохоҷа ибни Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрӣ (ки ба вилояти Масчоҳи Кӯҳӣ омада ва дар деҳи Оббурдон манзили охират ихтиёр кардаанд, ки ҷамъе азим машойих аз эшон баҳраи тариқат бардоштаанд); Мавлавӣ Эшони Сайид Маллахоҷаи Валӣ /аз дудаи Сайид Мирзобаҳодури Танӯрӣ, мутаваллиди соли 1861 дар деҳаи Оббурдони Масчоҳ, ки аз мубаллиғони навбатии қодирия, дар ин воҳа буда, пири мардуми бисёре аз деҳаҳои кӯҳии Болооби Зарафшон, ба хусус мардуми баъзе аз деҳоти Масчоҳ ва алалхусус пири мардуми суғдзабонони Яғнобдара ва деҳаҳои тоҷикзабони он - Ворсовут, Хишортоб, Марғеб ва Такфону Анзоб мебошанд ва ба гуфтаи худи мардум, эшони баъзе аз деҳаҳои ноҳия Ғончӣ, аз ҷумла Каҷровут, Навобод, Сурхоб, Қалъачаи Арбоб, Пушти Отхона ва ғайра ва пири кулли яғнобиёни муқими Тоҷикистон ва пири мардуми деҳоти баланкӯҳи Кӯктеппа, Ҳазора, Намозгаҳ, Оби Хирф, Насрут, деҳаи Дара ва Зуманду Гароб ва Сафедораки ноҳияи собиқ Кӯктош ва ҳоло Варзоб мебошанд. Ва оромгоҳи ин бузургвор - Эшони Маллахоҷаи Валӣ, ки яке аз муфассирону

муҳаддисон ва фақеҳони соҳибфатвову донишмандону пурзӯҳду тақвои ҳанафӣ ва соҳибкаромоти мубаллиғи сулуки қодирия будаанд воқеъ аст, дар деҳаи аслан яғнобинишини Качровути ноҳияи Ғончӣ ва осори чиллахонаҳое, ки эшон риёзат кашидаанд, дар деҳаи Качровут, дар деҳаи Оббурдони Масчоҳи Кӯҳӣ, дар деҳаи Кӯктеппаи Варзобдара ва дар чиллахонаи мазори «Ҳазрати Мулло»-и воқеъ дар деҳаи Сокани Яғнобдара, боқист, ва дар ғори болои мазори Хоҷаи Сангхоки музофоти болои деҳоти Зиддӣ боқист ва вафоти эшон баҳори соли 1949 аст/; Эшони Мавлавӣ Абдурраҳмонхони Мударриси Худгифии Янгиариқӣ, Ҳазрати Мавлавӣ Ҷунунӣ-Сӯфӣ Қаландаршоҳи Валӣ /соҳиби «Маъдан-ул-ҳол» ва чанд асари дигар, оромгоҳашон воқеъ аст дар деҳаи Роҳатии ноҳияи Кофарниҳон, ки қутби тариқатанд (ҳам дар сулуки нақшбандӣ ва ҳам дар сулуки қодирӣ); Шайх Мулло Абдуррасули Питепии Яғнобӣ, дӯст ва шариқдарси Мавлавӣ Ҷунунӣ), Хоҷа Иброҳими Авф, Хоҷа Иброҳими Тиртарош, Шайх Мирмуҳаммади Солеҳи Худгифӣ, Эшони Халифакӯчаки Навободии Яғнобӣ, Ҳазрати Эшони Ҷандапӯши Анзобӣ (шайхи қодирӣ ва нақшбандӣ), Ҳазрати Эшони Сӯфӣ-Абдурраҳимхоҷаи Худгифӣ (ин ҳафт тан бузургон ҳам дар сулуки қодирия будаанд ва ҳам шефтаи нақшбандия) /оромгоҳашон дар деҳаи Хоҷаҳои ноҳияи Ғончӣ ва осори чиллахонаву қадамҷои муборакашон дар музофоти биҳиштии «Сойи Мазор»-и назди деҳаи Качровути ноҳияи Ғончӣ/, Шайх Мулло Неъмати Мударриси Шоветагии Яғнобӣ, Шайхи фақеҳ Эшони Исохоҷаи Оббурдонӣ, Шайх Абдулҳаққи Саққофи Худгифӣ /Масчоҳӣ/, Ҳазрати Мулло Амир Сайид ибни Халифа Ҳасани Бухорӣ/ мазорашон дар деҳаи Сокани Яғнобдара/, Эшони Сайид Бузургхоҷа бародари хурдии Эшони Шайх Сайид Маллахоҷа - мазорашон дар деҳаи Бидеви Яғнобдара/, Эшони Сайид Олим ибни Сайид Аҳмади

www.kitobam.com

Мударриси фақеҳи Оббурдонӣ/ Масчоҳӣ-оромгоҳашон дар деҳаи Роғи музофоти Тагоби Варзобдара/, Ҳазрати Эшони Аслонхонтӯраи Истаравшанӣ (р), Хоҷа Мансур Имоми Зинда (мазорашон дар Даҳкати Ғончӣ), Ҳазрати Эшони Тӯраи Қутбиддинхони Худгифӣ –мубаллиғ ва шайхи тариқаҳои қодирӣ ва нақшбандӣ (қабрашон дар Истаравшан – назди мазори Ҳазрати Иллаллоҳи Валӣ аз машоихи қодирия ва сулуки нақшбандӣ– масҷиди «Чоргунбаз»); Муллоқурбони Шоветагии Яғнобӣ, Эшони Исохоҷаи фақеи Оббурдонӣ, Девонаи Ҳақ- Эшони Абулҳақ ибни Эшони Абулҳаққи Саққофи Худгифӣ, Эшони Ҳаётхоҷа ибни Эшони Маллахоҷаи Танӯрӣ (Эшонтӯра) - қабрашон дар деҳаи Качровут/, Мулло Музаффари Такфонӣ, Мулло Дарвеши Кансеии Яғнобӣ, Шайх Мулло Шодии Кансеӣ, Мулло Абдуссаттори Ғармении Яғнобӣ, Хоҷа Акрами Бағдодӣ (Хоҷа Сангхоки Валӣ), Мулло Ниёзи Ғармении Яғнобӣ, Ҳазрати Хоҷа Тоҳири Сангтарош (оромгоҳашон дар деҳаи Хоҷаҳои ноҳияи Ғончӣ), Мулло Сайфи Писконии фақеҳи Яғнобӣ, Мулло Шоҳ Гадои Писконии Яғнобӣ, Мулло Калон ибни Мулло Малики Яғнобӣ, Эшони Сӯфӣ Абдулкарими Пичефии Ромитӣ (Ад-Даҳбедӣ – халифаи Ҳазрати Мавлавӣ Ҷунунӣ); Эшони Иброҳимхони Худгифӣ/ қабрашон дар деҳаи Янгиариқи болои ноҳияи Ғончӣ/, Лавҳии Деҳбаландии Ҳазорагии Яғнобӣ /аз ғазалсароёни машҳӯр буда, ки гӯяд:

Дирӯз рафта бар сари бозори ошиқӣ,
Эй дил матои тафриқа нафрӯхтан чӣ суд?/

Ҳамчунин машоихи дигар мисли Мулло Шоҳ Муҳаммади Писконии Яғнобӣ, Мулло Одинамуҳаммади Яғнобӣ, Эшони Тоҷикаълами Худгифии Масчоҳӣ-Мударриси Қӯқандӣ/ Ӯ муаллифи сад асари илмӣ аст/, Эшони Мавлавӣ Субҳонқулихони Истаравшанӣ, Эшони Тӯраи Маҳдихони Истаравшанӣ ва даҳҳо дигарон мебошанд, ки давра ба давра

сабздирафши тариқатро ҳар яке барафрохтаанду рафтаанд ва номи неке аз худ боқӣ гузоштаанд, ки Худованд ҳар якеро ғариқи раҳмат кунад ва ҷояшонро Ҷаннат-ул-фирдавс. Ва ҳам ғариқи раҳмат ва шоистаи ҷаннат бигардонад Худо Эшони Мулло Абдуссаттор, Эшони Мулло Абдулқуддус, Эшони Мирзошариф ва Эшони Мулло Умар ибни Эшони Абдуррасули Яғнобӣ ва ин ду дилдодагони роҳи Ҳақ ва мардони маорифпарвар, шоирони шӯридаи қарни мо Эшони Шарифхоҷа ибни Сайид Комили Хуҷоӣ ва Эшони Абдуллоҳхоҷа ибни Абдулқаюмхоҷа (Абдуллоҳ Қаюмӣ)-ро ки аз солеҳони тариқат (ҳарду дӯстдори сулуки қодирӣ ва нақшбандӣ будаанд) маҳсубанд.

Аз шайхони маъруфи имрӯзаи силсилаи шарифи тариқати ихвонияи сӯфияи қодирияи Тоҷикистон метавон номи чанд тан аз акобирро ба мисли Мавлавӣ Эшони Шайх-Ҳоҷӣ Тӯраҷони Ромитӣ /аз деҳи Пичеф, баъдан деҳи Даштишӯрро макони зист қарор додаанд ва аслан аз Даҳбеди Самарқанд мебошанд, ки яке аз бузургони илму маърифат, яъне, муфассиру муҳаддиси ҳанафимазҳаб бузурги аср маҳсуб мешаванд, дар тамаддуни имрӯзаи охири садаи ҷории миллати тоҷик/, Ҳазрати Аллома Мавлавӣ Эшони Ҳоҷӣ Нуриддин ибни Эшони Тӯраҷон, Мавлавӣ, Аллома Доктор Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода, Аллома Мавлавӣ Маҳмудхон ибни Эшони Тӯраҷон, Эшони Ҳомидхони Худгифӣ, Мавлавӣ Ҳоҷӣ Муслиҳиддин Мукаррамзодаи Чаҳоркӯҳӣ, Эшони Фозилхоҷаи Оббурдонӣ, Эшони Ҳоҷӣ Мӯсохоҷа ибни муфтии Оббурдонӣ, Эшони Сафохони Ворӯхӣ, Эшони Шакархони Худгифӣ, Мулло Нарзиқул ибни Мулло Мавлони Деҳқалонии Яғнобӣ, Мавлавӣ Ҳоҷӣ Мулло Аббоси Бобоназари Мударриси Кансеии Яғнобӣ (мутарҷими «Қуръон»), Ҳазрати Мавлавӣ Аллома Эшони Сайид Абдулхалилҷони Ёнахшӣ ҳоло муқими деҳқадаи Турдибобои Ҳисори Шодмон, Абдуррашидхон ибни

www.kitobam.com

Эшони Муфтии Оббурдонӣ, Эшони Мирзохоҷа ибни Эшони Муфтии Мударриси Оббурдонӣ, Мулло Абдурраҳими Дарагии Яғнобӣ, Эшони Юсуфхон ибни Эшони Муфтии Оббурдонӣ ва ғайраро метавон зикр намуд, ки дар байни уламо ва мардуми диёри худ, мақоми шоиста ва обрӯву эътибори хосае доранд, ба он хотир, ки олимонанду доноён ва барпокунандагони фирқаи аҳли суннат ва ҷамоат, аимаи роҳнамову аз пайравони солеҳи мазҳаби муҳаззаби Имоми Аъзам /р/, яъне, мазҳаби ҳанафӣ мебошанд.

Тариқати шарифи латифи қодирия ҳоло дар Қафқоз, Озарбойҷон, Осиёи Марказӣ (аз ҷумла дар Тоҷикистон, Ӯзбакистон, тоҷикони Қирғизистон, Ироқ, Миср, Эрон, Африқои Ғарбӣ, Африқои Шимолӣ, Курдистон, Сӯрия, Туркия, Ал-Ҷазоир, Судон, Ҳиндустон, Афғонистон, Покистон, Яман, Иидонезия, Фаластин, Лубнон; Тунис, Ҳиҷоз, Марокаш, Мавритания, Сенегал, Ҳабашия, Гвинея ва ғайра пайравон ва пешвоёни худро дорад.

Кубравия - силсилаи тариқати сӯфияи ҳанафияи аҳли суннат ва ҷамоат, ки асосгузори он Аҳмад ибни Умар Шайх Абул-Ҷанноб Наҷмуддини Кубро /1145-1221/ аст. Кубравия силсилаи тариқати ҳанафияи ихвонияи сӯфияи басо интишорёфтаи Осиёи Миёна ва қисман Эрон мебошад ва дар қатори 12 силсилаи табарруки сӯфия, яке аз маъруфтарин силсилаи аҳли суннат ва ҷамоат аст, ки шаҷараи ин силсила, мисли силсилаҳои дигари ихвонияи сӯфия, ҳам ба Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб /р/ ва ҳам ба Абӯбакри Сиддиқ /р/ рафта мерасад. Шайх Наҷмуддини Кубро, дар шаҳри Хиваи Хоразм, дар оилаи форсзабон, яъне, тоҷик ба дунё омада, баъдан барои такмили илм, ба Миср ва дигар шаҳрҳои Эрон, аз ҷумла ба Табрез ва Ҳамадон ва Дизфӯл сафар мекунад ва дар назди уламои бузурги давр, ба монанди Шайх Рӯзбеҳхон Ал-Ваззон Ал-Мисрӣ/ваф.1182, яке аз бузургони форсзабони тариқати

ихвонияи сӯфия, ки баъдан ба духтари ӯ хонадор мешавад/, Абӯмансури Ҳафдои Табрезӣ ва Бобо Фароҷи Табрезӣ, аз асрори улуми илоҳиётшиносӣ ва тавҳид бохабар мегардад ва низ муддате шогирди Аммор ибни Ясир Ал-Бадлисӣ /ваф.1187/дар илми шинохти тариқати шарифи ихвонияи сӯфия буд. Ва дар ҷавонӣ ба-Ҳамадон ва баъдан ба Дизфӯл сафар карда, муддате дар назди Исмоил Ал-Кисрӣ /ваф.1193/ такмили илм мекунад ва дар интиҳои кор барои тавсия, такмил ва интишори силсилаи шариф бо хатномаи иршод ба зодгоҳаш - Хоразм бармегардад, ва дар Урганҷ /Гӯрганҷ/ хонақоҳи худро месозад ва силсилаи ихвонияи шарифро бо унвони Кубравия таъсис медиҳад. Пир ва падарарӯс /хусур/-и Шайх Наҷмуддин, пири хирад ва муршиди комил Шайх Рӯзбеҳхон, пеш аз вафоташ соли 1189 охирин маротиба маҳорати шогирди худро меозмояд ва баъди гузаштани охирин сӯҳбат, ӯро бо номаи иршоду хирқаи муборак, ба ватанаш - Хоразм, ҳамроҳи фарзанди худ, яъне, духтари худ мегуселонад.

Бузургтарин намояндагон ва мубаллиғони Ҳанафимазҳаби таълимоти ин силсилаи шариф Наҷмуддини Розӣ /ваф.1256/, Саъдуддини Ҳамӯйӣ /ваф.1252/, Сайфуддини Бохарзӣ. /ваф.1261/, Алоуддавлаи Симнонӣ /1261-1336/, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ /1314-1385/, Хоҷа Исҳоқи Хуталонӣ (нимаи дуюми асри XIII ва аввали асри XIV /қатл.1423/ Амир Сайид Муҳаммад Амин ибни Алии Ҳамадонӣ, Мир Сайид Ошиқи Бухорӣ, Сайид Ҳусайни Хоразмӣ, Сайид Ҳасанхоҷаи Хоразмӣ, Шамси Табрезӣ, Сайид Мирзобаҳодурхоҷаи Танӯрӣ, Шоҳ Амир Сайид Убайдуллоҳи Валӣ, Сайид Ашрафи Ҷаҳонгир, Амир Сайид Нуриддин, Амир Сайид Бобохоҷаи Валӣ ва дигарон мебошанд 139-140.

Таълимоти Шайх Наҷмуддини Кубро, дар асарҳои ба забони арабӣ ва форсӣ таълиф намудаи ӯ, ба мисли: «Фавоих

www.kitobam.com

ал-ҷамол ва фавотих ал-ҷалол», «Ал-усул-ал-ишора», «Рисолат ал-ҳоиф ал-ҳоим мин лавмат ал-лаим» ҷамъ оварда шудааст. Ӯ яке аз бузургтарин машоихи силсилаи шарифи ихвонияи тасаввуфии форсу тоҷик ва мубаллиғи таълимоти ҳанафия аст. Оромгоҳи ӯ назди хонақоҳаш, дар деҳаи форснишини Куния - Гӯрганҷ воқеъ аст 49 -139-140;

Ҷунайдия - яке аз 12 силсилаи ихвонияи тариқати аҳли тасаввуф аст, ки асосгузораш Абулқосим Ал-Ҷунайд Ибни Муҳаммад Ал-Каворирӣ Ал-Ҳаззоз Ал-Бағдодӣ аст. Ӯ форсзабон яъне тоҷик аст ва дар Бағдод ба дунё омада аст /ваф.910/.Ӯ аз хурдӣ, аз падар ятим монда, дар зери сарпарастии тағояш Шайх Сақатӣ /ваф.867/ ба воя мерасад ва аз хурдсолӣ, аз тағояш, ки яке аз шайхони шинохтаи силсилаи ихвонияи тасаввуф буд, аз таълимоти сӯфия, ба хубӣ огоҳ мегардад. Ӯ таълимоти шофеъия, яъне, фиқҳи шофеъия ва илми ҳадисро аз устодони машҳур Абӯ Савр Иброҳим Ал-Бағдодӣ /ваф.854/ меомӯзад. устодони Ҷунайди Бағдодӣ, асосан Шайх Сақатӣ ва Ал-Ҳорис Ал-Муҳосибӣ /781-857/ буданд. Таълимоти Ҷунайди Бағдодӣ, дар асараш «Расоил» ҷамъ оварда шудааст... 49.-69 (Силсилаи қодирия дар пайравии силсилаи ҷунайдия ба вуҷуд омадааст-С.Б.Б).

Ҳамчунин аҳли суннат ва ҷамоъатро боз таъдоди зиёде фирқаву ҷараёнҳои алоҳида ва силсилаву тариқоти сӯфия ба мисли-муҳосибия, маломатия, қаландария, тайфурия (асоси ин ҷараён сукр, яъне, бехудӣ ва мастӣ буда, хилофи ҷараёни ҷунайдия аст, ки дар он ҳушёрӣ мавқеи муҳим дорад; асосгузори Тайфурия-Боязиди Бастомӣ буда, пайравонаш Абӯлҳасани Харақонӣ, Абӯбакри Шиблии Истаравшанӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абӯлҳасани Нӯрӣ, Ибни Ато, Абӯсаиди Абулхайр ва дигаронанд;) рафоия, саҳлия, сӯҳравардия (асосгузори ин силсила Аллома Шайх Умари Сӯҳравардӣ аст оромгоҳаш дар шаҳри Бағдод), мурия, исавия (муассиси

ҷараёни «исавиён» Муҳаммад ибни Исо аст) ва ғайра мавҷуд аст, ки ба андешаи мо шарҳи ҳар яки онҳо аз ҳавсалаи ин китоб берун аст. Ва бо ҳамин бо овардани чанд намуна аз фирқаҳо ва тариқати аҳли суннат ва ҷамоъат мо ба ин мавзӯъ нуқтаи таммат мегузорем ва тавфиқи эзиди мутаъол мар аҳли назарро...

Аз оғози пайдоиш ва таъсиси мазоҳиби чаҳоргонаи фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоъат сар карда, то ба рӯзгори асри мо муҳаққиқон оиди чаҳор сарчашмаи мӯътамади фиқҳии мазоҳиби мазкур /ки қаблан дар бораи онҳо ишора рафт/ ақида ва андешаҳои худро баён доштаанд. Аллomаи шаҳир ва инсони камназиру муборакрӯҳ устод Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз зумраи он муҳаққиқони варзидаи таъриху фалсафа ва фарҳанги волойи исломист, ки дар бузургасари хеш-«Эҳёи фикри динӣ дар Ислом», зиёда перомуни чаҳор маъхази асосии чаҳор мазҳаби фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоъат андеша рондааст, ки як хулосаи ҷамъбастӣ ва баҳодиҳии холисона ва дар ҳадди боло фозилонаест, ки аз ҷониби як абармарди бузурги, илму адаб ва дину ҳикмат, нисбати мазоҳиби чаҳоргонаи фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоъат; ҳанафия, моликия, шофеъия ва ҳанбалия гуфта шудааст. Ва устод Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар бахши 6-уми китоб «-Асли ҳаракат дар сохтмони Ислом» вориди ин масъала шуда, пеш аз шарҳу тавзеҳ ва таҳлили масоили мавриди назар, ба тариқи зайл, ба баёни матолиб шурӯъ мекунад: «Аз соли 185 то 495 ҳичр (800-1100 мелодӣ)», ба гуфтаи Ҳортен /устоди забоншиносии сомии Донишгоҳи Бонн, ки бо мутолиаи осори мутафаккирони исломӣ/ дар бораи андешаҳои динӣ маҳз ба ин натиҷа расидааст, ки таърихи Ислом шоистаи он аст, ки ҳамчун амали мутақобили тадриҷӣ ва ҳамоҳангиву ҳамкории ду нерӯи мутамоиз тавсиф шавад, ки яке унсури фарҳанг ва маърифати ориёӣ аст ва дигаре дини сомӣ ҳудуди як сад

www.kitobam.com

дастгоҳи каломӣ, дар Ислом зоҳир шуд ва ин худ гувоҳи содиқ аст, бар ин, ки фикри исломӣ қобилияти иртиҷо дорад ва низ бар ин ки мутафаккирони қадими мо чӣ гуна лоинқатъ машғули кор будаанд. Ин ховаршиноси муосири урупоӣ, дар зимни таҳқиқи амиқи хеш, дар адабиёт ва фикри кори исломӣ, чандон пеш рафт, ки ба натиҷаи зайл расидааст;

«Рӯҳи Ислом чандон васеъ аст, ки амалан бояд онро номаҳдуд шумурд. Ба истиснои андешаҳои мубтанӣ, бар нафии вуҷуди Худо, ҳамаи афкори миллатҳоеро, ки бо он муҷовир буданд, ҷазб карда ва онҳоро дар ҷиҳати махсуси тавсеа ва густариши хеш андохта аст.

Рӯҳи ҷазбкунандаи Ислом дар майдони фиқҳ ва ҳуқуқ аз ин ҳам ошкортар аст. Устод Ҳоргрони муттабаи ҳолландӣ дар масоили исломӣ мегӯяд: «Ҳангоме, ки таърихи тавсиаи фиқҳи исломиро мутолиа мекунем, ба ин натиҷа мерасем, ки аз як тараф фуқаҳои як аср ба кӯчактарин дастовезе ҳамдигарро тахтиа мекунанд ва ҳатто нисбати илҳод ба якдигар медиҳанд ва аз тарафи дигар ҳамон мардумон ба хотири ваҳдати бузурги ҳадаф, дар он мекӯшанд, ки миёни назарҳои мухолифи пешиниёни худ созгорӣ барқарор кунанд». Бадбахтона ҷомеаи мусалмонони муҳофизакори ин сарзамин ҳанӯз омодаи иқдом, ба баҳси наққодонае дар фиқҳ нест ва агар ба чунин коре иқдом шавад, мояи нороҳатии бисёре аз мардум хоҳад шуд ва ихтилофи калимаҳои мазҳабӣ, пеш хоҳад овард (вале ҳарчанд, ки ҳақиқат талх аст, бояд онро ошкор кард, ба ибораи Арастуи доно, ки гуфта: «- Афлотун дӯсти ман аст, вале ҳақиқат аз ӯ болотар аст». С.Б.Б.,») бо ин ҳама ба худ раво медорам, ки дар мавзӯи мавриди баҳс мулоҳизотеро ба назари шумо бирасонам:

1. Нахуст бояд ин матлабро ба ёд дошта бошем, ки амалан, аз садри Ислом то замони тулӯи Аббосиён ҷуз Қуръон, қонуни навиштаи исломӣ вуҷуд надошт.

2. Матлаби дуввумӣ, ки шоистаи таваҷҷӯҳ аст ин, ки аз авоситаи қарни аввал то оғози қарни ҷаҳоруми ҳичрӣ, наздики нуздаҳ мазҳаби фиқҳӣ ва назариёти ҳуқуқӣ, дар Ислом пайдо шуд. Ҳамин амр ба танҳоӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна муҷтаҳидони қадими мо пайваста мекӯшиданд, то ба зуруратҳои як тамаддуни дар ҳоли рушд ҷавоб гӯянд. Бо тавсеаи футӯҳоти исломӣ ва вусъати диде, ки аз он натиҷа шуд он фуқаҳои нахустин ногузир аз он буданд, ки назари васеътаре нисбат ба умур ва ё ашё дошта бошанд ва авзои зиндагӣ ва одобу одоти ақвомеро, ки дар харитаи Ислом мешуданд, таҳти мутолиа қарор диҳанд. Пажӯҳиши дақиқе дар мазоҳиби фиқҳӣ ва назариёти ҳуқуқии мухталифи ислом, бо таваҷҷӯҳ, ба таърихи иҷтимоӣ ва сиёсии муосир нишон медиҳад, ки онон дар кӯшише, ки барои тафсири Қуръон ва Ҳадис доштанд ба тадриҷ аз вазъи истинтоҷӣ /дедуктивӣ/, ба вазъи истифоӣ /индуктив/ мутамоил мешудаанд.

3. Саввум ин, ки чун дар бораи чаҳор манбаи мавриди қабули фиқҳи исломӣ ва ихтилофи калимаҳое, ки дар ин хусус пеш омада, ба таҳқиқ бипардозем, салобат ва шикастнопазирии мазоҳиби фиқҳии шинохташуда, аз миён меравад ва имкони татаввуру такомули бештар ошкор мешавад. Беҳтар аст ба ихтисор, дар хусуси ҳар як аз ин чаҳор манбаъ сухан бигӯем;

а) Қуръон. Манбаи нахустини фиқҳи исломӣ Қуръон аст. Вале бояд донист, ки Қуръон унвони китоби қонуни маданӣ надорад. Ғарази аслии он ҳамон гуна, ки пештар гуфтам он аст, ки дар одамӣ огоҳии комилро дар бораи иртиботе, ки бо Худо ва бо ҷаҳон дорад, бедор кунад...

Акнун чун ба заминаи усули ҳуқуқии Қуръон назар кунем, комилан ошкор мешавад, ки ин усул на танҳо монеи ба кор афтодани андеша ва фаъолияти қонунгузории башарӣ намешаванд, балки вусъати доманаи ин усул чандон аст, ки

www.kitobam.com

худангезае барои бедор шудани андешаҳои башарӣ мешаванд. Фуқаҳои қадими мо, ки аз ҳамин сарчашма илҳом мегирифтанд, чанд дастгоҳи фиқҳӣ таъсис кардаанд ва касоне, ки дар таърихи Ислом таҳқиқ кардаанд нек медонанд, ки тақрибан ниме аз пирӯзиҳои Ислом, ба унвони як нерӯи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, натиҷаи ҳаддати назари он фақеҳон будааст. Фон Кремер мегӯяд. «Пас аз Рӯмиён, ҳеҷ миллати дигаре, ҷуз қавми араб наметавонад муддаии он шавад, ки дастгоҳи ҳуқуқии бодиққат тарҳшуда ва такомулёфта дорад...».78-147.

б) Ҳадис. Манбаи бузурги дуввуми фиқҳи исломӣ, Аҳодиси набавӣ (с) аст. Ин аҳодис чи дар қадим ва чи дар замонҳои ҷадид мавриди баҳси фаровон қарор гирифтаст. Дар миёни наққодони ҷадид устод Голдсиер ба роҳнамоии қавонини нақди таърихии ҷадид онҳоро дар маърази нақд қарор дода ва ба ин натиҷа расидааст, ки аҳодиси рӯиҳамрафта, қобили эътимод нестанд. Нависандаи урупоии дигаре пас аз мутолиае дар равишҳои уламои ҳадис, барои таъйини сиҳҳат ва асолати ҳар ҳадис ва бо таваҷҷӯҳ ба хатоҳое, ки мумкин аст дар нақли ҳадис пеш биёяд, ба натиҷаи зайл расидааст:

«Ба унвони натиҷа бояд гуфта шавад, ки мулоҳизоти мазкур дар фавқ танҳо имконоти назариро нишон медиҳад ва масъалаи ин, ки то чи андоза он имконот ҷанбаи феълият пайдо кардааст, бештар марбут ба ин мешавад, ки авзо ва аҳвол то чи ҳад барои истифода аз он имконот мусоид будааст. Бидуни шак ин авзо ва аҳволи мусоид маъдуд буда ва дар қисмати каме аз маҷмӯи «Суннат» муассир афтодааст. Бинобар ин метавон гуфт, ки қисмати умдаи маҷмӯаи суннат ва ҳадис, ки мусалмонон онҳоро мақбул медонанд, гузоришҳое асил, дар бораи тулӯъ ва нахустин густариши Ислом аст /нақл аз китоби «Назарияҳои исломӣ дар боби молиёт»/.

Вале барои ҳадафе, ки акнун дар пеш дорем, бояд миёни ҳадисе, ки аҳамияти қазоӣ ва фиқҳии маҳз дорад, бо ҳадисе, ки чунин нест фарқ бигузорем... Ва низ кашфи ин матлаб мумкин нест, ки оё дар мавриди он одоб ва русуме, ки Пайғамбар /с/ ба сурати сареҳ ё талвеҳӣ, дар онҳо тағйире надода, ғарази куллияти истеъмолии онҳо будааст ё на. Шоҳ Валиюллоҳ /р/ таҳқиқе дар ин бора дорад, ки матлабро равшан мекунад ва ман дар ин ҷо рӯҳи назари ӯро баён мекунам. Равиши омӯзиши пайғамбарона, ба ақидаи Шоҳ Валиюллоҳ /р/ иборат аз ин аст, ки ба сурати куллӣ дар шариате, ки ба василаи Пайғамбаре вазъ мешавад, таваҷҷӯҳи хосе ба одат ва одобу хусусиёти мардумӣ, ки Пайғамбар /с/ бар онон мабъус шуда аст, дида мешавад. Вале пайғамбаре, ки барои овардани усули куллӣ ва ҷаҳонгир фиристода шуда, наметавонад, усули гуногун барои миллатҳои гуногун вазъ кунад ва наметавонад, мардумонро во гузорад, ки худ барои худ қавоиди рафтор ва кирдорро вазъ кунанд. Равиши вай он аст, ки қавми хосеро тарбият кунад ва таълим диҳад ва он қавмро ҳамчун ҳаста /ядро/-е барои бинои як шариати куллӣ қарор диҳад. Бо ин амал вай усулеро, ки шолудаи зиндагии иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Барҷаста месозад ва онҳоро бо дар назар гирифтани расму одати хоси қавме, ки билофосила, дар баробари вай қарор доранд, дар ҳолоти хос мавриди истеъмол қарор медиҳанд. Аҳкоми динӣ, ки аз ин роҳ фароҳам мешавад масалан ҳудуди шаръӣ, ки дар муқобили ҷароим муайян мешавад аз лиҳозе махсуси он қавм аст ва чун муроотӣ онҳо ба худии худ ҳадафе нест, набояд мунҳасаран ҳамонҳоро айнан, дар наслҳои оянда мавриди амал қарор диҳанд.

Шояд аз ҳамин лиҳоз будааст, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ бо басирати комиле, ки нисбат ба куллияти таълимоти исломӣ дошт, амалан аз ин гуна аҳодис (яъне, носаҳеҳ-С.Б.Б)

www.kitobam.com

истифода намекард. Ин ҳақиқат, ки вай асли «Истеҳсон»-ро ба кор мебарад, ки мусталзими тафаҳҳуси дақиқ ва комил, дар авзоъ ва ақволи феълӣ ва дар назар гирифтани онҳо, дар тафаккури фиқҳӣ ва додани фатво аст, равшан месозад, ки дар натиҷаи чӣ ангезаҳое ва ба вазъи фиққии хоси хеш расида будааст. Баъзе гуфтаанд, ки Абӯҳанифа аз он ҷиҳат аз тамассук ба Ҳадис худдорӣ мекард, ки дар замони вай маҷмӯаи мудавване, аз аҳодис вуҷуд надошт. Аввалан бояд донист, ки ин иддао комилан дуруст нест, чун маҷмӯаи ҳадиси Абдулмалик ва Заҳро, дар замоне тадвин шуда, ки камтар аз сӣ сол пеш аз марги Абӯҳанифа (р) набудааст.Ва дигар ин, ки агар ҳам фарз кунем, ки ин маҷмӯаҳои ҳадис ба Абӯҳанифа нарасида* будааст, дар сурате, ки вай доштани чунин мадракеро зарурӣ медониста, метавонистааст монанди Молик ибни Анас ва Ибни Ҳанбал, ки пас аз вай барои худ маҷмӯи ҳадис фароҳам оварда буданд, вай низ чунин кунад. (Бояд қайд намуд, ки дар сари ин масъалаи мавриди назар қароргирифта, каме рӯшание бояд андохт. Мо намедонем, муҳаққиқини урупоӣ ва баъзе аз фардони машриқзамин чӣ гуна пажӯҳише дар ин ришtаи дин мебаранд, аммо ба иттилои мо, бино ба маълумоти дақиқан овардаи Аллома Шиблии Нӯъмонӣ-дар китобашон «Ҳаёти Имоми Аъзам», пиру пешвои фуқаҳои исломӣ-Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ китоби ҷамъи аҳодиси шариф, яъне, «Муснад»-и худро доштаанд, ки дар он саҳеҳтарин аҳодис гирдоварӣ шудааст. Ва чӣ тавр метавонад, ки имоми тобиъин ва пешвои мазҳаб – Имоми аъзам Абӯҳанифа бе такя ба Қуръон ва ҳадис ва бе «Муснад»-и худ мазҳабе таъсис диҳад… Ва то кунун дувоздаҳ нусхаи ин китоб номгӯ шуда, ки дар ин боб, дар бахши «Мероси илмии Имом» сӯҳбате бо нукоте мӯътамад, ба манзури Шумост, ки баъди фарозмониҳое чанд хоҳед хонд-С.Б.Бузургмеҳр). Рӯи ҳам рафта вазъе, ки Абӯҳанифа, дар баробари эътибори фиқҳии

ҳадис дошта, ба назари ман комилан дуруст будааст ва агар озодигарии ҷадид ҳам чунон салоҳ бидонад, ки аз истифода аз ҳадис даст бардорад, коре ҷуз ин накарда аст, ки аз яке аз бузургтарин намояндагони фиққ дар ҷаҳони тасаннун пайравӣ кардааст. Вале инкори ин амр ҳам мумкин нест, ки уламои ҳадис бо исроре, ки ба таваҷҷӯҳ додани мардум, ба ҳолоти хосу айнӣ /конкрет/ дошта ва дар муқобили тафаккури фиқҳии муҷаррад /абстракт/ аз он ба дифоъ бархостаанд, хидмати бузурге ба фиқҳи исломӣ кардаанд. Ва бо пажӯҳиши бештаре, ки оқилона дар бораи аҳодис сурат бигирад ва бо ҳамон рӯҳе, ки Пайғамбари Ислом /с/ ваҳйи худро тафсир мекардааст, амал шавад, ҳанӯз имкони он аст, ки кӯмаки бузурге ба фаҳми арзиши ҳаётии усули ҳуқӯқии мундариҷ, дар Қуръон бишавад. Танҳо фаҳми арзиши ҳаётии онҳо аст, қи моро дар кӯшише, ки барои тафсири муҷаддади усули асосӣ мекунем, муҷаҳҳазтар хоҳад кард.

в)Иҷмоъ. Манбаи саввуми фиққи исломӣ иҷмоъ аст, ки ба ақидаи ман шояд муҳимтарин мафҳуми ҳуқӯқӣ, дар Ислом буда, бошад. Бо вуҷуди ин мояи шигифтӣ аст, ки ин мафҳуми бисёр муҳим, ки дар рӯзгорони гузашта баҳсҳои олимона ба рӯи он сурат мегирифта, амалан ба сурати фикр ва андешаи маҳзе боқӣ монда ва ба қудрат сурати як низоми собитеро дар сарзаминҳои исломи пайдо карда аст. Шояд табдили он ба сурати як низоми собит мухолиф ба манофеи сиёсии он навъ ҳукумати мутлақие будааст, ки билофосила, пас аз халифаи чаҳорум (Мавло Алӣ саломуллоҳ) рӯ ба рушд гузошта аст. Гумон мекунем, ки хулафои уммавӣ ва аббосӣ маслиҳати худро дар он медонистаанд, ки нерӯи иҷтиҳодро дар дасти афрод қарор диҳанд ва нагузоранд, ки як анҷуман ва маҷмаи собити иҷтиҳод ташкил шавад, ки мӯҳтамалан дар баробари онон бисёр нерӯманд шавад. Вале хушбахтӣ дар он аст, ки фишори нерӯҳои ҷадиди ҷаҳонӣ ва таҷрибаи сиёсии

www.kitobam.com

миллатҳои урупоӣ, дар зеҳни мусалмонии ҷадид муассир афтода ва рафта - рафта ба арзиш ва имконоти андешаи иҷмоъ мутаваҷҷеҳ шудаанд. Бо рушди рӯҳи иҷтимоӣ ва ташкили тадриҷии маҷомеъи қонунгузорӣ, дар кишварҳои исломӣ гоми бузурге ба ҷониби пеш бардошта шудааст...

Танҳо доруи муассире барои ҷилавгирӣ, аз тафсирҳои иштибоҳомез, ислоҳ кардани дастгоҳи таълим ва тарбияи фиққӣ, дар кишварҳои исломӣ ва тавсия додан ва омехтани он бо таҳсилоти ҳуқуқии ҷадид аст. 78.152.

г) Қиёс. Манбаи чаҳоруми фиқҳ қиёс, яъне, истифода аз истидлол /далоили ақлӣ-С.Б.Б/ дар масоили мушобеҳ ва муқоиса кардани онҳо бо якдигар аст. Чунон ба назар мерасад, ки мактаби Абӯҳанифа /р/ аз лиҳози авзоъ ва аҳволи иҷтимоӣ ва кишоварзии роиҷ, дар билоди фатҳшудаи Ислом савобиқи сабтшудаеро дар аҳодис наёфта ё кам ёфта будааст. Бинобар ин танҳо роҳ, ки дар баробари пайравони ин мазҳаб боз буда, он будааст, ки дар тафсирҳои худ, аз аҳкоми Қуръон, ба ақли истидлолгар тавассул ҷӯянд. Вале истифода аз мантиқи Арасту, гарчи бо инкишофи авзоъ ва аҳволи ҷадид, дар Ироқ мавриди назар буд, зоҳиран дар мароҳили нахустини такомули фиққи исломӣ зиёновар будааст. Вазъи печидаи зиндагиро наметавон тобеъи қавоиди хушк ва сахте қарор дод, ки ба сурати мантиқӣ, аз иддае, аз мафоҳуми куллӣ, ба даст меояд. Вале чун бо айнаки мантиқи Арасту, ба он назар шавад, ҳамчун дастгоҳи мошинии маҳз ва соддае менамояд, ки ҳеҷ асли ҳаракат дар он вуҷуд надорад. Бадин тартиб дар мазҳаби Абӯҳанифа (р) тамоюл бар он буд, ки озодии халлоқ ва иродӣ будани зиндагӣ, мавриди ғафлат воқеъ шавад ва чунон мехостанд, ки як низоми фиққии мантиқан комиле бар пояи ақл ва истидлоли маҳз бисозанд. Фуқаҳои Ҳиҷоз, ки бар рӯҳи амалии нажодии хеш вазифадор буданд, сахт бар зидди тадқиқоти мадрасии фуқаҳои Ироқ қиём карданд ва дар

баробари тамоюли эшон, ба тасаввури ҳолоти ваҳмӣ ва баҳс дар онҳо, ки уламои Ҳиҷоз ба ҳақ, ки чунин тамоюлеро сабаби он медонистанд, ки фиқҳи исломӣ, ба сурати дастгоҳи мошинии бечоне дархоҳад омад, муқовимат намуданд. Ин мушоҷироти сахту талхи мавҷуд, миёни фуқаҳои нахустин, сабаби он шуд, ки қиёс ва маҳдудиятҳо ва шароиту васоили ҷарҳ ва таъдили он бо сурате наққодона таъриф шавад ва қиёс, ки дар асл чунон менамуд, ки василае барои сарпушт гузоштан бар ороъ ва ақоиди шахсии муҷтаҳидон буд, билохира ба сурати манбаи ҳаёт ва ҳаракате, дар ҳуқуқи исломӣ даромад. Рӯҳи хӯрдагирии шадиди Молик (р) ва Шофеъӣ (р) бар асли қиёси Абӯҳанифа (р) ба эътибори манбае аз фиқҳи исломӣ, дар воқеъ ҳамчун садде будааст, ки аз тарафи фуқаҳои соминажод, дар баробари тамоюлоти фуқаҳои ориёӣ, барпо шуда буд, ки мехостанд умури муҷаррадро ба умури воқеӣ ва айнӣ, тарҷеҳ диҳанд ва аз фикру андеша, беш аз ҳодиса ва пешомад баҳрабардорӣ кунанд. Дарвоқеъ низои ҳавохоҳони ду равиши истинтоҷӣ ва истиқроӣ, дар татаббуоти фиқҳӣ буд. Фуқаҳои Ироқ усулан, ба ҷанбаи собит ва абадии «мафҳум» аҳамият медоданд, дар сурате, ки фуқаҳои Ҳиҷоз, ба ҷанбаи муваққатии он тамассук мечустанд. Вале фуқаҳои Ҳиҷоз, ба тамоми ҳақиқати вазъи худ таваҷҷӯҳ надоштанд ва ҷонибдории ғаризии эшон, аз суннати қазоии ҳиҷозӣ, мояи адами таваҷҷӯҳи эшон ба «савобиқе» мешуд, ки амалан дар рӯзгори Пайғамбари Ислом /с/ ва асҳоби ӯ иттифоқ афтода буд. Бидуни шак ба арзиши он чи мушаххас ва айнӣ аст, воқиф буданд, вале дар айни ҳол ба он ранги абадият медоданд ва ба қудрат ва қиёс, ки мубтанӣ бар таҳқиқ, дар бораи ҳолоти айнӣ, ба ҳамон сурат, ки ҳастанд бошад, тавассул мечустанд. Хӯрдагирии эшон бар Абӯҳанифа (р) ва мазҳаби ӯ, сабаби озодии умури ғайри муҷаррад ё айнӣ, аз қайду банд шуд ва ин заруратро пеш оварда, ки дар тафсири

www.kitobam.com

усули қазоӣ ва ҳуқӯқӣ, ба мушоҳидаи ҳаракат ва танаввуи зиндагӣ бипардозанд. Бад-ин тартиб мазҳаби Абӯҳанифа (р), ки натоиҷи ин ихтилофи назарро ба хуби ҷазб кард, аз лиҳози асли асосии худ озодии мутлақ дорад ва аз ҳар мазҳаби фиқҳии дигар қобилияти интиқоби халлоқии он бештар аст. Вале ҳанафиёни ҷадид, бар хилофи рӯҳи ин мазҳаб тафсир ва таъбирҳои муассиси ин мазҳаб ва пайравони билофаслие ӯро ҷанбаи абадият бахшида ва ҳамон ранги субот ва абадиятеро, ки мухолифони Абӯҳанифа (р) ба фатовии баёншудаи дар ҳолоти айнии хос медодаанд, инон низ ба фатовии Абӯҳанифа (р) ва пайравони вай додаанд. Агар ҳақиқати қиёс дуруст фаҳмида ва ба кор баста шавад ҳамон гуна, ки Шофеъӣ ба ҳақ гуфта аст, «қиёс номи дигаре барои иҷтиҳод мешавад, ки дар ҳудуди он чи ваҳӣ шуда, озодии мутлақ дорад». Ва аҳамияти он ба унвони як асл аз ин амр ошкор мешавад, ки ба гуфтаи Қозӣ Шавконӣ, чунон, ки аксари фуқаҳо назар додаанд, ҳатто дар замони Пайғамбари Ислом /с/ ҳам маҷоз будааст. Баста шудани дари иҷтиҳод ваҳме беш нест ва пайдоиши он қисмате дар натиҷаи таҷаммуди андешаи фиқҳӣ, дар Ислом аст ва қисмати дигар дар натиҷаи он, танбалии фикрӣ аст, ки махсусан дар давраи инҳитоти рӯҳӣ ҳосил мешавад ва мутафаккирони бузургро ба сурати бутҳое дар меоварад. Агар баъзе аз фуқаҳои бузурги мутааххир ин ваҳму фарзро таъйид кардаанд, Исломи ҷадид маҷбӯр нест, ки аз истиқлоли фикрии худ чашм бипӯшад. Сарахсӣ, ки дар қарни даҳуми хиҷрӣ мезиста, ба ҳақ чунин навиштааст: «Агар тарафдорони ин назари ваҳмӣ мақсудашон ин аст, ки нависандагони қадимтарин таҳсилоти бештаре дар ихтиёр доштаанд ва мутааххирон душвориҳои фаровонтаре бар сари роҳи худ доранд, бояд гуфт, ки ин сухани бемаъние аст; чун барои дарёфти ин матлаб, ки иҷтиҳод барои фуқаҳои мутааххиртар бисёр осонтар аз он аст, ки барои фуқаҳои мотақадимтар

будааст, эҳтиёҷе ба фаҳми фаровон нест. Тафосире, ки бар Қуръон, ва Ҳадис навишта шуда, ба андозае зиёд ва гуногун аст, ки муҷтаҳиди имрӯз беш аз он чи эҳтиёҷ дорад, маводи лозим барои тафсирро дар ихтиёр дорад». 78-155.

Донишманди шинохтаи Эрон устод Оятуллоҳ Муҳаммад Иброҳими Ҷаннотӣ, оиди сабаб ва замони пайдоиши мазоҳиб, дар Исломро хеле дақиқ андеша рондаанд. Ва ҳақ бар ҷониби эшон аст, ки овардаанд:

«Мардуми мусалмон инро пазируфтаанд, ки Худованд аҳком /ҳукмҳову амр ва фармонҳо-С.Б.Б/-у вазойиферо барои башар муайян кард ва аз тариқи Ҷибриил ъалайҳиссалом онҳоро ба Паёмбар /с/ нозил фармуд ва Ӯ ҳам аҳкому қавонини Илоҳиро бидуни каму кост, ба мардум иблоғ кард. Ин пазириши мусалмонон дар тӯли таърих мӯҷиб шуд, онон дар садад /ният, азм ва қасд/ бароянд, ки роҳҳои мумкин ба аҳкоми иблоғшуда, аз тариқи Ҷибриил /ъ-м/ даст ёбанд. Ин дастёбӣ, ба аҳком барои мардум дар замони ташреъ /асри шурӯъ ва ё оғози Ислом-С.Б.Б./ ва вуҷуди Расули Худо /с/ дар ҷомеъа осон анҷом мепазируфт. Зеро онон, ки дар Мадинаи мунаввара буданд, бидуни ҳеҷ восита ба шахси Расули Худо /с/ мурочиъа мекарданд ва масойили мавриди ниёзро назди Ӯ /с/ матраҳ ва бидуни маътале посухи муносибро дарёфт менамуданд. Аммо онҳо, ки берун аз Мадинаи мунаввара буданд, ба намояндаи Паёмбар /с/, ки аз сӯи он Ҳазрат /с/ эъзом /фиристода шуда-С.Б.Б/ мешуд, мурочиъа мекарданд ва масойилашонро мепурсиданд. Эшон аз роҳи китоби Худо ва ё суннат /аҳодиси набавӣ/ посух мегуфтанд ва мардум бидуни ҳеҷ гуна тардиду ихтилофе ба унвони ҳукми Худо (ва суннати Расул (с) бад-онҳо амал мекарданд. Бо таваҷҷӯҳ ба он чи гуфтем, дар асри ташреъ дасту боли мусалмонон-чӣ онҳо ки даруни Мадина мезистанд ва чи онҳо, ки берун аз Мадина

www.kitobam.com

буданд-дар фаро гирифтани аҳкоми динӣ боз буд ва дар ин мақом дучори ҳеҷ мушкиле намешуданд.

Дар ин аср чун ҳамаи мусалмонон марҷаъи /вазифадоршудае, ки барои муроҷиат кардан ба ӯ рӯй оранд-С.Б.Б./ аҳкомро Паёмбар (с) ва манобеи онҳоро низ мунҳасир ба китоби Худову суннати Расулуллоҳ /с/ медонистанд, ихтилофе дар миёни олимон, дар мақоми баёни аҳком вуҷуд надошт ва аз ҳамин рӯ заминае барои пайдоиши мазоҳиб дар миён набуд.

Дар асри саҳоба (р) ба гунае мусталаҳи кунунӣ, мазоҳибе миёни мусалмонон вуҷуд надошт. Зеро онҳо, ки дар Мадина буданд, барои дастёбӣ ба аҳкоми динӣ, ба қориёну олимон, аз асҳоб, ки дар он шаҳри муқаддас (-ки ҷасади мушкину мубораки Ҳазрати Муҳаммад /с/ ро дар қалби худ ниҳон медорад. С.Б.Б). марҷаъи аҳком буданд ва мардуме, ки дар шаҳрҳои дигар сукунат доштанд, ба қориёну олимоне, ки пас аз даргузашти Паёмбари Худо /с/ ба он шаҳрҳо баҳри таблиғ ҳичрат карда буданду мурочиъа мекарданд ва онон бино бар китоби Худо, дар баробари пурсишҳо посух медоданд ва ҳар гоҳ ҳукми мусолиҳаеро дар он намеёфтанд, мутобиқи суннати Паёмбари Худо /с/ ва ҳар гоҳ ҳукмеро, ки дар суннати Расул /с/ намеёфтанд, аз роҳи иҷтиҳод ё қиёсу истеҳсон посух медоданд. Бо ин ҳол дар ин аср марҷаъи аҳком қориёну олимон, асҳоби гиромии Паёмбар /с/ ва манобеъи навъи аҳкоми китоби Худо ва суннати фиристодааш /с/ буд ва дар мавориди бисёр каме иҷтиҳод ва манобеъи ёдшудаи дигар, ба унвони манбаи аҳком қарор мегирифт. Аз ин рӯ, ихтилофи зиёде дар мақоми фатво миёни онон-ба гунае, ки мӯҷиби пайдоиши падидае ба унвони мазоҳиб шавад, дар байн набуда аст.

Гурӯҳе аз пажӯҳишгарони аҳли суннат дар китобҳояшон бо сароҳат ба ин сухан ишора намудаанд, аз ҷумла: Валиюллоҳ

Деҳлавии Ҳанафӣ, Камолиддин ибни Ҳумом ва Қайми Ҷавзии Ҳанбалӣ.

Дар асри тобиъин низ, мардум ба шогирдони саҳоба /р/, ки марҷаъи аҳкоми шаръӣ буданд, мурочиъа мекарданд ва ҳар гоҳ ҳукмеро дар онҳо намеёфтанд, аз роҳи иҷтиҳоди худ/ кӯшиш ва ҷаҳди худ-С.Б.Б/ ва ё қиёсу истеҳсон ҳукмро баён мекарданд (мисли Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), ки худ тобиъин ва аз барои замон буд. С.Б.Б. Дар ин аср агарчи манобеъи аҳком мунҳасир ба китоби Худованду Суннати Расул /с/ набуда ва манобеъе дигар монанди иҷтиҳод аз роҳи раъй ва истеҳсону қиёс матраҳ буда, ва аз он рӯ, миёни олимон дар мақоми баёни аҳком-дар бархе маворид, ки доройи насс (далели бурро, бурҳони котеъ, аҳкоми илоҳӣ, яъне, оёти шарифи Қуръон ва суннати Расули Худо-С.Б.Б)-и хос аз китоб ва суннат набуд-ихтилоф вуҷуд дошт, вале бо ин васф ихтилоф дар баёни аҳком ҳаммонанди асри саҳоба /р/ ва тобиъин /р/ ба ҳадде набуда, ки боиси пайдоиши мазоҳиби гуногун шавад ва ин бад-он сабаб буда, ки ба коргирии иҷтиҳод дар манобеъи заннӣ /доройи гумону шубҳа, ҳадсу пиндор-С.Б.Б/ монанди қиёсу истеҳсон барои истихроҷи аҳком мавриди ниёз набуда аст».88.,42,18.

Вале бояд таъкид сохт, ки аллакай дар замони асри охирин саҳобагон /р/ ва кубаройи ҷамъи эшон /р/ метавон гуфт, ки заминаҳои ибтидоии иллати пайдоиши мазоҳиб дар Ислом, ба вуҷуд омада, истода буд. Масалан, дар аҳди кубаройи ҷамъи саҳоба (р) ва тобиъин (р) ва табаъа-тобиъин /р/ заминаҳое барои пайдоиши мазҳаби ҳанафия ба амал омада буд. Он ҷамъи уламое, ки бо номи «асҳоби раъй» фаъолият мекарданд, ҳамон ҳанафиёне буданд, ки баъдан ба ҳам омада, бо номи мазҳаби ҳанафия, бар ҳама фирқаву ҷараёнҳои ибтидоии ҳамонвақтаи дини Ислом, бартарият пайдо намуданд. Ва муассиси он, ҳамоно Имоми Аъзам Абӯҳанифаю

www.kitobam.com

ҷамъи асҳобу кубароаш ва шогирдонаш Абӯюсуфи Яъқуб, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Имом Муҳаммади Шайбонӣ, Имом Зуфар, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа, Абӯмутеъи Балхӣ, Абдуллоҳ ибни Муборак, Сӯфиёни Саврӣ, Иброҳим Ан-Нахъӣ ва чанд тан бузургони дигар буданд.

«Дар авохири айёми тобиъин ва авойили аёми тобиъини тобиъин олимоне аз мактаби раъй /ҳанафиёнро дар ибтидо мактаби асҳоби раъй мегуфтанд-С.Б.Б/ ва мактаби ҳадис, ки дар канори мактаби аҳли байт қарор гирифтанд мутахаррич, шуда ва дорои унвони марҷаъият шуданд. Онон дар билоди посӯхгӯйии аҳком буданд, аз он ҷумла: Абӯҳанифа, Абдуллоҳ ибни Шабармат, Ибни Абӯлайло ва Сӯфён ибни Саъиди Саврӣ дар Кӯфа; Ибни Ҷареҳ ва Сӯфён ибни Айния, дар Макка; Молик ибни Анаси Асбаҳӣ, Лайс ибни Саъд ва Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ, дар Миср; Абдурраҳмони Авзоъӣ дар Шом; Ҳасани Басрӣ ва Усмон ибни Муслим, дар Басра; Исҳоқ ибни Роҳвия дар Нишопур; Абӯсавр Аҳмад ибни Ҳанбалии Шайбонӣ, Довуд Тоҳирии Исфаҳонӣ ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, дар Бағдод ва ғайра мислуҳум...

Ба ҳар ҳол дар ин замон аз сӯйе бар асари манобеъи дигаре, аз қабили «Мусолаҳи мурсала», «Қоидаи истислоҳ», «Араф ва суннат-ал-ҳукком», ки барои истинбот ба вуҷуд оварданд, ки ба аз сӯи дигар бар асари ба коргирии зиёде иҷтиҳод, дар манобеъи заннӣ, барои истихроҷи аҳкоми падидаҳо ихтилофи шадиде миёни онон, дар баёни аҳкоми мавзуъот, ба вуҷуд омад, ки паёмади он падид омадани мазоҳиб буд.

Ба гуфтаи Сойис дар китоби. «Таърих- ал- фиқк-ал-исломӣ», аз авойили садаи дуввум /ҳичрӣ/ ва нимаи садаи чаҳоруми ҳичрӣ, 138 мазоҳиб-яъне, фирқаҳои динӣ тадвин ва мавриди тақлид қарор гирифта ва бисёре аз билод дорои мазҳаби хосе буданд, вале бо гузашти замон мунқарез /аз байн рафтанд-С.Б.Б/ шуданд ва аз миён рафтанд. Ороу назариёти

пешвоёни он мазоҳиб, дар китобҳое, ки ба унвони «Ал-фиқҳ-ал-мақорин», монанди «Китоби хилоиф», «Илм-ал-хилоф», «Масоил-ал-хилоф» ва «Ал-хилофиёт» тадвин шуда, барои мо ба ҷо мондааст. Ба ҳар рӯ пас аз садаи чаҳорум танҳо аз мазоҳиби имомия, ҳанафия, моликия, шофеъия ва ҳанбалия метавон ном бурд ва мазоҳиби зоҳирӣ, агарчӣ то ин замон истимрор дошта, аммо кам-кам аз миён рафта аст». 88.-18-19.

Пас суоле метавонад пайдо шавад, ки сабаби асосии ихтилофи байни мазоҳиби дини Ислом дар чист? Бояд гуфт, ки ихтилоф асосан дар таълиму назарияҳо ва афкору андешаи олимони мазоҳиби Ислом вуҷуд дорад. На ин ки мазҳаб, ба мазҳаб, возеҳтар маншаъ ва сабаби ихтилоф мазҳаб нест. Яъне, олимони ҳар мазоҳибу фирқаҳои динӣ кӯшиш мекарданду кӯшиш мекунанд, ки ақидаҳои мухталифи худ ва дар зери ин мақсади сиёсӣ ва иҷтимоии хешро ворид месохтанду месозанд ва хулосаҳову фатвои дар ҳалли масоили шаръӣ истихроҷ намудаи хешро назди сомиъин, дар байни мардум, назди уламои олами Ислом ва ғайра, ба исбот расонанд. Мисли фирқаҳои бе аслу бебунёди ғарбғуломи таҳрир, халафия ё хилофия ва толибон, ки бо мақсади аз дохил пош додани дини Ислом ва тафриқа андохтан байни мусалмонон ва барои ба майдони ҷилваву тохтутози аҷнабиҳо – назири ғарбиҳо ва амрикоиҳо табдил додани марзи кишвар (мисли Ироқ ва авғонистон…) худҳошонро «доно»-ҳои замон ҳисобида, теша ба решаи дин ва ақидаи мардум зада истодаанд. Вале ин тоифа мардум бо чеҳраҳои торики сиёсиашон кайҳост, ки байни олами исломи воқеӣ бо номҳои фарқаҳои динфурӯш, мазҳабфурӯш, миллатфурӯш, ватанфурӯш ва ғайра шинохта шудаанд. Аз ин рӯ, байни намояндагони мазоҳибу фиқаҳои Ислом то ба имрӯз зуд-зуд «ҷангҳои равонӣ» рух медиҳанд, ки ин ихтилоф, ихтисос ба мазҳабе бо мазҳаби дигар надорад, балки бархӯрдҳои равонӣ ва назариявии олимон, ба ҳамдигар

www.kitobam.com

аст, яъне, назарӣ будани онҳост. Ба қавли устод Оятуллоҳ Муҳаммад Иброҳими Ҷаннотӣ, «ва ихтилоф, дар масоили назар табиӣ аст».

Ва он ихтилофе, ки бештар намояндагони пешоҳанги мазоҳибро бо ҳам бармеангезад ҳамоно ихтилоф дар мақоми байни аҳком аст. Донишманди варзидаи улуми исломӣ, устод Оятуллоҳ Муҳаммад Иброҳими Ҷаннотӣ /ки мо навад фисади мавзӯи бахши ҳозирро дар асоси андешаҳои хубу хулосабарориҳои нишонрасу қотеъонаи эшон, дар марзи ин мавзӯъ коштаем ва баён, доштаем илали пайдоиши ихтилоф,дар мақоми байии аҳкомро бо даҳ сабаб ё худ ъомил баён намудаанд. Аз ҷумла эшон оварданд: «-Ихтилофи олимони Исломӣ, дар масоили назарӣ, ки боиси пайдоиши мазоҳиби гуногун шуда, метавонад маълули ъавомили зер бошад:

1. Ихтилоф, дар бархе адалла /далел, далоил/-ву мусодири иҷтиҳоде монанди ихтилоф дар эътибори истеҳсон ва мусолаҳи мурсала.

2. Ихтилоф, дар ҳудуд ва шароити адалла ва мусодири иҷтиҳоде монанди ихтилофи эътибори тавотур /пай дар пай будан-С.Б.Б/ дар ҳуҷҷати ҷузъ.

3. Ихтилоф, дар навъи адалла, монанди ихтилоф, дар эътибори ташбеҳу тамсил, на қиёси мансус-ул-иллат ва авлавият/.

4. Ихтилоф, дар кайфияти эътибор ва ҳуҷҷияти баъзе аз адалла, монанди ихтилофи онон, дар эътирофи ҳуҷҷияти иҷмоъ-фӣ-нафса.

5. Ихтилоф, дар мақоми бардошт ва далел, монанди ихтилофи онон, дар бардошт, аз ояти вузӯъ, ки таҳорати пойҳо ғусл ё маҳс?

6. Ихтилоф, дар ҷамуд /афсӯрдагӣ/ бар зоҳири алфозе, ки дар адаллаи иҷтиҳоде ворид шуд ва ъадами ҷамуд бар онҳо

монанди ихтилофи онон, дар машрӯъияти раҳон ва бурду бохт, дар ғайри асб ва тиру камон, дар сабақ ва румоя.

7. Ихтилоф, дар басанда кардан бар ъановине, ки дар ъаносири хоса истинбот омада ва ъадами басанда кардан бар онҳо.

8. Ихтилоф, дар басанда, бар мавзӯъоте, ки дар лисон адалла омада.

9. Ихтилоф, дар лузуми баррасии вижагиҳои мавзӯъот, дар бистари замона ва лузуми баррасии онҳо.

10. Таъоруз /мухолифи ҳам будан/-и аҳодис. Ин таъоруз, дар бархе аз онҳо ба гунае аст, ки рафъи он аз роҳи қонун ва ҷамъи мавзӯъе ва ё ҳукме имкон дорад ва дар баъзе дигар ин рафъ аз роҳи қавонин ёд шуда ва ин таъорузро ъилал ва асбобе аст, ки баёни онҳо аз ҳавсалаи ин мақола хориҷ аст» 88-19.

Устоди фақеҳ Оятуллоҳ Муҳаммад Иброҳими Ҷаннотӣ, ихтилофотеро ки дар натиҷаи фатвою ҳалли масоили шаръӣ, аҳкоми илоҳӣ, имомату тариқат, ойини ибодат ва бардошт аз далелҳои динӣ, байни уламои мазоҳиб, ба амал меоянд, баҳои хуб дода ин ихтилофи эшонро на ихтилофи мазоҳиб, балки назарӣ, будани онҳост мегӯяд ва ихтилоф дар масоили назариро (чуноне, ки гуфтем табиӣ меномад. Ва ҳамчунин перомуни мавзӯъи ъилал ва густариши мазоҳиб андеша ронда, ӯ сабабҳои инкишоф ва густариши мазоҳиби Исломро дар асоси се замина, ба тафсил чунин шарҳ, медиҳад, ки аз нигоҳи илмӣ, хеле амиқу дақиқ буда, мантиқи мавзӯи ин бахш, аз чашмаи ъадлу инсоф об хӯрда, ва мақсади асосии ин донишманд ва устоди мӯҳтарам, ҳамоно ваҳдат ва иттиҳоди ҳамаи мусалмонон, дар зери дирафши ҷовидонсабзи Исломи мубин аст, ки омада: «Ъилал/сабаб/ ва густариши мазоҳиб иборатанд аз:

www.kitobam.com

1. Бархӯрдории Ислом, аз густариш ва гаройиши ақвому миллатҳои гуногуни ҷаҳон ба ислом. Ин густариш мӯҷиби пайдоиши анбӯҳе аз масойил шуд, посух ба онҳо то андозае бисёр ниёзманд, ба коргирии иҷтиҳод, дар манобеъ буд.

2. Такомули ором-ороми баҳсҳои иҷтиҳодӣ; зеро муҷтаҳиддин, дар асри тобиъин, иҷтиҳодро аз ҳамон ҷое оғоз кардаанд, ки муҷтаҳиддини асри саҳоба (р) онро поён расонида буданд ва низ муҷтаҳиддин, дар асри тобиъони тобиъин иҷтиҳодро аз он нуқтае шурӯъ карда буданд, ки муҷтаҳиддини тобиъин, дар он ҷо онро хатм намуда буданд.

3. Вуруди улуму донишҳои зиёде аз билоди дигар, ба сарзамини Ислом ва низ пазириши Ислом, тавассути олимони он билод, ки дар натиҷаи ин табодули афкор ва ороу назарот таъсири бисёре дар шеваи истидлол ва баҳсҳои фиқҳӣ дошт. Дар ин бора зикри нукоте чанд зарурӣ менамояд:

Нахуст он, ки мазҳаби имомия ва бештари фаромини он бар асоси нусусу баёноти фиристодаи Худо /с/ ва имомон /ъ-м/ қарор дорад, на бар асоси иҷтиҳод. Дуввум он, ки иҷтиҳод дар ин мазҳаб, ба унвони васила эътибор дорад, ки ҳадаф ва бад-ин сабаб, дар арзи насс қарор надорад, балки дар тӯли ва чорчӯбаи бозгардонидани фурӯъи тоза, ба усули поя ва мунтабақ сохтани қавонини куллӣ, бар масодиқи хориҷии онҳо қарор дорад. Вале дар мазоҳиби аҳли тасаннун ба унвони ҳадаф матраҳ шудааст.

Саввум он, ки агарчи бародарони аҳли суннат ҳаммонанди аҳли ташайюъ ба ин, ки аима /имомон/-и аҳли байт имоман мансус мебошанд, ки қоил нестанд, аммо ононро бисёр дӯст медоранд /яъне, мудом дуъо мефиристанд/ ва ба унвони марҷаъи илмию динӣ, сиёдату ҷойгоҳи муҳими онҳоро дар Ислом қоиланд. Аз ин рӯ, метавонем бигӯем, ба ин мазмун, ки мусалмонони олам ҳам шиъа ҳастанд ва ҳам суннӣ; шиъа ҳастанд, чун муҳибби аҳли байтанд ва суннӣ ҳастанд, чун ҳама

ба суннати фиристодаи Худо /с/ амал мекунанд, (вале бояд гуфт, ки шиъиён ба он андозае, ки шоиста бошад, ба суннати пешвои аҳли байт, яъне, Расулуллоҳ салъам, такя намекунанд ва ба ҳадди ифрот ва таҳриф ба гуфтаи фуқаҳояшон амал мекунанд-С.Б.Б). Агарчи шиъиён пас аз даргузашти фиристодаи Худо /с, ба суннати аимаи аҳли байт, бар асоси исмат, ва аҳли суннат ба суннат /бояд таъкид кард, ки аҳли суннат нахуст ба «Қуръони маҷид» ва сипас ба суннати Расулуллоҳ /с/,яъне, аҳодиси эшон такя доранд ва дар замми ин эҳтироми аимаи аҳли байтро ҳам ба ҷо оварда, ҳамчунин ба суннати асҳобу ёрони фозили ваҳдатхоҳи Расули акрам /с/ низ такя кардаанду мекунанд в-он гоҳ ба иҷтиҳоди уламои худ-С.Б.Б/-и асҳоб ва ёрони Ӯ /с/ бар асоси васоқит рӯй овардаанд. Аммо ҳама дар ҳадафу мақсади воҳиду ягона, ки суннат фиристодаи Худост ширкат доранд ва бинобар ҳамин ин ихтилоф ба манзалаи хатаре барои мусалмонон нест, зеро ҳадаф яке аст. Танҳо замоне боиси хатар мешавад, ки душманӣ ва дудастагию низоъ, ки Худованд ва Паёмбари /с/-у имомон куллан моро аз он бар ҳазар доштаанд эҷод кунад» (ва мутаассифона, имрӯз дар байни аҳли суннат ва ҷамоат гурӯҳҳои тафриқаандозе пайдо шудаанд, ки бо «иҷтиҳод»-и пуч ва бемағзи худ хушунате дар байни хосу ом эҷод кардаанд, ки ваҳдати зиёда аз 1400-солаи муслиминро ба парокандагӣ ва бесару сомонӣ рӯ ба рӯ карда истодааст-С.Б.Б). 88-19.

Дар фароварди ин бахши мавзӯъ зарур мешуморем то, ки хонандагонро аз иллати пайдоиши равияи шиъа ҳам, ки яке аз равия ё худ бузургшохаи дини Ислом аст, каме ба тафсил сухан ронем. Чуноне, ки аз фарозмониҳои боло маълум гардид, ба вуҷуд омадани ҳар яке аз фирқаву мазоҳиб, дар Ислом сабабу иллати худро дорад.

Ва назди муҳаққиқин равшан аст, ки аксари зиёди фирқаву шоха ва мазоҳибу ҷараёнҳои мухталифи динӣ, асосан бо

www.kitobam.com

сабабҳои сиёсӣ, яъне гаправӣ ва манфиатхоҳиву манфиатҷӯӣ, яъне мансабталошиву худманишӣ ва маснаднишинии иддае аз пешвоёну роҳбарони бо ном динӣ, арзи вуҷуд кардаанду мекунанд. Назар ба фаъолияти роҳбарони тӯдаҳои дигари ҷомеъа дида, фаъолияти сиёсатмадорону роҳбарони динӣ хеле ва хеле моҳирона ва айёрона, яъне самакона аст, чунки нияту ормонҳои мардони сиёсатмадору мансабхоҳи бо ном диндор мудом ноаён зери ниқобу пардаи дин, бо як устокорӣ ва усули кордониву коршиносӣ яъне, усули эритикӣ мегузарад (мисли таҳрир, халафия ва толибони ходими Амрико). ва амалӣ мегардад ва ба ҷои фоида, ба ин дини мубин, зарари бештар ворид месозанд. Таълимоти равияи шиъа, ки дуввумин равияи бонуфӯзи Ислом аст, бо сабабҳои сиёсиву иҷтимоӣ, дар олами Ислом зуҳур карда аст.

Боиси каме ба тафсил /ҳарчанд, ки аз мавзӯъ каме хориҷ мешавем/ сухан рондани мо, оиди равияи дуввумини Ислом, яъне, шиъа аз он иборат аст, ки имрӯзҳо дар байни тӯдае аз мардуми камогоҳи мо, ки дар тӯли ҳафтод соли шӯравӣ, аз фарогирии дониши динӣ, кам баҳравар буданд, дарҳамбарҳамие ё худ каҷфаҳмие оиди мафҳумҳои шиъа ва шофеъия (ва ҳамчунин оиди асосгузори мазҳаби суннии шофеъия Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Идрис аш Шофеъӣ; мисли ҳамон, ки иддае аз ҳизбиюн ва ғофилун, ваҳҳобиёни суннии ҳанбали мазҳабро бо унвони шиъиюн маҳкум карданӣ мешаванд, ки ин хатои азимест ва таҳқири маҳз) ба вуҷуд омадааст. Ва аз ин хотир зарур мешуморем, ки чанд ҷумлае оиди равияи шиъаи дини Ислом дарҷ намоем.

Бояд тазаккур дод, ки тариқаи шофеъия яке аз мазоҳиби бонуфузи чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоат мансуб, ба Имом Абӯабдуллоҳ-Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ (р) аст, ки дар қатори се мазҳаби дигари аҳли суннат, зиёда аз 1210 сол ба ин ҷониб вуҷуд дорад. Возеҳтар шофеъия, яке аз мазҳабҳои

бонуфӯзи аҳли суннат /ва ё суннӣ/ буда, Имом Шофеъӣ (р) асосгузор ва Имоми ҳумому фақеҳи соҳибкитобу соҳибфатвои шофеъиён маҳсуб мешаванд ва ин мазҳаби аҳли суннатро бо равияи шиъа мансуб шуморидану Имом Шофеъиро пешво ё худ имоми шиъиён донистан хатост, зеро ин ба иззати нафси намояндагони яке равияву дигарӣ-мазҳаб сахт мерасад, ҳарчанд, ки ба гуфти устод О.Ҷаннотӣ-ҳадаф як аст.

Чуноне, ки маълум аст, дини Ислом дорои ду равия ё худ шохаи бузурги динист, ки яке равияи суннӣ (аҳли суннат ва ҷамоат, ки иборат аз чаҳор мазҳаби басо ростину бонуфуз аст, бо номҳои ҳанафия, моликия, шофеъия ва ҳанбалия ва теъдоди зиёди фирқаву гурӯҳҳои мухталифи аҳли суннат, ки дар заминаи ин мазоҳиби чоргона падид омадаанд) ва дигаре равияи шиъа - ба маънии тарафдор, пайрав ва ё ба чизе ҳамроҳ шудан, роҳ равиш ва гурӯҳро гӯянд.

Шиъа унвони мазҳаб набуда, балки номи умумии фирқаву гурӯҳ ва тариқату ҷараёнҳои динии мухталифест, ки Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб /р/ ва хонадони ӯ ва насли ӯро ворисони ягонаву ҳақиқии Расули гиромӣ-Ҳазрати Муҳаммад /с/ меҳисобанд. Равияи шиъаро фирқаи аҳли байт низ меноманд. Дар асри VIII ҳаракати шиъаҳо ба ду ҷараёни калону мустаъқил-«мӯътадил» яъне, «Зайдиҳо» ва «Имомиҳо», ки ба сунниҳо каме қаробат доранд/ ва «ғолӣ» /тарафдорони аимаи аҳли байти Ҳазрати Алӣ разиаллоҳу анҳу/ ва исмоилиён ҷудо шуд. Пайравони равияи шиъа 12 имомро аз насли Ҳазрати Алӣ /р/ эътироф менамуданд аҳли суннат бошанд, дар қатори, имомон ва пешвоёни аҳли суннат 12 имоми ҳумоми аҳли байтро низ зътироф намуда, доим дар панҷ вақт намози худ, пеш аз ҳама ба эшон низ дуъойи нек мекунанд. Мувофиқи таълимоти аҳли шиъа, имоми қонунии онҳо (Имоми Маҳдӣ) соли 873-и мелодӣ, ба дунё омада, минбаъд ноаён ғайб зада аст. Он ғайбзада, рӯзе бо амри Худованд зуҳур

www.kitobam.com

мекунад. Ин ақида боиси дар аҳли шиъа ба вуҷуд омадани таълимоти динию фалсафии «Маҳдавият» /таълимоти динию фалсафии Исломро номанд, ки пайравонаш ба риҷъат, яъне, баргаштани имоми ғоибу мунтазир бо номҳои «Маҳдӣ» шахси бо амри илоҳӣ, роҳи ҳақ интихоб карда ва қуддосе, ки аз фарорасии қиёмат хабар медиҳад; «Қоим» ва «Ҳуҷҷат» бовар доранд, ва ногуфта намонад, ки ин ақида, дар аҳли суннат низ вуҷуд дорад/ гардида аст.

«Омезиши ихтилофоти сиёсӣ, бо ихтилофоти фикрӣ дар авохири асри Усмон /р/ ва авойили хилофати Алӣ /р/ оғоз гардид. Алӣ /р/ дар соҳаи сиёсат ба амалӣ намудани назариёти хеш шурӯъ намуд, дар ҳоле, ки вай бо доштани сифоти писандида ва нерӯи дин, илм, ҳикмат ва шуҷоат, мавриди эҳтирому алоқаи мусалмонон буд. Пас бунёдгузорону шӯрангезони ихтилофоти мазҳабӣ, аз ин алоқа ва эҳтиром, дар қисмати ишоъаи афкор ва назариёти хеш, ки онро ба Алӣ /р/ нисбат медоданд, баҳрабардорӣ карданд /ва ҳам таҳрифкориҳое дар дину ойин карданд/ ва назариёти эътидолӣ ва ифротие ба вуҷуд омад ва ба дасисаи Абдуллоҳ ибни Саббоҳи яҳудӣ, ки назариёту афкори худро байни мардум ишоъа менамуд, табақаи ғулотравии кор шуд ва чун Алӣ /р/ вафот ёфт, авлод ва бозмондагонаш мавриди зулми баъзе табақот қарор гирифтанд ва ҳар қадар, ки ба ин музолим афзуда мешуд, дили мардум, ба ҳоли онҳо бештар месӯхт (аммо мардум аз нимкосаи зери коса ва каждуми зери бурё бехабар буданд-С.Б.Б). Ва аз рӯи дилсӯзӣ, ба аҳли байт ки он низоъҳо бо дасисаи ҷоҳталабон ва шӯрангезоне, ба мисли Абдуллоҳ ибни Саббоҳ барин ашхос сар зада буд, бештар алоқаманд ва аз мутаҷовузин мутанаффир мешуданд. Бо ин роҳ ва бо ин нақшаи қаблан аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Саббоҳ барин ашхос тарҳрезӣ шуда, равияи шиъа, ба вуҷуд омад ва оҳиста-оҳиста доираи мазҳаби ибтидоии равияи

ташаюъ вусъат гирифт ва аҳли ташаюъ, дар байни худ ба ҷамъиятҳои мухталифе мутафарриқ шуданд, ки ҳар фирқа ба ақидаву назариёти худ қонеъ ва побанд буд. Иддае ба ин ақида шуданд, ки Алӣ /р/ нисбат ба ҳамаи саҳоба /р/ фазилати бештар дорад ва баъд аз Паёмбар /с/, Алӣ/р/ афзали махлуқот мебошад ва мақоми ӯ, дар Биҳишт олитар аз ҳамагӣ, ба ҷуз Паёмбарон хоҳад буд. Ва ҳар касе душмани Алӣ /р/ аст, дар воқеъ душмани Паёмбар /с/ аст. Зеро он Ҳазрат /с/ фармуда: «Худоё дӯст бидор дӯсти Алиро ва душман бидор душмани Алиро». Ва низ фармуда: «Эй Алӣ, туро дӯст надорад магар мусалмон ва бо ту кина наварзад магар мунофиқ» 47.-60.

Равияи шиъа дар асри VII ҳамчун гурӯҳи сиёсиву динӣ, алайҳи хилофати Уммавиён ба вуҷуд омад. «Асосгузори таълимоти шиъа Абдуллоҳ ибни Саббоҳ аст. Ӯ аслан яҳудӣ буда, аз таълимоти дини яҳудию масеҳӣ огоҳии комил дошт ва ба ин динҳо хиёнат кард… Сипас ба дини Ислом гароид ва ҳамчун тарафдори Алӣ /р/ фаъолияти худро дар давраи ҳукмронии халифаи саввум Усмон ибни Аффон /р/ оғоз кард. Абдуллоҳ ибни Саббоҳ рукни асосии таълимоти шиъа-имоматро созмон дод. Мувофиқи он Имомат марҳамати илоҳие шинохта мешуд, ки Худо ба бандагонаш шафоат мекунад. Пас имомат мисли нубувват интихобӣ набуда, он авлодист ва ҳар як имом ҷонишини худро дар ҳолати назъи ҷон таъин хоҳад кард» 47.-167-198.

Фақеҳон, яъне, танзимкунандагону асосгузорони фиқҳи шиъа ё худ аҳли ташаюъ асосан инҳоянд: Имом Ҷаъфари Содиқ (р), Зайд ибни Алӣ (р), Имом Исмоил ибни Ҷаъфари Содиқ (р), Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алии Қумӣ, Нӯъмон Муҳаммад ибни Ҳаён, Нӯъмони Бағдодӣ, Мӯҳаммад Алӣ-Шаҳристонӣ, Муҳаммад Ибни Ҳасани Тӯсӣ, ва чанде дигар.

www.kitobam.com

Равияи шиъа мисли суннӣ аз усул ва фурӯъ иборат аст. Усулро онҳо шомили тавҳид, адл, нубувват, имомат ва қиёмат ё худ маъод медонанд. Аз панҷ усули асосӣ, чортоаш бо баъзе фарқиятҳои ҷузъӣ, байни шиъаҳо ва сунниҳо муштарканд. Масалан, аҳли шиъа, ба калимаи шаҳодат номи Алӣ /р/-ро дохил кардаанд.

Байни шиъа ва суннӣ, фарқиятҳои тафсилӣ азон, қомат, хондани таровеҳи Рамазон, зиёрати марқади шаҳидон, ақидатӣ /фаъолияти инсон/ ва ҳуқуқӣ ҷой доранд. Дар масъалаи дину имон, байни онҳо ихтилофи ҷиддӣ нест. Пайравони шиъа шаҳрҳои Маккаву Мадина, Наҷаф /дар Ироқ мақбараи пурфайзи Ҳазрати Алӣ разиаллоҳу анҳу, Карбало (Ироқ), Машҳад /Эрон/ ва Қум /Эрон/-ро муқаддас мешуморанд ва аҳли суннат низ. Онҳо «Мавлуди Фотима», «Ошӯро»-рӯзи қатли Ҳазрати Имом Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳиссалом ва 76-тан ёрони ӯ, ки бузургтарин фоҷиаи башарист ва рӯзҳои тавваллуду вафоти дувоздаҳ аимаи муаззамро, аз хонадони аҳли байт, пуршукӯҳ қайд мекунанд. Ба никоҳи муваққатӣ /сиға/, ки онро дар вақташ Ҳазрати Умар /р/ бар насси оят ва ҳадиси набавӣ (с) бекор карда буд /дар аҳли суннат, ин кор, ятне, чунин навъи никоҳ зинои ошкоро аст/ иҷозат додаанд. Ҳамчунин дар адои баъзе унсурҳову рукнҳои тоату ибодат ҳам байни ин ду равияи динии Ислом фарқият дида мешавад, ки ин баҳси дигар аст.

Ва назди аҳли таҳқиқ ин нукта кайҳо ошкор гардида аст, ки дини мубини Ислом асосан аз ҳафт мазҳаби интишорёфтаи фиқҳӣ иборат аст, ятне, чаҳор мазҳаби бонуфӯзи фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоат; ҳанафия, моликия, шофеъия, ҳанбалия ва се мазҳаби фиқҳии шинохташудаи аҳли ташайюъ, ятне зайдия, ҷаъфария ва исмоилия.

Дар мавриди мазоҳиби аҳли суннат ва ҷамоат ин ҷо, ҷои ҳарф нест, зеро ки қаблан то ҷое, ки имкон дошт, перомуни ин

мазоҳиб ва фирқаву силсилот ва ҷараёнҳои диниву ирфонии он маълумот дода шуд.

Ва инак фарозмониҳое, ки алъон назари мубаракатон рӯи онҳо равона аст, маълумоти фишӯрда ва мухтасарест, перомуни мазоҳиб ва фирқаҳои аҳли ташайюъ. Чуноне, ки қайд карда шуд, равияи шиъа се мазҳаби фиқҳиро бо номҳои зайдия, ҷаъфария ва исмолия дорост, ки дар қатори чаҳор мазоҳиби аҳли суннат ва ҷамоат /ки зикри онҳо рафт/ ҳамчун мазоҳиби фиққии исломӣ /дар ақидау равияи шиъа/ ба расмият шинохта шудаанд.

1.Мазҳаби Зайдия номи худро аз номи Зайд ибни Алӣ ъалайҳиссалом-бародари Имом Муҳаммад Ал-Боқир /ваф.732/ гирифта аст. Дар мавриди имомат назари Зайд ибни Алӣ /бояд гуфт, ки ӯро, яъне, Зайд ибни Алиро Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ, ки бо ӯ дар як аср мезистанд, ниҳояти том эҳтиром мекард ва дӯст медошт он буд, ки пас аз Имом Ҳасан /ъ-м/ ҳар кадом насли Алӣ /ъ-м/ метавонад имом бошад, ба шарте, ки аслиҳа ба даст, дар роҳи Ислом мубориза кунад, дар вақташ ин назариёти Зайд ибни Алӣ разиаллоҳ писанди Имоми Аъзам шуда буданд. Вай вуҷуди якчанд имомро дар як вақт, дар кишварҳои мухталиф қабул дошт...

2. Мазҳаби Ҷаъфария-пайравони имоми шашуми шиъа-Имом Ҷаъфари Содиқро гӯянд /ваф.765/ Ҷаъфария бузургфирқаи имомияи шиъа аст, ки ҳамчун мазҳаби шиъа эътироф шудааст. Пайравони ин мазҳаб хулафойи рошиддин /Абӯбакр Умар ва Усмону Алӣ разиаллоҳу анҳум/-ро лаънату такфир нахонда, ҳуқуқи онҳоро дар хилофат эътироф кардаанд. Аз ин рӯ, ин мазҳаб дар радифи чаҳор мазҳаби фиққии аҳли суннат ва ҷамоат, ҳамчун панҷумин мазҳаби фиққӣ, дар Ислом шинохта шудааст ва бисёре аз муҳаққиқону муаррихони асрҳои миёна ҷаъфарияро бо мазоҳиби суннат дар як радиф гузоштаанд. Муҳаммади Шаҳристонӣ

www.kitobam.com

ҷаъфарияро-ҷаъфарияи воқифия номида, онро бо «Боқирия», дар як радиф овардааст. Ба қавли ӯ пайравони ин ду фирқа, имомати Муҳаммади Боқир ибни Алӣ ибни Сайид Зайнулобиддин ва Ҷаъфари Содиқро эътироф мекарданд.

Имом Ҷаъфари Содиқ /ъ-м/ масоили динӣ ва фалсафиро хуб медонист. Ҳангоми иқоматаш дар Мадина, ба пайравони худ масъалаҳои назарию амалии динро таълим медод. Баъдтар ӯ ба Ироқ омада, ба мутолиаи амиқи илмҳои замони худ пардохт ва аз ҳамсӯҳбатони Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) буд ва ба қавле ба Имоми Аъзам ҳаққи устодӣ низ дошта аст ва ба ӯ илми Ҳадис омӯхта аст, яъне, Имом ҷаъфари Содиқ (р). Имоми Аъзам ӯро ниҳояти тамом эҳтиром мекардааст. Ва ба ривояте Имом Ҷаъфар, баъди чанд соли вафоти Хоҷа Собит-падари Имоми Аъзам Абӯҳанифа, ба модари Имом Абӯҳанифа хонадор мешавад. Ва ҳамчунин Имом Ҷаъфар низ дар навбати худ, муддате шогирди Имоми Аъзам будааст – дар илми фиқҳ ва забону адабиёти араб.

«Номи ӯ Ҷаъфар, кунияташ Абӯ Абдуллоҳ ё Абӯ Исмоил ва лақабаш Содиқ буд. Ӯ аз он ҷиҳат «Содиқ» лақаб гирифт, ки ҳар чи мегуфт, аз сари сидқу ростӣ мегуфт. Аксари муҳаққиқин бар онанд, ки Ҷаъфар ба соли 8/699-700/ дар Мадина, ба дунё омадааст. Баъзе аз муаллифони валодати ӯро ба соли 83/702 гуфтаанд. Аз ҷониби шаҷараи падараш, ба авлоди Паёмбари гиромӣ /с/ ва аз ҷониби модар, ба Абӯбакри Сиддиқ /р/ мерасад. Падари ӯ Муҳаммади Боқир ъалайҳиссалом аст.

Аз ҷониби модар, чуноне, ки зикр намудем насаби ӯ ба Абӯбакри Сиддиқ /р/ рафта мерасад. Модараш Умм-Фарва-духтари Ал-Қосим ибни Муҳаммад-писари Абӯбакри Сиддиқ /р/ буд. Ва модари модараш Ал-Асмо-духтари Абдурраҳмон-писари Абӯбакри Сиддиқ буд. Аз ҳамин сабаб ҳам Имом Ҷаъфар мегуфт, ки «Ман ду карат зодаи Абӯбакри Сиддиқам

/110-8/ Ва шояд сабаби дигари лақаби «Содиқ» гирифтани Имом Ҷаъфари Содиқ ҳам аз он хотир аст, ки ӯ набераи Абӯбакри Сиддиқ /р/ аст-С.Б.Б/.

Ҷаъфар дар Мадина ба воя мерасад ва аз аҷдодони худ ва тобиъин, ки пайравону шогирдони саҳобагон (р) буданд, ҳадисҳои зиёдеро азбар мекард. Ӯ аз бобояш-Ал-Қосим ибни Муҳаммад, падараш-Абӯ-Ҷаъфар Ал-Боқир ва аз муҳаддисони машҳур, ба монанди Урва ибни-з-Зубайр, Ато, Нофеъ ва дигарон илми Ҳадис омӯхта, худ низ ба дигарон ривоят мекард. /Ва устодии ӯ ҳам, ба Имоми Аъзам /р/ дар илми Ҳадис ва истифодаи он будааст, зеро Имом Ҷаъфар имкониятҳои хуби фарогирии Ҳадисро дошт-С.Б.Б/.

Ҷаъфари Содиқ, чи тавре, ки дар ибтидо ишорат намудем, шахсиятест, ки ҳам дар байни шииён ва ҳам дар байни сунниён маҳбубу машҳур аст. Аз-Заҳабӣ ҳатто суханонеро аз номи нафаре овардааст, ки Ҷаъфар мехостааст, бештар Абӯбакри Сиддиқ ба ӯ шафоат кунад: Ҳафс ибни Ғиёс мегӯяд: «-Ман шунидам, ки ӯ /Содиқ-С.Б.Б./ мегуфт: «-Намехоҳам, ки ба ман Алӣ шафоат кунад, балки мехоҳам, ки Абӯбакр ба ман шафоат кунад, зеро ман ду карат зодаи ӯям» 110-9.

Дар натиҷаи омӯзиши зиёди масоили динӣ, Ҷаъфари Содиқ, аз баъзе ақидаҳои шиъаи ифротӣ даст кашида, намояндагони онро нафрин хонд /ва сахт гирифтани ӯ ба писараш Исмоил ҳам аз ин хотир аст/ ва таълимоти рофизияро роҷеъ ба ғайбату риҷъати Имомон, бадоъ, таносуҳ ҳулул, ташбеҳ ва ғайра ба куллӣ рад намуд.

Ҷаъфариҳо дар асри VIII баробари пайравони чаҳор мазҳаби аҳли суннат, дар атрофи Каъба, соҳиби ҷойнамози махсус /мақом ё мусалло/ гардиданд. Назар ба дигар манотиқи фатҳшудаи исломӣ, ҷаъфария, дар ҶИ Эрон васеъ густариш ёфта аст ва таълимоти Имом Ҷаъфари Содиқ ва афкори фуқаҳои ин мазҳаб, дар баробари Қуръон ва Ҳадис,

www.kitobam.com

дар ин кишвари беназири исломӣ мӯҳтарам буда, далойили мӯътамадест, дар кори қонунгузорӣ ва усули ибодат ва кори давлату ҳукумат аз мардуми ин кишвар. Возеҳтар, аксари мардуми Эрон пайрави мазҳаби Имом Ҷаъфари Содиқанд. Ин мазҳаби фиққӣ, аз тарафи аксарияти шиъиён-имомияи исноашрӣ, қабул ва эътироф карда шуда аст...

Мазҳаби Исмоилия - яке аз мазоҳиби бонуфузи шиъа аст, ки ҳамчун саввумин мазҳаби фиққии равияи шиъаи дини Ислом шинохта шуда аст. Пайдоиши ин фирқа ва баъдан мазҳаб, ба ҷудоӣ, дар байни шиъаҳо, дар миёнаи асри VIII алоқаманд аст. Аксарияти онҳо имоми ҳафтуми шиъа Мӯсои Козим /писари дигари Имом Ҷаъфари Содиқ/-ро эътироф карданд ва минбаъд онҳоро имомиҳо номиданд. Аммо як қисми дигари онҳо ворисии имоматро ба писари калонии Имом Ҷаъфар /р/ Исмоил раво донистаанд ва баъд аз вафоти ӯ соли 762 писараш Муҳаммад ибни Исмоил /р/-ро имоми ҳафтум эътироф карданд. Бино ба чанд ривоёт Имом Ҷаъфари Содиқ /р/ аз писари худ Исмоил чандон розӣ набудааст (Чунки писараш Исмоил ба ҷуз Ҳазрати Алӣ (с.ъ) дигар се ёри босафойи Ҳазрати Расулуллоҳ (с)-ро эътироф накарда, онҳоро доим нафрат мекардааст, ки ин амал шаръан ва ахлоқан дуруст нест ва касе агар дӯстони Паёмбар (с)-ро дӯст надорад, пас ӯ душмани Расулуллоҳ (с) аст. Зеро худи Расулуллоҳ (с) чунин ҳукм кардаанд). Мардуми Бадахшони Тоҷикистон ҳама /ба ғайри мардуми Мурғоб, Дарвозу Ванҷ ва Қалъаи Хум ва як қисми Ишкошим ва Язғуломиён/ пайравони мазҳаби исмоилия мебошанд, возеҳтар-шуғниниён, қисме аз ишкошимиён, вахониён, бартангиён, сариқулиён, рӯшониён ва ғайра, ки намояндагони гурӯҳи забонҳои эронии шарқианд...

Дар таърихи мазҳаби шиъа фоҷиаи Карбало, ки дар он писари Ҳазрати Алӣ ъалайҳиссалом-Ҳусайни Имом

алайҳиссалом бо аҳли байт ва ҳамроҳонаш, ки 76 нафар буданд, ба дасти сарлашкари хунхорӣ Язид ибни Муъовия-Саъд ибни Ваққоси лаъин ва бо дасти худи Язиди малъун кушта шуд, бузургтарин фоҷиаи инсоният, дар рӯи Замин буда, хеле ҳодисаи пурфоҷиаву таъсирнок аст ва дар ташаккули шиъа нақши зиёде дорад. Ба сари ҳокимият омадани Аббосиён низ шӯришу зиддиятҳои пайравони Ҳазрати Алӣ /р/-ро хомӯш нагардонд, ки нагардонд ва ба хулафои аввали аббосӣ, чандин маротиба лозим омад, ки ин исёну шӯришҳоро фурӯ шинонанд.

Ихтилофи байни аҳли суннат ва шиъа асосан аз замони хилофати Ҳазрати Усмон /р/ ва Ҳазрати Алӣ /р/ сар задааст. Ҳарчанд Ҳазрати Алӣ /р/ пас аз қатли Ҳазрати Усмон /аз соли 658-661/ ба хилофат расид, вале пас аз қатли ӯ /с.661/ боз то соли 770, яъне, то охирин соли ҳокимияти Марвони дуюм, хилофат дар дасти Уммавиён боқӣ буд...

Аввалин доъиёни машҳури мазҳаби ташаюъ Абӯзари Ғаффорӣ /р/, Миқдод ибни Асвад /р/ ва Салмони Форсӣ /р/ буданд. Дар коркарди асоси назариявии имомат Абдуллоҳ ибни Саббоҳи Яҳӯдӣ, ки аслан яҳудии аз дини худ баргашта ва ба масеҳият гаравида ва аз он баргашта ба Ислом бардурӯғ гаравида, саҳми зиёд гузоштааст. Абдуллоҳ ибни Саббоҳ ақида дошт, ки Ҳазрати Муҳаммад /с/ намурдааст ва Ӯ мисли Ҳазрати Исои Масеҳ /ъ-с/ бозмегардад ва Ҳазрати Алӣ /р/ дар замони ғайбати ӯ васӣ-ҷонишини қонунии ӯст. Имомат аз диди аҳли ташайюъ амри Илоҳист ва наметавонад интихобӣ бошад ва он чун пайғамбарӣ, аз иродаи Худо вобаста аст. Онҳо барои асоснок кардани ин иддаои худ назарияе кор кардаанд, ки тибқи он гӯё дар Ҳазрати Алӣ /р/ яъне, писарамак ва домоди Расули акрам (с) низ чун дар Расули гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад /с/ нури илоҳӣ асар намуда ва аз ӯ ба авлоди ӯ ворид гардида, ки ин назария аз нигоҳи тамоми уммат ва мо

www.kitobam.com

низ дуруст нест, зеро Мавло Алӣ ъалайҳиссалому-авлиёи барҳақ ва пири комили тариқат буданд ва ҳеҷ гоҳ динро ба як авлод ва имоматро ба як авлод мансуб намедонист, аммо хилофат кори дигар аст ва агар хилофати Ислом (на имомат) ва кори давлату давлатдорӣ мисли назарияи аҳли байти Расулуллоҳ (с) мешуд, кори хуб буд, чунки ҳақ ва адолат ҷониби Имом Ҳусайн (с.ъ) буд ва на ҷониби Язиди лаъин) Аз ин рӯ, имомат фақат меросӣ, яъне, аз насл ба насл метавонад бошад, аммо ин назарияи дуввумӣ, яъне, меросӣ будани имомат, аз назари аҳли суннат нодуруст аст. Аҳли суннат ва ҷамоат бошанд ин ақидаи аҳли ташайюъро қабул надоранд /мувофиқи оёти Қуръон ва Ҳадис/ ва имоматро интихобӣ мешуморанд (ва касе, ки дар бандагии Худо, дар роҳи шариати ғуррои Муҳаммадия (с) мустақим ва устувор ва пок аст ва олим аст, пас ӯ ҳаққи пешвоӣ ва имоматиро дорад, ба мардум-С.Б.Б).

Фарқияти эътиқодию шаръии аҳли шиъа бо аҳли суннат ва ҷамоъат ночиз аст; Онҳо низ ба Худои ягонаи оламҳо ва ислом-Аллоҳ (ҷалла ҷалолаҳу) ва Пайғамбари Ӯ Ҳазрати Муҳаммад /с/ эътиқоду имон доранд ва алипараст гуфтани онҳо, чунон, ки дар байни сунниҳо мегӯянд, чандон дуруст нест (зеро ба аҳли суннат ҳам воҷиб аст, ки дар қатори дигар ёрону асҳоби киром разиаллоҳу анҳум Ҳазрати Мавло Алӣ ъалайҳиссаломро дӯст доранд-С.Б.Б). Ҳамчунин аҳли шиъа китоби муқаддаси Ислом Қуръон ва суннати Расули Худо /с/-ро қабул доранд, танҳо ба қавли онҳо гӯё ҳангоми таҳрири усмонӣ, дар баъзе оятҳое, ки сухан аз имомати Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб /р/ мерафта ё далолат ба он мекарда, таҳриф ё ҳазф шудаанд (ин назария комилан дуруст нест, ин назарияи Абдуллоҳ ибни Саббоҳи яҳудии аслан номусалмон ва шайтонсифат ва хунрезу ҷудоиандоз ва мусалмонкуш ин ҷо ба кор намеравад ва ин ҷо адли Илоҳӣ вуҷуд дорад). Паямбар ҳақ

надорад, даст ба таҳрифу ҳазфи аҳкоми Илоҳӣ-Қуръон задан, боз чӣ расад ба Усмону Нӯъмон ва ғайра-С.Б.Б) ва дар суннат танҳо ба ҳадисҳое эътибор ва қоиланд, ки аз қавли саҳобаҳои наздики Ҳазрати Муҳаммад /с/ ё аз аҳли хонадони эшон, яъне аимаи баъдина нақл шуда бошанд. Маҷмӯи инчунин ҳадисҳоро шиъиён ахбор меноманд. Ғайр аз ахбор, ба ҳайси сарчашмаи маънавию ахлоқӣ, маҷмӯаи гуфтаҳо ва хутбаҳои Ҳазрати Алӣ /р/ бо номи «Наҳҷ-ул-балоға»-ро доранд. Дар баён ва шарҳи усули дин, чунон, ки қаблан гуфтем, баъзе тафовутҳо мавҷуд аст. Фарқҳои ҷузъии тафсилӣ, чун дар матни азон дохил шудани «Ашҳаду анна Алиюл валиюллоҳи», пас аз шаҳодати рисолати Ҳазрати Муҳаммад /с/ ва тарзи адои намоз, зиёрати ҷойҳои муқаддас ва иду маросимҳо низ мавҷуданд. Маҷоз донистани тақия-пинҳон намудани асли эътиқод ва тазоҳур, ба дигар, дар мавридҳои зарурӣ, никоҳи муваққатӣ-сиға низ аз фарқиятҳои байни шиъаву суннӣ мебошанд. Аммо фарқи асосӣ чунон, ки гуфтем ҳамон назария /докторина/-и имомат аст, ки бо номи «Имомат ва вилояти фақеҳ», ки назарияи мукаммали фалсафию сиёсии Ислом, аз дидгоҳи шиъа аст. 18-104.

Гурӯҳи асосии шиъиёнро имомияи исноашарӣ /дувоздаҳ-имома/ ташкил мекунад. Шаҷараи имомон дар ин фирқа, аз Имом Алӣ ибни Абӯтолиб /661-домод ва писарамаки Ҳазрати Расулуллоҳ салъам/ оғоз гардида ба тартиби зайл аст: 2.Имом Ҳасан /ваф.с.699/; 3.Имом Ҳусайн /шаҳодат с.680/; 4.Имом Алӣ Зайнул Обиддин /ваф.с.712./; 5.Имом Муҳаммад Ал-Боқир /ваф.с.721/ /писари дигари Зайнул-Обиддин/ яъне, Имом Зайд, ки асосгузори фирқаву мазҳаби Зайдия аст; 6.Имом Ҷаъфари Содиқ/ваф. с.765 асосгузори фирқа ва мазҳаби ҷаъфария/; 7.Имом Мӯсои /Козим/ваф.с.797/ /писари дигари Имом Ҷаъфари Содиқ, яъне, Имом Исмоил-асосгузори фирқа ва мазҳаби исмоилия/; 8.Имом Алии Ризо/ваф.с.818/; 9.Имом

www.kitobam.com

Муҳаммади Ҷаввод /ваф.с.835/; 10.Имом Алии Нақӣ /ваф.с.863/; 11.Имом Ҳасани Аскарӣ /ваф.с.874/; 12.Имом Муҳаммад Маҳдии Мунтазир /ғайбат с 878/.

Мувофиқи эътиқоди шиъиён имоми дувоздаҳум Маҳдӣ, намурдааст, балки аз маҳд, яъне гаҳвора ғайб задааст ва дар охирзамон бармегардад, иншоаллоҳ ва адолатро пойдор месозад /Бояд гуфт, ки дар андешаи бисёре аз мардум ва уламои аҳли суннат низ ин ақидаи мазкур ҷой дорад-С.Б.Б/. Вуҷуди чунин ақида, дар шиъа як бурҳони дигаре дар мавриди таҳаввул ва такомули табии динҳо, аз ҳисоби якдигар ва боварӣ, ба ниҳояти некбинона /оптимистӣ/ доштани адён нисбат ба тақдири ҷомиъаи инсонӣ ва ғалабаи адолат аст. Дар ин маврид шахсияти Имом Маҳдӣ, дар шиъа шабоҳати зиёде бо шахсияти Исои Масеҳ /ва дар гузаштаи аз замони Исои Масеҳ дур, Хоҷаи Хизр Пайғамбар алайҳиссалом буд, ки ӯро низ то кунун зинда мепиндоранд, чӣ шиъиён ва чӣ сунниён-С.Б.Б/ дар дини насронӣ дорад. Ин худ шояд далел, ба асли воҳид доштани адён ва ифодакунандаи ормони ягонаи инсоният будани онҳо бошад. 18.105.

Чунон, ки гуфта шуд имомат, дар мазҳаби шиъа, дар қатори нубувват, мақоми баланде дорад. Имом низ мисли набӣ /пайғамбар/ мукаллаф, аз тарафи Худо-Аллоҳ аст. Яъне, мақоми сиёсиву рӯҳонии имом тақдир шуда, аз тарафи Худост. Имом дар шиъа мазҳари исмат-покӣ ва бегуноҳӣ, ба шумор меравад. Мувофиқи назарияи сиёсии имомат «вилоят»-ҳукумати сиёсӣ, бояд баъд аз ғайбати Имом Маҳдӣ, ба дасти фақеҳи муҷтаҳид гузарад. Ва мувофиқи назарияи вилояти фақеҳ вай низ дорои як қатор сифатҳову қобилиятҳои сиёсӣ баргузидааст 18.105.

Ҳарчанд мазҳаби шиъа дар аввали пайдоиши худ маншаи арабӣ дошт, баъдтар он барои Эрониён беҳтарин чатри муборизаи идеологие барои бархостан, ба муқобили

истилогарони араб ва сиёсати арабикунонии Уммавиён гардид, онро эрониён ба ормон ва аҳдофи сиёсии худ созгор ёфтанд ва қабулу ривоҷ доданд (ҳатто олами арабӣ, ба маърифати Эрониён дар шигифт монданд-С.Б.Б) ниҳоят дар натиҷаи муборизаи қуввахои мухолиф, ки дар он нақши асосиро, чунон, ки гуфтем эрониён мебозиданд хилофати Аббосия сари кор омад, ки дар дастгоҳи идораи он вузарои эронӣ-аз Оли Бармак нақши муҳим мебозиданд. Дар асри XVI мазҳаби шиъа мақоми дини давлатии Эронро касб мекунад. Вале дар асри таассуби шиъагароии Шоҳ Исмоили Сафавӣ, ки дар Бағдод ва дигар навоҳии суннинишин ба роҳ андохт, ман фикр мекунам, ки ягона шонси таърихии ба дасти эрониён гузаштани хилофати Ислом, аз даст рафт ва аз он туркони усмонӣ истифода намуда, лаҷоми хилофатро, ба дасти худ гирифтанд ва то асри XVIII-то замони ба ҳам пошида шудани хилофати Ислом, ҳокимият карданд. Имрӯз равияи мазҳабии шиъа дини расмии Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад, ки соли 1979 дар натиҷаи ин Инқилоби Исломии Эрон, ба сари қудрат омад.Дар ин Инқилоб нақши роҳбарикунандаи рӯҳонияти шиъа бо сарварии Имом Хумайнӣ /1900-1989/ ниҳоят бузург буд/ ва бояд таъкид кард, ки дар пирӯзии Инқилоби Исломии Эрон хидмати мутафаккирони барҷаста ва файласуфони оламшумули Эрон-доктор шодравон Аллома Алии Шариатӣ, Аллома Таботабоӣ, Муртазо Мутаҳҳарӣ ва дигарон хеле ва хеле назаррас аст, яъне, маҳз таъсири афкори инқилобии эшон ё худ шарораҳои гулханафрӯзи афкори фалсафии эшон буд, ки оташи Инқилобро дар саросари марзи Эрон барафрӯхт ва низ таъсири афкори ислоҳотӣ ва инқилобии Аллома Муҳаммади Иқбол, Устод Халилуллоҳ Халилӣ ва Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ҳам, дар пирӯзии Инқилоби Исломии Эрон хеле калон аст, ки ин ҳақиқат аст-С.Б.Б/. Баъд аз Инқилоб, дар Эрон, шояд нахустин бор дар

www.kitobam.com

таърихи шиъа, тамоми умури идорӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқгисодӣ ва сиёсӣ, исломӣ карда шуд ва воқеъан давлати соф Исломии Ҳуқукбунёди шиъа таҳаққуқ пазируфт. 18.106.

Дар ҷаҳони шиъиён, ба ғайр аз се фирқа - мазҳаби шиъӣ, ки номбар ва то андозае шарҳ додем, боз фирқаву тариқат ва шохаҳои зиёди мазҳабӣ низ ҷой доранд, ба мисли; мӯътазилия, алавия, баҳоӣ, бобия, имомия, алиилоҳӣ, қарматия, мӯсавия, мурдория, муборакия, хуррамия, мурҷиъа, муғаййирия, аббосия, асоммия, ахбория, амалия, баёния, аммория, асвория, амрия, ғулотия, бишрия, ботиния, боқифия, восилия, дурӯзия, заммия, зурория, искофия, исноашарӣ, исҳоқия, рофизия, кайсония, фотимия, мухтория, маҳдавия, карбия, мансурия, комилия, муқаддисия, муҳаммадия, наҳлия, нӯъмония, наззомия, носирия, нафисия, одилия, лоиния, марисия, манқусия, мустасния, мустаълавия, муфаввизия, сабъия, оғохония, рамомия, низория, новусия, нусайрия, нуаймия, савобония, сабоия, роҷия, сабоҳия, сомития, сулаймония, сумомия, ҳаётия, шайхия, яъфурия, таълимия, усулия, шаккокия, шаҳомия, хуррамдинон, шабошия, ғолия, ғуробия, ғамомия, яъқубия, ҳуруфия, аҳли ҳақ, нуқтавия, довудия, ҷуббоия, ҷаноҳия, ҷорудия, қосимия, ҳарбия, ҳадасия, ҳашвия, ҳафсия, ҳошимӣ, ҳашомия, ҳорисия, ҳашишия, ҳурайрия, хумайния /фирқаи нави ҷонибдорони таълимоти Имом Хумайнӣ/, ҷавзия ва ғайра мислуҳум.

Хулоса, сабаби пайдоиши фирқаву мазоҳиб, дар байни диндорони дини мубини Ислом ва ҳам ихтилофоти байниҳамдигарии эшон, асосан рӯи мавзӯи истифода кардан ва ё накардан, дар ҳукм, аз суннат, иҷмоъ ва ақл /ё қиёс/, истеҳсон ва ғайра будааст.

Вале ҳақиқати талх ин аст, ки агар дар муслимини гумроҳу гаправ /чуноне, ки дар ҷаҳони имрӯза, яке ғуломи зархариди амрикоиянду яке ғуломи яҳудӣ ва дигаре инглисӣ ва ғайра/

ваҳдату ягонагии воқеан исломӣ, яъне қуръонӣ, аз рӯи амри Аллоҳ таъоло ба вуҷуд ояду пойдор гардад, ҳоҷат ба фирқабозӣ нест! Ва ҳазрати Расулуллоҳ /с/ ҳам тафриқаандозонро нафрат доштанд ва даъвати он нури олам саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам, аз муслимин ваҳдату ягонагии аҳли Ислом ва тамоми башарият буду ҳаст. Яъне, иттиҳод рамзи пирӯзист. Ва ҳакими муваҳҳид ва инсони комил Фирдавсӣ басо хуб гуфта аст:

Зи рӯзи гузар кардан андеша кун,
Парастидани додгар пеша кун.
Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

Бале, ҳастии миллат зи ваҳдат мешавад. Ваҳдат омили асосии пешрафти ҷамъият бақои миллат, пойдории шариъат ва наҷоти башарият аз шарият ва шӯрият мебошад

ҲАНАФИЯ ЧИСТ ВА ҲАНАФИ КИСТ?

«Шахсияти нотакрори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) фарзанди арҷманди халқи тоҷик (тоҷикони Афғонистон аз гузари Хоҷагони наздикии шаҳри Кобул) яке аз барҷастатарин намунаи олии инсони комил ва ормонӣ дар таърих ва фарҳанги тамаддуни исломии Шарқ ва ҷаҳон ба шумор меравад, ки шиораш одаму одамият, осоиштагии мардумон ва ҷорӣ кардани адлу инсофи қуръонӣ ва ахлоқу сифати муҳаммадия (с) дар қаламрави ислом буд...».

Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

«...Ва Илоҳукум илоҳун воҳидун ло илоҳа илло ҳува-р-раҳмону-р-раҳим». (Яъне: «Худои шумо, Худое аст якто. Худое ҷуз ӯ нест, бахшандаву меҳрубон». Сураи Бақара ояи 163)

Агар ба таъбири ҷадиду муосири забоншиносӣ, яъне этимолужия (решашиносӣ, таърихи пайдоиш вожа)-и калимаи «Ҳаниф» (Фарҳанги забони тоҷикӣ; касе, ки дар

www.kitobam.com

ақидаи худ, махсусан дар ақидаи динӣ устувор буда, яъне, ба Худо додашуда, ки ба азми худ пойдор аст (104., 731) ва ё «Ҳанифун» назар андозем, вожа - вожаи сӯриёист, яъне, арабист, ки далолат мекунад ба шахсе, ки ботинан мӯътақиди комил аст, ба вуҷуди Худои ягона (монотеист), яъне, шахси муваҳҳид (тавҳидгаро яктопараст) ва тақводор, ки ботинан бо сидқи беандоза ва имони комил боварӣ дорад, ба вуҷуди Холиқи якто...

Ҳазрати Абӯнӯъмон ибни Хоҷа Собит машҳур ба Имоми Аъзам (р), ки намунаи барҷастаи инсони комил ва дар ҳадди боло муваҳҳид, яъне, ба Худо дода шуда буд, ҳаёти хеш ва ҷони хешро вақфи илми Ҳақ карда буд ва баъди муборизаҳои шадиди равонӣ, бо тӯдаҳои аҳли залолат ва ҷоҳу ҷалол ва чашмдорони бечашм, ӯ бинои шариати ғуррои Муҳаммадия (с), яъне, фиққи исломиро пай афканд ва то тавонист, тири ҳақ зиёда бар фарқи сари аҳли ботил, яъне, зоҳирмусулмонон зад, ки зад. Ва аз сӯзиши қалби покаш ӯ, яъне, Имоми Аъзам (р), дар ишқи Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло, ба худ «Абӯҳанифа» куният гузошт ва савганд ёд кард, ба он зоти шариф, ки шоистаи ин кунияти шариф мешавад ва миллионҳо муслиммнро аз паси худ (дар партави Қуръон ва Суннат), бо роҳи беҳини Ҳанафия хоҳад бурд. Аз сабаби он, ки Нӯъмон дар фиққи дини худ устувор буд, олами Ислом ҳам ӯро Абӯҳанифа хондаанд. Ва инак, ҳанафия он мазҳабест, ки Имоми Аъзам (р) таъсис дода аст... Дини мубини Ислом, ки оини беҳтарини Худошиносӣ, худшиносӣ, инсоншиносӣ, башардӯстӣ ва зиндагишиносист, моро аз вуҷуди Худои барҳақу мутлақ огоҳ месозад. Ин дин, ҳамон ойини ҳанафиёни қадим аст, ки ҳамчун дини ҷаҳонӣ, баъди зуҳӯрӣ Паёмбари гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад (с) ва нузӯли «Қуръони Маҷид» интишор ва равнақ ёфт.

Вале, на ин, ки бо номи дини ҳанафия, балки бо номи дини Ислом (дини муслимин, - дини шахси мӯъмин ва муслим, яъне, ҳанафӣ ва ин ҷо вожаи «ҳаниф»-у «муслим» ва «мубин» ба як маъниянд, яъне, ба маънои шахс ва ашхоси тавҳидгаро ва содиқ ва сиддиқ ва калимаи «муслим» гунаи дигари вожаи «ҳаниф» аст, ки бар гунаи қаблии хеш бартарияти зиёде, дар талаффуз пайдо кард ва ба унвони дини мусалмонӣ, яъне, мафҳуми «Ислом», яъне таслимшуда интишор ёфт). Ҳанафия гуфта он эътиқод ва равияи парастишу ибодати Худои ягона, яъне, яккахудоиро меноманд, ки Ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ (ъ-с) саромадаш буд (яъне, маҳз ӯ буд, ки бо амру иродаи Парвардигори субҳон, ба бутпарастиву гӯсолапарастии мардуми гумроҳи ҳомиву сомӣ ва эронӣ хотима дод ва ба эшон хабар, аз вуҷуди барҳақи Холиқи мутлақ дод, ки ӯро ва танҳо ӯро, ба покизагиву ибодат метавон шинохт...) ва идомаи ҳақиқии он дини Ислом аст.

Дар китоби «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ, оиди зуҳури Ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ (ъ-с) сифатҳои ҷолибе бо фарозмониҳои басо ёдмону тавҳидӣ, ба қалам омадаанд, ки шаммае аз онро зарур медонем, ки дар ин мавзӯъ баён дорем: «...Пас чун вақти Иброҳим Салавотуллоҳи бибуд, мардумони нуҷум (ситорашиносон) гирд омаданд ва Намрудро гуфтанд: «Бад-ин сол андар писаре ояд, ба подшоҳии ту андар, ки ҳама бутон бишканад ва дине дигар орад. Ва ҳалоки ту бар дасти ӯ бувад. Намрӯд ба ҳар хонае занон бигумошт то ҳар кӯҷо, ки писаре ояд, андар ин сол, ӯро огоҳ кунанд, то ӯро бикушанд. Пас модари Иброҳим салавотуллоҳи алайҳи бор гирифт, ба Иброҳим (ъ-с). Чун шикамаш бузург шуд, падари Иброҳим (ъ-с) ӯро гуфт: «Кошки он фарзанди мо духтаре будӣ, то малик ӯро накуштӣ». Чун вақти бор ниҳодан бибуд, модар ӯро аз падар пинҳон кард ва ӯро гуфт: «Маро писаре омад ва бимурд

www.kitobam.com

ва ғӯр кардамаш». Падар гуфт: «-Нек кардӣ». Пас ӯро наёраст ба хона андар доштан, баргирифт ва ба кӯҳе бурд ва шикофе (ғор) ба кӯҳ андар пинҳон кард ва санге бар дари он ғор биниҳод ва гуфт: «-Агар инро гурге ё шере бихӯрад, беҳ бувад аз он, ки ӯро пеши ман бикушанд». Ва ҳар вақт модар ба назди ӯ омадӣ ва шир ҳамедодӣ ва нигоҳ ҳамекардӣ. Ва ҳар вақт, ки омадӣ бо худ, ниҳода будӣ, ки ӯ мурда бошад ё даде хӯрда. Чун он ҷо расидӣ, ӯро дидӣ зинда ва ангушт ҳамемакидӣ. Ва Худой ӯро аз он ангушт рӯзӣ ҳаме берун овардӣ. Ва ҳар рӯз чунон, ки кӯдаке ба моҳе биболидӣ, ӯ болидӣ. Ва ёздаҳ моҳ ба ғор андар бимонд ва чандон боло кард, ки кӯдак ёздаҳсола. Пас Иброҳим (ъ-с) модарро гуфт: «-Маро аз ин ҷой берун бар»! Модар биёмад ва ба вақти он ки шафақ (офтоб) фурӯ шуда буд ва шаб торик гашта буд. Ва ӯро аз ғор берун овард. Чун берун омад ва сар бар кард, осмонро дид ва ситорагонро, бо хештан гуфт ва биандешид, ки «-Ин осмонро бо ситорагон ъало кулли ҳол Худованде аст, ки биофарид». Ва табъи тавҳид ва маърифати Худои Таъоло азза ва ҷалла, ки андар ӯ бирӯста буд.

...Ҳамчунин аз маърифати Худои азза ва ҷалла ва нахустин талаб кардани тавҳид, аз Иброҳим (ъ-с) берун омад, пеш аз он, ки пайғамбарӣ дод, ё касе ӯро биёмӯхт. Ва пас Иброҳим (ъ-с) гуфт: «-Ин ҳамаро, ки ҳаме бинам Худое ҳаст, ки эшонро бароварад ва фурӯ барад ва ин ҳамаро Офаридгор ҳаст». Пас гуфт: «-Инни ваҷҷаҳту ваҷҳи *ли-л-лазӣ* фатара-с-самовоти вал-арза Ҳанифан ва мо ано мина-*л*-мушрикин» /яъне: «-Ман рӯй аз ин ҳама бигардондам ва рӯй сӯи он касе ниҳодам, ки Ӯ осмону замин офарид»/. «Ҳанифан», яъне, «тоҳиран» бад-он пок бигаравидам ва бо ӯ анбоз нагирам». Ва ҳам андар он соат дарахти тавҳид ба дили ӯ андар бирӯст / ва дар андешаи ӯ ва рӯҳу равони ӯ, имони ҳанафӣ реша гирифт-С.Б.Б/ 22, 109-111.

...Оре, дар асри ҷоҳилият /пеш аз Ислом/ қавмҳою қабилаҳои Арабистон, аз ҷиҳати мазҳаб бо ҳам ихтилоф доштанд, вале парастиши офтобу ситорагон, дар байни онҳо бештар паҳн будааст. Арабҳо аз он қавмҳое, ки бо онҳо робитаҳои тиҷоратӣ доштанд, худоҳояшонро қабул намуданд ва миқдори худоҳои арабҳо, аз миқдори худоёни рӯмиён ва юнониён камтар набуд. Аз навиштаҷоти Ошӯрие, ки ҳафтсол қабл аз Масеҳ иншо шудаанд ва аз катибаҳое /навиштаҳо/, ки аз Сафо ба даст омадаанд, маълум мешавад, ки дар давраи қадим арабҳо, ба олиҳаҳои /санам, бут/ сершумор ибодат намуда, ва чандин муҷассама барои онҳо сохта будаанд. Масалан дар яке аз катибаҳои ошӯрӣ, зимни баёни ҳамлаи Ҳассар-Ҳаддун, ба Арабистон ва бозгашти ӯ аз он ҷо солноманигоре чунин менависад: «-Подшоҳи Араб бо тӯҳфаҳои зиёде дар Ниневия, ба дарбори ман ҳозир гардид, ӯ пои маро бӯсида илтиҷо кард, ки худоёнашро ба ӯ баргардонам. Ман аз ин ҳоли ӯ мутаассир шуда, ҳукм кардам, то муҷассамаҳои худоёни ӯро таъмир ва мадҳу санои худои Ошӯрро дар онҳо кандакорӣ намоянд ва сипас баъди имзо онҳоро ба ӯ баргардонам. Табуа - шоҳдухтари арабро, ки дар қасри ман тарбият шуда буд, ба салтанат барқарор намуда, бо тамоми худоёнаш ба мамлакаташ фиристодам».

Арабҳо агарчи худоёни зиёдеро мепарастиданд, вале маъбуди воҳид ҳам-дар онҳо вуҷуд дошт ва аз баракату тараққии ҳамин ақида буд, ки Паёмбари Ислом /с/ тамоми онҳоро ба парастиши Худои ягона ва барҳақ раҳнамоӣ фармуд ва ваҳдати миллиро таъмин, яъне ваҳдати миллати Иброҳими Халилуллоҳ (ъ.с)-ро пойдор намуд. 59, 13-14.

Дар Арабистон Маъбаде вуҷуд дошт (ва пойбарҷост), ки номи он Каъба буд ва мувофиқи ривоятҳо бинои он ба дасти Иброҳим (ъ-с) ва писараш Исмоил (ъ-с) сурат гирифтааст /дар он ҷое, ки Ҳазрати Одам /ъ-с/ Шиш /ъ-с/ ва Нӯҳ /ъ-с/ маъбад

www.kitobam.com

сохта буданд, барои ибодат ва тазкияи ботин-С.Б.Б/. Тамоми қавмҳои нимчазираи Араб, Каъбаро аз мақомоти муқаддаса шумурда, эҳтироми онро вочиб медонистанд. Аз дер замоне маълум буд, ки аз атрофу акноф ба зиёрати Маккаи мукаррама меомаданд ва Каъба дар ҳақиқати ҳол бутхонаи худоёни Арабистони пешазисломӣ будааст. Дар замони Паёмбари Ислом /с/ дар он се саду шаст бут мавҷуд буд ва ба қавли аксари таърихчиён сурати Ҳазрати Исо (ъ-с) ва Марям (ъ-с) ҳам дар байни онҳо мавҷуд будааст. Ороиш додани Каъбаро Арабҳо боиси фахри худ мешумориданд. Яҳудиён низ, ки бо арабҳо ҳамнажоданд, Каъбаро мисли арабҳо муқаддас шуморида эҳтиром мекарданд. Нигаҳбонии Каъба, бар дӯши қабилаи Қурайш буд. Бинобар ин қурайшиҳо мавриди таваҷҷӯҳ ва эҳтиромоти омма буданд.

Дар замони Ҳазрати Паёмбар /с/ бисёрии арабҳо, ки байнашон ҷамоати зиёде побанди мазҳаби яҳуд ва насорӣ буданд /ин буд, ки бештари воизон ва тарғиботчиёни ин ду дин байни қабоили Араб гашта, мардумро ба дини хеш даъват мекарданд-С.Б.Б/, Худои воҳидро парастиш менамуданд. Онҳо худашонро «Ҳаниф» /ба худо додашуда, дӯстдоранда ва эътирофкунандаи Худои ягона ва барҳақ-С.Б.Б/ меномиданд, ки дар «Қуръон»-и Паёмбари Ислом /с/ ҳам ҳамин исм мавҷуд аст. Фирқаи мазкур на фақат тавҳидро, ки рукни аъзами Ислом аст, эътироф менамуданд, балки ба рукни дигари Ислом ҳам мӯътақид буданд ва он иборат аст аз таслими инсон барои ризоияти Илоҳӣ /ва маънии -вожаи «Ислом» ҳам ҳамин аст, яъне, таслимшуда-С.Б.Б/. Монанди таслим будани Одам (ъ-с), Нӯҳ (ъ-с) ва Иброҳим (ъ-с) ҳангоми қурбонӣ намудани Исмоил (ъ-с). Аз ин ҷиҳат аст, ки Паёмбар /с/ мефармояд: «Касоне, ки қабл аз ман ҳам гузаштаанд, мусалмон буданд». 58,13,14.

«Ҷамъ гардидани тамоми бутҳои Араб, дар хонаи Каъба масъалаи Иттиҳоди мазҳабиро имконпазир ва ягонагии забонро осон намуд. Дар ҳақиқат вақти он расида буд, ки ваҳдати фикру ақида, дар тамоми мамлакат вуҷуд пайдо кунад».

Ин яке аз масъалаҳои муҳимест, ки ба Паёмбари Ислом /с/ собит шуда буд Паёмбар /с/ фармуданд: «Худои беҳамто ҳамон Худои Иброҳим (ъ-с) тармимгар ва бонии хонаи Каъба аст, ки тамоми арабҳо қабул доранд». Дар замони Паёмбари Ислом /с/ ба таври куллӣ, тамоюлоте ба тарафи иттиҳоди ватанӣ ва мазҳабӣ пайдо шуда буд. 58,13,14.

... Оҳиста-оҳиста, бо гузашти айём ва таҳаввули ангезаҳои волои ботинии башарият /бо иродаи Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло/, фирқаи худоҷӯёни ҷигаркабобу дилсофу бедордил - ҳанафия, ба сурати дини аҳли ҷомиа сабзида расид. Аммо на бо номи дини Ҳанафӣ, балки бо унвони дини Ислом, яъне, ойини мусалмонӣ, ки вожаи «муслим», яъне, ба Худо додашуда, ҳаммаънои калимаи «ҳаниф» буда, ҳарду ба як маъноянд ва гунаи ҳаммаънои якдигаранд. Ва Худованди карим ошкор сохт сифати ҷамоли мутлақи хешро ва бузургии хешро ва фиристод ба навбат ва пасиҳам ҳикматҳои ҷовидона ва бахшандаву бахшояндагии хешро ба инсоният, баҳри наҷоти башарият аз шаррият ва шӯрият...

Ва Исломро армуғон дод ва нузул кард «Қуръон»-и Маҷидро Худованд ва амр намуд /тавассути Ҷибриил ъалайҳиссалом/ ба Паёмбари гиромии хеш Муҳаммади Мустафо /с/, ки «Бигаравед ҳама ба ойини ҷовидонии Исломи барҳақ, ки ин аст ойини саодат, наҷотдиҳандаи башарият ва раҳнамунсозандаи инсоният, ба ҳаёти ҷовидонии пас аз марг».

Оре, Ислом дини мубин ва ягона ва беназир ва барҳақест, ки бурҳони раднопазири он аҳкоми илоҳӣ, возеҳтар 114 сураи муаззам ва муккаррами «Қуръон»-и Маҷид ва аҳодиси Расул

www.kitobam.com

(с) мебошад, ки зиёда аз 1400 сол ба ин ҷониб, зиёда аз як миллиарди аҳли ҷомеаи башариро ва кулли бедордилонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва иншоаллоҳ, боз то ҷовидонаҳо ҳидоят хоҳад кард (яъне, маҷнунҳоро ба дидори дӯст ва Холиқи якто), ҷомеъаи башарро ба сӯи мақсадҳо ва ормонҳои олии инсонӣ...

Худованди мутаъол маҳз тавассути Исломи барҳақ, ки дастуроташ «Қуръон»-и Маҷид ва аҳодиси набавӣ (с) аст, ошкор сохт /бо навидрасон Ҷибриил ъалайҳиссалом/ зоти бе мисли хешро ба рӯи мӯъминин ва муслимин, астаъизубиллоҳ: Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим: «Қул ҳуввалоҳу аҳад, аллоҳу-с-самад, лам ялид ва лам юлад, ва лам якунлаҳу куфуван аҳад». /Яъне: Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон: «Бигӯ ӯст Худои якто, худойе, ки дар ҳоҷат, ба ӯ рӯ кунанд, на зода асту на зодашуда, ва на ҳеҷ кас ҳамтои ӯст» /сураи мубораки «Ал-Ихлос» муштамил ба чаҳор ояи шариф, ки дар Маккаи мукаррама нозил шуда, тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ /8./112/.

... Худованди мутаъол дар Қуръони Маҷид мефармояд, астаъизу биллоҳ». «Мо кона Иброҳиму яҳудиян вало насрониян вало кин кона ҳанифан муслиман, ва мо кона минал мушрикин. Инна авлан-носи би Иброҳима аллазинат-табаъуҳу ва қоланнабийю валлазина оману. Валлоҳу валийюл мӯъминин», «Иброҳим на яҳудӣ буд, на насронӣ буд, балки ҳанафӣ-мусалмон буд. Ва аз мушрикон набуд. Наздиктарин касон ба Иброҳим ҳамоно пайравони ӯ ва ин паёмбар ва мӯъминон ҳастанд. Ва Худо ёвари мӯъминон аст». /Сураи «Оли Имрон» оёти шарифи арқоми 67 ва 68 тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ/ Ҳанафӣ-ба маънии соҳиби дини рост ва муваҳҳид, яъне, ба Худо дода шудааст, дар баробари ширк. Дини ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ ъалайҳисаломро дини

ҳанафӣ гӯянд. 12.,2.,67-68/ ва идомаи ҳақиқии он дини Ислом аст...

Оре, барҳақии ин мазҳаб, бар аҳли суннат ва ҷамоат ҳам ба оят, ҳам ба ҳадис ва ҳам шоиста ба дуову дуруд ин аст, ки дар хутбаи дуъойи «Авроди Фатҳия» /яъне, «Авроди шариф»- эҷод ва такмили Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ омада: «...Ҳамд ва сано мар парвардигореро, ки рабби оламиён аст... бар дини фитрати Ислом ва калимоти тавҳидии Қуръон ва бар дини набии мо Ҳазрати Муҳаммад /с/ ва бар миллати ҷадди мо Иброҳими ҳанафӣ, яъне, муваҳҳид ва муслим...».

Ногуфта намонад, ки дар Эрони Бостон ойини маздойӣ буд (ва низ ҳаст, дар боварии иддае аз мардум) то кунун, ки мисли ҳанафия парастиш ва ибодат кардани Худои ягона-Аҳурамаздо /ба забони Каломуллоҳ «Аллоҳ»/ вуҷуд дошт, вале он ҳам мисли яккахудоии яҳудия ва насрония аст, яъне, калаванда. Танҳо ва танҳо Ислом ба зоти худ динест, дини тавҳидгаро, ки Қуръони карим-бурҳони барҳақи он аст, яъне, ба ҷуз Қуръони Маҷид дигар кутуб ҳама мансуханд ва ҳикматномаи Эронӣ -Авасто ҳам, ки он китоби осмонӣ набуда, ниёиши инсон, яъне, Зартушти Испитамон (абармард ва нахустҳакими соҳибкитоб ориёиён, яъне, тоҷдорон-тоҷикон ва кулли ақвоми эронӣ), ба сӯи Худост ва инҷо аз амрҳои, илоҳӣ ҳарфе нест, ки мисли оёти Қуръон бошад.

Ислом пайғамбарии Исо (ъ-с)-ро муссаллам медорад, вале масеҳият /аҳли масеҳ/ ба рисолати Ҳазрати Муҳаммад /с/ иқрор намекунад. Масеҳият дар бораи улуҳият, ба таслис /яъне, «падар, писар ва рӯҳулқудс»-атрибутҳои Худои ягона/ қоил аст, вале Ислом тарафдори тавҳид аст ва ҷуз он ҳама чизро инкор мекунад яъне, тавҳид-тавҳиди комилу барҳақ аст. Ва дар назди муҷассамаи бо номи Исои Масеҳ ва акси Марям муноҷот кардан аз нигоҳи Ислом ширк ва будпарастист…

www.kitobam.com

Масеҳиён Исо /пайғамбари Худоро/ худо медонанд (наъузу биллоҳ) ва иддаои хешро бад-ин тариқ таъкид ва таъйин, мекунанд, ки Исо (ъ-с) дар гаҳвора сухан гуфту мӯъҷизоте овард, ки аз дигарон сохта набуд ва монанди корҳои худоӣ буд/. /Эътироф нанамудани пайғамбарии Ҳазрати Исо ва мӯъҷизи ӯ гуноҳ ва куфр аст. Вале набояд онро, яъне, мӯъҷизоти ӯро корҳои худоӣ номид. Он ҳама мӯъҷизоти ӯ /ъ-м/ ваҳӣ буданд, аз баракати иноятиони он Худованди якто, ки Ҳазрати Исо /ъ-м/-ро халқ кардааст. Орифи шаҳир-Ҷунайди Боғдодӣ, дар мунозира ба аҳли яҳуду насоро, дар рӯи Даҷлаи пурталотум намоз гузошт, об ҷойнамози ӯ буд, пас ин каромотро чӣ гуна каромот гӯем? Ва ё пирам Ҳазрати Сайид Ғавсулаъзам Шайх Абдулқодири Гелониро, ки дар як они воҳид сайри олам мекард ва ба даму нафаси муборак бо иродаи Худованд мурдаро зинда мекард...-С.Б.Б 81,26/.

Таърих гувоҳ аст, ки чӣ гуна Расули акрам-афзалул-анбиёъи вал мурсалин Ҳазрати Муҳаммад /с/ бо далелҳои раднопазир ва илму каромот ва мӯъҷизоти бе мисли худододаш масеҳиён ва яҳудиёни дар шинохти зоти бемисл ва ягонаи Худо /«Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳадаҳу ло-шарика-лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд»/ калавандаву гумроҳро, ки дунёгароянду зиндагиашон ба ҷуз сармояғундориву ғуссаи шикампуркунӣ, будпарастӣ дигар чизе нест, зери тозиёнаи сахт ва шармсоркунандаи танқид гирифта буд /охир чӣ ҳам метавон гуфт, ба ақли бандаи ҷоҳу ҷалол ва ғофил, ба ҷуз ин мисраи Бедил, ки гуфта: «-Зиндагии ғофилон хобу хаёле беш нест...»., ки дини онон дигарчи мефармояду эшон бошанд, тамоман дигар хел мефаҳманд-С.Б.Б.1/.

Намояндагону пайравони се дин-яҳудияту масеҳият ва дини фитрати Ислом, дар як ҷо гирд омаданд. Масеҳиён бо Муҳаммад /с/ ба муҷодала бархостанд ва баҳсу кашмакаши сахте миёни пайравони се дин рух дод. Яҳудиён аз рӯи инод

мункири Пайғамбарии Исову Муҳаммад /с/ буданд ва мегуфтанд, ки Узайр писари худост /наъузубиллоҳ/ Оё Худо писар ҳам дорад? /Масеҳиён бошанд, ба таслис /яъне, падар, писар ва рӯҳулқудс/-у худоии Исо қоил буданд (наъузубиллоҳ). Муҳаммад /с/ ба Худои ягона /яъне, «Ло илоҳа иллаллоҳ»-Яъне, «Нест ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Худои ҳақ ва яккаву ягона» даъват мекард ва тарафдори ваҳдату иттисоли маънавии ҷаҳон-аз азал то абад буд. Яҳудиёну масеҳиён аз ӯ мепурсиданд, ки ба кадом як аз пайғамбарон имон дорад. Ва Ӯ (с) ҷавоб медод: «Омано биллоҳи ва мо унзила илайно ва мо унзила ило Иброҳима ва Исмоила ва Исҳоқа ва Яъқуба вал асботи ва мо утия Мӯсо ва Исо ва мо утия-н-набийюна мин раббиҳим ло нуфарриқу байна аҳадин минҳум ва наҳну лаҳу муслимуна» 1/136/, яъне, /«Ба Худову ба он чи ба мо фиристода ва он чӣ ба Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва фарзандони ӯ нозил сохта ва он чи ба Мӯсову Исо ва сойири пайғамбарони аз ҷониби Худо омада, имон дорем. Миёни ҳеҷ як аз онҳо тафовут намегузорем ва фармонбардору бандаи Худоем» /1/136/ /Пайғамбари Ислом/ аз суханони онҳо он чиро, ки мабнӣ, бар тардиди ягонагии Худо буд, ба сахтӣ рад мекарду мегуфт, ки мундариҷоти китобҳои осмониро таҳриф кардаанд ва ақоиди онҳо мухолифи таълимоти паямбароне ҳаст, ки ба пайғамбариаш иқрор доранд ва он чӣ ӯ овардааст /яъне, худи-Ҳазрати Муҳаммад /с/ ихтилофоте надорад. Зеро рӯҳи таълимоти онҳо ҳақиқати азаливу ҷовидонӣ аст, ки ҳар кас рӯҳи худро аз олоиш пок созад ва аз тамоюлоти онию гузарон канора гирад ва аз қайди авҳому ақоиди кӯҳна раҳо шавад ва ҷаҳонро бо дидаи борикбини соҳибназарон ва бедордилон бинигарад, он ҳақиқати поку равшан ва соддаро ошкоро ҷилвагар мебинад. 81, 241-242.

Оре, Ҳазрати Расул /с/ барҳаққии дини масеҳ ва паямбарии Исои Масеҳро ва паямбарии Мӯсо (ъ-с)-ро эътироф кардаанд,

www.kitobam.com

зеро, ки ин нукот дар Қуръон зикр шудааст. Аммо баъзе аз олимон эътирофи Ҳазрати Муҳаммад /с/-ро тобиши дигар дода, навиштаанд, ки гӯё Расул /с/ қабл аз Ислом ва қабл аз рисолати Паёмбарии хеш, ба масеҳият гаравид ва онро қабул кард.

Файласуфи намоёни охири асри XIX-и Рус В.С.Соловьёв менигорад, ки «ҳанӯз дар асри XV Николай Кузанский, /de cribratione Al-Choran/ тасдиқ мекунад, ки Муҳаммад дини масеҳиро аз Сергия ном рӯҳонии насроние, ки дар Макка таълимоти масеҳро паҳн мекард қабул кардааст».98,19. Аммо ин ҷо ҳақиқат дигар аст, ба он далел, ки Ҳазрати Расул /с/ дини масеҳиро эътироф кардааст, на ин ки қабул кардаасту ба он гаравидааст, зеро ки Расул /с/ ҳанафӣ буданд ва ҳанафиён аз насл ба насл дар рӯҳияи эътирофи ҳаётии вуҷуди Холиқи мутлақ (на ин, ки модархудову писархудо...). тарбият ёфтаанд на ин, ки дар рӯҳияи худои инсоншуда ва ё инсони худошуда (наъузубиллоҳ), чуноне, ки аҳли насоро меҳисобанд Паямбар-Исои Масеҳ /ъ-с/-ро. Ҳазрати Муҳаммад /с/ хеле хуб медонист, ки Инҷил чӣ мегӯяд ва Исо чӣ мехоҳад, аммо насоро, ки доим бо Расул /с/ баҳс мекарданд аз баҳсашон аён буда, ки онон ҳама на ба дунболи ҳикмати дини Исоянд ва на ба дунболи Мӯсо (ъ-с), балки як тӯдаи риёкору рибоъкору гумроҳонанду мушриконанд, ки Худоро вуҷуди заифе меҳисобанд, ки аз барои ислоҳи башарият худро ба сурати Исо табдил дод ва баъд тавлид ёфту баъдан ба ислоҳи ҷомеъаи инсонҳои раҳгумзада пардохт ва оқибат азобе сангин дид ва мехкӯб шуд. На, ҳаргиз ин тавр нест. Худованд банда ва пайғамбараш Исо /ъ-с/-ро ҳамчун, сайид /пешво/ ба одамон халқ ва зуҳӯр кард. Исои Масеҳ /ъ-с/ бандаи Худост-С.Б.Б/.

Ҳанафии содиқ ва ал-ваъд - ал-Амин Ҳазрати Муҳаммад /с/ хуб медонист, ки ба Холиқи яктову қодири беҳамто ва олими сирри вал хафиёт ҳеҷ зарурате нест, ки дар назди махлуқоти

офаридааш заиф бошад /барои ислоҳ ё интиқом аз гуноҳ/ ва худро ба ҳар сурат табдил диҳад (наъузубиллоҳ). Ва Худованд дар тамоми китобҳои муқадддас /ба хусус дар Қуръон/ амр кардааст, ки ба роҳи рост биравед то аз зумраи гунаҳгорон набошед, ки фардо азобу уқубат мар шуморост гунаҳгорон. Бинобар ҳамин Расул /с/ медонист, ки Ҳазрати Исо /ъ-с/ ба ҷуз ба ҳайси як паямбари Худо ва як махлуқ, яъне халқкардашуда дигар касе нест. Ва худи Расул /с/ даъвати аҳли яҳуду насороро қатъиян рад карда, ки талабашон буд, ки ба яке аз ин динҳо гаравад, аммо Расул /с/ ин даъвати эшонро қатъиян рад кардааст. Чизи дигар он аст, ки дар давроне, ки оини нахустҳаниф-Ҳазрати Иброҳим /ъ-с/ ва писари ӯ Исмоил /ъ-с/ ҷорӣ буду рисолати паямбарии Иброҳим (ки теша ба решаи бутпарастӣ ва сехудоиву садхудоӣ ва гӯсолапарастӣ зад) маълум, ки ин орзуи деринаи худи ҳанафиён буд, пас чӣ зарурате буд, ки Расул /с/ дини насрониро ва ё оини дигарро қабул кунад. Ҳине, ки нури имони партавафшони тавҳид, дар замири муборакаш намудор буду хабар аз зуҳури наздики дини барҳақ ва нузули «Қуръони Маҷид» медод. Ва дар оғози рисолати Паямбарии хеш худи Расул /с/, дар вақти баҳсу муҷодала бо аҳли насорову яҳуду куффору маҷусу мушрику бутпарасту гӯсолапараст, ҷавоб додааст, ба эшон, ба забони Қуръон, яъне, бо оёти аҳкоми Илоҳӣ: ки «Қул ё айюҳал кофируна. Ло аъбуду мо таъбудуна. Вало антум ъобидуна мо-аъбуд. Вало ана ъобиду-м-мо абадтум. Вало антум ъобидуна-мо-аъбуд. Лакумдийнукум валиядин» /яъне: «Эй расули мо «бигӯ/, ки эй кофирони мушрик. Ман он /бутон/-ро, ки шумо /ба худой/ мепарастед, ҳаргиз немепарастам. Ва шумо ҳам он Худойи яктое, ки ман парастиш мекунам, парастиш намекунед. На ман ҳаргиз худоёни ботили шуморо ъибодат мекунам. Ва на шумо якто Худойи маъбуди маро ъибодат хоҳед кард. Пас инак дин /ширку ҷаҳлу рибоъу фахр/ барои

www.kitobam.com

шумо бошад ва дин /тавҳид- ва Худопарастӣ/-и ман ҳам баройи ман /то рӯзе, ки ба амри ҳақ шуморо аз ин ширк баргардонам ва ба роҳи тавҳиди Худо ва худопарастӣ ҳидоят кунам/ «7» Сураи 109/.

Ислом дини фитрат аст ва Қуръони Маҷид, ки амрҳои Худованд аст, моро ҳушдор мекунад, ки ба ҷуз Аллоҳ, яъне, Офаридагори яккаву ягона, дигар ба ягон махлуқи ночиз ва бутҳои бе ҷон саҷда накунем. Танҳо он Худоеро бояд парастид, ки ба мо ҷон ва суратҳо бахшид ва мемиронад ва оқибат зинда мегардонад, пас аз марг ва бад-ин васила муъминонро дар биҳишти анбарсиришт ҳаёти ҷовидона иноят мекунад.

Худованди карим дар Қуръон, дар сураи мубораки «Юнус» /даҳум сураи Қуръони карим/ 104-ум ояи шариф мефармояд, астаъизу биллоҳ: «Қул ё айюҳанносу ин кунтум фӣ шаккин мин дини фало аъбудул-лазина таъбудуна мин дуниллоҳи вало кин аъбудуллоҳал-лазӣ, ятаваффокум ва умирту ан акуна минал мӯъминин» (яъне: «Бигӯ: «(Эй Муҳаммад) Эй мардум агар шумо дар дини ман тардид доред, ман чизҳоеро, ки ба ҷойи Аллоҳ мепарастед намепарастам. Ман Аллоҳро мепарастам, ки шуморо мемиронад ва маъмур шудаам, ки аз мӯъминон бошам») /Тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ/ сураи 10-ум, ояи 104.

Ва ҳамчунин Худованд дар 105-ум ояи шарифи сураи мубораки «Юнус» мефармояд, астаъизу биллоҳ: «Ва ан ақим ваҷҳака лид-дини ҳанифан вало такунанна минал мушрикин» /Яъне: «Ба дини ҳаниф рӯй овар ва аз мушрикон мабош»! - Тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ/. 5. сураи 1-уми ояи 105.

Бале, ин амрҳову даъватҳои Ҳақ субҳонаҳу ва таъолост, ки мо инсонҳоро, аз гумроҳӣ ва бандагии нафс /ки аз макрҳои шайтони лаъин аст, барои инкори Ҳақу худоношиносиву худношиносӣ ва парокандагӣ/ нигоҳ медорад. Ин амрҳои Худованд, ба тамоми башарият, яъне, ба тамоми қавмияту

халқияту миллати кураи Арз дахл дорад, ки мо агар ба роҳи Худо равонем, пас бояд, ки Худованди яккаву ягонаро, яъне, Офаридагорро бишиносем ва ба ӯ имон оварем.

Сардаргумиву гумроҳии аҳли насоро бад он поя расида, ки баъзе аз эшон то ба он хулосае омадаанд, /яъне, ба ибораи худашон -озодандеш/, ки дини барҳақи масеҳӣ ва паямбарии Исои Масеҳро рад карда «Инҷил»-ро унсурҳои дуздидашуда ва калкашудаи дину ойинҳои Қадима /эрониву яҳудӣ ва сомиву буддоӣ/ номида, худи Исои Масеҳ /ъ-с/-ро як образи бофтаи афсонавӣ номидаанд.

Масалан, нависандаи машҳури Фаронса-Лео Таксилъ /1854-1907/ муаллифи асарҳои «Забавное Евангелие», («Инҷили ғалатӣ») ва «Забавное Евангелие, или жизнъ Иисуса»/ «Инҷили ғалатӣ ва ё зиндагии Исо»/ пас аз мутолиоти зиёди кутуби динӣ, ба хулосае омада, худро шомили гурӯҳи мушрикон қарор дода /ки онро дар оғози китоби дуюмаш гурӯҳи охир, яъне, сеюм номидааст/ навиштааст, ки «...дини масеҳӣ, дини хаёлан бофташудааст ва дини аз унсурҳойи адёну ойинҳои қадимӣ сохташуда аст ва Исову ёрони ӯ инсонҳои ормоние мебошанд, ки одамон хаёлан бофтаву дар бораашон афсонаҳои ғалатӣ эҷод кардаанд, ки касро ба гумроҳӣ мебарад. Исо хоҳ одам бошад хоҳ Худо, ман ба ин боварӣ надорам, дини барҳақ набояд ин тавр бошад...». 59.,3.

Аммо барои мусалмонон мусаллам ин аст, ки /ҳам ба «Қуръон» ва ҳам ба «Ҳадис» ва ҳам ба «Иҷмоъ»/ дини масеҳӣ дини барҳақ, «Инҷил»-«Қудскитоби осмонӣ» /яъне, амру дастуроти илоҳӣ, ки боз аз ҷониби Худованд китоби «Инҷил»-и Исо (ъ-с), «Таврот»-и Мӯсо (ъ-с) ва «Забӯр»-и Довуд (ъ-с) мансух карда шудаанд/ ва Ҳазрати Исо битни Марям /ъ-с/ яке аз паямбарони барҳақҳи тамадунни пешин аст. Ва кулли муслимин имон овардаанд ва савганд ёд кардаанду мӯътақид бар онанд, ки чаҳор китоби муқаддаси илоҳӣ вуҷуд дорад,

www.kitobam.com

«Таврот»-и Мусойи Калимуллоҳ, «Забур»-и Довуди Халифатуллоҳ, «Инҷил»-и Исойи Рӯҳуллоҳ /бо ҷамъи авроқе, ки ба номи Иброҳими Халилуллоҳ дар «Аҳди Қадим» аст /ва ҷовидондастур «Фурқон», яъне, «Қуръон»-и Ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам. Ва бурҳони имони комили муслимин бо иқрори забониву тасдиқи қалбӣ ин аст, ки омада: «Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим-Омантубиллоҳи ва малоикатиҳи ва кутубиҳи ва расулиҳи вал явмил охири вал қадари хайриҳи ва шарриҳи миналлоҳи таъоло ва баъси баъдал мавт» /яъне: Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон «Имон овардам ман, ба Худои таъоло ва ба фариштагони Худо ва ба китобҳои Худо ва ба паёмбарони Худо ва бар рӯзи Қиёмат ва ба тақдири некӣ ва бадӣ, ки аз Худост ва ба зинда шудан, баъд аз мурдан»/ 13,8-14.

Ва имони мустаҳкам доранд, муслимин ба вуҷуди ягона ва бемисли он Холиқи мутлақ ва донойи сирри вал хафиёт: «Омантубиллоҳи камо ҳува биасмоиҳи ва сифотиҳи ва қабилту ҷамиъа аҳкомиҳи ва аркониҳи, иқрорун биллисони ва тасдиқун бил қалби» яъне: «Имон овардам ба Худои таъоло, ба ҳамаи номҳои мубораки ӯ, ки дар Қуръони Маҷид омадааст, бовар кардам ва ҳамаи фармонҳои ӯро қабул намудам ва аз он чи манъ кардааст, боз истодам, бо иқрори забонӣ ва тасдиқи қалбиам /ботинӣ/»13.,8-14.

«Дар Арабистони то исломӣ шахсонеро ҳанафӣ меномиданд, ки ба вуҷуди Худои ягона эътиқод доштанд, вале мансуби ягон дини муайяне набуданд то он замоне, ки Ҳақ таъоло ҷовидонойин ва ҷовидонмактаб-дини Исломро эҳё ва «Қуръон»-ро ба номи Ҳазрати Муҳаммад /с/ нозил кард /Б.Б./ Ҳанафия, яке аз манбаъҳои монотеистӣ-ғоявии дини Ислом аст, ки намояндагони барҷастаи худро дошт.

Мутаассифона /ба ҷуз ривоёт ва оёти «Аҳди қадим», марбут ба Иброҳим /ъ-с/ то ба имрӯз маводе ба дасти аҳли тадқиқ

нарасида, ки он битавонад таърихи пурфарози аҳли ба Худододашудагон, яъне ҳанафиёнро пеши мо мунаввар ва ба пуррагӣ, ба ҷилва диҳад. Дар асрҳои VI-VII мелодӣ, ба қабоили мухталифи марбути Араб воизони масеҳӣ ва яҳудӣ аҳён-аҳён, бо аҳодиси ба ин ойинҳо ҷалбкунанда, ба мардум мурочиат мекарданд. Эшон намояндагон ва аз тарафдорони «яккахудоии номаълум ва калаванда» буданд /яъне, ҳанафияи ибтидоӣ/. Худи Ҳазрати Муҳаммад (с)-у ёронаш ва баъзе мухолифонаш-паямбари худхонда ва қалбакиву бардурӯғ-Мусайлима ва чанде аз зумраи эшон низ ба ҳанафия гаравида буданд...». 50, 34.

Намояндагони чашмраси ҳанафӣ, дар ибтидо инҳо буданд; Саҷҷоҳ, Тулайҳ, Асвад, Мусайлима, Зайд ибни Амр, Усмон, Убайдуллоҳ ва Варқа /ки ба масеҳият дил баста, дар охир пушаймон шудаанд/, ки дар манбаъҳо номи эшон ба назар мерасад. То давраи Ҳазрати Муҳаммад /с/ паёмбарии худро ошкор сохтан, ба мардум, чанд нафар ба худододашудагон, ё худ худоҷӯёне ба мисли ибни Зайд ва ғайра буданд /яъне, гурӯҳе, ки рӯзи Қиёмат на ҳамроҳи қавми масеҳисту на ҳамроҳи қавми яҳудӣ/, ки худро ҳанафӣ меҳисобанд 33, 543. Ҳазрати Муҳаммад /с/ дар ибтидо, дар тарғиби дини Ислом, ба тарзи /яъне, аз рӯи ҳикмат ва суннати Иброҳими Халилуллоҳ-Б.Б/ равияи ҳанафӣ, амал кардааст, ки дар охир натиҷаи хуб дод. Ва дар ҳама ҷо ҳикмати Иброҳим (ъ-с)-ро таблиғ мекарданд ва мардуми атрофу, акнофро ба парастиши Худои ягона даъват мекарданд, дар Арабистони пешазисломӣ, байни аҳли ҳанафӣ, як кӯшиши муттаҳид шудан ва ба ойини ибодат ташкил додани равияи ҳанафия буд.

Чизи дигар ин, ки шуури инсоният то ба дараҷаи дарку фаҳмиши таълимот ва мактаби ҷовидониву ҳамешасабз /ки ҷомеасозу башаристлоҳкунанда аст/, ки бояд аз ҷониби Офаридагор армуғон меомад, инкишоф ёфта буд. Ва ҳарчанд,

www.kitobam.com

ки дар он асру замон тамаддунҳои пешрафтаи башар ба мисли эрониён /меҳриёну маздоиён, монавиёну зардуштиён/-у юнониён /ҳазорхудоён/, мисриён /гӯсолапарастону бутпарастон/-у яҳӯдиён /бутпарасту говпараст ва баъдан эътирофкунандаи калаванда ва гумроҳ ба Худо/, бобулиёну ҳиндуиёну чиниён /бутпарастон/ ва амсоли эшон буданд, аммо ба иродаи Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло, яъне Офаридгори оламу одам, нури маърифати тавҳидгаро аз шинзорҳову мурдарегҳои тафсон ва теппакӯҳҳову даштистонҳои ба сукут рафтаи Араб /ба хусус Ҳиҷоз/ ба оҳистагӣ тулӯъ мекард, то ки сомиҳое ки асрҳо боз /аз замони Одам/ дар як гӯшаи қалби хеш меҳр ва бовариву имон ба Худойи ягонаро парвариш медоданд, ба якборагӣ, то ба ҷовидонаҳо мунаввар созад ва бад-ин васила оташи ишқи ҷонфизо дар қалби бедордилони кулли аҳли башар ниҳад...

«Ва ҷомеаи арабии асри VI-и мелодиро идеологияе /тафаккур/ лозим буд, ки қабойили парокандаву даштиро ба ҳам орад, то ки бад-ин васила таммадуни наве қомат рост кунад. Ин идеология мебоист фақат дин бошад, зеро, ки танҳо тавассути тафаккури ба қалбҳо оташангезу муттаҳидкунанда мумкин аст, ки маккиёни худоҷӯро ва кулли аъробро ба ҳам оварад, бо иродаи Ҳақ... Барои эҳёи тафаккури тоза ва ҷустуҷӯи дини барҳақ, ки битавонад Худованди ягонаро ба мардум ошкор кунад, як иддае аз маккаиёни Худоҷӯ ҷадалҳо мекарданд, ки эшонро ҳанафиён мегуфтанд.

Ҳазрати Муҳаммад /с/ ҳанафиёнро /худ низ аз зумраи дудмони аҳли ҳанафӣ буд/ хеле эҳтиром мекард махсусан эҳтироми ӯ-салъам ба Ҳазрати Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Солеҳ ва ғайра ъалайҳимо салом, беандоза буд-С.Б.Б /зеро эшон, ба он гурӯҳи Худоҷӯ ва Худопарасте маҳсуб мешуданд, ки гузаштагонашон бо эҳтирому эътирофи як вуҷуде мутлақ зист мекарданд ва ба ҳаёти ҷовидонии пас аз

маргӣ имон доштанд, ки ин ақидаашон наздик буд, ба динҳои яҳӯдиён ва масеҳият «90.,76-78»/.

Ва дар охир Ҳазрати Муҳаммад /с/ дар асоси тариқати ҳанафия ҷамоаи ибтидоии диниро ташкил кард, ки ба пайдоиш ва тавлиди дини Ислом сабаб шуд ва асос гузошт. Худованде, ки аз рӯи тасаввуроти ҳанафии Ҳазрати Муҳаммад /с/ парастиш мешуд, бо таъбири Раҳмон /бахшанда/ ном бурда мешуд, ки дар «Қуръон», дар сураи «ар-Раҳмон» муфассал баён шудааст /баъдан аз рӯи таълимоти Қуръон дар Ислом Худовандро бештар бо номи Аллоҳ/ ва дигар исмҳои муаззами Ҳақ таъоло 99исми Аллоҳ таъоло С.Б.Б/-ро зикр мекардагӣ шуданд». 51, 44-306.

Дар давраи то исломӣ, дар Арабистон «ҳаниф» гуфта шахсони алоҳидаи парастандаи Худои ягонаро мегуфтанд, ки онҳо урфу одатҳои худро доштанд ва бо динҳои масеҳӣ ва яҳӯди ягон робитае надоштанд.

Дар Қуръон нахустҳаниф Иброҳим /ъ-с/ аст, ки дар асоси равияи он Ҳазрати Муҳаммад /с/ ойини ҷадиду ҷовидонаи Исломро созмон дод, ки муқобили динҳои бисёрхудоии қадим, дини арабҳои бутпарасти қадим ва динҳои яккахудоии калавандаи эронӣ, яҳӯдӣ ва насронист. Ва ҳатто ишорате ҳам ҳаст, ки Иброҳим на аз қавми яҳуд асту на аз қавми насронӣ. Вожаи «ҳаниф» дар оёти аксари сураҳои Қуръон ба чашм мехӯрад, ки дар Мадина нозили онҳо ба вуқӯъ пайваста шуда буд, ҳамчун муродиф, яъне синоними «муслим» ва ҳар ҷо, ки номи Иброҳим аст он ҷо низ «Иброҳим, ҳанифан, муслиман» ҳукм шуда. Аз асри YIII-IX сар карда, дар адабиёти динӣ, вожаи «муслим» ва «мусалмон», ба ҳукми анъана даромад. Синоними ё худ муродиф ва гунаи дигари ҳанафия - вожаи «Ислом», дар байни ин рӯҳониён ва дар асарҳои уламо анъана гардид ва номи ойини ҳанафия, бо унвони дини Ислом, яъне, ойини муслимин, ба амри қонун даромад. Термини «ҳанафӣ»,

www.kitobam.com

танҳо дар доираи сӯфиёне бештар ба кор мерафт, ки мутааллиқи ин равия буданд, аммо дар асл дини мубини Ислом, ин ҳамон ойини ҳанафист. Ва Имоми Аъзами сӯфии Кӯфӣ, аз ин хотир аст, ки ба худ «Абӯҳанифа» куният дод, бо амри дили огоҳаш-С.Б.Б). 49-273.

«Ойини миллии ақвоми пеш аз исломии Араб, дар давраи заҳӯри Ҳазрати Муҳаммад /с/ эътибори пешинаи худро оҳиста-оҳиста аз даст дод ва танҳо бо нишонаҳои мифологии худ, дар андеши қабоили мухталифи Араб боқӣ монд, ки онҳо танҳо кӯҳнашудаи қурбон кардани инсон /аниқтараш фарзанд/ дар мавзеъҳои барои Аъроб муқаддас буду халос. Аммо, баъзе аз қабоили қисмати шимолии Арабистон, андешаву ормонҳо ва бовариҳои хешро аз насл ба насл нигоҳ дошта меомаданд, ки ин боиси он мегашт, ки эшон, ба зиндагӣ ва ба Офаридагори номаълум, ба таври эҳтиром андеша бикунанд. Инро дар мисоли Бани Узро дидан мумкин аст, ки байни онон ҳатто масъалае ҳам буд, ки мегуфтанд- «Онҳо /яъне, Бани Узро/ мемиранд ва ба он ҳангом, ки дӯст медоранд». 98-19, 21-23».

Мубориза баҳри ҳаёт ва рӯ ба рӯ омадан, ба мушкилоти рӯзгор ва қувваҳои ободкор ва низ харобкории табиат, қабоили шимолии арабро водор месохт, ки перомуни Офаридгор зиёд андеша ронанд, зеро, ки ойин ва русуми кӯҳна ва қабилавии эшон дигар ҷавобгӯи суолҳояшон набуданд. Бо он меҳри самимие, ки (дар тӯли солҳо аз насл ба насл меомад), нисбати Офаридгори ягонаи олам, дар сина мепарвариданд, қабоили даштситони Араб, ба сӯи Қуллаи мурод, ба оҳистагӣ қадам мезаданд. Зуҳӯри Иброҳими ҳанафӣ саломуллоҳ /монотеист, тавҳидгаро парастанда ва эътирофкунандаи Худои якка ва ягона/ ва писари ӯ Исмоил (ъ-с) оташе сӯзон дар қалби аъроби ҷӯёи ҳақиқат зад ва ҳама бутҳоро бишикасту бутхонаҳоро бисӯхту оташ заду фурӯ рехт.

Ва қурбонӣ кардани фарзанд, дар қурбонгоҳ ҳам, бо ҳамин ба охир расид ва аз ҷониби Худованд мӯҳри хотима, ба ин суннати кӯҳан зада шуд. Ва минбаъд мардум ба ҷои инсон чорвои ҳалол /гӯсфанд, гову буз, шутурро ва ғайраҳоро/ баҳри Худованд қурбонӣ мекардагӣ шуданд, ки он Ҳам аз суннати Иброҳим аст, ки ба ҷои Исмоил, Худованд ба ӯ гӯсфанди кабуди биҳиштӣ армуғон дод. /Албатта ин ҷо қурбон кардани Иброҳим /ъ-с/ мар писари худ Исмоил /ъ-с/-ро розест дигар, ки ба амри Ҳақ буд, барои озмоиши ӯ, яъне, Иброҳим, дар роҳи дарки ҳастии-Худо, бандагӣ ба ҷой овардан ва сар напечидан аз амри илоҳӣ имон ба Ӯ ҷалла ҷалолаҳу ва меҳру садоқат, нисбати ӯ вуҷуди мутлақи Офаридгор, тазкияи ботин, шукру фақр, тақвову вараъ ва маҳви шайтон-С.Б.Б/.

Ба ин хотир аст, ки асосгузори ойину расми яктопарастӣ, яъне, тавҳидгаро ва ё худ ҳанафӣ, баъди Одам ва Нӯҳ (ъ-с) Иброҳим ва писари ӯ Исмоил /ъ-с/ маҳсуб мешаванд. Дар баробари ин ҳар қабоили Араб, боз ба иборае паёмбаре доштанд, ки онҳоро бо роҳе наздик, ба ойини ҳанафӣ мебурд; мисли Солеҳ, Ҳуд, Нӯҳ ва Шуъайб /дар бораи аҳли Мадина ва атрофи он / ва ғайра.

Хулоса, ҷаҳонбинии динии аҳли сомӣ рӯз ба рӯз, моҳ ба моҳ ва сол ба сол инкишоф меёфт, ки меёфт ва боварии эшон нисбати вуҷуди Холиқи мутлақ зиёд мешуд. Ва дар оқибат ин кӯшиш ба он оварда расонд, ки онҳо минбаъд ҳам, дар бораи Худои ягона ва ҳам дар бораи қосиди Худованд фикр меардагӣ шуданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки Худои онҳо ҳаст ва ӯ рӯзе ба эшон Пайғамбарро бо фармонҳояш, ки дар як китоб ҷамъ оварда шудааст, мефиристад. Сомиҳои асил чунин ақида доштанд, ки дини асосӣ ва ҷовидона он динест, ки фиристодаи Худо ва китоби муқаддасро дошта бошад. Дини Иброҳим ҳарчанд тараннумкунандаи ҳанафӣ бошад ҳам, вале он дине буд, иборат аз суннатҳои мухталифи динӣ, ки онро

www.kitobam.com

ҳам аҳли насоро ва ҳам яҳудия қабул доштанд. Аъроб, ки ба нияти эҳёи дини яккахудоии барҳақ ҷадал мекарданд, боз чашмингизор буданд ва боварӣ доштанд, ки ба ғайр аз Иброҳим ва чанд пора авроқи навиштаҷоти муқаддаси ӯ дер ё зуд фиристодаи дигаре бо китоби бузург хоҳад омад, ки давоми пайғомҳои Иброҳим хоҳад буд. Ба ин хотир бозрасони он китоб барои эшон яъне, барои ҳанафиёни пешазисломӣ, хеле зарур буд. Назар ба дигар қабойили Араб, аҳли қурайш, ба ойини ҳанафии хеш сахт мӯътақид буданд ва бесаброна интизори навид ва пайғоми тозаи Худованди ягонаи хеш буданд, ки ҳатто ӯро мудом бо номи «Раҳмон» ёд мекарданд. 98., 19-21.

Дар ин бора таърихнигор ва солноманависи барҷастаи олами исломӣ Ибни Исҳоқ ривояте меорад, ки чунин аст: «Рӯзе иддае аз қурайшиён, дар назди Каъба - дар атрофи яке аз бутҳои худ, ки он ҷо ҷои қурбонгоҳи эшон буд, ҷамъ омаданд. Ва қурбониҳо карданд. Ҳар соле як маротиба, аҳли Қурайш, дар ин макон ҷамъ меомаданд ва баъди қурбонӣ, ҷаласае меоростанд ва гоҳе мешуд, ки ҷашн ҳам меоростанд. Дар ҳангоми таҷлили яке аз ин гуна ҷашн, чаҳор нафар аз мардони Қурайш, аз ҷашнгоҳ номаълум, ба гӯшае рафтанд ва дур аз чашму гӯши мардум, бо ҳам сӯҳбати хосае оростанд, ки сӯҳбати эшон барои дигарон ғалатӣ мёнамуд. Инҳо: Варқа писари Нӯъфал, Усмон Ибни Ҳувайрис, Убайдуллоҳ-писари амӯйи Ҳазрати Муҳаммад /с/, яъне, писарамаки Ӯ (с) ва Зайд ибни Амр буданд. Онон байни худ мегуфтанд: «-Эй ҳамқавмон, аҳли Қурайш, дар ҳолати сардаргумӣ ва бесару сомонӣ қарор доранд, онҳо дини барҳақи Иброҳимро дуруст дарк накардаанд ва худи мо ҳам анқариб дар ҳамин ҳолатем. Дини Иброҳимро таҳриф пашояд. То ба кай мо гирди ин санг /Каъба/ мисли онон давр мегардем, ки он на ҳарфҳои моро мефаҳмаду на бо мо ҳарф мезанад ва аз дасти ин санг ягон

нишонаи бад ё неке ҳам ба вуқӯъ намеояд. Пас баҳри чӣ зарурате мову шумо аз паси эшон, дар гардиши гирди ин сангем? Моро ҳичрат мебояд, то бошад, ки бад ин тариқи кор дине ва ҳақиқате шойистатар пайдо кунем». Ва бо ин ният он чаҳор ҷавонмард, ба саёҳати ақсойи олам баромаданд, то ки бозҷӯ кунанд, ойини ҳанафӣ, яъне дини ҳаққонии Иброҳимро. Аз ин чор тан се нафарашон, яъне, Варқа /хеши наздики Ҳазрати Муҳаммад /с/-додарзодаи Хадича-зани Паёмбар (с), ки барои ӯ ягон монеаи интизорӣ, ба пайғоми Муҳаммад /с/ ва рисолати ӯ набуд, вале андешаи калавандагӣ ва гумроҳӣ, ӯро водор сохт, ки ба масеҳият гаравад /Убайдуллоҳ-писари амаки Паёмбар/ ва Усмон ҳам дини Масеҳро қабул карданд. Чаҳорумини эшон Зайд, аз дини масеҳият ҳам ягон манфиату муроди дили хешро ёфта натавонист. Ва ҳамчун ҳанафии содиқ, яъне, чуноне, ки қабл аз сафараш буд, ба Макка баргашт. Ҳазрати Муҳаммад /с/ дар овони хурдсолӣ ӯро мудом дар назди Каъба медид, ки мардумро ваъз мегуфт ва эшонро аз ойини бутпарастӣ, ба сӯи ҳақиқат, яъне, ба дини Иброҳим (ъ-с) ҷалб ва даъват мекард ва мегуфт: «-Қасам ба номи оне, ки риштаи ҳаёти ман дар дасти ӯст, аз байни Шумо ман нафаре ҳастам, ки муътақидам ба дини Иброҳимӣ». Вале чизи дигар ин ки Зайд ба ғайр аз ваъзу зӯҳду паймонҳои хеш, камбудиҳои роҳи интихобкарда ва дини баргузидаи худро ошкоро баён мекард ва бад-он қойил буд, ки ин ойин наметавонад ҷавобгӯи кулли ормонҳои инсоният бошад ва мегуфт: «-Худоё, Худовандо! Агар ман медонистам, ки чӣ гуна ибодат шоистаи туст ва чӣ гуна парастидан қабули хотири туст, ман ҳоли ҳозир онро қабул мекардам, вале афсӯс, он чӣ гуна аст, ман ҳоло намедонам». 98,19-21».

Зайд ин бор азми сафар ба худ ихтиёр кард ва ба сӯи Миср раҳсипор гардид. Дар ҳини бозгашт, ба ӯ хабаре расид, ки Ҳазрати Муҳаммад /с/ мардумро ба дини нав /ба дини

www.kitobam.com

ҷовидона, ба он дине, ки мардум интизораш буданд/ ба ҳақиқати мутлақ даъват дорад ва ӯст он Пайгамбари Худо /с/, ки мардум орзуяш мекарданд. Зайд барои фаҳмидани ҳақиқати ҳол (маҷнунвор) ба сӯи Ҳиҷоз шитофт, вале ӯро дар роҳ /норасида ба мақсад /роҳзанони ҷоҳил ба қатл расониданд. Зайд таълимоти худро на танҳо ба тарзи шифоҳӣ /перепатикӣ-машшоъӣ, ки хоси ҳакимони юнонист-С.Б.Б/, яъне, сӯҳбат, балки ба воситаи шеърҳояш низ, ки тавассути муаррихон то ба рӯзгори мо омада расидаанд /оре Зайд ибни Амр, яке аз аввалин саромадони шеъри классикии адабиёти Араб ба ҳисоб меравад-С.Б.Б/ баён доштаву медошт. Ӯ ҳам бо сухан ва ҳам бо қалам зидди ойини бемӯҳтавову беманшаъи бутпарастӣ ва суннатҳои вулгаронаи ақвоми Араб баромад карда, мардумро ба Худои ягона ба-ойини парастиши он Худои ягона, ба дини Иброҳими ҳанафӣ даъват мекард.

Ҳазрати Муҳаммад /с/ Зайдро хеле таърифу тавсиф мекард ва ӯро ҳамчун як фарди ҳидояткунандаи мардум, ба ойини Иброҳим (ъ-с) хеле эҳтиром мекард, Ва /аз рӯи маълумотҳо ва Ҳадис/ боре Муҳаммад /с/ ҳини як баромади хеш, ба мардум рӯ оварду гуфт: «-Дар рӯзи Ҳашр, (яъне, қиёмат ё худ явмул ҷазо) Зайд ибни Амр, танҳо худаш савоби як ҷамоаи ибодатхонаи ҷомеъро ташкил ва дар симои худ таҷассум мекунад «98, 21-23.

Чуноне, ки гуфтем, синоним ё худ муродиф ва гунаи дигари ҳанафия «Ислом» /аз «муслим»-таслимшуда/ дар байни рӯҳониён ва дар асарҳои уламо анъана гардид, зиёда истифода шуд ва номи ойини ҳанафия, бо унвони дини Ислом, яъне, ойини муслимин, ба амри қонун даромад. Термини «ҳанафӣ» танҳо дар доираи сӯфиёне бештар ба кор мерафт, ки мутааллиқи ин равия буданд.

Ва Худованди Карим дар «Қуръони Маҷид», дар ояти шарифи панҷуми сураи мубораки «Баййина» мефармояд;

Астаъизу биллоҳ; *«…Ва мо умиру илло лияъбудуллоҳа мухлисийна, лаҳуддийна, ҳунафоа ва юқимуссалота ва юътуззакота ва золика дийнул қаййима...».* /яъне: Ва /дар китоби осмонӣ/ амр нашуданд, магар бар ин, ки Худоро ба ихлоси комил /бе ширку ифрот/ дар дин /Ислом/ парастиш кунанд ва аз ғайри дини ҳақ рӯй гардонанд ва намоз ба по доранд ва закоти фақирон бидиҳанд /6 /98-5/, ки ин аст ойин ва роҳи шинохти Худо ва ин аст Исломи барҳақ ва ин аст, шойистамазҳаб ва афзалулмазҳаб-ҳанафия, ки мазҳаби аддлу дод асту ҳидояткунандаи роҳи рост ва эҳтироми фақирон. Ва ҳақ гуфта Расули акрам /с/, ки: «-Мӯъмин бародари мӯъмин аст»...

Чуноне, ки гуфта шуд ҳанафия ҳамоно таълимоти мактаби намоёни Худошиносӣ ва диншиносиву диндории ҳанафиён, яъне, тавҳидгароён аст. Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ мазҳаби хешро маҳз дар партави Қуръон ва Суннат ва дар роҳу тариқати фирқаи гузаштагони муваҳҳид - ҳанафия созмон дод. Бинои бегазанди фиққи исломиро дар партави Қуръон ва Суннат, нахустин бор, дар таърихи Ислом пай афканд, ки ин ормони Расуллоҳ - /с/ буд ва бо амри дил, ба худ «Абӯҳанифа» (падар ва пешвойи тавҳидгароёну умматони Расулуллоҳ (с)) куният дод. Ва баъди даргузашти ин пешвойи аҳли тавҳид, шогирдон номи мазҳабашонро «Ҳанафия» номиданд.

Бале, пас аз фавти пешвои аҳли суннат ва ҷамоат ва вориси ҳақиқии Расул /с/ - Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/, ки яке аз барҷастатарин шахсияти ирфонӣ ва намунаи басо олии инсони комил ва ормонӣ, ва ҳанафӣ, дар таърихи дин ва илму ҳикмати башарӣ маҳсуб мешуд ва мешавад, шогирдону пайравонаш ва кубарои ҷамъи ӯ ва бузургтарин уламои аҳди, ӯ, он фирқаи аҳли тавҳидро, ки худи Абӯнуъмон ибни Хоҷа Собити дар ҳадди боло муваҳҳид /яъне, «Абӯҳанифа», яъне, «падар ва пешвойи аҳли тавҳид» ё ин ки «падар-пешвойи

www.kitobam.com

фирқаи ба худодашудагон/ таъсис намуда буд, ба номи ӯ /яъне, номи мактаб-мазҳаби ӯро аз кунияти ӯ-«Абӯҳанифа» баргирифтанд/ яъне, аниқтараш, дар асоси кунияташ-Абӯҳанифа, мазҳаби таъсиснамудаи ӯро «Ҳанафия» номгузорӣ карданд. Ки мазҳаби ӯ, дар партави Қуръон ва Суннат, яъне, дар асоси Каломуллоҳ ва Аҳодиси набавӣ /с/ ва дар асоси афкору андешаи малакутии Имоми Аъзам /р/ ва асҳобу тобиъин ва кубарову орои шогирдонаш созмон ва созгор дода шудааст, ки дар ҳақиқат мазҳаби муҳаззаби аҳли тавҳид аст...».

Дар таҳия, такмил, тарғиб ва ривоҷу интишор ёфтани мазҳаби ҳанафия, дар давраи исломӣ /ки асосгузори ин мазҳаби расмӣ, мутафаккири камназир ва шаҳири асри VIII Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит-ибни Қайс ибни Марзбон-ал-Форсӣ разиаллоҳу анҳум аст/, шогирдони Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/-Абӯюсуфи Яъқуб, Абӯмутеъи Балхӣ, писараш Ҳаммод ибни Абӯҳанифа /р/, Имом Муҳаммад, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Абӯлайси Самарқандӣ, Абдуллоҳ ибни Муборак, Мотиридии Самарқандӣ Имом Зуфар ва ғайра содиқона амал карданд, ки дар як муддати мадид мазҳаби мазкур дар байни муслимин тарафдорони зиёде пайдо намуд. «Мазҳаби ҳанафӣ, дар асри VIII, дар Ироқ ба вуҷуд /расман/ омада, аниқтараш дар шаҳри Кӯфа ва минбаъд дар Шарқ густариш ёфт. Шаҳри Бағдод маркази маъмурии ҳанафиён гардид ва дар Хуросону Мовароуннаҳр /Осиёи Миёна/ ба нуқтаи олии нашъунамоаш расид « 52., 124. Афкори пешқадам ва роҳи мазҳаби пурфурӯғи фақеҳи кабир /фақеҳ гуфта илоҳиётшинос ва ҳуқуқшиноси варзидаи Исломро гӯянд, ки донандаи хуби қоидаву қонунҳои шаръӣ мебошад/, пири аҳли фиқҳ Абӯҳанифа /р/ роҳи миллионҳо муслиминро мунаввар гардондаву мегардонад. Баъд аз Имоми Аъзам /р/ разиаллоҳу анҳу шогирдон ва асҳобашон кори эшонро давом додаанд.

*Дар китоби «Мўъҷамул мусаннифин» низ омада, ки аз Имоми Аъзам Абўҳанифа (р) ин асарҳо боқӣ мондаанд: «Китобассалот» (оиди намоз); «Китоб-ал-маносик» (Китоби Ҳаҷ); «Китоб-аш-шурут», «Китоб-ал-фароиз» (оиди мерос), «Китоб-ал-олим-вал мутааллим» (оид ба устод ва шогирд); «Китоб-ал-фиқҳ-ал-акбар» ва «Китоб-ал-васия», яъне ҷамъи ин ҳафт асарро ба Имоми Аъзам мансуб донистаанд.

Шояд хонандаи азизро чунин суоле дар сари муборак пайдо шуда бошад, ки пас сабаб чӣ буда, ки Имоми Аъзам Нӯъмон ибни Хоҷа Собит /падараш аз муридон ва ҳамсӯҳбатони Мавло Алӣ саломуллоҳу алайҳ буд/ ба худ «Абўҳанифа»-куният дода аст. Мо дар аввали ин бахши навиштаҳо дар бораи маънии вожаи «ҳаниф» /яъне, ҳамон «муслим» ва «мубин»/ басо муфассал сухан баён доштем ва ин ҷо ҳоҷат ба такрори дубора нест. Ва аз назари мо ҷавоби возеҳу саҳеҳ нисбати иллати ба худ «Абўҳанифа»-куният гирифтани Ҳазрати Абўнӯъмон Имоми Аъзам /р/ ин аст, ки ӯ, яъне, Имоми Аъзам /р/ яке аз бузургтарин ва ноёбтарин шахсияти ирфонӣ ва маҷнуни ҷамоли Ҳақ буд, ки имони басо комил, ба вуҷуди Холиқи мутлақ ва ба дини мубини барҳақи Ислом, яъне, шариъати ғурройи Муҳаммад /с/-ия дошт ва инсони комил буду мусалмони фозил ва гаравида буд ба дини ҳақ, ки фирқаи аҳли тавҳид аст ва он муҳаббате, ки ба Худованди якка ва ягона /ҷалла ҷалолаҳу/ дошт, ба худ «Абўҳанифа» /яъне, «пешвойи аҳли тавҳид»/ куният ихтиёр кард; ки ин интихоботи куният ҳам, аз илҳоми Худодод ва андешаву каромоти худи Имоми Аъзам /р/ аст, ки аз олами ғайбӣ бо садойи ҳотифе, ба гӯши ҷону мағзи андешааш армуғон шуда, ки: «-Эй Абўнӯъмон ибни Собит, туӣ сазовори куният ба «Абўҳанифа» ва муборак аст бар ту ин кунияти шариф, ки ту Имоми барҳақи аҳли суннат ва ҷамоат ва раҳнамойи умматони Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу

www.kitobam.com

алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин ҳастӣ ва хоҳӣ буд. Иброҳими Ҳаниф /ъ-с/ хонаи Каъбаро бино намуд, ту эй Абӯҳанифа пай афкандӣ дар партави Қуръон ва Суннат бинои шариатро»

Дар китоби «Маноқиби Имоми Аъзам» /р/ тарҷумаи форсии китоби Ҳазрати қутбул авлиёъ Имом Ал-Ҳармайни шарифайн Мавлавӣ-Шайх Шаҳобуддин Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккиӣ раҳматуллоҳи алайҳ, бо номи «Ал-Хайрот-ал-ҳисон фӣ-маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон», ба тақдим ва таҳқиқи Шайх Халил Ал-Майс - мудири Ал-Азҳари Лубнон, ба тарҷумаи Абдурраӯфи Мухлис, чопи Лубнон соли 1377-и хурдодмоҳ, саҳ.43-44., дар бораи сабаби ба худ кунияи шарифи «Абӯҳанифа»-ро гирифтани Имоми Аъзам /р/ омада: «-Ҳамчунин тазкиранигорон иттифоқи назар доранд, бар ин, ки кунияти Имоми Аъзам-«Абӯҳанифа», муаннаси «ҳаниф», аст, ки ба маънии «обид» ё «мусалмон» мебошад, зеро «ҳаниф», яъне, «майл», ва «муслим», яъне, гароянда, ба сӯи дини ҳақ, мебошад.

Ва гуфтаанд, ки сабаби такнияи Имоми Аъзам, ба ин куният он буд, ки эшон ҳамеша давотеро истеъмол мекарданд, ки дар лаҳҷаи аҳолии Ироқ ба номи «ҳанифа» номида мешавад.

Ва баъзе дигар гуфтаанд, ки Имоми Аъзам /р/ духтаре доштааст, бо номи Ҳанифа ва сабаби кунияи эшон ба «Абӯҳанифа» низ ҳамин буд, аммо ин нуқтаи назар рад шудааст ба ин ки Имоми Аъзам /р/ дар ҳадди иттилоъ аз ғайри Ҳаммод, ҳеҷ фарзанди духтар ё писаре дигар надоштаанд. Яъне, эшон танҳо як писаре бо номи Ҳаммод доштанд ва эшонро ҳеҷ як духтаре набуд.

Хатиби Бағдодӣ ва ғайри он бо санаде мунқатеъ, аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ривоят кардаанд, ки фармуд: «-Баъд аз ман касе кунияамро ихтиёр намекунад, магар ин ки Маҷнун

бошад».- Раввот /ровиён/ мегӯянд: -Аз ин рӯ, баъд аз эшон чанд танро дидем, ки ин куниятро интихоб карданд ва хирадҳои ҳамагишон заиф буд. Аммо, дар радди ин ривояти заиф гуфта шудааст, ки: -Наздик ба се тан аз аимаи уламои Ислом, баъд аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ин кунияти мазкурро ихтиёр намуданд, ҳамчун Абӯҳанифаи Атқонӣ /р/ ва Абӯҳанифаи Динаварӣ /р/, ки саромадони аҳли хирад ва дониши рӯзгори хеш буданд. Аммо таърих қабл аз Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ чеҳраи саршиноси дигареро бо ин кунияти шариф муаррифӣ накардааст. Муаллифи китоб мегӯяд: - «Ба ҷуз чанд тан аз тобиъини ғайримашҳур, ки ман асомии эшонро ёфтаам» /Ҳайтамӣ/ 43-44.

Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар замони Халифа Абдулмалик ибни Марвон ба дунё омадааст. Зиндагии Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ саропо ибратбахш, барои тамаддуни имрӯз аст. «Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ он шахсияти сиёсӣ ва иҷтимоист, ки дар зиндон, дар роҳи хидмати Ислом ва тарғиби суннат, яъне, аҳодису афкори Пайғамбар /с/, тавсифи хулафо ва пуштибонии фақирон ҷон супурд» 97,39. Ӯ ориф ва сӯфии бузург буд ва шуҷоатмандона, дар ҳар анҷуман, бо фатвойи раднопазири хеш мушкили уламо ва мардуми оддиро ҳал мекард. Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ зиёдтар ба ибодат машғул буд, чиҳил сол, ӯ на шаб хоб дошту на рӯз, ба вузӯъи /таҳорат/ пок намоз мегузорид, дар хуфтан ва бомдодон зиёд зикру муноҷот мекард «ҳангоми самоъи оёти азоб то ҳадде мегирист, ки ҳамсоягон ба ҳоли ӯ дил месӯхтанд /Худо рӯҳашро шод дорад/» 97, 39-40.

Пешвойи аҳли суннат ва ҷамоъат, фақеҳи кабир ва имому ҳакими камназир Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ бештари назариёти хешро ба шогирдони худ, ба тарзи шифоҳӣ баён мекард /мисли ҳакимони эронӣ ва машшоъиён ё худ перепатикҳои юнонӣ/.

www.kitobam.com

Қисмате аз мероси илмии Абӯҳанифа /р/ дар шакли ҳадис, гузориш ҳикмат, андеша, эроду танқид, ҷавобия, яъне, ба сурати мутафарриқа, тавассути асарҳои шогирдони фақеҳ ва бағоят донишмандаш-«Китоб-ал-Хироҷ»-и Абӯюсуф ибни Яъқуб ва дар асарҳои Муҳаммади Шайбонӣ, аз ҷумла «Муатто», «Ал-Мабсут», «Китоб-аз-зиёдат» /Китоби Имоми Аъзам ба ривояти Имом Муҳаммад/, «Китоб-ал-Осор» (аслан китоби Имоми Аъзам ба ривояти Имом Муҳаммад) ва ғайра, то ба рӯзгори мо омада расидааст. 49,. 11.12.

«Абӯҳанифа /р/ ва пайравонаш дар масъалаҳои ҳуқуқ /фиқҳӣ, шаръӣ-С.Б.Б/ аксаран ба раъй ва қиёс истинод менамуданд ва усули истеҳсонро истифода мебурданд, аз ин хотир ҳанафиёнро асҳоби раъй низ меномиданд (аммо раъю қиёсро аз рӯи қавли асҳоб он вақт истифода мекарданд, ки мухотабашон аз фаҳмишии оёт, яъне тафсир ва Ҳадис ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шавад). Онҳо ҳамчунин тавассути қиёс, дар бораи масъалаҳои баҳсноки ҷомеаи мусалмонӣ хӯлосаҳои /амиқ/-и мантиқӣ мебаровардаанд, дар муқоиса бо ҳаёти рӯзмарра.

Дар таърихи дини Ислом ва мардуми мусалмон, Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ мавқеи барҷаста ва нақши боризиеро дорост, зеро ки оғози анъанаи офаринишу нигориши асарҳои хаттии улуми илоҳӣ, дар Ислом маҳз асарҳои ин мутафаккири камназир маҳсуб мешаванд. Яъне, Абӯҳанифа /р/ нахустмуаллифи осори хаттист, дар таърихи дини Ислом ва таърихи тамадуни исломӣ.

...Ҳазрати Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳум, дар ҷамъомадҳо ҳамроҳи шогирдонаш иштирок мекард, ки шогирдонаш ҳамаи баромадҳо ва гузоришоту маърӯзаҳои устоди хешро бо саволҳояш навишта мегирифтанд ва низ маноқиботи ӯро ва ҳамчунин ҳадисҳои ӯро ҷамъ меоварданд. Дертар, ин навиштаҷот, ба шакли китобҳои алоҳида тартиб дода шуд, ки

маҳсули тафаккури Худододи Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ буд, аз ҷумла: «Фиқҳ-ал-Акбар» /асоси аҳкоми шаръӣ/ номи дигараш «Асл-ат-тавҳид», «Ал-фиқҳал-абсат», «Муснад»-маҷмӯъи ҳадисҳо ба ривояти Имом Муҳаммад, ки шогирдонаш ҷамъ овардаанд, «Китоб-ал-олим ва мутааллим», «Рисолаи Абӯҳанифа, ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ-Имоми Басра» ва низ рисолаи «Васиятнома» ҳам, ба қалами ӯ марбут аст. Бояд гуфт, ки асари бисёрҷилдаи Аҳмад ибни Ҳанбал /р/ /780-855/ асосгузори мазҳаби ҳанбалия низ бо номи «Муснад» маъруф аст. Аз рӯи васияти Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ва дар асоси асарҳои номбурда ва усули муҳокимаҳои Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ шогирдонаш мазҳаберо таъсис намуданд, ки бо номи ӯ маъруф аст. Яъне, он орзуву ормоне, ки ҳанафиёни ибтидоӣ, пеш аз зуҳури дини мубини Ислом доштанд /яъне, ойини ҷадиди шинохти зоти Худо ва тариқати ибодат ба ӯ.../ дар давраи имоматии Абӯҳанифа /р/ ва шогирдону миллионҳо пайравонаш, аз нав эҳё гардид ва ҷомаи амал пӯшид. «Абӯҳанифа яке аз саромадони илми Ислом аст. Таълимоти қиёсии Абӯҳанифа /р/-ро шогирдонаш, ба таври васеъ тарғибу ташвиқ мекарданд. Ҳатто шогирди Абӯҳанифа /р/ Абӯюсуф /731-798/ китобе бо номи «Ал-хироҷ», дар ин замина навишт, ки он яке аз сарчашмаҳои мӯътабар ва қадимаи фиқҳи исломӣ, ба шумор меравад» 93, 22-23.

Шояд суоле ба сари мутолиъини гиромӣ афтад, ки пас Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ дар асоси кадомин усул мазҳабашро бино ва таъсис намудааст?

Бояд гуфт, ки мазҳаби муҳаззаби сироҷи умам Имоми Ҳумом Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ҳамон мазҳабе аст, ки дар партави Қуръон кулли орзуву ормонҳои Расули гиромӣ /с/-ро ва суннати он Ҳазрат /с/-ро ҷомаи амал пӯшонидаву мепӯшонад ва хоҳад пӯшонд.

www.kitobam.com

Ҳамоно ҳақ ба ҷониби ҳуҷҷатулислом ва имоми ҳумому басо фозил ва авлиёи комили ҳарамайни шарафайн Ҳоҷӣ Шайх Шаҳобуддин Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккии шофеимазҳаб аст, ки дар бораи ҳамин мавзӯи мадди назар фармудаанд:

«Бидон, ки туро лозим аст, то аз суханони уламои дар бораи Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ чунин бардошт накунӣ, ки Имом ва ёрони эшон раҳамаллоҳ, аз асҳоби раъй будаанд ва на ин нисбатро барои эшон бипазирӣ, ки эшон раъйи хешро бар суннати Расули акрам /с/ ва ё қавли асҳоби киромашон /р/ муқаддам мегардониданд, зеро ки Имом /р/ ва ёронашон ҳам, аз ин иттиҳом ва ҳам аз он поку мубаррианд.

Ва агар намедонӣ, инак бидон, ки ин ҳақиқат аз тариқи бисёрӣ, аз Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ба субут расида аст, ки эшон ороу андешаҳои фиққии худро аввал аз Қуръон баргирифтаанд ва агар дар Қуръон намеёфтанд, аз Суннат бармегирифтанд ва агар дар Суннат намеёфтанд, пас ба қавли саҳобаи киром руҷӯъ мекарданд ва агар барои саҳоба, дар масъалае аз масоил ихтилофе мебуд, раъйи он саҳобаеро бармегузиданд, ки қавли он ба Қуръон ё Суннат наздиктар мебуд ва ҳаргиз аз доираи аҳволи саҳоба берун намерафтанд.

Ва агар барои ҳеҷ як аз саҳобаи киром /р/, дар масъалаи мадди назарашон сухане ва ё ишорате намеёфтанд, дар ин ҷо буд, ки қавли яке аз тобиъинро намегирифтанд, балки худ иҷтиҳод мегирифтанд, чунонки тобиъин иҷтиҳод кардаанд, зеро Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ худ аз зубдагони тобиъин буданд.

Фазил ибни Аёз /р/ гуфтааст:-Агар чунончи дар як масъала ҳадиси саҳеҳе вуҷуд медошт, Имом Абӯҳанифа раҳамаллоҳ, аз он пайравӣ мекарданд, ё агар қавле аз саҳоба ва тобиъин вуҷуд медошт, аз он пайравӣ менамуданд ва дар ғайри он қиёс /такя

ба далели ақлӣ-С.Б.Б/ менамуданд ва ба беҳтарин ва накӯтарин вачҳе, асли қиёсро ба кор мегирифтанд.

Ва низ аз Имом Абӯҳанифа /раҳамаллоҳ/ дар ривояте мустанад нақл шудааст, ки фармуд: «-Чун ҳадис ба сиҳҳат расид, пас ҳамон мазҳаби ман аст». Ва Ибни Муборак /р/ мегӯяд:-Ва ривояте дорем, аз Имом Абӯҳанифа раҳамаллоҳ, ки фармуд: «-Чун ҳадиси Русули Худо /с/, ба миён омад, пас бар сару чашм! Ва чун аз саҳобаи киром ривояте омад, аз миёни ороу аҳволашон /қавли эшон/ якеро интихоб мекунем ва ҳаргиз аз ақволи эшон берун намеравем, аммо чун аз тобиъин қавле ба миён омад, бо эшон вориди майдон мешавем».

Низ аз Ибни Муборак /р/ нақл шудааст, ки гуфт:-Тааҷҷуб аст, барои мардум, ки мегӯянд, Имом Абӯҳанифа раҳамаллоҳ, ба раъй фатво дода, дар ҳоле, ки ҷуз ба Ҳадис ва ривоят фатво надодааст.

Ва низ аз Имом Абӯҳанифа раҳамаллоҳ нақл шудааст, ки фармуд: «-Барои аҳаде ҷавоз надорад, ки раъйи худро дар паҳлӯи китоби Худои таъоло ва ё суннати Расулуллоҳ /с/ ва ё саҳобаи киром тамассук қарор диҳад ва аммо он чи, ки саҳобаи киром, дар он ихтилоф намудаанд, пас аз миёни ақволи эшон, наздиктарини эшон, наздиктарини он, ба китоби Худои мутаъол ё ба Суннати мутаҳҳараи Набии акрам /с/-ро ихтиёр мекунем ва дар ин ҷиҳат иҷтиҳоду кӯшиш менамоем ва он чи, ки аз ин доира гузашт, пас иҷтиҳод ба раъй ҳаққи касоне аст, ки ихтилофи дар як масъаларо аз ҷанбаҳои мухталифи он баррасӣ карда ва сипас қиёс мекунанд».

Ибни Муборак /р/ мегӯянд:-Имом /Абӯҳанифа раҳамаллоҳ/ ва ёронаш ба ин усул мутамассук буданд. Ва Имом Музаннӣ /р/ мегӯяд:-Аз Имом Идрис ибни Абдуллоҳи Шофеъӣ /муассиси мазҳаби шофеия/ раҳамаллоҳ, ба гӯши худ

www.kitobam.com

шунидам, ки фармуд: «-Мардуми олам дар қиёс резахӯри хони пурфайзу эҳсони Абӯҳанифа /р/ ва оилаи ваянд».

Ва ба далели диққати қиёсҳои мазҳаби эшон буд, ки Имом Музаннӣ /р/ дар суханони эшон бисёр тааммул ва ба орои эшон муроҷиаву назар мекард, то бадон ҷо, ки ин кори бародарзодааш Имом Таҳовӣ /р/-ро бар он дошт, то аз мазҳаби шофеъӣ, ба мазҳаби Имоми ҳумом Абӯҳанифа /р/ мунтақал гардад, чунонки Таҳовӣ /р/ худ ба сароҳат ин рӯйдодро таъкид кардааст.

Ҳасан ибни Солеҳ /р/ мегӯяд:-Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ сахт аз носиху мансух тафаҳҳус мекард ва комилан ба ривоёти ҳадиси аҳли Кӯфа ошно буд ва пайрави сарсахти он аҳодисе буд, ки аз ҳиффози ҳадис ба аҳолии шаҳраш-Кӯфа мерасид.

Марде аз Имом /Абӯҳанифа раҳамуллоҳ/ шунид, ки масъаларо бар масъалаи дигаре қиёс менамояд, пас фарёд кашид:-Ин муқоисаро канор бигзоред, ки аввалин қиёскунанда Иблис ъалайҳилаъна буд. Имом /Абӯҳанифа раҳамуллоҳ/ ба сӯи вай рӯ оварда фармуд:

«-Шумо суханро дар ғайри ҷойгоҳи он қарор додед, Иблис ъалайҳилаъна бо қиёси худ фармони Худои Таъолоро рад кард, чунонки Ӯ таъоло ҷалла ҷалолаҳу худ, дар китоби хеш хабар дода ва бо ин кор кофир гардид, он Иблис ъалайҳилаъна. Аммо қиёси мо пайравии амри Худои таъоло аст, зеро ки мо ин қиёсро ба китоби Худои таъоло /Қуръони Маҷид/ ва Суннати паёмбараш /с/, ё ақволи ҳамаи асҳоби киром вай /с/ ва тобиъин /р/ бармегардонем, лизо мо бар мадору меҳвари атбоъ мечархем, пас чӣ гуна мешавад, ки бо Иблис ъалайҳилаъна баробар бошем?!»

Ин буд, ки он мард дармонд ва гуфт: «-Ғалат кардам ва тавба мекунам. Худои ъазза ва ҷалл қалбатро мунаввар гардонад, чунонки қалбамро мунаввар сохтӣ».

Ва низ аз Имом /Абӯҳанифа раҳамуллоҳ/ нақл шудааст, ки доиман ба таъкид мегуфт: «-Ин мазҳабе, ки мо бар он ҳастем раъйе аст, ки ҳеҷ касеро бар пазириши он маҷбур намекунем ва намегӯем, ки бар аҳаде қабули он воҷиб аст, пас ҳар кас назди хеш беҳтар аз онро дорад, онро биёварад, то аз вай бипазирем».

Муттаасифона, дар он асре, ки Ҳазрати Имоми Аъзам раҳамуялоҳ мезистанду фаъолият доштанд, касе ҷуръат намекард, ки масъалаеро пеш гузорад ва онро ҳаллу фасл намояд ва онро ба уммат баён дорад, ки ҳам ба китоби Худо ва ҳам ба Суннати Расулуллоҳ саломуллоҳу алайҳ ва ҳам ба асҳоби кирому тобиъин разиаллоҳ ва иҷтиҳоди ёрони Имоми Аъзам раҳамуллоҳ рост ояд, зеро ки дониши эшон ба он дараҷае набуд, ки тобу тавони нури пурфутӯҳи афкору андешаи «Чароғи уммат» ва мазҳаби муҳаззаби он Имоми ҳумом ва ёронашро дошта бошад. Возеҳтар ин, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа разиаллоҳу анҳум моҳи тобони шаръу миллат ва дину давлат буданду дигар ҳама ситорагони гирди ӯ. Ва ба қавли Имом Шофеъӣ раҳамуллоҳ: «-Ҳама уламо дар фиқҳ резахӯри хони Абӯҳанифа раҳамуллоҳ ҳастанд»,-Сайид Бурҳониддин/. Ва Ибни Ҳазм /р/ мегӯяд: «-Тамоми ёрони Абӯҳанифа /р/ бар онанд, ки мазҳаби вай ин буд, ки:-Ҳадиси заиф бар қиёс авло аст» 62, 59-61.

... Тибқи маълумоти маҳаққиқон, тамоми ақоиду таълимоти Абӯҳанифаро шогирдонаш Абӯюсуфи Яъқуб ибни Муҳаммади Қозӣ, Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбони, писараш Ҳаммод ибни Абӯҳанифа, Зуфар ибни Ҳузайл, Абдулмуайяди Балхӣ, Мотаридии Самарқандӣ, Абӯмутеъи Балхӣ, Абӯмуқотили Самарқандӣ ва набераҳояш Исмоил ва Иброҳим ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа, Абӯлайси Самарқандӣ ҷамъоварӣ намудаанд.

www.kitobam.com

Ҳанафиёнро чуноне, ки зикр шуд, маъмулан асҳоби раъй низ меноманд. Онҳо ба қиёс аҳамияти махсус медоданд /яъне, дар он ҳангом, ки барои тафсири оят ва ҳадис мушкил пеш ояд/. Абӯҳанифа /р/ қиёси ҷаҳриву хуфия ва истинботи маънои аҳкомро беҳтарин роҳи ҳалли масоили динию шаръӣ ва ҳуқуқӣ пиндошта, таъкид кардааст, ки «раъй беҳтарин умури мақдура мебошад». Вақте ки мӯътазилиён илми каломро бунёд гузоштанд, ҳар фирқаи ба он муқобил мехост, ки бо он мухолифат варзад ва аҳкоми асосии онро рад намояд. Дар чунин шароити тезу тунди ғоявӣ, Ҳанафия зуҳӯр кард ва ба таблиғи ақоиди худ пардохт. Он пеш аз ҳама усули истеҳсонро истифода бурд, ки мувофиқи он зимни истифода аз қиёс ва ду хулосаи имконӣ, ҳамонашро истифода мебурданд, ки барои уммату ҷамоат мувофиқ бошад. Масалан, дар Қуръон, ҳадис, дар бораи дуздии пинҳонӣ, ҷазо муайян карда шудааст, вале роҷеъ ба роҳзанӣ, ки дуздии рӯи рост аст, чизе дар онҳо зикр нашудааст, Ҳанафиён аз рӯи истеҳсон амал карда, ҷазои барои дуздӣ муайяншударо барои роҳзанӣ, низ истифода мебурданд.

Ҷиҳати ҷолиби таълимоти ҳанафиён аз он иборат аст, ки онҳо ба ғайр аз ҳуқуқи динӣ, ҳукуқи дунявиро низ истифода мебаранд, мебурданд ва ба урфу одат ва русуми неки халқҳо, ки то интишори дини Ислом, дар маҳалҳо ҷорӣ буданд, аҳамияти махсус медоданд ва медиҳанд. Чунин рафтори пайравони Ҳанафия мувофиқи салиқаи мардуми таҳҷоиву ҳокимони маҳаллӣ буд ва боиси зуд интишор ёфтани Ҳанафия, дар байни халқҳои аҷамӣ гардид.

Ҳанафия костию фузӯнии имонро намепазируфт ва намепазирад. Худоро аз азал ягона ва холиқу розиқ медонисту медонад, ки роҷеъ ба калом мавқеъи муайяне надошт, зеро онро гоҳ қадим ва гоҳ муқаддас мешуморид ва мешуморад. Қуръонро каломи азалӣ меҳисобид ва меҳисобад, пайравонаш

худро мӯъмин шуморида, имонро тасдиқ бо қалбу иқрор ба забон мепиндоштанд ва мепиндоранд, ва ба намояндагони дигар динҳо муносибати бетарафона доштанд ва доранд.

Дар аҳди хилофати Аббосӣ, Ҳанафия нуфӯзи зиёд пайдо кард. Минбаъд дар давраи ҳукумронии туркҳои усмонӣ, низ аксари дастгоҳҳои қазоват, таълимоти Ҳанафиро кор мефармуданд, масъалаҳои шаръӣ, бо роҳи иҷмоъву қиёс ҳал мешуд. Пас аз вафоти Абӯҳанифа, Абӯюсуфи Яъқуб /731-804/ дар «Китоб-ул-хироҷ», Муҳаммади Шайбонӣ /749-805/ дар «Ҷомеъ-ул-сағир», Хуросонӣ дар «Ҷомеъ-ул-румуз», Қудурӣ дар «Ал-мухтасар», Мотаридӣ /вафоташ 944/, Имомон Иброҳим ва Исмоил ибни Ҳаммод ибни Абӯҳанифа /р/, Имом Зуфар ибни Ҳузайл, Абӯмутеъи Балхӣ, Абӯлайси Самарқандӣ, Абӯмуқотили Ҳанафӣ ва дигарон таълимоти Ҳанафиро инкишоф додаанд. Бӯрҳониддин Алӣ ибни Абӯбакри Марғиёнӣ/ ки аз тоҷикони Фарғона аст/ яке аз уламои машҳури мазҳаби ҳанафӣ буд. «Ҳидоя»-и ӯ маҷмӯи муҳими қонунҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Дар- асри XVI «Мутлақ-ул-ахбор» тамоми қонунҳои ҳукуқии мусулмонони ҳанафиро гирд оварда ва минбаъд он дастури асосии қозиёну муфтиёни ҳанафӣ гардид. 53. 195-196.

... Аз замони Ҳазрати Паёмбари гиромӣ /с/ то ба ин дам, зиёда аз 1400 сол гузаштааст ва дар давоми чаҳордаҳ аср, дар байни мусалмонони рӯи олам анқариб 73 мазҳабу равия ва фирқаҳои гуногуни динӣ, ба вуҷуд омадаанд, вале бузургмазҳаб-мазҳаби муҳаззаби «Сироҷи умам-Имоми Аъзам» /р/-ҳанафия ягона мазҳабест ва тариқатест, ки аз ҷиҳати моҳияти динӣ, фалсафӣ, маънавӣ, эстетикӣ, тачрибавию ахлоқӣ, адлу адолатпарварӣ ва башардӯстӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ, назар ба ҳамаи мазоҳибу фирқаҳои Ислом бартарияти томеро доро аст. Зеро, ки муассиси ин мазҳаби софитару сернуфӯз, фақеҳи кабиру имоми шаҳир, сироҷи

www.kitobam.com

умам, аз зумраи тобиъини муъаззам ва авлову афзали муҷтаҳиддин ва авлиёаллоҳ Ҳазрати Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ /р/ аст. Ҳар касе, ки бар ин тариқат аст, роҳаш мунаввар аст зеро, ки муршид ва имоми ин мазҳаб донои давру замон «Чароғи уммат»-Ҳазрати Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит /р/ аст. Возеҳтар ин/ ки ӯ тарбиятдиҳанда, роҳнамо ва пешбарандаи одилу басо солеҳ ва мӯъмини умматони Ҳазрати Муҳаммад /с/ аст. Мазҳаби Ҳанафия аз замони таъсисаш сар карда, дар партави Қуръон ва Ҳадис ба тадриҷ обрӯю эътибор пайдо кардан гирифт. Дар Хуросон аз асри IX сар карда ҳанафиён мутобиқан, ба шароитҳои маҳал системаи ҳуқуқии истифодаи обро таҳия карданд. Ҳанафиён, дар Мағриб низ аз асри XI сар карда, мавқеи намоёнро ишғол карданд:-дар Ситсилиё /Итолиё/ дар Анатолиё, Балкан, Қафқози Шимолӣ, қисматҳои Причерноморе ва Поволжаи Русия ва дар бисёре аз ҷамоҳири марзи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ғайра онҳо мавқеи идоракунандаро доштанд. Бо таназзули хилофати Аббосӣ, мазҳаби ҳанафия мавқеи пештараи худро аз даст дод. Вале дар империяи Усмонӣ /Туркия/ ҳанафия мазҳаби ҳукумату давлат эълон гардид. Агар қозӣ ё муфтӣ намояндаи мазҳаби дигар бошанд ҳам, ҳукми фатворо тибқи фиқҳ /ҳуқуқ/-и ҳанафӣ мебаровардand.

Барои зуд густариш ёфтан ва инкишофи бомуваффақияти ҳуқуқи ҳанафӣ, тааммулпазирии нисбии динии ҳанафиён, ба ғайрандешон ва истифодаи васеи ҳуқуқи оддии маҳаллӣ /урфу одат, русуми неки қавму қабилагӣ/, ки то пайдоиши дини Ислом вуҷуд доштаанд, мусоидат намуданд. Дар натиҷа ҳанафияро мардуми кӯҳнишин ва саҳроӣ /суғдиён, яъне, яғнобиён, язғуломиҳои бадахшӣ халқиятҳои турк ва баъзе аз курдҳову тамоми паштуҳои эрониасл ва ғайра бо камоли майл қабул карда, зимнан таомули хешро нигоҳ доштанд. Ғайр аз ин ҳанафиён нисбат ба яҳудиёну масеҳиён ҳисси

бадбинона надоштанду надоранд ва дар масоили ҳуқуқӣ, гоҳо раъй ва қиёсро васеъ истифода мебурданд (баъди Қуръон ва Ҳадис)...

Дар замоне, ки Имоми муаззам Абӯҳанифа /р/ дар қайди ҳаёт буданд, ба ҳазрати эшон ҳама бо лутфу марҳамати хоса муносибат мекарданд, зеро ки Имоми Аъзам /р/ донойи замон ва ягонаи асри худ буданд ва дар тақво ҳам, назири эшон шайхеро ё фақеҳеро ё муваҳҳидеро дарёфтан амри муҳол буд. Имоми Аъзам /р/ ҳамчун дигар шайху урафо дур аз мардум, дар кӯҳу камар ва чиллахонаҳои тангу тор, ба ибодат ва тақвияти ҷисму рӯҳи хеш, яъне, тазкияи ботин машғул набуд ва нашуд. Балки ӯ шайх сӯфӣ ва фақеҳи шуҷоъ буд, ки кулли мардумро ба ибодат даъват мекард ва ононро ба зиндагӣ дилгарм намуда, усулҳои ибодат ва зиндагиву роҳати онро меомӯзонд ва қатъӣ таъкид мекард, ки дар Ислом беҳтарин ибодат ин адои намози панҷвақтаи бо ҷамоат ва доштани рӯза мебошад. Зиндагии пурҳикмати Имоми Аъзам /р/ худ як намунаи олии Худошиносӣ, инсоншиносӣ, хештаншиносӣ, ибодат ва зиндагидорӣ, барои кулли муридон ва пайравонаш буду ҳаст. Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ амали басе хайру саршори борони раҳмати Худовандиро барпо сохтаву барои имрӯзиён дастур гузошта, ки онро танҳо паёмбарон қодиранд, ки ба инсонҳо, яъне, ба умматони худ барпо созанд, яъне, намози ҷамоъаро, ки Ислом дар ҷамоъа нумӯъ мекунад ва бақо дорад...

«Тақрибан то ба даврони ҳукумати хилофати Халифа Маъмун кулли мусалмонон худро ҳанафӣ меҳисобиданд, ки баъдан ҷои «вожа»-и «ҳанафӣ»-ро гунаи ҳаммаънову муродиф ва ҳаммазмуни ин калима, вожаи «муслим», «таслимшуда»-ба Худо додашуда, яъне, мусалмон гирифт» /ва ойини ҷовидонаву барҳақ, бо номи Ислом ба вуҷуд омад. С.Б.Б./ 32., 104-111.

www.kitobam.com

Дар «Тазкират-ул-авлиёъ»-и Шайх Фаридуддини Аттор, дар маноқиби Ҳазрати Имом Абӯҳанифа /р/ омада: «-Абӯҳанифа ҳар шаб сесад ракаъат намоз мекард. Рӯзе зане бо зане мегузашт. Аз он ду яке гуфт: «-Ин мард Абӯҳанифа аст, ки ҳар шаб понсад ракаъат намоз мегузорад».

Абӯҳанифа он шунид ва ният кард, ки «-Баъд аз ин, дар ҳар шабе понсад ракаъат намоз мегузорам, то гумони эшон рост шавад».

Рӯзи дигар мегузашт /Абӯҳанифа/, ки кӯдакон бо ҳамдигар гуфтанд: «-Ин мард, ки меравад, ҳар шаб ҳазор ракаъат намоз мегузорад». Абӯҳанифа гуфт: «-Ният кардам, ки ҳар шаб ҳазор ракаъат намоз хонам /гузорам/. Рӯзи дигар шогирде ба вай гуфт: «Мардум мегӯянд, ки Абӯҳанифа шаб намехобад».

Гуфт: «-Ният кардам, ки дигар шаб намехуспам».

Гуфт: «-Чаро».

Гуфт: «-Бисёр бандагонанд, ки дӯст доранд эшонро бо коре, ки накардаанд, ёд кунанд. Ман барои ин ки аз он қавму тоифа набошам, дигар паҳлӯ ба замин намегузорам. 30., 26.

Боз омада: «Рӯзе дар гармоба буд Абӯҳанифа. Якеро бе зерҷома /таҳпӯшак/ дид. Баъзе гуфтанд: -Ӯ фосиқ аст. Ва баъзе гуфтанд: - Ӯ даҳрӣ аст. Абӯҳанифа чашм ба ҳам ниҳод. Он мард гуфт:-Эй имом рӯшноии чашм аз ту кай бозгирифтанд?! Гуфт: /Имом Абӯҳанифа/: «-Аз он гоҳ, ки пӯшиш аз ту бардоштанд. 30, 27.

... Аз умдатарин хусусиятҳои илмиву амалии фақеҳи кабир дар он буд, ки Имом Абӯҳанифа /р/ дар пайравии фақеҳону илоҳиётшиносони Мадинаи мунаввара, Басра ва Кӯфа усули фиқҳро пурра эътироф намуда, қиёсро хеле такмил дод ва дар амал онро ба таври васеъ истифода мекард. Ӯ дар заминаи қиёс усули истеҳсонро /қарору фатвои қозӣ, дар асоси бовории шахсӣ/ танзим ва ҷорӣ кард. Имом Абӯҳанифа /р/ дар ин ақида буд, ки ҳар як мурофиъа анҷоми нек дошта

бошад ё аққалан бадӣ наоварад. Қозӣ ҳамеша бояд дар рафти мурофиъа расму таомул, одат ва шароити зиндагии ҷамоаи мушаххасро ба эътибор гирад ва ба иззати нафси фард нарасад. Оре, ин тарзи мурофиъа беҳтарин ва одилтарин усули кори қозиёт аст, ки имрӯз бо ин усул дар бисёре аз мамолики мутараққии ҷаҳон корҳои мурофиавӣ доир карда мешаванд, ки назария ва амалияи онро бошад 1310 сол қабл аз мо, нахустин бор фақеҳи кабир Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ муайян ва дар амал нишон додааст.

Мувофиқи таълимоти Имом Абӯҳанифа /р/ ҳама аъзоёни ҷомеа, новобаста аз вазъи иҷтимоию сиёсиашон, баробарҳуқуқанд /яъне, ҳама инсон ва бандаи Худоянд/ фарди озодро хилофи иродаю хоҳишаш ба коре ё амале маҷбур сохтан раво нест, ки ин хилофи Қуръони Маҷид ва хилофи таълимоти Расулуллоҳ /с/ аст ва сар тофтан, аз амри Худованд ва тарки амри Паёмбар /с/ кофирист. Амали иҷборӣ, ғайриқонунист ва шахси таъзиқоваранда бояд ба ҷавобгарии амалӣ ё ахлоқӣ кашида шавад. Фақеҳ бе ҳеҷ ваҷҳ набояд амали ғайриқонунии шахси мутасаддӣ ё мансабдорро ҳақ барорад.

Фақеҳ бояд пок бошад, яъне, одил, на ин ки порахӯр ва ришвахӯр (мисли имрӯза баъзе қозиҳову милисаҳо, муфаттишҳо, прокурорҳо ва ғайра), ки ришвахӯрӣ ин лошахӯрист, яъне, ҳароми ҳаром. Имом Абӯҳанифа /р/ аслан зидди ғуломдорӣ, бардадорӣ баромад карда, ғуломро низ соҳибҳуқуқ ва аз ғуломӣ озод кардани ғуломро бошад, амали инсонпарварӣ ва башардӯстӣ медонист. Маҳз ҳамин нукот боиси ривоҷу интишори васеъи таълимоти мазҳаби Имом Абӯҳанифа /р/ ибни Собит ва ноил гаштани ӯ ба унвони оливу мӯътабар ва ифтихории «Имоми Аъзам» гардидааст.

... Чуноне, ки қаблан зикр гардид, дар ибтидо, Имом Абӯҳанифа /р/ ба илми «усули дин» ва ё «калом» машғул буда ва бо бисёре аз уламои замонаш баҳсҳо кардааст. Нақл аст, ки

www.kitobam.com

барои радду ибтоли интиқолҳо ва шубҳаҳое, ки нисбат ба шариати ғурройи Муҳаммадия /с/ ҷой дошт, 27 маротиба вориди Басра шуда, бо шахсиятҳое чун Ҷаҳм ибни Сафвон, бо мӯътазила ва хаворич ва рофизиёни тундраву качрав зиёд баҳсу мунозираҳо кардааст. Вале баъдан, бо сабабе ба омӯзиши фиқҳ мепардозад ва ба ҳалқаи шогирдони фақеҳи бузурги асри худ Ҳаммод ибни Абӯсулаймон /р/ мепайвандад. Имом Абӯҳанифа то вафоти устодаш Ҳаммоди Фақеҳ /р/аз шогирдони мумтоз ва басо содиқи ӯ буд ва баъд аз вафоти устодаш низ идомадиҳандаи кори ӯ ва толиби мағфирати илоҳӣ, ба ӯ дар намозу ибодат будааст, ки ин олитарин нишонаи сипосгузористу эҳтироми устод.

«Абӯҳанифа /р/ дар асари ошноӣ, бо илми калом ва баҳсу мунозира бо намояндагони гуногуни ин мактаб, дар фанни «ҷадал» ва «мунозира» маҳорати комил ёфта буд /Чаро? Аз ин хотир, ки аксар вақт дар баҳсу мунокишаҳо Имом Абӯҳанифа /р/ ҳақ мебаромад ва дурӯғу таҳрифҳо ва асноду далел ва аҳодиси худбофтаву худсохтаи мачҳули эшонро фош мекард-С.Б.Б/. Ӯ /яъне Имом Абӯҳанифа/ маҳорати ҷадал ва усули мунозироти хешро дар илми фиқҳ /ки аз мушкилтарин илми илоҳиётшиносӣ буда, дар боби аҳкоми назарӣ ва амалии шариати Ислом, дар асоси манобеъ ва далойили тафсилӣ баҳс мекунад. С.Б.Б./ ба кор андохт ва бар хилофи асҳоби Ҳадис андеша ва истидлолоти ақлиро дар фиқҳ ва Ҳадис ба кор бурд ва раъй ва қиёс ва усули истеҳсонро вориди фиқҳ кард то он ҷо, ки мактаби фиқҳии Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ бо унвони «мактаби раъй» ва ё «асҳоби раъй ва қиёс машҳур аст». 18. 75.

«Мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ демократитарин мазҳаби Ислом аст, аз он лиҳоз, ки ӯ илова ба қиёс, истеҳсон ва раъй, ба урфу одати мардум низ такя мекардааст, ки ин боиси дар тамоми ақсойи олам Моваруннаҳру Хуросон, Арабу

Аҷам, Ҳинду Покистон, Қафқоз, Рум, Чин, Русия, Эрон, Индонезия, Нимҷазираи Араб, Африқои Шимолӣ, Туркия ва ғайра паҳн ва интишор гардидани ин мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат шудааст. Мақсад аз истеҳсон, назди Ҳанафиён он аст, ки дар сурати вуҷуди далели қавитар ё ба амал мувофиқат накардани ҳукм, он дар асоси истеҳсон бекор карда мешавад. Аммо урф истода дар ҳукм аз анъана ва суннатҳои маҳаллӣ мебошад. Бо сабаби истифода аз раъй, қиёс ва истеҳсону урф Ҳанафия аз дигар мактабҳои фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоъат ғанитар гардид, ин фиқҳро-«фиқҳи тақдирӣ» /фарзӣ/ низ меноманд». 18. 75.

Дар омади сухан ва мувофиқати баёни матлаб, ба мавзӯи мавриди баҳс, як нуктаро бояд зикр намуд, ки мо ба андешаи он уламое мухолиф ҳастем, ки мегӯянд:-Имом Абӯҳанифа бар хилофи Қуръон ва аҳодиси набавии Расули акрам /с/, яъне далойили нақлӣ, асосан ба далелҳои ақлӣ, яъне, қиёсу раъй ва усули истеҳсон такя намуда, ҳикмат баён кардааст ва бештар бар хилофи Асҳоби Ҳадис амал кардааст, ки ин даъвои эшон ботил буда, комилан нодуруст аст! Чаро, ки бе такя ба Қуръон ва Ҳадис мазҳабе дар дини мубини Ислом, таъсис намудан ҳеҷ номумкин аст ва ҳам ношуданӣ. Имоми Аъзам /р/ аз зумраи ин гуна «уламо» набуд. Мазҳаби Имоми Аъзам – мазҳаби асри Расулуллоҳ (с) аст ва пайрави Қуръону Ҳадис аст.

Барои он ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ он бузурги замон ва абармарди илму ҳикмат ва доиратулмаорифи асри худ, ҳеҷ гоҳ бар зидди афкори саҳеҳи асҳоби Ҳадис ва ғайра ҳикмат баён накардааст. Имоми Аъзам /р/ бо он илму каромоти Илоҳӣ, ки ба ӯ иноят шуда буд, хеле хуб медонист, ки ҳадиси саҳеҳи Расули акрам /с/ кадом аст ва аҳодиси худбофтаву худсохта ва ба Расули гиромӣ /с/ нисбат додаи «уламои» давр кадом аст. Имом Абӯҳанифа, ки худ аз тобиъин буданд, бузургтарин муҳаддаси асри худ буданд... Зеро бе такя ба

www.kitobam.com

Қуръон ва Ҳадис, таъсис додани мазҳаб ҳеҷ мумкин нест! Имоми Аъзам /р/ бо намояндагону пайравони фирқаҳои замони худ аз ҷумла: мурҷиъа, мӯътазила, хориҷӣ, асҳоби ҳадис ва ғайра маҳз дар болои мавзӯи ҳадис мухолифат меварзид.

Чаро? Барои он, ки намояндагони фирқаҳои ибтидоии Ислом, аз ҷумла хаворич, мӯътазила, асҳоби ҳадис ва ғайра ба ҳар роҳ мекӯшиданд, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои ғаразонаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва моддиву маишии худ /мисли имрӯз/ андешаҳои пурғараз ва тафриқандозонаи худро дар қолаби ҳадис тарҳрезӣ намуда, бо ин роҳу усули айёрона, ба худ роҳ кушоянд. Яъне, мисли Абдуллоҳ ибни Саббоҳи Яҳудӣ, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои ниҳонии худ, аз номи Мавло Алӣ /ъ-с/ «ҳадис»-ҳо баён мекард ва ин рафтори ӯ ба он оварда расонид, ки олами Исломро, ки ҳама мӯъмин, аҳли суннату ҷамоат ва пайравони Расули акрам /с/ ва ёрони гиромӣ /р/ ва асҳоб /р/-и Ӯ /с/ буданд, ба ду равия, яъне, шиъа ва суннӣ ҷудо кард ва баъдан хуни ноҳақ рехта шуд ва дар натиҷаи ғалатравӣ ва нофаҳмӣ ва ғаправиву ғафлатравӣ ва ҷаҳолати худи мусалмонон, Имомони муаззам чун Имом Ҳасан (ъ) баъдан Имом Ҳусайн /ъ-с/ ва 76 тан ёрони эшон ва чандинҳазор мӯъминон бе гуноҳ ба шаҳодат расиданд /Илоҳо рӯҳашон шод боду ҷояшон ҷаннатулҷовидон/ ва ин тафриқаи аз ҷониби «мусалмонон»-и аҷнабии дар асл мухолифи Ислом тарҳрезишуда, то ҳол кори худро дар байни фирқаҳову мазоҳиби Ислом карда истодааст, яъне, мӯъминоне ки ҳам /яъне, ҳам шиъиёну ҳам сунниён/ ба Худову Расули Худо ва ба Қуръони карим имон овардаанд, бар хилофи гуфтаи Паёмбари гиромӣ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам /«Мӯъмин бародари мӯъмин аст»/, ба якдигар мисли гург менигаранд, ки ин рафтори ғайриинсонист. Ин дунё барои

касе ҷовидон нест, одам ғанимат аст. Кинаву адоват ҳаром аст…

Чуноне, ки аз тарҷумаи ҳоли Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ равшан мегардад, ӯ дар илми Ҳадис ва ба хусус шинохти Ҳадиси саҳеҳу носаҳеҳ маълумоти кофие доштааст. Бинобар ҳамин ӯ, яъне, Имом Абӯҳанифа /р/ дар таълимоти хеш, дар истифодаи Ҳадис бағоят эҳтиёткор буд ва нағз медонист, ки бори кач ба манзил намерасад ва рӯзе мерасад, ки ҳақ ба ҳақдор мерасад, ӯ чаҳор ҳазор устоди Ҳадис дошт, яъне, Имоми Аъзам /р/.

Бале, бубинед ки имрӯз чӣ миқдори аҳодиси маҷҳулу носаҳеҳро муҳаққиқон /аз замони Имом Бухорӣ то кунун/ ошкор карда баромадаанд ки бардурӯғ, аз номи Расули акрал! /с/ гуфта ва дарҷ шудаанд. Имом Абӯҳанифа /р/ агар эҳтиёткорӣ накарда, ҳар чизи пешомадаи гузаштаро Ҳадис гуфта истифода мекард, пас оқибати таълимоти ӯ ва оқибати мову шумо чи мешуд?

Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ҳарчанд, ки баъди Қуръону Ҳадис ба усули қиёс ва раъю истеҳсон амал карда бошад ҳам, вале аз аввалин қадамҳои хеш, дар роҳи дини Ислом маҳз, ба Қуръон ва Ҳадис такя кардааст ва таълимоти мазҳаби хешро ҳам дар асоси Қуръон ва Суннат, яъне, аҳодиси набавии Расули акрам /с/ тарҳрезӣ кардааст, ки ба барҳаққии он таърихи Ислом, нақлу ривоёти шогирдону ҳамасрони Имоми Аъзам /р/ ва тамоми тазкираҳову асарҳои муҳаққиқони дарунравшану беғараз /ба мисли «Китоб-ул-хироҷ»-и Имом Абӯюсуфи Яъқуб, «Ҷомеъ-ул-сағир»-и Имом Муҳаммади Шайбонӣ, «Эҳё-ал-улум»-и Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, «Ҷомеъ-ур-румуз»-и Имом Хуросонӣ, «Ал-Мухтасар»-и Имом Қудӯрӣ, «Ҳидоя»-и Имом Бурҳониддини Марғелонӣ, «Тазкират-ул-авлиё» ва «Хусравнома»-ҳл Шайх Аттори Валӣ, «Тазкират-ул-машоих», «Махзан-ул-суфаҳо»

www.kitobam.com

барин асарҳо; нигоштаҳои камназири яке аз бузургтарин муҳаққиқи шинохтаи дини Ислом Шайх-ул Ҳинд Аллома Шоҳ Валиюллоҳи Ҳанафии Деҳлавӣ; «Салоти Масъудӣ»-м Шайх Масъуд ибни Маҳмуди Самарқандӣ, нигоштаҳои Убайдуллоҳ ибни Масъуди Тафтазонӣ Тоҷушшаръ/, «Ахбор Абӯҳанифа ва асҳобиҳӣ»-и Алии Саймирӣ, «Имоми Аъзам Абӯҳанифа ва афкори ӯ»-и устоди фозил Иноятуллоҳи Иблоғ, «Маноқиби Имоми Аъзам»-и Аллома Ҳайтамӣ, «Маноқиб-ал-Имом-ал-Аъзам»-и Аллома Шиблии Нӯъмонӣ, «Эҳёи фикри динӣ дар ислом»-и Аллома Иқбол, «Маъдан-ул-ҳол»-и Мавлавӣ Ҷунунӣ, «Имоми Аъзам ва мазҳаби ӯ»-и Муҳаммадсабури Бухорӣ, «Имоми Аъзам /Абӯҳанифа/ кист?»-и муҳаққиқи ҷавони тоҷик Бегиҷон Рустамзода, мақолаи «Ҳазрати Имоми Аъзам» /маҷаллаи «Тоҷикистон» №3-4, 1998/ ва китоби «Аҳвол ва афкори Ҳазрати Имоми Аъзам /р/» (2000)-и аз муаллифи ин сатрҳо /яъне, бандаи фақир Сайид Бурҳониддини Бузургмехр, яъне Тӯраев Бурҳониддин Бузургович/ ва нашри наву такмилёфта ва таҳрирёфтаи китоби ҳозир, аз муаллифи ин китоб Сайид Бурҳониддини Бузургмер – «Аҳвол ва осори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) (2008) китоби зиндагӣ ва осори Имом Абӯҳанифа» (2004) – аз Муҳаммадшариф Ҳиммatзода ва ғайра барин асарҳо ва ғайра, далелу бурҳон ва шаҳодати барҳақ, бар нигоштаҳои боло шуда метавонанд, ки ҳама дар асоси маводи илмии мӯътамад нигошта шудаанд.

Чизи дигар ин, ки агар Имом Абӯҳанифа /р/ зидди афкори саҳеҳи асҳоби ҳадис амал мекарду бе такя, ба Ҳадис, яъне, суннати Расули акрам /с/ фаъолият мекард, ҳеҷ гоҳ байни аҳли суннат ва ҷамоат ба он дараҷае обрӯву эътиборе пайдо намекард, ки ҳоло мазҳаби ӯ онро дорад. Чуноне, ки маълум асту муҳаққиқин ошкор кардаанд, дар олами Ислом, дар байни чаҳор мазоҳиби аҳли суиннат ва ҷамоъат ва дар байни

аимаи бузург ва фуқаҳои барҷастаи аҳли суннат ва ҷамоъат Имом Абӯҳанифа /р/ ҳамчун афзалтарин Имом ва бузургтарин фақеҳ ва «Имоми Аъзам» эътироф шудааст ва мазҳаби ӯ ҳамчун одилтарин ва демократитарин ва башардӯсттарин ва прогрессивитарин мазҳаб шинохта шудааст, ки шаст фиссади аҳли суннат ва ҷамоъат бар ин мазҳабанд. Ва низ /чуноне, ки дар рафти баёни мавзӯъҳо, ба мутолиъаини гиромӣ ошкор гардид/ худи аимаи бузурги аҳли суннат ва ҷамоъат Имом Молик ибни Анас /р/, Имом Шофеъӣ /р/ ва Имом Ҳанбал /р/, ба хубӣ эътироф кардаанд, ки Имом Абӯҳанифа /р/ фарзонаи замону «Чароғи уммат» аст ва мазҳаби Ӯ шойистатарин ва авлотарин мазҳаб, дар равияи аҳли суннат ва ҷамоъат аст, ки аз он бӯи хуши фазилати асри Расулуллоҳ (с) меояд.

Имоми Аъзам /р/ ба номи Худо ва ба ҳаққи нури пурфуруғи файзосову файзбахши ду ҷаҳонии Расули гиромӣ - Муҳаммади Мустафо /с/ савганд хӯрда, ки то зинда аст, дар асоси Қуръон ва Ҳадис, яъне, суннати Паёмбар /с/ амал карда, тири ҳақ ба сӯи ботил мезанад ва ин буд, ки ӯ ҳаёти хешро вақфи ин амали басо хайру саршори савоб кард ва Кохи шариъатро бино кард.

Ва агар ба гуфтаи баъзе муаллифон Имом Абӯҳанифа /р/ ба далойили нақлӣ, яъне, аҳодиси Расуллуллоҳ /с/ тамоман эътибор надода, танҳо аз рӯи такя, ба далелҳои ақлӣ, яъне, қиёс ва раъю истеҳсон амал мекард, ҳеҷ гоҳ таълимоти ӯ ва мазҳаби асосгузоштаи ӯ, дар байни аҳли суннат ва ҷамоъат ва ҳатто дар олами Ислом низ обрӯву эътиборе пайдо намекард ва ҳамчунин бузургтарин фақеҳу «Имоми Аъзам»-и муаззами сӯфии Куфӣ ном намебаровард.

Ва Расули акрам /с/ ҳеҷ гоҳ ягон ҳарфу ҳиҷо ва ҳатто ҳадисе баён накарда, ки пасттар аз ақли умматаш бошад. Чи гуна метавонад, ки муаллими башар, инсони шариф ва

www.kitobam.com

баргузидатарин ва афзалтарини бани башар ва ҷумла анбиёи вал мурсалин, ки дастури асосии Ислом ва роҳнамои башарият, яъне, амрҳои Худованд - Қуръони маҷид ба номи ӯ /с/ ваҳӣ шудааст, ҳикмате ва ё ҳадисе баён намояд, ки дар нерӯи ҳикмати ақлии умматаш ҳеҷ бошад? Наъузубиллоҳ миназзолик! Ҳазрати Расулуллоҳ /с/ афзалтарин ва донотарини башар, дар назди Парвардигор аст.

Ихтилофи назари Имоми Аъзам /р/ нисбат ба таълимоти асҳоби ҳадис ҳам аз он ҷиҳат буд, ки асҳоби ҳадис дар «Муснад» ё худ маҷмӯъи ҳадисҳои худ, ҳадисҳои носаҳеҳро низ ворид сохта буданд, ки уммatро ба мушкилоти диниву мазҳабӣ, рӯ ба рӯ мекард.

Дар замони Имоми Аъзам /р/ маҷмӯи ҳадисҳое монанди «Муснад»-и Абдулмалик - яке аз муҳаддисони машҳури давраи аввали Ислом /ва ҷамъи ҳадисҳои Заҳро/ яке аз мураттибону гирдоварандагони аҳодиси набавӣ, вуҷуд дошта бошад, ҳам вале Имоми Аъзам /р/ дар баёну истифодаи ҳадиси набавӣ, хеле ва хеле эҳтиёткор буд ва ба таҳрифу таъвил роҳ намедод ва бинобар ҳамин, ин рафтори Имом Абӯҳанифа /р/ маънои онро надорад, ки гӯё ӯ далелҳои нақлӣ, яъне, аҳодиси Расуллуллоҳ /с/-ро ба инобат нагирифта, асосан ба далойили ақлӣ, қиёс ва раъю истеҳсон барин усулҳои фиққӣ, такя намуда, асҳоби ҳадисро эътироф намекардааст. Душманони Имоми Аъзам /р/ маҳз дақиққорӣ ва мӯшикофиҳои ӯро, дар омӯхтан ва истифодаи аҳодиси набавӣ /с/-ро дастак ва асосу баҳона карда, ба Имом Абӯҳанифа /р/ тӯҳматҳои бебунёди зиёдеро бор карданд /ва ҳоло ҳам.../

Ва чуноне, ки қаблан ҷо-ҷо дар мувофиқати мавзӯъҳо баён намудем, Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ аз овони ҷавонӣ, ба вазъи масойили каломӣ ва фиққӣ машғул буда, дар ин роҳи басо душвор маҳорату малакаи Худододе доштааст. Ва ҳар ҳикматеро, ки баъди ҳалли масойили мушкили шаръӣ, дар

шоҳидии уламои давр ва муфассирону муҳаддисон ва аҳли ахбор, баён медоштааст, ҳамаро ба ҳайрат меовардааст, ва аз шодии он ҳама такбир мегуфтанд, ки дар ҷавоби такбири аҳли масҷиди Одинаи Кӯфа, тамоми аҳли масоҷиду мадориси шаҳр ва тамоми аҳолии бедормағзи шаҳр такбир мегуфтанд, ки шукри Худо, ки Имоми замон - Абӯҳанифа боз чанд масойили мушкилро ҳал намудааст. Чаро? Барои он, ки ҷавобҳои дар ҳалли масойили мушкили шаръӣ, баёндоштаи Имоми Аъзам /р/ ҳам, дар асоси оёти Қуръон ва ҳам дар асоси ҳадисҳои Ҳазрати Расули акрам /с/ комилан дуруст ва қобили қабули уламову фуқаҳо, яъне, муфассирони Қуръон ва муҳаддисони аҳодиси набавӣ /с/ ва қобили қабули уммат буд.

Ва ҳақ ба ҷониби яке аз муҳаққиқони мазҳаби Имоми Аъзам /р/ мӯҳтарам Мавлавӣ Муҳаммадсабури Бухорӣ аст /эшон дар ин ришта китобе бо унвони «Имоми Аъзам ва мазҳаби ӯ» нигошта, ки соли 1997 аз тарафи Маркази Фарҳанги Исломии Бухоро, ба табъ расидааст/, ки андешаҳое ҷолиб ва хеле бикре барои исботи ҳақ ва ибтоли назариёти уламои мухолифи Имоми Аъзам ва мухолифи мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат амалкунанда, баён дошта шудааст. Аз ҷумла, эшон қайд мекунанд, ки: «-Баъд аз вафоти Ҳазрати Имоми Аъзам (р) бадхоҳону сустимонон ва бадмазҳабон, дар байни пайравони ин мазҳаби ҳақ рахна ворид сохта, парокандагӣ ба амал оварданд ва бо ҳар роҳу восита ақидаҳои Имоми Аъзамро ғалат маънидод мекарданд. Онҳо чунин даъвои ботилро пеш меовардаанд, ки гӯё Имоми Аъзам ба далоили нақлӣ, яъне, аҳодиси Расулуллоҳ (с) эътибор надода, ба далелҳои ақлӣ, яъне, қиёс амал мекардааст. Ва табиист, ки ин амалҳои зишт барқасдона, иғвогароёна ва бо мақсадҳои ҷудоиандозӣ, байни мусулмонон пайдо мегардад. Яке аз хусусиятҳои мазҳаби Имоми Аъзам (р) ин аст, ки Имом ва шогирдонаш ба Қуръон ва Ҳадиси Расули Акрам (с) такя

www.kitobam.com

менамуданд ва хулосаҳои эшон низ мутобиқ ва мувофиқи каломи Ҳақ ва гуфтаҳои Расулуллоҳ (с) аст. Ва барҳақ бисёр таърихнигорон, барои исботи ҳақ будани фикру ақоиди Имоми Аъзам рисолаҳо иншо карда, бо далелҳо ба мардум фаҳмондаанд. Вале мутаассифона, на ҳамаи он китобҳо то ба имрӯз ба мо расидаанд. Дар «Тазкират-ул-Машоих» қайд шудааст, ки: «Абӯҳанифа чун дар шаб дар бистари хоб медаромад, аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт. Чун ба ҷониби рост дароз мекашид, масъалаеро пеш меовард ва ҳангоме мехост ба он ҷавоб бигӯяд, ба ҷониби чапаш мегашт ва бо иноятиХудованд масъала ҳали худро меёфт. Субҳ ба масҷиди Одина рафта, намози бомдод, яъне, «Фаҷр»-ро мегузорид ва дар ҳалқаи илм менишаст, ки муфассирин аз муҳаддисин ҳозир шуда, ба кутуби тафсир ва ҳадис назар мекарданд. Чун ҷавоби Имоми Аъзам (р) тибқи оят ва ҳадис дуруст мебаромад, дар қалби мубораки Ҳазрати Имом (р) аз шодии он алангаю туғён ба амал меомад, ки забонаҳои он то ба андешаву лисони мубораки ӯ мерасид ва бо вуҷуди пурҳаяҷону рухсори лолагуну нурафшон, беихтиёр ангушти ишорати худ боло мекард ва бо овози ниҳоят баланду гуворо такбир, яъне: Аллоҳу Акбар-Аллоҳу Акбар, Ло-Илоҳа иллаллоҳу валлоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар валиллоҳилҳамд» мегуфт. Ҳозирин низ ҳамроҳи вай бо як овоз такбир мегуфтанд. Ин такбири эшонро мардумон дар мадорису бозорҳо шунида, такбир мегуфтанд ва ба ҳамин тартиб садои такбир, дар тамоми шаҳр чун амвоҷи пурталотум паҳн мегардид ва ин садои гӯшнавози такбир, ба мардум иттилоъ медод, ки Имоми Аъзам (р) масъалае баён карда ва ҷавобашро тибқи Қуръон ва Ҳадис ҳал намудааст, ки муфассирин, қориёни Каломуллоҳ ва муҳаддисини нуктадону нуктасанҷ ва басо мӯшикоф, дар дурустии он мувофиқат кардаанд.

Ширкаткунандагони доимӣ, дар маҷлиси Абӯҳанифа (р) уламо ва кубарои шинохтаи Ислом, монанди устодаш Ҳаммод, Абдуллоҳ ибни Муборак, Имом Ҷаъфари Содиқ (р) Вақиъ ибни Ҷарроҳ, Абӯюсуфи Яъқуб, Муҳамад ибни Ҳасани Сӯфёни Саврӣ, Довуди Тоӣ, Ибни Мусаъар, Фузайл, ибни Айёз, Иброҳими Адҳам, Зуфар ибни Ҳузайл, Абӯмутеъи Балхӣ, Абӯмуқотили Самарқандӣ, Ҳаммод ибни Абӯҳанифа, Имом Малик Ибни Анас – Ал-Асбаҳӣ ва даҳҳо дигарон буданд» 79-6.

Бале, Имоми Аъзам (р), ки аз ҳафтсолагӣ, ба шунидан ва омӯзиши ҳадисҳои малакутӣ ва алфози мубораки Расули Акрам(с) майлу рағбати беандозае дошт ва низ дар илми Ҳадис ва маънидоди онҳо маҳорати аҷибе дошт, дар вақти тадрис ва ҳини баёни ҳикмат ва масойили шаръӣ ба шогирдон мудом, дар баробари ояи шарифи Қуръони Карим, аз аҳодиси набавии Расули Акрам (с) низ мисол меовард. Ва шогирдони худро таъкид менамуд, ки дар кори худ мудом ба дастуроти сарчашмаҳои мӯътамаду мӯътабар, яъне, Қуръон ва Ҳадисҳои саҳеҳи Рисолатпаноҳ Ҳазрати Муҳаммад (с) такя намоянд, ки мактаби онҳо (яъне, мазҳаби ҳанафия) маҳз дар асоси ин ду сарчашмаи мӯътабар ва басо раҳнамо таъсис ёфтааст, ки бо номи мадраса ё худ мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат шӯҳрат дорад. Ва нақл аст, ки Имоми Аъзам (р) дар лаҳзаҳои вопасини умри худ ҳам, ки дар натиҷаи лату кӯбҳои ваҳшиёнаи иддае аз худобехабарон ҷисми муборакаш басо абгор ва сиёҳу хуншор гашта буд, мудом фикру хаёлаш ба тақдири ояндаи умматони Паёмбари гиромӣ (с)-аш, яъне, ба қисмати буду боши пайравони мазҳабаш (ҳанафиёни бедордил банд будааст бас, ки гуфта:

«-Ёрони ман, шумоён, ки ҳама аллакай доноёни замонед, дар роҳи худ устувор ва собитқадам бошед ва мардона ба пеш қадам занед ба пулу моли ҳароми бегонагон дода шуда, дину

www.kitobam.com

мазҳаби худро нафурӯшед ва бо тири Ҳақ ботилро ҳадафи худ қарор диҳед ва бе ибову бе тарс онро ба нишон гиред зеро, ки ёри босафойи Паёмбари гиромӣ (с) Мавло Алӣ (р) низ фармуда, ки:-Бузургтарин гуноҳ тарс аст». Пас мо бояд аз аҳли бидъат наҳаросем зеро, ки роҳи пешгирифтаи мо роҳи ҳақиқат, яъне, роҳи шариат, роҳи тариқат ва роҳу расидан ба ҳамаи мақсадҳои неки инсонӣ аст. Огоҳ бошед, ки мо бо иродаи Парвардигор барои посу пойдории шариъати ғурро ва эҳтирому эҳёи ойину суннати беҳтарин авлоди одам ва Хоҷаи Тоҳову Ёсин, яъне, пайғамбари барҳақи охируззамон Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ба майдони мубориза омадаем. Ёрони ман, пас чун шамъ бисӯзед то, ки бисозед ва бисӯзед то ки роҳи ҳазорон умматони Паёмбари гиромиамон (с) ва роҳи пайравони мӯъмин ва солеҳи худро мунаввар бо нури Қуръон ва Аҳодис гардонед, ки Биҳишти анбарсиришт муштоқи дидори чунин мардони Худост».

«Дар давоми тақрибан чаҳордаҳ асри гузашта, садҳо муҷтаҳиддин ва уламои шинохтаи Ислом, аз мазҳаби Имоми Аъзам (р) пайравӣ кардаанд. Дар асри ХХ-и мелодӣ баъзе муғризин ва бадмазҳабон мисли имрӯза тӯдаҳои зархарид ва мазҳабфурӯш тавонистанд, баъзе парокандагиҳо ва гурӯҳбозиҳоро дар дохили мазҳаб ба вуҷуд биёваранд. Ин ашхос бехирадоне мебошанд, ки аз ҳақиқати мазҳаб бехабаранд ва ё ходимони яҳуд ва насороянд, ки ба ин тариқа мехоҳанд тафриқагароӣ ва гурӯҳбозиро бештар бисозанд ва қуввату қудрати мусулмононро аз байн бубаранд (ва ба ҷои он як ҷомеаи ваҳшии одамхӯри луччаку урён ва фоҳишону майхорагон ва рибоъхорону риёъкорон ва аз Худо мункиронро бисозанд ва боз масоҷиди дини ҳақро ба анбори ғаллаву чизҳои дигар табдил диҳанд, вале Худо қодир аст, дер ё зуд мушрикон ва кофарон ва кару кӯрон ва шоҳҷорӯбришону шортикпӯшон, он сияҳрӯзиҳоеро хоҳанд

дид, ки онро қавми Лут пайғамбар (ъ-м) дида ва чашида буд ва ҳама песу махав хоҳанд шуд-С.Б.Б)... Эшон чунин иғворо ба роҳ меандозанд, ки гӯё Имоми Аъзам (р) ба далоили нақлӣ, яъне, аҳодиси Расулуллоҳ (с) эътибор надода, балки ба далелҳои ақлӣ, яъне, қиёс амал мекардааст. Ба ин зуъми фосид Имоми Аъзам (р) ва ёронашро, ки дар тамаддуни исломӣ назирашонро нахоҳем ёфт, чуноне дар фарҳанги «Амид» мазкур аст, танҳо асҳоби раъй, яъне, қиёс мегӯянд. (Суоле пеш меояд, ки пас он тӯдае, ки худро асҳоби ҳадис ва ё амалкунандагони басо ва басо тундрав, дар Суннати Расулуллоҳ (с) медонанду меҳисобанду мепиндоранду доим таън ба Имоми Аъзам (р) ва мазҳаби муҳҳазаби ӯ мезананд (мисли имрӯза фирқаҳои ғаппариши яҳудиҳоди долларпарасти динфурӯшу мазҳабфурӯш) худ чӣ коре шоиста ва басо олӣ, дар роҳи Худо, яъне, дини мубини Ислом кардаанд, ки мақбултар ва писандидатар, аз хидматҳо ва заҳамоти Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва ёронашон бошад, ки мо битавонем бадон равия амал кунем? Ба Худо савганд, ки яке аз шоистатарин инсони комил ва орифу сӯфии вораста ва Имоми барҳақ ва муҷтаҳиди воқеӣ ва уммати солеҳи Расулуллоҳ (с) ва бунёдгузори нахустин бинои фиқҳи шариати ғуррои Муҳаммадия (с), ҳамоно Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)-и аслан тоҷикзабон ва ёронаш аст, баъд аз асҳоби кирому акобири мутааххирин, ки ҳаёти хешро саропо вақфу сарфи пойдории ин дини мубин ва эҳёи Суннати Расули Акрам (с) кардаанд. Ва дигар уламое, ки баъди ин «Чароғи уммат» зуҳур кардаанду мекунанд, ба гуфтаи Имом Шофеъӣ (р); «Аёли Абӯҳанифаанд»-у резахӯрони хони нахустолими барҷастаи илми фиқҳ-Имоми Аъзам Абӯҳанифа. Чизи дигар ин аст, ки вақте дар хилофати мутамаркази (Бағдод) исломӣ ҷангҳои нафсонӣ мерафт, ҳанафиён лоҷарам Бухороро марказу пойгоҳи Ислом қарор доданд. Ва ба шарофати мазҳаби

www.kitobam.com

Имоми Аъзам ва дастгирии Оли Сомон Бухоро – «Бухорои Шариф» гардид, ки ҳама ҳасад мебурданд.

Алӣ Қорӣ, ба хотири огоҳ сохтани ин бехирадон дар «Муснади Имоми Аъзам» мегӯяд: «Бадеҳист, ки касе илми Қуръон ва Ҳадисро фаро нагирифта бошад, имоми уммат буданашро тасаввур карда намешавад ва фуқаҳо (чуноне Имом Шофеъӣ иқрор кардаанд) айёли ӯ нахоҳанд буд!»

Баъзе кӯрдилон адовати худро ба Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)бо чунин калимоти маккорона ва зоҳиран зебо пардапӯш карда мегӯянд: «-Ин ҳадис ба Абӯҳанифа нарасидааст», (Инсоф ку, охир Имом Абӯҳанифа худ муҳаддиси бузург ва аз ҷумлаи тобиъин будаанд!-С.Б.Б), ки ин ба ҷуз тӯҳмат, бӯҳтон, бахилӣ ва кизб, чизи дигаре нест. Мо ба хотири рад ва ибтоли қавли ин зумра иғвогарон ва камсаводон ва ғофилон, чанд мунозараҳои воқеӣ ва баҳсҳои илмиро аз рӯзгори эшон нақл хоҳем кард.

Аз ҷумла, қиссаи мунозараи Имоми Аъзам (р) ва Авзоъӣ, ки онро Ибни Уяйния ривоят карда ва дар «Муснади Имоми Аъзам» мазкур аст, муносиби зикр мебошад. Авзоъӣ ба Имоми Аъзам (р) гуфт: «-Чаро Шумо дар намоз ҳангоми рукӯъ рафтан ва аз рукӯъ боло шудан (ба қиём рафтан) дастонатонро намебардоред?

Имоми Аъзам (р) гуфт:-Зеро дар ин мавзӯъ аз Расулуллоҳ (с) чизе, яъне, ҳадисе, ки бемуъораз бошад, ривоят нашудааст.

Авзоъӣ гуфт:-Чӣ гуна ривоят нашуда, ки Заҳрӣ ба ман аз Солим, ӯ аз падараш Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят карда, ки Расулуллоҳ (с) ҳангоми ибтидои намоз ва ҳангоми ба рукӯъ ва аз рукӯъ боло шудан дастонашро мебардошт?

Имоми Аъзам (р) гуфт: -Ҳаммод ибни Иброҳими Ашъарӣ, аз Иброҳими Нахъӣ, ӯ аз Алқама ва Асвад ва он ду аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят менамоянд, ки «Расулуллоҳ

(с) танҳо дар ибтидои намоз дастони муборакашро мебардошт ва дигар ин амалро такрор намекард.

Авзоъӣ гуфт:-Ман ба ту аз Захрӣ, Солим ва Абдуллоҳ ривоят мекунам ва ту ба ман аз Ҳаммод ва Иброҳим ва Алқамаву Асвад ва Ибни Масъуд сухан мегӯӣ?!

Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар ҷавоб гуфт:- Ҳаммод ибни Иброҳими Ашъарӣ нисбат ба Солим Фақеҳтар ва донотар буд. Алқама дар илми Ҳадис аз ибни Умар камтар нест, агарчӣ Ибни Умар мушарраф ба сӯҳбати Расулуллоҳ (с) гардидааст.

Асвад низ фазилати зиёдае дорад ва Абдуллоҳ ибни Масъуд он чунон касест, ки фазилаташ машҳур буда, ҳоҷат ба баёни муфассал нест ва султони муҳаддисин аст. Авзоъӣ баъди ин посух ночор хомӯш монд. Дар «Муснади Имоми Аъзам», ба ривояти Асбаҳонӣ омадааст:-Абдулворис валади Саъид гуфтааст:- Ба Маккаи мукаррама омадам ва он ҷо бо Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), Ибни Лайло ва Ибни Шабарма мулоқот кардам. Аз Абӯҳанифа пурсон кардам: Чӣ мегӯӣ, дар масъалаи ҷавози савдои марде, ки чизеро байъ кунад ва шарте бигузорад? Посух дод: «-Байъ ва шарт ботил аст».

Баъд аз он назди Абӯлайло омадам ва ин масъаларо пурсон кардам, ки гуфт:-Байъ ҷоиз аст ва шарт ботил мебошад. Назди Ибни Шабарма рафта, ин масъаларо пурсидам, ки гуфт:-Байъ ва шарт ҷоизанд. Ба худ гуфтам: Субҳоналлоҳ, се донишманди аҳли Ироқ, дар як масъала ихтилоф доранд. Пас боз назди Абӯҳанифа (р) омадам ва ӯро аз воқеаи кор хабардор сохтам, ки гуфт:»-намедонам, ки онҳо чӣ гуфтаанд.-Аммо Амр ибни Шуъайб аз падараш ва аз бобояш ба ман ривоят кард, ки Расулуллоҳ (с) аз байъи бо шарт, яъне, чизеро ба шарте фурӯхтан ё харидан, манъ кардааст».

Дар «Таълиқи Мухтор», бар китоби «Осор» омадааст: Абӯмутеъи Балхӣ гуфт;-Дар масҷиди ҷомеъи Кӯфа, рӯзе ҳамроҳи Имоми Аъзам (р) нишаста будам. Назди вай Сӯфёни

www.kitobam.com

Саврӣ, Муқотил ибни Ҳаббон, Ҳаммод ибни Муслим, Имом Ҷаъфари Содиқ ва дигар фуқаҳо ва фузало омаданд ва чунин шикоят карданд:- Ба мо хабар расида, ки дар масоили динӣ, бисёр аз қиёс (далелҳои ақлӣ) кор мебарӣ, ки мо аз ту хавф дорем, ки гумроҳ нашавӣ ва дигаронро низ гумроҳ насозӣ. Зеро аввалин касе, ки фармудаи Худоро тарк карда, ба далели ақлӣ, кор гирифтааст, ки Иблиси лаъин (мурод ин ҷо воқеъаи машҳурест, ки сабаби гумроҳ ва малъун гардидани Иблис, яъне, шайтон шудааст. Он чунин аст: Чун Аллоҳ таъоло баъди хилқати Одам, фариштагонро, ки Иблис дар байни онон буд, амр кард, ки пеши Ҳазрати Одам ъалайҳиссалом саҷда намоянд, ҳама ба ҷуз Иблис саҷда карданд. Аммо Иблис чунин далели ақлӣ (қиёс)-ро ба худ раво дид, ки ӯ аз оташи махлуқ аст ва Одам (ъалайҳиссалом) аз хок офарида шудааст ва оташ аз хок беҳтар аст, бинобар ин набояд назди Одам (ъалайҳиссалом) саҷда кунад. Ба ин далели ақлии худ, Иблис тарки амри Худованд кард ва оқибат ба ҷовидона гумроҳ ва малъун гардид ва ин аст, ки аз замони Одам (ъалайҳиссалом) то ба ин дам бандагони солеҳи Худо борони лаънат ба Иблис фиристодаанду мефиристанд ва хоҳанд фирист-С.Б.Б). мебошад.

Абӯмутеъи Балхӣ мегӯяд:-Он рӯз, то нисфирӯзӣ, Имоми Аъзам (р) бо ҷамъи эшон мунозира кард ва ононро аз усули мазҳаби муҳаззаби худ огоҳ сохт ва дар охир гуфт: «-Ман аввалан ба китоби Худо, яъне, амру фармонҳояш-Қуръон амал мекунам ва баъд аз он ба Суннати волойи Пайғамбараш /с/, баъд аз он ба ончӣ асҳоби киром файсала кардаанд такя мекунам ва истинод меварзам.-Масъалаи иттифоқи байни асҳоби киромро ба масъалае, ки дар ҳукми он, дар байнашон ихтилоф аст, муққадам медорам ва ин ҳин, яъне, ҳангоми амал ба масъалаи ихтилофи байни асҳоби киром, қиёс мекунам.

Яъне, ба усули қиёс беҳтарини онро интихоб мекунам ва онро мазҳаби хеш қарор медиҳам».

Абӯмутеъи Балхӣ, дар охир гуфтаанд: «-Баъди шунидани ин ҷавобҳову далелҳои раднопазири Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа, ҳамаи онон (яъне, Имом Ҷаъфари Содиқ, Сӯфёни Саврӣ, Муқотил ибни Ҳаббон, Ҳаммод ибни Муслим ва ҷамъи онон) аз ҷой бархостанд ва дастону зонувони Имоми Аъзам (р)-ро бӯсида, гуфтанд:-Ту воқеан пешвои кулли уламо мебошӣ! «-Он бадгумоние, ки дониста, дар ҳаққи ту аз мо воқеъ шуда буд, бубахш».

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) гуфт: «-Ғафараллоҳу лано ва лакум аҷмаъин», (яъне: -Аллоҳ таъоло мо ва шумоёнро ба якҷоягӣ авф кунад). Имом Шаъронӣ мегӯяд: «-Аллоҳ таъоло ба ман фазл карда, ки муяссарам сохт, то се нусхаи саҳеҳи китоби «Муснади Имоми Аъзам»-ро мутолиъа кунам, яъне ҳадисҳои ҷамъовардаи ӯро.

Пас дидам, ки танҳо аз ахёри тобиъини хайрулқурун, ки дар ривояти Ҳадис сиққа ва мӯътамад мебошанд, монанди Асвад, Алқама, Ато, Икрима, Муҷоҳид, Макҳул, Абдуллоҳ ибни Масъуд Ҳасани Басрӣ ва монанди инҳо ривоят кардааст. Ин ашхоси мазкур он чунон ровиёне мебошанд, ки байни эшон ва Расулуллоҳ (с) ашхоси сиққа мӯътамаданд, ки ҳеҷ яке аз эшон муттаҳам, ба кизб (дурӯғгӯӣ) нагардидаанд».

Соҳиби фатвои «Сироҷия» мегӯяд: «-Абӯҳанифа (р) асоси мазҳаби худро ба шӯро бунёд карда, асло худ ба танҳоӣ, ба вазъи масоил шурӯъ накардааст. Ҳар масъалаеро, ки ба шогирдонаш ироа медошт, ҷавоби ононро мешунид ва фикри худро низ баён медошт ва барои даст ёфтан ба ҳалли дурусти он, бо эшон мунозира мекард. Ин баҳсу мунозираи илмӣ, то замоне идома меёфт, ки ба қавли ӯ ё ба қавли онон иттифоқи умум сурат бигирад ва баъди ин Имом Абӯюсуфи Яъқуб онро китобат мекард».

www.kitobam.com

Алӣ ибни Муҳаммади Баздавӣ, аз Имом Абӯюсуф ривоят кардаанд, ки гуфтааст:-Дар масъалаи махлуқ гуфтани Қуръон, бо Имоми Аъзам шаш (6) моҳ мунозира кардам. Саранҷом ба ин иттифоқ кардем, ки касе агар «Қуръон»-ро махлуқ бигӯяд, мутлақан кофир аст!

Яке аз хусусиятҳои мазҳаби Имоми Аъзам (р) ин аст, ки (чи хеле, ки қайд шуд) он дар асоси шӯро (фатвои иттифоқи ҷамъи уламо ва фуқаҳои варзида) бунёд шуда, дар он қавли Имом (р) ва шогирдонаш мӯътабар аст ва фатвои амал, ба қавитарини он мебошад...

Бинобар ин, агар касе ба қавли яке аз шогирдони Имоми Аъзам (р) амал намояд, ки он қавитар аз қавли Ҳазрати Имоми Аъзам (р) аст, аз мазҳаби Имоми Аъзам (р) хориҷ нахоҳад шуд». 79-7-12.

Бале, ба ин хотир аст, ки (ҳарчанд такрор малоловар аст, аммо азизон, зикри нукоти зер, ки ҳоло дидаи мубораки худ бар он медӯзед, хеле ва хеле хонданбоб ва гуворост) бисёре аз уламо ва фуқаҳои машҳури Ислом, нисбати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва мазҳаби муҳаззаби он сироҷи умам ва нисбати шогирдони барӯмандаш бисёр некӯ сухан гуфтаанд ва ҳурмату иззати азамати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ва ёронашро басо самимона ба ҷо овардаанд.

Аз ҷумла, дар «Маноқиби Имоми Аъзам»-таълифи Маккиӣ омадааст:-Имом Шофеъиро шунидам, ки мегуфт:-Молик ибни Анасро пурсон кардам, ки:-Оё бо Имоми Аъзам (р) мулоқот намудӣ ва мунозира кардӣ? Имом Молик дар посух гуфт: «-Оре, бо он бузургвор ва сироҷи умам зиёд мулоқот доштам, дар симои Имоми Аъзам (р) мардеро дидам, ки агар ба ин девори аз санг биношуда назар намуда бигӯяд, ки:-Ин девор аз тиллои холис бунёд шудааст, албатта, ба ин гуфтаи худ далел оварда метавонад!

Дар «Ахбори Абӯҳанифа (р)-Авн, яъне, писари Абдуллоҳ писари Утба мегӯяд:-Касе аз Имоми Аъзам (р) шаби худро хубтар, дар ибодат намегузаронид. Шаш моҳ ҳамроҳаш будам ва надидам, ки ҳатто як шаб дароз кашида хоб карда бошад…

Дар «Ахбори Абӯҳанифа» омадааст:-Рабеъ мегӯяд:-Аз Имом Абдуллоҳ ибни Идриси Шофеъӣ, бо гӯши худ шунидам, ки мегуфт: Имом ва фақеҳи барҳақе, ки дар воқеъ фахри олами Ислом аст, Имоми Аъзам (р) аст ва дар илми фиқҳ, мардумон назди Имом Абӯҳанифаи Кӯфӣ аёланд».

Ҷое омада: Убайдуллоҳ ибни Умар гуфт:-Назди Аъмаш (р) будам, ки аз ӯ масъалаеро пурсон карданд. Аъмаш ба мардуми ҳозирбуда назар карда, ба Абӯҳанифа (р) гуфт:-Ай Нӯъмони доно, ҷавоби ин масъаларо бигӯед! Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (р) дар як нафас ҷавоби он масъаларо баён кард. Аъмаш гуфт:-Ин ҷавобро аз куҷо гуфтӣ, яъне, ба кадом далели шаръӣ? Имоми Аъзам (р) гуфт:-Аз ҳадисе, ки ба мо ривоят карда будӣ! Аъмаш гуфт:-Шумоён, яъне, фуқаҳои Ислом, табибон ва моён, яъне, ровиёни Ҳадис, ба манзалаи давоӣ, дар давохонаем.

Дар «Муснади Абӯҳанифа», ба ривояти Асфаҳонӣ омадааст:-Имоми Аъзам (р) гуфт:-Дар Макка бо Ибни Ато мулоқот кардам ва аз вай чизеро пурсидам, ки ба ман гуфт:-Ту аз кучо мебошӣ? Дар ҷавоб гуфтам: Аз аҳли Кӯфа. Пурсон кард:-Аз ҷумлаи касоне, ки дини худро пароканда сохта гурӯҳ-гурӯҳ гардидаанд?! Гуфтам: Оре! Боз пурсон кард: Пас аз кадом гурӯҳ мебошӣ? Гуфтам:-Ман аз ҷумлаи касонеам, ки салафро дашном (уламойи аҳди Расулуллоҳ (с), ҷумлаи тобиъин ва акобири исломро) намедиҳанд, ба қазо ва қадари Худо имон ва эътиқод доранд ва касеро ба содир кардани гуноҳ кофир намегӯянд! Пас Ато ба ман (мегӯяд Имоми Аъзам) гуфт: -Ҳақро ба дурустӣ дарёфтаӣ ва ба он побанд бош!

www.kitobam.com

Муаллифи китоби «Таълиқи мухтор бар китоби «Осор» Мавлоно Абдулбории Каҳнавӣ мегӯяд:-Аз Имом Аҳмад ибни Ҳанбал (р) муассиси мазҳаби ҳанбалия ривоят шуда, ки гуфтаанд:-Чун дар масъалае қавли се нафар иттифоқ бошад, мухолифати эшонро шунида нахоҳад шуд. Аз вай пурсиданд, ки онҳо киҳоянд? Чунин посух доданд:-Абӯҳанифа Имоми Аъзам (р), Имом Абӯюсуфи Қозӣ ва Имом Муҳамад ибни Ҳасан (р). Аз Имом Музаннии Ироқӣ, ки донои асри худ буд, чунин суол карданд:-Дар шаъни Имом Абӯҳанифа (р) чӣ мегӯӣ? Гуфт: Ӯ пешвои эшон аст...

Пурсиданд: Абӯюсуфи Яъқуб чӣ? Гуфт:-Аз ҳамаашон бештар, аз ҳадис пайравӣ мекунад. Боз пурсиданд:-Дар шаъни Имом Муҳаммад чӣ мегӯӣ? Гуфт:-Дар масоили шаръӣ, аз ҳама хубтар аст. Пурсиданд:-Дар шаъни Имом Зуфар ибни Ҳузайл чӣ мегӯӣ? Гуфт:-Дар қиёс яке аз бузургони эшон мебошад.

Имом Шофеъӣ (р) мегӯяд: «-Ба ҷуз Имом Муҳаммад ибни Ҳасан (шогирди Имоми Аъзам) бо касе, ки мунозара мекардам, ранги рӯяш тағйир меёфт. Се нафарест, ки агар забони эшонро намедонистам, ҳукм мекардам, ки онҳо малоика мебошанд, Имом Муҳамад, ибни Ҳасан дар фиқҳ, Касоӣ дар наҳв ва Асмаъӣ дар шеър... «79.-12-14

Суоле метавонад пайдо бишавад, ки: Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аз ҷумлаи тобиъин буд ва ё табаъа тобиъин? «Ҷавоби мо (С.Б.Б) ин аст, ки ӯ, яъне, Имоми Аъзам (р), ки дар асри Расулуллоҳ (с) саҳоба ва тобиъини гиромӣ (р) зистаанду бо чанде аз эшон, аз ҷумла, бо Анас ибни Молик (р) ҷамъ 16 саҳоба ва чанде дигар дидор кардаанду сӯҳбати эшонро дарёфтаанд, пас ба дурустӣ, аз аҳли тобиъину кубаройи замонанд ва дар илми ҳадис машҳур.

Дар ҷое омада, ки Имоми Аъзам (р) аз ҳафт саҳобаи киром (р) ривоят кардаанд. Аз ҷумла, дар китоби («Таълиқи мухтор

бар китоби Осор» мазкур аст. Хоразмӣ гуфтааст:-Уламо бар ин иттифоқ доранд, ки Имоми Аъзам худ бевосита аз асҳоби Расулуллоҳ (с) ривоят кардаанд, лекин дар ададашон ихтилоф аст. Баъзеҳо гӯянд аз шаш саҳоба ривоят кардаанд, ки яке аз эшон зан мебошад. Баъзе дигар гӯянд, ки аз панҷ нафар, ривоят карда, ки як нафарашон зан аст. Ва баъзе дигар гӯянд, ки аз ҳафт нафар ривоят карда, ки яке аз эшон зан аст.

Бинобар қавли аввал, ки ӯ яъне, Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), ки аз шаш саҳобаи киром разиаллоҳу анҳум ривоят кардааст, инҳоянд: Анас ибни Молик (р), Абдуллоҳ ибни Унайс (р), Абдуллоҳ ибни Ҳорис (р), Ибни Ҷузъу-з-Зубайдӣ (р), Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) Ибни Абӯавфо (р), Восилаҳ ибни Асқаъ (р) ва бинти Аҷаза (р). Бинобар қавли саввум, Маъқал ибни Ясор (р) изофа мешавад. Аммо бинобар қавли дуввум, ки мегӯянд: аз панҷ саҳобаи киром (р) ривоят кардааст, Ҷобир ва Маъқал ибни Ясор (р) дар ҷумлаи асҳоби мазкур дохил намебошанд.

Ибни Халдун бошад, аҳли салафро саҳобагон (ҳамсӯҳбатон)-и Расулуллоҳ (с) номидааст, ки дуруст аст. Касоне, ки бо саҳобагон ҳамсӯҳбат шуда, илми эшонро фаро гирифтаанд, тобиъин номида шудаанд. Бино ба он қавле, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) бо ҳафт нафар аз асҳоби кироми Ҳазрати Расули Акрам (с) вохурӣ ва сӯҳбате ҳам доштаанд, инҳо мебошанд: 1.Анас ибни Молик (р). 2.Василаҳ ибни Асқаъ (р). 3.Маъқал ибни Ясор (р). 4.Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р). 5.Абдуллоҳ ибни Ҳорис (р). 6.Абдуллоҳ ибни Унайс ибни Абиавфо (р), 7.Оиша бинти Аҷуд (р).

Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)-и тобиъин, баъзе аз аҳодиси саҳеҳу шарифи Расулуллоҳ (с)-ро, ки аз забони ин ҳафт саҳобаи киром (р) шунида аст, чунин нақл кардааст:

www.kitobam.com

1.Анас валади Молик (р) мегӯяд, ки Расулуллоҳ (с) гуфт: «Талаб кардани илм фарз аст, барои ҳар мард ва зани мусалмон». .

2.Анас валади Молик (р) айзан мегӯяд, ки Расулуллоҳ (с) гӯфт: «Далолаткунандаи кори хайр, монанди ба иҷро расонандаи кори хайр аст. Ба дурустӣ, Аллоҳ дӯст медорад, ки бандагони дар ғам гирифторшударо кӯмак ва мадад карда шавад».

3.Абдуллоҳ валади Ҳорис аз Расул (с) гуфт: «Касе, ки фақеҳи дини Худо шавад, Аллоҳ Таъоло ғамҳояшро дур карда, ризқашро аз тарафе мерасонад, ки дар гумонаш пайдо шудани ризқ, аз он тариқ набуд».

4.Ҷобир аз Расулуллоҳ (с) ривоят карда, «Шахси сарватманде пеши Расул (с) омада гуфт:-Ман фарзанд надорам. Пас Расули Худо гӯфт:-Чаро талаби омӯрзиш ва хайру садақати бисёр намекунӣ, то Худо бароят фарзанд ато кунад? Он мард садақаҳо кард ва истиғфори зиёд намуд. Аллоҳ таъоло ба ӯ 7 фарзанд ато намуд».

5.Абдуллоҳ валади Абиавфо аз Расул (с) мегӯяд: «Шахсе барои Худо масҷиде бино кунад, агарчӣ он монанди лонаи Қатот (номи парандае-сангобдавак) хурд бошад ҳам, Аллоҳ Таъоло барои ӯ дар Биҳишт кӯшке бино мекунад».

6.Восилаҳ, аз Расул (с) нақл мекунад, ки: «Аз мусибате, ки ба сари бародари мусулмонат расидааст, шодӣ макун, ки Аллоҳ ӯро аз он наҷот дода, туро ба он мусибат гирифтор мекунад.

7.Абдуллоҳ ибни Унайс аз Расул (с) мегӯяд: Чизеро бисёр дӯст дорӣ, вай туро оқибат кӯрӯ кар мекунад».

8.Оиша духтари Аҷӯд, аз Расул (с) ривоят кардааст: «Бештарин лашкари Худо, дар рӯи замин, малах аст. Ман онро намехӯрам ва ҳаромаш ҳам намегӯям».

Мулоқоти Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) - ро бо баъзе аз асҳоби киром (ба мисли Анас ибни Молик разиаллоҳу анҳум),

муҳаддисини маъруф низ инкор надошта, ӯро дар ҷумлаи тобиъин зикр кардаанд. Чуноне Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ (р) дар шарҳаш бар «Саҳеҳи Бухорӣ»-и Имом Ал-Бухорӣ менависад: «-Ин мазҳаби ҷумҳури асҳоби киром, мисли Ибни Аббос (р), Алӣ (р), Муъовия (р), Анас ибни Молик (р), Холид ибни Валид (р) Абӯҳурайра (р), Оиша (р) ва Умми Хони разиаллоҳу анҳум аҷмаъин ва инчунин аз тобиъин мисли Ҳасани Басрӣ (р), Ибни Сирин (р), Шаъбӣ (р), Ибни Мусайяб (р), Атои Маккий (р) ва Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мебошанд». 79 14.

Хулоса, Имоми Аъзам (р) дар таълимоти худ, ба далелҳои нақлӣ, яъне, ҳадисҳои Расулуллоҳ (с) такя мекард ва онҳоро барои ҳифз ва риоя кардан, ба шогирдони худ талқин мекард. Исботи ин далоили нақлии зер, аз намунаҳои ақоиди фиқҳи ҳанафӣ аст, ки Имоми Аъзам (р) дар чанд боб ба онҳо такя намуда, барои баёни матолиби хеш, аз ин далоили мӯътамад ва саҳеҳи нақлӣ истифода кардааст, ки мо инҷо барои исботи бо далел, интихоби чанд қатраҳо аз он баҳри бекаронаи суханони раҳнамо, яъне, аҳодиси Набавӣ (с)-ро мисол овардаем, ки чунин аст:

Имоми Аъзам (р) аз Абӯбарда (р), ӯ аз падараш, яъне Абӯмусои Ашъарӣ (р) ривоят намоянд, ки гуфт:-Расулуллоҳ (с) чунин фармудаанд: «-Уммати ман-уммати марҳума аст, яъне, омӯрзидашуда мебошад, ки дар охират солеҳони он ба азоб гирифтор нахоҳанд шуд. Азоби ин умматон аз дасти якдигар, яъне ба қатлу ғорати баъзе дигарашонро дар дунё воқеъ шавад» 79-6.

Шакке нест, ки мусалмонон бандаҳои хоси Парвардигоранд. Бо вуҷуди ин, ҳикмат ва адолати илоҳӣ тақозои онро дорад, ки агар кори гуноҳе содир намоянд, яъне, бандагон, пас подошашонро бубинанд. Биноан, ба хотири ин,

www.kitobam.com

ки аксаран дар қиёмат, чуноне дар лафзи ҳадиси набавӣ (с) омадааст, марҳуманд.

Ҷазои амалҳои бадашонро бандагон дар дунё хоҳанд чашид. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки мусалмонон, аз ҳама бештар, ба мусибатҳо ва балоҳову нохушиҳо даст ба гиребон мешаванд. Ҷои дигар омада: Имоми Аъзам (р) аз Абӯзубайд (р), ки вай аз Ҷобир (Р) ривоят намояд, ки Набӣ (с) гуфт: «Чун ба яке аз Шумо хушбӯие оварда шавад, пас аз он микдоре истифода кунед». Бале, атр ва хушбӯй чизест, ки табиати инсонҳои солим онро дӯст доранд ва истифода баранд. Чун Расулуллоҳ (с) табиатан бидуни пошидани хушбӯй, хушбӯй буда, аз баданаш ва вуҷуди муборакашон бӯи миск (мушк) мерасид умматашро ба истифодаи хушбӯиҳо, мисли мушк анбар ва ғайра ташвиқ кардааст. 79-.6.

Дар бораи амонат будани мансаб омада: Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), он инсони комил ва шахсияти нотакрору камназир, дар зӯҳду тақво ва ибодату тақлиди бандагӣ, ба Худованд, аз Ҳайсам (р), ӯ аз Ҳасани Басрӣ (р), ӯ аз Абӯзари Ғаффорӣ (р) ривоят намоянд, ки Расулуллоҳ (с) фармуд: «Ай Абӯзар! Иморат, яъне, вазифа ва мансаб амонат аст. Яъне, дар он хуқуқи Худо ва бандаҳоро бояд риоят карда шавад. Он расвой ва пушаймониро фардои қиёмат, ба бор оварад. Танҳо касе аз ин масъулият барояд, ки онро ба ҳаққаш гирифта, яъне, лоиқ ва мустаҳқиқи он мансаб бошад ва он чиро болояш вочиб аст, адо кунад.

Заъфи имон ончунон чашмонро хира ва қиёматро аз назар дур намояд, ки масъулият ва ҷавобгарии он рӯз, фаромӯш шавад ва кас ба коре даст занад ва даъвои мансаберо кунад, ки аз ӯҳдаи он набарояд ва худро ба сахтиҳои дунё ва қиёмат гирифтор кунад». 79-6.

Дар бораи оқибати дуздӣ, зино, ҳаққи ҳамдигарро хӯрдан ва аҳдшиканиву дурӯғгӯи бошад, омада: Имом Муҳаммад (р)

дар «Муатто», аз Имом Молик (р) ва ӯ аз Яҳё ибни Саъид (р) ривоят намояд, ки ба ӯ аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) хабар расида, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд: «-Дар кадом қавме ғулул, яъне, дуздидан, аз моли ғанимат, моле аз душман ба даст меояд, ошкор гардад, дар дилҳояшон тарсу хавф андохта шавад. Дар байни кадом қавме зинокорӣ интишор ёбад, ба яқин марг дар байни онон зиёд хоҳад шуд. Дурӯғгӯён душмани Худоянд ва дурӯғгӯй, аз торикии имон аст, бикӯшед то дилҳоятон мунаввар бошад ва алфози дурӯғ, аз забонатон канда. Кадом қавме, ба кам кардани паймона ва вазн, яъне, ҳаққи ҳамдигарро дар сари савдо хӯрдан машғул шаванд, ризқашон қатъ, яъне, кам ва бебаракат гардад. Кадом қавме ҳукмҳои ноҳақ намоянд, дар байнашон ҳамдигаркушӣ ва хуни ҳамдигарро рехтан зиёд шавад. Кадом қавме ба аҳди худ қадр ва паймоншиканӣ кунад, душманонаш болои онон ҳоким хоҳанд шуд...». 79.-6

(Мисли ҳамсоягони атроки муғулнажоди саҳроии тиҳимағзи мо, ки нисбати мо найрангҳо ва аҳду паймоншиканиҳо мекунанд...-С.Б.Б).

...Ба ин хотир мазҳаби Ҳанафӣ, аз паҳншудатарин, яъне, интишорёфтатарин, одилтарин ва демократитарин мазҳаби динӣ, дар байни фирқаву мазоҳиби мухталифи Ислом мебошад, ки зиёда аз шаст фиссади аҳли суннат ва ҷамоат бар ин мазҳабанд. Зеро, ки пешвои он ва асосгузори он инсони комил ва фақеҳи кабиру Имоми Шаҳир- Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа ибни Собит ибни Қайс ибни Марзбон ибни Завтӣ Ал Форси Ал Кобулӣ (аз даризабонон, яъне, аз тоҷикони бедордилу бедормағзи Кобули бостон аст) Ал-Куфӣ (р) аст...

Дар боби издивоҷ омада: Имоми Аъзам аз Зиёд, ӯ аз Абдуллоҳ ибни Ҳорис ва ӯ аз Абӯмӯсо ривоят намоянд, ки гуфт: Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Издивоҷ кунед! Ба ростӣ,

www.kitobam.com

ман ба бисёрии Шумо, наздики дигар умматон фахр мекунам».

Таълимоти дини мубини Ислом, ба зиёд шудани насли пайравони ин уммат нигаронида шуда, мухолифи ҳар гуна таҳдид ва ба плангирии демографии насли инсонӣ (ки аз ихтироъу афсонаҳои бофтаи «уламойи ғайримусалмонист, яъне, яҳуду насорои найрангбоз») мебошад. Инсоне, ки Худованди карим ҷалла ҷалолаҳу худ онро пайдо ва халқ карда аст, дар вуҷуди ҳамаи онҳо қудрати пайдо кардани ризқ дар бароятон муқарарршударо, гузоштааст (давлати Чин наздики ду миллиард аҳолӣ дорад ва дар ҷаҳони имрӯза бойтарин давлат ба ҳисоб меравад)…

Оё никоҳи муваққатӣ равост? Имоми Аъзам аз Нофеъ ва ӯ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят намоянд, ки Расули Акрам (с) аз никоҳи мутъаӣ, рӯзи фатҳи Хайбар манъ кард.

Никоҳи мутъа ва муваққатникоҳӣ-никоҳи чандинмуддатина, яъне, муваққатӣ (сиға) мебошад, ки дар садри Ислом ривоҷ буда, дар охирҳои айёми ҳаёти Пайғамбар (с), яъне, дар (Ҳаҷҷи вадоъ»,) бинобар он чӣ Алӣ Қорӣ гуфтааст, ҳаром гардид. Бар ҳаром будани ин никоҳ иҷмоъи уммати Муҳаммад (с) сурат гирифтааст:

«-Биноан, он никоҳи ботил буда, ҳамбистарӣ бо зан, дар асоси чунин никоҳ, зинои ошкоро аст, ки гуноҳест басо азим». Ин ҳадисро Имом Аҳмад ва Имом Ал-Бухорӣ, низ ривоят кардаанд...

Дар боби се чизе, ки шӯхӣ надоранд: Имоми Аъзам аз Ато, ӯ аз Юсуф писари Моҳак, вай аз Абӯҳурайра (р) ривоят кунанд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Се чизро ҷиддӣ, ба забон овардан ва ба ҳазлу шӯхӣ гуфтани онҳо, ҷиддӣ маҳсуб аст. Он се талоқ, никоҳ ва раҷъа мебошанд.

Яъне, агар шахсе ба тариқи ҳазлу бозӣ, занашро талоқ кунад ва нафси занеро қабул бикунад ва ё дар талоқи раҷъӣ, ба

зани талоқкардашуда бигӯяд, туро раҷъа кардам, ҳамчунонаст, ки инро ҷиддан гуфта бошад. Маънои раҷъа дубора гирифтани зани талоқкардашуда мебошад, ки дар талоқи раҷъӣ, қабл аз тамом шудани иддаи занаш ба муҷарради қавли завҷа туро руҷӯъ кардам, яъне, дубора ба занӣ гирифтам, воқеъ гардад. Аммо дар талоқи боин дубора таҷдиди иҷобу қабул лозим аст. Ба дастуроти шариъат бозӣ накунед!

Имоми Аъзам (р) аз Абӯисҳоқ, вай аз Абӯбарда, ӯ аз падараш ривоят намояд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Чист ҳоли қавме, ки ба муқаррарот ва қавонини дини Худо бозӣ карда мегӯянд (яъне, бо занонашон):-Ҳаққо, ки талоқат кардам ва яқинан дубора ба заният гирифтам».

Нописандӣ, ба дастурот ва муқаррароти шариъати илоҳӣ, куфр аст. Вале, бо вуҷуди ин, бисёре аз бародарони мо дониста ва ё надониста нафсҳои худро ба бозӣ кардан, ба фармудаҳои шариъати Худо, мустаҳқиқи азоб месозанд. Агар чунин амали нораво қасдан сурат бигирад, бими куфр аст. Дар лафзи ҳадиси шариф чунин кор, дар масъалаи талоқ беҳӯда зикр нагардидааст. Зеро аксари мардум имрӯз, аз ин масъалаи муҳим ғофиланд ва ба шӯхиву бозӣ, лафзи талоқро истифода мекунанд.

Лафзи талоқ калимаи оддӣ нест, бо зиёд талафуз кардани лафзи талоқ, имон аз тани инсон меравад ва ба қавли аҳли тақвову фатво бо ба забон овардани лафзи талоқ арши аъло меларзад (С.Б.Б).

Бале, ашхосе пайдо мешаванд, ки даҳҳо маротиб занони худро талоқ медиҳанд ва боз бо онон ҳамбистар мешаванд. Яке аз сабабҳои қашшоқии рӯзгор, балову офат, авҷи касофат, касалиҳо ва мунҳариф шудани фарзандон аз дини ҳаққи аҷдодашон, ин ҳаромзодагии онҳост, ки аз чунин падару

www.kitobam.com

модари ғофилу фосиқу дайюсу ҷоҳил ва рибохор ва ришвахӯр, ба дунё омадаанд...

Дар боби бахшидани гуноҳи хуни ба ноҳақ рехташуда: Имоми Аъзам аз Ато, вай аз ибни Аббос (р) ривоят намоянд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Кас авф кунад, аз хуни ба ноҳақ рехташуда, ба ҷуз Ҷаннат дигар савобе надорад».

Яъне, камтарин савоберо, ки мустаҳқиқ хоҳад шуд, бузургтарин комёбиест, ки он дохил шудани Ҷаннат мебошад. Ин ҳадиси шариф, ки овардем, баёнгари фармудаи Аллоҳ аст: «Ва ҳувал-лазӣ яқбалут-тавбата ъан ъибодиҳи ва яъфу ъанисса-йиоти ва яъламу мо тафъалуна» (Сураи «Аш-Шӯро, 25-ум оят). (Яъне: «Ва ӯст, ки тавбаи бандагонашро мепазирад ва аз гуноҳон авфашон мекунад ва ҳар чӣ мекунед, медонад». сураи «Аш-Шӯро-ояи 25-ум»-Тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ).

Ва низ Худованди ҷалла ҷалолаҳу, дар ояи мубораки сураи шарифи «Аш-Шӯро» (сураи 42-уми Қуръони Маҷид) мефармояд, астаъизу биллоҳ: «...Фаман ъафо ва аслаҳа фааҷруҳу ъалаллоҳи, иннаҳу ло юҳибуз-золимин» (Аш-Шӯро»-40). Яъне:...Пас касе, ки авф кунад ва оштӣ варзад, муздаш бо Худост, зеро Ӯ ситамкоронро дӯст надорад. (Сураи «Аш-Шӯро»-ояи 40-ум; тарҷ. Абдулмуҳаммад Оятӣ).

Нафси аммора, шайтони музир ва раҷим, фитнаҳо ва найрангҳои душманони кӯрдили Ислом, аз рӯзи зӯҳури ин дини мубину басо ростин, то имрӯз ҳазорон маротиб сабаби кашмакашиҳо ва хунрезиҳои ба ноҳақ, байни мусалмонон гардида ва ҳазорон пайравони ин дини мубин, аз дасти бародарини мусалмони хеш (мисли даврони солҳои 30-юм ва то 60-70-уми ҳукумати Шӯравӣ, ки бо амри он, ки;-салларо биёваред, мусалмонони кӯрдили мо калларо бурданд ва бо гуноҳи;-мулло, эшон, бой, кӯлак, кӯҳнапараст арабидону арабихон ва китобдор ва ғайра, ҳазорон мардони ҳақ ва пешвоёни илму маърифат ва номбардорони миллатро ба

мисли Аллома Шайх Нақибхони Туғрал, Саъдуллоҳ Рабиӣ ва даҳҳо дигаронро куштанд, зиндон карданд ва ба Сибиру Шарқи Дур тройка-яъне, бо шоҳидии се мунофиқи кӯрдил ва ғуломони чоплӯси бегонагон дур карданд, яъне, беному нишон нест карданд ва ҳама пешвоён ва доноён ва ҳакимони пешбари моро бо фитнаҳои шайтонӣ, аз байн бурданд ва хуни ноҳақ рехтанд, ки ба ғазаби Худо, оқибат як давлати абарқудрат, ба якборагӣ пош хӯрд-С.Б. Б) ба охират рахти сафар бастанд. Дар ҳама давру замон ягона роҳу тариқи қатъи чунин кашмакашиҳои байни ҳамдигарӣ, рӯ овардан ба дастуроти китоби Худо ва Суннати Пайғамбари гиромии Ӯ (ҷалла ҷалолаҳу) мебошад, ки ин амалро шадидан маҳкум карда, ба қотили мусалмон қаъри нори дӯзахро маскану бошиши абадӣ муайян намудаанд. Ба ислоҳкунандаи чунин хунрезиҳо ва авфкунанда, аз хуни ба ноҳақ, резондаи ақрабояш ва тарки интиқомкунанда, аз бародари мусалмонаш, беҳтарин неъмати илоҳӣ, Ҷаннати ҷовидону босафоро муқаррар кардаанд.

Авфу бахшиш, ягона калиди дарвозаи ислоҳи чунин кашмакашиҳои ҳаром ва нораво, ягона роҳи наҷот, аз бадбахтиҳои дуниявӣ ва ухравист ва наҷот аз бардашавӣ ба дигарон. Пас, ай бандагони Худо, ба ин тариқати Худо ва Расулаш(с) фармуда қадам бизанед, агар мехоҳед, аз расвоии дунё ва охират наҷот ёбед. Ва ғуломи бегонагон нашавед, то садақахӯр ва бенаво нагардед. Дар боби набахшидани гуноҳ...

Имоми Аъзам аз Нофеъ, вай аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят намоянд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Пеши касе узр биёрад, бародари мусалмонаш, яъне, ҷурме, ки дар ҳаққи ӯ кардааст, пас қабул накунад узру бахшиши вайро, мисли соҳиби макс гунаҳгор шавад».

Соҳиби макс даҳякгиранда, яъне, оширро гӯянд. Касеро, ки тибқи дастӯроти шариъати Ислом бояд ҳангоми убури

www.kitobam.com

тоҷирҳо, аз сарҳад, аз даҳ ҳисса, як ҳиссаи моли онҳоро барои байтулмол (хазинаи давлат) бигирад. Ғолибан чунин ашхос болои мардум зулм намуда, моли зиёдашонро тороҷ менамоянд, ки ин дуздии ошкорост ва зулм, дар ҳақи тоҷирон. Биноан дар ҷабру зулму гунаҳгорӣ машҳур шудаанд. Пас, агар шахсе узри бародари мусалмонашро напазирад, мисли оширон гунаҳкор мебошад, ки гунаҳкорро дар ҷаннат роҳ нест, ба ҷуз нори дӯзах...

Дар боби гуноҳи се нафар, ки авф аст: Имоми Аъзам, аз устоди худ Ҳаммод ибни Абӯсулаймони Фақеҳ, вай аз Иброҳими Нахъӣ, ӯ аз Асвад ва ӯ аз модари мӯъминон Оиша (р) ривоят намояд, ки Расулуллоҳ (с)чунин фармудаанд: «-Қалам аз се шахс бардошта шудааст: (Яъне, гуноҳи се шахс китобат нашаванд)-Аз ноболиғ, то бузург шудан ва ба балоғат расиданаш (духтар то нӯҳсолагӣ ва писар то дувоздаҳсолагӣ), аз девона то соҳиби ақлу хирад гардиданаш ва аз шахси хоб, то бедор шуданаш...».

Дар боби он, ки оё кӯлоҳ (тоқӣ, каллапӯш) ба сар кардан суннат аст? Имоми Аъзам аз Ато валади Абӯраббоҳ ва ӯ аз Абӯҳурайра (р) ривоят намоянд, ки Расулуллоҳ (с) қалансуваҳ, яъне, кӯлоҳ ва ё худ радоъ доштанд. Алӣ Қорӣ мегӯяд»:-Муроd аз қалансуваҳ он чизест, ки ба он сарро пӯшонида (сатр) мешавад».

Басо ғофилонеро мебинем, ки кӯлоҳ (ба занҳо сатри сар), яъне, давлати сарро бар сар накунанд ва ба аҳли яҳуду насоро ва буддоӣ ва мачӯсӣ ва ғайра пайравӣ кунанд (чӣ занҳо ва чӣ мардҳо) ва кӯлоҳ бар сар карданро як чизи муҳим надониста, ҳам дар тасфи тобистон ва чангу дуду хок ва намиҳои тирамоҳу сардиҳои замистон ва борони сарди баҳорон бо сарҳои ӯрён мегарданд, ки ба саломатиашон зарар дорад ва суннати хуби Расулуллоҳ (с)-ро зери по менамоянд.

Дар ҳадиси шарифи дигарӣ, ривояткардаи Ҳазрати Имоми Аъзам (р) аз Ато ва ӯ аз Ҳазрати Абӯҳурайра (р) ва дар ривояти Ибни Асокир (р) низ кулоҳ ба сар кардани Ҳазрати Расулуллоҳ)с) ривоят шудааст...

Дар боби он, ки ҳамаи корҳои нек садақа мебошанд: Имоми Аъзам (р) аз Ато (р) ва ӯ аз Ҷобир (р) ривоят кунанд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Ҳар кори некеро, ки ба ғанӣ ва фақир анҷом бидиҳӣ, барои ту садақа аст». (Ва дар ҳадиси шарифе ҳам омада, ки : «Садақа радди бало»-ба қавли Расули Худо (с)-С.Б.Б).

Кори хайреро анҷом додан, ки аз он амали ту бандагони Худо нафъ баранд, бе аҷру савоб набуда, барои ту садақа хоҳад буд, ки подошашро Худованди раҳмонир-раҳим даҳчанд бидиҳад...

Дар боби он, ки ҳар он, ки ин амал содир кунад, аз боби мусалмон нест, омада: Имоми Аъзам (р) аз Абдуллоҳ валади Динор (р), вай аз Абдуллоҳ валади Умар ривоят намоянд, ки Набӣ (с) фармудаанд: «-Аз мо, (яъне, аз гурӯҳи моён) нест касе, ки дар савдо ғаш» (яъне, хиёнат ва фиреб кунад, ҳам дар хариду фурӯхт ва ҳисоби пулу мол ва ашё ва дар сари тарозу).

Ғаш дар савдо, моли камбаҳоро бо моли қиматбаҳо омехта кардан, чорвои нухсдор ва девонаю маъюбро хуб ҳукм кардан ва ба қимати моли гарон онро фурӯхтан мебошад ва дар наздики фарорасии иди «Фитр» ва иди «Азҳо», яъне Иди Қурбон нархи ҳама чизро, яъне хурокаву пӯшокаро қиммат фурӯхтан ҳам аз бадтарин гуноҳони кабира аст…

Алӣ Қорӣ мегӯяд: «-Дар аксари тариққҳои ривоятшудаи ин ҳадиси шариф омадааст: Расулуллоҳ (с) дар бозор гандумро дид, ки таркардашуда фурӯхта мешуд, яъне, намнок пас чунин фармуданд».

Мутаассифона имрӯз, дар савдо бисёр ашхоси каме пайдо мешаванд, ки дар фурӯхтани молу масолеҳ фиребу хиёнат

www.kitobam.com

мекунанд, ошкоро дурӯғ мегӯянд, қасаму савганд мехӯранд, бахусус дар рӯзҳои идҳои мусалмонон ва дар тарозу хиёнат мекунанд ва моли пастро бо моли қиматбаҳо омехта мекунанд; дар ғалла, намак ва ғайра об мепошанд ва пулу моли ҳалоли худро ҳаром месозанд. Чӣ оқибат доштани ин амали нораво ва кирдори носазоро бояд ҳар яки мову шумо, аз ин ҳадиси шариф дониста ва хулосаи зарурӣ бароварда бошем. Бадтарин гуноҳ он аст, ки дар моҳи шарифи Рамазон ё дар наздикии «Иди Фитр» ва «Қурбон» савгодагрон молу маҳсулотро қимат фурӯшанд, ки гуноҳест азим, ки ҳафтодсола намозу рӯзаи он қимматфурӯш барбод мешавад ва ба ҳафтод бало гирифтор мешавад, ки яке аз он балоҳо қаҳтии хонадон сӯхтани дӯконҳо ва мағозаҳо ва ғайра.

Дар боби он, ки ҳеҷ масткунандаеро табак, тамоку, героин, нашъа, май, манӯш (ва аз гиёҳҳо ва нӯшокиҳои масткунанда ва сусту заифкунанда даст бикашед) омада:

Имоми Аъзам (р) аз Алқама валади Марсад ва аз Ҳаммоди Фақеҳ валади Абӯсулаймон ва онон аз Абдуллоҳ, валади Бӯрайра ва ӯ аз падараш Бурайра валади Ҳусайб ривоят кунанд, ки Ҳазрати Набӣ (с) фармудаанд: «-Ҳеҷ масткунандаеро манӯш!»

Дар масъалаи ҳаром будани истеъмоли ашёи масткунанда, аҳодиси зиёд, бар асоси ҳукми Худованд, ворид шудааст, ки яке аз онро Имом Аҳмади Ҳанбал (р) ва Имом Ал-Бухорӣ (р) Имом Муслим (р) ва дигарон ривоят кардаанд, ки лафзаш чунин буда: «-Куллун мусаккарун ҳаром» (Яъне: «Ҳама ашёи масткунанда ҳаром аст!) Яъне, наздик аст, ба ҳадди тавотур бирасад. яъне, ба ҳадде, ки касе онро инкор кунад, гунаҳкор шавад ва гуноҳи кабира гирад.

Абӯдовуд (р) аз модари мӯъминон Умми Саллама (р) ривоят намояд, ки Расулуллоҳ (с) истеъмоли он ҳама чизеро, ки касро маст ва сусту заъиф (мисли май, нашъа, шираи

кӯкнор, банг, героин, кокоин, никотин, нос ва ғайра мислиҳум) мегардонад, қатъиян манъ кардаанд. Имом Аҳмади Ҳанбал (р), Имом Муслим)р) ва дигарон аз Абдулоҳ ибни Умар (р) ривоят кунанд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Тамоми ашёи масткунанда хамр аст ва тамоми ашёи масткунанда ҳаром мебошад. Касе дар дунё хамр бинӯшад ва дар ҳоле бимирад, ки тавба накарда, ба ин амали норавояш идома медиҳад, дар охират аз он маҳрум хоҳад шуд».

Ва ба қавле, «дар гандобаҳои ғализу касифи зиноъкорон ғарқ хоҳад шуд, ки ба имдоди ӯ касе нахоҳад расид. Яъне, ғарқ хоҳад шуд, дар чоҳи ғализу касиф, ки ба имдоди ӯ касе нахоҳад расид. Яъне, аз хамри ҳалол ва лазизи Ҷаннат маҳрум шавад»...

Дар боби он, ки оё шароб фурӯхтан ҳалол аст? Имоми Аъзам (р) аз Муҳаммад ибни Қайс (р), ӯ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят намояд, ки: «-Як рафиқи Ибни Қайс аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз фурӯхтани шароб ва хӯрдани шароб ва хӯрдани пули аз фурӯхти он ба даст омада пурсон кард.

Ибни Умар (р) гуфт: «Ҳалок кунад Худо яҳудиёнро, ки хӯрдани пайҳо (яъне, равғани сафед, ки болои гӯшти инсон ва ҳайвонот пайдо мешавад) бароямон ҳаром буд, онон хӯрдандаш, яъне, бихӯрданд ва пулу моли ба даст омада аз савдои онро (арақ) барои худ ҳалол қарор доданд. Ба яқин Аллоҳ таъоло хамрро ҳаром ҳукм кардааст. Пас фурӯхтани он ва хӯрдани он ва хӯрдани пули аз даромади он ба даст омада, аз савдояш ҳаром аст, зеро ки он ғизо ва нӯшокии инсонӣ нест».

Ин ривояти мазкурро Имом Муҳаммад)р) дар китоби «Осор» зикр карда ва афзудааст: «-Ба ин қавл амал мекунем ва он қавли Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мебошад». Майнӯш ва майфурӯш то он даме, ки тавба накарда, ҳаромро ҳалол

www.kitobam.com

шуморида, дар ҳоли мастӣ мурда монад, ҷаноза кардани ӯ дуруст нест ва ӯ дар қиёмат дар сурати хук мехезад. Гуноҳи майфурӯш аз майнӯш дида, бузургтар аст...

Дар боби оё дар ҷиҳод (ҷангҳо ва задухӯрдҳои тарафайн) куштан, яъне, қатл намудани кӯдакон, занон ва пирону маъюбон равост? Омада: Имом Муҳаммад, дар «Муатто» аз Имом Молик Ал-Асбаҳӣ, вай аз Нофеъ, ӯ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят намоянд, ки: «Дар яке аз ғазоҳояшон, алайҳи куффор, Ҳазрати Расулуллоҳ (с) занеро кушта дида, чунин амалро кори зишт қаламдод карданд ва куштани занон ва кӯдаконро ва пирону маъюбон ва маризонро қатъиян манъ намуд».

Имом Муҳаммад (р) баъди зикри ин ривоят гуфтааст: «- Ва ба ин ривоят амал менамоем. Сазовор нест, ки дар ғазо (ба хусус, дар ғазоҳои бемаънии имрӯзаи олами исломӣ, ки бо иғвои бегонагон сар задаву рух медиҳанд, ки боиси ҳалокати занону кӯдакон ва маъюбону оҷизон ва таҳқир ба ҷасадҳо ва қабрҳои онҳо мешаванд-С.Б.Б) зан ва пиронсолон кушта шаванд. Ба ҷуз дар ҳолате, ки дар сафи аскарони душман қарор гирифта бошанд».

Дар «Таълиқи мумаҷҷад»- Мавлоно Абдулҳай, инчунин манъ будани қатли кӯрон (нобиноён), шалону фалаҷон ва маъюбон ва дигар ашхоси заъифу нотавонро ҳам зикр кардааст. Қатли чунин ашхос танҳо ҳангоме равост, ки онон амиру сарлашкар ва ё роҳбару роҳнамои душман бошанд ва ё дар сафи ҷанг қарор гирифта, бо роҳбарии худ адӯро қувват бидиҳанд»...

Дар боби он, ки мусла чист, омада: Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аз Алқама (р) ва ӯ аз ибни Бурайда (р) ривоят намоянд, ки Расулуллоҳ (с) аз мусла, яъне, буридани гӯш, бинӣ даст, пой ва забон ва ғайра манъ кардаанд.

Инчунин дар ривояте омада, ки Расулуллоҳ (с) баъзе асҳоби киромро, ки ба ҷанг раҳсипор буданд, чунин васият кардаанд: «-Мусла накунед ва аҳду паймоншиканӣ нанамоед, хурдсолон ва пиронсолонро макушед!»

Дар ривояти Имом Аҳмади Ҳанбал, Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Имом Тирмизӣ ва Насоӣ, аз Абдуллоҳ ибни Умар омада, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Лаънат кардааст Худо касеро, ки ҳайвонеро (яъне, мавҷудоти зиндаро ва хазандагону парандагонро ва ҳашарот ва ҳайиллоямут ва зирӯҳе, ки хоҳ дорои ақл бошаду нотиқ, мисли инсон ё ғайри нотиқ мисли гову мол ва ғайра (мусла кунад) яъне, ягон узви ӯро бурад ё қатъ созад)»

Шаклу андоми ҳама махлуқотро Худованди холиқи якто, худ халқ карда, яъне, офаридааст, ба ҷуз Ӯ таъоло (ҷалла ҷалолаҳу) касе ҳақ надорад, ки онро тағйир бидиҳад (аммо хатна кардани писаракон, рози дигар аст, ки барои покии аъзо ва аз нигоҳи тиббӣ ва шаръӣ тоза будани узви таносул ва ғайра, ки аз замони Ҳазрати Одам алайҳиссалом ва пайамбарони пешин ба хусус, аз даврони Ҳазрати Иброҳим ва Исмоил алайҳиссалом, то ба рӯзгори Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва аз он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам то ба ин рӯзгори мо, байни мусалмонон суннат шудааст, яъне, то ба ҷовидон-С.Б.Б). Биноан, ба ҳукми шаръӣ муслакунандаи золим ва ба лаънати бепоёни Худованд гирифтор гардад...

Дар боби он, ки дар Ҷаннат барои худ чӣ гуна хона сохта бошем?-омада: . Ҳаммод писари Имоми Аъзам (р), аз вай ривоят кунанд, ки гуфт:-Шунидам Абдуллоҳ валади Абӯавфоро, ки мегуфт:-Аз Расулуллоҳ (с) шунидам, ки мегуфт: «-Касе аз барои Худо масҷиде бунёд кунад, агарчӣ монанди лонаи Қатот хурд бошад. Аллоҳ таъоло барои ӯ хонае дар ҷаннат бунёд хоҳад кард».

www.kitobam.com

I. Барои шарҳи вожаи қатот, ин ки қатот парандаест хурд, ки ба форсӣ онро сангора (сангобдавак) гӯянд...

Дар боби фарқи хона аз қабр омада: Имоми Аъзам аз Нофеъ ва ӯ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кунанд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Дар хонаҳоятон намоз бигзоред ва маскани хешро қабристон магардонед.

Айни ин ҳадиси шарифро Имом Тирмизӣ ва Насоӣ ривоят кардаанд. Дар ривояти Дорулқатнӣ омадааст: «-Дар хонаҳоятон намоз бигзоред ва намози нафлиро дар хона тарк масозед».

Дар ривояти Имом Бухорӣ, аз Зайд валади Собит омадааст: «-Ай мардумон, дар хонаҳоятон (ҳам, ба ғайри намози ҷамоъа дар масҷид, ҳамчунин, яъне, суннат ва нафл) намоз бигзоред. Зеро ба ҷуз намозҳои фарзӣ, беҳтарин намози кас онест, ки дар хона бигзорад».

Хона маскани зиндаҳо ва қабристон маскани мурдаҳост, хонае, ки бо намоз ва дигар ибодатҳо пурнур ва мунаввар карда нашавад, ба қабристони хомӯшон шабоҳат дорад. Хона барои намозҳои нафлӣ ва масҷид барои намозҳои фарзӣ (ва суннат) беҳтарин макон мебошад.

Дар боби ҳаммом омадааст: Имоми Аъзам (р) аз Ато ва ӯ аз Ҳазрати Оиша (р) ривоят намоянд, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Бисёр хонаи бад аст, ҳаммом ва обаш тоҳир намекунад»

Дар ҳаммомҳои умумӣ, ки дар он мардон бараҳна ва лучу урён дохил шуда, аврату олоти якдигарро чун ҳайвоноти беақлу ҳуш, ба намоиш мегузоранд, корест шаръан ҳаром ва ақлан зишт ва аз рӯи одоб нораво аст. Инчунин оби ҳавзҳои бисёр ҳаммомҳо ақлан ва шаръан ва тиббан бо назофат намебошанд. Биноан, Расулуллоҳ (с) чунин ҳаммомҳо ва обҳои онҳоро, ки ба талаботи шариъати Ислом ҷавоб намедиҳанд, «тоҳиркунанда намебошанд» гуфтааст, яъне поккунанда

нестанд. Аммо ҳаммомҳое, ки утоқҳои ҷудогона дошта, назофати обҳои онҳо риоя мегарданд, боке надоранд.

Дар ривояти дигари Имоми Аъзам, аз Абӯзубайр ва ӯ аз Ҷобир (р), ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Ҳалол нест, аз барои марде, ки имон ба Худо ва рӯзи қиёмат дошта бошад ин, ки бе изор дохили ҳаммом шавад. Ва касе авраташро аз чашми мардум напӯшонад, ба лаънати Худо ва фариштагон ва ба лаънати халқ қарор хоҳад гирифт».

Барои шарҳи вожаи аврат, яъне аз зери ноф, то зери зону аз барои мардон ва тамоми бадан барои занон аврат мебошанд ва фарзу воҷиб аст, ки сатр карда шаванд (С.Б.Б).

Дар боби касе, ки мусалмонеро кофир бигӯяд: Имом Муҳаммад ибни Ҳасан, шогирди Имом Аъзам, аз Имом Молик ал-Асбаҳӣ, ӯ аз Абдуллоҳ ибни Динор, ӯ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят намоянд, ки гуфт:-Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «-Кадом шахсе бародари мусалмонашро кофир бигӯяд, пас ба таҳқиқ, ба куфр яке аз ин ду рӯҳӯъ кардаанд».

Яъне, агар кофир гуфташуда мусалмони воқеъӣ бошад, кофиргӯянда худ кофир гардад!

Имом Муҳаммад (р) баъди зикри ин ривоят, дар «Муатто» гуфтааст. «-Сазовор нест барои ҳеҷ як мусалмоне, ки касеро аз аҳли Ислом, ба сабаби содир кардан гуноҳеро, агар чӣ гуноҳи бузург ва кабира бошад (зеро Худованди холиқу ҷаббор худ медонад, ки подоши гунаҳкорон чист ва ин ҷо ба ҳукми бандаи оҷиз ва махлуқ ҳеҷ зарурате нест), ба куфр нисбат бидиҳад ва ин қавли Имоми Аъзам (р) аст...

Боби - оё яҳудӣ ва насрониро ба занӣ гирифтан равост? Имом Муҳаммад (р) вай аз Иброҳими Нахъӣ ва ӯ аз саҳобаи Расулуллоҳ (с) Ҳузайфа (р) ривоят намояд, ки:-Дар Мадоин (Эрон-Тайсафуни қадима) ба як зани яҳудия издивоҷ кард. Амиралмӯъминин Ҳазрати Умар (р) ба вай нома фиристод, ки «он зани яҳудиро талоқаш бидеҳ!» Ҳузайфа (р) дар ҷавоб ба

www.kitobam.com

Ҳазрати Умар (р) чунин нома навишт:-Оё вай ба ман ҳаром аст, ай амиралмӯъминин! Ҳазрати Умар (р) ба вай дубора чунин нома навишт: «-Туро ҷиддан мегӯям, ки мактуби маро то ҳанӯз нагузошта, ӯро талоқаш бидеҳ. Зеро ман хавф мебарам, ки дигар мусалмонон, ба ту пайравӣ намоянд ва занони аҳли зиммаро, аз ҷиҳати ҷамолашон, барои худ зан ихтиёр кунанд. Чунин амал барои дар фитна гирифтор шудани занони мусалмон бас аст»!

Имом Муҳамад (р) ин ривоятро дар китоби «Осор» ривоят карда ва афзудааст:-Ва тибқи ин ривоят амал менамоем.-Издивоҷи занони яҳудиро ҳаром намегӯем, лекин лоиқ ва шоиста инро мебинем, ки ба ҷои онон аз занони басо соҳибҷамол ва бо имону бо иффати мусалмон, завҷа ихтиёр карда шавад ва ин қавли Ҳазрати Имоми Аъзам (р) аст.

Бале, ба ҳамагон маълум, ки тибқи дастуроти шариъати Ислом никоҳи занони аҳли китоб, яъне, яҳуд ва носоро ҳалол аст. Аммо дар муҳите, ки насли имрӯзаи яҳудиён ва насроният тарбия ёфта ҳаёт ба сар мебаранд, аз доираи шариъати мо берун буда, аксаран аз аҳли китоб намебошанд, балки онҳо ҳукми мулҳидро доранд ва то дини Исломро бо имони комил напазиранд, ба занӣ қабул кардани онон роиҷ нест ва никоҳашон ҳам мутлақан раво нест. Зеро пӯшида нест, ки чӣ гуна ин тоифа наъраҳои илҳодиро баланд карда, тамоми динҳоро ботил эълон кардаанд ва бар муқобили дину оин ва расму ойини неки инсонӣ, ҷанги оштинопазиреро шӯрӯъ намудаанд, ки ба иқрори худ миллионҳо диндорро қатл кардаанду мекунанд.

Биноан ин насли (ноқисулақл, ба шаҳват дода шуда ва ғуломи шикам, ки асосан сарчашмаҳои илми оламро аз мардуми Шарқ омӯхтаанд) имрӯзаи онон, аз дину оин бехабар буда, чун чаҳорпоён, дар сарашон ба ҷуз фикри бизан, бисӯз, бихӯр ва бигард, чизе нест ва аксаран ҳама мулҳиданд ва ба

дини худ бовар надоранд ва паёмбарро аз Худо фарқ намекунанд ва ҳокимони эшон бошанд, то ба имрӯз табли «доду диҳиш» мезананду табли «ҳикмату фалсафа», баҳри «наҷоти башарият».

Дигар ин ки никоҳ барои мусалмонон танҳо ба хотири қазои шаҳват нест, балки суннат буда, ибодат ба шумор меравад. То насли пок тавлид ёбад. Мақсад аз издивоҷ, аввалан фарзанд аст ва сониян аз ҳамдигар нафъ бурдан ва ба сабаби он худро аз зиноъ (алоқаи ҷинсӣ бо зани ғайр ва беникоҳ) нигоҳ доштан мебошад. Пас зани мулҳиду бединеро кас издивоҷ намояд ва ба занӣ интихоб намояд, хавф аст, ки фарзандони ӯ дар рӯҳияи бединӣ тарбия ёбанд. Чуноне борҳо дидаем, ба сабаби чунин издивоҷу никоҳҳо, баъзе бародарони мо ба ҷое, ки насли мусалмонро дар рӯи замин зиёд намоянд ва пайравони дини Худоро бештар созанд, фарзандони эшон дар сафи кофирон, яъне, мулҳидону худоношиносон ва бадрӯён қарор гирифтаанд, ки ин ба ҳамаи мо маълум аст.

Душманони дини мубини Ислом, яъне, яҳуд ва носорои тиҳимағз, аз занҳои фоҳиша ва сабукпову беимони яҳудӣ ва насронӣ, дар тӯли таърихи пайдоиши Ислом, дар заъиф сохтани шафқат ва нерӯи мусалмонон борҳо кор гирифтаанд. Чуноне, ки Туркия ва Фаластин шоҳиди равшани ин коранд. Кишвари Туркия, дар чанд асри гузашта маркази хилофати исломӣ буда, ҳимояи ҷаҳони исломро ба дӯш дошт. Ин мардуми ҷангҷӯву шуҷоъ куфри ҷаҳониро ба ларза даровард, маркази насрониёни олам-шаҳри Константинопол (яъне, Истамбул, ки аслан аз ибораи «Ислом булдӣ» аст»)-ро ба қаламрави Ислом дохил намудаанд. Чуноне, аз таърих хабар дорем, ба интишору авҷи зиноъ ва шаробнӯши ва нашъамандӣ ва рибохӯрӣ, на танҳо афроди оддии Туркия, балки баъзе халифаҳову афандимҳои онро ва муллоҳои онро фосид сохтанд ва саранҷом хилофатро тавонистанд суқут

www.kitobam.com

бидиҳанд. Ин мамлакате, ки дар гузашта, ойини Ислом ва мазҳаби ҳанафияи Имоми Аъзам (р) намунаи қудрат ва тавоноии мусалмонон ба шумор мерафт, имрӯз ба як кишвари хушомадгӯи яҳудия ва насоро мубаддал гаштаасту бо фоишахонаҳо ва занони сабукпо шӯҳрат бароварда ва ба як кишвари ҳампаймон ва ҳамтабақи яҳуд ва насоро табдил ёфтааст...

Ва мо аз Худованди мутаъол таманнои онро мекунем, ки бандагони Худо, ки умматони солеҳи Расули акрам (с), пайравони содиқи Имоми Аъзам (р) ва муридони вафодори Мавлои Балхӣ, яъне, Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Рӯмӣ, яъне, шуҷоатмандон ва асилзодагони Туркия, баҳри он мекӯшанд, ки дар ин кишвари исломӣ, саропо нури Ислом дурахшон бошад на ин ки як кишвари риёву рибоъ. Туркияро он асолате мебояд, ки қаблан онро дошт. Аммо фаластиниҳо шуҷоати таърихӣ дошта; дар ибтидои ҷанг бар муқобили яҳуд, ҳамчун як қудрати шикастанопазире муттаҳид, муқовимат менамуданд.

Яҳуд ва носоро, бо макру найранг, дар дохили мардуми фаластинӣ рахна зада, эшонро ба ҳизбҳои гуногун (дар кишвари мо ҳамчунин амалиётро ба анҷом расонида, дар натиҷа мардуми тоҷикро ба майдони болову поин ва кофару мусалмон ҷудо карданд, ҳизбҳо эҷод намуданд ва тоҷики мӯъминро ба маҳалҳо ҷудо намуданду тақсим сохтанд ва боз имрӯзҳо низ афроде худро аз «солеҳон» шуморида, мазҳаби моро пош доданианд ва якпорчагии кишварро халалдор карда истодаанд (чуноне; ки Қувайтро аз Ироқ ҷудо карданду ба базаи ҳарбӣ ва таҷовуз табдил доданд ва бо баҳонаи толибонкушӣ имрӯз Афғонистонро ба майдони ҳарбу зарб ва кишвари героинфурӯш табдил додаанд ва пештар аз он бо баҳонаи бумби атомӣ кишвари Ироқро, ки як мамлакати зебо буд, ба харобазор табдил доданд ва ҳоло ҳам дар даруни

оғилҳо ва катакҳо, яъне ҳелчаи мурғҳо бомбаи атомӣ меҷӯянд) ва беҳтарин муҷоҳиддин ва ҷавонони бо ақидаро аз майдони ҷанг кашида, бо баҳонаи ҳичрат ба Амрико ва Аврупо оварданд. Дар инҷо аз занони фоҳиша кор гирифта, эшонро фосид сохтанд ва ғайрату ҷавонмардиро аз вуҷудашон бишустанд. Ҳар зани яҳудӣ муваззаф буд, то ба назди фаластиниҳо, дар кишварҳои хориҷ муҳоҷир рафта, фаҳшро ривоҷ бидиҳанд ва ба ин тариқа ҷавононро айёш бисозанд ва фикри ҷиҳод ва озод сохтани кишварашонро аз андешаи онон дур бисозанд. Имрӯз чуноне мебинем, ҳазорон фаластиниҳо дар тамоми гӯшаву канори кишварҳои ғарбӣ сукунат ихтиёр карда ва кишварашон зери тасарруфи яҳудиён қарор гирифтааст ва марзу буми фаластин зери суми хару аспони яҳудиву америкоӣ ва ҳароси мо ҳам аз ин аст, ки Худо накунаду рӯзе фаластиниҳо, дар марзи Ватани хеш иҷоранишин шаванд...

Имрӯзҳо, ки матоъи риёву рибоъ ва фаҳшу ваҳшоният ба мадҳушӣ харидор пайдо кардааст, инсоният ба гургҳои даранда мубаддал гардида аст ва ба ҷои он, ки бо тафаккури худамон ободкориҳо карда бошем, баръакс шабу рӯз корамон куштору ғорати якдигар асту бас. Худованд Заминро барои буду боши мо офаридааст ва ин замин махзани бебаҳои зиндагист, ки боигариҳои он тамомнашаванда ва беинтиҳост ва барои садҳо миллион нафар насли одам басанда асту кам нест ва ҳоҷат ба гӯшти тани якдигарро хӯрдани шумову мо, яъне, кофару мусулмон, яҳуду буддоӣ, насорову маҷӯсӣ нест!

Дар солҳои охир сели занони фоҳиша аз Русия, Аврупо ба Дубай, Абӯдабӣ ва дигар кишварҳои исломӣ, бо киштӣ ва тайёра сарорез шуда, ҷавонони зиёди ин кишварҳоро мубтало ба зинокорӣ гардонидаанд. Чуноне шоҳидони айнӣ шаҳодат додаанд, занони мусулмон, дар муқобили ба ин мусибат мубтало шудани шавҳаронашон ва аҳмият надодан ба онон,

www.kitobam.com

музоҳара карданд, то ҳукуматдоронро водор ба бастани ин фасод бисозанд.

Ҳамаи ин дасисаҳои кофирон, ба хотири ин аст, ки насли ҷавони олами Исломро айёш ва фосид бисозанд. Ончунон насле ва «тамаддуне доно» ба вуҷуд биоваранд, ки дин ва Ислом наздашон ҳеҷ арзише надошта, ягона мақсаду маромашон шаҳватронӣ, бе обилаи кафи даст, ба воситаи рибоъу ғорат ва дуздӣ ва муттаҳамӣ ва дайюсӣ ва фитнаву шӯрангезӣ, ба даст овардани пулу мол, интишор ва паҳн намудани рӯзномаву маҷаллаҳо (чуноне, ки имрӯз бархе аз «рӯзноманигорон»-и « басо мутамаддину компютершинос»-и тоҷик, ба ин кори «хайр» иқдом кардаанд ва аз ҳисоби он «маоши ҳалол», ба даст меоранд) ва видеокосетҳои филмҳои даҳшатовар ва фаҳш бошаду бас.

Табиист, ки чун мард зинокор шавад ва айёшу бе имон шавад ва шаҳвати худро дар занҳои фоҳиша адо кунад, шумии ин амал ба зан ва ба фарзанди ӯ низ сироят кунад ва эшон ҳамсафари сарпарасти фосиқи худ бигарданд. Чун оилаҳо Худобехабар шаванд ва аз Исломи мубин дур шаванд ва адаби инсонӣ ва шариъати Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро ва мазҳаби Имоми Аъзам (р)-ро пос надоранд (оқибат фирқабоз шаванд ва зуд ба доллар фурӯхта шаванд ва надонӣ, ки дину мазҳабашон чист?). Пас фосид ва мулҳид шаванд ва боигариву сарвату савлаташон ба ҳукми Худо барбод гардад, умри эшон кӯтоҳ гардад ва зоғи ғам дар хонадон тухми доғу ғам гузорад ва оила барбод равад ва пасон ҷомеъа ҳам фасод ва нобуд гардад ва тифлакон ятиму овора ва занон беваву бечора. Худоё бар марду зани мо тавфиқ каромот бифармой, нафси танпарастӣ ва шайтанатро аз қалбҳо ва чашмони мо бибардор, то бошад, ки бо ҳидоят ва роҳнамоии ту ва Расули гиромӣ (с)-ат роҳи нишоти ин дунё ва охиратро биёбем ва гавҳари имон, ба мо ҳамроҳ кун эй Худои меҳрубон ва мардумро аз беҳтарин

мазҳабат-мазҳаби Имоми Аъзамат ва аз дигар мазоҳиби аҳли суннат ва ҷамоъат дур магардон, хурду бузурги моро тавфиқи бандагӣ иноят фармой. Тоҷикону Тоҷикистонро нигаҳ дор, эй Худо, аз тамоми офати арзиву самой...

Бале, муқаддароти илоҳӣ, дар ин рафта будааст, ки дар даҳаи охири садаи ХХ-и мелодӣ, мардуми мутадаййин, худопарасту ҳанафӣ ва исломпарвари мо, ба мушкилоти зиёде даст ба гиребон гарданд.

Дар ҷангҳои бемаънӣ (аз ҷониби муҳандисони пӯхтакору айёри яҳуду насоро тарҳкашидашуда)-и воқеъшуда даҳҳо ҳазор одамон қурбон гардиданд, ки бештар аз навад фоизи он ҷавонону шаҳмардон буданд. Аз панҷ, як ҳиссаи мардуми кишвар муҳоҷир шуд, ки боз навад фоизи онро ҳам ҷавонон ташкил медиҳанд. Инчунин 90 фоизи муҳоҷирон, ба Русия ва дигар кишварҳои ғайри исломӣ ва бархе гурӯҳ-гурӯҳ, ночор, ба ҷамоҳири туркзабони ҳамсоя ҳичрат карданд.

Даҳҳо ҳазор ҳамшираҳои мо шарбати талхи бевагӣ ва бекасиро чашидаву мечашанд. Зани бо ҳаёе, ки дирӯз бидуни зарурат, аз хона берун намерафт ва бо марди аҷнабӣ гапу ҳарф намезад, имрӯз ба бадахлоқӣ мубтало гардидааст. Бисёр кам деҳаҳое боқӣ монда, ки дар он даҳҳо марди даюси даҳзанаи ҷайбаш бе пул ва даҳҳо зани фоҳиша пайдо нашуда бошад. Агар илова ба ин шумораи ҷавонони аз ду ҷониб қурбоншуда, ин нуқтаро баён бидорем, ки ҷавонони зиёде зани ғайри мусалмон гирифтанд ва теъдоде ҳам айёш шуда, ҳаёти хубу поки оила ва оиладориро зарур намедонанд, он гоҳ чӣ мусибате ба ҷомеъа таҳдид доштаро хуб дарк хоҳем кард.

Биноан, дар чунин шароити дарҳаму барҳамӣ, касе хидмат ба дини мубини Ислом, ҳимояи мазҳаби Имоми Аъзам, ҳимояи марзу буми мусалмоннишин, ҳимояи Ватан-модари азиз-Тоҷикистонро қарзи худ медонад ва мубориза бар муқобили фирқагарой, дуздиву ғорат, нашъаҷаллобиву

www.kitobam.com

нашъамандӣ ва куштор ва зинову фасодро вазифаи эмонӣ ва хостаи виҷдонии хеш медонад, ҳалол зиндагӣ намояд. Ватани азизро, ки имрӯзҳо хушбахтона тинҷиву осоиштагӣ фароҳам омадааст, (яъне, бо кӯшишҳои бузургфардони бедордил ва тоҷикони асил, махсусан ва зиёдатан бо кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Ҷаноби олӣ-Эмомалӣ Раҳмон эҳтиром намояд, ба қадри соҳибистиқлолии Тоҷикистон бирасад, зиндагии тоҷикона дошта бошад. Сарқонуни ҷумҳуриро эҳтиром кунад, «Қонуни забон»-ро эҳтиром кунад ва мувофиқи дастуроти шариъати ғурро ва мазҳаби муҳаззаби Ҳазрати Имоми Аъзам (р), аз издивоҷ ва хонадоршавӣ, ба зани мулҳиди ғайримусалмон, сарфи назар намояду аз ин кор даст шӯяд ва ба кишвари офтобиву исломкеши хеш баргашта, издивоҷи ҳалол кунад, то ки фарзанди некӯ ба дунё ояд ва ояндаи Тоҷикистон бо наслҳои солимақли ходими дину давлат таъмин бошад (мисли нажоди Оли Сомон, ба хусус, мисли Шоҳ Исмоили Сомонӣ раҳматуллоҳу алайҳ ва мисли президентамон Ҷаноби олӣ, Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон).

Дар мусофират нон ғелон-ғелон, ба пеши кас намеояд ва агар мо чашм аз шаҳвату маишати ҳаром ва маю нашъаи умркӯтоҳкунанда даст кашида, дар Тоҷикистони худ ҳалол меҳнат кунем, биллоҳ ба Худо, ки як тини ҳалоли бо меҳнат ёфтаи мо, аз садҳо рублу доллари нопоки рибобунёди яҳуду насоро авлотар ва покизатар аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

Хоки Ватан, аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан, аз лолаву райҳон хуштар.

Вазъи имонии шахсе, ки гуноҳи кабира содир кардааст: Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)перомуни ин мавзӯи басо муҳим чунин мегӯянд: «-Соқит намешавад аз муслим васфи имон, ба сабаби иртикоби гуноҳи кабира».

Мӯътазилиён (яке аз ҷараёнҳои иртиҷоии шиъа) чунин ақида доранд, ки «аз шахси муртакиби гуноҳи кабира шуда; имон хориҷ мешавад». Гуноҳи кабира он аст, ки амали он мувофиқи Қуръон ва Ҳадис мамнӯъ аст. Ва ба қавли Имом Абӯҳанифа (р):-Кофир намешавад муслим, ба сабаби гуноҳ, агарчӣ кабира бошад, магар он гоҳ, ки онро ҳалол ва раво донад, зеро имон иқрор аст, ба забон ва тасдиқ аст, ба қалб, яъне дил. Гуноҳ зоил намекунад, иқрор ва тасдиқро. Аммо касе, ки ҳалол ва раво донад гуноҳеро, ки собит шудааст ба насси қотеъ, пас ӯ кофир аст, ба Аллоҳ, чаро, ки ҳалол донистани онҳо дурӯғи мутлақ аст, ба Аллоҳ ва Расул (с)-и Аллоҳ ҷалла ҷалолаҳу. Барои сухани Аллоҳ, ки фармудааст: «Ва мо отокумур-Расулу фахузуҳу ва мо наҳокум анҳу фантаҳу ваттақуллоҳа» (Тарҷума: «Ва ҳар чӣ бидиҳад шуморо Расул, пас бигирад ӯро, ва ҳар чӣ наҳӣ мекунад, аз ӯ, пас манъ шаванд ва битарсанд аз Аллоҳ»).

Ва Расул (с) гуфтааст: «-Ва анна мо ҳаррама Расулуллоҳи мисла мо ҳаррамаллоҳу ва ман каззаба биоётиллоҳи юдхилҳуллоҳу финнори алат-табиди» (Тарҷума: «-Ба таҳқиқ он чӣ ҳаром гӯфт Расулуллоҳ, монанди он чизе аст, ки ҳаром кардааст онро Аллоҳ. Ва касе дурӯғ бидонад оёти Аллоҳро, дохил кунад Аллоҳ ӯро дар нори дузах ба ҳамешагӣ»). Барои равшании ин масъалаи мавриди назар, чанде аз гуноҳи кабираро зикр мекунем, ба мисли; ливотат, шурби хамр (май, арақ ва масткунандаҳо), ширк, дуздӣ, зиноъ, қатли муслим ба ноҳақ, сеҳр (макр, коҳилӣ, фолбинӣ, ҷодугарӣ, афсун),рибо, ришва, тӯҳмат, дурӯғгӯӣ, ғайбат, тарки фароиз ва никоҳи муваққатӣ (ки зинои ошкоро аст, бар мазҳаби Имоми Аъзам раҳамуллоҳ ва ғайра мислуҳум.

Инак, ҳоло шарҳи баъзе аз гуноҳи кабира, аз рӯи мазҳаби муҳаззаби сироҷи умам Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ба назари мубораки мутолиъини гиромӣ, пешкаш аст, ки омада:

www.kitobam.com

1. Ливотат (бачабозӣ). Имом Абӯҳанифа, аз Ҳаммод ибни Абӯсулаймони Фақеҳ ва ӯ аз Иброҳими Нахъӣ ривоят кардааст, ки ливотаткунанда ба манзалаи бадтар, аз зинокор аст. Ин амали ҳаром ва ғайри шаръӣ, аз феъли бад ва ғайри инсонӣ ва ҷоҳилона ва ваҳшиёна ва палидонаи қавми Лут пайғамбар (ъ-м) будааст. Худованди азимушаън хабар медиҳад, ки: «Ва Лутан из қола лиқавмиҳи иннакум латаътунал-фоҳишата: Мо сабақакум биҳо аҳадин минал-оламин». (Тарҷума: «Лут вақте, ки ба қавми худ гуфт: Ҳар оина шумо, ба амал меоред. кори беҳаёиро (яъне, ливота) пеш аз шумо накарда, ҳеҷ нафаре, аз оламиён»). Ва Расул (с) гуфт: «-Лаъаналлоҳу ман амила, амала қавма Лутин» (Яъне: «-Лаънат кунад Аллоҳ касеро, ки кори қавми Лутро анҷом бидиҳад»).

Дар аҳодиси набавӣ (с), чуноне ки дар ривояти Абӯдовуд ва Ҳоким, ки онро Заҳабӣ саҳеҳ гуфтаанд, омадааст:-Ман ваҷадтуҳуму яъмалу қавма Лутин, фақтулул-фоъилу вал мафъула биҳ. Яъне: «-Касеро дар ҳоле дидед, ки амали қавми Лут (литоват)-ро анҷом медиҳад, фоъил, яъне кунанда ва мафъул, яъне, касеро, ки дар вай ин амал анҷом дода мешавад, бикушед!»).

2. Шурби хамр. Тамоми ашёи масткунанда ҳаром аст. Сухани Худо аст, Ки Астаъизу биллоҳ «Ясъалунака анил-хамри вал майсир. Қул, фиҳимо исмун кабирун». (Тарҷума; «Савол мекунанд, ба ту аз шароб ва қимор. Бигӯ, дар он ҳар ду гуноҳи кабира аст»). Расул (с) гуфт: «Ло ташраб мусаккаран». «Ҳеҷ як аз масткунанда (ва мадҳушкунанда)-ро манӯш (ва истеъмол макун)! «Ва низ қавли Расул (с)аст, ки гуфт: «Куллун муссаккарин ҳаромун!» (Яъне: «Ҳама ашёи масткунанда ҳаром аст»).

3. Ширк. Яъне, шарик овардан, ба Аллоҳ,гуноҳи кабира аст. Худованд мегӯяд; Астаъизу биллоҳ «Инналлоҳа ло яғфиру ан юшрака биҳи ва яғфиру мо дуна золика» (Яъне: «Ба таҳқиқ,

Аллоҳ намебахшад онро, ки ба ӯ шарик биёварад ва мағфират мекунад, ҷуз он». Ва қавли Расул (с) аст, ки «Ло тушрику биллоҳи шай-ан!» (яъне: «-Шарик наёваред ба Аллоҳ чизеро!»).

4. Дуздӣ. Сухани Расул (с) аст, ки: «Ло тусриқу» (Яъне: «Дуздӣ накунед!»). Ва қавли Аллоҳ аст, ки: «Вас-сориқу вас-сориқату фақтаъу айдиҳумо ҷазоан бимо касабо наколан миналлоҳ»). (Тарҷума: «Ва дасти марди дузд ва зани дуздро бибуред! Бале, ин ҷазои сазоворест, ки Аллоҳ, ба сабаби ин касб (дуздӣ) муқаррар кардааст»).

5. Зино. Бе никоҳи мусулмонӣ (мард ва зани хонадоршаванда ва ҳузури гувоҳон-аққалан як марду ду зан ва вакил) алоқаи ҷинсии зану мардро, дар Исломи мубин-ба хусус дар мазоҳиби аҳли суннат ва ҷамоъат зино мегӯянд. Худованди азимушшаън мегӯяд: «Вало тақрабуз-зиноа иннаҳу кона фаҳишаҳ» (Тарҷума: «Пас наздик нашавед, ба зино». Дар воқеъ зино амали бад ва беҳаёист!») Ва Расул (с) гуфтааст: «-Ло тазну!» (Яъне, «Зино накунед!»). Бале, зино амали бадест, ки ҳам ба тан, ҳам ба ҷон ва ҳам ба хонаву манзил ва молу фарзанди кас касофатиҳои зиёд меорад. Зинҳор аз зино даст бояд кашид, ки сари маразҳо зино аст, аз ҷумла ВИЧ-СПИД. Парҳез намоед, то луқмаатон ҳалол гардад ва умратон дароз ва чашмонатон пурнуру қалбҳоятон мунаввар (С.Б.Б).

6. Қатли муслим. Худованд ин амали ғайри инсононаро бо ин ояти шариф манъ намудааст ки, Астаъизу било; «Ва ло тақтулун-нафсал-латӣ ҳаррамал-лоҳу илло билҳақ!» (Тарҷума: «Ва қатл накунед он ҷонро, ки ҳаром кард Аллоҳ магар ба ҳақ!») (Бале, ҳақ аст. Ва беҳуда шоир нафармуда, ки:

«Маёзор мӯреро, ки донакаш аст,
Ки ӯ ҷон дораду ҷони ширин-ш х(в)аш аст»!**(С.Б.Б)**

7. Сеҳр. Сеҳр бадтарин амал аст. Ва шахси соҳир ва соҳира ва ҷодугарро азоб сахт аст, ки Худованд ӯро лаънат кардааст ва

www.kitobam.com

ҳеҷ гоҳ набахшад Худованд гуноҳи сеҳркунандагонро ва ҷояшон дӯзах аст. Сеҳр ва коҳилӣ амали ботил аст. Расул (с) мефармояд: «Лаънатуллоҳи ъалайҳи лил-коҳилина! (Яъне: «Лаънати Худо бод, ба он касе, ки коҳилӣ (соҳирӣ, фолбинӣ, ғайбгӯӣ) мекунад»). Ва Расул ин амали шайтонӣ ва фитнаҳои Ҳорут ва Морут ва Қаҳқаҳа ва Фиръавн, Намруд, Шаддод, Ҳомон, Даъвон, Иблис ва ғайра ъалайҳиллаънаро қатъиян манъ карда аст, ки «Ло тасҳару! (Яъне:»-Сеҳр накунед!»).

8. Рибо. Маънии луғавии «рибо»«-зиёдат», «фоида» ва «суд» (ба таъбири масеҳиёни рибохӯр»-протсент»-С.Б.Б) мебошад. Рибо, дар шариъати ғуррои Муҳаммад (с)-ия, як навъи доду гирифти пуливу молии мутлақан ҳаромро гӯянд ва нораворо гӯянд, ки иборат аз ду қисм аст: Рибои дар савдо ва рибои дар қарз. Худованд мегӯяд: «Аҳаллал-лоҳул-байа ва ҳаррамар-рибо» (Тарҷума: «-Ҳалол кардааст Аллоҳ, яъне, тиҷоратро ва ҳаром кардааст (мутлақан) риборо»). Яъне, возеҳтар, ҳарду навъи рибо, дар муносибат ва муошират ва муомилоти савдоӣ ва қарздиҳиву қарзгирӣ ҳаром аст! Рибохоронро тӯдаи ҳаромхӯрон, низ гӯянд, ки на пули ба даст овардаашон (аз фоидаи пулу мол) ҳалол аст ва на нони мехӯрдаашон, яъне, луқмаҳо ҳаром аст. Ва луқмаҳо, ки ҳаром гардид, пас фарзандон ҳам, аз он луқмаи ҳароми истеъмолшуда ба дунё хоҳанд омад, ки оқибати онро Худованд, ба хайр гардонад. Сари ҳама мусибатҳо ва фалокатҳо рибо аст. Ва Расул (с) ин амалро бар умматонаш қатъиян манъ кардааст, яъне, наҳӣ карда, ки: «-Лаъана Расулуллоҳи (с) окилар-рибо ва маъкулаҳу!» (Яъне: «-Лаънат кардааст, Расулуллоҳ (с) сӯдхур (рибохӯранда) ва сӯддиҳандаро (рибодиҳандаро)».

9. Ришва. Пора додан ва пора гирифтанро ришва ва ришвахӯр, яъне, ҳаромхӯр гӯянд, ки манъ кардаанд онро аҳли тақво ва уламои зоҳид, аз ҷумла Имоми Аъзам (р) ва ёрони

камназирашон (р). Ришва дар ъилмуш-шариъат амали номатлуб дониста шудааст. Расул (с) мегӯяд: «-Лаънатуллоҳи алар-рошӣ вал мурташӣ ва ман ямшӣ, байнаррошӣ вал-мурташий (Яъне: «-Лаънати Худо аст, бар ришвадиҳанда ва ришвагиранда ва касе, ки миёни онҳо корсозӣ мекунад, яъне, дастандаркор аст!»)

10. Тӯҳмат. Нодуруст ва бидуни таҳқиқ касеро ба содир кардани гуноҳе нисбат додан, тӯҳмати маҳз дониста шудааст. Расул (с) мефармоянд, ки: «-Ло тақзифул-муҳсанаҳ» (Яъне: «-Тӯҳмат мадиҳед зани муҳсана (шавҳардор)-ро ва ғайра»). Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) аз Язид писари Суҳайб ривоят кардааст, ки гуфт: «-Ақидаи ман монанди мазҳаби хаворичҳ буд, яъне, дар ин, ки касе гуноҳи кабира содир мекунад, мисли зино ва ғайра, кофир мебошад. Аз баъзе ёрони Расулуллоҳ (с) аз дурустии ин ақида пурсон шудам. Эшон (р) хабар доданд, ки Расул (с) хилофи он чиро ман мӯътақид бар он будаам, мегуфт (яъне мегуфт, ки: «Шахси гуноҳи кабира содир карда, кофир намебошад»).

Ва боз гулчине, аз намунаҳои ақоиди фиқҳи ҳанафӣ: Ислом, охирин ва комилтарин мактаби илоҳие аст, ки тамоми барномаҳои он, мутобиқи фитрату маслиҳати инсонҳост (барои ҳифз аз шаррӣ ва шӯрият) ва бо пиёда (амалӣ) кардани он, саъодати инсонҳо таъмин хоҳад шуд ва ҷомеъае, ки дар он қавонини Исломи мубин иҷро шавад, ҷомеъаи воқеан ормонӣ (идеалӣ) хоҳад буд...

Сараввал бояд донист, ки худи ақоид (ақида, имон, боварӣ) чӣ маънӣ дорад?

Ақоид: Он чизҳое, ки мо мусалмонон бояд ба онҳо имон ва бовар дошта бошем, монанди имон ба Худованд, фариштагон, паёмбарон, китобҳои осмонӣ (Забур, Таврот, Инҷил ва Қуръони Маҷид), рӯзи қиёмат ва ғайра мислуҳум.

www.kitobam.com

Донишмандони бузург ва фуқаҳои кабири Исломи мубин, бахши ақоиди дини Исломро «Усули дин», «Пояҳои дин» гӯфтаанд. Ба ғайр аз ин, сироҷи умам Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), илми ақоиди исломиро «Фиқҳи акбар» ҳам гуфтаанд. Инак чанд намуна, аз ақоиди фиқҳи ҳанафӣ, ки дар асос ва партави ваҳии Илоҳӣ-Қуръони Маҷид ва Суннат-аҳодиси Расулуллоҳ (с), сироҷи умам Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р), шогирдону ёрони эшон (р) ва уламову фуқаҳои барҷаста ва ворастаи ин мазҳаби муҳаззаб табйин, тафсир ва танзим намудаанд:

1. Ақидаи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) оиди ҳисоб. Ӯ мегӯяд: «-Ҳисоб ҳақ аст. Барои сухани Худо, ки гуфтааст: «Ва ин тубду мо фӣ анфусикум ав тухфуҳу юҳосибкум биҳиллоҳ». (Яъне: «Ва агар зоҳир кунед он чӣ дар дили Шумо аст ва ё пӯшида доред, ҳисоб бигирад, ба он шуморо Аллоҳ»). Ва низ Худо боз хабар додааст, ки «Фааммо ман утия китобаҳу бияминиҳи фасавфа юҳосабу ҳисобан ясиро» (Яъне: «Ва аммо касе, ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода шавад, пас ҳисоб гирифта мешавад, ҳисоби осон»).

2. Мизон (Тарозу) Мизон ҳақ аст. Худованд аъмоли бандагонро ба воситаи мизон (тарозу) месанҷад. Ин мизон шаклаш ба одамиён маълум нест. Дар дунё тарозуҳои гуногуншакл мавҷуд аст, ки барои вазн кардани тилло, навъи дигар барои маводи иртизоқӣ ва ғайра. Дар рӯзи Растохез вазн кардани аъмол, дар рӯ ба рӯи одамиён бо насси Қуръон собит аст. Ҳарки инро инкор кунад, аз мусалмонон нест. Барои сухани Худо, ки гуфтааст: «Ва назаъул-мавозина бил қистӣ лиявмил-қиёмати фало тузламу нафсун шайан ва ин кона мисқола ҳаббатин мин хардалин отайно биҳо ва кафо бино ҳосибина» (Яъне: «Ва мениҳем мизонҳо (тарозуҳо) ба адл, барои рӯзи қиёмат, пас зулм карда нашавад, ҳеҷ кас ба чизе,

агарчӣ бошад, ба миқдори як донаи хардал, овардем, ба ӯ ва кофӣ ҳастем мо ҳисобкунанда».

3. Ҷаннат. Ҷаннат ҳақ аст. Барои сухани Худо, ки гуфтааст: «-Ва узлифатил-Ҷаннату лил-муттақина» (Яъне: «Ва наздик карда шавад ҷаннат, барои парҳезгорон»).

4. Дӯзах (Ҷаҳаннам) Дӯзах ҳақ аст. Барои сухани Худо, ки гуфтааст: «Ва бурризатил-ҷаҳиму лил-ғовина» (Яъне: «Ва зоҳир шавад дӯзах барои гумроҳон»).

5. Ҳавзи Расул (с) (Ҳавзи Кавсар) Ҳавзи Расул (с) ҳақ аст. Барои сухани Аллоҳ, ки гуфтааст: «Инно аътайнокал-Кавсар» (Яъне: «Мо ато кардем туро ҳавзи Кавсар»). Ва гуфтаи Расул (с) аст, ки: «Ҳавзӣ масирата шаррин, моуҳу абязу минал-лабани ва риҳуҳу атябу минал миски ва кизонаҳу кануҷумиссамои, ман яшрабу минҳо фало язмаа абадо. «Яъне: «-Ҳавзи ман (гуфтааст Расул ъалайҳиссалом) (Кавсар) масофати як моҳа аст. Оби ӯ сафедтар аст аз шир ва бӯи ӯ покизатар ва гуворотар ва хушбӯйтар аст аз мушк ва ҷому ибриқҳои ӯ, мисли ситораҳои осмон дурахшон, шахсе, ки бинӯшад аз он пас ташна нашавад ҳеҷ гоҳ»).

6. Сирот. Сирот ҳақ аст. Барои қавли Худованд, ки гуфтааст: «Ва ин минкум илло воридуҳо кона ъало Раббика ҳатман мақзиян сумма нунаҷҷиллазинат-тақав ва назаруз-золимана фиҳо ҷасийё» (Яъне: «Ва нест аз Шумо эй одамиён, ҳеҷ кас, магар расанда ва гузаранда бар дӯзах аст. Аз Парвардигор қатъӣ файсала ва ҳукм карда шуд. Пас, наҷот диҳед ононро, ки парҳез кардаанд, аз ширк ва бигузорем кофиронро дар дӯзах ба зону даромадагон»). Ва низ Расул (с) гуфтааст: «-Аммас-сироту ҷисрун мамдудун ъало батни ҷаҳаннам, ва ҳува адақу минаш-шаъри ва аҳадун минас-сайфи ва азламу минал-лайли» (Яъне: «-Аммо сирот кӯпрӯки дарозест, бар шиками дӯзах бар болои дӯзах ва он аз мӯй бориктару аз шамшер тезтар аст»). Ва қавли Расули акрам (с)

www.kitobam.com

аст, ки: «-Ас-сироту ҷисрун мамдудун ъало батни ҷаҳаннам, ямурру алайҳил-халоиқу, баъзуҳум кал-барқи ва баъзуҳум кар-риҳи ва баъзуҳум кал-ҷаводил-асраъи ва баъзуҳум кал-моши ва баъзуҳум кан-намлатӣ». (Яъне: «-Сирот-пул (кӯпрук)-и дарозест, ки бар шиками дӯзах мегузаранд, бар ӯ мардумон, баъзеашон мисли барқ ва баъзеашон мисли шамол ва баъзеашон мисли аспи тездав ва баъзеашон мисли пиёдагард ва баъзеашон мисли мӯрча»).

7. Дидани дидори Худо-мувофиқи таълимоти Имом Абӯҳанифа (р). Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) мегӯяд, ки Аллоҳро мебинанд мӯъминон, яъне, парҳезгорон ва тақводорон ва обидон ва зоҳидон ва онҳо дар Ҷаннат-ул-ҷовидон бошанд. Расул (с) гуфтааст, ки: «Изо дахала аҳлал-Ҷаннати филҷаннати якулуллоҳу таъоло лаҳум атуридуна шайан азида лакум, фаяқулуна алам табяз вуҷуҳано, алам тудхилнал-Ҷанната ва тунаҷҷино минан-нори» (Яъне: «-Ҳар гоҳ дохил шаванд аҳли Ҷаннат дар Ҷаннат, бигӯяд Аллоҳ Таъоло барои эшон, оё мехоҳед чизеро, ки зиёда кунам барои шумо? Пас бигӯянд: -Оё сафед нест рӯи мо, оё дохил накардӣ, моро дар Ҷаннат. Ва наҷот бидеҳ, моро аз Дӯзах». Пас Расул (с) давом дод: «Фаюрфаъул-ҳиҷобу, фаянзуруна ило ваҷҳиллоҳи биъайнин, фамо уъту шайан аҳабба илайҳим минан-назари ило Раббиҳим». Тарҷума: «Пас бардошта шавад парда, пас назар хоҳанд кард, ба тарафи Аллоҳ Таъоло, ба чашм, пас ончӣ додӣ шавад онҳоро, ҳеҷ чиз пеши эшон маҳбуб набошад, аз дидори Худованди Таъоло»). Ва гуфт Расул (с): «Иннакум сатаравна Раббакум аёнан ва ло якуна байнаҳу ва байна халқиҳи масофатун, лианналлоҳа лайса фил Ҷаннати лианнаҳу муназзаҳун анил-макони ликавлиҳи Таъоло фаайнамо туваллу фасамма ваҷҳуллоҳи ва қавлуҳу Таъоло вуҷуҳун явмаизин нозиратун ило Раббиҳо нозиратун». (Тарҷума: «Ба таҳқиқ, шумо ба зӯдӣ мебинед дидори чигун ва

бе чигуни Парвардигори худро ба чашм ва набошад дар миёни ӯ ва миёни халқи ӯ масофат, чаро, ки ба таҳқиқ Аллоҳ нест дар Ҷаннат. Ҳароина Ӯ муназзаҳ аз макон аст. (Барои қавли Аллоҳ Таъоло: «Пас ба ҳар сӯй, ки рӯ, яъне, назар кунед, пас ба ҳамон тарафи рӯй аст, Худо «Ва сухани Худо аст, ки: «Рӯйҳои анбиёъ ва мӯъминон, дар рӯзи қиёмат тоза ва тобон бошанд. Ба Худованди худ нигаранда бошанд, бе ҳиҷоб»).

8. Меъроҷи Расул (с) ҳақ аст. Сухани Худованд аст, ки: «Субҳоналлазӣ усро биабдиҳи зул-лайлан минал-масҷидил-ҳароми илал-масҷидил ақсаллазӣ...». (Тарҷума: «Пок аст, он Худованд, ки сайр кунонид ба бандаи худ шабе аз масҷиди Ҳаром то масҷиди Ақсо...».

Ва гуфт Расул (с): «Утийту бил-буроқи ва ҳия доббатун абязу, тавилун фавқал ҳимори дунал-бағли яқаъу ҳафраҳу инда мунтаҳо тарфиҳи фаракабтуҳу ҳатто отайту байтал-Муқаддаси фарабаттуҳо билҳалқатиллатӣ тарбату биҳал-анбиёу сумма дахалту фил масҷиди фасал-лайту фиҳи ракъатайни сумма харақту фаҷоани Ҷибриил (ъалайҳиссалом)-у биноайни аҳадуҳумо минал хамри вал-охару мил-лабани фаахтартул-лабана, фақола Ҷибриил (ъ-м)-у ахтар-тал-фитрата сумма арақаби илас-самои қавлуҳу Таъоло: «Ва ҳува бил-уфуқил-аъло» (Тарҷума: «-Оварда шуд, бароям Буроқ. Ва ӯ чорпое буд, сафедранги дароз, боло аз хар, камтар аз хачир, ки меафтид қадами ӯ то мунтаҳои назар. Пас савор шудам ӯро, то ки омадам ба Байтулмуқаддас. Пас рабт додам ӯро ба ҳалқае, ки рабт додаанд, ба ӯ анбиёъ. Пас дохил шудам дар масҷид, пас хондам, дар ӯ ду ракаъат намоз, баъд берун шудам аз он ҷо. Пас омад, пеши ман, Ҷибриил (ъ-м) бо ду зарф: Яке аз онҳо, аз хамр буд ва дигаре аз шир. Пас ихтиёр кардам ширро. Пас гуфт Ҷибриил (ъ-с): «-Ихтиёр кардӣ фитратро». Пас баланд шуд, ҳамроҳи ман, ба тарафи осмон. Монанди сухани Аллоҳ, ки: «Ва ӯ болои баландӣ расида»).

www.kitobam.com

9. Суоли Накир ва Мункар. «Суоли Накир ва Мункар ҳақ аст». Баъди вафоти Паёмбари гиромии Исломи мубин (с) фирқаҳое чун мӯътазила ва ғайра, ба майдон омаданд, ки азоби қаброро инкор мекарданд. Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) зимни таснифи рисолаи фиқҳии дар заминаи калом, таълифнамудаи хеш-(«Фиқҳи акбар», оиди ин мавзӯъ гузориш додааст: «-Суоли Накир ва Мункар ҳақ аст, ки бошад, дар қабр. Чаро, ки Расул (с) фармудаанд: «-Изо уқбирал-майиту атоҳу малакони асвадони азрақони юқолу лиаҳадиҳимо Мункарун ва ли охари Накирун. Фаяқулони ман Раббука ва мо динука ва ман-Набиюка, фаяқулул-мӯъмину рабиаллоҳуллазӣ халақал-олама ва халақано воҳидун-воҳидун. Вад-динилал-Ислом ва яҳзуру сурата-Набийи алайҳиссалому фӣ-қабриҳи фаяқулони лаҳу мозо кунта тақулу фӣ ҳозарраҷулӣ. Фаин кона мӯъминан фаяқулу ҳува абдуллоҳи ва расулиҳи ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва Расулуҳу. Фаяқулони қад кунно наъламу аннака тақулу ҳазо. Фаюфсаху лаҳу фӣ-қабриҳи сабъуна зироан фӣ-сабъина, сумма юнаввару лаҳу фиҳи, сумма юқолу лаҳу нам, канав-матила-русиллазӣ ло уқизуҳу илло аҳабба аҳлиҳи илайҳи ҳатто ябъа-суллоҳу мин мазҷаъиҳи» (Яъне, тарҷума: Ҳар гоҳ дафн кунанд майитро, меоянд пеши ӯ ду фариштасиёҳранги сабзчашмон. Гуфта мешавад, яке аз онҳоро Мункар ва дигарро Накир. Пас мепурсанд, аз майит:-Кист, Рабби ту, кадом аст, дини ту ва кист, Набии ту? Пас бигӯяд мӯъмин:-Рабби ман, он Худо (Аллоҳ)-и якка ва ягона аст, ки офарида кулли ҷаҳонро ва пайдо кард, моро як-як. Ва дини ман, дини фитрати Исломи мубин аст. Ва ҳозир карда мешавад, он гоҳ сурати Набӣ алайҳиссалом дар қабри ӯ. Пас, бигӯянд ӯро, ки ту чӣ гӯӣ, дар ҳақи ин мард. Пас, агар бошад мӯъмин мегӯяд, он бандаи Аллоҳ ва Расули гиромии ӯст. Гувоҳӣ медиҳам, ки нест ҳеҷ маъбуде, магар Аллоҳ ва гувоҳӣ медиҳам, ки

Муҳаммад (с) банда ва Расули ӯст. Баъдан он ду фариштa бигӯянд, ки ба таҳқиқ моён медонистем, ки ту ин гӯй. Пас, фарох (васеъу паҳн) шавад қабри ӯ ҳафтод газ дар ҳафтод. Пас, Накир ва Мункар бигӯянд, ки бихоб монанди хуфтани наварӯсе, ки касе, беором намекунад ӯро, магар шавҳари ӯ, то он муддат, ки зинда мекунад, Аллоҳ Таъоло ӯро аз қабри ӯ»)... Агар майит мунофиқ бошад, аз ҷавоби суоли Накиру Мункар оҷиз монад. Пас ин ду фариштa заминро бигӯянд, ки ин одамии мунофиқро кашиш кун. Пас, замин ӯро кашиш бикунад. Устухонҳои ӯ молида шаванд. Пас ҳамеша бимонад, дар он азоби гарон, то ки дар рӯзи Растохез Худо ӯро зинда кунад...»).

10. Имон ва Ислом. Имон, дар луғат, тасдиқи ба қалб аст. Дар шариъат имон иқрори ба забон ва тасдиқи ба қалб (дил) аст. Барои қавли Расул (с) ки: «-Ал имону иқрорун бил-лисони ва тасдиқун бил-қалби» (Яъне: «Имон, иқрор кардан, ба забон ва тасдиқи ба қалб аст»). Ислом қабул кардан, таслим будан ва тавозӯъ аст, барои аҳкоми Аллоҳ Таъоло. Аз рӯи луғат фарқ аст, байни Имон ва Ислом. Лекин Имон бе Ислом ёфта намешавад ва Ислом бе Имон вуҷуд дошта наметавонад. (Бале. Исломи мубинро ба мо Худованд насибу рӯзӣ гардонид, ки мо соҳиби Имон гардидем. Худоё, аз имон моро маҳрум магардон, то ки Исломи мо пойдор бимонад-С.Б.Б).

Имон ва Ислом, мисли шикам ва пушт ҳастанд. Пас, Имон ва Ислом лозиму малзуманд ва ҷудо намешаванд, ҳар яки аз инҳо аз ҳамдигар, чуноне, ки гӯшт аз нохун ва ё пуст аз шикам ҷудо намешавад. Дин исми воқеъ аст, бар Имон ва Ислом. Имон беш ва кам (ва ё кам ва зиёдат) намешавад. Сухани Расул (с) аст, ки: «Ал-Имону ло язиду ва ло юнқасу (Яъне: «Имон кам ва зиёд намешавад»).

Дар фароварди мавзӯи мавриди назар як нуқтаро бояд таъкид намуд, ки мазҳаби ҳанафиро, ки бисёре аз

www.kitobam.com

муҳаққиқони таърихи мазоҳиби Ислом, мазҳаби нисбатан соддакардашуда ва равиши тамоман осон (назар, ба моликия, шофеъия ва ҳанбалия) меноманду мепиндоранд, комилан нодуруст аст. Зеро мазҳаби ҳанафӣ, ки онро аз рӯи эҳтиром «мазҳаби Имоми Аъзам» низ мегӯянд, дар қатори се мазҳаби баъдинаи аҳли суннат мазҳабест, ки дар асоси Қуръон, ормонҳо ва умеду хоҳишҳо ва суннати Расули акрам (с) созмон дода шуда аст. Мазҳаби Ҳанафӣ дар бисёре аз масойили шаръӣ ниҳоят сахтгир аст, масалан, дар мавриди эҳтироми аҳли байти Расулуллоҳ (с) ва авлоди поки эшон, яъне, сайидзодагон ва ҳамчунин дар мавриди эҳтироми хоҷагон ва акобири шариф ва уламойи фозил ва инсонҳои комил, ҳукме ба пайравони ин мазҳаби ростон дарҷ ёфта, ки риояи он ба ҳамаи пайравони ин мазҳаб ҳатмӣ мебошад. Дар шаҷара (насабнома)-и Ҳазрати Сайид Яҳё Амири Девонаи Кирмонӣ (оромгоҳи ин бузургвор, ки аз ҷониби падарӣ, ба авлоди Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб разиаллоҳу анҳум ва аз ҷониби модарӣ, ба Шоҳ Шуҷоъи Кирмонӣ рафта мерасад, дар мавзеъи баландкӯҳи байни Норак ва Кангурт воқеъ аст) омада: «Дар хазинат-ул-муфтиин» омада, ки «Вашшатму алал олими (яъне, дашном додан) авил сайиди ъало ваҷҳил истиғфофи авил иҳонати (паст шуморидан), вал ҳақорати, якфуру ва талақат имраату») аз «Разват-ул-фатво» аст; яъне, шахсе агар дашном диҳад бар авлоди Сайид ва олими кабир, аз рӯи сабуксарӣ ё ки паст шуморад эшонро ё дашноми қабеҳ диҳад ва ё масхара кунад, пас ба таҳқиқ ӯ кофир аст ва завҷааш талоқ» 61.21-22.

Ва боз омада: «Мо қавлаҳум аиматуддин ризвоналлоҳи таъоло алайҳим аҷмаъин, дар ин масъала, ки шахсе, ки аз авлоди Ҳазрати Сайиди Мурсалин ва хотими пайғамбарон Муҳаммади Мустафо (с) набудааст ва агар ин шахси мазкурро дар дил буғз ва адоват ситода паноҳи мазкур бошад, ба таҳқиқ,

ба шариъати набавӣ (с) ва мазҳаби раусуҳум-Ҳазрати Имоми Аъзам (р) ин буғзу адоват бар муаллими башар ва авлоди ӯ (с) бошад, буғз ба Расулуллоҳ (с) куфри маҳз бошад. Ва касе буғзу адоват ва бадгӯӣ ва иҳонат мекунад, ба авлод ва дудмони шарифи Расули акрам (с), пас ба таҳқиқ ӯ кофир аст ва тавбаи ӯ назди Худо қабул нест ва аз шафоати он Ҳазрат (с) маҳрум аст ва маҳкуми қатл (!) аз «Шарҳи ҳамома», «Шарҳи ҳидоя». 61, 18-19.

Бале, мазҳабе, ки фатвои чунин масойил мекунад ва медиҳад, пас чӣ тавр метавон, ки ин мазҳабро равиши осони осон номид ва дур аз далойили нақлӣ (ҳадис)?...

ҲАНАФИЯ АЗ ОҒОЗ НАДОРАД АЙБЕ...

Як чиро бояд қайд кард, ки имрӯзҳо байни баъзе аз уламо ва аҳли фирқаҳои олами Ислом ва ба хусус байни баъзе аз ғофилин ақидае ҷой дорад, ки гӯё фирқа ё худ мазҳаби муҳаззаби ҳанафия тариқаест, ки ҳама ҷангҳои равонӣ, ки байни мазоҳибу ҷараёнҳои дини Ислом ҷой дорад, маҳз аз ӯ ва аз ҷониби тарафдорони ин мазҳаб сар задаанд, ки ин фикр саропо дурӯғ ва ғалат буда, аз нигоҳи динӣ ва диди мантиқӣ бе асос буда, андешаи ифротист, ки аз ҷониби аҳли ширку аҳли риёву аҳли фасод гуфта шудааст.

Зеро мазҳабе, ки онро Ҳазрати Имом Аъзам Абӯҳанифа /р/ асос гузоштааст, ягона фирқаест (яъне, ҳамон фирқае, ки қаблан Ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ ва баъдан Ҳазрати Расули гиромӣ Муҳаммади Мустафо /с/ ва асҳоби гиромии эшон бар он будаанд, ки бунёдаш ба аддлу дод асос ёфтааст), ки бурҳони раднопазири он Қуръони Маҷид ва сарчашмаҳои суннӣ, яъне, аҳодиси набавӣ /с/ фиқҳи ҳанафия, осору афкор ва ҳаёти ибратбахшу боз ҳама он осори қудсии Ҳазрати Имом Аъзам /р/ ва осори шогирдону пайравонаш аст. Ва ин мазҳаби муҳаззаб сараввал такя ба таълимоти илоҳии Қуръони карим

www.kitobam.com

дораду ҳам такя ба суннат, яъне, ба аҳодиси набавии Ҳазрати Афзалуланбиёъ Расулуллоҳ-Муҳаммади Мустафо /с/ ва ақволи ҷамъи асҳоби он Ҳазрат (с). Оре, Қуръони Маҷид ва аҳодиси Расули акрам /с/ сарчашмаҳои асосии фиқҳии ҳанафиён мебошанд ва ин сарчашмаҳо, яке амрҳои Худованд ва дигаре аҳодиси Паямбар /с/ нерӯҳои пешбаранда ва дастӯроти роҳнамоеанд, барои пешвоёну мутобеъону пайравони мазҳаби ҳанафия ва ҳамчунин кулли он, осори безаволи фиқҳии дар заминаи ал-ъилм-ал калом ва ҳикмати калом нигоштаи Ҳаким Имоми Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон ибни Собит ибни Марзбон ибни Моҳ ибни Анӯшервон Сосон Ал-Форсӣ /р/...

Ҳар айбе, ки аз ҷониби баъзе аз намояндагони авому кӯрдилу ифротиву мушриктабъи қабойили ҳанафиямазҳаби турк, аҷамӣ ва ашхоси мутааллиқ ба мазоҳиби дигари Ислом сар задаву боиси дар азобу шиканҷаи сахту ваҳшиёна қарор гирифтани уламо ва шуъарову урафои шаҳири мо, аз қабили Мансури Ҳаллоҷ, Устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ (Ҳакими тавҳидгаро), Ибни Сино (пири ҳакимони машриқзамин), Умари Хайём, Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ (ки дар Юмгондара ба сахтӣ, аз олам рафт)-Масъуди Саъди Салмон (ки азоби сангин кашид дар маҳбас), Адиб Собири Бухороии Тирмизӣ, ки соли 546 ҳ.қ- 1152 м, дар марзи Хоразм, аз тарафи хони атрокнажоди Хоразмшоҳӣ-Султон Отсизи Хоразмшоҳ, бо китобҳояш дар Омӯ ғарқ карда шуд), Бадриддини Ҳилолӣ, (ба дор кашида шуд гӯё ӯ шиъа бошад), Тӯғрали Аҳрорӣ (бо иғвои мушрикон ва кӯрдилон, бо дасти русе кушта шуд), Саъдулло Рабии Аракчинии Варзобӣ табибони ҳозиқи даврони мо Юсуфхон Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов, устод Муҳаммад Осимӣ ва даҳҳо дигар гаштааст, на ба гуноҳи мазҳаби ҳанафия ва мазоҳиби дигари Ислом сар задааст, балки бо гуноҳи шахсони алоҳидаи пастфитрату тиҳимағзу

хунхоре рух додааст, ки қабойи мазҳабиву ниқоби Ислом бар худ доштанду зери он ҷавлон мекарданд, ки аксари эшон намояндагони ҳукмрони ғазнавӣ, қарохонӣ, салҷуқӣ, темуриён, шайбониён, аштархониён, манғитҳо, ӯзбакхониҳо, лақай, барлос ва ғайраи қабойили даштиву тиҳимағз ва камхирадӣ атрок ва гургмиҷозони ба иборае-«худӣ»-и мо буданд. Ва айнан ҳамчунин буд дар ҳафтод соли империяи аз Худо мункири Шӯравӣ, ки бо иғвои чанд бадгуҳари худӣ ва ғуломони зархарид, қисми зиёди шаҳрҳо ва марзҳои қудсии тоҷикон аз даст рафт ва бузургтарин уламову шуъаро ва кубарову фузалойи фарзонаи тоҷик (мисли Аллома Тӯғрали бедилбаён, Саъдулло Рабиӣ ва даҳҳо дигарон) дар ғарибӣ (яъне, дар сардистонҳои Сибиру Шарқи Дур, маҳбасҳо ва дар сари дору зери табару оташи тир во ҳасрато ҷон супурданд), ки натиҷаи кулли он гуноҳҳои пешиниёнро имрӯзиёни бечораву фақир дида истодаанд.-Яъне, сиёсати ҳукамойи шӯравӣ ин буд, ки мардумро ба гусфандҳо табдил дода буданд, яъне, аз ҷиҳати моддӣ бонӣ мекарданд, аммо аз маънавиёт ва дину дониш мардумро дур медоштанд... Ва агар ҳукумати Шӯравӣ мардумро «тройка»-«се шоҳид»-накардаву мардуми бечораро аз роҳи Худшиносиву хештаншиносӣ, дур намекарданд ва торҳои ногусастаҳои пайвандии инсон, бо асли худро нохун намезаданд, ва намеканданд, бе ҳеҷ муболиғае зиндагии мардум, ба ибораи худи мардум-метавон гуфт як «коммунизм»-и афсонавие мебуд, вале афсӯс...

Бояд дарҷ кард, ки дар садаҳои қаблӣ ҳам мутаассифона чунин рафтори ғайриинсониву ғайридинӣ, аз ҷониби баъзе аз мутаассибини кӯрдили худӣ, яъне, форсиасл ва турк ва ҳам тозӣ сар зада, ки аксари эшон резахӯри хони сулолаҳои бо ном ҳукмрони туркӣ будаанд, ки теша ба решаи фарҳанги миллати хеш задаанд (аз қабили Аллома Замаҳшарии Хоразмӣ, ки худ тоҷики хоразмӣ буд, вале намехост, ки ҳатто

www.kitobam.com

дар оина симои худ, яъне, форсро бубинад, ки ин аз кӯрии дили ӯ буд (ва аз рӯҳи ин аллома суол дорам, ки гуноҳи тоҷику форс дар чист?!) ва даҳҳо дигарон).

...Пас гуноҳи эшонро, набояд, ки ба дӯши фирқаҳои Ислом ва мазҳаби «Чароғи уммат»-и Расули Худо /с/, яъне, ҳанафия бор кард. Ҳар гуноҳе, ки аз ҷониби шахси бо ном ва зоҳиран диндору зоҳиран мутааллиқ ба мазҳабе сар задаву мезанад, бояд худи он шахс хунхор ва мунофиқу гунаҳкор эълон карда шавад, на ин ки дину ойин ва фирқаву мазҳаб, ки мазҳаб ҳамоно худ, як мактаби аз хишти адли Илоҳӣ, ва бар пояи аҳодиси роҳнамо тармим шудааст ва на инки мактаби ҷангандоз. Ҳақ гуфта, Аллома Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, ки:

Ислом ба зоти худ надорад айбе,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусулмонии мост!

Вақти он аст, ки аҳли таҳқиқ, ба дини мубини Ислом ва равияҳову мазоҳиби он баҳои одилона, олимона, ва орифона бидиҳанд. Барои он, ки ҳама он ҷангҳои равонӣ -психолужӣ- ва ғайриравонӣ ва ҳатто аҳёнан низомиву ҳарбие, ки имрӯзҳо ба самъ мерасанду ба чашм мехӯранд, дар олами Ислом, ин ҳама аз рӯйи умматонаву мӯъминона ва басо мӯшикофонаву фақеҳона наомӯхтану надонистани воқеа ва одилона хулоса набаровардану бо муросову мадоро назистани худи мову шумост. Мо ҳама алҳамдулиллоҳ мусалмонем, аммо на ҳар яки мо мӯъминем. Эй кош ҳама мӯъмин мебудем ва ғуломи хориҷиҳо намешудем.

...Худованди мутаъол Қуръони Маҷид, яъне, Исломи барҳақ, беҳпаёбар ва ҷовидонпаёмбару охирпаёмбар ва бузургмуаллими башар, яъне, афзалул анбиёи вал мурсалин Ҳазрати Муҳаммади Мустафо /с/ хулафойи барҳақ-Абӯбакр, Умар, Усмону Ҳайдар (Алӣ) разиаллоҳу анҳумро ва кулли асҳоби кирому азизу авлиёъ/ инҷо, ки сухан аз боби чаҳор ёри

босафову асҳоби киром разиаллоҳу анҳум ва номи мубораки эшон рафт, як нуктаро бояд таъкид намуд, ки то ҳақ ба ҳақдор бошад. Фирқаҳои залолат (мисли имрӯзиҳо) зиёд мекушанд, ки бо он дониши нисбӣ, ки доранд ва ба ибораи Шайхурраис Абӯ Алӣ Ибни Сино:

Бо ин ду се нодон, ки чунон медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои замон эшонанд.
Хар бош, ки ин ҷамоъа аз фарти харӣ,
Ҳар, к-ӯ на харасту кофираш медонанд.

Зиёд мекӯшанд, ки нисбати бузургони олами Ислом, билохоса, дар бораи хулафойи рошиддин, яъне, барҳақ ва асҳоби киром суханҳои носазову тӯҳматҳои бебунёди тафриқаандозонаи хешро пеш оранд. Аҳли ҷоҳу залолат ва фирқаҳои ғӯтаваргашта, дар дарёи разолат, худ ғофиланд, ки ҳама фирқаҳои ботиланд ва корашон ба ҷуз чун иблиси лаъин «озодандешист»-у далоили ақлии бебунёди хешро баён доштан, дигар чизе нест, яъне, на тобу тавони сухани ҳақро доранду на қудрату тавони ба роҳи рост рафтан.

Душманони Худо ба хотири тафриқа андохтан байни мусалмонон, дар Муҳаббат нисбат ба беҳтарин дӯстони Паёмбар /с/ фарқ гузоштаанд. Оё Расулуллоҳ /с/ бо ёрони бад менишаст?! Наъузубиллоҳ! Ҳеҷ гоҳ, пири шариъат Расулуллоҳ /с/ мебошанд ва пирони тариқат бошанд, чаҳор ёрони босафо /р/ маҳсуб мешаванд. Чунин амали тиҳимағзона шаръан ҳаром ва норавост ва ин зумра ашхоси гумроҳ баяқин душманони Худо ва хасмони Расул /с/-и Ӯ ҷалла ҷалолаҳу мебошанд.

Чуноне, ки хабар дорем, баъзеҳо Ҳазрати Алӣ /р/-ро мазлум ва хеши дигари Расулуллоҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам, яъне, аввалин амиралмӯъминин (зеро, ӯ аввалин касе аст, ки ба ин мақом сазовор гардид) Ҳазрати Умар, кунияташ Абӯҳаниф ва ё лақабаш Форуқ (хешии

www.kitobam.com

Ҳазрати Умар бо Ҳазрати Паёмбари гиромӣ салъам, дар насаб аст, яъне, аз тарафи бобои ҳафтумаш Каъб ибни Луӣ, бо Расулуллоҳ саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам аст)-ро золим мегӯянд, ки эшон бо чунин ҳукми ноодилона, худ золиманд. Кӣ хубтар аз Ҳазрати Алӣ /р/ Ҳазрати Умар /р/-ро мешинохт?! Агар, дар вуҷуди ӯ заррае инҳироф ва ё ноодилӣ дида мешуд, ҳаргиз мисли Умар /р/ буданро орзу намекард ва духтари худро ба вай, ба занӣ намедод ва дигар ин, ки ин ҳарду бузурги Ислом, бо ҳам аз ҷониби авлоди бобои падарӣ хешанд ва дигар ин ки ин ду бузург пирони тариқат ҳастанду аҳли хосулхос, на ин ки авоми тиҳимағз. Дар байни мардони ҳақ ҳеҷ гоҳ тафриқа вуҷуд надорад ва нахоҳад дошт.

Хулоса, ақидаи мо нисбат ба асҳоби кирому басо гиромӣ /р/ ин аст, ки бидуни тафовут тамоми эшонро дӯст медорем ва аз рӯи қавли пирамон Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ ва шогирдонаш, ки бузургтарин аимаи Ислом эшонанд, амал мекунем ва бад дидани яке аз ононро залолат медонем. Беҳтарин башар -инсоният- баъди Ҳазрати Пайғамбарамон Муҳаммади Мустафо /с/, ба ҳукми Худованд инҳоянд, яъне, Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ /р/, баъдуҳу Ҳазрати Умар Ал-Форуқ /р/, баъди ӯ Ҳазрати Усмон Ибни Аффон /р/ ва баъди вай Ҳазрати Алӣ (ъ-м)-ро мегӯему медонем ва хоҳанд донист, он касоне, ки роҳи ҳақро интихоб кардаанд.

Он худобехабароне, ки «бебокона» ҷуръат карда, дар шаъни ёрони Ҳазрати Муҳаммад /с/ забондарозӣ мекунанд, мегӯем: Агар се ҳазор валӣ ва ҳафтсадҳазор имомону машоихро якҷо карда шаванд, баробари пасттарин саҳоба, дар қадру манзалат нахоҳанд шуд! Чӣ ҷои ашхоси хабису дунёпараст, ки динро василаи ҳаёт сохта, дониста ва ё надониста, ба дӯстону ёрони ҷонии Ҳазрати Муҳаммад /с/ бадгӯй мекунанд.

Қасам ба Худо! Дӯсти Муҳаммад /с/ ва уммати солеҳу пайрави воқеъии Ӯ (с) ва пайрави Имоми Аъзам Абӯҳанифа

(р) касест, ки ҳама дӯстон ва ба иборае шогирдони Расулуллоҳ (с)-ро дӯст дорад ва душмани Муҳаммади Мустафо /с/ касест, ки дӯсташро бад бинад ва нисбат ба эшон кина ва адоват дошта бошад. Аҳли салафро (яъне, асҳоби киром) набояд дашном дод!

Ҳар он воқеаҳои номатлубе, ки байни асҳоби киром воқеъ гардидааст, тибқи муқаддароти азалӣ буда, барои ҳар мусалмон дарси ибратанд, ки аз он бояд панд бигирем. На ин, ки гурӯҳеро ҳақ гуфта ва гурӯҳи дигареро айбдор бигирем якеро мусалмон ва дигареро кофир гӯем ва дар муқобили ҳамдигар сангар гирифта, майдони нифоқу шиқоқро гарм ва домани тафриқа ва адоватро васеътар бисозем. Чунин рафтор ба ҷуз ҳалокат, барбодӣ, ғуломӣ ва бадбахтӣ, самараи дигаре нахоҳад дошт. Ба хотири хубтар шинохтани ёрони Расулуллоҳ /с/ зиёдтар бояд омӯхт, то ҳақиқати ҳол ба мо мушарраф гардад, (валлоҳу аълам биссавоб) ва уламову шуъаройи асил ва фуқаҳойи кабирро фиристодаву зуҳур кардаву ба дунё оварда, ки нигоҳ дошта шавад муслимин ва кулли башарият аз шаррият ва шӯрият, аммо умматони имрӯза, дар ақсойи олам бо «кӯмаки бародарон»-и худ теша ба решаи аслу пайванди хеш мезананд, ки мезананд (мисли доночаҳо ва муллочаҳои зархариди навбаромад).

...Бинобар ин, аз ин ҷангҳои низомӣ, равонӣ ва ғайриравонии байниҳамдигарии аҳли мазоҳибу ҷараёнҳои имрӯзаи Ислом ягон чизи некро мунтазир будан амри муҳол аст, ки яъне, оқибаташ ба ҷуз заволи давлату мубталойи бардагӣ, дигар чизе нест (яъне, шиками чаламулло, ки сер шуд, аз нони халқ боз кораш найрангбозиву «мавлудхонӣ»-ро бидъат шуморидану тафриқаандозӣ, яъне то дирӯз «мавлудхонӣ» дуруст буд, аммо бо «фатво»-и эшон нодуруст). Бузургтарин дин ва беҳтарин мактаби тарбиятдиҳанда ва башардӯсту инсонпарвар ва адолатхоҳ ин дини мубину

www.kitobam.com

ҷовидонии Ислом (ва мазоҳиби ҳақ) аст. Мерасад рӯзе, ки кулли башарият, аз кардаи худ пушаймон, баҳри наҷоти хеш (аз ғарқшавӣ ба дарёи нафс, яъне, шикампуркунӣ, рибоъхӯрӣ, риёкорӣ, фитнаангезӣ ва шаҳватпарастии разилона) рӯй меоранд ба Исломи барҳақ-ойини баргузидаи Худованди мутаъол.

Моро зарур аст, ки ҷомеаи олӣ (аз рӯи фалсафаи неки ориёиву имони поки исломии хеш) ва мутараққӣ барпо созем, ки бунёдаш адлу дод бошаду офтобаш нури маърифат, ки намунаи аҳли башар бошад (ва шукр алҳамдуллилоҳ, ки бо иноятиХудо ва ақлу заковати худододи президентамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон остони сулҳу сафои ҷаҳон эълон шудааст). Вақти тармим аст ва кулли муслиминро зарур аст, ки таҳтушшуъойи фалсафаи башардӯстона ва инсонгароёнаи Ислом ва таҳтуддирафши Ислом ва мазҳаби муҳаззабаш-мазҳаби Имоми Аъзам Абуҳанифа (р)ба тармими ҷомеъаи башар, эҳё ва ободии ҷомеъа ва осоиштагии мардум бипардозем, ки вақти мадад аст, яъне, бо одоб, ақл ва дониш ва ҳунар, даст ба ободӣ бояд бурд. Зеро башарият ба тамом бандаи нафс шуда аст (ва башарро маҳз Ислом наҷотбахш аст) ва дур нест, он рӯзгор, ки одамиро ҷаҳлу ҷоҳилияти худаш ва яроқу аслиҳаи сохтаи худаш, ӯро ба коми нестӣ хоҳад бурд. Аз рафтору кирдори инсонияти ба чоҳи залолат фурӯрафтаи асри ХХ модар-Замин, табиати зебову афсунгар ва кулли мавҷудоту махлуқоти замин, ба дод омадаанд ва дарёҳои мусаффо хушк ва ғализ шуда, ба иборае ба фарёд омада, ки яъне, Инсон лонаи худро оташ мезанад! Яъне, вақти он аст, ки бо дониш ва ақлу ройи хуби хеш, ба ибораи лисонулғайб Ҳофиз: «Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозвм». Вагарна (агар ҷоиз бошад, бо ин байтгӯнаи банда):

Ҷанги ҳафтоду ду мазҳаб оқибат,

Тешае бар решаи худ мезанад.

Ва хулосаи калому поёнбахши фарозмониҳои мавзӯъ ин аст (агар ҷойиз бошад, бо байтгунаи банда мегӯем), ки:

Ҳанафия аз оғоз надорад айбе,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар тиҳимағзии мост.

Ва бинобар ҳамин танҳо ва танҳо баҳри бақои инсоният ҷовидонагии ҳақиқат ва пойдории адолат, дар байни башарият ва эҳтироми шариъат, дурӣ аз ширку шаррият ва қатлу ғорат (ҷоиз бошад бо ин байтгунаҳои банда бигӯем) ки:

Ҳазрати Нӯъмон он форсинажод,
Кард тармим мактабе аз хишти дод.
То ки ёбанд роҳи ҳақро умматон,
«Фиқҳи акбар»-ро ба мо бахшиду дод!

Дар таърихи башарият ва таърихи фарҳанги тамаддуни исломӣ ва ба хусус дар интишори адли Илоҳӣ, одаму одамгарӣ, дар байни бани башарият ва тариқати имомат, Ҳазрати Имоми Аъзам /р/, ҳамчун чароғи роҳнамои умматони Расулуллоҳ /с/ шахсияти нотакрор ва фарзонаи замон буд ва хоҳад монд, то ҷовидон:

Шамъи уммат муаййиди Ислом,
Бӯҳанифа Имоми хосу ом.
...Ҳар ки ӯ толиби латифа бувад.
Муқтадояш Абӯҳанифа бувад.
Ӯ дар Ислом сӯфию софӣ,
Дар шариат вафию ҳам вофӣ.

66,41-45. Ё худ, Шайх Аттори Валӣ раҳматуллоҳу алайҳ мефармоянд:

Бӯҳанифа бувад Имоми босафо,
Он сироҷи уммати Мустафо.
Бод фазли Ҳақ қарини ҷони ӯ,
Шод бод арвоҳи шогирдони ӯ.
Бишнав аз ман, баёни мазҳаби ӯ,

www.kitobam.com

3-он, ки софтар аст машраби ӯ. 66, 46.

Оре, Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ нахустин фақеҳест, ки илми фиқҳро (яъне, илми дин, ақоиди исломӣ - дар партави Қуръон ва суннат, илми қавонин ва аҳкоми шаръӣ, адли Илоҳӣ, илми масъала ё ин ки илми ҳалли ҳикматҳои Қуръон, аҳодиси набавӣ ва иҷмоъ) асос гузошт. Ва ӯ бузургфақеҳи аҳли суннату ҷамоат, (баъди Ҳазрати «Паёмбар /с/ ва ёронаш /р/ ва асҳоби Киром (р)) ва нахустолими соҳибкитоби илми шаръиату тариқат ва ҳикмати калом аст, ки роҳи соф, аз Қуръону-Ҳадис ва иҷмоъи уммат, яъне, аз ҷамъи саҳобагони Расул /с/ ва шогирдону кубарои хешро бар мӯъминон бикшод, ки ҳикмати ин мактабаш бо номи «Роҳи Имоми Аъзам» 1310 сол ин ҷониб байни мӯъмином шӯҳрат дорад. Хулоса, Имоми Аъзам /р/ аз оғози фаъолияти хеш то охири умр аз рӯи чаҳор санади раднопазир, яъне, «Қуръон», «Ҳадис»-и Паёмбар /с/, «Иҷмоъ»-и уммат ва ҳикмати баёнкардаи устодону фалсафаи мактаби худ ва андешаҳои худ амал кардааст. Ба ин хотир, аз ҳама мазҳаби софтар ва адолатпарвар, дар Ислом-равиши Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, яъне, мазҳаби Имоми Аъзам /р/ аст, яъне:

Инчунин аст мазҳаби Нӯъмон,
Ӯ ба тақво чу Бӯзару Салмон. 66, 92

Ва боиси фараҳмандисту шодмонист, ки дар рӯзи мубораки ҷашни 17-солагии Истиқлолияти кишварамон-Тоҷикистони азиз, аз минбари баланди ориёӣ, яъне тоҷикӣ аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ Ҷаноби олӣ-амиралмӯъминин ва пешвойи адолатхоҳону сулҳпарварони олами муосир Эмомалӣ Раҳмон соли 2009-ум «Соли байналмилалии бузургдошти 1310-солагии абулмиллат-Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)» эълон гардид. Зиҳӣ, эй шоҳаншоҳи озодихоҳ, ки дар ҳама кори нек фаросати Худодод дорӣ!!!

Моро иттиҳод мебояд, яъне, иттиҳоди воқеъан исломиву инсондӯсту демократӣ, бунёдгаро прогрессивӣ ва инсонгаро, ки битавонад ҷавобгӯи кулли мушкилоту ҳомии аҳли башарият бошад. Ба хусус дар ин айёме, ки қавме дӯсти Худо ва Паёмбари Худоро барғалат ва мушрикона худояш эълон кардаанд (наъузубиллоҳ).

Маҳалгароиву қавму қабилабозӣ ва миллатгароиву нажодпарастӣ, хоси Ислом нест, ва мӯъмин бояд, ки бародар ва дӯсти мӯъмин бошад. Ҳамсоягонро бо назари нек бояд дид. Ва барҳақ Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ таъкид ба мо карда, ки:

Қалби мо аз Ҳинду Руму Шом нест,
Марзу бӯми мо ба ҷуз Ислом нест.
Аз як ойине мусалмон зиндааст.
Пайкари миллат зи Қуръон зиндааст...

«Ҳоло мазҳаби Имоми Аъзам /р/ дар Афғонистон, Тоҷикистон, кулли ҷамоҳири Осиёи Марказӣ, Поволже, яъне, Тоториcтону Бошқирдистон; Қафқози Шимолӣ, Қазоқистон, Сӯриё, Покистон, Туркия, Ҳиндустон, Миср, Ироқ, як қисмати Эрон, Индонезиё, Бангладеш, Арабистони Саудӣ, як қисми Чин ва Анатолиё ва Балкан, яъне, Югославиё, Албаниё ва каме дар Булғориё, соҳилҳои Баҳри Сиёҳ ва ғайра, дар масоили динӣ ҳукмрон аст-49,272. Ва бояд қайд кард, ки имрӯз, аз ҳама паҳншудатарин ва чашмрастарин мазҳабе, ки ҷомеъасозаш метавон шуморид, ин мазҳаби Ҳанафист, яъне мазҳаби Имоми Аъзам зеро, ки адл, адолат ва эҳтироми башарият, шиор ва ормонҳои олии башарӣ, маромӣ ӯст, яъне «Бо дӯстон мурувват бо душманон мадоро». Яъне, ба гуфтаи шоир:

Ҳарфи бадро бар лаб овардан хатост,
Кофиру мӯъмин ҳама халқи Худост…

www.kitobam.com

«Шӯрои муфтиёти Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Тоҷикистону Бошқирдистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Покистон, Миср, Ироқ, Туркия, як қисми Чин ва ғайра дар фатвою қарорҳои хеш ба фиқҳи ҳанафӣ истинод меоваранд. Бояд қайд кард, ки имрӯз дар баъзе қисматҳои Индонезия, Ҳинд, Малайзиё, Югославиё, Булғория ва савоҳилҳои Баҳри Сиёҳ (Қрим) ҳам мусалмонони ҳанафимазҳаб иқомат доранд. 48, 114-115.

Хулоса, Мазҳаби ҳанафия роҳест, ки шираш адл асту адолат, яъне, мусалмонони мазҳаби ҳанафия, ба пайравони ҳамаи динҳои осмонӣ ва кулли башар муносибати хуб доранд. Яҳудиҳо ва насрониҳо-масеҳиён-аҳли китоб ҳастанд ва ҳанафиён онҳоро низ эҳтиром мекунанд. Ва мусалмонони ҳанафимазҳаб ба китобҳои аз ҷониби Худованд ба онҳо фиристодашуда имон овардаанду доранд ва паёмбарони онҳоро-паёмбарони мотақадим- паёмбарони худ-медонанд. Ҳама анбиё аз тарафи Худо ҳастанд ва ҳанафиён ба ҳамаи он Расулон (ъ-с) имони комил доранд, зеро дар дини Ислом бе сабабе озор додани аҳли китоб ва ҳатто фарди бедин, ба ғайр аз ҳолати ҳарбӣ-ҷанг-ҳаром аст.

ИМОМИ АЪЗАМ ҲОМИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Ин нукта мусаллам ба таъкид аст, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ аввалин фақеҳ ва ҳомиест, ки забони шаккарини «форсии тоҷикӣ ва ё дариро дар қатори забони бою ғании арабӣ-забони дину ойин ва коргузорӣ хонд», қайдҳои эроншиноси маъруф, шарқшиноси номдори рус профессори Донишгоҳи Санкт-Петербург зиндаёд академик В.В.Бартолъд, 34,174-178).

Мавлавӣ Ҳикматуллоҳ ибни Фатҳуллоҳи Одилободӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифаро-Абул миллат номидааст (ин зимни баёни кунияти шарифи ӯ гуфта шудааст).

Имом Абӯҳанифа /р/ забони тоҷикӣ, яъне форсӣ ва густариши онро басо содиқона ба роҳ монда, ба ин васила забони аждодии худро дар қатори забони арабӣ, забони илму ҳикмат ва дину давлат эълон кардааст.

Бинобар ишорати муҳаққиқон, Имом Абӯҳанифа /р/ дар он замонҳои хеле тезу тунди густариш ва интишори дини Ислом ва ҷорикунии забони арабӣ тавонист, ки забони тоҷикии форсиро пой бар ҷо қарор бидиҳад.

Аввалан ин ки ӯ, яъне, Имом Абӯҳанифа /р/ забони тоҷикии форсиро забони дуюми дин, баъд аз забони арабӣ эълом дошт. Сониян тафсири Қуръон ва хондани намозро бо забони тоҷикӣ-
форсӣ иҷозат дод. Аввалин тафсирҳои Қуръон, аз он замон аст (мисли тафсири Табарӣ, баъдан тафсири кӯчаки Қуръон, аз ҷониби Шайхурраис Абӯалии Сино) ва ғайра.

Дар замони салтанати фарҳангдори Сомониён, (ба хусус дар даврони Исмоили Сомонӣ раҳамуллоҳ-С.Б.Б) забони форсӣ, дар баробари забони арабӣ, забони илму адаб, нигориш ва низ давлатдорӣ буд.

Дар ҳаёти мадании асри IX-X ҷараёни «шуубия», хеле равшану возеҳ дар адабиёт зуҳур карда буд. Ба зӯрӣ интишор додани расму ойин ва забону фарҳанги арабӣ, босуръат идома дошт. Арабикунонӣ ҳанӯз, аз замони тавсия ёфтани Ислом, дар мамолики берун аз Маккаю Мадина оғоз гардида буд.

Дар он даврони пурталотуми асри хеш, Имом Абӯҳанифа /р/ тавонист, ки шуҷоатмандона қарзи миллияти хешро, дар назди аҳли тоҷику форс адо намояд ва қоимияти забони тоҷикӣ-форсиро нигоҳ дорад.

Маҳз ба ин хотир буд, ки дар кишварҳои тоҷикигӯй, яъне форснишини билоди исломӣ, ба хусус дар Мовароуннаҳру Хуросон ва қисмате аз марзи Эрон мазҳаби ҳанафӣ, ки муассиси он Имом Абӯҳанифа /р/ аст, хеле густариш ёфт.

www.kitobam.com

Хонадони Оли Сомон мазҳаби ҳанафиро, ки муассисаш олиму ҳаким ва фақеҳу имоми кабир Абӯҳанифаи Форсӣ буд, хуш пазируфтанд. Абӯҳафси Кабир ва Абӯҳафси Сағир-падару писар, ки бузургтарин фуқаҳойи ҳанафимазҳаби Осиёи Марказӣ, дар аҳди Сомонӣ буданд, дар назди шогирдони Имом Абӯҳанифа /р/ ба хусус дар назди Имом Муҳаммад /р/ илми фиқҳ омӯхтаанд (барои маълумоти муфассал оиди ҳаёт ва фаъолияти ин ду бузургфақеҳ ва мушовирони маънавии давлати Сомониён метавонед ба китобҳои «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ва «Салоти Масъудӣ»-и Мавлавӣ Шайх Масъуди Самарқандӣ ва китобӣ-бадеӣ-таърихии устоди насри худогоҳии миллӣ-Муҳаммадзамони Солеҳ, бо номи «Девори Хуросон» ва чанде дигар мурочиат намоед.

Устод Н.Неъматов-муаррихи шинохтаи тоҷик, дар китобашон «Давлати Сомониён» тазаккур дода, ки дар Осиёи Миёнаи давраи Сомониён, ба таври расмӣ, мазҳаби ҳанафӣ қабул шуда буд.

«Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ибни Қайс ибни Марзбон ибни Зӯти ибни Моҳ ибни Сосон ибни Анӯшервон менависад муаррихи муосири Эрон, нахустин фақеҳе аст, ки адои намоз, сиғаҳои шаръӣ ва ҳатто тарҷума ва тафсири Қуръонро ба забони форсии дарӣ раво донист (чунки Расули гиромӣ-саллаллоҳу ъалайҳи васаллам ин забон, яъне, забони қавми Салмони Форсиро ва мардуми онро ба ғояти тамом эҳтиром мекарданд ва медонистанд, ки маҳз қавми Салмони Форсӣ иршодкунандагони дину маърифат ва қувватдиҳандагони дини барҳаққи Исломанд-С.Б.Б). Чуноне ки мебинем, нахустин осори забони тоҷикӣ ё форсии дарӣ, тарҷума ва тафсирҳо аз «Қуръон», ба он забон аст. Агар порсии дарӣ, яъне тоҷикӣ забони мусалмонони Эрон (ва соири ақвоми Эронӣ-С.Б.Б) намешуд ва фуқаҳои бузурге чун Абӯҳанифа /р/ ба ҷоиишин сохтани он забон, дар намоз ва

сиғаҳои шаръӣ фатво намедоданд ва Абӯнасри Машконмуншӣ ва дабири дарбори Ғазнавӣ онро забони китоби девони давлатии Эрон намесохт, ҳаргиз он забон наметавонист, дар Эрони Кабир - Ориёно (ва тамоми билоди Эронзамин; Балху Бохтар, Хуросон, Мовароуннаҳр ва ғайра-С.Б.Б) пойдор бимонад ва балки монанди дигар мамолики фатҳшуда, чун Шому Миср ва шимоли Африқо, ба тадриҷ забони миллӣ, аз байн рафта ва забони арабӣ ҷои онро мегирифт. 85, 1252-1253.

Хулоса имрӯз, ки ҷомеаи мо ва ағлаби мамолики ҷаҳонро бӯҳрони шадиди маънавӣ ва фурӯравии сатҳи ахлоқии мардум зуҳур кардаву ба тадриҷ афзудани қаллобӣ, ҷиноятқорӣ ва нашъамандӣ, фоҳишӣ, рибоъхӯрӣ ва қатлу ғорат, фирқабозиҳои динӣ фаро гирифтааст, танҳо омӯзиши афкори пешқадам, маслиҳатомезу пурҳикмат ва ҷомеасози гузаштагонамон, ба мисли пири аҳли тақво, фақеҳи бузург ва инсони комилу ормонӣ-Ҳазрати Имоми Аъзами сӯфии Кӯфии Кобулӣ /р/ барин кубарои азимушшаън метавонад, ки моро дар партави Қуръон ва Ҳадис ва ҷомеаи моро аз ин вартаи маҳшавӣ берун орад ва бо «боли дигарон» «паридан»-ро хотима диҳад. Устод Муҳаммад Иқбол хуб гуфтааст, ки:

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушодан омӯз,
Ки паридан натавон, бо пару боли дигарон.

Беҳуда устод Рӯдакӣ ҳам нагуфтааст, ки:

Бирав, зи тағрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ муассиси яке аз бузургтарин, паҳншудатарин ва одилтарину софтарин мазҳаби равияи суннии дини Ислом--мазҳаби ҳанафия аст, ки пойизи соли 1999 мусалмонони олам ва аҳли пешқадами башарият

www.kitobam.com

(октябри соли 1999 дар пойтахти кишвар дар собиқ донишкадаи исломии Имом Тирмизии Тоҷикистон, ба хотири бузургдошти Имоми Аъзам конфронси илмӣ доир гардида буд) 1300 солагии ин донойи роз ва абадмарди таърихи башарият ва дини мубини Ислом ва илму ҳикмат ва маърйфати башарро ҷашн гирифта буданд. Ва хушбахтона, бо иқдомоти хайри Ҷаноби олӣ, мӯҳтарам Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон «Соли 2009-Соли байналмилалии бузургдошти Имоми Аъзам» эълон гардид. Осори илмӣ ва ҳикмати волои афкори Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ бештар дар соҳаи илми фиқҳ ҳукуқ ва масоили ақоид, нигошта шуда, ки дар ин рӯзҳо дархӯри ҷомеаи мо ва раҳнамои мову шумост.

Осору афкори фиқҳии Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ дар замонаш шӯҳрати оламгир дошт ва имрӯз ҳам ақидаҳои прогрессивӣ ва одилонаву башардӯстонаи ин марди ҷаҳони хираду ҳикмат қадри худро гум накардаву нахоҳад кард. Балки чун хуршед медурахшаду башариятро ба сӯи роҳи рост, яъне, ба роҳи Худо ва расулони ӯ ва ба хусус ба роҳи шариъати ғуррои Ҳазрати Муҳаммад /с/ ва ёрони гиромии ӯ /с/ ҳидоят мекунад. То имрӯз афкори Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/-ро олимони зиёде аз қабили Шайх Шаҳобиддин Аҳмад ибни Ҳаҷари Ал-Маккиӣ «Ал-хайрот-ал-ҳисон фӣ-маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон» ба форсӣ «Маноқиби Имоми Аъзам» Ал-Азҳар, Лубнон чопи 1377ҳ Муҳаммад Абӯзаҳра «Абӯҳанифа ҳаётуҳу ва осоруҳу», Қоҳира-1977 Иноятуллоҳи Иблоғ, «Имоми Аъзам Абӯҳанифа ва афкори ӯ»; Боголюбов А.С., «Этика правовие воззрения Абӯҳанифа ан-Нумон, Полестинский Сборник 1987 М.; Фиқҳ-ал-Қозӣ Абӯабдуллоҳ Ҳусайн ибни Алии Саймирӣ «Ахбор Абӯҳанифа ва асҳобиҳи», Бейрут-Лубнон, 1976; Муҳаммадсабури Бухорӣ «Имоми Аъзам ва мазҳаби ӯ»

Бухоро соли 1997, М.Бухорӣ «Ақоиди Имоми Аъзам дар партави Қуръон ва Суннат» Бухоро 1998, С.Б.Бузургмеҳр «Ҳазрати Имоми Аъзам» мақ̧ал., "Тоҷикистон" N3-4. 1998: Бегиҷон Рустамзода "Имоми Аъзам (Абӯҳанифа) кист". Душанбе 1999, Б. Рустамзода. Ақидаҳои фиқҳии Абӯҳанифа (Имоми Аъзам), Душанбе 1999, 42 с. С.С.Бузургмеҳр «Аҳвол ва афкори Ҳазрати Имоми Аъзам (р)» Душанбе-«Нодир», с.2000, М. Ҳимматзода «Зиндагӣ ва осори Имом Абӯҳанифа, Хуҷанд – 2004, Шиблии Нӯъмонӣ «Ҳаёти Имоми Аъзам»; китоби ҳозир «Аҳвол ва осори Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа» (чопи дувуми таҳрир ва такмилёфта аз Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр – Душанбе, «Мавлавӣ» - 2008 ва ғайра мавриди пажӯҳиши амиқ қарор додаанд. Ин аст бузургӣ, тақво мартаба, мақому манзалат ва маъруфияти Имоми Аъзам /р/ роҳнамову чароғи пурнури умматони Ҳазрати Расули акрам Муҳаммад /с/.

ГУЛЧИНЕ АЗ ҲИКМАТҲОИ ЛОЗАВОЛИ ҲАЗРАТИ ИМОМИ АЪЗАМ АБӮҲАНИФА /р/

«Сухани ҳикматомез чӣ хуш ҳадяест». Аз аҳодиси шарифи Ҳазрати Расулуллоҳ /с/: - Китоби «Панҷсад Ҳадис» Москва: Комил, 1991, саҳ.28. Аз тарҷумаи форсии «Ал-Мавоъизулъададия» таҳзиб ва танзими Алии Мушкини Ардабилӣ ва кӯшиши Мирзо Аҳмад Ҷаннатии Исфаҳонӣ.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ба чи андозае, ки дар байни аҳли Қибла, яъне, муслимин обрӯву эътиборе, дошта бошад, дар байни аҳли илму адаб ва тӯдаи аҳли ҳикмати ҷаҳон, низ дорои мақому манзалати хос мебошад, яъне, агар мардуми Шарқи исломӣ Имом Абӯҳанифа /р/-ро ҳамчун "Имоми Аъзам", «Чароғи уммат», қутбулавлиё, пири аҳли калому фақеҳи кабир ва пешвои мазҳаб шиносанд мардуми Ғарбу Шарқ ва он сӯи уқёнус ва Шарқи Дур, Имом Абӯҳанифа /р/-ро

www.kitobam.com

ҳамчун ҳаким, яъне, файласуф ва яке аз аввалин асосгузори усули илми калом ва фақеҳ, яъне, ҳуқуқшиносу ислоҳотчии бузург-муслиҳиддин мешиносанду эътироф мекунанд...

Ва инак азизон, дар рӯ ба рӯи Шумо, дар паси панҷараҳо ва пешорӯи назари муборакатон дурдонаҳои лафзӣ, аз хазинаи маърифат, тозагулҳое аз гулистони ҳақиқат, маъниҳо аз олами маъонӣ ва вожаҳои малакутии файзбахшу файзосое, аз дарёи ҳикмати безаволи Ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/, чун ахтарон, дар паҳнои асмони авроқ дар ҷилваанд, ки дар ҳар ҳарфе аз ин вожаҳо боз созу розу румузи дигар аст. Пас эй азизон, назар бинмоед ба осмони пурситораи ҳикмати андешаҳои Имом Ҳаким Абӯҳанифа /р/ то бошад, ки дар умқи амвоҷи пурталотуми мавҷҳои нурафшони ахтарони ҳикмати ин инсони комил, роҳе барои бозёбӣ ва расидан ба асрори худӣ ва Худошиносиву хештаншиносиро пайдо карда бошем...

Имом Абӯҳанифа /р/ фармуда: «Лав лам ябъасуллоҳи линноси расулан, лавоҷиб ъалайҳим маърифата биъақулаҳум». Яъне: «Агар Худованд паёмбаре ҳам намефиристод, ақли мардум Худошиносиро бар эшон воҷиб мекунад». Имом Абӯҳанифа /р/ ба ин шеър бисёр масал мезад:

«-Кафо ҳузнан ан ло ҳаёту ҳаниятан,
Вало амалу ярзибаллоҳу солеҳ».

Яъне:

«-Андӯҳе бад-ин гаронӣ бас аст,
ки на зиндагии гуворое дорем,
Ва на амали солеҳе, ки Худои азза
ва ҷаллро хушнуд созад».

Ва мегуфт: «-Ҳар кас дар чизе аз илм ва нақди он сухан бигӯяд, дар ҳоле ки ба ин пиндор бошад, ки Худои тоъоло аз ӯ намепурсад, ки чи гуна дар дини Худо фатво додӣ. Пас ҳаққо ки худ ва дини хешро сабуку сарсарӣ ангоштааст.

***

Ҳар кас раёсатро қабл аз вақти он талаб кунад, зиндагии зиллатборе хоҳад дошт.

***

Қадри фиқҳ ва қадри аҳли фиқҳро намешиносад он кас, ки дар нишастан ба мағлиси илм гаронбор бошад.

***

Маъосӣ (маъсият, гуноҳ)-ро зиллат (залолат, хорӣ) ёфтам ва тарки онҳоро мурувват, ки ин худ сипари нигаҳбоне аст, барои диёнат.

***

Касе, ки илм ӯро аз маҳорими Илоҳӣ боз надошт, бегумон, ки ӯ аз зиёнкорон ва мунофиқон аст!

***

Ғамъияти хотир, дар гарави ҳазфи алоиқ (дилбастагиҳо)-и моддӣ аст. Пас бояд фақеҳ ба ғуз қадри ниёзро аз дунё бар нагирад, ҳамон миқдор, ки ӯро бар ҳифз ва нигоҳдории фиқҳ ёрӣ намояд.

***

Агар дар дунё ва охират, уламоу авлиёи Худои таъоло набошанд, пас Худои мутаъолро дигар валие нест.

***

Ҳар кас ба талаби Ҳадис равад ва фақоҳате (илми фиқҳ) касб накарда бошад, ҳаммонанди касе аст, ки доруҳоро ғамъоварӣ мекунад, аммо манофеъи онҳоро намедонад, то онки назди табиб ояд, ва фақеҳ, табиби ин дорухона аст.

***

Ҳар гоҳ дар паи баровардани ҳоҷате аз ҳоҷати дунё ҳастӣ, пас то онро анҷом намедиҳӣ, ғизо нахӯр, зеро, ки ғизо хӯрдани ту дар ин ҳолат аз рӯи адам (нестшавӣ, аз байнравӣ)-и тааққул (ақл, хирадмандӣ, тафаккур, аз рӯи ақл) хоҳад буд.

***

www.kitobam.com

Дар дини Худои таъоло касби дониш кунед ва мардумро вогузоред, ба он чи ки барои хеш интихоб мекунанд. Ва бидонед, ки Худои мутаъол онро мӯҳтоҷи шумо месозад.

***

Ҳар кас, ки арҷи худ бидорад ва нафсаш бар вай гиромӣ бошад, дунё назди вай бе миқдор мешавад ва ҳар сахтие дар дунё низ.

***

Ҳар кас суханатро бар ту қатъ кунад, бар сари ӯ ҳисоб накун, зеро ки ӯ дар дӯстии илм ва адаб каммоя аст ва мағзаш тиҳисту оҷиз, барои дарки маърифат.

***

Гуноҳонро барои дӯст гирд меоварӣ, ки нафси ту аст ва молу сарватро барои душманат, ки вориси ту аст.

***

«Ҳеҷ кас бо Ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳа наҷангид, магар ин, ки Алӣ /р/ дар ҳақ бартар аз ӯ буд ва агар ҷангҳои Алӣ /р/ бо онон воқеъ намешуд, ҳеҷ кас намедонист, ки равиши ҷанг бо бағоти муслимин чи гуна аст». (Бале, сухани Имом Шофеъӣ раҳамуллоҳ низ назири ин аст, ки гуфт: «-Аҳкоми аҳли бағӣ ва чигунагии муқотила бо ононро аз ҷанги Алӣ бо Муъовия разиаллоҳу анҳумо истинбот намудем». 62, 131. Аҳмад ибни Ҳаҷар Ал-Ҳайтамӣ Ал-Маккий.

***

Баъд аз намози субҳ, аз Имом Абӯҳанифа /р/, дар бораи чанд масъала фатво хостанд ва посӯхи эшонро дод, ки пас касе интиқодкунон гуфт:-Оё салафи солеҳи мо (асҳоби киром) сухан гуфтан, дар ҳамчу вақтеро ҷуз ба хайр, макрӯҳ намепиндоштанд? Имом Абӯҳанифа /р/ дар посухи вай фармуд: «-Ва магар кадом хайр беш аз ин аст, ки гуфта шавад:-Ин ҳалол ва ин ҳаром аст. Мо бо ин кор ба танзеҳ (пок ва

муназзаҳ кардан) дур кардан аз айбу олоиши Борӣ Таъоло мепардозем ва халқро аз маъосии вай барҳазар медорем, ки ин беҳтарин тӯша аст. Ва вақте киса аз тӯша тиҳӣ гардад, соҳибаш табоҳ мешавад».

***

Марде барои вай (яъне, ба Имом Абӯҳанифа раҳамуллоҳ) китобе овард, ба расми хоҳиш, то барояш Ҳадис бигӯяд, Имом Абӯҳанифа /р/ фармуд: «-Ин шеваи талаби илм нест. Худои ъазза ва ҷалл аз уламо паймон гирифта аст, ки бояд илмро ба мардум баён намуда ва онро китмон (пинҳон кардан) накунанд, пас олимро хоссоне нест, ки илмро дар эҳтикор (бор кардани чизе ва судҷӯӣ)-и онон қарор диҳад, балки дарвозаи илми ӯ ба рӯи умум боз аст ва ҳадафи ниҳоии вай аз таълими илм кам ризои Худои мутаъол аст, на расидан ба мақосиди дигар».

***

Барои яке аз шогирдонаш Имом Абӯҳанифа /р/ гуфт: «-Маро дар ҳоли роҳ рафтан, ё сухан гуфтан бо мардум, ё дар ҳолате, ки дароз кашида ва ё такя задаам, аз амри дин суол макун, зеро дар чунин ҳолате ақли мардон устувор нест».

***

Аз Имом Абӯҳанифа /р/ дар бораи Ҳазрати Мавло Алӣ /р/ ва Муъовия /р/ ва куштагони саффайн суол карданд, фармуд: «-Метарсам, ки назди Худои таъоло ҳамроҳ бо чизе равам, ки маро аз он мавриди пурсиш қарор диҳад, аммо агар сукут кунам, аз ин амр мавриди пурсиш қарор намегирам, балки фақат аз корномаи худам бозхост мешавад, пас парҳез кардан аз ин баҳсро авло медонам». (Бале, баҳси бе мантиқ кори аҳмақон аст ва ки ҳақ асту ки ноҳақ, Худо худаш медонад, ки Ӯ таъоло худ доно асту одил ва олими сирри вал-хафиёт ва он ҷо, ки муқаддароти Илоҳист, ҳоҷате ба доварии мову шумо нест (С.Б.Б).

www.kitobam.com

***

Имом Абӯҳанифа /р/ ба ёронаш гуфт: «-Агар бо ин илмхоҳон хайр набошед, тавфиқ рафиқи шумо нахоҳад буд». (Бале, басо хуб гуфта, пешвои мо Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/. Ва ба ин хотир аст, ки мегӯянд: «-Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро». С.Б.Б.)

***

Ва мегуфт Имом Абӯҳанифа /р/: «-Дар шигифт (ҳайрат)-ам, аз қавме, ки бар мабонӣ (асос)-и пиндору гумонҳои ботили хеш сухан мегӯянд ва бар ин мабно ҳам амал менамоянд, дар ҳоле, ки Худои мутаъол барои Паёмбараш саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам мефармояд, астаъизу биллоҳ: «-Ва ло тақфу мо лайса лака биҳи илм...» (Ал-оя). Ва фармуд Имом Абӯҳанифа /р/, ки: «-Ҳар кас барои ба чанг овардани дунё; ба суроғи илм равад, аз баракати он илм маҳрум мешавад ва он илм дар қалбаш русух (устувор, нуфуз, нақш бастан) намекунад ва дигарон ҳам аз он баҳраи бисёр намебардоранд, аммо ҳар кас барои амри дин илмро фаро гирад, дар илми вай баракат ниҳода мешавад ва ин илм дар қалбаш русух менамояд ва муқтабисон (иқтибоскунандагон) аз вай низ бо он илм баҳраманд мешаванд» (Оре, илме, ки дур аз ҳақиқат асту бе ҷавҳари маънӣ ва дарунмояи мантиқӣ надорад, он илм илми дурӯғин аст, ки на аз лиҳози зоҳирӣ қобили қабул асту на аз лиҳози маънии дарунӣ. Ва Шайх Аттори Валӣ раҳамуллоҳ ҳам мефармоянд, ки:

«Илми ҳақ дар илми сӯфӣ гум шавад,
Ин сухан кай бовари мардум шавад».

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ раҳамуллоҳ, дӯстдору пайрави таълимоти ҳанафия ва шефтаи афкори Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳамуллоҳ буд ва шояд ҳам аз ин хотир бошад, ки ҳаммаъно ба ҳикмати Имом Абӯҳанифа разиаллоҳ,

бо истифодаи байте аз ашъори муршиди рӯҳонии хеш Мавлавӣ Ҷалоллиддини Балхии Румӣ Ҳанафӣ мегӯяд:

-Эй, ки бошӣ дар паи касби улум,
Бо ту мегӯям, паёми пири Рум:
«-Илмро бар тан занӣ море бувад»,
Илмро бар дил занӣ ёре бувад».

Ки бе муболиға мисраҳои малакутиеанд, барои роҳнамоии соликони роҳи ростин (С.Б.Б).

***

Имом Абӯҳанифаи сӯфии барҳақ ва муҷтаҳиди роҳи ҳақиқат разиаллоҳу-анҳум, барои Иброҳим ибни Адҳам /р/ гуфт: «-Эй Иброҳим! Туро аз ибодату ниёиш баҳрае некӯ додаанд, пас бояд, ки фаро гирӣ илм ҳам то, ки он дар ҷанб (паҳлӯ)-и ибодату ваҷҳи ҳиммати ту қарор гирад, зеро ки илм раъс (оғоз, сар, аввали ҳар чиз)-и ибодат аст ва қавом (асли чизе, ростӣ, поя ва низом)-и ҳамаи умур бо илм аст».

***

Имом Абӯҳнифа /р/ барои амири Кӯфа гуфт: «- Тикае нону ҷуръае обу порае аз либос, ҳамроҳ бо саломату офият, беҳтар аз зиндагии мустағрақ (ғарқшуда) дар неъмате аст, ки баъд аз худ надомат, дар пай дошта бошад».

***

Ва чун дар маҷлиси Имом Абӯҳанифа /р/ сухан аз маъойиб (айб)-и дигарон ва орои муғразонаи эшон мерафт, мегуфт: «-Ҳон! Бар ҳазар бошед, аз нақли суханоне, ки мардумро хуш намеояд. Худованд даргузарад аз ононе, ки дар бораи мо суханони нобаҷо гуфтаанд ва Худованд раҳм кунад бар ононе, ки дар мо андешаи нек парвардаанд.

***

Рӯзе масъалае аз масоили мушкиларо дар миён афкандаанд, Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ҷавоби онро дод, пас касе аз ҳозирон барояш гуфт: «-Кӯфа ҳамеша ба хайру хубӣ аст, то он

www.kitobam.com

гоҳ, ки Худои мутаъол туро дар он бар бақо дошта бошад. Имом Абӯҳанифа /р/ дар посух гуфт:

«- Халат -уд -диёра фасадту ғайри масуд,
Ва мин-ал-ъинои тафаррудӣ бил-судуд».

(Яъне: «Диёр аз бузургон холӣ гардид ва ман бе он, ки лоиқи он бошам, бар ҷойгоҳи сиёдат қарор гирифтам, пас яккатозии ман, дар сиёдат басо андӯҳбор аст»).

***

Дар яке аз намозҳо, фарзанди Имом Абӯҳанифа /р/, ятне, Имом Ҳаммод пеш гузашт, то ба мардум имомат диҳад, пас Имом Абӯҳанифа /р/ канори ҷомаи писарашро гирифта, ӯро ба ақиб кашид ва дигареро ба сӯи меҳроб ҳидоят намуд. Ҳаммод гуфт: «-Падарам! Маро фазиҳат (бадном, паст зада) мекунӣ»? Имом Абӯҳанифа /р/ фармуд: «-На, балки ту худ мехостӣ худро фазиҳат намоӣ ва ман туро аз ин ифтизоҳ (бадномшавӣ) боздоштам, зеро агар ба мардум намоз иқома мекардӣ ва гӯяндае мегуфт: «-Намозатонро, ки пушти сари ин оқо (рафиқ, бародар) хондаед, иъода (бозгардонидан) кунед, ин дар китобҳо навишта мешуд ва ор (нанг, шарм, айб ҳаё)-и он бароят то рӯзи Қиёмат боқӣ мемонд». 62.-131-134.

* * *

Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ писараш-Ҳаммодро аз шуғли илми калом манъ намуд. Ба ӯ гуфт: «-Шумо зимни баҳс, ҳарифатонро ба куфр тела додан мехоҳед. Ман бошам, ҳангоми дар илми калом иштиғол доштанам, кӯшиш мекардам, ки ҳарифамро аз куфр нигоҳ дорам».

***

Баъди вафоти Паёмбари Ислом /с/ миллати якпорчаи он, ба парокандагӣ мувозеҳ шуд. Фирқаҳои нав ба нав таъсис меёфтанд. Баъзе аз уламо Қуръон ва Ҳадисро яксӯ гузошта, ба тадриси фалсафаи бе бунёди бунёди кӯдаконаву дурӯғини юнониён қадам гузоштанд. Қуръонро махлуқ гуфтанд. Азоби

қабр ва ҳисоби аъмолро инкор доштанд. Дидани дидори Худовандро таҳзиб менамуданд ва ғайра. Имом Абӯҳанифа /р/ барои дар ин масоил равшанӣ андохтан, ба майдони мубориза, алайҳи мӯътазилия, хаворичҳ ва ғайра ворид шуда, бо мадади Парвардигори субҳон, ғолиб баромад.

***

Ақидаи Имом Абӯҳанифа /р/ оиди ҳисоб. Ӯ мегӯяд: «-Ҳисоб ҳақ аст. Барои он, ки сухани Худо, ки ғуфтааст» астаъизу билло: «Ва ин тубду мо фӣ анфусикум ав тухфуҳу юҳосибукум баҳиллоҳ». (Тарҷума: «-Ва агар зоҳир кунед он чӣ дар дили шумо аст ва ё пӯшида доред, ҳисоб бигирад ба он шуморо Аллоҳ). Ва низ Худо хабар додааст, ки астаъизу биллоҳ: «Фа-аммо ман утия китобаҳу бияминиҳи фасавфа юҳосабу ҳисобан ясиро» (Тарҷума: «-Ва аммо касе, ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода шавад, пас ҳисоб гирифта мешавад, ҳисоби осон»).

***

Баёни аъмол ва суханҳои куфр ва ширк, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ манъ доштааст:

1. Писанд кардани куфр, куфр аст.
2. Хуб донистани калимоти куфромез.
3. Дигаронро водор кардан ба гуфтани калимоти куфр.
4. Аз имони худ пушаймон шудан, ки шахсе мегӯяд, агар ман мусалмон намебудам, фалон кор намешуд.
5. Дар вафоти авлод ва ғайра инчунин мегӯянд, ки Худо фақат дар садади бурдани ҳамин буд ва барои куштани каси дигар, ғайр аз ин надид.
6. Аз ғайри Худо мақсуд ва мурод хостан ва рӯзи талаб кардан.
7. Ба номи ғайри Худо рӯза гирифтан ва ғайри Худоро сачда кардан ва ба номи ғайри Худо ҳайвоне назр ва забҳ кардан.

www.kitobam.com

8. Фармони махлуқро бар фармони Холиқ муқаддам донистан.

9. Эҳтиром кардани зиёрати бузургонро, ба андозаи эҳтироми хонаи Худо (хонаи Каъба).

10. Умарпараст, Ҳусайнбахш, Алидод, Абдуррасул, Абдуннабӣ, Абдулҳусайн, Муҳаммадпараст, Абдулҳасан, Абдулумар ва ғайра мислуҳум ном гузоштан ва ақида бар ин доштан.

11. Сурати падару модар, бародару хоҳар ва бобову бибӣ ва ғайра мислуҳумро ба қасди баракат, дар хона ё ҷайб гузоштан ва таъзим кардан ва аз он сурат чизе дархостан.

12. Аз гармову сармо ва боду боришоти мавсимӣ, шикоят кардан ва ҳам аз офатҳои табиӣ (ки бо иродаи Худованд аст) шикоят кардан ва ғайра.

***

Баёни аъмоли хилофи шариъат ва бидъат, ки Имоми Аъзам /р/ манъ карда:

1. Дар қабристон, дар як рӯзи муайян ҷамъ шудан.

2. Чароғ дар қабристон равшан кардану гулхан афрӯхтан.

3. Занон ба гуристон рафтан (бо тифлон ва ё танҳо).

4. Аз симон ва оҷур қаброо бино кардан.

5. Қаброо тавоф ва саҷда кардан ва бӯсидан.

6. Азодории бештар аз се рӯз барпо доштан (ва зиёд, либоси азодорӣ дар бар кардан).

7. Дар рӯзи фавт ва баъди фавти наздикон зиёд гиристан, навҳа кардан, рӯйканиву мӯйканӣ кардан, либос пора кардан ва худро ба дару девор задан ва бехудиҳо кардан.

8. Ширинӣ ва дигар маъкулот бар сари қабристон бурдан.

9. Хайма бар сари қабристон бино кардан, зарфҳои рӯзгор ва чизҳои гуногунро рӯи қабрҳо гузоштан.

10. Шомгӯрӣ, харчи рӯзи саввум ва ҳафтум ва даҳум ва бистум ва чиҳилум ва харчи солро таъйин намудан ва ақида

доштан, ки ин гуна инфоқ (харҷ)-ҳо барои майит бештар савоб дорад ва лозим аст.

11. Никоҳи бевазанонро айб донистан.

12. Дар маъракаи арӯсӣ, хатнасӯрӣ ва ғайра аз қудрат зиёда харҷ кардан ва хусусан, ки қарз бигирад ва харҷ намояд.

13. Фахр кардан, бар насаб, ки ман писарӣ фалонӣ ҳастам. (шоҳ, амир, ҳоким…)

14. Барои наҷоти худ аз ҳалокат касеро кофир донистан.

15. Дар вақти мусибат, бо овози баланд навҳа кардан ва гиря кардан.

16. Бар сару сина задан ва дар вақти мусибат рӯй харошидан.

***

Баёни баъзе гуноҳони бузург, ки ваъид (ваъдаи азоб) бар онҳо омада ва Имоми Аъзам /р/ моро аз онҳо огоҳ карда:

1. Шарик бар Худо овардан.

2. Хуни ноҳақ рехтан.

3. Азият кардани падару модар.

4. Хӯрдани моли ятимон.

5. Маҳрум кардани духтарон аз мерос.

6. Зулм кардан.

7. Ғайбат кардан (яъне, дар ғайби касе бадии ӯро баён кардан).

8. Ваъдаро хилоф кардан.

9. Дар амонат хиёнат кардан.

10. Тарки фароиз, аз қабили намоз, рӯза ва ғайра кардан.

11. Ба ноҳақ савганд ёд кардан.

12. Ғайри Худоро саҷда кардан.

13. Мусалмононро кофир ё бе имон ва Худозада ва душмани Худо донистан.

14. Дуздӣ кардан.

15. Дурӯғ гуфтан.

www.kitobam.com

16. Дар вазн ва паймона кам кардан.

17. Аз гаронии қимати гандум ва дигар эҳтиёҷоти мардум хушнуд шудан (яъне, тоҷирон, агар аз зиёдии нарх хурсанд бошанд).

18. Қимор задан.

19. Касеро масхара ва беҳурмат ва шарманда кардан.

20. Ҳалолро бад шумурдан.

21. Зиноъ кардан.

22. Ҳаромро ҳалол ҳукм кардану гуфтан.

23. Изо (ҳизо) додани мардум.

ЧАНД ЭЪТИРОФИ ҶОЛИБ АЗ ИХЛОСМАНДОН ВА МӮЪТАҚИДОНИ ИСЛОМ

Бале, як ҳазору чаҳорсад сол аст, ки аз нисф зиёди инсонияти рӯи Замин, ба дини фитрати Ислом гаравидааанду ба якка ва ягонагии Парвардигори Субҳон ва рисолати Паёмбарии Ҳазрати Муҳаммади Мустафо /с/ бо сидқи дил, одоби тасдиқ, ба ҷой овардааанду бо забони ҳол иқрор шудаанд ва бо имони комил шаҳодати ростин додаву медиҳанд, ки: «-Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадуррасулуллоҳ» (Яъне: «Нест ҳеҷ маъбуде дигар, ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад /с/ фиристодаи Ӯ»).

Ва: «Ашҳаду ан-ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу» (Яъне: «Ва шаҳодат медиҳам, ки нест ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳ ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва Расул, яъне, фиристодаи барҳақи Худо аст).

Ва бо иноятиПарвардигори Субҳон, инсоният тавассути Ислом роҳеро дар зиндагии хеш мепаймояд, ки боиси хушбахтии ӯ дар ин дунё аст (яъне, эмин аз шаррият ва шӯрият ва фисқу фасод ва ҷоҳилият ва роҳи шайтони лаъин,

ки ҳама гуноҳҳои сағираю кабира, маҳз аз ӯст)-у абадзиндагии охират.

Бале, инсоният кайҳо худ дарк карда, ки Ислом ягона дини фитрат, мубин ва оини барҳақи наҷотбахши инсоният аст, ки тавассути он дидаи худшиносии инсон ва ақли Худошиносии ӯ боз мегардад ва пайваста боло мегирад. Ва маҳз Исломи мубин аст, ки инсониятро новобаста аз нажоду қавмият ва миллаташ, ба ҳам муттаҳид, сохтаву месозад ва беҳтарин роҳи зисту зиндагонии осоишта ва одобу эҳтироми байни ҳамдигарии одамонро мунаввар месозад ва таълим медиҳад (тавассути Расулуллоҳ Ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки: «-Мӯъмин, бародари мӯъмин аст».

Фардони бедордил ва инсонҳои рӯшанфикр кайҳо эътироф кардаву мекунанд, ки Исломи мубин дини басо барҳақ ва ягона мактаби одаму одамгарист ва дастури роҳнамо, ки одамият тавассути он бақои абадии хешро дармеёбад

Масалан, Роберт Ҳугот Ҷексон-Додситони намоёни девони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бораи аҳамияти ҳуқуқии Исломи мубин чунин менависад: «Матлаби умда ин аст, ки мо тоза шурӯъ кардем ба ташхиси ин нукта, ки ин мазҳаб (Ислом), ки ҷавонтарин ва ҷовидона мазҳаби дунёст, фиқҳе, яъне асос ё худ қонуни асосии ҷомеасозе, ки дар асоси «Қуръон»-и маҷид ва аҳодиси Расули гиромӣ /с/ ва афкори фуқаҳои Исломӣ танзим дода шудааст-С.Б.Б)-ро эҷод намуда, ки ҳисси адолатхоҳии миллионҳо мардуме, ки дар осмонҳои сӯзони Осиё ва Африқо ва чандин ҳазор нафари дигарро, ки дар кишварҳои Амрико зист мекунанд (яъне, тибқи охирин оморе, ки дар даст аст, ҳам акнун ҳудуди ду миллион мусалмон, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мавҷуд аст (Зайналобиддини Қурбонӣ) бедор ва таҷассум кардаву мекунад. 44-165).

www.kitobam.com

Ҳарчанд мумкин аст мо нисбат ба илҳоми мазҳабии ҳуқуқии онҳо машкук бошем, маъа золик ҳуқуқи мазбур дарсҳои бисёр муҳиме дар ичрои қавонин ба мо меомӯзад. Ҳоло вақти он расида, ки дигар худамонро (яъне, миллати Амрико, дар назар аст-С.Б.Б) дар дунё танҳо қавме надонем, ки адолатро дӯст медорад ва ё маънии адолатро мефаҳмад, зеро кишварҳои исломӣ, дар системаи қонуни худ, расидан ба ин мақсадро кайҳо аз ҳадафҳо ва ниятҳои асосии худ қарор додаанд ва метавон гуфт, ба мақсади хеш, хеле наздик омадаанд ва таҷрибаҳои онон дарсҳои басо ибратомӯз барои мо, дар бар дорад» (-истифода аз муқаддимаи китоби «Ҳуқуқ дар Ислом»-таълифи доктор Маҷиди Ҳузурӣ) 44, 165.

Ҳамчунин Бернорд Шоу-нависандаи маъруфи инглисӣ, дар бораи ҷовидонагии Ислом ва қобилияти интибоқа доштани муқаррароти он, бо ҳамаи аъсору қурун чунин мегӯяд: «-Ман ҳамеша нисбат ба дини Муҳаммад /с/ ба воситаи зинда будани аҷибаш ниҳоят ва ниҳоят эҳтироми самимиро доштаам. Ба назари ман Ислом танҳо мазҳабе (яъне, дин) аст, ки истеъдоди тавофуқ ва тасаллут бар ҳолоти гуногун ва сувари мутазаййири зиндагӣ ва мавоҷеҳ, ба қуруни мухталифро дорад (аз китоби «Худопарастӣ ва афкори рӯз») навиштаи Муҳандиси Бозаргон 44 – 165.

Ислом, дини фитрат ва ойини ҷовидонаи башарият аст. Мо дар боло, бо андешаҳои ду нафар шахсияти маъруф, яъне, яке ҳуқуқшиноси варзидаи амрикоӣ, дигаре нависандаи бузурги инглис, перомуни фиқҳи исломӣ ва ойини фитрат, яъне, мубини Ислом ошно гардидем ва дида дӯхтем.

Ҳоло ба нукоте чанд, ки дар фарозмониҳои зер маҳфузанд, диққати мутолиъини гиромӣ ва муҳаққиқони болиғназарро мехоҳем ҷалб созем, ки шахсиятҳои басо шинохтаву маъруфи дунё (яъне, миллату қавмиятҳои гуногун ва пайравони динҳои мухталиф) перомуни дини мубини Ислом чи назаре

доштаанду доранд. Ва ҳикмати илоҳии Қуръонро чи гуна дарк кардаанд.

Яъне, яке аз беҳтарин тарҷумони Қуръон, ба забони русӣ дворянинзани боиффат Валерия Михайловна Порохова, ки ҳанӯз дар овони ҷавонӣ бо иноятиХудо дини Исломро пазируфта, мусалмон шудааст, мегӯяд: «-Ислом дини барҳақ аст. Ман ба дин ба Худои ягона эътиқоди қавӣ дорам. Оё шумо медонед, ки вожаи «ман ба Худо бовар дорам» чӣ гуна садо медиҳад. «-Ман мусалмонзан мебошам. Маънои тарҷумаи калимаи муслима «шахси ба Худо вафодор» аст. Аз ин лиҳоз, ман сад фиссад муслима ҳастам. Дар Русия 26 миллион мусалмон иқомат доранд. Ба замми ин бояд бигӯям, ки ҳанӯз Фёдор Достоевский яке аз нависандагони бузурги Рус навишта буд: «-Русро хороши тотор мешавад» (Яъне, ӯ оини торҳо, яъне, дини Исломро ва мазҳаби Имоми Аъзам-Ҳанафияро дар назар дошт, ки ин дин торҳои мусулмонро барои расидан ба кулли мақсадҳову ормонҳои оливу неки инсонӣ ҳидоят ва комёб мегардонад-С.Б.Б/ 56-6.

Вақте, ки хабарнигор С.Кузина, аз тарҷумони мӯъминаву муслима ва басо олимаи варзида В.М.Порохова суол мекунад, ки:-Тафовути асосии Инҷил (ва дигар китобҳои осмонӣ) аз Қуръон чист, бадоҳатан ва бо шуҷоати том ҷавоб мегӯяд, ки Қиматҳои умумибашарӣ, ба ҳамдигар тафовут доранд. Аммо фақат Қуръон даъват менамояд, ки мо бояд мудом омӯзем: «Якрӯза омӯзиш беҳтар аз 70-сола ибодат аст». 56-6.

***

Нависандаи машҳури рус граф Л.Н.Толстой Исломро хуш пазируфта ва онро ҳамчун дини ҳақиқӣ (ки воқеан ҳам дар зоти худ барҳақ аст-С.Б.Б) эътироф намудааст, менависад: «-Дар зери мафҳуми дини ҳақиқӣ, ман динеро дар назар дорам, ки ба ҳама халоиқ дастрас, бо хиради умумибашарӣ асосёфта ва барои ҳамагон ҳатмӣ бошад.

www.kitobam.com

...Ва аз ин рӯ, чунин мешуморам, ки ҳар ки мехоҳад ба инсоният ва пешрафти он хизмат кунад, бояд он динеро, ки дар он тавлид шудааст, яклухт инкор накарда, балки баръакс, асосҳои ҳақиқати куллро, ки дар ҳар гуна дин, аз ҷумла дар дини Ислом аст, дарк намояд ва кӯшиш намояд, ки онро аз карахтие, ки онро пӯшида медорад пок намояд...

Гуфтани ин, аз ҷониби ман, ки таълимоту идеали Христианиро дар маънои ҳақиқат, бар ҳама боло гузоштаам, хеле аҷиб аст ва барои ман ҳеҷ шубҳае нест, ки Ислом аз рӯи ашколи зоҳирӣ, ба қиёс аз дини православӣ тамоман боло меистад».

Ба ҳар ҳол ташнагии маънавиёти Толстой, ба сирати дунёи исломӣ ҳис карда мешавад. Барои тақвияти ин гуфтаҳо на танҳо мактубҳои Толстой, балки шиносоии вай бо тамаддуни шарқию чунин шахсиятҳо монанди Аллома Аҳмади Сӯҳравардӣ, шуда метавонанд. М.Хатиб дар «Охирсухани китоби «Наҳҷ-ул-ҳидоят» (китоби таълимоти Сӯҳравардӣ дар заминаи Қуръон ва аҳодиси набавӣ (с) чунин қайд менамояд, ки «Толстой бо мутолиаи суханони пайғамбари Ислом, шахсияти он Ҳазрати мутабаррик /с/-ро беш аз пеш сутуда ва ҳатто ҳангоме, ки охирин сафари бебозгашти худро намуд, як ҷилд аз ин китоб даруни ҷайби палтуи вай пайдо шуд» 19-5 (Раҳмату мағфирати Худованд бар ӯ бод, ки имон, ба Ислом дошту ҳам шаҳодат ба рисолати паямбарии Ҳазрати Расули акрам (с)-С.Б.Б).

***

Ҷаноби Лорд Ҳадлеи инглис, яке аз шахсиятҳои барҷастаест, ки Ислом овардани ӯ мавриди таваҷҷӯҳи тамоми маҳофили илмӣ ва равшанфикрон қарор гирифт. Мухбири рӯзномаи «Дейли Майл»-и Лондон бо ӯ тамос гирифт ва иллати мусалмон шуданашро аз вай пурсид. Ҷаноби Лорд Ҳадлеи дилогоҳу болиғназар, дар посух гуфт: «-Бештар

душмании исавият бо соири (боқимонда) мазоҳиб, сабаби тағйири оини ман шудааст. Шумо ҳаргиз намешунавед, ки як мусалмон нисбат ба соири адён (динҳо) чизе бигӯяд. Назири он чӣ исавиён дар бораи адёни дигар мегӯянд. Онҳо мумкин аст аз ин ки дигарон мусалмон нестанд, хеле маҳзун ва ғамгин бошанд, вале ҳаргиз як нафар мусалмон касеро, ки дорои кеши дигар аст, ба хулус, дар оташ нисбат намедиҳанд. Покӣ ва содагии дини фитрати Ислом ва олуда набудани он, ба матолиби сиррӣ ва сеҳромез ва ҳақиқати равшани он сабаб шуд, ки ба тарафи он ва роҳи мустақиму пурнуру зиёву пурнишоти он биравем. Меҳрубонӣ ва садоқати мусалмонон низ хеле бештар аз чизҳои аслӣ, ки дар ин бора миёни исавиён дидаем.

Як нафар масеҳии маъмулӣ мумкин аст, ки рӯзи якшанбе аъмоли мазҳабиро ба унвони як одати қобили эҳтиром ба ҷо оварда, аммо ҳамин, ки якшанбе тамом шуд, мазҳабро то ҳафтаи дигар ба канор мегузорад (ва ба шикам пуркуниву корҳои риёву рибоъ ва майхорагиву запой мешитобад ва Худоро фаромӯш мекунад, аммо шахси мусалмон як нафас бе ёди Худованд нест ва доим зикр мегӯяд ва ба таъбири аҳли тариқати нақшбандия шахси мӯъмину мусалмон мудом «даст ба кор асту дил ба ёр» ва ҳар рӯз то ба хуфтан ва то поси шаб панҷ вақт намоз мегузорад, яъне, фарзи қоим ба ҷой меорад ва Қуръон тиловат мекунад ва низ ҳар нафаси умри хешро ғанимат шуморида, ба ҷойи корҳои зиноъу рибову риёъ ва ғайра, фарзи доим ба ҷой меорад, яъне, номи Худоро зиёда ба забон меорад-С.Б.Б) аммо мусалмон ҳеҷ тафовуте байни якшанбе ва соири айём намегузорад ва доим дар фикр ҳаст, ки барои хидмат дар роҳи Худо чӣ коре анҷом бидиҳад...». 107-25.

***

Шарораи нури имон дар қалби Муҳаммад Томаси олмонӣ медурахшид, ки медурахшид ва ин шарора ба рӯзе аланга

www.kitobam.com

гирифт ва оташи эътиқоди ӯ, нисбати Офаридгор боло гирифт ва андешаи парастиши Худои воҳид, дар тору пуди ӯ ҷой гирифт ва бо амри дил Ислом овард ва мусалмон шуд ва худро Муҳаммад номид. Ва ӯ сабаби мусалмон шудани худро чунин ба қалам додааст: -Манзараи намози ҷамоъати мусалмонон чунон дар ман таъсир кард, ки ба мусалмон шуданам сабаб шуд.

Тоза офтоб, аз имрӯз гузашта буд, дар ҳоле, ки аз канори ҷодае гарм ва гардолуд мегузаштам ҳис кардам, ки овозе якнавохт ва бисёр зебо ҳавои атрофро пур кардааст, дар ҳоле, ки аз миёни долоне аз дарахтон убур мекардам ва ногоҳ манзарае шигифтангез дар муқобили чашмони дербовари мо намоён гардид, дар ин ҷо, бар рӯйи як бурҷ чӯбе, ки тоза онро барафрошта, буданд, як нафар араб, ки сардории якранг ба тан ва аммомае /дастор, салла/ бар сар дошт, навойи ҷазбкунанда мехонд, ки оҳангҳои онро, ба тарафи осмон мефиристод, мо тақрибан ба ирода, дар ҳоле, ки аз навойи рӯҳосойи ӯ тақрибан маҷзуб шуда будем, нишастем ва калимоте, ки маънии онҳоро намефаҳмидем, гӯшҳои моро аҷиб навозиш медод: «Аллоҳу акбар... Ло илоҳа иллаллоҳ».

Қаблан иттилоъе надоштем, ки қазияе чунин иттифоқ хоҳад афтод, вале акнун медидем, ки кам-кам ҷамъияте дар атрофи мо гирд меоянд. Мардуме ба синфҳои мухталиф ва дорои касбу кор ва пешаҳои мухталиф, бо ҳолате ором ва эҳтироми тамом гирд меомаданд. Ҳар кадом ҳасирае /ҷойнамоз/ доштанд, ки рӯйи алафҳои сабз паҳн мекарданд ва ранги ҳасирҳои онҳо ба алафҳо ихтилофи равшан дошт.

Рафта- рафта бар теъдоде ҷамъият афзуда шуд, ба тавре, ки намедонистем ҳадди ниҳойии он чи қадар хоҳад буд. Ин мардум кафшҳои худро аз пой берун оварданд ва сафҳои тавил /дароз/-е, ки пушти сари ҳам қарор мегирифт ташкил доданд. Дар айни ҳол, бо сукути тамом нозири ин манзара

будем, бисёр тааҷҷуб мекардем, ки ҳеҷ гуна имтиёзе байни афроди ин ҷамъият дида намешавад. Дар байни онҳо мардумони сафедпӯст, зардпӯст, сиёҳпӯст, гандумгун, малламӯю сафедмӯй, пиру барно, фақир, давлатманд, тоҷир ва ғайри тоҷир вуҷуд дошт, ҳамаи онҳо бо эҳтиром паҳлӯ ба паҳлӯи якдигар нишаста буданд, ба ҷои дуртар аз ҳасире, ё ки рӯи он нишаста буданд, таваҷҷӯҳ надоштанд. Рӯҳи бародарӣ, муттиҳидӣ ва дӯстӣ, ки аз ин ҷамъияти мухталифулвазъ эҳсос мегардид, асаре аст, ки ба осонӣ ва ба зудӣ аз даст нахоҳад рафт. Аз он рӯз то ба ҳол се сол мегузарад. Хушбахтам, ки ду сол аз онро дар Ислом, ба сар бурдаам ва мудом ба ёди Аллоҳ ҳастам...» 107-26 (Бале, Ислом ягона ойини ваҳдат ва ягонагӣ ва баробарӣ ва бародарӣ, байни тамоми башарияти мухталифулвазъ ва мухталифулнажод аст. Ва ин ҷо ҳоҷате ба баҳоия ва толибону ваҳҳобия, таҳририя ва фирқавия барин дуруғинмазҳабе таъсис додан ҳам нест, ки пешвояшон фалсафаи ғарбиасосу ғарбгарои худро «дини нави адолатхоҳ» номидааст-С.Б.Б).

Ҷаноби Юсуф Шерво, ки муқими шаҳри Маршал Искуер /дар Ёҳансбурги ҷанубии Африқои Марказӣ буд, бо сабабҳои сиёсӣ, зиндонӣ шуда буд ва дар зиндон нури Ислом дили ӯро, мунаввар сохт. Як мусалмони покистонӣ, маҷаллае ба инглисӣ, оиди дини мубини Исломро ба ӯ ҳадя намуд. Ҳанӯз қисмати муҳими онро нахонда буд, ки пулиси кофирпеша он маҷалларо аз ӯ даррабуд.

Оташи имон қалби ҳассоси Юсуфро ором намегузошт. Ӯ ҳоло муқими кишвари Зелонди Нав шуда буд, вале он ҷо /ҳарчанд мусалмонон бошанд ҳам/ ӯ дониши исломии худро такмил дода натавонист ва барои амиқтар ошно шудан бо Ислом ва таълимоти Қуръон, ба шаҳри Ландан сафар намуд ва дар Ҳайд Парк суханрониҳои ду олими варзида, яке Сакуй Мийсиён ва дигаре Муҳаммадҷон Вабастарро оиди таълимоти

www.kitobam.com

дини мубини Ислом шунид... ва аз эшон адабиёти фаровоне оиди дини Ислом ҳадя гирифт ва онҷо Ислом овард. Китоби рӯйимизии ӯ тарҷумаи Қуръон, ба инглиси аз Мармодок Пектол /яке аз беҳтарин тарҷумони Қуръон-ба забони инглисӣ/ буд ва ҳаст.

«-Хушбахтам, мегӯяд Юсуф Шерво,-ки мебинам Худованди доно ва тавонои бузургу одилу меҳрубон Худои оламиён ва бе шарик ва бефарзанд ва ғайри қобили тақсим, ки нури Осмонҳо ва Замин аст, чӣ қадар Раҳмон ва Раҳим аст, ки бо иноятиҳуд ман-бандаи гумроҳашро шодмонии ҷовидона бахшид ва бо роҳи пурнишот ҳидоят намуд, Ӯ Худое аст қадим ва аввалу охир, ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳаст, яъне, ҳозиру нозир ва самиъу басир. Худое, ки муқаддар фармуд, ки ман дар ин ҷо, дар мусофират, яъне, дар Ландан-қалби Урупо биёям ва мусалмон шавам ва ин амалан, дар хонаи худам ва дар Зелонди Нав набошад. Шукри Худойро ба ҷо меоварам, аз ин ки маро ба таълимоти беҳкитоби осмонӣ-Қуръони Маҷид ошно фармуд, ки махсусан ваҳдати башару нажоди башару баробарии навъи инсон, аз осори барҷастаи он аст. Акнун рӯҳам ба тамом озод, хонаам пурфайзу обод ва виҷдонам осуда аст, ва медонам, ки инсонам, на ҳайвони дар ғами шикам ба ҳарос афтода, Худоро шукр. Бори дигар мегӯям: «Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур-расулуллоҳ» 107- 28.

Ҷаноби В.Б.Фармери инглис се далели қотеъи иллати мусалмон шудани худро пеш меорад. Ӯ мегӯяд: «-Яке аз дӯстонам ахиран аз ман пурсид, ки:-Чаро дини худро раҳо карда мусалмон шудӣ? Дар ҷавоби ӯ се далел, ки Худованд ба забонам овард, зикр кардам:

1. Ислом як дини амалӣ аст, динест холӣ, аз асрору хурофот, динест, ки ба суҳулат /осонӣ/ метавон онро фаҳмид, динест, ки чизе хилофи ақл надорад ва аз печидагиҳои фалсафаи улуҳият ангошта нашудааст.

2. Динест, ки ба умури асосӣ ва аслӣ мепардозад, сарукори он ба қавонини аслии табиат ва фитрат аст. Байни дину илм фосилае намешиносад ва зимнан ақида дорад, ки илми дин болотарин илмҳост, зеро илми некӣ ва зиндигии муваффақиятомез аст.

3. Дар бораи тамоми риштаҳои зиндагии башар, дар заминаи дастӯроти комил ва роҳнамо маълумоти тамом медиҳад. Дар ҳар умур, хоҳ иҷтимоӣ, низомӣ ё тиҷоратӣ, тиббӣ ва ғайра -Ислом шомили раҳнамоӣ аст ва роҳ нишон додаасту медиҳад. Ислом он чиро ки фарди башар бояд ба ҷо оварад муназзам месозад. 107-47...

Китоби басо муқаддас ва дастуроти амрҳои Илоҳии роҳнамо-Қуръони Маҷид аз оғози интишори дини мубини Ислом, то ба имрӯз роҳи миллионҳо нафар аҳли башарро мунаввар кардаву мекунад...

Далели покии Қуръони муқаддасро яке аз бандагони Худо, марди басо солеҳу покизасиришт Аҳмад Перси Робинсони америкоӣ чунин шарҳ дода, ки хеле воқеъбинона ва ҷолиби диққат аст. Ӯ аз ҷумла арз карда: «Ҳис мекунам, ки қабули Ислом, аз тарафи ман натиҷаи мантиқии таҳқиқест ва баррасиҳои доманадорест, ки дар муддати дарҳ сол, дар бораи дин ба амал овардаам.

Дар ин муддат он чи дар бораи дин гуфта шуда ва дониста шуда ва нависандагон, аз замони Суқрот то Ҷон Вазле ва аз замони Силсус то Волтер гуфтаанду нигоштаанд, мутолиа кардам. Дар Қуръони Маҷид нахустин ва қавитарин шаҳодате, ки нисбат ба покизагӣ ва иқтидори ин Китоби муқаддас вуҷуд дорад, ҳамоно равиши зебост, ки соҳиби тавонои он ба кор бурда ва онро ғайри қобили тақлид сохта аст.

Сипас мебинам, ки ин Қуръони муқаддас ба марде «Умиййӣ» нозил шуд, ки худ далел бар Илоҳӣ буданаш ва ҳифзи он мебошад ва дорои чунон равиши содда ва олӣ аст,

www.kitobam.com

ки метавонад дар афкори башарият насл ба насл ба осонӣ ҳифз ва супурда шавад. Яқинан ҳамин далел барои ҳар марду зан кофист, ки шаҳодат диҳад, ки Қуръони муқаддас китоби покизаи Илоҳӣ аст. Қуръоне, ки ба мардумон бо садои расо фарёд мезанад «Худоё ҷуз Худои бузург, ҳеҷ маъбуде нест ва Муҳаммад /салъам/ фиристодаи ӯст».

Дар интиҳои 50-соли мутолиа ва таҳқиқи ин бандаи ночиз чеҳраи худро дар қаболи ин дини азиз, ба хок месоям ва ба садое ки аз шиддати масаррат (сурӯду шодӣ) ларзон аст, фарёд мезанам: Аллоҳу-Акбар... 107-48.

***

Аллома Муҳаммад Иқбол, дар бузургасари динӣ-фалсафии хеш «Эҳёи фикри динӣ дар Ислом» /ки эҳё ва навсозии фалсафаи динии Ислом ва низ натиҷаи ҷомеъ ва томи омӯзишу баррасии хастагинопазир ва мудовими улуми умда ва системаи ақидотии Ислом, аз ҷониби ин абармарди оламшумул ва Аллomаи Шарқ аст/ басо хуб қайд намуда, ки: ...Ислом вобастагӣ бар сарзамин, ва кишвари хос надорад ва ҳадафи он ин аст, ки намунае барои созмони ниҳоии башарият фароҳам оварад ва ин аз он тариқ сурат мегирад, ки мӯъминонро, ки аз нажодҳои мутаориз бо якдигаранд, гирди ҳам ҷамъ кунад ва аз ин маҷмӯаи атомӣ, миллате бисозад, ки афроди он-Худогоҳии махсус, ба хеш дошта бошанд. Ва ин коре набудааст ки ба осонӣ суратпазир шавад. Вале Ислом ба василаи созмонҳои шоистаи худ то ҳадди зиёде тавфиқ ҳосил карда аст, ки чизе шабеҳи як ирода ва як виҷдони иҷтимоӣ, дар ин тӯдаи номутаҷонис тавлид кунад. 107-146.

Бале, Ислом дини фитрат ва сарчашмаи осоиштагии башарият аст. Ислом олитарин ва ҷовидонатарин мактаби илми илоҳиёт аст, ки инсонро аз шаррият ва шӯрият, яъне, миҷози ҳайвонӣ ва нафсонӣ ва аз бардагӣ ба «ҳазрати шикам», боз медорад. То омадани Ислом кулли инсоният ҳама ҷоҳил

буданд ва дунё торикистон буд ва бо дурахши хуршеди дини Ислом, яъне Қуръон ва файзи Расулуллоҳ (с) олам мунаввар гардид.

Яъне, Ислом адаб аст ва ҷомеаи пур аз шӯру шари инсонияти имрӯзаро, ки ағлаб ба дарёи торики сармоядориву шикампуркунӣ ғӯтидаанд, адаб мебояд, то ки ба худ оянду роҳи наҷот пеш гиранд. Мурод аз офариниши одам танҳо ҷамъоварии сармояву ғуломи нафс ва бандаи шайтон будан нест, балки ислоҳи нафс ва паноҳ ҷустан ба Парвардигор, аз шарри шайтон, яъне, аз куштору ғорат, фитна, рибоъ, зиноъ, дурӯғу фиреб ва ҷаҳолат аст. Ва тӯфони азими «Сунамӣ» ҳам як огоҳии башарият аст.

Қуръони Маҷид дастӯри роҳнамои Илоҳист, ки баҳри наҷоту шодмониҳои башарият нозил шуда аст /на ин ки фақат дар таъзия ва худоиҳо хонанд/. Эй кош агар ҳама ҳафтоду ду миллати дунё як заррае моҳияти каломи-Қуръони маҷидро дарк мекарданд, дар вартаи ҳалокат, ки алҳол инсоният дар он гумроҳона қарор дорад, мубтало намешудем. Ва ба қавли лисонулғайб-Хоҷа Ҳофиз имрӯз, аз гумроҳиву ҷоҳилиҳои худ афсӯс намехӯрдему намегуфтем бо сад пушаймонӣ ки:

Ин чӣ шӯрест,ки дар даври Қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шарр мебинам...

Валлоҳу аъламу бис-савоби ва таммат ли-калимату Раббика сидқан ва ъадлан, ло мубаддила ликалимотиҳи ва ҳува-с-самиъул ъалим. Субҳона раббика-раббил ъиззати ъаммо ясифун ва саломун ъалал мурсалина валҳамду лиллоҳи Раббил ъоламин ва саллаллоҳу ъало хайриҳи халқиҳи Муҳаммадин ва ъолиҳи ва асҳобиҳи ва аҳли байтиҳӣ ва зурриётиҳи ва аҳли тоъатика аҷмаъин. Ва охируддаъвоно анил-ҳамду лиллоҳи Раббил ъоламин. Бираҳматика ё арҳамарро-ҳимин. Омин кушоиши корҳои нек, аз Худову шафоъат, аз Ҳазрати Расули Худову мадад аз ҷониби қутбул-

www.kitobam.com

Ислом ва Сироҷи умам-Ҳазрати Имоми Аъзам /р/ ба ҳар як хонандаи ин китоб. Ва ниҳояти тамом хонандаи азиз, ба Шумо комёбиҳое дар роҳи тазкияи ботину тақвияти имонро тамано дорем. Худо раҳнамост ба ҳаққи алҳамду *лиллоҳи* аввалан ва охиран ва саллаллоҳу ъало Саййидино ва Мавлоно Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи ва салам:

Онҳо ки хондаам, ҳама аз ёди ман бирафт,
Ғайр аз ҳадиси дӯст, ки такрор мекунам.

Бо эҳтироми тамом: Сайид Бурҳониддин Муҳаммад Бузургмеҳр ибни Сайид Бузургхоҷа ибни Ҳаётхоҷа /Эшони Тӯра/ ибни Мавлавӣ-Шайх Сайид Маллахоҷаи Валӣ ибни Сайид Эшонхоҷа (р), ибни Сайид Бобохоҷаи Бухории Оббурдонӣ (р) ибни Ҳазрати Мавлавӣ-Сайид Мирзо Баҳодурхоҷаи Танӯрии Бухорӣ, ибни Сайид Мирзохоҷа, ибни Мир Сайид Нуриддин ибни Мир Сайид Шоҳ Убайдуллоҳи Валӣ, ибни Мир Сайид Ошиқи Бухорӣ, ибни Мир Сайид Муҳаммадамин ибни Сайидуссодот солори Аҷам-Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (р)...

ДУЪО БА ИМОМИ АЪЗАМ /р/

Имоми Аъзами басо сарватманду тоҷир ва ниҳоят саховатманд, ки аз тиҷорататаш барои қориёни Қуръон муфассирин, муҳаддисин ва фуқарои асри пурталотуми хеш *либосу* хӯрданиворӣ харидорӣ мекард ва барои ба иштибоҳи хиёнати шарикаш дарёи дирҳам, аз саҳми хеш, дар чандин ҳазор динори ироқӣ даргузашт. Имоми сарватманд дар умри худ 55 дафъа Ҳаҷ намуда, як моҳ 30 дафъа хатми Қуръон мекардааст, яъне, ӯ ҳаёти худро вақфи дини ҳақ карда буд. Худо ӯро биёмӯрзад!

***

Имоми басо ҳакиму донишманди калом, ки роҳи ақидаи Исломиро асос гузошт ва дар роҳи мунозира бо аҳли бидъат

ва ҳавову ҳавас ва «шайхону зоҳидон ва уламои»-и рибоъхору риёкор ва халифаҳову ҳукмравоёни тиҳимағзи асри хеш мусибатҳои шадидеро мутаҳаммил шуд. Раҳмату мағфирати Худо бар вай бод!

***

Имоми шаҳиру фақеҳи кабир, ки баъд аз дарёфти олитарин шаҳодатнома, дар илми калом, ришtаи фиқҳро, аз Ҳаммод ибни Абӯсӯлаймон фаро гирифт ва мактаби фиқҳиро дар олами Ислом, дар асоси Қуръон ва Ҳадис илман асос гузошт ва шогирдонашро, аз қабили нахустқозиюлқозоти Ислом-Имом Абӯюсуфи Яъқуб, Имом Муҳаммади Шайбонӣ, Иброҳими Адҳам, Мотаридии Самарқандӣ, Сӯфиёни Саврӣ, Иброҳими Нахъӣ, Абдуллоҳ ибни Муборак, Имом Зуфар ибни Ҳузайл, Имом Абӯмутеъи Балхӣ, Имом Ҳаммод ибни Абӯҳанифа /р/, Абӯлайси Самарқандӣ, Имом Абӯмуқотили Самарқандӣ ва амсолуҳум ҳойизи дараҷоти фиққӣ гардонид. Худо аз вай хушнуд шавад!

***

Имоми мутасаввуф, ки чиҳил сол намози Фаҷр /бомдодро бо вузӯ /таҳорат/-и ъишо /хуфтан/ адо намуд ва ҳангоми самоъи оёти азоб то ҳадде мегирист, ки ҳамсоягон ба ҳолаш дил месӯхтан. Худо рӯҳашро шод дорад!

***

Имоми Аъзам Абӯҳанифа ибни Хоҷа, Собит (ибни Марзбон ибни Моҳ ибни Ҳурмуз ибни Анӯшервон ибни Сосон, Ал-Форсӣ ибни Завтӣ Ал-Кобулӣ Ал-Кӯфӣ) /р/ он шахсияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки дар зиндон, дар роҳи хидмати сиёсӣ ва тавсияи хулафо ҷон супурд. Худо дараҷоташро олӣ дорад!

***

Имоми Аъзами муаззами сӯфии Кӯфӣ /р/ он марди бузург ва инсони комил, ки миллионҳо, яъне 60-фиссади

www.kitobam.com

мусалмонони олам аз мазҳаби муҳаззабаш пайравӣ мекунанд /яъне, ҳанафиёни олам/ ва ба донишаш қоиланду мисли ӯ дониш меомӯзанду ҷамоаи аҳли суннат ва ҷамоатро ташкил додаву медиҳанд ва хоҳанд дод. Худо ӯро хушнуд гардонад!

Ҳазрати Имоми Аъзами муъаззами Кӯфӣ, ки аслан аз ашрофзодагони тоҷикзабон, яъне форсиасли шаҳри Кобул буду дар роҳи пойдории шариъат ва тариқати исломи мубин ранҷҳо кашида, «Сироҷи уммат» («Чароғи уммат») лақаб гирифту дар баробари забони Қуръон, яъне забони арабӣ, забони тоҷикии форсиро забони илму маърифат эълон дошт - Худованд ӯро дар аъло илиййин ҷойгоҳ иноят фармояд.

ДУО ВА Ё НОЛА

Пас бувад шод рӯҳи покаш,
Ҳам Худо розӣ аз ӯ.
Ман, ки Бурҳонам;
Яке аз пайравони роҳи ӯ,
Ҷони худ созам фидо, аз баҳри роҳи неки ӯ...
Дил мудом хоҳони он аст,
Ки бигӯям ҳар нафас;
- Сад дуъо бар рӯҳи покаш,
Он Имоми муслимину...
В-он фақеҳи мӯъминин...
Ҳамчу Абдулҳай агар доред, ихлосе ба ӯ.
Пас бигӯедаш салому ҳам дуо, бо сабки ӯ,
Гуфтааст он хушбаён, бо назми зайл:
«Ассалом, эҳёгари ойини поки Мустафо!
Ассалом, эй муҷтаҳиду орифу Луқмони мо!
Ассалом, Нӯъмони Собит, шӯҳра бар Абби Ҳаниф,
Ассалом, эй мазҳаби моро Чароғи раҳрамо!...».
Эй Худоё, бишнав афғони ҳамон Бурҳони худ:
Сӯхтем, мо дар фироқи он Имому в-он

фақеҳу муҷтаҳид,

Эй Худоё, ҷойи ӯро ҷаннатулфирдавс кун!

Омин...

Ва ахиран он Имоми ҳумоме, ки кулли муслимин дар поёни аҳди Расулуллоҳ (с) ва замони аҳди охирин асҳоби киром (р) ва тобиъини кибор «Имоми Аъзам»-аш хондаанд ва кулли муслимин онро то кунун эътироф доранд, шахсияти нотакрори фарҳанг ва тамаддуни исломӣ буда, фахри миллати тоҷик ва кулли форсизабонон ва сойири ақсойи олам аст, ба шаҳодати писари Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) - Ҳаммод ибни Абӯҳанифа насаби падари бузургворашонро Нӯъмон ибни Собит ибни Марзбон куния намуда ва Марзбонро низ аз абнои Форс ривоят фармуда ва дар «Матлаъулъулум» - ном китоб насаби шарифи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р)-ро ба Анӯшервони Одил мерасонад, ки ниёи тоҷикон аст. Хулоса, исми шарифи имоми ҳумом Нӯъмон кунияи муборакашон Абӯҳанифа ва лақаби ҷалилашон Имоми Аъзам аслан насабан аз тоҷикони гузари «Хоҷагон»-и билоди Парвони шаҳри Кобули Шариф мебошанд, ки дар замони Бани Таймуллоҳ ибни Саълабайт ба Ироқ, яъне ба Кӯфа омадаанд, ки Худованд ҳамаи эшонро ғариқи раҳмат бигардонад ва шоистаи Ҷаннат.

Алҳамду лиллоҳи аввалан ва охиран ва саллаллоҳу ъало сайидино ва Мавлоно Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам.

ДУРУД БА РАСУЛИ АКРАМ /с/

Алҳамду лиллоҳи Раббил ъоламин, вал ъоқибату лил-муттақин вассалоту вассалому ъало Расулиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин. Аммо баъд:

Эй дил, ту агарам дар ниҳодат оташи меҳри самимие дар фироқу ҳасрати рӯҳи пурфутӯҳу мутаҳҳараи мунавварaи

www.kitobam.com

рисолатпаноҳ-пешвойи шариати ғурро, афзалул анбиёи вал мурсалин-Ҳазрати Расули акрам Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва салламро дорӣ, пас дуруде бифирист субҳу шом ба рӯҳи поки он Ҳабиби Худо /с/, мисли яке аз умматони солеҳ ва фозилаш доктор Сайид Абдулҳайи Комилӣ, ки мегӯяд:

Ассалом, эй Ҳазрати ҳазратшуморон Мустафо,
Ассалом, эй номи покат дар забонҳо ибтидо.
Ассалом, эй зоҳиран марди фақиру хоксор,
Ассалом, эй ботинан лоиқи даргоҳи Худо.
Ассалом, эй зиннати аврангу зеби тоҷу тахт,
Ассалом, эй бандаи хушбахту яктои Худо.
Ассалом, эй Хотими пайғамбарони мурсалин,
Ассалом, эй пешвои авлиёву анбиё.
Ассалом, эй соябонат абр бо амри Ҳақ,
Ассалом, эй соябони умматон, эй Мустафо.
Ассалом, эй васфи рафтори накӯят беҳисоб,
Ассалом, эй дар каломат маъниҳо бемунтаҳо,
Ассалом, эй қуввати дил, бар Амиралмӯъминин,
Ассалом, эй дастгиру раҳбари Шери Худо.
Ассалом, эй пуштибони собиину тобиин,
Ассалом, эй муршиди он чор ёри босафо.
Ассалом, эй мубтадои муқтадоёни ҷаҳон,
Ассалом, эй Хотими ҷумла хабарҳои Худо.
Ассалом, эй мардумонро қиблаи кӯи умед,
Ассалом, эй ҷумлаи бечорагонро раҳнамо.
Ассалом, эй боиси ҳастии ин кавну макон,
Ассалом, эй ҷон фидоят ё Муҳаммад Мустафо.
Ассалом, эй тоҷдори бе кулаҳ андар ҷаҳон,
Ассалом, эй қофиласолори ҷамъи анбиё.
Ассалом, эй сарвару сардори авлоди башар,
Ассалом, эй боиси эҷод дар арзу само.

Ассалом, эй меҳрубони холиқи ҳар ду ҷаҳон,
Ассалом, эй дӯстдори боргоҳи кибриё.
Ассалом, эй баҳраёб, аз фазлу лутфи ламязал,
Ассалом, эй ҳамнишину ҳамдами қурбатсаро.
Ассалом, эй нури имони мусалмонон, салом,
Ассалом, эй дастгири умматон, рӯзи ҷазо.
Ассалом, эй вориси худ карда ту Нӯъмонро,
Ассалом, эй он, ки гуфтӣ ӯ «Чароғи уммат аст».
Ассалом, эй машъале аз шамъу фонуси фалак,
Ассалом, эй қудсиёнро нури чашму тӯтиё.
Ассалом, аз умматат Абдулҳайи Комил, салом,
Ассалому сад ҳазорон вассалом, эй Мустафо!...
«Ассалоту вассалому, ъалайка ё Расулуллоҳ,
Ассалоту вассалому, ъалайка ё Ҳабибуллоҳ
Ассалоту вассалому, ъалайка ё хайра халқуллоқ».

«Ва саллаллоҳу ъало хайриҳи халқиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи ва аҳли тоатика аҷмаъин. Омин, бираҳматика ё арҳамарро ҳимин».

Бо камоли эҳтирому
сипосу ихлоси бандагӣ: **Сайид Бурҳониддин**
Душанбе - баҳори 1999 **Муҳаммад Бузургмеҳри Ҳанафӣ**

www.kitobam.com

www.kitobam.com

ФЕҲРИСТИ КИТОБИЁТ

1. «Қуръони Маҷид». Сураи «Бақара», оёти шарифи 135-136 ва 163.

2. «Қуръони Маҷид». Сураи «Оли Имрон», оёти шарифи 67-68.

3. «Қуръони Маҷид». Сураи «Аш-Шӯро», оёти шарифи 25 ва 40.

4. «Қуръони Маҷид». Сураи «Муҳаммад», оёти шарифи 38.

5. «Қуръони Маҷид». Сураи «Юнус», оёти шарифи 104 то 106.

6. «Қуръони Маҷид». Сураи «Баййина», ояти шарифи 5.

7. «Қуръони Маҷид». Сураи «Ал-Кофирун».

8. «Қуръони Маҷид». Сураи «Ал-Ихлос».

9. «Меъёр-ал ахлоқ» /«Васиятнома»-и Ҳазрати Пайғамбар /с/ ба Ҳазрати Алӣ /р/ Хуҷанд. 1991, саҳ.35-36.

10. «Нодир-ул-Меъроҷ». /Ҳасби фармоиши зоирал-ҳарамайни шарифайн Ҳоҷӣ Сиддиқхоҷаи Хуҷандӣ-тоҷири китоб /1322, саҳ.299-375.

11. Китоби «Авроди фатҳия». /аз рӯи чопи Сринагар-Кашмир/ Душанбе, 1996, саҳ.32.

12. «Дақоиқ-ул-ахбор». Нашри 1318 ҳ., саҳ.24-26.

13. «Заруриёти динӣ» /Нашриёти Шермуҳаммад, писари Муҳаммад Гулхони Афғон-мутарҷим Мулло Айнии Самарқандӣ /Лоҳур 1305-1927/ с.8-14.

14. Гулчине аз «Дуррулаҷоиб». Душанбе: Симурғ. 1992, саҳ.17.

15. «Чаҳор китоб». Душанбе: Адиб. 1990.

16. «Таълим-ул-Ислом»-и Форсӣ /Муаллиф: Ҳазрати Муфтии Аъзами Ҳинд Мавлоно Муҳаммад Кифоятуллоҳ /р/; мутарҷим: Мавлавӣ Ғуломрасули Дарвозии Бадахшонӣ /Ношир: Кутубхонаи «Азизияаи Урдубозор-ҷомеъи Масҷиди Деҳлӣ: Бидуни соли нашр.

17. Аббос Маликӣ. Салмони Форсӣ, Теҳрон: Дафт. нашр. фарҳанги Исломӣ, 1375/1996/ саҳ.34-46.

18. Абдуллозода Шерзод. Муқаддима ба Исломшиносӣ. Душанбе: Ирфон. 1998, саҳ.72-79, 82-88, 106.

19. Абдураҳмон Маҳмадов. Ислом ва Толстой. Рӯзномаи Истиқлол №2/28/ январи 1998. саҳ.5.

20. Абдур-Раҳмон Ал-Ҷазоирӣ. Китобул- фиқҳ ъало ал-мазоҳибил-арбаъа. Табъи 6. Дорул-эҳё-ут-турос-ул-Исломийа. Бейрут. Лубнон, бидуни соли нашр.

21. Абӯабдуллоҳ, Ҳусайн ибни Алии Саймирӣ. Ахбор Абӯҳанифа /р/ ва асҳобиҳи» /бо пешгуфтор ва таснифоти Абдулвафоъ-ал-Афғонӣ/. Чопи Ҳиндустон-Ҳайдаробод.1394 /1974/ аз рӯи чопи дуввуми Лубнон-Бейрут 1976, саҳ.1-2, 3-81.

22. Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Душанбе: Ирфон. 1992, саҳ.109.

23. Абӯҳанифа. Фиқҳал-акбар. Дар китоби «Шарҳи фиқҳал-акбар». Ҳайдаробод.1321 ҳ.

24. Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит. Ал-фиқҳал - акбар. Қазон. 1914.

25. Абӯҳомид Муҳаммад Ал- Ғаззолӣ. Эҳё-ул-улум-ад-дин. Ҷилд.1-4. Қоҳира. 1939.

26. Абӯҳомид Муҳаммад Ал-Ғаззолӣ. Кимиёи саъодат. Ҷилд. 1-2. Чопи 5-ум. Теҳрон, 1371.

27. Алиакбари Файёз. Таърихи Ислом. Теҳрон. 1369. /1970/, саҳ.204-213.

28. Алиасғари Додбеҳ. Ислом ва суннатҳои Эронӣ. Гоҳномаи: Армуғон /замимаи маҷ. Фарҳанг/ Душанбе, марти 1995. саҳ.28-32.

29. Аттор Шайх Фаридуддини Нишопӯрӣ. Тазкирату лавлиёъ /бо муқаддима ва тасҳеҳи Мирзо Муҳаммадхони Қазвинӣ/. Теҳрон: Интиш; Ганҷина 1336 ҳ. саҳ.185-191.

30. Аттор Шайх Фаридуддин.Тазкират-ул-авлиёъ /ҳиссае аз бузургкитоб/ Душанбе, Ориёно. 1992. саҳ.26-27.

31. Аттор Шайх Фаридуддин. Хусравнома. Душанбе-Ирфон-1990, с.34-36.

32. Бартолъд В.В. Ислом после Пророка-отделение церква от государство; Сунна Пророка.Соч.том 6.Москва 1966. стр.104-111.

33. БартолъД В.В. Сабии и ханифи. Соч. Т.6. Москва. 1966. стр. 543

34. Бартолъд В.В. Персидская кулътура и ее влияние на другие страны. Соч. Т.б.Москва 1966.стр.174-177.

35. Бартолъд., 1925.а.- Бартолъд В.В. Мусейлима. ИРАН.1925. сер. т.6.- 19, стр. 483-512 / Соч.6. 549-574/.

www.kitobam.com

36. Бартолъд. 1939.-Бартолъд В.В. О Проррка Мухаммеда.-Историк- марксист. Москва.-1939., соч.,т.5-6, стр. 229-238.0 Мухаммеде. Москва. 1939. Соч.Дстр. 630-647,

37. Бартолъд. 1918-Бартолъд В.В. Ислам. Пч.,1918.9оч т.6., стр 79-139

38. Бартолъд. 1922-Бартолъд В.В. Мусулманский мир. ГТч.1 922. Соч.т.6, стр.205-297.

39. Бартолъд В.В. Ислам -Академ.Бартолъд В.В. Соч. Москва: Наука. 1966. стр.81 №146.

40. Бурҳониддини Бузургмехр.-Ҳазрати Имоми Аъзам /р/. Маҷаллаи: Тоҷикистон. № 3-4,соли 1998. саҳ.18-20.

41. Бурҳониддин Алии Марғелонӣ. Ал-Ҳидоя. Ҷилди 1-4. Тошканд. 1893.

42. «Ганҷи сухан»-шоирони бузурги порсигӯй ва мунтахаби осори онон: «-Аз Рӯдаки то Баҳор» /Таълифи Устод Дуктур Забиҳуллоҳ Сафо /Интишороти: Какнус: Теҳрон. 1374. ҳ., саҳ.71-79 /Рӯдакӣ/.

43. Доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. Душанбе: Ирфон. 1992. саҳ.7-138.

44. Зайнулъобиддини Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. Теҳрон. 1370 /1991/, саҳ,165.

45. Заҳабӣ. Тазкират-ул-Ҳуффоз. Бейрут-Лубнон-1956, ҷилди I, саҳ.166-167.

46. Зириклӣ. Ал-Аълом. Бидуни соли нашр: ҷилди 2., саҳ.121.

47. Иноятуллоҳ Иблоғ. Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ донишманди илми калом тарҷумаи форсии китоби муаллиф бо номи-«Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа ал-мутакаллим»-мутарҷими форсӣ Ф.М. Фазлӣ. бо пешгуфтори Муҳаммади Ғаллоб. Чопи Қоҳира-Ал-Маъодӣ. 1382ҳ. ,1966., саҳ. (китоб ба пуррагӣ мавриди мутолиъа буд. Яъне, аз саҳ.3-200).

48. «Ислам» /Краткий справочник/., Москва: Наука:-1986, стр.114-115.

49. «Ислам»- /Энциклопедический словаръ/. Москва 1996. стр.11-152, 273.

50. «Ислам» /Исторические очерки/, Москва: Наука. 1991. стр.34.

51. «Ислом» /Маълумотномаи мухтасар/,. Душанбе: Ирфон. 1990 саҳ.124-125. 129.

52. «Ислом» /справочник/ Тошкент. 1989 саҳ.44-306.

53. «Ислом» равия, мазҳаб ва фирқаҳои он. /мураттибон М.Ҳазратӣ. И.Саѓдиён./ Душанбе: Ориёно.1992, саҳ.195-196.

54. Кашталёва. О термине «Ханиф» в «Коране».ДАН.В. 1928. стр.157-162.

55. Керимов Г.М. Шариат и его социалъная сущностъ. Москва: Наука. 1978.

56. Кузина С. Мусалмонони олам чанд нафаранд? /Мусоҳиба бо мутарҷими «Қуръон» В.М. Порохова/. Рӯзномаи «Истиқпол» №1 /7/ январи 1997. саҳ.6.

58. Лебон Г. Ислом-давраи пайдоиш; таърих ва маданият /таҳия ва пешгуфтори С.Воҳидов/ Душанбе. 1991, китоби якум. Саҳ.13-14, 62-63.

59. Лео Таксилъ.Забавное Евангелие, или жизнъ Иисуса. Москва: Изд: полит. лит. 1964. стр.3.

60. Мавлавӣ Ҷунунӣ-Сайид Қаландаршоҳ ибни Шоҳ Соҳиб. Девони «Маъдан-ул-ҳол» /таҳия ва пешгуфтори проф. Абдуннабӣ Сатторзода ва Мавлавӣ Маҳмудхон Тӯраҷонзода/ чопи Теҳрон. 1376 /1997/ саҳ.186-188.

61. Мавлавӣ Сайид Яҳё-Амири Девонаи Кирмонии Норакӣ. Нусхаи дастии шаҷара, яъне, насабнома /гениология/.Бе соли нашр, саҳ.18-22.

62. Мавлавӣ Аллома-Муфтӣ Ал-Ҳиҷоз-Имом ал-Ҳарамайн аш Шарифайн Шайх Шаҳобуддин Аҳмад ибни -Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳачар Абулаббос Ҳайтамӣ Саъдии Ансории Маккий.-Маноқиби Имоми Аъзам /р/.-Тарҷумаи китоби «Ал-Хайрот ал-Ҳисон фӣ-маноқиб Ал-Имом Ал-Аъзам Абӯҳанифа Ан-Нӯъмон»-муаллиф /тақдим ва таҳқиқи Шайх Халил-мудири Ал-Азҳари Лубнон; мутарҷими форсӣ-Абдурраufи Мухлис, Чопи: Ал-Азҳар-Бейрут-Лубнон.1377-хурдодмоҳ, саҳ.3-158.

63. Мавлавӣ Мавлоно Шайх Масъуд ибни Маҳмуд ибни Юсуфи Самарқандӣ. Салоти Масъудӣ. Самарқанд. 1302. /1924/ саҳ.12-23.

www.kitobam.com

64. Марр Н. Арабский термин «ханиф» в палосонтологическом освещении. ИАН СССР., 1929. 7/2.

65. Маҳмуди Амидсолор. Баъзе аз аҳодиси набавӣ /с/, дар Шоҳнома. Мақал Эроншиносӣ, соли дуввум рақами 1, баҳори 1370 /1991/ Интиш: Бунёди Каён чопи ИМА-Иёлоти Колифорниё, шаҳри Лус -Анҷелес, саҳ.110-122.

66. Мирзоқодири Исфарангӣ ва Фарҳод Ҳасанов. Ҳадят-ул-мубтадиин. Душанбе. 1997, саҳ.41-45.91.

67. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ҷаҳонбинии тавҳидӣ. Интиш. «Садро». Теҳрон, 1370 ҳ.

68. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Имомат ва раҳбарӣ. Инт: «Садро», Теҳрон-1370.

69. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ошноӣ бо улуми исломӣ. ҷилди 1. /мантиқ. Фалсафа/. Инт.: «Садро» 1369.

70. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ошноӣ бо улуми исломӣ. Ҷиди 2. /калом, ирфон, ҳикмати амалӣ/. Инт. «Садро».1369.

71. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон. Инт. «Садро».чоп.16.1370.

72. Мусулманское право. Шариат и суд. Перевод применяемого в Отоманской империи Гражданского Свода /Маҷҷала/1-1 Ташкент. 1911-192.

73. Мусулъманское право /структура и основные институты/ Москва 1984.

74. Мухаммедходжаев А. Гносеология суфизма. Душанбе: Дониш. 1990.

75. Мухаммедходжаев А. Идеология накшбандизма. Душанбе. 1991.

76. Муҳаммад ибн Ал-Ҳасан Аш-Шайбонӣ. Ал-Ҷомеъ ал-кабир. Миср-Қоҳира. 1936.

77. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Душанбе: Адиб. 1987.

78. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри дини дар Ислом /таҳия пешгуфтори Шарофиддин Имомов, Баҳриддини Талбак/ Бунёди байналмилалии Имоми Содиқ-маркази ховаршиносӣ ва мутолиоти байналмилалӣ. Душанбе. 1997. саҳ.129-155-179.

79. Муҳаммад Сабури Бухорӣ. Имоми Аъзам ва мазҳаби ӯ /Баъзе аз бахшҳои китоби мазкур, дар таснифи Бурҳониддин Каримзода, низ қаблан истифода шуд, ҳафтавори «Чархи гардун» №47/119/27. II.1998. саҳ.6/-Маркази фарҳанги исломии Бухоро. 1997. саҳ.3-130.

80. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Душанбе: Ирфон: 1995/аз рӯи нашри Покистон-Исломобод 1991/, саҳ.8-9.

81. Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Душанбе /аз рӯи тарҷумаи форсии Абулқосими Поянда/1990., Ҷилди 1., саҳ. 26, 241-242.

82. Муҳаммадқул Ҳазратқулов. Тасаввуф. Душанбе-Маориф-1988, саҳ.88.

83. Муҳаммад ибни Абдулкарим Абулфатҳи Шаҳристонӣ /Эрон/. Ал-милал ван ниҳал.

84. Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб. Китоб-ут-тавҳид. Ал-Қоҳира-Миср 1375.

85. Муҳаммад Ҷавоб Машкур. Таърихи сиёсии Сосониён. ҷил.2. Теҳрон. 1366 ҳ. саҳ.1252-1253.

86. Муҳаммад ибни Ҷамили Зайну. Фишӯрдаи ақидаи исломӣ.-Дар партави Қуръон ва Суннат /Мутарҷим: Муҳаммад Сабури Бухорӣ/ Маркази тарҷумаи туроси исломӣ-Покистон-Пешовар, чопи аввал-1415 ҳ.қ-1373 ҳ-ш, 1994 мелодӣ. саҳ.56-59.

87. Маҳшиди Маширӣ. Нахустин фарҳанги алифбои қиёсии забони форсӣ. Интишороти: Суруш: Чопи дуввуми муҷаддад. Теҳрон. 1371 /1992/.

88. Оятуллоҳ Муҳаммад Иброҳими Ҷаннотӣ. Замони пайдоиши мазоҳиб. Маҷал. Кайҳони фарҳангӣ №2 /107/ Эрон-Теҳрон.1994-исфандмоҳ-феврал, саҳ.18-19.

89. Олимов Карокатулло. Хорасанский суфизм. Душанбе: Дониш. 1994.

90. Панова В.Ф., Вахтин Ю.Б. Жизнь Мухаммеда. Изд. полит. лит. Москва. 1990 стр.76-78.

91. Порчаҳо аз «Дуррулаҷоиб». Хуҷанд. 1992, саҳ.20-22.

92. «Панҷсад ҳадис» /аз тарҷумаи китоби «Алмавоъиз-ул-ъададия» таҳзиб ва танзими Алии Мушкинии Ардабилӣ ва кӯшиши

www.kitobam.com

Мирзо Аҳмади Ҷаннатии Исфаҳонӣ/ Москва: Комил /таҳия ва танзими Рустами Ваҳҳоб/ 1991, саҳ.3-94.

93. Садагдар М.И. Основы мусулманского права. Москва.1968. стр.22-23.

94. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон /Куллиёт.ҷил.4. Душанбе: Адиб: 1990. саҳ.11.

95. Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ. Ал-Урватул-вускӯ. 1349.ҳ.

96. Саҷҷодӣ-Дуктур Сайид Зиёуддин Саҷҷодӣ. Муқаддимае бар маонии ирфон ва тасаввуф. Теҳрон.1372. ҳ.

97. «Сирати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/-маъа Ал-Фиқҳал-акбар»-акс чопии Душанбе. 1990. саҳ.7-8, 13-38, 39-40.

98. Соловёв В.С. «Магомет» /пророк, его жизнъ и религиозное учение/ Москва Центр. «Руник» / из лервое издание С. Петербург-1902/ стр.19-28.

99. Султонов М. Суфийская доктрина Али Хамадони. Душанбе: Дониш 1993.

100. Суфизм в контексте мусулъманской кулътуры. Москва: Наука-1989.

101. Сюкияйнен. Л.Н. Мусулъманское право. Вопросы теории и практики. Москва-1980.

102. Турдибонуи Бардӣ. Фарҳанги Аҷамбунёд - Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» №9.1990 саҳ. 14-15, 16.

103. Тримингем Дж. С. Суфийские ордены в Исламе. Москва: Наука 1989.

104. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷилди 2 /ҷилди 1 низ истифода шуд/ Нашриёти Советская энциклопедия. Москва. 1969. саҳ. 73-623.

105. Фирдавсӣ Абулқосим. «Шоҳнома», ҷилди 1. Душанбе-Адиб-1987, саҳ.25-35.

106. Ҳайдарова М.С. Формирование и раззитие мусулмианского права в Арабском халифате в Х11-Х111 вв. Историко-правовые исследования; проблемы и преспективы. Москва. 1982.

107. «Чаро мусалмон шудам?» /китобхонаи интишороти «Ҳафт ганҷ»-Оростаи Вориси Салаф. Душанбе. 1992, саҳ.25-28, 47-48.

108. Шарлъ Р. Мусулъманское право. Москва 1959.

109. Энциклопедияи советии тоҷик /доиратулмаорифи тоҷик/ Душанбе 1988, ҷ.8, саҳ.367.

110. Ғолиб Ғоибов. Имом Ҷаъфари Содиқ ва мазори ӯ дар деҳаи: «Ҳазрати Имом» Душанбе. 1998. саҳ.8-31.

111. Ғуломмирзо Саъидӣ. Андешаҳои Иқболи Лоҳурӣ. Чоп 2. Теҳрон: ДНФИ.1380 ҳ.

112. Гуломсарвар Соҳиби Лоҳӯрӣ. Хазинат-ул-асфиё: ҷ.1. саҳ.43

113. Ҳалабӣ. Дуктур Алиасғари Ҳалабӣ. Таърихи тамаддуни Ислом. Теҳрон Бунёд. 1365.

114. Ҳарри Аистрин ВОЛФСАН. Фалсафаи илми калом. Инт. Ал-ҳудо. Теҳрон.1368.ҳ.

115. Ҷаъфар Субҳонӣ. Фарозҳо аз таърихи Паёмбари Ислом. Теҳрон 376.

146. Ҷон Нос. Таърихи ҷомеъи адён аз оғоз то имрӯз. Тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат. чоп.3. Теҳрон 1354.

117. «Ҷаҳонбинӣ ва ҳикмати Фирдавсӣ». Дафт. Нашр фарҳ. Исломӣ. /Ба муносибати Кунгураи ҷаҳонии бузургдошти Фирдавсӣ, ҳазораи тадвини «Шоҳнома»/ Ба кӯшиши: Маҳмуд Ҳакимӣ - Карими Ҳасанитабор. Чопи дуввум Теҳрон. 1370... саҳ. 9-36.

118. Чанде аз далелҳои Абӯҳанифа (р) ва пайравони ӯ дар чорчӯбаи Қуръон ва Ҳадис (Бо саъй ва эҳтимоми Шайх Мулло Муродалӣ валади Абдулкарими Яғнобӣ), Душанбе-2006, с.216.

119. Абдушарифи Боқизода. Фиқҳи Исломӣ (Фиқҳи ҳанафӣ). Душанбе-2006, с.495.

120. Омӯзиши фиқҳи ҳанафӣ (ҷилди аввал-Ибодот). Дафтари таҳқиқот ва тадвини китоби дарсӣ (соли табъ 4-уми рабеъуссонии соли 1418 ҳ.қ. бидуни номи муаллиф ва номи макони чоп).

121. Маҳмуди Тарзӣ. Тарҷимаи аҳволи Ҳазрати Имоми Аъзам соҳиб разиаллоҳу анҳу. Ому (Фаслномаи илмӣ-фарҳангии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон), Душанбе, с.1378 (шумораи аввал).

122. Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори Ҳазрати Имоми Аъзам. Душанбе, Интиш. «Нодир»-2000 (ба ифтихори бузургдошти 1300-солагии Имоми Аъзам) 347. с.

www.kitobam.com

123. Аллома Шиблии Нӯъмонӣ. Ҳаёти Имоми Аъзам (р) (Мутарҷим: Муҳаммад Саъодат). Чопи аввал, 22-ҳути с.136 V, Нашри «Ҷабҳаи миллӣ»-и «Наҷоти Афғонистон»-муқими Лоҳур-Покистон.

124. Қодиров Зоҳидхон Отахон ӯғлӣ. Имом Аъзам (ҳаёт йӯли ва фиқҳ усуллари), Тошкент «Мовароуннаҳр», 1999, с.112.

125. Бегиҷон Рустамзода. Ақидаҳои фиққии Абӯ Ҳанифа (Имоми Аъзам), Душанбе-1999, с.42.

126. Бегиҷон Рустамзода. Имоми Аъзам (Абӯ Ҳанифа) кист? Душанбе-1999, с.46.

127. Мавлоно Муҳаммад Ошиқи Илоҳии Баландшаҳрӣ. Васоёи Имом Абӯҳанифа (р) – Мутарҷим Абдуллоҳ Ҳайдарӣ. Теҳрон: Аҳмади Ҷом, 1379, с.52.

128. Ҳоҷӣ Акбар Ҳусейнзоди Насимии Қубодиёнӣ. Сесад масъала андар намози ҳанафия. Душанбе-2001, с.36.

129. Китоби «Чароғи уммат» (аз китоби «Салоти Масъулӣ»-и Маҳмуд ибни Масъуди Самарқандӣ), ш.Кӯлоб-1991, с.27.

130. Самарқандӣ Васлӣ. Таърихи Имоми Аъзам (Ал-каломул-афҳам фӣ маноқиби Имоми Аъзам), Душанбе-2001, с.39.

131. Таваккулӣ Муҳаммад Рауф. Чаҳор имоми аҳли суннат ва ҷамоат (ҳозиркунандаи чоп Мисбоҳиддини Нарзиқул). Душанбе-2002, 98. с.

132. Ҳимматзода Муҳаммадшариф. Зиндагӣ ва осори Имом Абӯ Ҳанифа (р), Хуҷанд-2004.

ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

Ассалом, эй мазҳаби моро Чароғи раҳнамо - сарсуханеву ҳам дуъо.

Бо баҳонаи пешгуфтор.

Даричае рӯ ба мавзӯъ.

Дурахши ахтари тобон.

Фурӯзон гашт «Чароғи уммат»-и солеҳи Пайғамбар /с/ ва ё зиндагонии Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/, исму насаб ва кунияти ӯ.

Дар баёни расидани амонати Ҳазрати Расулуллоҳ /с/.

Парвоз ба қуллаҳои ормон - муҳит ва ҳаёти илмии Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/.

Мероси илмии Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ва ё фишӯрдаи мӯҳтавои расойил /дар илми фиқҳ/-и каломии Имоми аҳли суннат ва ҷамоъат.

«Ал-фиқҳ-алакбар».

«Ал-фиқҳ-ал абсат».

«Ал-олим вал-мутааллим».

«Рисолаи Абӯҳанифа /р/, ба Абӯмуслим Ал-Баттӣ – Имоми Басра».

«Ал-васият».

«Ал-муснад ал-Имом ал-Аъзам /р/».

«Китоб ал-осор».

Шахсияти Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ ва маноқиби ӯ.

Имомон ва бузургони Ислом дар васфу ситоиши Имоми Аъзам /р/ ва шаммае аз сифоти ҳамида ва некӯи эшон.

Дар шиддати сахткӯшии Имоми Аъзам /р/, дар ибодат ва сабаби шабзиндадориҳои эшон.

Дар хавф ва муроқибати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ аз Парвардигори субҳон ва баъзе аз хобҳои некӯе, ки ба эшон марбут аст .

«Дигар донои роз ояд, ки н-ояд».

Аз таърихи пайдоиши мазоҳиб, дар Ислом.

Ҳанафия чист ва ҳанафӣ кист?

Ҳанафия аз оғоз надорад айбе.

Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ - ҳомии забони форсӣ-тоҷикӣ.

Гулчине аз ҳикматҳои лозаволи Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/.

Чанд эътирофи ҷолиб аз ихлосмандон ва мӯътақидони Ислом.

Дуъо ба Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/.

Дуруд ба Расули Акрам /с/.

Феҳристи китобиёт.

МУНДАРИҶА

Ассалом, эй мазҳаби моро чароғи раҳнамо 4
Бо баҳонаи пешгуфтор 9

www.kitobam.com

Дарича рӯ ба мавзӯъ 11
Дурахши ахтари тобон 27
Фурӯзон гашт «чароғи уммат»-и ҳазрати Паёмбар(с) 29
Дар баёни расидани амонати ҳазрати Расулуллоҳ /с/ 43
Воқеаи ҳазрати Имоми Аъзам/р/ 45
Ва ба тавофи каъба рафтани Ӯ
Парвоз ба қуллаҳои ормон 48
Мероси илмии Имоми Аъзам ва ё фишӯрдаи мӯҳтавойи расойил (илми фиқҳ) -и каломии имом Абӯҳанифа (р) 60
Ал-фиқҳал-акбар 86
Ал-фиқҳ-ал-абсат 91
Ал-олим вал-мутааллим 97
Рисолаи Абӯҳанифа ба Абӯмуслим ал-баттӣ-имоми басра 105
Ал-васият 116
Ал-муснад-ал-Имом-ал-Аъзам (р) 126
Китоб ал-осор 127
Танбеҳ 127
Шахсияти имоми аъзам Абӯҳанифа (р) 130
Имомон ва бузургони ислом дар васфу ситоиши Имоми Аъзам (р) ва шаммае аз сифоти ҳамида ва некӯи эшон 164
Дар шиддати сахткӯшии имоми аъзам (р) дар ибодат ва сабаби шабзиндадориҳои эшон 193
Танбеҳ 197
Дар хавф ва муроқибати Имоми Аъзам (р) аз парвардигори субҳон ва баъзе аз хобҳои некӯе, ки ба эшон марбут аст 198
«Дигар донойи роз - ояд, ки н-ояд» 207
Аз таърихи пайдоиши мазоҳиб дар ислом 226
Ҳанафия чист ва Ҳанафи кист? 284
Ҳанафия аз оғоз надорад айбе... 362
Имоми Аъзам ҳомии забони форсӣ-тоҷикӣ 371

Гулчине аз ҳикматҳои лозаволи ҳазрати Имоми Аъзам Абӯҳанифа /р/ 375
Чанд эътирофи ҷолиб аз ихлосмандон ва мӯътақидони ислом 384
Дуъо ба Имоми Аъзам /р/ 384
Дуо ва ё нола 395
Дуруд ба расули Акрам /с/ 397
Феҳристи китобиёт 399
Феҳристи матолиб 406

САЙИД БУРҲОНИДДИНИ БУЗУРГМЕҲР

АҲВОЛ ВА ОСОРИ ҲАЗРАТИ ИМОМИ АЪЗАМ АБӮҲАНИФА (Р)

www.kitobam.com

Ба мата 03.11.08 супорида шуд. Ба чопаш 10.11.08 имзо шуд.
Андошаи 60х84 1/16. Чопи офсетӣ. 25 ҷузъи чопӣ. Адади нашр 400
Нархаш шартномавӣ. Супориши №11/08

Нашриёти «Мавлавӣ»
ш.Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ, 16